# НАФИРИ ҲИНД

***(Ҳикояҳои адибони Ҳиндустон)***



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н-67

Аз русӣ тарҷумаи
*Рафоати Саидаҳмад*

Муҳаррир *Мирзо Кенҷа*

Н-67 **Нафири Ҳинд.** (Ҳикояҳои адибони Ҳиндустон)
– Душанбе, «Адиб», 2010, 448 саҳ.

Инак, хонандаи гиромӣ, ин як бағал гулҳои зебо ва хушбӯйро, ки дар он ҳанӯз ҳам анфоси поки биҳиштии Одам алайҳиссалом ва накҳати фирдавс боқист, аз сарзамини ҳамешасабзи Ҳиндустон ба шумо пешкаш мекунем. Бошад, ки дилеро шод, маҳфилеро обод ва рӯҳеро болида гардонад.

ISBN 978-99947-2-008-8

© Рафоати Саидаҳмад, 2010

# ГУЛБАРГҲОИ АНДЕША

Мамлакати чун афсона зебои Ҳиндустон дар қатори давлатҳои атиқаи Ирон, Миср, Бобулистон, Юнону Рим ва амсоли инҳо, яке аз қадимтарин давлатҳои дунё буда, зиёда аз 40 аср боз арзи ҳастӣ мекунад.

Дар Ҳиндустони имрӯз 1 млрд. нафар одамон зиндагӣ мекунанд, ки ба халқиятҳои мутафарриқ мансубанд, бо зиёда аз сад забон ҳарф мезананду бештар аз 20 дину мазҳабҳои гуногунро пайравӣ мекунанд. Вале ба ҳамаи ин тафовутҳо нигоҳ накарда, ҳамаи онҳо дар маҷмӯъ миллати ҳинду ва мамлакати Ҳиндустонро ташкил медиҳанд.

Адабиёт дар Ҳинд таърихи беш аз сеҳазорсола дорад. Китобҳои қадимаи оини ведоии ҳиндӣ «Ригведа» ва «Яҷурведа», яъне адабиёти ведоӣ, дар охири ҳазорсолаи 2 – оғози ҳазорсолаи 1 то милод навишта шудаанд, ки аз суруду таронаҳои динӣ ба забони санскрит иборат ҳастанд. Дар ин китобҳо нахустин падидаҳои шеъри лирикӣ, достонсароӣ ва асарҳои драмавӣ дида мешаванд.

Тахминан, дар асрҳои VI – V то милод, ба забонҳои гуногуни мавҷуд дар Ҳинд – пракритҳо, асоси достонҳои бузургу бошукӯҳи қадимаи ҳиндӣ «Маҳабҳарата» ва «Рамаяна» ба шакли шифоҳӣ гузошта мешаванд ва таҳаввули онҳо дар шакли имрӯзаашон, танҳо дар асрҳои аввали милодӣ, ба забони санскрит анҷом мепазирад.

Дар нимаи дуввуми ҳазорсолаи аввали то милод бо забонҳои пали ва пракрит ба адабиёти буддоӣ асос гузошта мешавад.

Маҷмӯи афсонаҳои халқӣ ба забони санскрит «Панчатантра» дар асрҳои III – IV милодӣ китобат шудааст.

Китобҳои зикршуда ва боз бисёр китобҳои дигар, ки дар ин ҷо, дар бораи ҳамаи онҳо маълумот додан имконнопазир аст, қадимтарин осори хаттии ҷомеаи инсонӣ буда, дар раванди рушди афкори фалсафӣ, ахлоқӣ ва бадеии мардуми дунё нақши комиле доранд ва то имрӯз аҳамияти маънавӣ ва тарбиявии худро аз даст надодаанд.

Тахминан, аз асри VII милодӣ сар карда, таърихи адабиёти асримиёнагии Ҳинд шакл мегирад. Дар паҳлӯи асарҳои адабӣ ба забонҳои санскрит ва тамилӣ, адабиёт дар Ҳинд ба забонҳои дигар халқҳои маскуни он ҳам аз ҷумла ба забонҳои дравидӣ: каннада, малаялӣ, телуга; ба забонҳои нави ҳиндуориёӣ: ассамӣ, банғолӣ, гуҷаратӣ, маратҳӣ, ориявӣ, панҷобӣ, урду, ҳиндӣ ва пасонтар ба забонҳои кашмирӣ ва синдҳӣ арзи ҳастӣ мекунад.

Дар ин ҷо, агар оид ба вазъи сиёсии Ҳиндустони давраҳои мухталиф, каме маълумот диҳем, барои беҳтар дарк кардани раванди рушди адабиёти Ҳинд аз он замон то имрӯз ба мо кӯмак хоҳад кард. Аз таърихи асрҳои миёна ба мо маълум аст, ки Маҳмуди Ғазнавӣ дар аввалҳои асри XI, борҳо ба қисмати шимолии Ҳиндустон тохтутоз карда, қисмати бештари Панҷобро забт ва ба салтанати худ ҳамроҳ

карда буд. Маҳз дар ҳамин давра забони форсӣ, ки забони муоширати байналмилалӣ ва коргузории давлати ғазнавиён буд, ба Ҳиндустон роҳ пайдо кард. Чун аксари забонҳои Ҳинд ҳам ба забонҳои ориёӣ тааллуқ ва бо забони форсӣ пайвандҳои тӯлонии таърихӣ доранд, вуруди забони форсӣ ба ин мамлакат боиси рушду такомул ва ғановати ин забонҳо гардид. Доираи адабии Лоҳур, ки дар асрҳои XI – XII ба вуҷуд омад, дар таҳаввули сабку мундариҷаи гулистони насру назми адабиёти форсӣ, аз ҷониби адибони порсизабони ҳинд як гулгашти муаттари ба куллӣ тозае ба шумор меравад.

Баробар бо адабиёти порсизабони Ҳинд дар ин давра шоирону адибоне буданд, ки ба забонҳои мухталифи Ҳиндустон эҷод мекарданду мардуми заҳматкашидаи хешро бо навиштаҳои худ ба мубориза алайҳи хорию истибдоди феодалӣ ва тафриқаи табақотӣ даъват менамуданд. Ин гуна адибон дар Ҳиндустон кам набуданд. Шоирони каннадагӣ – Пурандарандас, банғолӣ – Чондидаш, ҳиндӣ – Кабир, Сурдас ва дигарон аз ҷумлаи онҳо буда, эҷодиёташон як сарчашмаи поку мусаффои адабиёти асримиёнагии Ҳиндустон аст.

Баъд аз Маҳмуди Ғазнавӣ, дар охири асри XII – аввали асри XIII, шоҳи давлати Ғуриён – Муҳаммад Ғурӣ ба Ҳиндустон ҳуҷум карда, қисмати шимолии онро пурра тасарруф намуд. Баъд аз фавти Муҳаммад Ғурӣ, ворисӣ ӯ худро ҳукмрони соҳибистиқлоли Ҳиндустон дар водии Ганг эълон карда, давлати наверо бо номи салтанати Деҳлӣ асос гузошт. Яке аз корномаҳои султонҳои Деҳлӣ он буд, ки тавонистанд ҳуҷуми муғулҳои бефарҳангу хунхорро боздоранд ва Ҳиндустонро аз ғорати онҳо наҷот диҳанд.

Соли 1398 дар натиҷаи ба салтанати Деҳлӣ зарбаи марговар задани Темурланг, инчунин бар асари шӯришу ошӯбҳои паёпайи фуқаро ин давлат аз байн рафт. Танҳо Деҳлӣ ва Панҷоб дар итоати султонҳои Деҳлӣ монда буд.

Зимнан, бояд ёдовар шуд, ки маҳз дар давраи салтанати султонҳои Деҳлӣ дини ислом дар хоки Ҳиндустон реша давонд. Ташкил ёфтани давлатдории мусулмонӣ ва доман паҳн кардани дини ислом боиси дар Ҳинд ташаккул ёфтани адабиёти форсизабон гардид. Маҳз дар ҳамин давра шоирони тавонои порсигӯе ба мисли Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил дар осмони адаби Ҳиндустон чун ситораҳо фурӯзон мегарданд.

Султонҳои афғони сулолаи Лодӣ соли 1451 салтанати Деҳлиро ба зери тасарруфи худ даровардa, то соли 1526 ба он ҳукмронӣ карда буданду қисмати калони водии дарёи Гангро ҳам ба он ҳамроҳ намуданд. Дар қисматҳои боқимондаи Ҳиндустон кашмакашҳои дохилии байни роҷаҳои ҳиндӣ ва парокандагии феодалӣ ҳукмфармо буд.

Дар асрҳои XIV – XV асосгузори сулолаи Муғулҳои Бузург – Мирзо Заҳириддини Бобур борҳо ба Ҳиндустон лашкар кашида, ниҳоят, соли 1526 султони Деҳлӣ Иброҳим Лодиро дар муҳорибаи Панипат

шикаст дод ва соҳиби тахти салтанати Деҳлӣ шуд ва салтанати муғулҳои бузургро бунёд гузошт. Ҳукмронии ин сулола дар Ҳинд то оғози асри XVIII, то Ҳиндустонро забт кардани мустамликадорони англис идома ёфт.

Дар давраи бобуриҳо мактаби адабӣ ва сабки ҳиндие, ки Мирзо Бедил дар адабиёти форсзабони ҳинд асос гузошта буд, дубора рушду нумӯ ёфт ва ба такомули адабиёти форс дар Мовароуннаҳр такони мусбат дода, сарчашмаи пайдоиши як мактаби ба куллӣ нави фалсафию адабӣ гардид.

Дар охири асри XV, дар Ҳиндустон нахустин шаҳракҳои муҳоҷирони португалиҳои ғосиб пайдо шуданд ва онҳо, аллакай, дар оғози асри XVI дар мавзеҳои бандарии Гоа, Даман ва Диу мавқеи худро устувор карданд.

Аз сабаби он ки португалиҳо дар уқёнуси Ҳинд роҳзаниро пеша карда буданд, сарватмандону савдогарони ҳиндӣ маҷбур буданд, барои содироти моли худ ҳарчи бештар аз роҳҳои тиҷоратие, ки тавассути Ирону Афғонистон мегузаштанд, истифода кунанд. Маҳз дар ҳамин вақт аҳамияти иқтисодии водии Панҷоб боло гирифт. Шаҳрҳои калони он, мисли Лоҳур, Мултон рушд карда, ба марказҳои азими ҳунармандию тиҷорат мубаддал гардиданд. Рафтуомадҳои тиҷоратӣ ба Ирону Афғонистон ва Мовароуннаҳр боиси боз ҳам вусъат пайдо кардани забони форсӣ дар Ҳиндустон ва таъсири мутақобилаи рушди чӣ забонҳои ҳиндӣ ва чӣ форсӣ гардид.

Ҳиндустон аз миёнаи асри XVIII то соли 1947 зери асорати мустамликадорони англис буд. Дар ин давраи пур аз накбату бадбахтӣ ва истисмору истибдод адабиёт дар Ҳинд аз рушду инкишоф бозмонд.

Вале адибони Ҳиндустон, ки меросдори нақди адабии гаронбаҳои қадима, тамаддуни ориёӣ ва баҳрабардори адабиёти пурғановати ҳиндию порсӣ буданд, аз сарчашмаи эҷоди мутафаккирони равшанфикри англис ҳам баҳрае бардоштанд. Адабиёт дар Ҳиндустон аз нури мероси пурарзиш ва пурҷилою пурғановати маънавиёти қадимаи хеш ва тобиши ақоиди равшанфикрони дунё аз дигар рӯҳ гирифта, рушд мекунад. Баъзеҳо ин давраро давраи эҳё дар дар адабиёти Ҳинд меноманд.

Асарҳои безаволи адибони номии Ҳинд, Перичанд Митро, Чоттопаддҳай ва дигарон, ки ба ҳамин давра тааллуқ доранд, чун оина инъикосгари ҳодисоти сиёсӣ ва иҷтимоии он замонанд.

Солҳои бистуми асри XX дар эҷодиёти адибони Ҳинд мубориза барои ба даст овардани истиқлоли миллӣ муҳимтарин мавзӯъ буд. Аз ин рӯ, солҳои сиюми асри XX адибони огоҳу пешқадами Ҳиндустон бо мақсади демократисозии адабиёт аз хаёлбофӣ даст кашида, бо ҳаёти воқеӣ пайвастанд. Соли 1936 бо ташаббуси адибони номии Ҳинд Прем Чанд (1880–1936), Мулк Раҷ Ананд (тав. 1905) ва Саҷад Зоҳир (тав. 1905) Созмони адибони пешқадами Ҳинд ташкил меёбад.

Ногуфта намонад, ки таъсири мактаби фалсафии Маҳатма Ганди ба адабиёти он давраи Ҳинд хеле бузург аст.

Шоири ӯрдузабон Ҷӯши Малеҳободӣ ба ҷараёни романтизми инқилобӣ дар адабиёти Ҳинд, маҳз дар ҳамон давра асос гузоштааст.

Дар ҷараёни интиқодии воқеиятнигорӣ дар адабиёти Ҳиндустон эҷодиёти Прем Чанд ва Робиндронат Такур мавқеи аз ҳама олиро ишғол мекунад.

Робиндронат Такур аз он мутафаккирони бузурги Ҳинд буд, ки мардуми Ҳиндро ба ваҳдат, баҳри ноил шудан ба истиқлолияти миллӣ даъват мекард. Ӯ чунин ақида дошт, ки дар Ҳиндустон танҳо адабиёти бисёрзабонаи он барои ваҳдати умумимиллӣ замина гузошта метавонад. Асарҳои бадеӣ, мақолаҳои сиёсӣ ва номаву тақризҳои ӯ сирф ба ҳамин мавзӯи доғи рӯз дар Ҳиндустони он давра нигаронида шудаанд. Ӯ дар яке аз мақолаҳояш менависад: «Решаи вожаи банғолии «шаҳито» (адабиёт) аз калимаи «саҳит» («ҳамроҳ», «якҷоя», «бо ҳам») аст. Вожаи «адабиёт», ҳамин тариқ, маънои мафҳуми умумият, ваҳдатро дорад. Ин на танҳо ваҳдати афкору забонро, ё ба ифодаи дигар, ваҳдати рӯякиро ифода мекунад; дар адабиёт, пеш аз ҳама, ваҳдати ботинии инсон бо инсон, дирӯз бо имрӯз, дур бо наздик зоҳир мегардад. Дар кишваре, ки адабиёти худро надорад, иртиботи зиндаи байни инсонҳо ҳам мавҷуд нест. Вале аз ҳама бадаш он аст, ки дар ин ҷо иртиботи ҳақиқӣ бо гузашта ҳам вуҷуд надорад, чунки расму оинҳои мутаассибонаи кӯҳнашуда ва анъаноти мавҷуда меросдории наслҳои ояндаро таъмин карда наметавонанд. Ин меросдориро танҳо адабиёт, ки иртиботи бошууронаи рӯҳиро дар байни инсонҳо ташаккул медиҳад, таъмин карда метавонаду бас.» (Р. Такур. Куллиёт, –М., «Художественная литература», 1965, саҳ.45). Робиндронат Такур халқиятҳои маскуни Ҳиндустонро ба ваҳдат, худшиносию худогоҳӣ, маърифатандӯзию донишомӯзӣ, даст кашидан аз таассуби табақотӣ даъват мекард. Ӯ дар ҳамин мақолааш дар ҷои дигар мегӯяд: «Байни асри пайдоиши «Маҳабҳарата» ва рӯзҳои мо ҷарии бетаге, ки имкони аз он гузаштан нест, пайдо шудааст…

Мо чунон аз аҷдоди худ дур афтодаем, ки ҳатто умқи ҷудоии байни онҳо ва худамонро дарк карда наметавонем. Ба назари мо чунин менамояд, ки Ҳиндустони имрӯз – меросдори ногузири Ҳинди дирӯз аст, танҳо дурахши атиқаи он хира ва худи он бемадору заиф гардидааст…

Яке аз сабабҳои асосии гум шудани иртиботи мо бо гузашта он аст, ки адабиёти мо ҷараёни ҷонбахши худро то рӯзҳои мо ҷорӣ карда натавонист. Ба мо фақат асарҳои парокандаю нокомил расидааанду халос. Ганги қадимаи афкору эҳсос хушкидааст, фақат дар миёнҷои он рӯдхона чанд ҳавзаки хурде маҳфуз мондаанду бас…»

Осори алломаи Машриқзамин Муҳаммад Иқбол ҳам, ки бо забонҳои форсӣ ва ӯрду иншо шудааст, дар раванди худогоҳӣ ва

истиқлолиятхоҳии халқҳои Ҳиндустон нақши комилу сазовор дорад. Ҳар сатри шеъри шоир мардуми ранҷу зиллатдидаи шарқро ба худшиносӣ, истиқлолталабӣ ва соҳиби сарзамину толеи худ будан даъват мекунад:

*Донӣ аз Афрангу аз кори Фаранг,*
*То куҷо дар қайди зуннори Фаранг?*
*Захм аз ӯ, ништар аз ӯ, сӯзан аз ӯ,*
*Мову ҷӯи хуну уммеди руфӯ…*

*Он ҷаҳонбоне, ки ҳам савдогар аст,*
*Бар забонаш хайру андар дил шар аст.*

*Гар ту медонӣ ҳисобашро дуруст,*
*Аз ҳарираш нармтар карбоси туст…*
*Буриёи худ ба қолинаш мадеҳ,*
*Байдақи худро ба фарзинаш мадеҳ…*

Натиҷаи заҳматҳои ҳамин бузургмардон буд, ки, ниҳоят, Ҳиндустон соли 1947 соҳибистиқлол шуд ва рушди воқеии адабиёт дар Ҳиндустон танҳо баъди ба даст омадани истиқлолияти миллии ин кишвар муяссар гардид. Бо вуҷуди тафовутҳои маҳаллию забонӣ ягонагии адабиёт дар минтақа таҳким ёфт.

Чун забони англисӣ дар Ҳинд муддати тӯлонӣ забони давлатӣ ва забони омӯзиш дар мактабҳои олӣ буд, баробар бо рушди адабиёт ба забонҳои миллӣ дар мамлакат адабиёти англисзабон ҳам инкишоф ёфт. Осори шоирони англисзабони Ҳинд Л. Дерозио, К. Гҳош, Т. Датт мисоли равшани ин гуфта ҳастанд. Ҳамчунин осори насрии адибони машҳури Ҳинд Мулк Раҷ Ананд, Нараян, Чоттопаддҳай ва боз бисёри дигарон ба забони англисӣ навишта шудаанд.

Ба адабиёти ягона дар Ҳиндустон дар охири асри XIX – аввали асри XX асос гузошта шуд. Дар давоми сад соли охир ҳазорон китобҳо, ба бештар аз 20 забонҳои маҳаллии Ҳиндустон нашр гардиданд. Дар давоми ин сад сол қариб се насли адибон дар адабиёти Ҳинд иваз шуданд. Адибони ҳар як наслро, ба тафовутҳои ҷузъӣ нигоҳ накарда, як умумияти хос ба ҳам мепайвандад. Имрӯз дар Ҳинд орзуҳои мардони бузурги хиради ҷаҳонӣ Маҳатма Ганди, Ҷавоҳирлол Нерӯ, Прем Чанд, Робиндронат Такур, Муҳаммад Иқбол ва дигарон ҷомаи амал пӯшидаанд. Имрӯз барои ҷаҳониён номи адибони маъруфи Ҳинд ба мисли Лакшминатҳ Безбаруа, Парашурам, Бонопҳул, Моҳапатро, Гурбакш Сингҳ, Кришан Чандар, Калки, Кешава Дев ва боз бисёр адибони дигар ва осори арзандаи онҳо ошност.

Ривояте мавҷуд аст, ки вақте Одам алайҳиссаломро Худованд аз биҳишт меронад, ӯ нахуст ба кӯҳҳои Сарандеб ва сарзамини бостонии

Ҳинд қадам мениҳад ва нахустин суханҳои ба забон овардаи ӯ ҳам ҳиндӣ будааст. Чун ӯ қадами нахустинашро ба ин хок мегузорад, ин сарзамин аз накҳату баракат, ки ҳазрати Одам бо худ аз ҷаннат оварда буд, саршор мешавад. Ва мегӯянд, ки ҳамаи ин табиати зебо, гулҳои рангини хушбӯ, рустанию гиёҳҳои шифобахш, меваю сабзиҷоти гуногун, ҷангалзорони анбӯҳу ҳайвоноти нимҷазираи афсонавии Ҳинд маҳз аз баракати қадамҳои нахустини ӯст.

Дар ҳар ривоят ҳақиқате маҳфуз аст. Шояд дар ин ривоят ҳам ҳақиқате ниҳон бошад, чунки Ҳиндустон, барҳақ, ба як кишвари пурасрори афсонавӣ шабоҳат дорад. Ва шояд нахустин эҳсосоти поки биҳиштии ҳазрати Одам ба ин кишвар таъсири ҷовидонӣ бахшида бошад, ки ин қадар эҳсосоти поку пурғановат, ҳаракоти дилчасп, тасаввуроти рангин, таомули хуби эҳтироми падару модар ва калонсолон, покию вафодорӣ, садоқати байни зану шавҳар, меҳру муҳаббат ба оила ва фарзандон, ҳунару мусиқии ҷаззоб бо як шаҳомату зебобинӣ ба мардуми ин сарзамин хос аст. Бузургмарди адабиёти тоҷику форс, ҳакиму файласуфи бемисли Машриқзамин мавлоно Ҷалолиддини Румӣ барҳақ гуфтааст:

*Мо барои васл кардан омадем,*
*Не барои фасл кардан омадем.*

Аз ҳамин лиҳоз, мехостам ёдовар шавам, ки нақши тарҷума дар адабиёти ҷаҳон ва пайвандҳои маънавии халқҳо хеле бузург аст. Фақат тавассути тарҷума хонанда метавонад бо осори адибону мутафаккирони миллатҳои дигар ошноӣ пайдо кунад, аз дунёи маънавии онҳо баҳрае бардорад, дар бораи оину таомул ва тарзи зисти онҳо маълумот гираду дониш андӯзад. Тарҷума дар истеҳкоми мутақобилаи пайвандҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва дӯстии мардуми ақсои дунё ва таҳаввули адабиёти ҷаҳонӣ нақше дорад арзишнок ва носутурданӣ.

Мо ҳам аз ҳамин дидгоҳ ба тарҷумаи осори адибони асри XX кишвари Ҳиндустон даст зада, онро бо заҳматҳои зиёде дастраси хонандаи тоҷик кардем.

Инак, хонандаи гиромӣ, ин як бағал гулҳои зебо ва хушбӯи адабиёти Ҳиндро, ки дар он ҳанӯз ҳам анфоси поки биҳиштии Одам алайҳиссалом ва накҳати фирдавс боқист, аз сарзамини ҳамешасабзи Ҳиндустон ба шумо пешкаш мекунем. Бошад, ки дилеро шод, маҳфилеро обод ва рӯҳеро болида гардонад ва заррае хайри он ба ин банда ҳам расад, чун кори адабӣ беҳтарини хайрҳост.

*Рафоати САИДАҲМАД*

***ЛАКШМИНАТҲ БЕЗБАРУА*** *(1868 –1938) – шоир, носир ва драматург, яке аз бунёдгузорони адабиёти муосир ба забони ассамӣ. Муаллифи чандин маҷмӯаи ашъор, намоишнома ва ҳикояҳо.*

## ҲАМСАР

Шишурам аз киштзор баргашта, барзаговонро кушод ва сипорро ба дарунтари ҳавлӣ кашида бурд. Сипас ӯ бо оби сард зуд оббозӣ карда, дҳотии тоза пӯшид ва ба ошхона даромад, ки дар он ҷо ҳамсараш, Бҳадарӣ, дар назди оташдон тараддуд дошт. Кайфияти ӯ фавран дигаргун шуд, чун дид, ки биринҷу карри ҳанӯз ба рӯи оташ гузошта нашудаасту бехрешаҳои ёбоиро, ҳатто тоза накардаанд. Корди каҷ мисли товуси мурдаи думашро паҳн карда, бекор буду моҳии хокистаролуди кай бо чашмони аз косахона баромада ва даҳони калон кушодааш дар рӯи фарш мехобид ва чун себи дукафон ба фақири оворагарде, ки нашъа кашида бошад, шабоҳат дошт. Бҳадари сари ду по дар назди оташдон нишаста буду аз паси кӯрдуди тунду тез чизеро намедид ва беҳуда кӯшиш мекард, ки оташ даргиронад.

Шишурам танҳо як чизро фаҳмид, ки хӯроки пешин омода нест ва ба зудӣ омода нахоҳад шуд. Дар дили ӯ қаҳру ғазаб ҷӯшидан гирифт. Аҷаб рӯзи бебарор! Аз худи саҳар фақат бебарорӣ, яке аз паи дигар. Як рӯз пеш иди Экадашӣ буд, ки дар ин рӯз ҳама рӯзадор асту касе кор намекунад. Аммо имрӯз аз пагоҳии барвақт, аз вақте ки ба саҳро баромад, барзаговон якравӣ карда, аз ҷон безор карданд. Ин ҳамсоя, Баҳуа бошад, замини кишти ӯро шудгор кардааст, қариб кор бо занозанӣ анҷом ёфта буд. Занозанӣ ҳам мешуд, вале ин разил тарсид, ин гурба пай бурд, ки гӯшти киро хӯрдааст.

Хирадмандони қадим мегуфтанд: касе табъи шавҳарро хира накунад, завҷа бояд ҷавоб гӯяд. Боре, чанд рӯз пеш, ҳамин нобакори Баҳуа Шишурамро сахт оташин кард, вале чун ҳамеша Бҳадари шатта хӯрд – яъне сари вақт ба барзаговҳо хӯрок надод.

Бҳадари ба латукӯби шавҳараш хомӯшона тоб овард, чун ақида дошт, ки вақте шавҳар занашро мезанад, пас ин зарур аст, барои ҳамин ӯ шавҳар аст. Ин дар зиндагии онҳо мисли хӯроку хоб, як чизи муқаррарӣ буд. Агар Бҳадари медид, ки Шишурам бо табъи хира аз дар даромад, бо тамоми қувват кӯшиш мекард, ба ӯ хушомад гӯяд.

Вале ҳамаи чиз ҳадду андоза дорад. Ҳатто Модар – Замин, ки нисбати фарзандони худ босабр ва нармдил аст, ӯ ҳам баъзан ба

хашм меояду меларзад. Бҳадари, ки танҳо як зани оддист, агар боре тоқат накарда, исён бардошта бошад, ҳеҷ ҷои ҳайрат нест.

Шишурам ба занаш нигоҳи оташборе карда, бо тамоми қувват наъра кашид:

– Қанчиқ, чаро то ҳол хӯроки пешинро омода накардаӣ? Намедонӣ, ки шавҳарат гурусна омадааст?

Чашмони ӯ барқ мебориданду рӯяш аз шиддати ғазаб арғувонӣ шуда буд.

Бҳадарӣ, ки аз кӯшишҳои бенатиҷаи оташдаргиронӣ азият кашида буд, хомӯш наистод:

– Бигӯ, бо чӣ онро тайёр кунам? Дар хона ҳатто як дона чӯби хушк нест. То даргирифтани ин чӯбҳои тар, аз зӯр зада пуф кардан, қариб чашмонам кафида буд. Пеш аз он ки ба ман мисли девона ҳамла кунӣ, каллаатро кор фармуда, андеша кун.

Зан арақеро, ки ба чашмони аз шиддати дуд сурхшудааш мешорид, хастаҳолона пок кард.

– Такрор кун, чӣ гуфтӣ, аҷина! – аррос зад Шишурам.

Бо як ҷаҳиш ӯ ба назди Бҳадарӣ расиду корди дар паҳлӯяш афтидаро бардошт ва ба тахтапушти занаш халонд. Кинарам, ки доду фарёдро шунида, давида омада буд, сари вақт тавонист дасти бародарашро, ки барои бори дуйум зарба задан, боло шуда буд, дорад ва ӯро аз дар берун кунад. Бҳадарии ба хун оғушта, бе ягон нишонаи зиндагӣ, дар рӯи фарш мехобид. Ӯро ба беморхона бурданд.

Шабонарӯзи сеюм Бҳадари ба ҳуш омад ва ба чор тарафи хонаи хобидааш чашм давонд, мисли он ки касеро меҷуста бошад. Зане, ки ӯро парасторӣ мекард, инро дида, ба наздаш омад.

– Ӯ куҷост? – бо садои паст пичирросзанон гуфт Бҳадарӣ.

– Кӣ? – нафаҳмид парасторзан.

– Шавҳари ман, – хиҷолаткашон ҷавоб дод бемор.

– Нороҳат нашав, он нобакорро ҳабс кардаанд.

– Ба ин ҷо омадани ӯ имкон дорад? – шикоятомез, вале боқатъият пурсид Бҳадари.

– Ту чӣ мегӯӣ? – ҳайрон шуд парасторзан, – Охир ӯ маҳбус аст. Дар бораи ӯ фикр накун, набошад ҳароратат боз баланд хоҳад шуд.

Ин маврид боз сиёҳии чашмони Бҳадари нопадид шуданду ӯ боз аз ҳуш рафт. Инро ба пизишк хабар доданд ва ӯ аз хавфи он ки вазъи сиҳати бемор боз ҳам бад нашавад, барои мулоқоти онҳо иҷоза ба даст овард. Шишурамро оварда дар назди бистари бемор нишонданд, то вақте ки ӯ ба худ ояд, дарҳол ӯро дида тавонад.

Субҳи дигар Бҳадари чашмонашро кушода дид, ки Шишурам оҳиста-оҳиста сари ӯро сила карда, мӯйҳояшро ба тартиб меорад.

Рӯи ӯ аз нури оромишу саодат равшан шуду дар як лаҳза ҳамаи ташвишу нороҳатиҳояш бартараф гардид, дигар ба ӯ чизе лозим набуд. Хастаҳолона табассум карда пурсид:

– Акнун бигӯ, чӣ ҳол дорӣ? Сари вақт хӯрок мехӯрӣ? Албатта, хӯрокпазӣ ба ту мушкилӣ мекунад… Хайр аст, ҳеҷ гапе не, ман ба зудӣ сиҳат мешавам. Ба пизишк бигӯ, маро ба хона ҷавоб диҳад, ман ба ту ёрӣ хоҳам кард.

Ба назди онҳо духтур омад.

– Оҳ ҷаноб, ӯро гунаҳкор накунед! Ӯ заррае гуноҳ надорад. Раҳм кунед, ӯро озод кунед, тамоми умрам барои шумо ба даргоҳи худованд дуои хайр мекунам. Ман худам нохост ба болои корд афтидам, ман худам… – зорӣ кард ӯ пизишкро ва оби чашмонаш чеҳраашро шустанд.

Дидани ин саҳна ҳамаро ба ҳаяҷон овард. Шишурам моту маҳбут рост меистод. Баъд ӯ ба азияти ботинии хеш тоб наоварду ашкҳояш шашқатор ҷорӣ шуданд.

– Ин дурӯғ аст, ҷаноб! Ман ӯро бо корд задам. Маро ба дор кашидан ҳам кам аст. Ман қариб ӯро кушта будам, ӯ бошад боз раҳми маро мехӯрад.

Баъди чанд ҳафта захми ӯ сиҳат шуд ва Бҳадариро аз беморхона ҷавоб доданд. Ӯ ҳарчанд кӯшиш кард, ки бегуноҳии шавҳарашро исбот карда, ӯро аз чанги додситон ва қонун озод кунад, муяссараш нашуд. Қонун парвандаи шавҳари ӯро баррасӣ намуда ӯро ба муддати се моҳ ба кори иҷборӣ ҳукм кард. Шишурам, ки хоҳиши шустани гуноҳи хешро дошт, ҳукми судро бо дили шод қабул кард.

Аммо Бҳадарӣ ба ҳамаи муқаддасоти олам савганд мехӯрд, ки ба сари шавҳари азизу меҳрубонаш, худаш бадбахтӣ оварда аст. Ҳеҷ яке аз наздиконаш ӯро дар ин воқеа маҳкум намекард, – довари сахтгир барояш худи ӯ буд.

* * *

***ПАРАШУРАМ*** *(тахаллуси адабиаш Раҷшекҳора Бошу; 1880 – 1961) – нависандаи ҳаҷвнависи бангол ӣ, луғатсоз, муаллифи чандин маҷмӯаи ҳикояҳо.*

## ХОСТГОРӢ

Танҳо, бегоҳӣ, баъди аз даҳ се дақиқа гузаштани соат, вақти номусоид ба анҷом мерасад, – гуфт ҷаноби Чатадҷи ба тақвим нигариста. – Пеш аз ин соат борон аз боридан нахоҳад монд.

– Дар ин сурат мо чӣ гуна ба хона бармегардем? – садо кард адвокат Винод.

– Борон, ки гузашт, он вақт сари қароре хоҳем омад, – ҷавоб дод соҳиби хона, ҷаноби Бонгшолочон. – Ҳоло, биёед дар бораи хӯроки шом андеша кунем… Удо, – хоҳиш кард ӯ яке аз меҳмононро, – бемалол бошад, кори ошхонаро саришта кун.

– Кҳичри ва моҳибирён фармоед, – пешниҳод кард ҷаноби Чатадҷи.

– Хеле хуб, – хаёломез гуфт ҷаноби Бинод, болишро ба худ наздиктар кашида. – Вале вақтро чӣ сон кӯтоҳ намоем? Ҷаноби Ҷатадҷи, ягон саргузаштро қисса кунед.

Каме андеша карда, Чатадҷи оғоз кард:

– Як сол қабл, вақте ки ман дар Мунгер будам, ба чанголи модапаланге афтидам…

– Раҳм кунед, ҷаноби Ҷатадҷи, – сухани ӯро қатъ кард Винод, – дар бораи палангҳо қисса накунед.

– Пас дар бораи чӣ қисса кунам? – пурсид Чатадҷии ранҷидахотир. – Дар бораи арвоҳ ё морҳо магар?

– Ҳангоми ин гуна борони сел дар бораи палангҳо, арвоҳ ва морон қисса шунидан!... Беҳтараш дар бораи ягон саргузашти муассир, масалан, ишқу ошиқӣ ҳикоя кунед.

– Ман ягон воқеаи хаёлиро қисса карданӣ нестам. Он чизе, ки ман нақл карданӣ ҳастам, ҳақиқати маҳз аст.

– Хеле олӣ, пас ягон саргузашти ишқиеро қисса кунед, ки ҳақиқати маҳз бошад.

– Ҷаноби Чатадҷи дар бораи ишқ сухан кунад? – ҳайрон шуд Наген. – Бигӯед, чандсола ҳастед, ҷаноби мӯҳтарам Чатадҷи? Магар ҳамаи дандонҳоятон наафтидаанд?

– Магар ишқро мехоянд? – барошуфт ровӣ. – Эй хар, барои ишқ дандон лозим нест. Барои ишқ дил доштан даркор аст.

– Охир дили шумо кайҳо ба як пораи мангои хушкида табдил ёфтааст, – ёдовар шуд Наген. – Магар шумо ҳанӯз чӣ будани ишқро дар ёд доред? Шумо ҳамаашро кайҳо фаромӯш кардаед. На, бигзор ҷавонон дар бораи муҳаббат қисса кунанд. Дуруст аст, Удо?

– Ҷавонон? – тан надод Чатадҷи. – Охир, инҳо ҳанӯз кӯдаканд. Хулосае бармеояд, ман – Кедар Чатадҷи, ки се бор бистсолӣ – 60 сол дорам, дар бораи муҳаббат, назар ба ин сағбачаҳо камтар медонам?!

– Чаро бараҳмани иззатмандро асабонӣ мекунед? –дахолат кард ба мубоҳиса ҷаноби Бинод. – Беҳтар он аст, ки ба қиссаи ӯ гӯш диҳем?

– Аз ҳамаи кастаҳо, кастаи олитарин – кастаи бараҳманҳост, – идома дод ҷаноби Чатадҷи. – Ҳам фалсафа, ҳам адабиёт ва ҳам назарияи муҳаббатро нобиғаҳои бараҳманзода асос гузоштаанд. Ва шаҷараи Чатадҷи аз ҳама оқилтар аст. Ҳатто агар ҳамин Бонким Чатадҷиро мисол бигирем…

– Боз киро?

– Боз, Кедар Чатадҷиро! Чаро ман инро нагӯям? Ё ман аз шумо метарсам, магар?

– Хеле хуб, қисса кунед! – садо ба гӯш расид.

– Ин воқеа як сол пеш ба вуқӯъ пайваста буд, – оғоз кард ҷаноби Чатадҷи. – Ман ба чанги як соҳибҷамоли ғайриоддӣ афтодам.

– Шумо ба чанголи паланг гуфтед-ку? – сухани ӯро бурид Наген.

– О, ин ҳарду як чиз аст, – ёдовар шуд Бинод.

– Аблаҳҳо, – идома дод ровӣ, – Ба чанголи паланги мода ман дар Мунгер афтода будам, вале воқеа бо ин зан дар поезди почта, ки аз Тундол равон гардида буд, рӯй дод. Инак, гӯш кунед…

Моҳи магҳи соли гузашта Чаран Гҳош аз ман хоҳиш кард духтари хурдиашро ба Тундол, ки гумонам, домодаш дар он ҷо кор мекард, барам. Пешниҳоди хеле ҷолиб – саёҳат дар вагони дараҷаи дуввум аз ҳисоби каси дигар буд ва ғайр аз ин, ҳангоми бозгашт ба муддати як рӯз дар Банорас мондан мумкин аст. Духтарро сиҳату саломат ба Тундол расонидам. Вале вақте, ки ба вокзал баргаштам, маълум шуд, ки дар поезд ҷой нест: гурӯҳи америкоиҳои бекорхӯҷа, ки аз Агра баргашта буданд, ҳамаи вагонҳои дараҷаи аввал ва дуввумро банд карда буданд. Хушбахтона, домоди Чаран Гҳош дар роҳи оҳан духтур буд. Ӯ бо роҳбалад гуфтугӯ кард ва маро ба купеи дараҷаи аввал тиққонда, ҷо карданд. Акнун нишаста будам, ки поезд ба ҳаракат даромад.

Соат қариби ҳафти саҳар буд. Вале ҳанӯз атрофро тумани сабуке печонида буд. Купе нимторик буд ва муддате ман парешонҳолона намедонистам, худро дар куҷо ҷой кунам. Оҳиста–оҳиста чашмони ман ба торикӣ одат карданд ва ман ашёҳои атрофро фарқ кардам. Дар болои яке аз диванҳо худро ба пушт паҳн карда, соҳиби қаддарозу лоғаре хуррок мекашид. Гоҳ–гоҳ ӯ дар хобаш ғур–ғуркунон чизе мегуфт. Дар рӯи фарш, дар байни диванҳо ҷаноби дигари кӯтоҳқади ғафс ба шикам мехобид. Дар болои сари ӯ шишаи холишудаи вино ин тарафу он тараф меғелид. Дивани дар муқобилбуда, ки ба рӯи он ҷойпӯши қиматбаҳо густурда буданд,

холӣ буд, дар рӯи ҷойпӯш ман либоси аҷоиберо дидам – чизе ба монанди пӯсти хирс – дар атроф бошад чизҳо парешон афтода буданд. Поезд тез ҳаракат мекард, илоҷи ба ҷое фирор кардан набуд. Дар паҳлӯи диван креслое истода буд, ман аз олиҳа Дурга мадад хоста, дар он нишастам.

Замон мегузашт, соҳибҳо оромона мехобиданд, тарси ман ҳам каме бартараф шуда буд.

Ногоҳ дари мабраз кушода шуду дар купе мавҷуди фавқулода зебое пайдо шуд. Ман борҳо хонумҳои гуногунро аз дур дидаам, вале яке аз онҳоро аз наздик ҳанӯз вонахӯрда будам. Чеҳраи зани ношинос ба меваи зарди бо сурхӣ омезиш ёфта шабоҳат дошт: Лабони мисли қаланфури расида суп–сурх; дастони дарози гӯё аз мармар тарошидаи то зону, мӯи дар паси сар кӯтоҳ миқроз шуда ва дар ду бари рӯяш ду зулфе, ки ранги зағири ҳиндӣ дошт, ҳалқа зада. Хонум сачоқеро пӯшида буд, якуним оринҷ дарозӣ дошт…

– Ин сачоқ не, ҷаноби Чатадҷи, – бурид сухани ровиро ҷаноби Бинод. – Ин скерт аст.

Ман ҳеҷ гуна серт – фертро намедонам. Ман бо чашмони худам дидам, ки ӯ сачоқи раххои чоркунҷа доштаро, ки дар деҳаи Бандипот мебофанд, ба бар карда буд. Аз зери сачоқ пойҳои мисли танаи дарахти банан сурхрангу росташ менамуданд, вале фарқ накардам, ки ҷӯроб доштанд ё не. Дар китобҳо дар бораи чунин андоми мисли чӯб рост борҳо хонда будам, вале дидани он ҳанӯз ба ман муяссар нагашта буд. Андоми хонум, воқеан ҳам сахт ба хода шабоҳат дошта, росту ҳамвор, бе ягон барҷастагӣ буд. Ӯро ба гули ошиқи печони шармгину печида ташбеҳ додан ғалат буд, аниқтараш, ӯ дастаи нимсӯхтаи мушакро ба ёд меовард.

– Салом, хонум–соҳиб, – дастамро ба пешонаам расонда бо бузургтарин эҳтиром ба забон овардам ман.

Ӯ дар ҷавоб бо ноз табассум кард: аз байни ду пора қаланфури сурх, қатори донаҳои норасидаи ҷуворимакка намоён гашт.

– Гуд морнинг (субҳ ба хайр) – сарашро ҷунбонида ҷавоб дод хонум–соҳиб.

Ӯ мисли апсараи рақсон хам шуда, дар рӯи диван дар паҳлӯи ман нишаст. Ман хиҷолат кашида аз ҷо бархостам.

– Шинед, бабу, – гуфт зани ношинос. – Натарсед, – илова кард ба забони ҳиндӣ.

Олиҳа бо як даст ишораи таскинбахше намуд, дар дасти дигараш сигор дошт. Ман дарк кардам, ки агар дили хонум–соҳибро ёбам, дигар хавфе ба ман таҳдид намекунад. Ман забони англисиро

хуб намедонам, аз ин рӯ англисию ҳиндиро омехта, бо азоб ба ӯ фаҳмондам, ки аз сабаби дар поезд набудани ҷои холӣ, ман бидуни он ки ҳуқуқе дошта бошам, ризоияти роҳбаладро пешакӣ ба даст оварда, ба купеи ӯ даромадаам. Хонум–соҳиб бояд маро бубахшад. Зани ношинос бори дигар маро ором кард ва ман ба кресло нишастам.

Вале хурсандии ман пеш аз вақт буд. Хонум–соҳиб дар паҳлӯи ман нишаста, бо табассум дандонҳояшро намоён карда, бо диққат маро аз назар гузаронд.

Чӣ қадар ҳодисоти бад дар зиндагӣ ба дӯши Кедар Чатадҷи наафтода буд: морҳо ӯро сайд карданӣ буданд, палангҳо думболагираш кардаанд, шабаҳҳо ӯро тарсондаанд, ӯ аз зери дандонҳои маймунҳои ба хашм омада, базӯр халос ёфтааст, ӯро дар идораи пулис истинтоқ кардаанд…, вале ба ин гуна ҳолати ғайриоддӣ то ҳанӯз наафтода буд! Ман он вақт шастсола будам, бояд бигӯям, ки пӯсти ман он қадар сиёҳ набошад ҳам, чеҳраи панҷ рӯз боз натарошидаи ман гули кодро ба хотир меовард. Инро ба ёд оварда, аз хиҷолат мисли бодинҷон кабудранг шудам.

– Хонум–соҳиб чаро шумо ба ман ин гуна нигоҳ мекунед? – пурсидам ман ба забони шикастаи ҳиндӣ ва намедонистам худро аз хиҷолат ба куҷо занам.

– Ҳеҷ. Ман шуморо озурда карданӣ набудам! – хандид ӯ. – Шумо кӣ ҳастед?

Ин гуна муроҷиати беилтифотона ба ман сахт расид. Чӣ ман барои ӯ масхарабоз ё ҳайвоне аз боғи ҳайвонот ҳастам? Қоматамро рост ва сарамро ба як тараф хам карда, ҷавоб додам:

– Ман Кедар Чатадҷи ҳастам, на ҷугарден (на аз боғи ҳайвонот).

– Банғолӣ ҳастӣ? – аз дигар хандид хонум.

– Ес, сэр (бале, ҷаноб), – ҷавоб додам фавран. – Хай каст бенгали брахман! (Ман аз кастаи олии бараҳманҳои банғолӣ ҳастам!) – Ва расани муқаддаси гарданамро даст зада, илова кардам: – Си? (Дидед?) Бигӯед шумо кӣ ҳастед, хонум.

– Магар ин мумкин аст, ҷаноби Чатадҷи? – сухани ровиро бурид ҷаноби Бинод. – Аз зан пурсидан! Охир, ин беадабист!

– Маълум мешавад, – ҳайрон шуд Кедар Чатадҷи, – ӯ ҳақ дораду ман не. Илова бар ин хонум, тамоман, наранҷид. Ҷавоб дод, ки ӯро Ҷун Ҷилтар меноманд, ӯ дар Амрико зиндагӣ мекунад, чандин бор ба Ҳиндустон омадааст ва Ҳиндустон мамлакати аҷоиб аст.

– Инҳо кӣ ҳастанд? – ҷуръат пайдо карда ва он ду ҳамсафари ӯро нишон дода, пурсидам ман. Маълум шуд, ки хонум–соҳиб ин-

сони хеле самимӣ будааст. Ӯ бо ангушт ба тарафи ҷаноби қаддароз ишора карда гуфт:

– Ин ҷавон Тимоти Топор аз Калифорния буда, ба ман издивоҷ кардан мехоҳад. Ӯ соҳиби сад миллион доллар аст. Оне, ки рӯи фарш мехобад, Христофор Колумб Блато ном дошта, низ нияти издивоҷ кардан бо манро дорад. Ӯ ҳам соҳиби сад миллион доллар аст.

– Колумб Амрикоро кашф кард,– қайд кардам ман маънидорона.

– Оҳ не, ин дигар аст! – хитоб кард хонум. – Инҳо дар Амрико дигар чизеро кашф карда наметавонанд. Дар мамлакат шаробнӯшӣ манъ аст, танҳо спирти метил дар савдо ҳасту халос. Аз ин хотир онҳо Амрикоро тарк карда, дар ҷустуҷӯи спирти тоза даври ҷаҳон чарх мезананд.

– Онҳо эҳтимол, спиритуалист бошанд?

– Бале, аз ҳад зиёд! – ҷавоб дод хонум.

Дар ин ҳангом ҷаноби лоғар чашмонашро боз карду бодиққат ба ман нигоҳкунон, бо мушташ таҳдид кард.

– Дафъ шав аз ин ҷо! Зудтар! – бонг зад ӯ ба забони англисӣ.

Ҷаноби кӯтоҳқад нохост дасту пойҳояшро ҷунбонд. Ман асоямро гирифта, ба замин кӯфтам. Хонум–соҳиб аз рӯи бистари худ кафши хонапӯшиашро гирифта, ба рухсораҳои соҳиби лоғар мезад ва дар айни замон бо навозиш мегуфт:

– Ю порк, ю порк! (Ту хукбача ҳастӣ, хукбача!)

Баъд асои манро гирифта, бо он ҳамсафари дуввумашро кӯфта мегуфт:– Ю пиг, ю пиг! (Ту хук ҳастӣ, хук!)

Амрикоиҳо аз нав ба хурроккашӣ даромаданд.

Ба рӯи сандуқи синаи ҳар кадоми онҳо хонум як кафши худро гузошта, ба ҷои худ баргашт.

– Натарсед, бабу, – гуфт ӯ.

Ба ӯ гуфтани ин суханон осон аст! Қанд зану натарс! Дар як афсонаи арабӣ хонда будам, ки чӣ тавр ҷине сандуқеро ба рӯи сараш гузошта дар рӯи ҷаҳон сайр мекард. Дар даруни сандуқ шоҳдухтар пинҳон шуда буд. Вақте ки ҷин мехобид, ӯ аз паноҳгоҳаш баромада, аз дастони шоҳзодаҳо ангуштаринҳояшонро мегирифт. Ин, эҳтимол, ҳамон воқеа бошад, меандешидам ман. Амрикоизан дар рӯи китфи ду дев саёҳат мекунад ва гӯё худи ҳозир шаддаи наввадуи нӯҳ ангуштарин доштаро аз ҷайб берун хоҳад кард.

Аз чизе метарсидам, ба вуқӯъ пайваст. Ман ангуштари нуқраи нигинаш аз марҷон, ки аз чашми бад ҳифз мекунад дар ангушт доштам.

– Ҳай лавли! (Чӣ қадар зебост!) – банохост хитоб кард хонум, онро дида. – Бабу, ангуштаратонро нишон диҳед!

Ман бо ҳарос, мисли он ки ангуштамро мебурида бошанд, дастамро дароз кардам. Амрикоизан зуд ангуштаринро аз ангуштам бароварда, ба ангушти хеш андохту хитоб кард:

– Бютифул. (Бисёр хуб аст!)

Оҳ, худоё! Охир ин ангуштари муқаддаси ман аст. Охир ин зани осӣ ба он даст кофта, макрӯҳаш мекунад. Дар чашмонам ашк ҳалқа зад. Вале кунҷковиам боло гирифт.

– Хонум–соҳиб, шумо чанд ангуштарин доред? – пурсидам ман. –Найнти найн? (Наваду нӯҳто?)

Амрикоизан аз зери диван ҷомадонеро берун оварду аз даруни он сандуқчаи аҷоиберо гирифта, онро кушод. Дурахши зеварҳои ӯ чашмонамро хира кард. Гарданбандҳо, гӯшворҳо, чӣ чизҳое дар он набуд. Дар як бахши он қариб бисту панҷ дона ангуштар буд.

– Хушатон омад, бабу? – пурсид хонум Ҷилтар, сандуқчаро дар пеши рӯям дошта.

– Чӣ гӯям?! – хитоб кардам ман. – Ангуштари ман бештар аз ду рупия нарх дорад. Ман онро ба шумо тӯҳфа мекунам. Онро эҳтиёт кунед. Ангуштарини муқаддас аст.

– Ю олд диар! (Мӯйсафеди хубе ҳастӣ!) – хурсанд шуд амрикоизан. – Вале агар ман тӯҳфаи шуморо қабул кунам, шумо ҳам набояд тӯҳфаи манро рад кунед. – Ва ӯ ба ангушти ман ангуштари нигинаш аз ақиқро пӯшонд.

– Сэнк ю, (Ташаккур), мэм–соҳиб, – миннатдорӣ баён кардам ман. – Аз ин лаҳза ман ғуломи шумо ҳастам. Форгет ми нот! (Маро фаромӯш накунед!) – Дар айни ҳол дар дил андеша мекардам: «Хаста набош, бараҳман! Ин ангуштар дар дасти ту хоҳад монд».

* * *

Поезд ба истгоҳ расид. Пешхидмат чой, нон, равған овард.

– Ҷанобон, чой менӯшед? – пурсид ӯ.

Хонум фармуд, ки лаълиро бо ғизо бигзорад ва асои маро гирифта, ҳамсафарони хешро бедор кардан гирифт.

– Гэт ап Тими, гет ап Блото! (Бархез Тими, бархез Блото!)

Онҳо дар ҷавоб мисли хукҳои ваҳшӣ сахттар хуррос заданд. Ман ба суханони онҳо сарфаҳм нарафтам, вале фаҳмидам, ки ҳанӯз ҳоли бархостан надоранд.

– Чатарҷӣ, – ному насаби маро ба таври худаш талаффуз карда ба ман муроҷиат кард хонум–соҳиб. – Шумо хӯрок хӯрдан мехоҳед? Ё хӯрдани ин барои шумо манъ аст.?

Вазъият мушкил буд: ба ғизо дасти зани ғайр расида буд! Вале аз чой бӯи хуше меомаду ман бошам хунук хӯрда будам. Дар шастраҳо дар бораи мумкин набудани чойнӯшӣ чизе гуфта нашудааст. Илова бар ин чойро чун даво аз сардӣ қабул кардан мумкин аст. Ин, бешубҳа, гуноҳ нахоҳад буд.

– Хонум, шумо худи олиҳа Лакшми ҳастед, – гуфтам ман оқибат, – ва рад кардан магар мумкин аст, вақте ки шумо бо дасти худ чой мерезед! Нон лозим нест.

Чой дари дили инсонро мекушояд: вақте ки онро нӯши ҷон мекунӣ, аз ҳадди зарурӣ бештар ҳарф мезанӣ. Мисли Ашватхама, ки чун шир надошт, ба ҷои он атолаи аз биринҷ омода кардаро хӯрду аз шодӣ ба ракс даромад, банғолии хоксор ҳам аз нӯшидани чой сармаст шуд. Дар замони Бонкимчондро Чатадҷи чойро барои лаззат бурдан нӯшида наметавонистанд, онро бо анбар ва намак чун даво аз шамол кашидан менӯшиданд, вале ҳатто ин ҳам ба Бонкимчондрои бузург барои навиштани ин ибораи машҳур монеъ нагардид: «Ман асири туам, маҳбуби ман!» Ҳоло ин нӯшокии мӯъҷизаосо, чун селоби тезҷараён ба Банғола ҷорӣ шуда, моро саодатманд кардааст. Дар он ҷое чой аст, ишқ ҳам аст.

Шоирони пешин дар ашъори худ ҳамеша аз боғ, моҳтоб, кӯҳҳои Малай, қолиби рехтагарӣ ва панҷ тири худои муҳаббат ёдовар шудаанд. Барои асари имрӯза тасвири ду ҷоми дасташикастаи чой, дастурхони маснуии даридаи рӯи мизе, ки аз тахтапораҳо сохта шудааст, ҷавон ва духтари дар ду тарафи ин миз нишаста ва дар мобайн чойнике, ки аз он буғ мебарояд, кифоя аст.

Хушбахтона, синни ман ба шаст расидааст ва дар ҷавонӣ ҳам аз ин гуна ишқ худро канор мегирифтам.

– Хонум–соҳиб, – мурочиат кардам ман ба ҳамсафарам. – Аз ин ду ҷаноби орамида, шумо кадомашро интихоб кардаед? Кадоме аз инҳоро шумо хушбахт месозед?

– Мушкилӣ ҳам дар ҳамин аст! – ҷавоб дод хонум. – Ман ҳеҷ ба қароре омада наметавонам. Баъзан ба ман чунин менамояд, ки номзади мувофиқ Тими аст: ӯ марди қадбаланду ҷозиб аст ва маро хеле дӯст медорад. Вале вақте, ки менӯшад ин даҳшат аст. Ё Блото… агарчӣ вай ғафсу қадкӯтоҳ асту он қадар ҷавон ҳам нест, вале ба ман садоқат дорад ва дилсоф аст. Зиёд май наменӯшад ва дарҳол ба гиря кардан оғоз менамояд. Интихоб кардан хеле душвор аст ва ҳарду ҳам исрор мекунанд. Вале барои андеша кардан боз чанд соат вақт аст. Фикр мекунам, то ба Ҳауру расидан, сари қароре хоҳам омад. Зимнан, Чатарҷи, шумо ягон маслиҳате медиҳед, ки ба кадомаш ба шавҳар бароям.

– Хонум–соҳиб, – ҷавоб додам ман, – аз рӯи тасвири шумо ман фаҳмидам, ки ҳарду одамони арзандаанд. Вале, кош онҳо дар ин аҳвол намебуданд.

– Ин ҳеҷ гапе не. Онҳо ба зудӣ ҳушёр хоҳанд шуд, – бовар кунонд маро амрикоизан.

– Агар худи шумо сари қароре омада наметавонед, чаро бо волидайни хеш маслиҳат намекунед?

– Ман падару модар надорам. Ман худам соҳиби худам ҳастам. Медонед, Чатарҷи, ман ин вазифаро ба шумо вогузор мекунам. Шумо ба ҳарду диққат кунед. Пеш аз он, ки ба Муғулсарой бирасем, ақидаи худро ба ман бигӯед. Ман, аллакай, ба андешае омада будам, ки бо танга қуръапартоӣ кунам, вале вақте, ки шумо ин ҷо ҳастед, ба он ҳоҷат намемонад.

Вазъият чандон бад набуд. Ман зуд–зуд барои хешовандону дӯстонам домоду арӯс интихоб мекардам, вале аз ростӣ ҳеҷ гоҳ ба ин гуна хостгории ғайриоддӣ машғул нашуда будам. Ҳарду сарватманд, ҳарду – майзада, фақат яке лоғару дигаре фарбеҳ. Дар бораи ақлу маърифати онҳо қазоват кардан мушкил буд. Ягона чизе, ки ба ман муяссар шуд аз онҳо бишунавам, хур – хур кардан буд.

Бало ба паси ҳамааш! Кадоме рост ояд, ном бурдан мегирам. Агар хонум–соҳиб маслиҳати ҷиддӣ аз ман хоҳад, ба ӯ мегӯям: «Азизам, агар шумо сари ҳардуи онҳоро пок тарошидаед, пас ин ҷазоро ба сомон расонед. Ҳардуи ин ахмақҳоро, тамоман, ронед!»

Зимни гуфтугӯ вақт ноаён мегузашт. Соат, аллакай, нӯҳу ним шуда буд. Поезд бояд ба зудӣ ба истгоҳи хурде мерасид, ки ҷанобони аврупоӣ, одатан, ба вагон – ресторан барои хӯрокхӯрӣ мерафтанд. Ман то ҳол сарфаҳм нарафта будам, ки чаро лабҳои ҳамсафари ман ин қадар арғувонианд, вале вақте ки баъди чой нӯшидан ранги онҳо парид – ҳамааш равшан шуд: ранги онҳо амонат будааст. Хонум сумкаи тиллоии хешро кушода, аз он оина, шамъи сурх ва қуттичаи хокаи сафед доштаро баровард. Шамъро ба лабонаш ва хокаро ба биниаш молида, чеҳраашро тармим кард.

Поезд бозистод.

– Чатарҷи, – мурочиат кард ба ман хонум. – Ман барои субҳона хӯрдан меравам. Тими ва Блото дар купе мемонанд, шумо аз онҳо бохабар бошед, ки вақте бедор шаванд, занозанӣ накунанд. Агар зӯратон ба онҳо нарасад, дастаки тормозро кашед.

Ҳоҷати гап ҳам нест, аҷаб вазифае ба ман супурд! Истгоҳи ояндаи поезд баъди ним соат дар Канпур хоҳад буд ва фақат он вақт хонум ба вагон хоҳад баргашт. Дар ин муддат ҷон ба ҷаббор су-

пурдан мумкин аст! Ва ман асоро сахт гирифта, аз нав номи олиҳа Дургаро такрор кардан гирифтам.

Ҷаноби қадбаланд бархоста дар рӯи бистараш нишаст, хамёза кашид, чашмонашро молид ва ангуштҳояшро шақаррос занонд. Чанд муддат ӯ хомӯшона маро аз назар гузаронд, баъд калавида–калавида сӯи ташноб рафт.

Ҳамин лаҳза ҷаноби ғафс аз ҷо барҷаст ва мисли қурбоққаи калон, шулуппӣ карда, худро ба паҳлӯи ман партофт. Қариб буд аз тарс фарёд мезадам. Вале пеш аз ин ки ман ба ин кор шурӯъ кунам, ӯ дасти маро гирифт ва гуфт:

– Гуд монинг, сер (Салом, ҷаноб). Ман Христофор Колумб Блото ҳастам.

–Ваалайкум – ҷуръат пайдо карда, ҷавоб додам ман.

– Ман сад миллион доллар дорам. Мафоди ман ҳар дақиқа …

– Ман медонам, ки ҷаноб хеле соҳибсарват аст.– Люк ҳиар,(Гӯш кунед), – ангушташро ба синаи ман зада, идома дод Блотто. – Шумо дар ҳаҷми панҷ рупия бахшиш хоҳед гирифт.

– Барои чӣ, ҷаноб?

– Шумо хонум Ҷилтарро маҷбур кунед, ки барои шавҳар кардан ба ман ризо шаванд. Ман сӯҳбати шуморо шунидам. Акнун ҳамааш дар дасти шумост – ӯ шуморо хостгор интихоб кардааст. Ин, Тимоти Топор, инсони хеле паст аст. Ҳамаи дороии ӯ дар гарав асту гаравхат дар дасти ман. Ӯ гадо ва майзада аст. Агар хонум Ҷилтар ба ӯ ба шавҳар бароянд, аз дарду алам хоҳад мурд.

Блото баланд гиря карда, шишаи дар рӯи фарш афтодаро гирифт ва шароби боқимондаи онро то охир нӯшид.

– Бабу, шумо ба гузариши рӯҳ аз як ҷисм ба ҷисми дигар бовар доред? – пурсид ногаҳон ӯ.

– Албатта!

– Дар яке аз ба дунё омаданҳоям ман парастуе будам, ки ташнагиамро бо намии абрҳо мешикастам, хонум бошад мурғаки зебое буд, ки мо ҳарду…

Ин ҳангом дари ташноб ғиҷҷос заду Блото ба ман бо даст ишорае карда, аз нав ба рӯи фарш дароз кашиду худашро ба хоб зада, ба хурроккашӣ даромад.

Ҷаноби қадбаланд, оне, ки хонум ӯро Тими номида буд, баргашта ба ҷои худ нишаст. Он гоҳ Блото вонамуд кард, ки ҳамин ҳоло бедор шудааст, хамёзакашон чашмонашро молиду ба ман нигоҳи илтиҷоомезе карда, ба ташноб даромад.

Акнун навбати Тими расид. Ҳамин ки Блото ба ташноб даромад, ӯ ба назди ман омада, дастамро гирифт.

– Гуд монинг, сер (Салом, ҷаноб), – оғоз кардам ман.

Тими дасти маро сахт, бо қувваи зиёд фишурд.

– Оҳ! – беихтиёр садо кардам ман.

– Ман ҳамаи устухонҳои туро мешиканам!

– Ес, сэр (Бале, соҳиб), – ҳаросида, нимғурма гуфтам ман.

– Аз ту чизе боқӣ нахоҳад монд!

– Ес, сэр (Бале, соҳиб).

– Ман бо мисс Ҷилтар издивоҷ хоҳам кард. Ман ҳамаашро шунидам. Ҳолат бад хоҳад шуд, агар ба ӯ маслиҳат надиҳӣ, ки зани ман шавад.

– Ес, сэр (Бале, соҳиб).

– Ман сарвати хеле зиёд дорам. Панҷ меҳмонхона, даҳ киштӣ, бисту панҷ заводи гӯшт. Блото чӣ дорад? Заводи махфии шаробкашӣ, он ҳам бошад бо пули ман. Блото ин майзадаи бадбахт, паканаи ҳаромзодаест…

Блото, эҳтимол, ҳамаашро шунида буд. Нохост ӯ ба купе бо муштони гиреҳбаста давида даромад.

– Кӣ аст майзадаи бадбахт?! – дод зад ӯ. – Кист он паканаи ҳаромзода?!

Ҳама медонад, ки забони ҳиндӣ ҳам барои суруд ва ҳам барои ҳақорат хуб мувофиқат мекунад. Ман ба ин ақида розиам. Вале ин гуна ҳақоратҳои ҷарангосие, ки англисҳою америкоиҳо доранд, дар ҳеҷ ҷо нахоҳӣ ёфт. Баъзе калимаҳо то даруни дили инсон таъсир мекунанд. Ман забони англисиро бад медонам ва ҳамаи ифодаҳоро нафаҳмидам. Ба ин нигоҳ накарда, кайфияти хуб ҳосил кардам.

Ҳамчунин боварӣ ҳосил кардам, ки ин ҷанобон дар як бобат нисбат ба мо заифтаранд: онҳо ба муқовимати забонӣ дуру дароз тоб намеоваранд. Ҳанӯз ду дақиқа вақт нагузашта буд, ки онҳо ба занозанӣ оғоз карданд.

Мани бечора ҳаросон онҳоро наззора мекардам ва ҳатто нафаҳмидам, ки чӣ гуна поезд дар Канпур бозистод.

Баъди бонги шартӣ дар вагон хонум пайдо шуд. Вале магар қуввати ӯ ба боз доштани ҷанги байни филу сангпушт мерасид?

– Тими, азизам, лозим не, – зорӣ мекард ӯ ба забони англисӣ. – Блото, ҷонакам, лозим не! Хоҳиш мекунам, даркор нест.

Чун дидам, ки ҳамаи илтиҷоҳои хонум барабас аст ва дар ин кор оҷиз будани ӯро дарк карда, аз вагон берун давидам. Купеҳои дараҷаи аввал ва дуввум тиҳӣ буд. Шояд ҳамаи мусофирон дар вагон–ресторан субҳона мехӯрданд. Киро ба ёрӣ ҷеғ занам? Ин

ҳангом ман дидам, ки ҷаноби дар тан шалвори кушодаранги пахтагин доштае, ҳуштаккашон дар рӯи платформа, сайр мекунад.

– Кам, сэр, (Биёед, ҷаноб), ба хонум хатари ҷиддӣ таҳдид мекунад! – иборaҳои банғолӣ ва англисиро омехта, изтиробомез гуфтам ман.

Ҷаноб таваққуф кард ва ҳуштаки сахт кашида, аз қафои ман ба вагон давид.

Дар айни ҳол хонум бо асои ман ҳар дуро бераҳмона калтакборон мекард. Вале ҳарду миллионерҳо, гӯё чизе нашуда бошад, лағаткӯбии якдигарро идома медоданд.

– Ҳелло, Ҷун, – ба хонум рӯй овард, ҷаноби воридшуда, – Чӣ воқеа шуд?

Амрикоизан бошитоб ҳамаро нақл кард. Ҷаноб хост Тими ва Блоторо аз якдигар ҷудо кунад, вале онҳо бо муштҳои гиреҳкарда ба ӯ ҳуҷум карданд. Он гоҳ шиноси нави ман ҳам муштонашро ба кор андохт.

Ана ин кашмакаши ҳақиқӣ буд. Оқибат Тими ба як тараф париду сараш ба дар чунон сахт бархӯрд, ки эҳтимол, чашмонаш сиёҳӣ зад. Блото асабиёна бо даҳон чуқур нафас гирифта, ба зери диван ғелида рафт ва дар ҳамон ҷо монд. Ҳама ором шуданд.

Худро ба тартиб оварда, хонум маро бо ҷаноби нав шинос кард.

– Ин ҷаноби Билл Баундар аст, – гуфт ӯ. – Ӯ боксёри варзида аст. – Ин ҷаноби Чатарҷи аст, вери диар олд френд (Дӯсти кӯҳансоли хуби ман аст бисёр).

– Сам берд (Чӣ рише дорад)! –гуфт мистер Билл,ба ман нигоҳе афканда.

– Хайр чӣ, – эътироз кард хонум. – Ӯ инсони хеле хирадманд аст.

– Ҳав ду ду, (Хуб ҳастед?), – гуфт мистер Билл, дасти маро сахт фишурда.– Ҳаво сард барин– а?

Ин ҳангом андешае ба сарам омад.

– Дидед, хонум Ҷун, – гуфтам оҳиста ба хонум–соҳиб, – чӣ гуна задухӯрд шуд. Ҳам Тими, ҳам Блото мағлуб гардиданд. Агар гапи маро гӯш кунед, ба Билл ба шавҳар бароед. Ҷавони арзанда аст!

– Райт! (Дуруст гуфтӣ!) – хитоб кард амрикоизан. – Ин фикр то ҳол ба сари ман наомада буд. Бигӯ, Билл, бо ман издивоҷ кардан мехоҳӣ?

– Албатта! – ҷавоб дод Билл. – Кӣ гуфт, ки ман издивоҷ намекунам?

Оҳ худоё, ҷанобон аз шарму ҳаё бехабаранд.

– Сабр кунед! – гуфтам ба Билл. – Шитоб чӣ лозим? Ман падарвакили арӯс ҳастам. Ман то аз кадом шаҷара будани шуморо нафаҳмам, ризояти худро намедиҳам.

– Бобои ман устои пойафзолдӯз буд. Падарам дар кӯдакӣ кафш медӯхт.

– Шаҷараи олӣ, – розӣ шудам ман. – Даромади шумо чӣ гуна аст?

– Дар як дақиқа даҳ ҳазор, – ҷавоб дод Билл, – яъне дар як соат, – ҳисоб кард ӯ, – шашсад ҳазор. Вале, шумо ташвиш нашавед, баъди марги холаам, даромади ман афзун мешавад. Ӯ соҳиби биступанҷ ҳавзи бузургест, ки обашон шӯр буда, дар онҳо делфинҳои бешумор шино мекунанд.

– Бас! – ӯро боздоштам ман. – Дигар чизе лозим нест, ман розӣ ҳастам. Наздиктар биёед, то ба шумо аз рӯи оини ҳақиқии ҳиндӣ фотиҳа диҳам.

Вале аз куҷо биринҷ ва алафи дурва пайдо кунам? Ман тирезаро кушода, пешхидматро садо кардам:

– Эй паҳлавон, ҳарчӣ зудтар ҳар алаферо пайдо кунӣ канда биёр, пайса мегирӣ!

Чӣ гуна аз рӯи оини англисӣ номзадҳоро фотиҳа медиҳанд, ман намедонистам.

Агар зид набошед, ман банғолӣ ҳарф хоҳам зад, – гуфтам ман.

– Албатта, албатта!

Дастаи алафро рӯи сари ҷаноб гузошта гуфтам:

– Умри дароз бин! Пули бисёр дорӣ, меросхӯр ҳам насибат гардад! Ман Лакшмиро ба ту месупорам. Вале, писарам, эҳтиёт шав, аз ҳад зиёд шароб нахӯр, вагарна ба дуои бади бараҳманҳо гирифтор мешавӣ!

Ҷаноб аз дигар дасти маро чунон афшурд, ки қариб ӯро канда буд.

– Духтарам, – рӯ овардам баъд ба хонум–соҳиб.– Бигзор ҳеҷ гоҳ шангарфи лабони ту сутурда нашавад. Кӯшиши зодани писарони қаҳрамонро надошта бош – бигзор ин фотиҳа аз мо, ҳиндуҳо, ҳамеша бимонад! Ба одамони бечораи сиёҳпӯст бадбахтӣ наовар – барои худ фарзандони ором таваллуд кун ва ба корҳои хона машғул шав!

Ин ҳангом хонум ба нӯги по баланд шуд ва дар манаҳи панҷ рӯз боз натарошидаи ман, сурхии лабони ӯ нақш баст…

– Шарм кунед! – бурид сухани ровиро ҷаноби Бинод.

– Бале, – розӣ шуд, ҷаноби Чатадҷи, – дар «Деви Чоудҳурани» маҳз ҳамин хел навишта шудааст!

– Хеле хуб, ҷаноби Чатадҷи, бигӯед маззаи сурхии лаб чӣ гуна буд?

– Ба он тундӣ намерасад. Вале… ин оини ҷанобон аст. Онҳо бо ин миннатдории худро изҳор мекунанд. Магар ин ҷои шарм аст?

– Баъд – ҳикояи худро идома дод, бараҳмани кӯҳансол, – амрикоиҳои қадбаланду қадкӯтоҳ, ки хуб шатта хӯрда буданд, вагонро тарк карданд, ду нафар пешхидмат борҳои онҳоро бурданд.

Поезд аз нав ба ҳаракат даромад. Билл ва Ҷун аз дастони якдигар гирифта, ба рақс даромаданд.

Ман аз хиҷолат намедонистам, ба куҷо нигоҳ кунам.

– Чатарҷи, – муроҷиат кард ба ман Ҷун, – рӯзи хеле пурсаодат аст, вале шумо бо рӯи турш нишастаед. Биёед, бо мо шарик шуда бирақсед.

– Не, ҷонакам, камари ман дард мекунад. Духтур рақсиданро ба ман манъ кардааст.

– Пас шумо суруд хонеду мо бирақсем.

Илоҷи дигар набуд. Ман ба ҳарфи хориҷиён даромада, гимни Рампрошадро хондам.

Мо боқии роҳро ҳамин гуна ба сар кардем. Оқибат ба Муғулсарой расидем. Хонум гуфт, ки ба Калкатта рафта, дар он ҷо арӯсӣ мекунад ва ман бояд баъд аз се рӯз онҳоро дар Гранд – отел хабар гирам. Дастфишорию даъваткуниҳоро ҳеҷ поёне набуд ва баъд ман ба поезде, ки ба Банорас равона буд, нишастам. Рӯзи дигар ман ба Калкутта равон шудам.

– Хонуми шумо ҳамаи инро медонад, ҷаноби Чатадҷи? – пурсид адвокат Бинод.

–Албатта! Шотилокҳи он вақт панҷоҳсола буд ва мисли шумо, ҷавонон он қадар беақл набуд, ки аз озурдагӣ чун зарраҳо пош хӯрад. Ба хона баргашта, ман ҳамаашро ба ӯ нақл кардам.

– Баъд ӯ чӣ кард?

Ӯ фавран сартарошро хосту ба ӯ фармуд: «Сару риши ин пиракиро пок тарош, то осоре аз он зани бешараф бар ҷой намонад»! Баъд ӯ ангуштарини нигинаш ақиқро аз ман гирифта, онро дар оби дарёи Ганг шуста, ба ангушти худ кард.

– Дар манзили арӯс шуморо чӣ гуна зиёфат карданд? – пурсиданд аз ровӣ.

– Қисмати аз ҳама ғамангези ин саргузаштро акнун мешунавед… Ман ба Гранд – отел омада фаҳмидам, ки як рӯз баъд аз арӯсӣ, арӯс гурехтааст. Ҷаноб бошад, ба ҷустуҷӯи ӯ рафтааст.

* * *

***БОНОПҲУЛ*** *(тахаллуси адабиаш Болайчондро Мукҳопаддҳая; 1889 – 1979) – носир, драматург ва шоири банғолӣ, муаллифи бештар аз сад китоб. Аз рӯи ҳикояҳои ӯ дар Ҳиндустон ду филм ба навор гирифтаанд.*

## ТИЛОТТОМА

### 1

Гоҳ–гоҳ дар ҳаёти мо он лаҳзаҳои изтиробомезе фаро мерасанд, ки ҳисобу китоб ва нақшаҳои моро дар як мижа баҳам задан, дигаргун мекунанд. Оби дарёҳое, ки ба шимол ҷорӣ мешаванд, нохост ба тарафи ҷануб майл мекунанд, кӯҳҳои болои қуллаҳояшон пур аз барф ногаҳон меафтанду ба ҷарӣ мубаддал мегарданд. Айни ҳамин ҳодиса ба одамони оддӣ ҳам рӯй медиҳад. Барои ин қаҳрамони асил ё гунаҳкори осӣ будан шарт нест.

Нокул Нонди мисли писараш Гокул як инсони тамоман оддӣ буд. Баъди хатми коллеҷ, Гокул мисли аксари ҷавонони ҳамнишинаш тарзи оддии зиндагӣ дошт – қартабозӣ мекард, дар намоишномаҳои ҳаваскорон нақш меофарид, дар мусоҳибаҳои сиёсӣ ва баҳсҳои адабӣ ширкат меварзид – хулласи калом, бекорхӯҷае буд. Пешниҳодоти издивоҷ, чӣ тавре ба синну соли ӯ хос аст, ба сараш меборид. Дар бозори зангирӣ ӯ касе буд, ки ҳама ҳасад мебурданд. Волидони ӯ соҳиби хонаи сеошёнаи шахсӣ буданду падараш шуғли судхӯрӣ дошт, оилаи модараш мулкдор буд ва ба Гокул ҳеҷ гоҳ хатари барои зиндагӣ пул кор кардан, таҳдид намекард. Аз меҳрубонии офаридгор ин ҷавонмард дороии кофӣ дошт ва аз ин рӯ, агар мехост, тамоми ҳаёташро ба театр ва фатҳ кардани қуллаҳои маҳорат дар офариниши нақши Рази мебахшид.

Пешниҳодоти издивоҷ хеле зиёд буд. Нокул Нонди шахси кордоне буд. Толеънома, шаҷара, зоҳир ва миқдори ҷиҳози арӯсро омӯхта, интихоби худро сари духтаре қарор дод, ки ӯро Тилу ном мебурданд, исми пурраи ӯ бошад. Тилотомма буд. Ҷаноби Нондӣ, ки аз оинҳои кӯҳан пайравӣ мекард, иҷоза надод, ки писараш то ҷашни арӯсӣ, арӯсро бинад, худи ӯ ба дидани арӯс рафту қаноатманд баргашт. Номи ӯ Гокулро тамоман тасхир карда буд. Ва дар муқоиса бо он симои дилбаронае, ки ӯ дар тасаввури худ нақш карда буд, ҳатто Тилотоммаи афсонавӣ ҳам, ҳеҷ буд.

**2**

Бори нахуст духтарро дар маъракаи арӯсӣ дида, ҷавон ба даҳшат афтод, воқеан ҳам Тилоттома! Паканаи ғафсе, ки пӯсти сиёҳи чун холи модарзодӣ ялаққосӣ дорад. Дар чашмони хурди ӯ ифодаи итоаткорӣ ва ҳарос нақш баста буд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар зери ғалоғулаи фарёдҳои хурсандона, нидоҳои таҳсини занонаи «улу», ғуввоси оби дастшӯякҳои ошхона ва ҷарангоси зарфҳо ба Гокул лозим омад, ки Тилуро ба занӣ гирад. Роҳ барои ақибгардӣ набуд. Вале ӯ ин корро бо нафрат анҷом дод.

Падари ӯ ҳам аз ҳад зиёд изтироб дошт. Санҷиш нишон дод, ки падари арӯс инсони бенизоме будааст. Ӯ ҳатто яке аз ваъдаҳои кардаашро ҳам пурра ба ҷо наовард, ҳарчанд дар маъракаи арӯсӣ маккорона табассум мекарду дастонашро чоплусона ба ҳам молиш медод. Ҳангоми ҷиҳоз додан ӯ аз маблағи ваъдакардааш панҷсад рупия камтар дода, изҳор кард, ки ҳамаи маблағро ҷамъ карда натавонистааст ва қарзро баъдтар хоҳад дод. Тӯҳфаҳои ба навхонадорон додаи ӯ як пули сиёҳ арзиш надоштанд! Сарандози сурхи арӯс тамоман рангпарида буд! Дар байни ҳадяҳо соати дастӣ набуд, ки мувофиқи гуфтаи падарзанаш дар Калкутта фармоиш дода буданду вале аз кадом сабабе то ҳанӯз нарасидааст! Касе масъулияти кафолат доданро ба гардан намегирифт, ки ангуштарин аз зар аст, чунки он тамоман ба мис шабеҳ буд! Наход ин одам чашмдор бошад, ки муносиботи хешию табориро бо фиреб бунёд гузорад? То арӯсӣ ӯ ба ҳамаи чиз розӣ буду ду даст пеши бар таъзим мекард. Ҳоло чӣ?

Албатта, хурдагирии Нокул Нондӣ аз ҳад гузаштааст! Вале аз арӯс интихоб кардани духтари бадрӯи сиёҳпӯст бе ҷиҳози хуб чӣ фоида аст! Ҳама чиз нархи арзандаи худро дорад! Шармандагӣ! Ба хаёли кӣ меомад, ки ин гуна одами ҷиддию хоксор ба ин гуна қаллобии мурдор қодир аст!

Ба ҷаноби Нондӣ лозим омад, ки ба ҷанҷоли даҳшатноке тоб биёрад. Модари Гокул бо садои дилбазан такрор ба такрор эълон мекард, ки дар чеҳраи Нокул нишонаҳои камақлии пиронсолӣ баръало ҳувайдост. Агар ин хел набошад, магар мумкин аст, ки инсони солимақл, ба сифати ҳамсари писараш, ба хона ҳамин гуна духтари хунукбашараро биёрад? Шармандагӣ! «Ба ман духтари тамоман дигарро нишон доданд, – дурӯғи маҳз гуфта, худро сафед мекард Нокул. – Оне, ки ман дида будам, сафедпӯст буда, гесӯвони дарози то камар, андоми борик, чеҳра ва чашмони зебое дошт. Ҳоло мебинӣ, қаллоби фиребгар, разили нобакор! Ман ба писарам зани дигар хоҳам дод».

## 3

Аҳли хонавода, аз ҷумла Гокул ҳам бо ин қарор розӣ шуданд. То андозае, ки Гокул бо Тилотомма аз наздик ошноӣ пайдо кард, ӯ як чизро дар ӯ мушоҳида кард, Тилу ба таври ҳайратангез мавҷуди неку некхоҳе буд. Мӯҳри накӯкорӣ, дар чеҳраи мисли боқило тираи дар чорчӯбаи мӯйҳои парешонаш ҳошиябандӣ шудааш, нақш баста буд. Ғайр аз ин ӯ беандоза шармгин буд. Барои ба гап даровардани ӯ кӯшиши зиёд ба харҷ додан зарур буд.. Ва Гокул ҳарчӣ бештар бо ҳамсараш сӯҳбат мекард, ҳайраташ бештар меафзуд. Ҳамаи он таҳқирҳое, ки ба унвони Тилу ва падари ӯ равона мешуданд, заррае ӯро озурда намекарданд. Ва ин ногуворихое, ки бо шавҳардориаш иртибот доштанд, барои зани ҷавон мисли тулӯи офтоби субҳ ва бориши шохнам дар мавсими боронгарӣ, муқаррарӣ буд. Арӯс агар мехост, ҳамаи ин бӯҳтонҳои бардурӯғро, ки Нокул Нондӣ ба ӯ нисбат медод, рад мекард. Аммо ӯ ин корро намекард. Ва пайваста хомӯш буд. Тилу шукри тақдир мекард, ки Гокулро ба ӯ ба шавҳарӣ додааст ва беҳуда эътироз ва шикоят карданро раво намедид. Ҳар лаҳза ӯ эҳсос мекард, ки лоиқи шавҳараш нест ва ба ӯ ягон ҳуқуқе надорад, охир ӯ ба шарофати тасодуфи хушбахтонае ин неъмати биҳиштиро ба даст овардааст! Ва зани ҷавон ҳаргиз хоҳише надошт ин олами пурсурурро, ки дар он мезист, бо хархашаҳо хароб созад.

– Падару модарам исрор доранд, ки аз дигар хонадор шавам, – гуфт боре Гокул..

Тилу хомӯш буд.

– Гап задан намехоҳӣ?!

– Ҳеҷ гап не, ин гуна воқеаҳо дар оилаҳои ҳиндӣ рӯй медиҳанд.Ту намеранҷӣ?

– Ман? Не. – Баъди лаҳзае хомӯшӣ илова кард: – Ман ба ҳамааш тоб меорам, то барои шумо ҳамааш хуб шавад!

Ба Гокул чунин намуд, ки занаш инро аз рӯи худдӯстӣ мегӯяд. Ва ӯ дар ҷавоб чизе нагуфт.

## 4

Як сол сипарӣ шуд.

Як сол барои Гокул мӯҳлати басанда буд, то дар мавриди Тилу аз ҳама гуна тасаввуроти барғалат озод шавад. Ӯ савод надошт, сурудхонӣ ва навохтани асбобҳои мусиқӣ аз дасташ намеомад, риояи назокату рафторро ба ӯ наомӯхта буданд. Тилу на ҷамоли зебо дошт, на ягон истеъдод. Ягона ҷиҳати хуби ӯ мисли говмеш

кор карда тавонистан буд. Ӯ шумораи беандозаи зарфҳои болои ҳам ғуншуда, тӯдаи азими либосҳои ношустаро мешусту ҳатто чашмаш ҳам намепарид.

Модари Гокул ба ӯ иҷозаи ба ошхона даромаданро намедод, аз ин рӯ ӯ одат карда буд, ки аз сари сидқ ба корҳои берун машғул шавад.

Ӯ ҳатто, ба баромадани қурси моҳ дар гардун ё садои суруди куку дар дарахтзор ҳам, аҳамияте намедод.

Гокул бо дили пурорзу ва ҳавасмандие, ки ба театр дошт, рӯҳафтода шуда буд ва ниҳоят тоб наовард. Охир ӯ то кай бо хидматгорзан ишқварзӣ кунад?

Нонди, падари Гокул, ҳарчанд ба оилаи қудояш ҳанӯз ҳам қаҳру ғазаб дошт, аммо дар бораи бори дигар зан додани писараш ҳарф намезад. Ба худи Гокул бошад, дар ин бора ёдовар шудан душвор буд, вале боре офаридгор ба ӯ назари лутфи хешро афканд.

## 5

Барои ба саҳна гузоштани «Чандрагупта» омодагӣ медиданд. Барои бозидани нақши Селевк ва Антигона ҳунармандон ёфт шуданд. Вале либос барои онҳо набуд. Ва Гокул барои хариди либосҳои юнонӣ рафт. Вақте ки ӯ дар вокзал билет мехарид, диққати ӯро бевазани пире ба худ ҷалб кард. ки тамоман парешонхотир менамуд. Ӯ ҳеҷ наметавонист, ки ҳамаи бӯғчаю бастаҳои худро, ҳам аз даст намонаду ҳам билет харад.

Ӯро аз ҳар тараф тела дода, аз назди касса дур меандохтанд. Гокул ба зани бӯхчаву бастадор кӯмак кард ва ба ӯ билет харид. Бевазан ҳам ба Калкутта равона буд. Вале, мутаассифона, бо ӯ марде набуд, ки ба ӯ кӯмак кунад. Ва Гокул ҳамаи ташвишро ба ӯҳдаи худ гирифт. Бевазан дар купеи ӯ ҷой гирифт. Ба ивази нороҳатии худ ва ҷанҷол бо яке аз мусофирон, Гокул тавонист, барои ӯ ҷои хоб пайдо кунад.

Зани куҳансол беандоза миннатдор буд. Оҳиста–оҳиста купе холӣ шуд, бевазан аз бӯғча бетел бароварда, ба Гокул дароз кард, ки насибаашро бигирад ва худаш ҳам гирифт. Сипас ӯ қуттичаи ҷилодори нуқрагинро, ки барои хоидан тамоку дошт, низ дароз кард. Гокул чун одати бетелро бо тамоку омехтан надошт, онро рад кард. Бевазан табассумкунон ба даҳонаш каме тамоку партофта гуфт:

– Аз он замоне, ки мани бадбахт бева мондам, аз ҳамаи лаззот даст кашидам. Фақат ҳаминро ба худ манъ накардам, ҷаноб!

Ӯ табассум намуду барои туф кардан сар аз тирезаи вагон берун кард.

Ҳамин тавр сӯҳбат гарм шуд. Гуфтугӯ тӯлонӣ буд. Ва бевазан ҳамаи сиру асрори Гокулро дониста гирифт. Ҷавонмард чизеро пинҳон накарда, ҳамаи зиндагии хешро ба ӯ нақл кард. Ӯ чизеро пинҳон надошт, чунки ҳоҷати пинҳон кардани чизеро эҳсос намекард. Бевазан гӯё ӯро ҷоду карда буд! Зани кӯҳансол дарди дили ҷавонмардро то охир шунида гуфт:

– Шумо гуфтед, ки аз нав хонадор шуданӣ ҳастед. Магар кадом духтареро зери чашм кардаед?

– Ҳанӯз не.

Бевазан аз нав ба даҳанаш бетел ва каме тамоку андохта, изҳор кард:

– Гӯш кунед, ҷаноб, ман бо шумо кушоду равшан сӯҳбат мекунам, ман як духтари яккаву ягона дорам. Ман баъди ба дунё омадани ӯ зуд бева мондам ва домоде меҷӯям, ки ба ман маъқул бошад. Шумо шахси бисёр муносиб ҳастед ва дарҳол ба ман писанд омадед. Духтараки ман хубиҳои зиёде дорад.Агар шумо розӣ бошед, он гоҳ ...

Гокул инро ҳеҷ интизор набуд. Ӯ ҳатто намедонист чӣ ҷавоб гӯяд.

– Аввал Ушаро бубинед! Ва агар ӯ ба шумо маъқул шавад…

– Вале ман зан дорам, – шармгинона эътироз кард Гокул.– Ва шояд духтари шумо аз ин хабардор шуда, розӣ нашавад.

– Яъне, Уша ба ман муқобил мебарояд? Ӯ аз ин гуна духтарон нест. Ман ӯро хононда, маълумоти хуб додам, мусиқию суруд – ҳама чизро омӯхтам, вале ҳеҷ гоҳ намегузорам, мисли духтарони ин замона гапнодаро бошад. Хайр чӣ, агар шумо зан доред? Шумо қарор додаед, ки зани дигар мегиред ва албатта, аз ӯ ҷудо хоҳед шуд – ҳамин хел не?

Ин фикри оқилона буд

– Дар ин сурат чӣ фарқ дорад, ки шумо зан доред ё не? Хуб, чӣ мегӯед?

Ҳамааш дуруст буд.

## 6

Намуди зоҳирии Уша тамоман ба номи ӯ мувофиқат надошт. Духтар на ба шафақи нозуки субҳгоҳӣ, балки ба нисфирӯзии сӯзон шабоҳат дошт. Ӯ мисли ҷилои заррини офтоби сӯзон чашмхиракунанда буд. Чашмон, чеҳра, роҳгардӣ, тарзи гуфтор, табассум, дуз-

дида нигоҳ карданаш, мисли дурахши барқ чашмро мебурд. Гокул ҳаргиз ин гуна навозиши ҳайратангези қисмати аввали рагии «Гаурасаранга»–и алапҳоро тавассути ситор нашунида буд. Ӯ ҳатто тасаввур карда ҳам наметавонист, ки дар ҳунари навозиши ситор ин гуна камолот ба даст овардан мумкин аст.

Ва ҷавонмард сари калобаашро гум кард.

## 7

Барои ба арӯсӣ омодагӣ дидан як моҳ лозим буд. Бевазан бо духтараш ба хонае, ки дар назди ҳавлии Нонди иҷора гирифта буд, кӯчида бо падару модари ҷавонмард гуфтушунид мекард. Модари Гокул, ки мафтуни Уша гашт, аз шодӣ худро гум карда буд. Падари Гокул ҳам аз ҳаҷми ҷиҳози арӯс огоҳӣ ёфта, чун мум об шуда буд. Баъди арӯсӣ оилаи онҳо бояд соҳиби даҳ ҳазор рупияи нақд, ҷавоҳироти бешумор ва мулки на чандон калон мегардид! Мегуфтанд, ки модари Уша ба кадом ҳодисаи ногуворе даст дошта буд ва ба шавҳар додани духтараш барои ӯ чандон осон набуд. Вале ин ҳолат Нокул Нондиро ба ташвиш намеовард. На танҳо худи ӯ ба ин овозаҳо аҳамият намедод, балки сахт мекӯшид, ки барои он ки кори арӯсӣ хароб нашавад, касе дар хона аз онҳо огоҳӣ наёбад. Ҳамаи мо дар ҷавонӣ қадами хато ниҳодаем! Мағзро бо чизҳои беҳуда пур кардан маънӣ надорад – ин буд ақидаи ӯ. Уша фақат як шарт монд, ки ҳам Гокул, ҳам волидонаш ва ҳам хешу табораш ба он розӣ шуданд. Баъди арӯсӣ Тилоттома, тамоман ба хонаи падараш баргардад.

## 8

Нисфи шаб буд.

Гокул танҳо дар бистар мехобид, вале хобаш намебурд. Фардо субҳ модари Уша, бояд барои ӯ маросими фотиҳа барпо кунад. Вале чаро Тилоттома ҳанӯз дар хонаи хоб пайдо намешуд? Дар хона чӣ воқеаҳое ба вуқӯъ мепайвасту ӯ дар ин бора боре ҳатто ҳарфе ба забон намеовард. Мувофиқи оин бояд аз ӯ барои арӯсӣ иҷоза пурсад. Одатан, Тилу ҳамаи корҳои сиёҳи хонаро анҷом дода, дер хоб мекарду пеш аз дамидани субҳ бармехост. Ӯро вохӯрдан мушкил буд. Дар давоми бист-бисту панҷ рӯзи охир ба Гокул муяссар нагардид, ки боре бо занаш ба танҳоӣ сӯҳбат кунад. Воқеаҳои дар пеш истодаро ҳамин тариқ онҳо муҳокима накарданд. Вале ба ӯ зарур буд, ки бо ӯ гуфтугӯ кунад! Ва Гокул омадани Тилуро интизор шуд.

Ногаҳон ӯ бедор шуд. Ва дид, ки занаш оҳиста аз бистар бармехезад. Аллакай равшан шуда буд.

– Исто, гӯш кун!

– Ягон воқеа рӯй дод?

– Ту огоҳ ҳастӣ, ки имрӯз маросими фотиҳа додан аст?

– Бале.

– Ту муқобил нестӣ?

– Не.

– Онҳо исрор доранд,ки баъди арӯсӣ ту ба хонаи падарат баргардӣ, ту дар ин бора шунидаӣ?

– Шунидаам. Ҳеҷ қисса не, ман меравам. Вале агар шумо лутф карда, гоҳ–гоҳ маро хабар мегирифтед, ман хушбахт мебудам. Ман бояд равам, кори зиёд дорам.

Ва ӯ рафт.

Гокул сахт ба андеша рафта, боз муддате дароз кашид. Баъд ӯ бархоста, дар болои бистар нишаст, сипас аз ҷояш хеста, ба назди тиреза омаду дид, ки Тилоттома дар назди тӯдаи хокистар ба зону нишаста, зарфҳоро тоза мекунад.

## 9

Субҳ, модари Уша омад ва бо худ ҳамаи он чизеро, ки оини фотиҳа додан ба домод мехоҳад, овард – ӯ мехост маъракаро ҳарчи пурдабдаба гузаронад. Ба гулчанбари бузург ишора карда, бевазан бо табассум гуфт, ки Уша барои он ки гулчанбарро бо дастони худ бофад, тамоми шаб нахуфт.

Гокул аз рӯи оин шустушӯ кард, дар пеши пои ӯ қолинчаи чоркунҷа андохтанд. Ӯ гулчанбарро ба гарданаш андохта, ба рӯи қолин акнун нишастанӣ буд, ки модараш хитоб кард:

– Кӣ асбоби мусиқиро менавозад? Дар лаби ман табхол баромадааст! Арӯс, ту куҷо шудӣ? Асбобро гиру навоз!

Тилоттома асбоби мусиқӣ дар даст, хиҷолат кашида, дар назди дар истод. Бо садои нахустини асбоби мусиқӣ, гӯё аз нӯги панҷаҳои по то фарқи сари Гокулро барқ зад. Гӯё раъд ғурриду бедор шуд.

– Маро бубахшед! – хитоб кард Гокул. – Ман наметавонам…

Ӯ ҳамели гулро аз гарданаш канду давида аз зинаҳо боло баромад.

* * *

***ГОДАБОРИС МОҲАПАТРА** (1889-1965) – носир ва шоир, асарҳояшро ба забони орӣ навиштааст. Сараввал бунёдгузор, сипас солҳои тӯлонӣ ношири маҷаллаи «Нианкҳунта» буд, пайваста тамаддуни ориссиро тарғиб мекард. Соли 1966, баъд аз марг ба мукофоти Пажӯҳишгоҳи адабии Ҳиндустон мушарраф гардидааст.*

## ЧУМЧА

Ҳар вақте муяссарам шавад, ки ба ин шаҳр биёям, ман ҳамеша ба ҳамон як чойхона медароям. Одамон, шояд, аз дидани ман барин шахси мӯътабар дар ин чойхонаи назарногир тааҷҷуб мекарданд. Шиносҳои ман, ба ҳар ҳол, маро дар назди ин чойхона дида, худро ба кӯчаи дигар мезаданд. Вале ман ба ин чойхона рафтанро идома медодам.

Шаҳрак ба дигар шаҳрҳои начандон калони Орисса шабоҳат дошт. Бинои суди вилоятӣ, идораи пулис, почта ва чанд дӯкони савдо.Гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи ҷойҳои ҷолиби диққати шаҳрак, ҳамин аст.Сокинони таҳҷоии шаҳрак камшуморанд. Дар ин мавзеъ рӯдҳои кӯҳие мавҷуданд, ки танҳо баъд аз боридани борон сероб мешаванд, то ки ба зудӣ боз бихушканд. Шаҳрак ҳам шабеҳи онҳост. Субҳгоҳон анбӯҳи зиёди одамон – касе бо поезд, касе бо автобус ба шаҳр меоянд, вале баъди хатм ёфтани рӯзи кор он қариб беодам мемонад.

Чойхонае, ки ман ба он барои як пиёла чой нӯшидан медароям, одатан холист. Дар миёнҷои он миз ва курсиҳои фарсудае истодаанд, ки қариб ним аср умр доранд. Будан ё набудани дар аҳамияте надошт. Фаршаш аз хок, деворҳо ва сақфи он пурсӯрох буд: хоҳ ба кӯча нигарӣ, хоҳ ба осмон. Ҳам нурҳои офтоб ва ҳам қатраҳои борон аз онҳо бемалол мегузаранд.

Ба назар чунин мерасид, ки мӯйсафед, соҳиби чойхона, аз ин бинои фарсуда ҳам, фарсудатар буд. Ҳар муштариро ӯ бо хурсандии зиёд пешвоз мегирифт. Дарҳол латтаро гирифта ба тоза кардани мизу курсиҳо мепардохт, ҳарчанд дар рӯи онҳо гарде набуд. Баъд бо қадамҳои реза ба назди оташдон мерафту агар он сард бошад, оташ дармегиронд.

Ҳар саҳар мӯйсафед рӯзномаи нав мехараду дирӯзаашро ба оташдон, барои сӯхтан мепартояд. Ӯ ба чойнак об рехта, бо даҳони бедандонаш шаф–шафкунон мегӯяд:

– Ҳоло касе аз ӯҳдаи чои хуб дам кардан намебарояд. Обро

ҷӯшону ба ӯ баргҳои чойро андоз, ана ҳамаи он чизе, ки барои омода кардани чой зарур аст, ин аст андешаи одамон. Вале ин кори на чандон осон аст. Донистан зарур аст, ки обро чанд дақиқа бояд ҷӯшонд, чӣ қадар чой андохтан ва чанд чумча шир илова карданро ҳам бояд донист…

Шахси омада ба ӯ гӯш медиҳад ё не, ҳеҷ аҳамияте надорад, мӯйсафед хоҳу нохоҳ ба ғур–ғури худ идома медиҳад. Ҳар нафаре, ки ба чойдамкунии ӯ зеҳн монад, ба тааҷҷуб меафтад. Мӯйсафед, гӯё ин як чизи муқаррарӣ бошад, ба стакан на як–ду, балки панҷ–шаш чумча шакар меандозад. Ба андешае меафтанд, ки ӯ ҳатман ноқисулақл аст ё ҳатман пули онро дучанд хоҳад рӯёнд. Вале ин андеша ноҷост. Ӯ микдори шакарро аниқ ҳисоб мекунад. Чой ҳам ҳеҷ аз ҳад зиёд ширин намешавад. Ин муаммо шарҳи одӣ дорад. Ман боре чумчаеро, ки ӯ бо он қанд мегирифт, аз назар гузаронидам. Онро чумча номидан ҳам ҷоиз набуд. Аз чумча танҳо дастааш боқӣ монда буд, канораҳои он то ба ҳадде хӯрда шуда буд, ки бо он танҳо камакак шакар гирифтан мумкин буду халос.

– Ту ин қадар чоятро таъриф мекунӣ, – гуфтам боре ба пирамард, – вале чаро одамон ба ин ҷо намеоянд?

Мӯйсафед ин ҳангом дар назди оташдон саргарми чойҷӯшонӣ буд. Саволи маро шунида сар бардошту ба ман нигоҳ кард. Маълум буд, ки ман дилашро озурда кардаам.

– Ана барои ҳамин чумча, онҳо ба ин ҷо намеоянд, – ғур–ғур кард ӯ. Чумчаи дарозкардаи ӯро бо диққат зеҳн монда дидам, ки ҳатто дастааш ҳам аз даст задани мӯйсафед хӯрда шудааст.

– Ӯ ба ин чӣ нисбат дорад? – тааҷҷуб кардам ман.

Пирамард ба сари миз нишасту чашмонашро пӯшида, қиссаашро оғоз кард.

– Ин чумчаро, ман муддати зиёде шуд, ки харидаам. Чил сол пеш. Ва медонед барои чӣ? Барои он ки ба зани беморам дору хӯронам. Духтур гуфт, ки ман доруи моеъро бо чумчаи хурд андоза кунам. Он вақт ман барои харидани ин шаш пайса…

Пирамард хомӯш монд. «Ӯ ба гумонам ақлашро гум кардааст, – фикр кардам ман. – Вале, шояд дар қиссаи ӯ маънии барои ман номафҳуме нуҳуфтааст?..»

– Хайр баъд чӣ? –гуфтам ман.

Мӯйсафед чашмонашро калон кушода, ба ман нигоҳи тиҳӣ ва сатҳие кард.

– Шумо донистан мехоҳед, ки баъд чӣ шуд? Хуб, ман ба шумо мегӯям. Вале аввал мехоҳам чанд сухан дар бораи занам гӯям. Ман ӯро беандоза дӯст медоштам. Ӯ мисли боди баҳор меҳрубону наво-

зишкор, чун барги гули нилуфар нозук ва шабеҳи гули садбарг зебо буд. Вале баъди даҳ моҳи арӯсӣ бемор шуд. Ман бо ин чумчаяк ба ӯ доруи моеъ медодам, вале, бо вуҷуди ин, ӯ фавтид.Дар тӯли чанд ҳафта ҷаҳонро падруд гуфт.

Пирамард намегирист, вале чунон бечораву оҷиз менамуд, ки ман беихтиёр нигоҳамро гурезонидам. Ӯ ба назди оташдон рафту идома дод:

– Баъди фавти ӯ ман ин чойхонаро кушодам. Он вакт ин ҷо мардуми зиёде гирд меомад. Бо мурури замон чумча хӯрдаву хурд шуд, вале ман ҳама вақт мувофиқи меъёр қанд меандохтам. Ба муштариён чунин менамуд, ки ман онҳоро фиреб мекунам ва талаб мекарданд, ки чумчаи нав харам. Вале ман чӣ гуна ин корро кунам?... Охир ман ин чумчаро ба лабони ӯ бурдаам.

Ман фаҳмидам, ки дар қалби пирамарди фарсуда, ки чашмони камнур ва пӯсти пурожанг дорад, ҳанӯз ҳам ёди он зане, ки чил сол пеш фавтидааст, зинда аст.

Ӯ стаканро ба ман дароз кард. Чои омодакардаи ӯ сард шуда буд. Ӯ андохтани қандро ҳам фаромӯш карда буд. Вале ман онро бо қиёфае мехӯрдам, ки гӯё ҳаргиз чизи аз он бамаззае нахӯрда будам.

– Рост мегӯӣ,– гуфтам ман.– Касе мисли ту ин гуна чои хубро омода карда наметавонад.

Ана аз ҳамон вақт, ман ҳар боре ба ин шаҳрак сафар кунам, албатта, ба ин чойхона, ба назди ин мӯйсафед медароям. Ва дигар аз ӯ пурсон намешавам, ки чаро муштариёни ӯ камшуморанд…

* * *

***ҶАЙШАНКАР ПРАСАД*** *(1889 – 1937) – шоир ва носир, асарҳояшро ба забони ҳиндӣ навиштааст. Яке аз бунёдгузорони сабки «чхаявада» дар шеъри ҳиндӣ. Муаллифи чандин маҷмӯаи ашъор, ҳикоя ва мақолаҳои интиқодӣ.*

## МАДҲУА

– Чӣ мегӯед, соҳиб! Рӯзи ҳафтум аст, ки ман шаробро ҳатто бӯ накардаам, нӯшиданаш–ку як тараф монад. Не–не! Рӯзи ҳафтум аст…

– Дурӯғ мегӯӣ. Аз ту бӯи май меояд.

– Охир ин тамоман воқеаи дигар аст, соҳиб… Дар ёдам нест, чанд рӯз пеш дар бурҷи торик аз шиша барои худам шароб мерех-

там ва медонед, ҳамааш ба либосам рехт. Камаки онро, ки дар тагаш боқӣ монда буд, нӯшида ҳатто маст нашудам. Чӣ гӯям дигар? Худо шоҳид аст, ки як ҳафта боз, қатрае ба даҳон нагирифтаам. Ҳатто шунидани ин ногувор аст…

Мулкдор Сардор Сингҳ хандид. Писари ӯ дар Лакҳнав таҳсил мекард ва падар сари чанд вақт ӯро хабаргирӣ меомад. Соҳиб дӯстдори шунидани қиссаҳои гуногуни ҷолиб буду бо ин марди майзадаи хушсӯҳбат, ки омода буд дар ҳар вақту соат биёяду ӯро бо қиссаҳои худ саргарм кунад, тасодуфан дар Лакҳнав вохӯрда буд.

– Имрӯз нӯшиданӣ ҳастӣ? – хандида пурсид мулкдор.

– Чаро дурӯғ гӯям? Бале, менӯшам. Чӣ қадар ҳаққи хидматамро диҳед, ҳамаашро менӯшам. Чӣ, магар муфт ин қадар тоқат кардам.

– Тамоми ҳафта нимгурусна зиндагӣ кардиву боз дар бораи шаробнӯшӣ фикр мекунӣ. Агар як бор серӣ хӯрок хӯрӣ, бароят беҳтар нест. Ана ин дар ҳақиқат…

– Як соати хушиву хурсандӣ аз зиндагии тӯлонии дилбазан беҳтар аст. Камакак менӯшиву ҳис мекунӣ, ки ғами дилат сабук гаштааст, ҳамаи бадбахтиҳо беарзиш менамоянд.

– Хайр, ихтиёрат. Бигӯ, куҷо будӣ, чӣ кардӣ?

– Ман? Чӣ бояд кунам? Аз пагоҳӣ ҳаво гирифта буд. Хуршед дар абрҳо печида буду ман дар ҷойпӯши даридаи худ. Ҳамин тариқ, мо ҳарду пинҳон шуда, табъи хира доштем.

– Барои чӣ? – ба тасаввури шоиронаи майзада қоил шуда, хандакунон гуфт мулкдор.

– Охир ман гуфтам–ку: дар тӯли ҳафт рӯз қатрае бахри нӯшидан наёфтам. Ба дунёи равшан, ҳатто, назар кардан диламро беҳузур мекард. Нисфирӯзӣ ҳаво соф шуду офтоб баромад ва фақат ҳамон лаҳза ман ҳам хоҳу ноҳоҳ бархостам. Дасту рӯямро нимкора шустаму чун ба ёдам омад, ки барои субҳона ҷуз нахӯди хушк чизе нест, тамоман мадорам намонд, ҳатто дандонҳоям ба дард даромаданд. Ба дӯкон рафта нишастаму нахӯд хоида гарм шудам. Баъд ба соҳили Гомти рафтам. То ин тарафу он тараф рафтам – торик шуду борон гирифт. Ва давон ба назди шумо омадам.

– Гӯш кун, ту боре ба ман дар бораи духтари подабон қисса карда будӣ, ки наввоб Асаф–уд–давла ба ҷои ҷуворибирён ба сараш як доман марорид пошида буд. Ин бофтаи ту буд ё ҳақиқат дорад?

– Бешубҳа рост аст, соҳиб! Духтари бечора сахт гушна монда, хӯрдан мехост. Ӯ кӯшиши хоидани марворидро кард, аммо охир онро хӯрда намешавад. Туф карду ба гиристан оғоз кард. Бале…

Одамони доро таҳқири заифонро дӯст медоранд. Мегӯянд, ки Рамчандра ҳам Хануманро…

Мулкдор қариб буд аз ханда ғел занад.

– Оҳ, маро куштӣ, – базӯр гуфт ӯ, ашкашро поккунон. – Аҷаб духтари бефаҳм! Гадо –гадо мемонаду вале одами бузург бошад, дар ҳама ҷода бузург аст. Ӯ шояд, марворидро ҳаргиз надида буд, ки ба хоидани ӯ шурӯъ кард… Медонӣ, қиссаҳои дигари ту одамро ғамгин мекунанд, онҳо ким–чӣ хел андӯҳоваранд, дар бораи овварагардии шоҳзодаҳо, дар бораи муҳаббати нокоми соҳибҷамолон аз ҳарами Рани Маҳал. Имрӯз ҳам ягон чизи хандаовар, мисли саргузашти ин духтари подабон қисса кун, ман бошам, мефармоям ба ту шароби хуб биёранд.

– Дар ёди ман, соҳиб, танҳо ривоятҳо дар бораи давრони заррини наввобҳо, маъракаву дилхушиҳои онҳо, дар бораи шаҳзодаҳо ва ҳамхобаҳои соҳибҷамоли онҳо мондааст.Вақте ранҷу азоби онҳоро ба ёд меорам, гирям меояд… Бале, сарватмандон ҳам гадо мешаванд. Шӯҳрати бузургон ба хок яксон мегардад… Гӯё тамоми дунё аз ақл бегона шудааст. Ман ҳам барои он менӯшам, ки ин девонагиро набинам… Оҳ, ҷаноб! Агар ин гуна намебуд, магар ман шаробӣ мешудам!

Мулкдорро ғанаб бурд. Лахчаҳо дар оташдон суп–сурх шуда месӯхтанд. Майзада дастони сармобурдаашро ба сӯи онҳо дароз кард.

– Бас аст, бирав, – фармуд мулкдор бедор шуда. – Намедонам аз чӣ бошад хобидан мехоҳам. Ана дар он ҷо як рупия аст, метавонӣ гирӣ. Ва Лаллуро ба ин ҷо фирист.

Майзада рупияро гирифта, оҳиста берун шуда, ба тарафи кулбаи посбон равон шуд. Аз он ҷо садои гиряи кӯдак меомад. Майзада бозистоду гӯш андохт.

– Чаро гиря мекунӣ? Ҳеҷ боке не, агар соҳиби ҷавон туро як–ду мушт зада бошад! Накуштааст–ку, – шунида шуд садои дағали Лаллу.

Гиря баландтар шуд.

– Худи ҳозир рафта бихоб, Мадҳуа! – пурхашмона дод зад Лаллу.–Нӯла кашидану тазоҳурро бас кун, вагарна, худам пӯсти туро меканам,фаҳмидӣ?

Вале писарак боз ҳам баландтар мегирист.

– Доду фарёдро бас кун, нобакор! Гум шав аз ин ҷо! Ё мехоҳӣ туро нағзакак шаттакорӣ кунам? – ба гӯш мерасид аз кулба.

Дар кушода шуду дар остона писараки тарсида намудор шуд. Ба

рухсораҳои зебои сафедаш ашк мешорид. Майзада ашкҳои писаракро меҳрубонона пок карду аз дасташ гирифта, аз дарвоза берун бурд.

Соат даҳ шуда буд. Бисёр сард буд. Ҳарду хомӯшона дар кӯча қадам мезаданд. Дили соддаи писарак аз ин ҳамдардии хомӯшона қонеъ гардид, магар ки гиристанро бас кард. Вале, вақте ки онҳо ба яке аз тангкӯчаҳои камбар ворид шуданд, писарак аз нав ба гиря даромад.

– Ҳоло барои чӣ гиря мекунӣ? –ранҷидаомез гуфт майзада.

– Ман тамоми рӯз чизе нахӯрдаам.

– Чизе нахӯрдаӣ! Дар хонаи ин гуна шахси сарватманд зиндагӣ мекуниву наход тамоми рӯз барои хӯрдан ба ту чизе надоданд?

– Ман ҳам ҳаминро ба дарвозабон гуфтанӣ будам…Ҳар рӯз мезананду хӯрок намедиҳанд.Вақте соҳиби ҷавон бозӣ мекард, ман то анҷоми он болопӯшашро бардошта истодам. Соати ҳафт баргаштем ва ман боз то соати нӯҳ ҳамроҳи ҷаноб будам. Барои хӯрдан чизе нест. Рафтам то ба дарбон бигӯям,ки…

Писарак аз нав гирист, чун дилаш ба ҳоли худаш месӯхт.

Майзада дасти ӯро гирифта, ҳамроҳи худаш бурд. Дари яке аз кулбаҳоро кушода, писаракро ба он тела карду худаш аз пушташ даромад. Даст–дасткунон пилтачароғи гилинро ёфту гӯгирд зада, онро даргиронд. Баъд зери кӯрпаи даридаашро кофта, аз он ҷо пораи нонеро баровард.

– Инро хӯрдан гир, – гуфт ӯ ба писарак, – ман рафта боз ягон чиз харида биёрам, ба гумонам шикамат туро дар азоб мондааст? Э мон, гиря накун, шунидӣ, набошад туро лат мекунам. Ман гиря карданро дӯст намедорам. Бас кун, шайтон, гиряи ту хубӣ надорад…

Рупияро дар мушташ фишурда, майзада аз хона берун рафт. «Ним шиша шароб дувоздаҳ ан мешавад, дар чор ани боқимонда гӯшту самбӯса мехарам…» – бо аъсоби хароб меандешид ӯ. – Не ин хел намешавад. Бояд дар ҳамаи чор ан гӯшт харид. Писарак чӣ? Ӯро ҳам бо ягон чиз сер кардан лозим аст. Вале ман аз куҷо донам бо чӣ? Ва ӯ чӣ қадар мехӯрда бошад? Ана дарди сар! Пештар ба ман дар бораи дигарон фикр кардан даркор набуд… Пас, пеш аз ҳама ним шиша… баъд…

Ин ҳангом рӯшноии сахте ба чашмонаш тофт ва ӯ дар рӯ ба рӯи худ витринаи дӯкони қаннодиро дид. Дар як лаҳза ӯ нақшаҳои кашидаи худро фаромӯш карду ба ҳамаи пули буда шириниҳои гуногун хариду дав– давон ба хона рафт. Ба кулба даромада, пирамард

харидаҳои худро дар назди писарак паҳн кард. Бо дидани хӯрданиҳо оби даҳонаш рафт. Ӯ табассум кард.

– Бигӯ, хурсанд шудӣ, шайтонак! Ҳис мекунӣ, чӣ гуна бӯи хуш дорад? – ғур–ғур мекард майзада, обро ба кӯза рехта. – Ана, акнун ҳар қадар хоҳӣ, бихӯр. Вале агар гиря кунӣ, мезанам, дониста бигир.

Мисли дӯстони қадимие, ки баъди ҷудоии дуру дароз бо ҳам вохӯрдаанд, онҳо паҳлӯи ҳам нишаста, аз ҳад зиёд хӯрок хӯрданд. Ҳангоми хобидан писарак ба палтои кӯҳнаи майзада печид, чунки кулба намнок буд. Пирамард то хобаш бурдани ӯ интизор шуду сипас ба зери кӯрпаи худ даромад.

– Дигар чӣ мегӯӣ, – ғур–ғуркунон аз паҳлӯ ба паҳлӯ гашт ӯ. – Гумон кардам, аққалан, имрӯз дилам хурсанд мешавад. Аз куҷо ин чӯҷаи нӯлзарди гирён пайдо шуд?

Субҳидам майзада аз хоб бедор шуду кулбаи фақиронаи худро аз назар гузаронд ва ба писарак, ки дасту пойҳояшро ғунча карда оромона мехобид, нигоҳ карда ба андеша рафт. «Барои чӣ дунёро ин гуна офаридаанд? – бо дард мепурсид аз худ. – Ба ин гуна чӯҷаҳои беҳимоят аз чӣ рӯ ин гуна тақдир насиб мегардад? Акнун ман бо ӯ чӣ кор кунам? Ана акнун ҳамааш ранги дигар гирифт. Охир, агар ман ӯро бо худ нигоҳ дорам, ман гӯё сарвари оила мешавам. Аз ин мебарояд, ки ман акнун одами оиладорам? Ҳеҷ интизор набудам! То ҳол ман фақат як ғам доштам – чӣ гуна шишаи май ба даст орам. Ва чӣ маро маҷбур кард, ки ин дарди сарро бо худ бигирам. Гӯё ин писарак маро ҷоду карда бошад. Акнун чӣ чора кунам? Зарур аст, кор пайдо кунам. На, ба ҳар ҳол ман ду нафарро хӯронда наметавонам. Бедор, ки шуд, ӯро пеш мекунам – тамому вассалом».

Писарак хамёза кашиду бархоста дар бистараш нишаст.

– Бархез, аз хӯроки дирӯз баъзе чизҳо мондааст, – гуфт мӯйсафед. – бихӯру бирав, худо ёрат. Номат чист?

– Мадҳуа – гуфт писарак бо табассуми содадилона. – Чӣ хел дасту рӯ нашуста, хӯрок хӯрам? Ва ман куҷо ҳам равам?

«Аҷабо, чӣ гуна ба ӯ гӯям, ки дафъ шавад? Ҳамин хел рӯирост мегӯям, ки чор тарафат қибла! Хоҳӣ ба дӯзах рав! Вале, ӯ бе ҳамин ҳам дар дӯзах зистааст. Чӣ кор кунам?» Пирамард ҳамин гуна андешакунон ҷониби дар равона шуд.

«Бигузор дар кулбаи ман танҳо зиндагӣ кунад, ман ба ин ҷо дубора по намегузорам» – банохост ба ин қарор омад ӯ.

Ӯ ба кӯча баромада, оҳиста–оҳиста ба соҳили дарё роҳ гирифт

ва сахт андеша мекард, ки ба ҳар ҳол чӣ чора кунад, вале чорае наандешид.Ӯ шустушӯ карда дар соҳил нишаст ва ба ҷараёни босуръати дарёи Гомти чашм дӯхт. Пирамард худро дар офтоб хушконда, ба қабули қароре омода шуданӣ буд, ки якумрӣ аз ин ташвишҳо халос шавад, вале ногоҳ аз пушташ садое баланд шуд:

– Ту кучо гум шудӣ, хирадманд! Ӯро мекобаму мекобам, ӯ гӯё дар об ғарқ шуда бошад!

Пирамард як қад парида нигоҳ кард. Чеҳраи ҳамсӯҳбаташ ба ӯ шинос менамуд, вале ӯ ҳеҷ ба ёд оварда наметавонист, ки ӯро дар кучо дидааст.

– Ба ту … ба ту мегӯям! – идома дод мард. – Ту ба гумонам дар бораи чархи кордтезкуниат ҳатто фикр карданро фаромӯш кардаӣ. Дарди сарро гузоштиву рафтӣ. Ман чизу чораи худамро, намедонам, дар кучо ҷой кунам, ҳарчанд барои кулба ду рупия кироя медиҳам. Агар нагирӣ, бароварда ба кӯча мепартоям, фаҳмидӣ!

– Ин ту ҳастӣ, Рамҷи. Ман онро тамоман фаромӯш кардам, бародарҷон. Худи ҳамин рӯз мегирам, – ҷавоб дод пирамард.

«Аҷаб кори хубе шуд, – андешид ӯ, – чархро мефурӯшаму чанд рӯз нонпулӣ мекунем.» Вақте ки Рам–ҷи шустушӯро халос кард, ҳарду ба хонаи ӯ, ки начандон дур воқеъ буд, рафтанд.

– Бигир! Хайрият, ки ман аз ин халос шудам! – гуфт Рамҷи, чархро ба соҳибаш баргардонда.

Пирамард, ки дер боз дар китфаш чархро набардошта буд, онро базӯр кашолакунон то дари кулбааш кашида овард. Ӯ писаракро дар остона дида, базӯр нимғурма гуфт:

– Ту ягон чиз хӯрдӣ?

– Хӯрдам, хӯрдам. Барои ту ҳам мондам, – ҷавоб дод писарак бо табассуми ҳалим. Ба пирамард чунин намуд, ки табассуми ӯ кулбаи фақиронаро нур бахшид.

Ӯ хомӯшона ба хӯрдан шурӯъ кард. « Ин чизе ҷуз панҷаи тақдир нест! – фикр кард ӯ. – Аз нав дар ба дар гашта, корду қайчӣ тез мекунам. Барои ҳардуямон нони хӯрдан меёбам. Ҳунари пешинаро ба ёд овардан зарур аст. Албатта, агар писарак намебуд, ман ба қиссаву афсонагӯӣ рӯз мегузаронидам. Вале ҳоло бекор набояд шинам.»

– Акнун бигӯ, Мадҳуа, куҷо меравӣ? – пурсид мӯйсафед хӯрокашро фурӯ бурда.

– Ба ҳеҷ куҷо.

– Бубин–а. Ту фикр мекунӣ, ман дар ин ҷо хазинаи гӯркарда дорам? Ва аз он пул мегираму ба ту ширинӣ мехарам?

– Пас, кор кардан даркор аст.

– Вале ту кор мекунӣ?

– Фақат амр кун.

– Пас ба ту кори чархкаширо меомӯзам. Ин дастгоҳро ман барои ту овардам! Дар тамоми шаҳр мегардем, ҳар кучое рост ояд, зиндагӣ мекунем. Ту розӣ ҳастӣ, ки дар зери дарахт бихобӣ?

– Ман ба ғайр аз хонаи мулкдор, розӣ ҳастам дар ҳар кучо зиндагӣ кунам… – Дар чашмони Мадҳуа қатъият ҳувайдо буд.

– Аз кучо ин бало бар сари ман омад? – ғур–ғур кард зери бинӣ мӯйсафед. – Акнун дар бораи майнӯшӣ фикр кардан ҳам, ҳочат надорад. Ачаб ҳодисае!

Ӯ чизу чораи худро чамъ карду ҳамаашро дар бӯғчае баст.

– Чиро мебардорӣ? – пурсид ӯ аз писарак.

– Ҳар чизеро гӯед.

– Агар падарат фаҳмад, ки ту аз хонаи мулкдор гурехтаӣ?

– Ҳеч кас чизеро нахоҳад донист. Падари ман кайҳо фавтидааст. Рафтем.

Мӯйсафед бо тааччуб ба писарак нигоҳ карду дастгоҳи чархкаширо ба китф бардошт. Писарак бӯғчаро бардошту ҳар ду кулбаро тарк карданд.

* * *

***МАСТИ ВЕНКАТЕША АЁНГАР** (1891 – 1937) – яке аз симоҳои барчастаи адабиёти Ҳинд ба забони каннада, носир ва шоир. Муаллифи чандин романҳо ва мачмӯаҳои шеъру ҳикоя.*

## ЗАНИ ШИРФУРӮШ

Чандин сол пайи ҳам боз Мангамма ба мо панир меорад. Мо ҳам, мисли ҳамаи бошандагони шаҳр, ба ӯ ҳаққи хидматашро медиҳем. Дар маҳалҳои дигари шаҳр, ширфурӯшон ҳар рӯз панир оварда, пулашро дар охири моҳ мегиранд. Мо бошем, фавран, худи ҳамон рӯз медиҳем. Ин зан дар ба дар гашта, молашро пешкаш мекунад. Ӯ дар назди ҳавлии мо ҳам, зуд–зуд пайдо мешавад. Мо харид карда, пулашро агар зарур бошад, фавран, набошад рӯзи дигар медиҳем. Ӯ дар деҳае на чандон дур аз Авалюр зиндагӣ мекунад. Ман номи онро фаромӯш кардаам: Венкапур, ё кадом номи шабеҳи ҳамин. Ман Мангаммаро бо рӯи хуш истиқбол мекунам, аз ин хотир ӯ ба хонаи ман ҳам вақти ба шаҳр рафтан ва ҳам ҳангоми ба хона баргаштанаш медарояд. Мангамма дар рӯи ҳавлӣ менишинаду дар бораи ину он

қисса мекунад ва дар айни замон беором пан мехояду пеш аз он ки ба деҳааш равона шавад, дам мегирад. Агар вақт дошта бошад, ба ман дар бораи носозию ногувориҳои хонааш нақл мекунад. Мепурсад, ки кору бори ман чӣ гуна аст. Вале ман дар бораи кадом ногуворӣ ба ӯ қисса кунам? Шукри худо, ҳама кори ман хуб аст. Фақат ҳамин, ки баъзан пишак ҳамаи ширро мехӯрад, ё калламушҳо шабона бодирингҳоро мехоянд. Вақте ки ман ба ӯ дар ин бора нақл мекунам, ӯ оҳу воҳкунон ба пурсидан оғоз мекунад. Баъд ӯ ба гуфтори одатии худ мепардозад: «Вале мо, дирӯзакак…» Байни мо ва Мангамма шиносоии хуб барқарор гардида буд.

Боре як моҳ қабл, Мангамма аз рӯи одат омада пурсидан хост, ки панир лозим аст ё не. Ман дар хона будам. Писари хурдсоли ман ҷавоб дод: «Лозим аст! Лозим аст!» Писаракам ба пешвози ӯ рафта, дастаконашро дароз карда, такрор ба такрор мегуфт: «Бидеҳ! Бидеҳ!» Мангамма нишасту пораи панири намноки иштиҳооварро бароварда ба ӯ дод. «Ба модарат бигӯй, ки зудтар биёяд – хоҳиш кард Мангамма аз ӯ. – Ман шитоб дорам.» Ман берун баромадам.

– Аммайя, шумо ин қадар писари хуб доред. Тилло! Шумо худатон ҳам хуб ҳастеду писаратон ҳам хуб аст… Вале, аммайя аз ин чӣ суд? Ҳамаи онҳо вақти хурдсолӣ хуб ҳастанд, вале вақте ки бузург шуданд, ташвиши худро доранд. Ҳоло меҳрубонона «модарҷон, модарҷон» мегӯяду баъд ҳатто намепурсад, ки ту зиндаӣ ё мурда…

– Ба гумонам, бо ту кадом воқеае рӯй додааст, Мангамма. Наход писарат бо ту муносибати бад кунад?

– Ман чӣ сон аҳмақ будаам. Вақте ки дар дил умед мепарваридам… Шавҳарам маро тарк кард, писараш ҳам аз худаш беҳтар не.

–Чӣ мегӯӣ, Мангамма. Ман фикр мекардам ту бо шавҳарат хушбахт ҳастӣ.

– Аз куҷо, аммайя. Ман ҳеҷ гоҳ ғами сарии хубу қиматбаҳоро надоштам, то беҳтар ба чашм намоям ва зани дигаре, ки аз ман беҳтару зебо буд, ӯро аз ман кашида гирифт. Ман фикр мекардам, ки беҳтараш тоқат кунам, серҷоғ набошам. Ман ба ӯ ҳама чизро иҷозат додам: бигзор донад, ки хона ва зан дорад ва ҳар вақте хоҳад омада метавонад… Ва ман магар ҷуръати шиква дорам, аммайя. Охир ширу панир фурӯхтан мумкин нест – ин «амрита» аст. Вале мани гунаҳкор фурӯхтам ва акнун ҷазои ин кирдорамро мебинам. Шавҳарам маро тарк кард. Шояд тақдирам чунин бошад… Ҳушёр бош, эҳтиёт кун, аммайя. Вақти омадани шавҳарат сарии

зебо ба тан кун. Оҳ, ин мардҳо чӣ қадар бевафоянд. Онҳоро бо сари ва ё нимкуртаи хуб ба дом овардан даркор. Барои ороиши мӯят гул бихар, атр бигир, ҳам корро кун, то ӯро ба худ ҷалб намоӣ.

Ӯ ба сарии ман сар–сарӣ нигаристу сар ҷунбонд.

– Вақте ки дар хона танҳоӣ ва дар ошхона пухтупаз мекунӣ, ин хуб аст. Вале бегоҳӣ онро иваз кун. Ягон чизи дигар пӯш.

Ман табассум кардам. Ӯ ҳарфи ҳақ мезад. Мутаассифона, ӯ азияти зиёде кашида буд, то ин ҳикматро биёмӯзад.

– Рост мегӯӣ, Мангамма, – гуфтам ба ӯ.

– Медонӣ, аммайя, чӣ гуна шавҳарро бояд нигоҳ дошт? Агар касе ба ӯ ягон алаф ё бехрешаро маслиҳат диҳад, гӯш надеҳ. Онҳо фақат барои гулхани ҷаноза ба кор мераванд. Ин чор аҳкомро дар хотир дошта бош: ҳар қадар мушкил бошад ҳам, ҳамеша барои шавҳарат хӯрокҳои болаззат омода кун; либоси хуб бипӯш, то ҳамеша ҷолиб бошӣ ва табассум карданро фаромӯш накун. Аз дӯкони баққол мохе як бор ҳар чӣ мехоҳӣ, бигир ва ба ҷони шавҳарат барои харидани ину он нарас; каме пул дар ягон ҷо пинҳон кун ва ҳар вақте ки пурсад, ба ӯ як–ду рупия бидеҳ. Ана ба ту, ҳамаи алафу бехрешаҳо. Ва шавҳари ин гуна зан мисли саг вафодор хоҳад монд. Инро аз ёд, ки баровардӣ, ӯ ҳам ба оворагардӣ оғоз мекунад.

«Ана ӯ чӣ гуна зани хирадманд аст» – баъди гуселонидани ӯ фикр кардам ман.

Баъд аз ду ҳафта, боре саҳарӣ омад ва ранг дар рӯяш намонда буд.

– Чӣ шуд, Мангамма? – пурсидам ман.

– Ҳеҷ, аммайя. Аз нақл кардани ман суде нест, – гуфт ӯ, чашмонашро бо гӯшаи сари пок карда. – Ба ҳеҷ кас дар дунё лозим нестам.

– Чӣ воқеа шуд? Бо писарат ҷанҷол кардӣ?

– Сахт ҷанҷол кардам. Ман ба ту гуфта будам, ки наберае дорам, ҳоло тамоман хурд. Ӯ чӣ номаъқулие карду модараш ӯро лат кард. Ман тоқат накарда ба ӯ дод задам: «Эй ту муфтхӯр, ба кӯдак мисли ракшаси ҳамла мекунӣ!» Ӯ ба тарафи ман баргашту маро ҳақоратҳои қабеҳ дод, беҳаё. «Ту маро, модари шавҳаратро дашном медиҳӣ, бешарм!?!– гуфтам ман. Ҳоло ист, бигзор писарам ба хона баргардад, бо ту гуфтугӯ хоҳад кард, бешарм!»

Ҳамин ки писарам омад, фавран наздаш рафта, воқеаи рӯйдодаро нақл кардам. «Ӯ тифлаки бечораро бераҳмона мезанад, –гуфтам ман, – ва чун ман ба ҳимояти ӯ кӯшиш кардам, ӯ бешар-

мона маро ҳақоратборон кард. Шояд ту ба ӯ ақл меомӯзӣ?» – «Бале, ба ман таълим деҳ, – ҷавоб дод он маккора. – Ман ҳақ надорам, ки кӯдаки худамро танбеҳ диҳам. Магар чӣ гунае ки шумо писари худатонро зоидаед, ӯро таваллуд накардаам.»

Албатта, ӯ занаш асту ман ҳамааш шуда, як модари бадбахт. Ӯ ҳар вақте ки хоҳад, маро дашном карда метавонад, аммо ман бояд хомӯш бошам. «Дуруст аст модар, вале ин дар ҳақиқат фарзанди ӯст. Барои чӣ ту дахолат мекунӣ. Ба касе танбеҳ доданӣ бошӣ, ана ман – маро танбеҳ бидеҳ. –«Аз ин хулосае бармеояд, ки ман ноҳақ ҳастам?» – «Ман намедонам кӣ ҳақ асту кӣ ноҳақ. Вале ӯро аз ҳуқуки танбеҳ додани кӯдакаш маҳрум кардан даркор нест.» – «Хуб, ҳамааш маълум шуд, ту тамоман фармонбардори занат ҳастӣ. Ӯ метавонад кӯдакро лату кӯб намояд, маро дашном диҳад – ба ақидаи ту ҳамин хел буданаш зарур аст. Фардо ӯ ба ту мефармояд, ки маро аз дар берун биронӣ, пас ту ба ӯ итоат хоҳӣ кард.» – «Хуб модар, ту ба ман чӣ пешниҳод мекунӣ? Мисол гирем, ту мегӯӣ, ки то зани ман дар ин хона аст, ту дар ин ҷо зиндагӣ нахоҳӣ кард, ба фикрат, то он вақте ки ту ин ҷо зиндагӣ мекунӣ, ӯ бояд дар ин хона намонад. Ман бояд интихоб кунам… Охир ӯ як зани муштипар аст…» – «Магар ман муштипар нестам? Кӣ бояд маро нигоҳубин кунад?» – «Албатта, вале ту пул пасандоз кардаӣ, гову гусола дорӣ, он қадар сахт ба ман эҳтиёҷ надорӣ.» – «Ҳа, бале. Аз ин мебарояд, ман барои худ сарпаноҳи дигар ҷӯям?» – «Чӣ гунае ки ба худат хуш ояд. Агар хоҳиши алоҳида зиндагӣ кардан дошта бошӣ, ман монеъ нахоҳам шуд. Ин ҷангу ҳақоратҳо ба ҷонам расид.» – «Хайр, чӣ илоҷ, хеле хуб. Аз ин рӯз сар карда, аз шумо ҷудо зиндагӣ хоҳам кард. Шояд зани ту минбаъд хушбахт шавад.»

Гуфтаму барои тақсим кардани панир рафтам.

Мангамма бо ашки шашқатор қиссаи талхашро ба анҷом расонд.

Ман кӯшиш кардам, ки то ҷое тавонам мерасад, ӯро тасаллӣ диҳам.

– Ғам нахӯр, Мангамма. Ман бовар дорам, ки ба хонаат бармегардӣ ва ҳама якҷо, мисли собиқ зиндагӣ мекунед. Ҳамааш хуб мешавад.

Рӯзи дигар, Мангамма бо намуди оромишёфта омад, ҳарчанд дар он аз зиндадилии пештараи ӯ осоре набуд. Ман пурсидам, ки ӯ бо писараш оштӣ кардааст ё не?

– Оштӣ кардам!? Магар занаш мемонад, ки муносибати байни модару писар хуб шавад? Вақте ки ман дирӯз шом баргаштам, ӯ

ҳамаи косаҳо, тоба, кӯзачаи гилини пур аз раги, кӯзаи дигари биринҷдор, намаку чилли, ҳамаашро ба як тараф гузошта буд. Худаш бо шавҳараш то таги бинӣ хӯрок хӯрда, бо шикамҳои пур дар рӯи бурё хобида буданд. Ба гумонам, интизор буданд, ки ман узр мепурсам, аз онҳо бахшиш мехоҳам. Ҳаргиз! Ҳатто, фикри ба онҳо эътибор доданро надорам. Ман акнун худам танҳо зиндагӣ хоҳам кард. Тасаввур кунед, аммайя, то чӣ андоза аз ҳад гузаштаанд?! Ман ҳар рӯз, пеш аз он ки ба шаҳр равам, ба набераам як бурида панир медодам. Вале имрӯз ӯ, дар ҳамин вақт, қасдан, набераамро ба кучоe бурд. Намехоҳад, ки ман ақаллан бо ӯ сӯҳбат кунам.

Ман дар тааҷҷуб афтодам, ки ҷанҷол барои кадом чизи беҳуда ин қадар решаи чуқур давонидааст. Вале ман ба ӯ чӣ ёрӣ дода метавонистам? Ба ӯ суханҳои тасаллобахши ба ин маврид муносиб гуфта, Мангаммаро ба хонааш фиристодам. Як ё ду рӯз Мангамма дар бораи корҳои хонаводааш чизе нагуфт. Ман ба андешае омадам, ки акнун ӯ алоҳида зиндагӣ мекунаду барои ҷанҷол сабабе нест. Вале ӯ банохост пурсон шуд, ки қимати нимтанаи пилтамахмали ман чанд аст.

– Ин ба ту чӣ лозим, Мангамма? – ҳайрон шудам ман.

– Медонед, аммайя, ман барои писарам ва набераам пул пасандоз кардаам. Вале дигар намекунам, лозим нест. Акнун ба андешае омадам,ки шояд ҳамин хел нимтана барои худам харам.

– Ин ба фикрам, ҳафт ё ҳашт рупия нарх дорад.

Мангамма рафт ва шояд, дар роҳи бозгашт ба хона ин гуна нимтана харид. Рӯзи дигар ӯ аллакай, онро пӯшида буд.

– Бубин, аммайя, зебост ё не? Вақте ки шавҳар доштам, мани нодон ягон сарии нав нагирифтам ва ӯ маро тарк карда, назди дигаре рафт. Барои писарам пул пасандоз кардам ва худат медонӣ, оқибаташ чӣ шуд. Акнун нимтанаи пилтамахмалро пӯшида, худоройӣ мекунам.

Ҷанҷол бо писараш ӯро ба кадом ҳолат овардааст. – фикр кардам ман. – Ӯ тамоман худдорӣ карда наметавонад. Ин баъзан аз изтироби сахти ботинӣ ба вуқӯъ меояд. Вале ман ҷуръат надоштам, ба ӯ чизе бигӯям.

Вале қиссаи нимтанаи пилтамахмал бо ин ба анҷом нарасид. Барои он шуда, Мангамма дар деҳа ҷанҷол кард. Яке аз писарбачаҳои деҳа дар Бангалор таҳсил мекард. Ӯ либоси аврупоӣ мепӯшид – гиребони сафед, галстук ва амсоли инҳо. Ӯ Мангаммаро дида шӯхиомез гуфт: «А–а, Мангамма, имрӯз кадом ид аст? Ту нимтанаи пилтамахмал пӯшидаӣ...» Мангамма оташин шуд: «Эҳ

ту, сагбачаи бешарм! Забонатро нигоҳ дор! Ба нимтанаи ман чӣ кор дорӣ? Эҳтиёт кун, боз нафаси худат дар ҳалқадаваки гарданат нагирад.» Ва ҳамдеҳагони дар атрофаш ҷамъшудаашро хандонда, писаракро ҳақоратборон кард.

Мангамма ин воқеаро ба ман дафъаи дигар, вақте ки панир овард, нақл кард. Синҳораш ҳам ин воқеаро, чӣ гунае ки Мангамма шунида буд, аз доираи диққаташ берун нагузошт. Ӯ ба ҳамсояҳо шикоят кардааст,ки: «Хушдоманам ба ман нимтанаи тобистона харида наметавонад. Бубинед худашро чӣ гуна оростааст. Дидед?» Вақте ки писараш зан гирифт, Мангамма ба арӯсаш гарданбанд, гӯшвор, дастмона ва бисёр ороишоти дигар ҳадя карда, баъд ҳар сол барои ӯ ҳама гуна асбоби ороиш мехарид. Вале ӯ ҳоло ҳамаашро аз ёд баровардааст.

Мангамма як–ду бор гузашт карду баъд ба писараш гуфт: «Занат барои нимтана дар ҳақи ман суханҳои носазо мегӯяд. Ба ҳама нақл мекунад, ки гӯё ман ба ӯ чизе тӯҳфа накарда бошам. Магар дастбанду гарданбанду гӯшворҳояшро ман тӯҳфа надодаам?» Вале пеш аз он ки писарам лаб ба ҷавоб боз кунад, занаш ҷавоби нешдоре дод: «Аз афташ, пиразани бева мехоҳад бо гӯшвору дастбанд худро орояд. Ӯ мехоҳад онҳоро гашта гираду худнамоӣ кунад». – «Худатро ба даст гир, азизам», – тарафи ӯро гирифта гуфт писарам ва рӯяшро ҷониби ман карда гуфт: «Модар, ҳамаи ин ҷанҷолҳо ба дилам зад. Агар ороишоте, ки ту ба занам тӯҳфа кардаӣ, ба ту лозим бошад, метавонӣ онҳоро гашта гирӣ.»

– Ана ҳамин хел, аммайя, – давом дод Мангамма, – ӯ ҳатто ба занаш нагуфт, ки маро дар назди ҳамсояҳо ғайбат накунад. Мегӯяд, ин асбобҳои ороишро гир. Маълум мешавад, ман ҳақ набудаам. Аз зиндагӣ безор шудам…

Дилам ба ҳолаш сӯхт. Ин зани солхӯрда фақат як писари ягона дорад. Албатта, зани ӯ метавонист нисбат ба хушдоманаш хушмуомилатар бошад. Ва ҳамааш барои ҳамин, ки хушдоманаш аз ӯ хоҳиш кардааст, тифлакашро назанад! Аксар вақт нокифоягии ақли солим боиси сар задании ҷанҷолҳо мегардад. Агар ду одам якдигарро бад бинанд, онҳо барои ҳар чизи беҳуда ҷанҷол мекунанд ва ҳарду ҳам азоб мекашанд.

Пас аз гузаштани муддате Мангамма бо хоҳише ба ман муроҷиат кард:

– Аммайя, шумо одамони хуб ҳастед ва ман ба шумо эътимод дорам. Ман каме пул пасандоз кардаам. Шумо наметавонед, онҳоро ба он ҷое, ки бонк ном дорад, гузоред? Вагарна ба пулҳои ман чашми тамаъ дӯхтаанд.

– Чӣ воқеа шуд?

– Дар деҳаи мо марде зиндагӣ мекунад. Номаш Рангаппа аст. Олуфтасатангу қартабоз аст. Дирӯз, вақте ки аз шаҳр бармегаштам, ӯ ба назди ман омада гуфт: «Чӣ ҳол дорӣ, Мангамма?» – «Як навъ, – шояд худат ҳам донӣ.» – «Ман дар бораи ногувориҳои ту шунидам. Чизи муқаррарӣ, вақте ҷавонон ин гуна рафтор мекунанд, зиндагӣ талх мешавад. Тамоман аз худ рафтаанд, чизе хоҳанд, мегӯянд. Мо, куҳансолон, тамоман дар ҳайрат афтодаем. Хоҳем–нахоҳем, дунё ба ҳамин сурат сохта шудааст, Мангамма.»

Мо паҳлӯи ҳамдигар роҳ мепаймудем. Ман дар дилам тахмин мекардам, ки ӯ аз ман чӣ мехоста бошад. Он тарафтар, дар марғзор, дар назди чоҳи чуқур, ман ҳамёни пулҳоямро пинҳон кардаам. Вале ҳамааш ба хубӣ анҷом ёфт. Ӯ аз ман барои пан каме оҳак илтимос карда гирифту рафт. Имрӯз ӯ боз ҳам дар он ҷо буд. Дар бораи ину он ҳарф задему сипас ӯ банохост гуфт: «Мангамма, ба ман таъҷилӣ пул лозим аст. Ту ба ман қарз намедиҳӣ? Ба зудӣ ҳосили нав мерасад. Ман раги фурӯхта, пулатро бармегардонам.» – «Пул? – пурсидам ман, – ман аз куҷо пул дорам?» – «Охир ҳама медонад, Мангамма. Аз он ки пулро дар замин гӯр мекунӣ, чӣ нафъ аст? Ту метавонистӣ ба ман кӯмак кунӣ ва боз фоида ҳам гирӣ. Ва баъд, – илова кард ӯ, –агар ту ҳамроҳи писару синҳорат зиндагӣ мекардӣ, ман аз ту пул намепурсидам. Албатта, он вақт ба ту лозим меомад, ки ба онҳо ину он тӯҳфа кунӣ. Ҳоло ту аз онҳо ҷудо зиндагӣ мекунӣ…»

– Медонӣ, аммайя, вақте ки зан танҳо зиндагӣ мекунад, мавриди диққати ҳамагон қарор мегирад.

Ман дар ҷавоб гуфтам, ки бо шавҳарам дар ин хусус сӯҳбат хоҳам кард.

Субҳи дигар, вақте ки ба ман панир бармекашид, ӯ пурсид:

–Бигӯ, мо ба он ҷо меравем, аммайя? Шумо пул шумурда метавонед–ку.

– Медонӣ, ман ҳанӯз дар ин бора ба шавҳарам нагуфтаам. Биё, дафъаи дигар меравем.

– Метарсам, аммайя. Рангаппа ин пагоҳӣ, аз дигар роҳи маро дар марғзор мепоид. «Бишин, Мангамма, – гуфт ӯ – ту шитоб надорӣ–ку.»

Ман нишастам, тарсидам, ки ӯ пулҳоро бо зӯрӣ мегирад. Ӯ дар мавзӯҳои гуногун, дар бораи ҳамааш якҷо ва дар бораи ҳар кадомаш алоҳида ҳарф заду сипас дасти маро гирифта гуфт: «Зебо ҳастӣ, Мангамма!»

– Аммайя, ҳатто, вақте ки ман ҷавон будам, шавҳарам ҳеҷ гоҳ аз дасти ман нагирифта буд. Мардони бегона – ку тамоман ин корро накардаанд. Акнун ёбу гир! Маълум аст, ки ман дастамро кашидаму гуфтам: «Аҳмақӣ накун, Рангаппа. Ту шавҳари ман нестӣ ва кори ту чӣ, ки ман зебо ҳастам ё не.» Дирӯз ба ӯ пулҳои ман лозим буд, имрӯз бошад, ба худи ман чашм ало кардааст. Марде, ки ҳангоми арӯсӣ дар бари ман нишаста буду ба сараш ба рамзи хушбахтӣ биринҷ пошида буданд ва маро ҳамсар мехонд, замоне, ки ҷавон будам, маро партофта рафт. Зани дигаре дар куҷое ӯро таскин мебахшад. Вале ман шарафи худро то имрӯз нигоҳ доштам. Ҳоло бошад, кадом–як раҳгузар аз дасти ман мегирад!

Ба назари ман кор ранги ҷиддӣ мегирифт ва ман гуфтам: Эҳтиёт шав, Мангамма, боз ҳодисае ба вуқӯъ напайвандад. Беҳтараш дар ин бора ба писарат бигӯ. Озурдагиатро фаромӯш карда, ба хонаи ӯ баргард.

– Ҳаргиз! Синҳори ман интизор аст, ки боз ба ғайбати ман пардозад. Он қадар бӯҳтон мебофад, ки ҳатто метарсам, кастаамро гум накунам…Бале–бале… Новақт шудааст, аммайя. Хоҳиш мекунам бо шавҳаратон дар ин хусус гуфтугӯ кунед ва натиҷаашро фардо ба ман гӯед.

Вале соате нагузашту ӯ боз ба назди ман омад.

– Воқеаҳои аҷибе рӯй медиҳад, – сар кард ӯ.

– Чӣ шуд?

– Ман барои тифлак каме ширинӣ харидам…

Ман чизе намефаҳмидам. Гоҳ Мангамма мегӯяд, ки набераашро намегузоранд ба назди ӯ биёяд…

– Кадом тифлак?

– Чӣ хел кадом? Набераи ман, албатта. Боз кадом тифлак метавонад пеши ман бошад?

– Охир ту ба ман гуфта будӣ, ки ба ӯ иҷозаи ба назди ту омадан намедиҳанд.

– Ҳа, бале. Модараш ба ӯ иҷоза намедиҳад. Вале магар ӯро маҳкам карда метавонанд. Ҳамин ки модараш рӯяшро гардонд, ӯ давида ба назди ман меояд. Шир менӯшад, панир мехӯрад. Вақте ки ман ӯро зиёфат мекунам, аз шодӣ меҷаҳад. Агар бесарӣ кунад, ба ӯ мегӯям, ки модараш омада ӯро мебарад, дар як лаҳза мисли шоҳӣ нарм мегардад. Ба шӯхию бозии кӯдак нигаристан чӣ хушбахтиест, аммайя… Ва ана, имрӯз, вақте ки аз пеши ту баромадам, барои ӯ ширинӣ харида, ана, дар ин сабад гузоштам. Дар наздикии Шаркарпур аз дарахти манго зоғи калоне париду бастаи шириниро чангол зада рабуду парида рафт.

– Магар меарзад, барои ҳамин нороҳат шавӣ, Мангамма? Ту метавонӣ дигарашро харӣ,

– Албатта, метавонам. Ман дар ин хусус намегӯям, аммайя. Охир мегӯянд, агар зоғ ба ту ҳуҷум кунад, ин хосияти бад дорад.

– Чаро? Чӣ рӯй доданаш мумкин аст?

– Мегӯянд, ки ин нишонаи марг аст, – гуфт бо овози паст Мангамма. – Аввал ман сахт тарсидам. Вале баъд гуфтам: «Аз афташ тақдири ман ҳамин аст. Ман ба кӣ даркорам? Ҳар чӣ тезтар худо ҷонамро гирад, беҳтар аст.» Ана, каме пештар бо ман чӣ воқеа рӯй дод.

– Сафсатта нагӯй, Мангамма. Ту бастаи шириниро ҳамин хел гузоштӣ, ки ҳар як зоғ онро чанг зада рабуда метавонист, ту бошӣ, хосияти бадро бофтӣ, дар бораи марг ҳарф мезанӣ. Беҳудагӯӣ накун, хона рав.

– Шумо фикр мекунед, ин аҳамияте надорад?

– Сафсатта. Ба хонаат баргарду ғами ҳеҷ чизро нахӯр.

Ин занро фаҳмидан мушкил аст. Ӯ мехоҳад, ки писар, синҳор ва набера дошта бошад; ӯ мехоҳад, ки ӯро чун соҳиби хона эътироф кунанд. Ин чизи табиӣ ва фаҳмо аст. Вақте ки ӯ аз ҳамаи ин чизҳо маҳрум мегардад, ба ӯ вазнин аст, вале ӯ дар айни замон аз марг метарсад. Мекӯшад, тарсашро пинҳон кунад. Мо одат кардаем, мардуми деҳотро содалавҳ шумарем. Вале бубинед, ин деҳқонзан чӣ гуна афкори мураккабу печ дар печ дорад ва онҳо ба таври аҷибе ба ҳам мепечанд! Зиндагӣ аҷаб асрорҳое дорад.

Дафъаи дигар Мангамма хабарҳои тоза овард. Набераи аш аз хонаашон гурехта, ҳамроҳи ӯ зиндагӣ мекунад. Чеҳраи ӯ медурахшид.

– Писараки ҷасурест! Қадаш ду ваҷаб бошад ҳам, натарсида аз модараш гурехта омадааст у ҳамроҳи ман зиндагӣ мекунад. Гоҳе пинҳонӣ давида омада, лаҳзае чанд меистоду мерафт, дирӯз бегоҳӣ бошад омада гуфт, ки дигар ба назди модараш боз нахоҳад гашт. Модараш омада ӯро таҳдиди задан кард, мағал бардошт, вале набераам ба ман часпида, ба ҳеҷ ваҷҳ аз ҷояш наҷунбид. Ман, албатта, ба ӯ гуфтам, ки ба хонаашон равад, падараш ҳам ӯро ташвиқ кард. Вале ӯ ба касе гӯш надод. Ҳамаи ин даҳ рӯз ман метарсидам дар хонае, ки мард нест, хоб кунам, вале ҳоло ин кӯдак ҳамроҳи ман аст ва аҷоибаш он аст, ки аммайя, ҳаросе надорам. Писарам, ки болиғ аст, аз ман рӯй тофт, вале набераам омада гуфт, ки ҳамроҳи ман мемонад. Ба гумонам, худи Офаридгор ба ӯ ақл додааст. Синҳорам тамоми шаб девонагӣ кард. Вале кӯдак дар гапи худ

истод. Субҳи дигар ман андешидам, ки ӯро дар хона танҳо мондан хуб нест. Барои фурӯхтани панир равона шудаму ӯро то дари хонаашон оварда, дарун кардам.

– Банохост модараш ӯро латукӯб накунад?

– Не, набояд. Ин вақте буд, ки ӯ тамоми рӯз пеши модараш буд. Ҳоло бошад, ӯ беандоза хурсанд мешавад, агар кӯдак ҳатто ним рӯз дар пеши ӯ бимонад. Ана ҳамин хел, аммайя. Вақте ки якҷоя зиндагӣ мекардем, ман диққат накарда будам, ки синҳори ман ба ин дараҷа зебост. Албатта, хашмгинӣ ба ӯ намезебад. Ҳоло ман гӯё аз гӯшае ба ӯ назар меандозам. Бале, ӯ хеле дилкаш аст, бедарак нест, ки писари ман аз гапи ӯ намебарояд. Қаблан, ман ба писарам аҳамият намедодам, пайхас намекардам, ки ӯ кай меояду кай меравад. Вале ҳоло ки ӯ ҳамроҳи ман нест, дар остонаи хонаам менишинаму меандешам, ки чаро ӯ ин қадар дер меояду ин қадар барвақт меравад. Синҳорам ҳам дар ҳамин фикр аст. Вале агар набераамро занад, ӯро пагоҳ бо худам ба шаҳр мебарам. Магар зан ягон бор аз фарзандаш рӯй мегардонад?

«Хиради ӯ беҳамтост, – андешидам бо худ. – Итминон дорам, ҳамаи мушкилоти ӯ ба зудӣ ҳал хоҳанд шуд.»

Ана воқеаҳои минбаъда чӣ гуна сурат гирифтанд. Кӯдак ду пагоҳирӯзиро дар хонаашон гузаронида, субҳи рӯзи саввум хоҳиши ҳамроҳи бибиаш, ба шаҳр рафтан кард. пиразан, албатта, наметавонист ҳам кӯдак ва ҳам сабади пур аз панирро ба дӯш бардорад. Чӣ бояд кард? Он гоҳ писару синҳораш ба назди ӯ омада гуфтанд: «Модар, моро бубахш. Мо ноҳақ будем. Озурдагиатро фаромӯш кун. То чанд қаҳрӣ будан?» Ҳамсояҳояш ҳам ба ӯ ҳамин маслиҳатро медоданд. Мангамма ба хонааш, чӣ гунае ки орзу мекард. ғолиб баргашт. Вале чӣ сон набераашро бо худ ба шаҳр барад? Вале илоҷи инро ҳам, ба зудӣ пайдо карданд. Мангамма бо далели он ки синҳораш бояд бо пухтупаз машғул шавад, савдои ширу панирро дар дасти худ нигоҳ медошт. Вале ҳақиқат ин буд, ки ӯ метарсид инони ҳокимиятро дар хона аз даст бидиҳад. Вале, акнун ки наберааш бо исрор талаб мекард ӯро бо худ ба шаҳр барад, ба ӯ лозим омад, гузашт кунад. «Магар ин ҳам кор шуд, – гуфт синҳораш – дар синну соли шумо, ҳар рӯз дар ин ҳавои гарм овора гаштан?! Кор кардани шумо бас аст. Вақти дамгириатон расидааст. Шумо бузурги хонадон ҳастед, вазифаи шумо, назми хонаро назорат кардан аст. Ман бошам панир мефурӯшам.» Мангамма розӣ шуд: «Хеле хуб. Савдо кун. Ман ҳам, агар хоҳам, ҳафтае як–ду бор, барои савдо ба шаҳр меравам.» Онҳо ба ҳамин қарор омаданд.

Ва инак, боре Мангамма бо синҳораш якҷоя омаданд. Дар дасти яке кӯдак буду дар дасти дигаре сабад. «Ин синҳори ман аст, аммайя – гуфт Мангамма. – Ӯ дигар намегузорад, ки мани пиразан кор кунам. Мехоҳад дар хона шинам.Мегӯяд. ки дар синну соли ман ва дар ин гармо ҳоҷат надорад, ки дар роҳи дароз овора шавам. Акнун, минбаъд ӯ ба шумо панир хоҳад овард.»

Ҳамин гуна Мангамма кори худро ба синҳораш супурд. Мо каме сӯҳбат кардем. Ман онҳоро насиҳат кардам, ки бо ҳам муносибати хуб кунанд ва пеш аз он ки ба онҳо иҷозаи рафтан диҳам, онҳоро бо пан зиёфат кардам.

Азбаски ман ҷанҷол кардани онҳоро фақат аз Мангамма шунида будам, хеле мехостам, ки ақидаи ҷониби дигарро бидонам. Вақте ки дафъаи дигар синҳораш ба мо панир овард, ман аз ӯ пурсидам: «Аз зоҳири ту маълум аст, ки зани хубу оқилаӣ, Нанҷамма. Ту чӣ гуна тавонистӣ, ки хушдоманатро аз хона ронӣ?»

– Чӣ, магар ман ракшаси ҳастам? Агар ӯ дигар хел рафтор мекард, ман ҳаргиз ин корро намекардам. Вале ӯ ҳама вақт дар гапи худ исрор мекард ва ҳарфи шавҳари ман ҳеҷ буд… Ва ӯ чӣ гуна шавҳар аст, ки дар хона нуфузе надошта бошад! Ва ман чӣ гуна зан ҳастам, ки барои саришта кардани корҳои хона ҳақ надошта бошам… Муддате чанд ман тоқат кардам – охир ӯ модараш аст ва шавҳарамро тарбия кардааст. Аммо вақте ӯ гуфт, ки кӯдакамро ҷазо надиҳам, ман қарор додам – бас аст. Чӣ, магар ман модар нестам?

Ман табассум кардам.

– Чӣ, магар модар будан, маънои латукӯб кардани тифлро дорад?

– Ман ӯро гоҳе мезанам, гоҳе навозиш мекунам. Вале ӯ ҳама вақт дахолат мекард, талаб мекард, ки дар назди ӯ ҳисобот диҳам. Писари ман – писари ман аст ва шавҳари ман ҳам шавҳари ман аст, агар ман ба шавҳарам ҳарфе гуфта натавонам, ё писарамро барои бесариаш назанам, пас ин чӣ гуна зиндагист?

Далелҳои ӯ ҳам чун далелҳои Мангамма оқилона буданд.

– Акнун ту мустақилият пайдо кардӣ?

– Ба андешаи ман, пайдо кардам. Вале албатта, бояд созиш кард. Агар кор то ҳадди ҷудоӣ мерасид, ягон чолок пулҳои ӯро бо фиреб кашида мегирифт. Дар деҳаи мо ҳамин гуна одам ҳаст. Номаш Рангаппа. Вақте ки хушдоманам алоҳида зиндагӣ мекард, Рангаппа аз ӯ пул пурсидааст ва ман шунидам, ӯ розӣ шудааст. Ӯ ҳаминро гуфт. Ман фавран ба писарам гуфтам, ки: «Ба назди бибият рав. Ӯ туро бо шириниҳо зиёфат мекунад. Ва то ман туро нахоҳам, пас набиё.» Ман чораи оштӣ ҷустам.

– Пас, писари ту худаш ба назди ӯ нарафтааст?

– Албатта худаш рафтааст. Вале ман ӯро ба ин иқдом водор кардам.

– Шавҳарат медонист?

– Албатта, не. Магар мардон нозукии ин гуна корҳоро мефаҳманд?

Бешубҳа, Нанҷамма дар ақлу фаҳмиш аз хушдоманаш кам набуд. Мубориза, чунонки буд, дар хонаи онҳо идома дорад. Писари он зан ва шавҳари ин зан – мубориза барои ӯ меравад. Модар ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳад ӯро диҳад, занаш бошад, ба қарори қатъӣ омадааст, ки ӯро кашида гирад. Дар ин маврид хулоса баровардан мушкил аст, ки кӣ ғалаба мекунаду кӣ мағлуб мешавад. Синҳор мисли тимсоҳ дар зери об пинҳон шуда, аз пои шавҳар медорад. Хушдоман дар соҳил истода, барои наҷот додани фарзандаш аз дастҳои ӯ мекашад. Албатта, ин вазъи мушкили мард қобили ҳасад бурдан нест. Муҳорибае, ки дар хонаи зани панирфурӯш Мангамма мегузарад, шояд дар хонаи муштарии шаҳрии ӯ, ягон Тхангамма ҳам ҷой дорад. Ин моҷаро ҳаргиз анҷом надорад…

* * *

***ДҲУМКЕТУ** (тахаллуси адабиаш Гауришанкара Говардҳандаса Ҷоши; 1892 – 1965) – яке аз асосгузорони адабиёти муосир ба забони гуҷаратӣ. Муаллифи чиҳилу панҷ китоби роман, намоишнома, сафарнома, чаҳор маҷмӯаи ҳикояҳо ва дигар асарҳо мебошад.*

## МАКТУБ

Дар ин субҳи барвақт, ситораҳо ҳанӯз дар осмони хокистарранг мисли хотироти хуши рӯзҳои гузашта, ки зиндагии ба ғуруб майлкардаи инсонро нур мебахшанд, медурахшиданд.Дар кӯчаҳои шаҳр пирамарде ба асо такя карда, оҳиста–оҳиста қадам мезад ва гоҳе бозмеистод, то домани болопӯши пурсӯрохашро, ки аз он шамоли ях барин сард мегузашт, ба танаш сахттар печонад. Аз хонаҳое, ки аз роҳ канортар буданд, садои соиши санги осиё ва садои замзамаи занҳое ба гӯшаш мерасид, ки ҳангоми кор суруд мехонданд – ва танҳо ин садоҳо танҳоии ӯро дар роҳ зиннат медоданд. Шаҳр ғарқи хомӯшӣ буд, фақат гоҳе дар дуродур саге аккос мезад, ё аз наздик коргаре мегузашт, ки ба басти кораш мешитофт, ё садои фарёди паррандае баланд мешуд, ки ӯро пеш аз вақт нороҳат карда буданд – ва ҳамааш аз нав ба муддати дарозе дар

хомӯшӣ ғарқ мегашт. Аҳолии шаҳр ҳанӯз дар хоби роҳат буд ва ҳар қадаре ки сармои зимистон дар берун бераҳмона шиддат гирад, ин хоб аз он дида, сахттару амиқтар буд. Сардӣ ва хоб ду ҳамроҳи ҳамешагианд. Султони абарқудрат – сардӣ, ин лаҳзаҳо дар кӯчаҳои шаҳр ҳукм меронд. Худо накунад, ки ягон бечора ба чанги вай афтад: чун дӯсти риёкор бо суханони чарбу нарм ӯро алла мегӯяд, то қурбониашро хоб бараду ӯ дар ҳақаш хиёнат карда, ӯро зудтар ба ҳалокат расонад.

Пирамарди аз сардӣ шохшуда бо қатъият ба муқобили шамол, ба тарафи мақсаде, ки фақат ба худи ӯ маълум буд, ҳаракат мекард. Ана, ӯ аз дарвозаи шаҳр гузашта, ба роҳи калони мошингард, ки дар ду тарафаш дарахт шинонида буданд, баромад. Пирамард суръати қадаммониашро суст кард: ин ҷо ториктар буду шамол дар роҳи рости мошингард сахттар мевазид. Дар роҳ мисли пораи қирави сап–сафед, нури шафақи субҳ акс ёфта буд. Дар тарафи чап шаҳрбоғ тӯл мекашид, ки дар интиҳои он бинои хеле хубе, ки бо услуби замонавӣ сохта буданд, ҷой гирифта буд. Аз тирезаҳо ва дари маҳкам напӯшидаи он, тасмаҳои хираи равшанӣ берун мешуд.

Пирамард даромадгоҳи равоқдори чӯбинро дида, мисли зиёраткунандае, ки ҳадафи зиёрати худро дарёфт карда бошад, ғарқи шодии хомӯшона шуд. Дар болои даромадгоҳ, тахтаи кӯҳна бо навиштаҷоти ба қарибӣ навшуда: «Почта» овезон буд. Пирамард шитоб накарда, аз зинапояҳо ба пешток баромад ва дар гӯшае нишаст. Аз дарун садои одамоне, ки почтаи пагоҳиро ба назм медароварданд, шунида мешуд.

– Комиссари полис! – садои баланде ба гӯши мӯйсафед расид. Ӯ саросема аз ҷо бархост, вале ҳамоно боз ба хараки фарсудаи чӯбин нишаст. Шӯълаҳои умед, ки дили ӯро гарм мекард, сардиро аз ёди ӯ бурда буд.

Корманди почта паи ҳам нишониҳоро бо овози баланд хонда, лифофаҳои мактубдорро ба тарафи хаткашони интизор мепартофт. Кор бо суръат пеш мерафт: корманди пуртаҷрибаи почта бе ягон ғалат, номҳои печ дар печи амалҳои амалдоронро мехонд: «Комиссар, суперинтендант, китобхонадор!» Хаткашон базӯр фурсат пайдо мекард, ки лифофаҳоро гирад. Банохост дар айни гармии кор касе бо садои масхараомез фарёд зад:

– Фойтунчӣ Алӣ!

Пирамард аз ҷо ҷаҳиду нигоҳи пур аз сипос ба осмонҳо дӯхту сипас ба назди дар рафта, онро боз кард.

– Ман ҳамин ҷоям, ҷаноби Годул!

– Кист он ҷо? Чӣ лозим аст?

– Охир шумо фойтунчӣ Алиро ном бурдед, ин ман ҳастам. Мактубро ба ман диҳед!

– Чӣ гап аст? – ба гуфтугӯ дахолат кард, сардори шӯъба.

– Ин ҷо як одами девона аст, ҷаноб. Ба ҷони мо расида, ҳар рӯз барои мактуб меояд, вале касе ба ӯ мактуб намефиристад.

Пирамард маъюсона ба ҷои хеш, ки панҷ сол пеш онро интихоб карда буд, баргашт…

Як вақтҳо Алӣ шикорчии моҳире буд, шавқи шикор дар хуни ӯ буд. Ба андозаи боло рафтани маҳораташ, меҳраш ҳам ба машғулияташ, мисли он хоҳиши бартарафнашавандае, ки нашъакаш ба миқдори муайяни ҳаррӯзаи афюн дорад, меафзуд. Агар ӯ кабкро, ки болу пари хокистаррангаш қариб ба таври фарқнашаванда ба замин монанд аст бинад, ҳисоб кунед, ки дар халтаи ӯст. Чашмони уқобмонанди Алӣ беягон заҳмат харгӯши дар буттаи хушки зардшуда пинҳоншударо, агар сагҳо онро надида гузашта раванд, медиданд. Ҳарчанд харгӯш зирак асту худро ғунча мекунад ва ба замин ҷафс мешавад, гӯшҳояш ӯро фош мекунанд. Гоҳе мешуд, ки Алӣ ба моҳигирӣ машғул мешуд. Вале, вақте ки синну соли Алӣ ба як ҷо расид, машғулиятҳои пештара дигар барояш фараҳ намебахшид. Духтари ягонааш Марям ба марди ҳарбие ба шавҳар баромада, ҳамроҳи шавҳараш ба Панҷоб кӯчид. Тӯли панҷ соли охир Алии пир аз духтараш, ки ба хотири ӯ ҳанӯз зиндагии ношоди худро базӯр идома медод, ягон хабаре надошт. Ва фақат акнун ба маънии суханони «муҳаббат» ва «ҷудоӣ» сарфаҳм рафта буд. Хотироти он, ки дидани чӯҷаҳои ба даҳшатафтодаи бемодармондаи паррандагон дар айёми ҷавонӣ ба ӯ дилхушӣ мебахшиданд, ӯро азият медод. Алӣ акнун тамоман одами дигар шуда буд. Ӯ милтиқро партофта, аз саёҳатҳои тӯлонии атрофи шаҳр лаззат мебурд ва метавонист соатҳо аз тамошои заминҳои сабзи кишт, хӯшаҳои ширагирифтаи гандум завқ барад. Ӯ дар танҳоӣ андешаи зиёд мекард. «Дунё аз рӯи муҳаббат халқ шудааст, ҷудоӣ тарафи муқобили он аст, – муҳокима меронд ӯ.

Аз ин хулосае бармеояд, ки ҷудоӣ дар қисмати инсон ногузир аст». Он рӯзе, ки ӯ ин кашфиётро кард, дурудароз гирист. Субҳидам бошад, соати чор бархост, ки то кушода шудани почта, ба он ҷо расад. Аз он вақт сар карда, ӯ ба ин ҷо ҳар рӯз меояд. Дар тӯли панҷ сол ӯ ягон мактуб нагирифт, вале умеду боварӣ ҳанӯз

дар дили ӯ зинда буду чашмаи поки муҳаббати падариро хушкидан намемонд.

Бинои почта, ки ҳеҷ ҷолиб набуд, мисли Макка ҷои зиёрати ӯ гашта буд. Ӯ ҳар пагоҳӣ ба ин ҷо омада, дар ҳамон як харак, дар ҳамон гӯшаи пештоқ менишаст. Кормандони почта ба ин одами аҷибу ғариби аҷоибхислат механдиданд ва лаҳзаҳои муносиби бо ӯ шӯхӣ карданро аз даст намедоданд. Дидани он, ки ӯ бо шунидани номаш бо шитоб аз ҷой бархоста, бо қадамҳои реза ба тарафи дар меравад, ба онҳо ҳаловат мебахшид. Ин бозии беақлонаву бешуурона чизеро тағъир дода наметавонист: тоқату имони пирамард дар ҳақиқат бекарона буд. Мисли пештара ӯ бо кафидани чашми рӯз тамоми шаҳрро тай мекард, ки бегоҳӣ бо дастони холӣ ба хона баргардад…

Алӣ нишаста интизор мекашид, аз назди ӯ хаткашонҳое, ки барои хоҷаҳои худ хат мебурданд, мегузаштанд. Алӣ мешунид, ки онҳо саросемавор гап зада, сардорони худро ғайбат мекарданд. Ба ин ҷавонони олуфтанамо, ки саллаҳои хуб дар сар ва пойафзоли ғиҷҷосӣ дар по доштанд, намоиш додани худ ҳатмӣ буд. Вақте ки дар барои даромадани муштарии навбатӣ боз мешуд, дар паси мизи баланд сардори почта – одами каллаи андӯҳбори беифодаи мисли каду ва чеҳраи пажмурдаи беҳаракат доштаро, дидан мумкин буд. Одатан ин гуна чеҳраро муаллимони мактабҳо, амалдорони хурд ва сардорони почтаҳо доранд.

Боре Алӣ дар ҷои маъмулии худ менишасту чашмонашро аз дари дилхоҳ намеканд.

– Сардори полис! –фарёд зад корманди почта ва яке аз хаткашонҳои олуфта, чобукона барои гирифтани мактуб рафт.

– Суперинтендант!

Хаткашони дигаре ба назди ӯ рафт. Корманди почта бошад, мисли ситояндаи худои Вишна номҳои одатиро тӯтивор такрор мекард.

Ниҳоят ӯ ин корро ба итмом расонд. Алӣ ҷои худро тарк карду пеш аз он ки аз дар барояд, ба равоқи дарвоза, мисли он ки дар паси он ягон зиёратгоҳ бошад, бо эҳтироми зиёд таъзим кард.

– Ӯ магар девона аст? – баъди рафтани ӯ пурсид, сардори почта.

– Кӣ? Ҳа, ин! Бале, ҷаноб, беиштибоҳ. Ана, аллакай панҷ сол мешавад, ки ӯ ҳар рӯз дар ҳар боду ҳаво ба ин ҷо меояд. Вале бояд гуфт, ки ҳеҷ мактуб намегирад! – хандида гуфт, корманди почта.

– Ин маълум аст! Наход ҳеҷ фикр намекунад, магар дар асри мо касе ёфт мешавад, ки ин қадар вақти зиёди холӣ дошта бошаду ҳар рӯз мактуб нависад.

– Ӯ каме ақлашро гум кардааст, ҷаноб! Мумкин дар айёми ҷавонӣ гуноҳе карда бошад; шояд нафаҳмида дар ягон ҷои муқаддас хун рехта бошад. Ва инак барои кирдори пешинааш подош медиҳад, – гуфт тахмини худро хаткашон.

– Ин девонаҳоро Худо медонад, – ҷавоби муҷмал дод сардори почта.

– Боре, яке аз инҳоро ман дар Аҳмадобод мушоҳида карда будам, – ба ёд овард корманди дигар. – ҳангоми роҳ рафтан хоки кӯчаро дар як ҷо тӯда мекард. Девонаи дигаре бошад, ҳар рӯз ба соҳили дарё рафта, об мегирифту ба рӯи харсанги калоне мерехт.

– Ин чизе нест! – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд, корманди сейум. – Ман девонаеро дидаам, ки ҳамеша дар хона аз як кунҷ ба кунҷи дигар қадам мезад; девонаи дигар бошад, бетанаффус шеър мехонд; девонаи аҷоибфеъли дигаре ҳам буд, ки худаш ба рӯяш мезаду шикоят мекард ӯро мезананд.

Кормандон сухани якдигарро бурида, кӯшиш мекарданд ҳамаи он чизеро, ки дар бораи намудҳои гуногуни девонагӣ медонистанд, ба ёд оранд. Барои онҳо ин як навъи истироҳат, танаффус аз кор буд. Ниҳоят сардори почта аз ҷои худ бархост.

– Девонаҳо, аз афташ, дар дунёи махсуси худ, ки дар тасаввури носиҳати худ месозанд, зиндагӣ мекунанд, – хулоса кард ӯ. – Шояд мо ҳам дар чашми онҳо ноқисулақл намоем. Ман онҳоро бо шоирон баробар медонам…

Ва ӯ бо табассум ба тарафи яке аз кормандон, ки шеърҳои одӣ менавишт, нигоҳ кард.

Сардор баромаду боқимондаҳо боз ба кор шурӯъ карданд.

Боре Алӣ чанд рӯз паи ҳам наомаду кормандон барои ғайбат мавзӯи нав ёфтанд. Тақдири худи пирамард барои ҳама бетафовут буд. Вақте ки ӯ аз нав омад, ӯро дида раҳми кас меомад: ҳавои нафасгирифтааш аз шушҳояш хирросзанон берун меомад ва намуди ӯ ба забони ҳол мегуфт, ки пирамард дароз нахоҳад зист. Худдории доимӣ ин дафъа ӯро тарк карда буд.

– Ҷаноби сардор, – беҷуръатона мурочиат кард ӯ ба сардори почта. – Шумо аз Марями ман нома надоред?

Ту маро безор кардӣ, бародар! – хитоб кард ӯ.

– Номи ман Алӣ аст, ҷаноб, – ҷавоби бемаврид дод пирамард

– Ман медонам, охир, медонам! – оташин шуд сардори почта. – Шояд ту гумон кунӣ, ки ба номи Марями ту дар китоби қайдҳои мо, боби алоҳида кушодаанд?

– Номи ӯро нависед, ҷаноб! Агар мактуб биёяду ман набошам…

– розӣ намешуд пирамард. Сеяки ҳаёти худро Алӣ дар чангал гузаронида буд. Ӯ аз куҷо медонист, ки номи духтари ӯ дар назари ҳамаи одамон, ба ҷуз аз падараш, ҳеҷ аст.

– Аҳлатро хӯрдаӣ, мӯйсафед! – дод зад сардори ба ғазаб омада. – Дафъ шав аз ин ҷо! Чӣ ба фикри ту мо мактубҳоро мехӯрем?

Мӯйсафед тир барин аз бино давида баромада рафт.

Алӣ оҳиста–оҳиста дур мешуд, баъди ҳар панҷ–даҳ қадам меистод, ки ба бинои почта нигоҳи видоъ афканад. Ӯ қудрати нигоҳ доштани ашки чашмонашро надошт, косаи сабраш лабрез гашта буд, сабраш, аммо имонаш не. Дар роҳ кадом одаме аз ӯ пеш гузашт.

– Исто, бародар! – садо кард Алӣ, яке аз кормандони почта будани ӯро шинохта.

Корманди почта ҳайрон шуда бозистод.

– Ба шумо чӣ лозим аст? – бо назокат пурсид ӯ.

– Ана бубин! Аммо ҳайрон нашав… – гуфт Алӣ, аз зери чинҳои болопӯшаш қуттии кӯҳнаи консервро бароварда. Ҳамаи чизи дар он буда – панҷ тангаи тиллоро ба кафи дасти корманди ҳайратзадаи почта рехт.

– Ин ба ту даркор мешавад, вале дигар ба дарди ман намехӯрад… Фақат қавл бидеҳ, ки хоҳиши маро иҷро мекунӣ.

–Чӣ гуна супориш? Алӣ бо дасташ ба боло ишора кард:

– Дар он ҷо чӣ мебинӣ?

– Осмонро.

– Дар осмонҳо Оллоҳи таъолост ва ӯ шоҳиди ман аст. Ин пулҳоро ба ту барои он медиҳам, ки ҳар вақте ки аз Марям мактуб биёяд, онро ба ман биёрӣ.

– Вале ба куҷо? Ман онро ба куҷо барои ту биёрам? – худро тамоман гум карда, пурсид корманди почта.

– Ба гӯри ман.

– Чӣ??

– Дилам эҳсос мекунад: Ин рӯзи вопасини ман аст. Вале ман то ҳол на дидори Марямро дидаму на аз ӯ хабаре ба ман расид, – бо душворӣ ба забон овард Алӣ.

Корманди почта надонист, барои таскини ӯ чӣ гӯяд ва пулҳоро ба кисааш андохта, ба роҳаш идома дод. Алӣ дигар наомад ва ба зудӣ ҳама ӯро фаромӯш карданд. Кор дар почта хеле зиёд буд, боз норохатӣ барои тақдири як мӯйсафеди девона намерасид.

Вале ба зудӣ сабабҳои дигаре сардори почтаро нороҳат карданд: духтари ӯ, ки дар шаҳри дигар зиндагӣ мекард, нохост бемор

шуд ва ӯ бо хавоси парешон аз он ҷо расидани хабареро интизор мекашид. Ҳамин ки почтаи тозаро меоварданд, ӯ ба назди миз омада, ғарами лифофаҳои болои онро мекофт. Боре диққати ӯро лифофае ҷалб кард – одатан духтараш дар ҳамин гуна лифофа, ба ӯ нома мефиристод. Ӯ бошитоб онро гирифт, вале ҳамон лаҳза, гӯё ӯро барқ зада бошад, онро боз ба ҷояш монд – лифофа ба номи фойтунчӣ Алӣ буд. Падари пир тӯли ин солҳо маҳз ҳамин лифофаро интизор буд, дар ин дигар шаке набуд, чӣ гунае ки дигар сардори худхоҳи мутакаббир вуҷуд надошт. Акнун ӯ танҳо падар буд, инсони муқаррарии зинда бо ҳамаи ғаму изтиробаш.

– Лакшми Дас! – садо кард ӯ корманди почтаро, худи ҳамонеро, ки дар вақташ аз муштарӣ супориши ғайриоддӣ гирифта буд.

– Бале, ҷаноб! – ҷавоб дод ӯ.

– Ин ҷо ба номи фойтунчӣ Алӣ мактуб омадааст. Ӯ ҳоло куҷост?

– Ман инро аниқ мекунам, сэр!

Ҳамон рӯз ба сардори почта мактуб наомад. Ба назараш менамуд, ки ин шаби дилгир ҳаргиз поён надорад. Чун ҳеҷ хобаш набурд, ӯ соати сеи саҳар ба кор омад. «Ҳамин ҳоло мӯйсафеди Алӣ пайдо мешаваду ман худам ба ӯ мактубро медиҳам», – андешид ӯ.

Акнун сардори почта эҳсоси Алӣ, изтироби дили падаронаи ӯро ба хубӣ мефаҳмид. Ӯ ҳамагӣ як шаби бехобии пур аз ноорамии азиятовар ва интизории бошиддатро саҳар карда бошад ҳам, ҳамин кофӣ буд, эҳсоси пирамарди бадбахтро, ки тӯли панҷ сол ҳамаи шабҳои худро ҳамин гуна гузаронида буд, дарк кунад. Вақт ки соат панҷ бор занг зад, он гоҳ сардори почта садои пасти тақ–тақи дарро шунид. Бо эътимоди комил, ки ин метавонад, танҳо Алӣ бошад, ӯ саросема аз ҷо бархоста, дарро кушод.

– Даро, даро, бародар! – бо чеҳраи кушод гуфт ӯ, лифофаро ба пирамарди хамидақомате, ки хоксорона дар назди дар меистод, дароз карда. Алӣ ба асо такя карда буду чашмонаш аз ашк пур буданд, чеҳраи ҳамеша ҷиддии ӯ аз ҳилму меҳрубонӣ медурахшид. Вақте ки ӯ пилкҳояшро боло кард, аз чашмонаш чунон нури чашмхиракунандаи ғайриодие берун ҷаст, ки сардори ҳайратзада беихтиёр худро қафо кашид…

Лакшми Дас, ки аз ҷониби муқобил ба бинои почта наздик мешуд, суханони сардорро шунид.

– Шумо бо кӣ гап мезанед, сэр? – пурсид ӯ. – Ба ман чунин намуд, ки шумо номи Алиро ба забон овардед.

Вале сардори почта ӯро пайхас накард. Ӯ бо чашмони калон

кушодааш ба даромадгоҳи холӣ, ки ҳамин ҳоло Алӣ меистод, менигарист. Ӯ куҷо шуд? Ниҳоят сардор ба кормандаш рӯ овард.

– Шумо рост мегӯед, ман бо Алӣ ҳарф задам, – гуфт ӯ.

– Мӯйсафеди Алӣ фавтидааст, ҷаноб. Мактубро ба ман диҳед.

– Чӣ?! Чӣ хел фавтидааст? Шумо инро бо эътимоди комил мегӯед, Лакшми Дас?

– Ин аниқ аст, ҷаноб, – ба гуфтугӯ дахолат кард, хаткашони аз дар омада. – Се моҳ мешавад, ки Алӣ дар қайди ҳаёт нест. Сардор ҳанӯз ҳам ба худ омада наметавонист. Мактуби Марям, ки аз дасти ӯ афтида буд, дар рӯи фарш, дар назди дар мехобид. Лакшми Дас мазмуни сӯҳбати охирини худро бо мӯйсафеди Алӣ ба сардор нақл кард. Вале ҳанӯз ҳам сардори почта шубҳае надошт, ки ӯ воқеан ҳам садои тақ–тақи дарро шунидаву чашмони Алиро пур аз ашк дида буд. Ӯ намедонист, чӣ илоҷ кунад. Шояд тасаввури ноҷӯраш бо ӯ ин гуна шӯхӣ карда бошад? Ё Лакшми Дасро Алӣ гумон карда бошад?

– Комиссионер, Суперинтендант, Китобхонадор, – мисли ҳамешагӣ бо овози баланд мегуфт корманди почта ва лифофаҳоро чолокона ҷудо мекард. Сардори почта ин корро бодиққат назорат мекард: ҳоло инҳо дигар баставу лифофаҳои оддӣ набуданд – ба ӯ чунин менамуд, ки дар даруни ҳар кадоми онҳо дили гарму зиндае метаппад. Барои ӯ баҳои ҳақиқӣ ва маънии инсонии ҳар як мактуб, акнун аён гардида буд.

Баъди кор, сардори почта ва Лакшми Дас оҳиста–оҳиста қадамзанон аз тамоми шаҳр гузаштанду мактубро болои гӯри Алӣ гузоштанд.

– Росташро гӯед, Лакшми Дас, ин субҳ, дар ҳақиқат ҳам, шумо аввалин шуда ба почта омада будед?

– Бале, сэр.

– Набошад, ман ҳеҷ намефаҳмам…

– Чиро, сэр?

– Ҳеҷ чиз, ҳамин хел… – суханро кӯтоҳ кард сардори почта.

Онҳо худоҳофизӣ карданду сардори почта ба идора баргашт. Боз як шаби тӯлонии бехобӣ дар назди оташдон ӯро интизор буд. Ба изтироби ботинии ӯ барои ҷигарбандаш, акнун ҳисси пушаймонии дершуда, таассуфи барабас аз он, ки сари вақт эҳсоси дили падаронаи дигареро дарк накард ва азияти бекаронаи ӯро нафаҳмид, илова шуда буд.

* * *

***ЧАЛАМ** (тахаллуси адабиаш Пудипати Венкатачалама; 1894 – 1980) – яке аз поягузорони адабиёти муосири Ҳинд ба забони телугу. Муаллифи чандин маҷмӯаи ҳикояҳо, ҳамчунин роману намоишномаҳо.*

## БЕВАЗАН ШЕШАММА

Қариб сӣ сол аст, ки Шешамма дар атрофи худ на зебоӣ мебинаду на хурсандӣ. Одамон гоҳ механданду гоҳ мехӯранд ё месароянд, Аммо Шешамма ҳамеша шиква мекунаду ғазаболуд аст. Ҳатто чиқ–чиқи паррандаҳо ва хандаи кӯдакон ҳам ӯро асабонӣ мекунад.

– Оҳ, ин паррандаҳои шум – кори дигар надоранд, дами ҳамаашон гирад, – ғур-ғур мекард ӯ.

Андӯҳу бадбинӣ, азияту нуқсонҳо – ин аст ба ақидаи ӯ, ҳамаи он чизе ки дар ин дунё мавҷуд аст.

– Кай Парвардигор ба ҳоли ман раҳм мекарда бошад? Кай ҷони маро мегирад? – бо садои баланд ба худ марг металабад ва инро ҳамин гуна мегӯяд, то ҳама шунаванду донанд, ки ин дунёи лаънатӣ чӣ гуна ба ҷонаш задааст. Ва аз суханони Шешамма бармеояд, Худо ҳам, мисли он ки падараш ӯро ба хонаи хушдоманаш фиристода буд, барои халос шудан аз ин зани бадбахт, ӯро ба замин фиристодааст.

Вале вақте ки чор сол пеш бемор шуд – ба оҳу воҳ даромад:

– Оҳ, мемирам ман, бахудо мемирам… Духтур чӣ гуфт? Ақаллан сардухтурро аз беморхона даъват мекардед… Модари ман ҳаштод сол умр дидааст! Наход ман дар ҳамин синну сол мирам?... Ҳа, албатта, касеро коре нест, ки ман мемирам ё мезиҳам. Агар бимирам, шояд бори ҳама сабук шавад!..

Касе ҳаргиз хандаи ӯро надида буд. Бачаҳо шӯхию бозӣ карда, ғавғо кунанд, ӯ ҳамин хел нигоҳ мекунад, ки гӯё гуфтанӣ аст:

– Қарору оромиро намедонед, илоҳӣ пойҳоятон шиканад! Илоҳӣ ҳаром муред! Лаҳзае ором намегиред!

Шешамма ақида дорад, ки порсоёна зиндагӣ кардан – ин бад дидани зебоиву шодӣ асту бояд ба зиндагӣ ва тамоми дунёи равшан бо нафрат назар кунӣ.

Ӯ ҳамчунин, ақида дорад одамони хубро, яъне онҳоеро, ки мисли ӯянд, дар ин дунё фақат бадбахтиву фалокат интизор асту хушбахтӣ бошад, фақат насиби нобакорон аст. Дар бораи худаш

бошад, Шешамма тамоман, аниқ медонад, ки фақат барои азоб офарида шудааст.

– Ин Камакши чӣ ин қадар суруд мехонад? Аз каллаи саҳар то дили шаб суруд мехонаду суруд мехонад!... Шавҳарашро аз кор меронанду ӯ бошад, боз ҳам суруд мехонад! – ғур–ғур мекунад Шешамма.

Агар аз Шешамма пурсанд, ки «Чӣ ҳол дорӣ?» – ӯ ҳаргиз нахоҳад гуфт, ки: «Хуб»

Албатта, дар кишвари мо, онҳое, ки ба ин савол ҷавоби «хуб» диҳанд, хеле камшуморанд. Ва худи шумораи одамоне, ки зиндагии на он қадар бад доранду инро дарк мекунанд, хеле кам аст. Ва агар дарк кунанд ҳам, ҳаргиз аз тарси он, ки толеъ аз онҳо рӯй хоҳад тофт, ба забон нахоҳанд овард. Илова бар ин, онҳо боварӣ доранд, ки сарватмандона зиндагӣ кардан гуноҳ асту фақат бешарафон зиндагии хуб доранд ва фақат аҳмақҳо серу пуранд. Ва ана, аз ҳамин хотир Шешамма ҷавоб мегардонад:

– Чӣ хубӣ дорад! Ду рӯз боз писарак бемор аст… Гов ҳам шир намедиҳад… Пареррӯз бобои моиндари ман мурдааст… Наберааш дар синфи дуввум мондааст… Ана, ҳамаи хушбахтии ман ҳамин аст… Э, ин аҳамияте надорад! Ҳоло дар атроф ҳамааш фиреб аст. Ҳамааш пуч, ботил аст. Одами тандуруст ҳам намондааст. Кадоми мо сиҳатем? Магар ҳамин тани ман сиҳат аст? – шикоят мекунад ӯ.
– Чӣ? Дар хонаи Дуггирал ҷашни арӯсист?... Чаро онҳо то ҷашни арӯсӣ фотиҳатӯй накунанд?! Ба онҳо аз бобову бобокалонашон халта–халта пул мондааст! Онҳо аз куҷо виҷдону қонунро медонанд! Дигаронро ғорат карда, сарватманд мешаванду баъд ҷашнҳои арӯсӣ барпо мекунанд.

Ӯ бовари комил дорад: агар касе серпул бошад, пас онҳоро бо роҳи ҳалол ба даст наовардааст.

Агар касе гӯяд:

– Дар бораи Раттама шунидед! Мегӯянд, ки дишаб аз ин ҷо рафтааст.

Шешамма дарҳол:

– Рав, рав–э! Ин хел гапҳоро ба ман нагӯй… Кори ман ба дигарон чӣ… Бигӯ бо кӣ рафтааст? Ба хонаи хоҳари калониаш! Ҳамааш ҳамин?! Пас барои чӣ мегӯӣ, гурехтааст?

Шешамма боз каме интизор мешавад, ки оё боз чизе мегуфта бошанд ва агар чизе нагӯянд, идома медиҳад:

– Оҳ, ҷонакам, кори ман канораҷӯист… Ҳа, ӯро кӣ ба хонаи хоҳараш бурда бошад? Албатта, ғайр аз мард каси дигар набурда-

аст! Бигзор, духтаракро хуб назорат кунанд. Ин боз чӣ маъно дорад: «Ба ман чӣ?» Ба хонаи хоҳари калонаш рафтааст? Ҳа, медонем, ӯ чӣ гуна хоҳар аст! Олуфтасатанги шаттоҳ… Э, ба ман чӣ! Кори худам бисёр, вақти сархорӣ надорам.

– Магар синҳори шумо, корҳои шуморо намекунад?

– О, худоё, охир дастони ӯ аз барги гул ҳам нозуктаранд!

– Хайр, духтаратон–чӣ?

– Духтари ман хеле ранҷур аст, – шиква мекунад Шешамма. – Ӯ чӣ гуна кор кунад, вақте худро хеле бад ҳис мекунад!..

– Охир… Охир чеҳрааш тамоман ба бемор монанд нест!

– Ӯ фақат ба назар чунин менамояд. Дар асл сиҳаташ тамоман хуб нест, азизам.

– Охир ӯ фақат ба хоидани чизе…

– Чӣ ҳам мехояд! Тамоман чизе намехӯрад. Агар роҳравон ягон чизи дилкашашро нахӯрад, магар зинда мемонад?

– Ана духтари ман, Суббулакшмии ман… Ягон бор, ҳатто як рӯз ҳам бемор нашудааст.

– Оре, ин хел ҳам мешавад, ҷонакам. Одам тамоми умр бемор намешаваду баъд банохост бемор мешавад. Бо набераи тағои ман ҳам ҳамин воқеа рӯй дод.

Дунёи Шешамма – кори хона ва назорати тартиб аст. Ӯ соати чори субҳ аз хоб мехезад. То соати даҳи шаб андармони корҳои хона аст. Ва сӣ сол боз, ҳар рӯзи ӯ ҳамин гуна шом мешавад. Шешамма ҳамеша кор мекунаду забони ӯ ҳам ором намегирад: ҳамаро ӯ ҷанг мекунад, дашном медиҳад… Субҳ калламушҳоро дуои бад мекунаду шабона бачаҳои гирёнчакро. Баъд канизакро саропо дашном медиҳаду бачаҳои дар рӯи ҳавлӣ ғавғо бардоштаро ҷанг мекунад, паррандаҳоро дуои бад мекунаду бо ширфурӯшу сабзавотфурӯш ҷанҷол мекунад. Ширфурӯшро бо он айбдор мекунад, ки гӯё дар тӯли сӣ сол ягон бор шири қаймоқаш ногирифта наовардааст, сабзавотфурӯш бошад, ягон бор сабзавоти хуб нафурӯхтааст. Шешамма касеро ором намемонад: на ҳамсояҳоро, на синҳорашро, на писарашро, на худоро; ҳатто ба роҳгузарон мечаспад. Вале агар баҳонаи ба ҳеҷ кас часпидан наёфт, шаби дароз худ бо худ ҷанг мекунад. Шешамма бе кору бе ҳақорат зиндагӣ карда наметавонад. Ва ӯ мисли мошин – фикр накарда ( ӯ фикр карданро кайҳо фаромӯш кардааст), аз рӯи реҷае, ки як бор ва барои ҳамеша тартиб додаст, якзайл кор мекунад. Ва ин тартиб агар заррае халалдор шавад, ҳама кори хона он рӯз хароб мешавад.

Зиндагии ӯ шустани косаву табақ, рӯбучини хона, пухтупаз, шикоят аз ифлосии хона аст. Зиндагии дигареро ӯ тасаввур карда

наметавонад. Аз ин рӯ, ӯ аз ҳама гуна навигарию дигаргуниҳо метарсад. Агар ба ӯ маслиҳат диҳед, ки ба хӯрок мурч наандозад, ҳатман он ҷавоберо хоҳед шунид, ки муаллими мактаб ба шумо, ҳангоме ба ӯ тавсия медиҳед, шогирдонашро бо чӯб таълим надиҳад, хоҳад дод. Ё агар ӯро розӣ карданӣ бошед, ки ба ошхона бе пешбанди шоҳӣ дарояд – натиҷааш, айнан, мисли ҳамон хоҳад буд, ки яъне шумо котибро маҷбур карда бошед, бе қаламу коғаз кор кунад. Агар ҳамаи дунё пора–пора шавад ҳам, Шешамма – ҳамин Шешамма хоҳад монд, ҳатто абрӯяш ҳам нахоҳад парид.

Кори ӯ ба кӣ лозим аст, худи ӯ ҳам намедонад. Ба ҷуз он ки ҳама ба Шешамма адоватомез менигаранд. Ӯ метавонад дар як лаҳза хонаро ифлосу чиркин кунад. Ва медонед, барои чӣ? Барои он ки шӯяд. Ва барои чӣ мешӯяду мерӯбад? Барои он ки аз нав ифлос кунад. Агар каси дигар ин қадар вақтро дар ошхона мегузаронд, на камтар аз сесад одамро сер мекард. Ва агар дар биҳишт табақу коса, либоси ношуста, фаршҳои ифлос набошад, ӯ чӣ кор хоҳад кард? Ошхона барои Шешамма беҳтарин ҷои дунё буду ӯ дар он хушбахтии назарногиронаи худро ёфта буд, дар ошхона ҳамаи хоҳишҳо, шавқу рағбат ва шодиҳои ӯ фурӯ менишастанд. Дунё барои ӯ дар сад қадам дуртар аз хонааш ба охир мерасад. Бигзор дар кӯчое давлатҳо завол ёбанд, бигзор тамоми дунёи равшан хароб шавад – барои Шешамма бетафовут аст! Шешамма навозиши тифлонаро намедонад, ӯ на манзил дораду на мол. Ва инак, рӯҳи ӯ пажмурда ва дар дилаш ҳам ҳама чизи зинда, мурдааст. Ва ӯ дар хонааш мисли муш зиндагӣ мекунад. Ҷаҳони маънавии ӯ, асоси мавҷудияти ӯ, – якчанд иборахо аз китобҳои қадимист, ки кадом вақтҳое шунида буд.

Ба ҳамаи мо бад дидан аз дӯст доштан осонтар аст. Муҳаббат инсонро ғулом мегардонад, ба худ тобеъ мекунад. Кӣ ҳам розӣ мешавад, ки хушбахтии худро бо ин бевазани бадбахт тақсим кунад? Вақте ки синҳораш фарзанддор шуд, Шешамма сараввал кӯшиш кард, ки ба онҳо ҳуқуқ доштани худро эълом дорад. Вале синҳораш ҳар лаҳза, бо ҳар нигоҳаш мефаҳмонд, ки ин фарзанди худи ӯст. Ва дар натиҷа – тифлакон, аллакай, дар сесолагӣ ба сари бибии бечораашон калтак мебардоштанд. Хуширо надида, шавқу ҳаваси зиндагиро гум карда ва дар бадбахтӣ ягон фарёдрасе надошта, ӯ мекӯшид холигии мавҷудияти худро бо корҳои беохири дилгиркунандаи хона пур кунад; ҳисси муҳаббати ӯро эҳсоси бадбинӣ ба ҳама касу ҳама чиз танг карда буду фақат ҳақорату ҷанҷол ба ӯ ҳаловат мебахшид.

Ва миқдори ин гуна занҳои рӯҳашон хушкидаи холӣ, ки ҳаёти худ ва дигаронро талх мекунанду фақат марг ҳам худи онҳо ва ҳам дигаронро аз онҳо халос мекунад, дар ин мамлакат чӣ қадар бошад! Ва шояд марг ҳам чораи халосӣ набошад? Сабаби бадбахтии онҳо дар худи онҳо нуҳуфтааст ва ё дар ҷомеае, ки ин гуна занҳоро тавлид мекунад? Ва ниҳоят онҳо ҳаёти ҷомеаро заҳролуд мекунанд, ё ҷомеа ҳаёти онҳоро?

* * *

***ГУРБАКШ СИНГҲ** (1895 – 1977) – яке аз нахустин носир, драматург ва публитсистони панҷобӣ. Муаллифи як силсила маҷмӯаи ҳикояҳо, намоишномаҳои якпардагӣ ва мақолаҳо.*

## АРОБА БАРОИ КЕСРИ

Боре шоми равшани моҳтобӣ, духтаракони наврас дар тангкӯча «арӯсбозӣ» мекарданд. Ин бозӣ хеле одӣ аст: Як пора лойро ба тарафи духтаракон ҳаво медиҳанд ва духтараке, ки лой ба ӯ бармехӯрад, бояд номи ҷавони интихобкардаашро гӯяд. Баъд ин лойро ба дари хонае, ки он ҷавон зиндагӣ мекунад, мемоланд.

Навбати «номзад» интихоб кардани Кесри расид. Ӯ худро гум карда буд, вале духтаракон ба ҳамдигар навбат надода, фарёд заданд: «Уҷагар! Уҷагарро интихоб кун!», «Чаро хомӯшӣ?» ва ӯ дигар илоҷе надошт, ба ғайр аз он ки пичирросзанон бигӯяд: «Уҷагар!»

Ва воқеан ҳам, Уҷагар ба ӯ маъқул буд ва ӯ ҳамеша мекӯшид, гӯё иттифоқан, аз пеши хонаи онҳо бигузарад. Падари Уҷагар аробакаш буду писараш ба ӯ ёрӣ медод. Вақте ки ӯ аробаи пур аз коҳро аз тангкӯчаҳои камбари деҳа меронд, одамон ба тааҷҷуб меафтоданд. Барзаговони ӯ серу боқувват буданд.

Дар айёми кӯдакӣ Кесри ва Уҷагар мисли хоҳару бародар ҳамеша бо ҳам буданд. Вале ду сол боз, ҳангоми бо ҳам вохӯрдан, онҳоро ҳаё зер мекунаду гӯё барои гуфтугӯ сухан намеёбанд. Вале дар нигоҳи онҳо чӣ эҳсоси бекаронае нуҳуфта буд!

Волидони онҳо ба як ҷамоа тааллуқ доштанду аксари одамон мегуфтанд, ки ба зудӣ дар ҷашни арӯсии ин ду ҷавон ширкат хоҳанд кард. Дарвоқеъ падари Кесри одами пуртамаъ буду духтарашро ба Уҷагар, ба писари одамони камбағал, ҳарчанд хубу поквиҷдон бошанд ҳам, додан намехост. Уҷагар бошад, итминони қатъӣ дошт, ки бо Кесри издивоҷ хоҳад кард ва аксар вақт ба мо-

дараш исрор мекард, ки аз нақшаи волидони духтар хабардор шавад. Ба модари Кесри интихоби духтараш хуш омада буду умед дошт, ки баъди ҷамъоварии ҳосил шавҳарашро розӣ мекунонад, ки духтарашро ба Уҷагар диҳад.

Уҷагар барзаговҳои ба ароба басташударо ронда, дар бораи арӯсӣ фикр мекарду Кесри бошад, дар назди дастгоҳи бофандагие, ки пайваста ғуввос мезад. Рӯзҳо ҳамин тариқ сипарӣ мешуданд. Вале, банохост осмонро абри сиёҳ пӯшиду дар зери сояи ӯ вопасин шохаи умед ҳам пажмурд. Дар деҳа овоза паҳн шуд, ки падари Кесри барои ба занӣ додани ӯ ба мулкдори пире, ки начандон дур аз деҳа зиндагӣ мекард, омодагӣ мебинад. Ин овозаҳо ба гӯши Уҷагар ҳам расид. Нақл мекарданд, ки мулкдор аллакай се бор издивоҷ карда будаасту зани саввуми ӯ ҳам ба қарибӣ фавтидааст. Мӯйсафед бисёр мехостааст, ки мулки бузурги пурсарваташро ба фарзандонаш мерос гузорад, вале, бадбахтона, ӯ фарзанд надоштааст.

Падари Кесри мехост арӯсӣ ҳарчи зудтар гузарад, метарсид, ки фурсати муносиб аз даст наравад. Уҷагар ҷои нишастан намеёфт, сахт андеша мекард, ки чӣ гуна ба ин издивоҷ монеъ шавад, модараш ӯро зорӣ мекард, ки ба тақдир тан диҳад.

Ва инак, ҷашни арӯсиро дар рӯзи пуррагии моҳ таъин карданд. Ҳамсояҳо мекӯшиданд, падари Кесриро аз қарораш гардонанд, вале ӯ тан намедод: яъне як ман танҳо нестам–ку, бисёрии ҳамдеҳагон духтаронашонро ба одамони синну солашон аз номзади Кесрии ӯ калонтар ҳам, ба шавҳар додаанд.

Давуғеҷи қабл аз ҷашни арӯсӣ оғоз ёфт. Кесри аз хона берун намебаромад. Уҷагар қариб аз ақл бегона шуда буд: ӯ шаб то саҳар дар атрофи хонаи Кесри мегашту чашмонашро аз тирезаи ӯ намеканд. Оғили волидони Кесри ба хонаи Уҷагар мепайваст. Уҷагар аксар вақт аз ҳавлии худ медид, ки Кесри чӣ гуна говмешеро, ки худаш парвариш карда буд, медӯшад.

Боре шомгоҳон, вақте ки Кесри сатили мисин дар даст ба говмеш наздик шуд, банохост аз нимторикӣ Уҷагар пайдо шуду сатилро аз дасти ӯ гирифт.

– Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? – тарсида, дод зад Кесри.

Уҷагар, гӯё ҳамин саволро интизор буд.

– Омадам аз ту пурсам, ки ҳамаи ин омодагиҳо чӣ маъно доранд?

– Чаро аз ман мепурсӣ? Аз тақдират пурс.

– Лаънат ба тақдири ман! Биё, мегурезем, бигзор ба ҷои он, ки

ману ту азият кашем, номзади ту гиря кунад! – фарёд зад Уҷагар. Ӯ сатилро партофта, духтарро ба оғӯш кашид.

Кесри мижа назада, ба рӯи ӯ нигоҳ мекард.

– Кесри, ту охир аз манӣ! Магар шавҳари мӯйсафед муносиби ту аст? Биё, ҳарчи зудтар гурезем!

– Ба куҷо гурезем?

– Ба ҳар куҷое, ки бошад… Фақат дуртар аз ин ҷо.

Кесри сарашро ба синаи ӯ гузошт. Уҷагар ӯро сахттар оғӯш кард. Вақте ки Кесри сарашро бардошт, косаи чашмонаш пур аз ашк шуда буд, вале дар онҳо қатъият медурахшид

– Не, ман наметавонам, – қатъӣ гуфт ӯ.

– Тақдири ту чӣ мешавад?

– Ҳар чизе дар тақдирам навишта шуда бошад.

– Ва ту ба издивоҷ бо ӯ розӣ мешавӣ?

– Дигар чизе напурс… бирав!

– Ту шояд аз ман барои он ки роҳи туро чун дузд поидам, озурда шудӣ?

– Не, не! Ман ҳамаи он чизеро, ки ҳоло ба ман гуфтӣ, тамоми умр фаромӯш нахоҳам кард.

Ин лаҳза садои модари Кесри баланд шуд.

– Бирав, Уҷагар, бирав… – пичиррос зад духтар.

Ҷавон духтарро бори дигар ба оғӯш кашиду баъд хез зада. аз сари девор париду нопадид шуд.

– Ҳа, Кесри, ту ҳанӯз говмешро надӯшидаӣ? – пурсид модараш наздик омада.

– Оҳ, модарҷон, намедонам имрӯз ба ӯ чӣ шудааст, як қатра ҳам шир намедиҳад, гӯсолааш ҳам гурусна мондааст.

Дар ҳақиқат ҳам, говмеш гӯсолаашро барои он, ки барабас фукашро ба пистони холии ӯ мемолид, бо лагад мезад. Кесри гӯсоларо дар рӯи ҳавлӣ басту сатили холиро гирифта, аз қафои модараш рафт.

Ҷашни арӯсии Кесри ду рӯз идома ёфт ва ду рӯз дар деҳа фақат дар бораи ин арӯсӣ гап мерафт. Рӯзи саввум Кесри ба хонаи шавҳараш рафт. Ва гӯё дар об ғарқ шуд: ӯ дигар ба хонаи волидонаш наомад, онҳоро аҳён–аҳён ба хонаи худаш даъват мекард, хабаргирии дугонаҳояш намеомад ва ба Уҷагар, ки мекӯшид аз ӯ дараке ёбад, ҳар чӣ қадар заҳмат ба харҷ дод, муяссар нашуд, дар бораи ӯ чизе фаҳмад. Боре касе ба ӯ гуфт, ки Кесриро дар мошин, дар паҳлӯи шавҳараш дидааст. Аз он лаҳза сар карда, ӯ зуд–зуд ба роҳи калон мебаромад, ба мошинҳое, ки мегузаштанд, зеҳн мемонд, вале бо вуҷуди ин дидани Кесри ба ӯ муяссар намешуд.

Як сол сипарӣ шуд, аз паси ӯ соли дуюм ҳам. Модари Учагар ба хулосае омад, ки шояд дарди умедҳои барбодрафтаи писараш оромиш ёфта ва захми қалби ӯ ба ҳам омадааст ва дар андешаи зан додани ӯ афтид, вале аз афташ, буттаи ноумедии ӯ чуқур реша давонда буд. Учагар рӯзҳои дарозро дар саҳро мегузаронид – подабонӣ мекард, вале дар бораи зангирӣ, ҳатто шунидан ҳам намехост.

Боз як сол гузашт. Ҳамаи дугонаҳои Кесри ба шавҳар баромаданд. Оҳиста–оҳиста аҳли деҳа ӯро фаромӯш карданд, ғайбатҳо анҷом ёфтанд – магар ҳама чиз дар ёди одамон ҳамешагӣ мемонад?

Дар хонаи мулкдор шодӣ мекарданд: Кесри писар таваллуд карда буд – меросхӯри ҳамаи сарватҳои падари пири худ. Ба ҳамаи сокинони деҳоти атроф зиёфат фиристоданд. Ҳатто ба хонаи Учагар ҳам. Вақте ки модараш дар лаълича ҳалво ва чормағзҳои бо қанд омехтаро ба ӯ дароз кард, ӯ рӯяшро гардонда, бархосту ҳарфе нагуфта аз хона берун рафт. Бо ба дунё омадани писараш, Кесри тамоман тағйир ёфт. Гӯё тамоми эҳсосоти кайҳо фаромӯшшуда дар вуҷуди ӯ аз дигар бедор шуда буданд – мехост баногоҳ аз хона давида ба ҳавои кушод бароёду аз дигар ба ҳамон духтараки чусту чолоки ҷавон, ки говмеш медӯшид, мубаддал гардад, ҳамроҳи дугонаҳояш давида ба лаби дарё оббозӣ равад, ҳангоми шабнишиниҳо дар нимторикии шомгоҳон чархресӣ кунаду сурудҳои ҷашни арӯсиро сарояд, хандида шӯхӣ кунад. Вале ӯ ба худдорӣ кардан мекӯшиду ҳама ин хоҳишоти исёнкоронаро дар ниҳонхонаи дилаш сахт пинҳон мекард ва ҳатто ба фикри касе намеомад, ки ин модари саодатманду қонеъ ба чунин беандешагӣ қодир аст. Фақат шабонгоҳон, вақте ки танҳо мемонд, ӯ ба эҳсосоти худ дода мешуд. Ӯ тифли бедоршударо сурудхонон алвонҷ медоду ашкҳояш ба рухсораҳояш ҷорӣ шуда, ба болопӯши кӯдак мерехтанд.

Писараш калонтар шуд. Ташвишҳои Кесри меафзуданд. Нафаҳмида монд, ки чӣ сон вақти мактабравии писараш ҳам расид. Зиндагии Кесри пур аз ташвиш буду ба ӯ имкони ба ёд овардани ғамҳояшро намедоданд. Мисли раққосаки соат, ки намегузорад соат аз кор бозмонаду занг занад.

Шодии мулкдори пирро, ки дар орзуи писар буд, акнун интиҳо набуд. Гӯё ӯ дубора ҷавон шуда буд. Вале ҳамаи ин дуру дароз давом накард. Писараш чӣ андозае, ки бузургтар мешуд, пирамард ҳамон андоза пиртар мешуду камқувваттар. Шохаҳои хушк дар дарахти кӯҳансоли банан барои нашъунамои навдаҳои ҷавон роҳ кушода, ҳамин гуна мемиранд.

Мулкдор дигар аз бистар бархоста наметавонист. Писаршро ҳар рӯз ба наздаш, ба хонаи хобаш меоварданд. Писарак аз нишастан дар назди падари беморaш зуд дилгир мешуду фақат лаҳзаеро интизор буд, иҷозаташ диҳанд, ки аз хонаи ҳавояш нафасгир давида, берун равад.

Ниҳоят рӯзе расид, ки мулкдори пир ин оламро падруд гуфт. Кесри бева монд – шукуфаҳои ҷавонии ӯро, либосҳои мотамӣ ниҳон карданд.

Замон ҳам баробари ин пеш мерафт. Писарак боз ҳам бузургтар мешуд, хушзеҳну бофаросат буду хуб таҳсил мекард. Хислатҳои ӯ тамоман ба падараш монанд буд – мисли ӯ бо сарваташ такаббур мекард, мисли ӯ ба одамони дар аслу насаб аз худаш поин нафрат дошту нисбат ба хӯроку либос хӯрдагир буд. Хоҳиши иртибот бо хешовандони модараш надошт ва агар Кесри нафаҳмида, ягон ибораи омиёнаро ба забон меовард, ӯро дағалона танбеҳ медод. Сол то сол ӯ аз модараш дуртар мегашту ба падараш бештар шабоҳат пайдо мекард. Кесри ба ӯ менигаристу дилаш тазъиқ меёфт. Деҳаи азизаш ҳарчӣ бештар ба ёдаш мерасид.

Баъди хатми мактаби мутавассита, писараш қарор дод, ки ба яке аз коллеҷҳои Лоҳур шомил шавад. Онҳо дар Лоҳур хонаи худро доштанд. Дар ин хона мудире, ки ӯро ким– кайҳо помещики пир киро карда буд, мезист. Хона тозаву муназзам буду мудир, ки ба хонадони валинеъмати худ содиқ буд, омадани хоҷаи ҷавонашро бесаброна интизорӣ мекашид. Кесри барои рафтан ба Лоҳур розӣ шуд, чун хулоса кард, ки сараввал метавон ба кӯмаки мудир умед баст ва баъдан ҳарчанд писараш ба зиндагии мустақилона мекӯшид, хуб аст модараш ҳамроҳи ӯ бошад.

Деҳае, ки Кесри дар он таваллуд ёфта буд, на чандон дуртар аз Лоҳур воқеъ буд ва ӯ вақте ки онро ба ёд овард, дар дилаш умеди беҷуръатонае бедор шуд. Писараш ба ӯ иҷозат намедод, ки ба аёдати хешу табораш равад, ҳамчунин хешу табори модарашро ба хонаи худ роҳ намедод, вале бо вуҷуди ҳамаи ин Кесри хурсанд буд, ки ба зодгоҳаш наздиктар омадааст. Ва инак Кесри бо писараш ба шаҳр кӯчид. Ҷавон ба коллеҷ шомил шуд. Дар макони нав, зиндагии нав оғоз гардид. Кесри шахсияти пурэҳтиросу пурэҳсос бошад ҳам, вале ба худқурбонкунӣ қодир буд. Ӯ эҳсосоти худро пинҳон дошта, сaропо ба ташвишҳои писараш дода шуд. Ӯ худаш хӯрокҳои дӯстдоштаи писарашро мепухту хонаи ӯро ба тартиб меовард. Баъд аз ҳама мехобиду пеш аз ҳама бармехост.

Хонаи онҳо дар канори роҳи мошингард воқеъ буд. Кесри ба

худаш хонаеро интихоб карда буд, ки тирезаҳояш ба тарафи ҳамин роҳ кушода мешуданд. Ӯ субҳи барвақт бедор шуда, худро ба тартиб меовард, ибодат мекард, чой дам мекард. Баъд, пас аз чойнӯшӣ, дар кресло, дар назди тиреза менишаст. Ҳаракат дар ин вақт дар кӯча кам буда, мошинҳои сабукраву боркаш аҳён–аҳён мегузаштанд. Вале аробаҳои деҳотӣ бисёр мегузаштанд, ҳатто садои ғиҷирроси онҳо ба гӯш мерасид. Ва он гоҳ дар дили Кесри шӯълаи камнури умед равшан мегардид: шояд кадоме аз ҳамдеҳагонаш аз ин ҷо гузарад. Аз ин хотир, вақте ки ҳанӯз дар хона ҳама дар хоби роҳат буданд, ӯ дар назди тиреза нишаста, чашмашро аз роҳ намеканд.

Рӯзи якшанбе буд. Дишаб писараш аз кино ба хона новақт баргашт. Хуб аст, ки ин субҳидам ӯро барвақт бедор кардан лозим намеояд. Хидматгорон ҳам дар хоб буданд. Кесри кайҳо боз дар назди тиреза нишаста буд. Субҳи равшани офтобӣ медамид. Дар рӯ ба рӯи ӯ аробаҳо қатор шуда буданд. Ҳарчанд ба онҳо барзаговҳои боқуввати фарбеҳ баста буданд, аз афташ халтаҳои гандум хеле вазнин буданд, ки яке аз онҳо қафо монд. Ароба бо хонаи Кесри баробар шуд. Аробакаш ба тирезае, ки дар назди он Кесри нишаста буд, назар афканд. Аробакаш ӯро дида наметавонист, вале Кесри ӯро ба хубӣ дид. Нури офтоб рост ба рӯи ӯ меафтид. Ин ҳамон одаме буд, ки Кесри ӯро зуд–зуд дар хобаш медид. Чеҳраи ӯ чӣ қадар тағйир ёфта буд: ҷавонмард шудааст, риш мондааст, пӯсташ аз нури офтоб биринҷиранг шудааст, вале ӯ пешонии кушода ва чашмони равшани ӯро, ки солҳои зиёде орзуи диданашонро дошт, шинохт!

Ӯ дар рӯи дарвоза ному насаби соҳиби хонаро хонда, дақиқае аробаро боздошту баъд боз ба роҳаш идома дод.

Сари Кесри чарх зад. Ба ӯ чунин намуд, ки дунё чаппагардон шудааст. Ӯ аз ҷо барҷасту аз дарвоза баромада, ба кӯча давид. Ӯ ба ароба расида, аз шоҳтири он доштy баробари он қадам зад. Аробакаш боҳайрат ба ӯ нигоҳ мекард.

– Шумо аз кадом маҳал ҳастед? – расид ба гӯши аробакаш садои ӯ.

Ӯ бештар ба тааҷҷуб афтод: зани зебои хушлибос дар ин субҳи барвақт, дар кӯчаи холӣ, баробари аробаи ӯ қадам мезанад.

– Аз Сидҳу, хонум.

– Пас, шумо, шояд волидони Кесриро шиносед?

Ӯ фарёд заду хост фавран аз ароба парида фурояд, вале Кесри аз ӯ хоҳиш кард, ки барзаговонро ба тарафи хонаи ӯ гардонад.

Хидматгорон ҳанӯз хоб буданд. Кесри Уҷагарро ба хонаи худ мушоият карду дар бораи волидонаш, дугонаҳояш пурсид, бо чои тозаи хушбӯй зиёфат кард. Ӯ ду пиёлаи калони чой нӯшид. Чой ба назараш аз шаҳди биҳишт ҳам ширинтар менамуд. Солҳои ҷудоӣ ба куҷое нопадид шуда рафтанд. Чунин менамуд, ки онҳо, аслан, вуҷуд надоштанд – на арӯсии Кесри буду на азиятҳои кашидаи ӯ, ҳеҷ чиз… Дар хотироти онҳо танҳо ҷавонии онҳо, ки бо нахустин анвори муҳаббат равшан гардида буд, боқӣ монда буду бас.

Кесри барои гусели Уҷагар баромада, аз ӯ қавл гирифт, ки ҳатман, боз хабаргирӣ биёяд.

– Баъд аз ин ҳар рӯз хоҳам омад, ҳоло ман гандум мекашам, баъд коҳу сабзавот хоҳам овард, – ин суханҳоро гуфта, Уҷагар рафт.

Ӯ рӯзи дуввуму саввум ҳам омад. Ва аз ҳамон лаҳза сар карда, онҳо ҳар рӯз ҳамдигарро медиданд. Гӯё тоқату сабри Кесриро карона набуд, эҳсososти дубора бедор шудаи вуҷуди ӯ ҳар чӣ қадар пурқудрат набошанд ҳам, ӯ худро ба даст мегирифт. Хунаш дар шараёнаш меҷӯшид, хобҳои ширин шабона хоби ӯро нороҳат мекарданд, вале ӯ худдорӣ мекард – фикри писараш ӯро аз кирдори беандеша бозмедошт. Ӯ тайи чанд моҳ бо худ мубориза кард, то он даме, ки сели эҳсososти пуршиддат ин сарбандро шуста набурд. Ӯ ба мулкдор ба шавҳар баромада, соҳибсарват нашуд, воқеан ҳам дар ин ҷо ҳеҷ чиз ба ӯ тааллуқ надошт – на хона, на замин, на хидматгорон. Ҳатто, писараш ҳам ба ӯ тааллуқ надошт. Дар синаи ӯ дили духтараки одии деҳотӣ метапид ва ин дил дар орзуи саҳроҳои бекарона буду барои чунин ашёҳои аз айёми кӯдакӣ шиносу ба дил наздик, мисли сатили мисин ва кӯзаи биринҷии обкашонӣ дилгир шуда буд. Шояд аз ҳамин хотир, аробаи Уҷагар, ки гандуму сабзиҷот бор карда буд, барои Кесри аз хонаи пурҳашаматаш азизтар буд. Кесри ташнаи он буд, ки боре аз остонаи он берун по гузорад

–Гӯш кун, Уҷагар, маро ҳамроҳат ба бозор бар, – боре хоҳиш кард ӯ, – ҳамин, ки гандумро фурӯхтӣ, маро ҳам бозмеорӣ.

Магар Уҷагар ин гуна хуширо орзу карда метавонист! Ӯ тамоми шаб роҳат хоб накард, ҳамин ки чашмонашро мепӯшид, гумон мекард, субҳ дамидааст. Аробаро ҳанӯз бегоҳӣ бор карда буд, фақат барзаговонро хӯрондану ба роҳ баромадан монда буду халос. Вале шаб ҳеҷ поён надошт!

Ана, ӯ ҷилавро ба даст гирифтаасту модари пираш ӯро боздош-

тан мехоҳад: ҳанӯз барвақт аст! «Кесри интизор аст!» Ин фикр ӯро ором намегузорад ва ӯ аробаро аз ҳавлӣ берун меронад.

Зангӯлаҳои гардани говҳо акнун садо карда буданд, ки дари пушти хона кушода шуду Кесри ба тарафи ӯ давид. Ӯ дастонашро дароз карда, барои ба болои ароба баромадани ӯ кӯмак карду ӯро ба ҷои нарме, ки барои рафтан мувофиқ буд, нишонд.

Кесри либоси одию хоксоронаеро, ки дирӯз аз сандуқи ҷиҳозаш баровардааст, ба тан карда буд. Агар модараш ӯро дар ин либос медид, тааҷҷуб мекард! Имрӯз ӯ боз ҳамон Кесри, деҳқондухтари оддие буд, ки як вақтҳо говмеш медӯшид. Ҳарчанд латофати ҷавониаш каме коста буд, вале ӯ барои Уҷагар мисли пештара азизу дилрабо буд.

Кесри пештар ҳам ба Лоҳур омада буд: шавҳараш ӯро бо мошин дар кӯчаҳои шаҳр мегардонд, вале он вақт ӯ ба такягоҳи мулоими нишастгоҳ ғарқи хаёл такя мекарду зебоиҳои шаҳрро намедид.

Ҳоло дар байни халтаҳои гандум, дар паҳлӯи Уҷагар нишаста, аз манзараҳое, ки дар пеши назари ӯ ҷилвагар мешуданд – олами бекарони рангҳои равшан ва садоҳои гуногун завқ мебурд. Ана, ҷорӯбкашон кӯчаҳоро мерӯбанд, ширфурӯшон аз шир равған ҷудо мекунанд, ширинифурӯшон ҳалво мепазанд, сабзиҷотфурӯшон ба ғарамҳои караму шалғаму лаблабу об мепошанд, то тару тоза ба назар расанд. Садои хушоҳанги ноқуси маъбадҳо мӯъминонро ба ибодат даъват мекунанд. Ходимон ба идораҳои худ мешитобанду муаллимон – ба мактабҳо. Ҳарчанд қисмати зиёди аҳолии шаҳр ҳанӯз дар хонаҳояшон буданд, ҷаҳоне, ки Кесри дар аробаи оддии деҳқонӣ нишаста, ба он назар меафканд, нисбат ба оне, ки як вақтҳо аз пушти шишаи мошини сабукрави қиматбаҳо медид, даҳчанд васеътару серодамтар менамуд.

Нурҳои офтоб сӯзонтар шуданд. Кесри бо оҳанги ҳаракати оҳистаи ароба алвонҷ хӯрда, хушбахтона табассум мекард. Ва ин, баъди он ки хонаи волидонашро тарк карда, ба хонаи шавҳараш омад, нахустин рӯзе буд, ки озодона нафас мекашид. Хайр чӣ, ӯ ба ин шодмонӣ ҳақ ҳам дорад! Дилаш аз тараб мерақсид, мехост ба фарозҳо, ба сӯи осмони кабуди чашмхиракунанда парвоз кунад. Саропои ӯ ба зиндагӣ ташнагӣ эҳсос мекард. Уҷагар бошад, гӯё ба андешаҳои ӯ пай бурда бошад, гуфт:

– Гӯш кун, Кесри! Ту медонӣ, ки ман туро мисли собиқ дӯст медорам! Биё ба ягон ҷои дигар меравем.

– Не! Не! Ман меҳмони нохонда будан намехоҳам! Дар дунёе, ки ту зиндагӣ мекунӣ, барои ман ҷой нест.

– Ин иштибоҳ аст, Кесри! Магар ту намефаҳмӣ, ки ин дунё, дунёи ту ҳам аст! Фақат ба ману ту лозим аст, ки якҷоя ин ҷоро тарк кунему дигар аз ҳамдигар ҷудо нашавем!

Кесри муддати дарозе хомӯш монд. Баъд гуфт:

– Хуб, Уҷагар, шояд ту ҳақ бошӣ. Ман инро фикр мекунам…

Ӯ муддати тӯлонӣ фикр кард. Пинҳонӣ аз хона гурехтан ба ӯ хуш намеомад! Писарашро шарманда кардан намехост.Писарак мағруру тундмизоҷ буд. Чӣ мешавад, агар рӯирост ба ӯ гӯяд: «Писарам, ҷонакам, Худованд ба ту умри дарози пурсаодат ато фармояд, вале ба модарат ҳам иҷоза бидеҳ, то аз саодати кӯтоҳе баҳравар шавад. Ман ба ҷои дур, хонаи холаам ба Синд меравам ва туро ҳаргиз заҳмат нахоҳам дод ва агар бимирам ҳам, медонам, ки чандон андӯҳгин нахоҳӣ шуд: охир модари ту зани оддиест, насабаш баробари насаби падарат нест, ба ӯ, ҳатто, дар чашми одамон намудан ҳам айб аст». Бале, Кесри ба ӯ ҳаминро мегӯяд, писараш беҳуда ин қадар китоб нахондааст – ӯро мефаҳмад ва барои рафтанаш ризоият медиҳад.

Ва ӯ ин корро кард, вале ҳамааш бад анҷом ёфт. Писараш ба сари ӯ борони таънаю маломат рехт, таҳдид кард, ки модари беҳаёяшро мепарронад.

Ва Кесри фаҳмид, ки беҳуда дилашро ба писараш кушодааст. Ӯ ғамгин ва батамом рӯҳафтода шуд. Андешаҳои ногувор сарашро ба дард меоварданд: оҳ, чаро Уҷагарро умедвор намуд! Акнун ӯ бештар аз он азият мекашид, ки Уҷагарро фиреб додааст!

Писари Кесри ба зудӣ коллеҷро хатм карда, ба мулки худ баргашт. Ба Кесри ҳам лозим омад, ки Лоҳурро тарк кунад. Ҳамин тариқ, дидорбиниҳои ӯ бо Уҷагар ҳам хотима ёфтанд – вопасин нури шодмонӣ ҳам фурӯ мурд. Кесри мисли арвоҳ дар утоқҳои васеи хонаи берунишаҳрии худ гирд мегашту рӯҳи азияткашидаи ӯ ҳам оромиро намедонист.

Баъд аз як сол писараш издивоҷ кард, аз хонаводаи асилзодаи сарватманд зан гирифт. Ба хона бонуи нав қадам ниҳоду Кесри аз ҳамаи кору бор дур гардид. Рӯз то рӯз камқувваттар мешуду худро дар ин ҷо нодаркору бегона эҳсос мекард. Вазъи саломатиаш бад шуд, ӯ мубталои бемории сил гардида буд.

Ягона одаме, ки ба ӯ сахт ҳамдардӣ мекард, мудири пир буд. Ӯ хонумро барои аз назари духтурон гузаронидан ба Лоҳур овард, кӯшиш мекард, ҳар чизе ки аз дасташ меояд, барои ӯ бикунад, ғамхорона ӯро парасторӣ мекард. Худи Кесри хоҳиши сиҳат ёфтан надошт, аз ин сабаб табобат ба ӯ кӯмак намекард. Ӯ фано мешуд.

Ҳарчанд ӯ инро мефаҳмид, вале бе иҷозаи писараш ҷуръат намекард, ки волидонашро даъват кунад.

Баъд аз ду моҳ ба писараш хабари бемории вазнини модарашро расониданд ва ӯ ба Лоҳур омад. Вақте ки ӯ чеҳраи мисли карбос рангпаридаи мурдамонанди ӯро дид, дилаш фишурда шуд. Ниҳоят меҳри писарии ӯ ба ҷунбиш омад. Ӯ Кесриро ба оғӯш кашида, гиря кард. Ӯ ҳам сари писарашро сахт ба синааш фишурд. Ин дуввумин лаҳзаи хушбахтона дар ҳаёти ӯ буд. Бори нахуст писараш хоҳиши ба оғӯш кашидани модарашро пайдо карда буд. Дар чеҳраи Кесри табассум гул кард. Ба ӯ чунин намуд, ки ба зудӣ сиҳат хоҳад ёфт.

Писараш супориш дод, ки фавран волидони модараш – бибию бобояшро ба шаҳр биёранд.

– Чаро шитоб мекунӣ, писарам? Дафъаи дигар… – гуфт Кесри.

– Ман дигар аз назди ту ба ҳеҷ куҷо намеравам, ман мехоҳам ҳамаамон якҷо бошем, аз ҳамин рӯ барои овардани мӯйсафедон кас фиристодам – охир деҳа наздик аст.

Чеҳраи Кесри каме сурхӣ пайдо кард.

– Шояд ягон нафар аз ҳамдеҳагонатро ҳам даъват кунем, модарҷон?

Ӯ чашмонашро пӯшид.

– Бигӯ, ҳатман бигӯ, касеро, ки дидан мехоҳӣ, ман боз як мошини дигар мефиристам, – гуфт ӯ дастони модарашро фишурда.

– Не, писарам, дигар касе даркор нест… Он нафареро, ки ман интизорам, худаш меояд.

Ба зудӣ волидони Кесри бо бародари ягонааш омаданд. Чӣ вохӯрие! Баъди солҳои тӯлонӣ бародару хоҳар якдигарро ба оғӯш кашиданд. Барои ин дидор бояд ба фариштаи марг, ки наздик меомад, изҳори ташаккур кард. Имрӯз ӯ ҳамаро дар ин хонадон гирд овард. Рӯзи дигар тамоми деҳаи Сидху, аллакай, аз бемории дармоннопазири Кесри огоҳӣ ёфта буд. Аз Лоҳур барои ҳамаи онҳое, ки хоҳиши аёдати беморро доштанд, мошин фиристоданд. Модари Уҷагар ҳамроҳи ҳамдеҳагонаш ба роҳ баромад. Вале Уҷагар рафтанро рад кард.

Фарҷоми зиндагии ӯ наздик мешуд, вале ақлу ҳуши Кесри дар ҷояш буд. Ӯ дардро эҳсос намекард, вале атрофиёнро хира медид. Писараш дар болои сараш нишаста буду модараш дар поёни пояш, падару бародараш – дар рӯ ба рӯяш. Мудир ва дигар хидматгорон каме дуртар рост истода буданд.

Банохост пешхидмат аз дар ворид шуду дар гӯши мудир пичир-

росзанон чизе гуфт. Мудир аз хона берун шуд. Дар кӯча кадом–як аробакаш талаб мекард, ки иҷоза диҳанд, ӯ ба хона дарояд.

– Ту аз куҷоӣ? – пурсид мудир.

– Аз Сидҳу.

Пирамард то ба дараҷае ба бонуи худ эҳтиром дошт, ки номи зодгоҳи ӯро шунида, фавран мулоим шуд.

–Ту чӣ мехоҳӣ?

– Мехоҳам бонуро бубинам.

– Ту ба ӯ кӣ мешавӣ?

Уҷагар хомӯш буд. Баъд канда–канда гуфт:

– Бародараш.

Мудир ба хона даромад. Аз афташ, бону дар ҳақиқат касеро интизор буд, ки ӯ ҳанӯз аз дар надаромада, дарҳол пурсид:

– Кист он ҷо? Ту бо кӣ гап задӣ?

– Кадом–як одам бо ароба аз Сидҳу омадааст, шуморо дидан мехоҳад, мегӯяд, ки бародаратон аст.

– Бале, бале… ӯ бародари ман аст! Бигзор зудтар дарояд!

– Модарҷон, охир худатон гуфта будед, ки танҳо як бародар доред, – гуфт писараш.

– Бале, якто бародари худӣ ва якеашро худам интихоб кардаам. Ӯро садо кунед!

Ба хона Уҷагар ворид шуд. Кесри кӯшиши бархостан кард, вале қувваташ нарасид.

– Ҳа, Кесри, омода ҳастӣ? Ман барзаговҳоро ба ароба баста, чӣ хеле ту мехостӣ, барои бурдани ту омадам.

– Ана, барои чӣ ту ҳамроҳи дигарон наомадаӣ! Барзаговҳоро ба ароба бастӣ! Чӣ илоҷ, ман ҳамроҳи ту меравам, маро аз ин ҷо бар… Ту, худат аробаро меронӣ?.. Писарам… ман…

Сухани ӯ бурида шуд, калимаҳо гӯё дар лабони ӯ карахт шуданд.

– Модарҷон, ба ту чӣ шуд? Бигӯ ба ту чӣ лозим!

– Писарам, ман субҳи барвақт… вақте ки ҳама хобанд… ба болои ароба мебароям…

Ӯ дастонашро ба тарафи Уҷагар дароз кард. Уҷагар чашмонашро сахт пӯшид ва вақте ки боз кард, Кесри мурда буд.

Рӯзи дигар, ҳанӯз субҳ надамида, ба ҷои гулхани ҷаноза аробаи саропо гулпӯши деҳотие ҳаракат мекард. Дар гардани барзаговҳои сафед зангӯлачаҳо дида намешуданд – онҳоро кушода гирифта буданд. Барзаговҳоро ҷавонмарди қадбаланди сабзинае меронд. Аз паси ароба чанд мошини сабукрав оҳиста роҳ мепаймуданд.

* * *

***ҶАВЕРЧАНД МЕГҲАНИ*** *(1896 – 1947) – носир, шоир ва мунаққид, омӯзиши адабиёти шифоҳии гуҷаратӣ бо заҳмату кӯшиши ӯ оғоз ёфтааст. Муаллифи шонздаҳ маҷмӯаи достону афсонаҳо ва чандин қиссаву ҳикояҳо. Маҳатма Ганди ӯро шоири миллии Ҳиндустон номида буд.*

## ЗАН ВА АСП

Шавҳарам тамошои намоиши кадом як дастаи ҳунарии аз хориҷ омада рафту ман дар ошхона барои духтарам шир омода карда, ба боло ба хонаи хобам равона шудам. Дар хонаи хоб мо ду нафарем: Ману ӯ, шабчароғи ман… Худоё, ман чӣ мегӯям! «Ӯ»… «Аз ман»… Ман ҳаросон ба атроф назар меафканам: маро ин лаҳза касе нашунида бошад? Дар тасаввури ноҷӯри ман «ӯ» ҷон мегираду ба мард мубаддал мегардад… «Ӯ» синчакорона ба ман нигоҳ мекунад, бо нури худ тамоми вуҷуди маро фаро мегирад, ба аъмоқи рӯҳам роҳ пайдо карда, тамоми гӯшаҳои махуфи онро равшан месозад. Маро воқеан ҳам даҳшат зер мекунад ва ман мехоҳам аз он раҳоӣ ёбам – дар хонаи хоби ман, мо ду нафарем: ману шабчароғи ман.

Дар чашми ман, чун воқеият, манзараҳои айёми кӯдакиам ҷилвагар мешаванд. Ин ҳоло аст, ки ман дар хонаи падаршӯям масхараи дигарон шудаам: ҳамеша ҳама чизро фаромӯш мекунам – гоҳ гарданбанди тилоямро дар болои кати хобам мемонаму гоҳ дастпонаҳоямро дар ташноб; маро «ноқисулақл» мехонанду бо тамоми қувват мекӯшанд, паст зананд. Вале ман, охир, аз панҷсолагиам сар карда, ҳама чизро дар ёд дорам. Мисли он ки ҳамин ҳоло медида бошам: холаи Ратан маро барои он, ки торҳои анкабутро пора ё хонаи занбӯрро хароб кардаам, ҷанг мекунад.

– Ҳоло ист, гунаҳкори хурдакак! – таҳдид мекунад ӯ. – Дар таваллуди дигарат ё аспи шетх Пратапрай, ё зани яке аз писарони ӯ хоҳӣ шуд!

Он ҳангом ман тамоман соҳиби тафаккур набудам, вале ёд дорам, ки як фикр маро ором намегузошт: чаро, барои гуноҳҳои ман, холаи Ратан ба ман тақдири аспи шетх Пратапрая, ё зани яке аз писарони ӯ шуданро пешгӯӣ мекунаду қисмати духтараки гадои чиркинеро, ки дар ахлоттӯдаҳои назди ҳавлии мо чизе меҷӯяд, ё саги бесоҳиберо, ки уллоскашон аз бачаҳои кӯча мегурезад, не?

– Ин хел бошад, ман бештар гуноҳ хоҳам кард! – натарсида, дод мезанам ман, бо як поям ҷаҳида. Ман бисёр мехоҳам, ки баъди

мурданам аспи шетх Пратапрай бошам. Оҳ, ин чӣ қадар оличаноб хоҳад буд! Инро ба ман пешгӯӣ кун, холаи Ратан! Охир ин барои ту мушкил нест!

– Гӯш кун, ба гумонам, зангӯлаҳо занг мезананд! – мегӯяд холаи Ратан ва ман бо тамоми қувват ба тарафи дар медавам. Аз охири кӯча аспи шетх намудор мешавад. Гарданаш мисли камон хам буда, ёлҳояш бо зардӯзиҳои заррин ва нуқрагин оро ёфтаанд; ӯ гӯё рақс карда, ба осонӣ фойтуни оростаеро, ки ба гули калони серранг шабоҳат дошт, мекашид. Ва дили ман ҳам бо рабти садои суми асп ба рақс медарояд.

– Оҳ, холаи Ратан! – мегӯям ман. – Ба ман содир кардани он гуноҳеро омӯз, ки ин гуна таваллуди дигари хушбахтона насиби ман гардад.

– Эҳ, ту нодон, нодон! – ҷавоб медиҳад ба ман холаи Ратан. – Ин аспи бечора дар ин дунёи равшан дурудароз нахоҳад зист.

Вале ман он вақт чизеро намефаҳмидам. Чӣ андоза аспи хушбахтест, меандешидам ман. Дар болои он ҷаноби асилзодаи зебое, ки либоси шоҳии хитоӣ ба тан дошт, бовиқорона менишаст. Ӯ дар ҷавоби салому дурудҳои сершумори одамони дар бозор ҷамъшуда, бепарвоёна сар меҷунбонд. Ҷанобони сарватманди салладоре, ки дар паҳлӯяшон ханҷарҳои нуқрагин овезон буд, тамаллуқкорона ба ӯ таъзим мекарданд!

Аспро аксар вақт ба фойтуни сабуки бесадо баста, ба вокзал пешвози поезд мефиристоданд. Ӯ ба хона меҳмонони мӯътабарро меовард. Ман босаброна бозгашти онро мунтазир мешудам. Баъзан поезд дер меомад ва ман нисфи шаб аз садои баланди сумҳои асп дар кӯчаи хобида, бедор мешудам, ё аспро дар хобам медидам.

Баъзан фойтуни ба асп басташуда дар назди хонаи мо меистод. Вақте ки ба хонаи мо меҳмонон меомаданд, шетх, баъзан, ба падари ман пешниҳод мекард, ки аз фойтуни ӯ истифода барад. «Лозим нест, шетх!» – рад мекард падарам. Аммо ӯ исрор мекард: «Охир ба ҳамсоя кӯмак кардан зарур аст!»

Оҳ, чӣ гуна аспи зебост, меандешидам ман. Ӯ лаҷомашро мегазаду бесаброна сум мекӯбад.Агар асп дар хонаи шетх ин қадар зиндагии хуб дошта бошад, тасаввур кардан мумкин аст, ки занҳои писарони ӯ дар ин хонадон чӣ қадар хушҳолу оростаанд! Кош боре онҳоро медидам!

Боре орзуи ман қариб амалӣ мегардид. Ман он вақт ҳаштсола будам ва он лаҳзаро хуб дар ёд дорам!

Мо дар наздикии бозор зиндагӣ мекардем. Роҳи борике, ки аз

назди хонаи мо мегузашту дар он бо мушкилӣ ду фойтун мегунҷид, то бозор мебурд. Он рӯз дар кӯчаи мо ҳафт аробаи пур аз тойҳои пахта ҷамъ шуда буд. Дар чеҳраи деҳқонон як қабат чанги роҳ нишаста буд, – маълум буд, ки онҳо аз роҳи дур омадаанд. Нерӯи охирини худро кор фармуда, думи барзаговҳоро тоб медоданду онҳоро маҷбур мекарданд, ки аз кӯтали роҳи бозор гузаранд. Ногаҳон, онҳо дар байни аробаҳо говеро диданд. Савдогарони бахашмомада деҳқононро ҷанҷол мекарданд, вале худи онҳо ҳам ҳеҷ фаҳмида наметавонистанд, ки дар ин байн гов аз куҷо омада бошад. Ғавғои гӯшношуниде барпо шуд. Ман дар остонаи хонаи худамон нишаста, бо шавқи зиёд инро тамошо мекардам. Ва дар ҳамин ҳангом ман садои ошнои ба дил наздики зангӯлаҳоро шунидам! Ин фойтуни шетх бо аспи нави сафед буду дар даруни он чор зан ва чанд кӯдак нишаста буданд.

Муддати тӯлоние аз он рӯз гузашта бошад ҳам, ман имрӯз ҳамаи ҷузъиёти онро дар ёд дорам. Занон чеҳраи худро бо нӯги сарии тиларанги худ пинҳон карда буданд ва ман натавонистам, рӯи онҳоро хуб бинам. Вале ман дастони онҳоро, ки то оринҷҳояшон бараҳна ва пур аз дастпонаҳои қиматбаҳо буданд, хуб дида тавонистам. Ман ба онҳо, мисли духтараки гадое, ки ба пештахтаи мӯҳташами дӯкони ҷавоҳирфурӯшӣ менигарад, нигоҳ мекардам.

– Занони хонадони шетх ба меҳмонӣ, ба хонаи хешу таборашон мераванд, – мегуфтанд одамони атроф. – Ин ҳафтафаҳмҳо бошанд, роҳро бо аробаҳои худ маҳкам кардаанд.

Фойтунчӣ деҳқононро ҳақорат карда, фойтунро қафо гардонд ва бо роҳи давродавр меҳмононро ба хонаи хешу таборашон, ки дар наздикии мо зиндагӣ мекарданд, овард. Ман ҳатто аз модарам иҷозат напурсида, ба он ҷо давидам, – вале боз ҳам ба ман муяссар нагардид, ки чеҳраи ин занони хушбахтро бубинам.

Аммо ман ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ҳар рӯз ба маъбади наздиктарин рафта, аз таҳти дил дуо мекардам: «Парвардигоро! Кӯмакам намо, то дар хонаи шетх арӯс шавам! Он вақт ман бо фойтун ба меҳмонӣ хоҳам рафт».

## 2

Боз чанд соли дигар сипарӣ шуд. Таи ин муддат ман борҳо занони хонаи шетхро, ки фойтунсавор мегузаштанд, дидам ва хурд ҳам бошам, аз чашми ман пинҳон намонд, ки дастони гӯшаи сариро дар сарашон нигоҳ доштаи занон сараввал фарбеҳанду сипас чунон лоғар мешаванд, ки қариб дастпонаҳо аз он меафтанд. Баъд

ман фаҳмидам: ин дигаргунӣ бо кадом сабабе бо саҳарии барвақт ё шоми бевақт, бастаҳо дар даст, ба хонаи мо омадани ҳамсоязанҳо, ки мегуфтанд, яке аз синҳорҳои шетх дар дами марг аст, иртибот дорад.Ва модари ман ҳам саросема сариашро ба танаш печонида, нимтанаашро мепӯшиду ба куҷое баромада мерафт.

Боре ҳангоми рафтанаш ӯ ба падарам гуфт:

– Бин, кори мо ҳеҷ омад намекунад! Агар Тараи мо ҳоло, аққалан, сездаҳ сол медошт, ман ӯро хушбахт мекардам. Афсӯс, ӯ фақат даҳсола аст. Вақте ки ӯ ба балоғат мерасад, тақдираш чӣ мешуда бошад?

Оҳиста-оҳиста ман дарк кардам, ки занон ва аспон дар хонаи шетх дурудароз намепоянд: онҳо мемиранду ба ҷояшон дигаре меоянд.

Вақте ки ман сездаҳсола шудам, волидони ман бо ҷидду ҷаҳд ба ҷустуҷӯи домоди арзанда барои ман камар бастанд. Дар фазои танги хонаи мо задухӯрдҳои шадид, шабеҳи оне, ки дар тангкӯча ба ҳам бархӯрдани якчанд аробаҳоро дар кӯдакӣ мушоҳида карда будам, оғоз гардиданд.

– Шумо охир, бубинед, ҳаваси кас меояд! – мегуфт модарам ба падарам, ба тарафи ман ишора карда. Тӯли чандин сол ҳатто ба духтарак шабоҳат ҳам надошт – хурдҷуссаи лоғар буд. Акнун мисли хамири хамирмоядор якбора расидааст. Оҳ, ту шайтонак! Бигӯ, акнун бо ту чӣ кунам?

– Шояд ба бахти ӯ яке аз синҳорҳои шетх бемор шавад? – гап партофт падарам.

– Вақти шӯхӣ карданатонро ёфтед! – бештар шӯрид модарам. – Бешарм! Магар ман гуфтам, ки марги синҳори шетхро орзу дорам?

– Ту инро нагуфтӣ, вале ҳар кадоми мо инро дар дил аз худо мехоҳем.

– Вале, медонед!.. – модарам барои ифодаи норизоии худ сухан пайдо намекард.

– Ин ҳеҷ аҷобате надорад! – ҷавоб дод падарам. – Ҳамаи волидайне, ки духтари қадрас доранд, ҳамин гуна андеша мекунанд. Вақте ки синҳоре дар ягон хонаводаи мӯътабар дар дами марг аст, онҳо марги ӯро интизор нашуда, нақшаҳои нав мекашанд, ё ту не мегӯӣ? Ва инак ман андеша мекунам, ки агар яке аз синҳорҳои шетх бистарӣ шавад, мавриди мувофиқро аз даст надиҳем.

– Шумо андеша мекунед, ки чӣ мегӯед! – модарам аз оташинӣ гӯё оташ гирифта буд. – Беҳтараш ба Раҷкот ё Амрӣ равона шавед.

– Дар он ҷо ман чӣ кор мекунам?

– Дар байни донишҷӯён домод меҷӯед.

– Охир ману ту духтарамонро баъди хатми синфи се аз мактаб гирифтему акнун ту пешниҳод мекунӣ, барои ӯ номзади маълумотдор пайдо кунам.

– Шумо киро пешниҳод мекунед?

– Агар ҳамин рӯзномафурӯш Расиқлол ҳам бошад, чӣ ҷои бадӣ дорад?

Модарам аз суханони шавҳараш чунон ҳайратзада шуд, ки лаҳзае лол гашт. Баъд ӯ бо овози баланд гирист.

– Нодон, ман–ку шӯхӣ кардам, – ором мекард ӯро падарам. – Охир худат хулоса барор: Тараи мо ситорачаи ҳақиқист. Магар ман ӯро ба занӣ ба рӯзномафурӯш Расиқлол медиҳам? Ҳаргиз! – гуфт ӯ ба занаш пиёлаи обро дароз карда. Модарам дар ҷавоб бо чашмони пурашк табассум кард.

Худатон фикр кунед! Ман, аллакай, сездаҳсолаам ва ба ситорача шабоҳат дорам! Ман дар назди дар бесадо истода, ба сӯҳбати падару модарам гӯш медодам. Номи Расиқлолро шунида, ман аз тарс ларзидам. Ӯ зуд–зуд ба мо рӯзнома меовард. Падари ман каме мумсик буд, вале рӯзномафурӯши хушсухан ӯро розӣ кард, ки ба ду пайса рӯзномаи «Самачар» – ро харад. Расиқ аз субҳ то шом, аз ин хона ба он хона қадам зада, бо азоб қариб даҳ ан кор мекард. Ман ба пойҳои ӯ менигаристаму ба ман чунин менамуд, ки худи Офаридгор ба ӯ ин гуна соқҳои пои бақуввате, ки гӯё дар қолаб рехта бошанд, тӯҳфа кардааст.

Ба ман аз хона баромадан ва ба роҳгузарон нигоҳ карданро манъ карданд – барои духтари қадрас ин айб буд. Барои ман акнун танҳо ду мард мавҷуд буду халос: падарам ва Расиқи манфур. Аз ин рӯ, вақте ки аз қафои фойтуни зебое, ки дар он занони хонаи шетх нишаста буданд, менигаристам, дилам қариб мекафид. Тамоми вуҷудамро хоҳиши сахте фаро мегирифт, ки яке аз он занонро аз фойтун гирифта партояму ба ҷои ӯ нишинам. Ман абрӯвонамро дарҳам кашида, хаёлан ба синҳори миёна мегӯям: «Бас аст ба ту – се сол боз дар ин хона зиндагӣ мекунӣ! Акнун ҷоятро ба ман холӣ кун. Ман намехоҳам рӯзномафурӯшеро, ки соқҳои оҳанин дорад, шавҳар гирам, намехоҳам дар хонаи ӯ нонҳои гарм пазам!»

Боз ду сол сипарӣ гашт. Ман мисли пештара дар хонаи падару модарам чун гӯшанишин зиндагӣ мекардам. Дар ин миён шояд ба шарофати дуоҳои ман /ё дуоҳои модарам/ зани писари миёнаи шетх сахт бемор шуд.

Боз шаш моҳи дигар ман ба садои суми аспи дӯстдоштаам, ки ба

истгоҳ – гоҳ барои як сабад мева ва гоҳ барои овардани табиби нав барои бемор мефиристоданд, гӯш меандохтам. Аз афташ ин ғамхориҳо он бечораро кӯмак карданд, ки ин дунёи бебақоро зудтар тарк кунад. Рӯзи сеюми баъд аз марги ӯ, ман дар назди дари нимвои хонаи хобам меистодам ва банохост дар кӯча писари миёнаи шетхро дидам. Баногоҳ касе маро аз пуштам бо тамоми қувват тела доду дар батамом кушода шуд – ман қариб афтида будам. Писари шетх ғавғоро шунида, сарашро бардошт ва нигоҳаш ба ман афтод…

Ман шарм карда худро ақиб кашидам ва холаи Дҳириро дидам. Рӯям гӯё дар оташ месӯхт:

– Барои чӣ маро тела додед?

– Ман мехостам ӯ туро бубинад!

– Чаро?

–Нодон, боз мепурсад! – Холаам оҳиста ба рӯи ман зад. – Боз чанд муддат дар ин ҷо гӯшанишинӣ карданӣ ҳастӣ?..

Ман фаҳмидам: мехостанд арӯсро ба домод нишон диҳанд. Барои ман бетафовут буд, ман шавқи дидани домодро надоштам. Орзуи ягонаи ман он буд, ки рӯямро бо гӯшаи сарии ҳошияаш шерозаи заррин дошта пӯшаму дастпонаҳои тило дар дастони то оринҷ бараҳнаам дурахшанду дар аспи ба фойтуни зебо басташуда, бинишинам.

Ва инак вақти ба вуқӯъ пайвастани ин орзу расид. Ба ман сарии сурхи арӯсӣ пӯшониданд.

### 3

Зодгоҳи мо Раҷкот буд. Ба он шаҳре, ки мо зиндагӣ мекардем, моро корҳои савдои падарам оварда буд ва падарам мехост маъракаи арӯсиро дар ҳамин ҷо гузаронад, вале хешу табори домод зид баромаданд:

– Охир дар Раҷкот дар бораи мо чӣ мегӯянд? Мегӯянд, ки мо аз масрафи пул барои поезди арӯсӣ тарсидем. Не, арӯсӣ фақат дар Раҷкот баргузор хоҳад шуд! Агар шумо барои роҳ пул надоред, мо ба шумо панҷсад рупия хоҳем дод, шумо метавонед як пайсаашро ҳам нашумурда, харҷ кунед.

Падарам инро шунида, ба ғазаб омад, вале модарам ӯро ором кард. Мо ба Раҷкот рафтем. Одами беҳад бисёр ҷамъ шуда буд, чор дастаи кирошудаи навозандагон ғавғои бемислу монанд барпо карда буданд. Модарам барои розиву хурсанд шудани меҳмонон тамоман аз по афтид. Ӯ ҳунари бисёр хуби тайёр кардани таомҳои гуногунро дошт: сабзавот, шарбати меваҳо, бехмеваҳои дар намак

хобондашуда, ширчой – чӣ чизҳое дар дастархон набуд! Вале ҳама кӯшиши ӯ бесамар буд: бародари бузурги домод банохост бодинҷон талаб кард, вале дар ин мавсим, ҳатто, дар Ҷамнагар ҳам онро пайдо кардан ғайриимкон буд. Меҳмононе, ки ҳамроҳи домод омада буданд, падарамро ғайбат карданд, ки ӯ мумсик асту ба ин гуна шахси мӯҳтарам беэҳтиромӣ кардааст.

– Ман гуфтам, ки агар ба шумо харҷи арӯсӣ мушкилӣ кунад, мо метавонем ба шумо қарз диҳем, – гуфт ба падарам бародаршӯи калони ман. – Дар хонаи арӯс барои мо хӯроки арзон оварда натавонистанд, вале мо бояд тамоми умр духтари шуморо хӯронем!

– Забонатонро нигоҳ доред! – сабрро аз даст дода, бехудона сухани ӯро бурид падари ман.

Албатта, баъд аз ин ҳақоратгӯӣ сар шуд. Хешу табори домод бо соҳиби хона чандон такаллуф накарданд, меҳмонон ҳам аз онҳо қафо намемонданд. Хусусан волидони он духтароне, ки ман аз онҳо ин гуна номзади арзандаро кашида гирифта будам, кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд: «Бубинед, падари арӯс чиҳо мегӯяд! Ӯ бояд ба пои ин гуна меҳмони азиз афтида, узр хоҳад, на ин ки ҳақорат кунад. Охир ҳамаи ин дар тақдири духтараш акс хоҳад ёфт!»

Ин хел ки бошад, – ҷавоб дод падарам ба ғазаб омада, – ман худи ҳамин лаҳза гарданбанди арӯсиеро, ки ба гардани духтарам домод бастааст, канда мепартояму ҳамаро аз дар меронам. Ҳеҷ кас ба ман даркор нест!

– Ба худ биёед! – ба шӯр омаданд меҳмонон. – Дар куҷо дидаед, ки гарданбанди арӯсиро аз гардани арӯс канда партоянд? Баъди ин ӯ дигар ба кӣ лозим аст? Худро ба даст гиред, саллаатонро аз сар гиреду аз қудоҳо узр пурсед. – Ҳаргиз!

– Он гоҳ ин корро мо мекунем!

Ва меҳмонон, хусусан, падарони духтарони ба мақсадашон нарасида, саллаҳои худро аз сар гирифта, ба пои бародаршӯям афтоданд:

– Ӯ ғазаболуд аст! Мо, мӯйсафедон, ин гуна шармандагиро дар Раҷкот роҳ намедиҳем! Ба хотири мо ӯро бубахшед! Падарам, ки ин саҳнаро медид, қаҳру ғазабаш афзунтар шуд ва фақат он гоҳ бародари бузурги домод ба қароре омад, ки ҳимматбаландиашро намоиш диҳад.

– Ин воқеа чандон аҳамият надорад, – гуфт ӯ зоҳирсозона, худро ба тақдир тандода вонамуд карда. – Мо аз аввал медонистем, ки бо одамони пастнасаб хешӣ пайдо хоҳем кард, вале зебоии арӯс диққати моро ҷалб карда буд. Ин мисли он аст, ки ба болои табақи

заррин мехи оҳанин гузошта бошӣ. Илоҷе нест, тоқат мекунем, насиби мо ҳамин будааст…

Ману модарам дар қисмати занонаи хона нишаста, ҳамаи инро мешунидем. Модарам ашк мерехту маро ҳам гиря гулӯгир буд. Вале андешаи он ки ба зудӣ ба хонаи падарарӯсам меравам, чунон маро ба ваҷд оварда буд, ки ҳатто шармсории падарамро фаромӯш кардам.

Модарам ба назди меҳмонон баромада, ба даҳонаш камакак хок андохту аз бародаршӯям узр хост. Бегоҳӣ ҳам ӯ таому хӯриши фаровоне тайёр карда, ҳамаи гадоён ва маъюбони ба ҳавлии мо омадаро зиёфат кард.

Шаб яке аз меҳмонон худро бад ҳис кард. Модарам барои овардани доктор Лаллубхон, ки хеши мо буд, кас фиристод. Бародари бузурги домод докторро дар либоси аз матои хонабофт дӯхта дида, аз нав изҳори норизоӣ кард. Вақте ки доктор баъди муоинаи бемор бо табассум гуфт, ки ӯ ҳеҷ хатаре надорад, фақат шикамаш дамиш кардааст, ҳама ба қаҳр омада, Лаллубхонро аз дар ронданд.

– Наход дар тамоми Раҷкот ягон табиби аврупоӣ набошад! – изҳори норизоӣ кард бародари бузурги домод.

Модарам дар понздаҳ рупия мудири идора, мистер Финфениро даъват кард. Ӯ қариб ним соат беморро муоина кард, ин тарафу он тараф гардонд, ба пушту синааш кӯфт, маҷбур кард, ки забонашро нишон диҳад, сафедии чашмонашро тафтиш кард, ҳатто ба гӯшҳояш нигоҳ карду баъд бо чеҳраи ҷиддӣ гуфт:

– Барои нигоҳубини шабонаи ӯ бояд парасторзан киро кард, хатари ҳар лаҳза мурдани ӯ вуҷуд дорад.

– Шумо гуфта наметавонед, бемории ӯ шояд аз хӯрок аст? Шояд ӯ ягон чизи вайрон хӯрда бошад? – кунҷковӣ мекард бародаршӯи бузурги ман.

– Бешубҳа аз хӯрок аст, – бо боварӣ ҷавоб дод «доктор». – Аз хӯрок ва нӯшокиҳо.

Мудир дар мошини шахсии худаш нишаста рафту парасторзан дар назди бистари бемор то саҳар, албатта бо пули мо, навбатдорӣ кард.

Ва инак, ниҳоят маро ба хонаи падаршӯям оварданд. Тамоми роҳ ҳамсафарони ман устухонҳои падари арӯсро хоиданду ба мумсикии ӯ хандиданд. Ман бо гӯшаи сари рӯямро пинҳон карда нишаста будаму аз шарм ҳарфе намегуфтам.

– Паноҳаш ба худо, – гуфт ниҳоят бародаршӯи калони ман. – Андеша намекунед, ки шояд боиси ғаму кулфати ин бадбахте, ки

ба хонаамон мебарем, мешавем. Ман худам, ҳамин ҳоло аз хиҷолат мемирам.

Суханони ӯ ба дилам таскин бахшиданд. «Ман ба биҳишт қадам хоҳам ниҳод! – андеша мекардам ман. – Чӣ қадар одамони дилсӯзанд!»

## 4

Шаби нахустини арӯсии ман! Дар бораи он ман ҳатто ба дугонаи наздиктаринам ҳам чизе гуфта наметавонам. Чӣ гуна интизори ин лаҳза буданамро ҳатто бо сухан тасвир наметавонам кард. Ман пайкари худамро эҳсос намекардам, шабеҳи қанде будам, ки дар даруни об, об шуда бошад. Ба назарам чунин менамуд, ки мисли пари сабуке ба чанголи бод афтодааму ӯ маро бардошта, ба дуриҳои дур мебарад: гӯё ман шамъи хушбӯе будаму ҳангоми сӯхтанам ба фазо ҳалқаҳои дуди муаттар паҳн мекардам. Дилам дар ҳақиқат ба шамъдони қурбонгоҳ мемонд. Аз ҳар як зарраи вуҷуди ман мусиқии мӯъҷазе ба гӯш мерасид, ки ҳаргиз нашунида будам. Ба ёдам меомад, ки чӣ гуна модарам ба гулхани арӯсӣ хушбӯиҳо меандохт ва ҳоло худро шабеҳи ҳайкалчаи аз кофур сохташудае ҳис мекардам, ки бояд дар оташи қурбонгоҳ месӯхт.

Ва инак нисфи шаб ба хонаи хоб писари шетх даромад. Чеҳраи ӯро дида, ман аз даҳшат ларзидам. Не, ӯ маст набуд... Ӯ маро дағалона ба оғӯш кашид, ҳарчанд тамоми вуҷуди ман аз даҳшату нафрат шаҳодат медод. Дар чашмони ӯ фақат шаҳвату худписандӣ мехондам. Мисли гурбае, ки дар чанголҳои боқувваташ кафтаракеро мефишорад, ӯ бо тамоми қувват ҳамаи хоҳишоти лаҷомгусехтаашро ба сари ман фурӯ рехт. Ӯ маро мисли пораи кофур поймол карду сипас ба оташи сӯзон андохт. Ва ҷавонии ман ба хокистар, хокистари муқаррарие, ки ҳеҷ муаттар нест, мубаддал гардид. Ӯ ҳарфе ба забон наовард, ҳамааш хомӯшона анҷом ёфт.

Субҳи дигар, вақте ки ман омодаи фуромадан ба меҳмонхона будам, шавҳарам гуфт:

– Бародари бузургам ба волидони ту ғазаб дорад. Бохабар бош, хоксорона рафтор кун, вагарна ман барои чизе кафолат дода наметавонам. Онҳо туро написандидаанд.

Ниҳоят, ман чеҳраи занони хонаи шетхро дидам! Афсӯс, ки ин чеҳраҳо бисёр рангпарида ва лоғар буданд – сояи сурхӣ ҳам дар ин рухсораҳо набуд. Вале дастҳояшон пур аз ороишоти тило буду дар пойҳояшон ороишоте, ки намунаи мӯди охирини Бомбей ба шумор мерафтанд – ва гӯё ҳамин ҳоло аз пошнаи пойҳояшон меафтиданд;

дар гарданҳояшон – гарданбандҳои вазнин. Дар тасаввури ман ин занҳо ҳамеша табассум мекарданд, вале дар рӯзи сеюм ман дар чеҳраи онҳо ба ҷои табассум хашму ғазаб дидам. Росташро гӯям, ман ба меҳмонхона дер омадам, вале на аз сабаби танбалӣ. Шавҳарам тамоми шаб маро азоб дод, шаб лаҳзае мижа таҳ накардам, тамоми вуҷудам дард мекард. Вале ба онҳо инро чӣ сон мефаҳмонӣ? Ва касе ҳам напурсид, ки Тара ба ту чӣ шудааст?

– Мо умед доштем, ки акнун дар ошхона кори мо камтар мешавад! Вале, аз афташ, дар хонаи падари ту барои хӯрок пухтан чизе ёфт намешуд, – заҳролуд гуфт синҳори бузург.

Ман хостам чой нӯшам, вале синҳори хурдӣ пиёларо аз дасти ман бо ғазаб чанг зада гирифт:

– Сараввал бояд ба меҳмонон чой кашию сипас ба худат резӣ! Тартиброро намедонӣ? Чӣ ҳам гӯям, аз куҷо ҳам меомӯхтӣ: ба хонаи падари ту ҳеҷ меҳмон ҳам намеомад…

Аз боло якбора чанд овози мардона баланд шуд:

– Эй, чаро то ҳол оби гарм намедиҳанд? Магар ҳама мурдаанд? Чой кай тайёр мешавад?

– Эй, барои чой кас фиристодед?

– Ҳозир ҷаноби Чатрабҳҷи хоҳад омад! Нони шумо тайёр шуд ё не?

– Дирӯз ба ҷурғот боз ҳам кашниз наандохтаанд!

– Ту дирӯз ҷурғотро тайёр карда будӣ, – заҳромехта ба ёди ман овард, синҳори хурдӣ. – Кашнизро фаромӯш кардан! Не, ту ҳоло ҳанӯз мардҳои моро намедонӣ! Аз афташ, дар хонаи падари ту…

– Дар бораи ман ҳар чӣ хоҳӣ, бигӯ! – сухани ӯро буридам ман. – Вале падари бечораи маро ором гузор! Ӯ ба ту чӣ бадӣ кардааст? Падари ман аз дигарон кам нест!

Дар чашмонам ашк ҳалқа заду ман аз хона давида баромадам, ки касе онро набинад. Ман ба сутун такя карда, дар айвон истодам. Дар поён аспи ба фойтун басташуда беҳуда кӯшиш мекард, ба сатиле, ки дар таги он аз дирӯз каме хӯрок боқӣ монда буд, фукашро расонад. Чун шаб бисёр сард буд, маълум буд саис танбалӣ карда, барои коҳу беда нарафтааст. Қарор додам, худам ба асп коҳ биёрам. Ин лаҳза ба гӯши ман садои марде расид:

– Ин асп корношоям аст! Модари ӯ аспи хушзот буд, вале падараш…

Вақте шунидам, ки падари аспи дӯстдоштаамро дашном медиҳанд, маро эҳсоси хушбахтӣ фаро гирифт, мисли он, ки дар ин хона хоҳарамро пайдо карда бошам. Аз ҳамон лаҳза ман ба ӯ

пинҳонӣ хӯроки иловагӣ медодам. Агар саис дар наздикӣ набошад, ман ба асп оби тоза ва чанд қабза алаф медодам. Боре ман шунидам, ки яке аз бародаршӯёни ман ҷанҷол бардошта гуфт:

– Ҳамеша касе дар ин ҷо коҳ мерезонад!

Ман тарсидам, вале ғазаби ӯ ба сари саис фурӯ рехт ва ман ҳам аз ҳамон рӯз боз ҳам бештар эҳтиёт мекардам.

## 5

Як сол сипарӣ шуд. Боре ба хонаи шетх, ба шарафи тӯи номзадии писари коллектор, меҳмонони бисёре омаданд. Бегоҳӣ зиёфати калоне пешбинӣ шуда буд. Тамоми рӯз мо пухтупаз кардем ва ниҳояти кор аз хастагӣ аз по афтодем.

Ба меҳмонон кайҳо чой бурдем, вале то хӯроки шом боз вақт буд ва ман барои дам гирифтан дар назди оташдони тасфон нишастам. Дар паҳлӯи ман касе набуд: синҳори бузургам ба хонаи волидонаш рафта буду хурдиаш барои макскондани тифлаш ба хонаи худаш даромад. Синҳори саввумам бошад, дастпонаашро гум карда буд ва фонус гирифта, ҳамроҳи хидматгорон барои ҷустуҷӯи он ба қисмати занонаи хона рафта буд.

Ман ба оташ бисёр наздик нишаста будам ва банохост ғанабам бурдааст. Банохост, ман аз дарди тоқатфарсо бедор шудам – мӯйҳои сарам оташ гирифта буданд. Хайрият, ки оташ саропои маро фаро нагирифта буд! Метавон тасаввур кард, ки он бегоҳӣ ман чӣ хел нон пухтам! Шавҳарам фурсатро аз даст надода, маро таъна кард, ки меҳмонон пухтупази маро маъқул накарданд.

Вақте дар хона аз воқеаи бо ман рухдода бохабар шуданд, дили касе ба ман насӯхт – яъне худат гунаҳкор ҳастӣ!

– Аҷаб синҳоре худо ба мо додаст! Дар ҳақиқат ҳам накӯкории ин хонадон хеле зиёд аст, аз ин хотир Худованд ин занро наҷот дод. Агар ӯ мемурд, одамон гумон мекарданд, ки ӯ дар ин ҷо зиндагии бад дошту аз ин рӯ худкушӣ кардааст.

– Чӣ қадар зани хуб дорӣ! – бармеангехтанд шавҳари маро синҳорҳоям. – Ин гуна хоболуд дар рӯи дунё нест!

Рӯзи дигар бародаршӯи бузурги ман ба хотири аз марг наҷот ёфтанам, ба пеши саг як пора нон партофту ба кабӯтарҳо каме дон ва ба маъбад рафт, то ба даргоҳи Парвардигор намози шукрона хонад. Вале касе маро ғамхорӣ намекард. Шавҳарам парвое надошт, ки ман аз дард азият мекашам ё не ва вақте ки ман беморхона рафтанӣ шудам, маълум шуд, аспро барои овардани меҳмони навбатӣ фиристодаанд.

Фақат рӯзи сеюм, ман тавонистам ба назди доктор Лаллубхон, ки маро аз овони тифлӣ мешинохт, биравам. Ӯ сари маро бодиққат аз назар гузаронид. Бори нахуст, баъди шавҳардор шуданам, ман ба суханони нек ва ҳамдардӣ сарафроз шудам. Доктор ибораҳои «Оҳ, ту хоболуд!» ё «Туро накӯкориҳои шетх нигоҳ доштанд»–ро ба забон наовард.

– Ғам нахӯред, ҳамааш хуб хоҳад шуд, – меҳрубонона гуфт ӯ. – Шумо худро ба даст гирифтед – ин аз ҳама муҳим аст. Камтар тоқат кунед, ман сари шуморо бандам, дардаш хоҳад монд!

Доктор бо асбобе пӯсти сӯхтаи сарамро гирифта партофту ба ҷойҳои марҳам молида, сарамро баст. Дардаш тоқатфарсо буд, вале ҳамдардии доктор онро таскин мебахшид.

– Ана, тамом! Фардо боз биёед.

Вақти қабул ба поён расида буд, вале ман ҳамоно аз ҷо бархостам.

– Боз чӣ? – пурсид доктор.

Ман хавотиромез ба атрофам нигоҳ кардам. Саис дур буд, вале ман хоҳу нохоҳ аз ӯ метарсидам.

– Ин ҷо биёед! – гуфт доктор ва маро аз айвон ба дохили утоқ бурд.– Ку, бигӯ, гап дар чист?

– Буғумҳои ман дард мекунад, доктор. Ман ҳар рӯз ба онҳо равған мемолам, вале боз ҳам дард мекунанд.

– Шумо шавҳар доред? Шавҳари шумо кист?

Ман номи худро гуфтам.

– Наход ту Тара ҳастӣ? Худоё, онҳо бо ту чӣ кардаанд! Ман ҳатто туро нашинохтам! Ман туро пештар дида будам, ту бисёр тағйир ёфтаӣ…

Ман ба саволҳои ӯ ҷавоб надода, гуфтаҳои худро такрор мекардам: буғумҳоям дард мекунанд. Доруҳои молидаам таъсире намекунанд…

Оҳи сарде кашида, доктор гуфт:

– Ва таъсир ҳам нахоҳанд кард. Ин тарбод нест, Тара… Шавҳарат…

Ӯ мехост боз чизе бигӯяд, вале боз бо кадом андешае нагуфт.

– Беҳтараш ту ӯро ягон рӯз ба назди ман биёр!

– Вақти рафтан шуд, хонум! – садо кард аз поён саис. – Аллакай бевақт шуд, вале ман бояд боз ба назди шетх Далла равам. Метарсам, боз бародаршӯи бузургатон дар қаҳр нашавад. Ҳангоми рафтанам аз пушти сар садои оҳи сарде ба гӯшам расид. Ман ба қафоям нигоҳ кардам: Доктор мижа назада, аз қафои ман нигоҳ мекард.

Ман фойтунсавор аз он ҷое мегузаштам, ки аз он ҷо ман, Тараи хурдакак аз ҳисси хушбахтӣ дилам гум зада, борҳо ба чор зани дар ин фойтун нишаста, нигоҳ мекард.Имрӯз гӯё рӯҳи ман аз ҷисмам ҷудо шуда, дар остонаи хонаи падариам нишаста буд. Ва Тараи хурдакак, ки домaну нимтанаи оддӣ дошт, аз Тараи имрӯз, ки рӯяшро бо гӯшаи сарии тиллоранг пӯшида буд, пурсид:

– Чаро дастпонаҳои тило аз дастони ту меафтанд?

Вале саис мисли дузд Тараи имрӯзро пеш давонду ӯ фурсат наёфт, ки ҷавоб гардонад.

Шавҳарам аз рафтани ман ба назди доктор огоҳӣ ёфта, норозиёна гуфт:

– Ин доктор фақат баҳона мекобад, ки занони оилаҳои соҳибэҳтиромро табобат кунад.

Ӯ ҳамин тариқ, ҳамроҳи ман ба қабули доктор нарафт.

– Ҳеҷ гап не, – ором кард маро доктор, – ҳоло чандон ниёзе ба омадани ӯ нест. Вале вақте ки таваллуд мекунӣ, албатта, бояд доктор даъват кунӣ. Бигзор, ӯ чашмони тифли навзодро шуста, дору чаконад. Инро фаромӯш накун, ки тифлат зарар хоҳад дид.

Он шаб ман дар яке аз утоқҳои дури хонаи боҳашамати шетх хобида будам. Аз дард чашмонам аз косахонаашон берун ҷаста буданд. Гӯё тамоми пайкари маро морҳои сиёҳи заҳрдор печонида мефишурданд ё калхоте бо чанголҳои тезаш аз дарун аъзоҳои маро пора мекард. Ман дод задам:

– Доктор! Ба тамоми муқаддасот савгандатон медиҳам, докторро биёред! Ба ӯ бигӯед, ки Тара мемирад…

– Ором шав! – гуфтанд ду момодоя, маро базӯр дар бистар зер карда.

Шавҳарам дар даҳлез истода буд. Фиғони ваҳшиёнаи ман ӯро ба ларза оварда буд.

– Шояд барои овардани доктор кас фиристем? – пурсид ӯ аз синҳори калонӣ. Бори нахуст дар садои ӯ оҳанги ҳамдардӣ эҳсос гардид.

– Девона шудаӣ! Ҳама, вақте ки бори нахуст таваллуд мекунанд, ҳамин хел фарёд мезананд.

Баъд фаҳмидам, ки қариб ду шабонарӯз беёд будааму дар лабонам кафки хунолуд дида мешуд. Шавҳари ба ҳарос афтодаам, охири кор барои овардани табиб, ки арзонтар меафтод, кас фиристод.

Вақте ки ман ба ҳуш омадам, садои гиряи кӯдак, ки мисли сурби гудохта гарон буд, ба гӯшам расид. Тифл – духтарак буд. Ман забони аз дард газидаамро базӯр ба ҳаракат дароварда, гуфтам:

– Доктор фармуд, ки чашмони ӯро шуста, дору чаконем.

Касе ба ҳарфи ман гӯш надод.

Тифл чанд соат паи ҳам гиристу вақте ки тамоман аз ҳол рафт, ӯро барои макқондан ба ман доданд.

Духтари ман! Сарнахустини ман! Гули ман! Оҳ, худоё, вале чашмони ӯ куҷост? Дар хонаҳои ашколуди чашмони ӯ ба ҷои чашм гӯшти суп–сурх буд!

Докторро садо кунед! – фарёд задам ман. – Ӯ чашм надорад!

Ниҳоят, шавҳарам фаҳмид, ки кор бисёр ҷиддӣ аст, докторро даъват кард. Ӯ чашмони тифлро шуста, дору чаконд. Баъд шавҳарамро ба хонаи дигар бурд. Худоё, медонед ӯ ба шавҳарам чӣ гуфт! Ва чаро Худованд ба ман ин гуна шунавоии хуб додаст!

– Навнитрай! – бо садои ҷиддӣ гуфт доктор. – Зану фарзанди шумо қурбонии бемории шумоянд. Духтарат нобиносту Тара девона хоҳад шуд. Агар шумо бори дигар фарзанддор шудан хоҳед, қотил хоҳед буд! Ман медонам, ин бемориро шумо аз куҷо овардаед.

Баъд ман садои ларзони шавҳарамро шунидам:

– Як дақиқа, доктор!

Ӯ давида ба боло, ба хонаи хоби мо баромад. Баъди баргаштан ӯ гуфт:

– Ана гиред ва бигзор ин асрор байни ману шумо монад.

Доктор садояшро баланд кард:

– Агар ҳазор рупия диҳӣ ҳам, бефоида аст! Тара барои ман мисли духтари худам аст. Нигоҳ доштани сир ба худи шумо вобаста аст – ваъда диҳед, ки дигар ҳаргиз ба занатон наздикӣ намекунед. Ва агар ваъдахилофӣ кунед, ман дар ин бора ба тамоми шаҳр ҷор хоҳам зад.

Доктор рафт. Дору Сурачро ором карда бошад ҳам, нури чашмонаш ҳамешагӣ хомӯш буданд.

Одамони атроф бошад, мегуфтанд: накӯкориҳои хонадони шетх зиёд аст – ҳам модару ҳам духтар зинда монданд!

– Бешубҳа! – тасдиқ мекарданд дигарон. – Бародаршӯи бузург қасам хӯрдааст, ки то синҳораш таваллуд накунад, як пиёла чойро ҳам ба даҳон намебарад, зани ӯ бошад, қавл додаст, ки то ба пеши пои навзод наафтад, лубиёи сиёҳ нахоҳад хӯрд.

– Дар ҳақиқат накӯкориҳои ин хонадон зиёданд! Зане, ки ба остонаи ин хона қадам мегузорад, хушбахттарин бандаи Худост.

Ман ба ин сӯҳбатҳо, мисли он ки ба санг табдил ёфта бошам, хомӯш гӯш медодам.

Ин пагоҳӣ ҳангоми субҳона бародари бузургаш ба шавҳари ман хабари хуш расонд:

– Ниҳоят, ман аз ин аспи корношоям халос шудам! Ман ӯро ба аробакаш Витхал ба сад рупия фурӯхтам. Ин гӯл ҳам ба он дуруст зеҳн намонда харид.

– Шукри худо! – хурсанд шуд шавҳари ман. – Ин лоша ҳанӯз ҳам ароба кашида метавонад.

– Витхал, ки омад, аспро бидеҳ, вале белаҷом: ӯ худаш лаҷом хоҳад овард.

Рӯзона аробакаш барои бурдани асп омад.

– Ин асп муносиби даргоҳи мо нест ва фақат бадбахтӣ меорад, – гуфт синҳори калонӣ. – Духтарак нобино таваллуд шуд, дар савдо зарар дидем, дар хона пайи ҳам бемор мешаванд. Оромию роҳат нест! Ва ҳамааш аз наҳсии ҳамин аспи худозада!

Ман ба хонаи худам даромада, Сураҷро ба даст гирифтам. Ва дар назди тиреза истода, дуру дароз аз қафои аспи дур рафта, то паноҳ шуданаш, нигоҳ кардам. Косаҳои чашмонам лабрези ашк гардиданд. «Аспи хушбахт будааст! – фикр кардам ман. – Барои чӣ маро ҳам мисли ин асп намебаранд? Барои чӣ дар тақдири ман ин гуна хушбахтӣ навишта нашудааст?»

Ин ҳангом, дар кӯча чун ҳарвақта чобуку чаққон қадам зада, рӯзномафурӯш Расиқлол пайдо шуд. Лаҳзае ба ман чунин намуд, ки ӯ барои бурдани ман, ба ин хона омадааст…

Вале афсӯс! Ӯ ба айвони мо рӯзнома партофту аз пеши хона гузашта рафт. Ва то он вақте ки ӯ аз назар нопадид нагашт, ман чашмонамро аз пойҳои бақуввати ӯ, ки гӯё аз биринҷӣ рехта бошанд, накандам.

* * *

***КАЛКИ** (тахаллуси адабиаш Рамасами Кришнамурти; 1899 – 1954) – адиби тамилӣ, муаллифи романҳои машҳури «Ғулғули мавҷҳо», «Ситораи ҳамешафурӯзон», «Хоби подшоҳ», ҳамчунин чандин маҷмӯаи ҳикоя ва намоишномаҳо.*

## «ИН БИҲИШТИ ЗОРМОНДА»

Райбаҳодур Састири дилгир шуда буд. Магар ин осон аст, ки дувоздаҳ сол боз дар биҳишт асту то ҳол як шиносашро вонахӯрдааст. Бисёр мехоҳад лаққида дилашро холӣ кунад, вале касеро намеёбад. Аҷаб дилгирии беохир! Ва ӯ чӣ сон аҳмақ будааст, ки кӯшиши ба биҳишт афтоданро дошт!.. «Шива, Шива… Рама, Рама…» – беихтиёр ғур–ғур кард ӯ ва дарҳол хомӯш шуд. «Аз

хотири он, ки ман ба ин худоён ибодат мекардам, ба биҳишт афтодам. Акнун ба кӣ ибодат кунам, ки маро ба замин баргардонад? Шояд ба Сатурн? Ӯ худои бадбахтист, охир… Оҳ Сатурн! Сатурн! Сатурн!..»

Банохост ӯро садо карданд:

– Ин шояд Састирии мо бошад?

Райбаҳодур аз шодӣ, ҳатто, аз ҷояш ҷаҳида хест. Ба пешвози ӯ девонбаҳодур Каччапесувара Мудалиёр қадам мезад.

– Салом! Салом! – салом дод ба ӯ Састири. – Кайҳо боз ману шумо ҳамдигарро надидаем, агар хато накунам – понздаҳ сол боз… Бигӯед, кай ба ин ҷо омадед? Чӣ навигариҳост? – Райбаҳодур хост дасти рафиқашро фишорад, вале ба ёд овард, ки ҳар дуи онҳо фақат рӯҳҳои беҷисманд.

– Фаромӯш кардед, ки мо дар биҳиштем? – пурсид Мудалиёр.

– Бале, бале, аз шодӣ тамоман аз ёд баровардаам, – қиқиррос зада хандид Састири.

Чанд нафар худоёну олиҳаҳое, ки бодабдаба аз пешашон мегузаштанд, писхандомез ба ӯ нигоҳ карданд.

– Даҳ сол боз ягон садои ошноро нашунидаам, – оҳи андӯҳбор кашида гуфт Мудалиёр.

– Ман ҳам. Ин зиндагӣ не, саропо ғам аст, – гиря кард Састири.

– Худро ба даст гиред, – ӯро таскин доданӣ шуд Мудалиёр. Вале банохост худаш ҳам фиқ–фиққунон ба гиря даромад. Дӯстон хостанд, ашки ҳамдигарро пок кунанд, вале ҳамааш барабас буд.

– Чӣ, ба шумо ин ҷо писанд нест магар? – пурсид Мудалиёр.

– Писанд нест? Ҳалимона ҳарф мезанӣ… Ман чӣ қадар кӯшиш ба харҷ додам, ки ба осмон бароям! Ибодат кардам, русуми диниро ба ҷо овардам, ба маъбад рафтам, пули зиёде садақа додам – ва ҳамааш беҳуда.

– Маълум мешавад,ки ин гуна… Акнун куҷо равонаед?

– Ҳеҷ куҷо… Мисли дигарон дар ин ҷо сар–сарӣ мегардам.

– Шинед, сӯҳбат мекунем, – пешниҳод кард Каччапесувара.

**2**

Онҳо дар зери дарахти Тубо, ки саропо пур аз гулҳои пурнакҳат буд, нишастанд. Фохтакҳо бо садои форам мехонданд.

Састири ба даҳонаш алаферо тиққонд.

– Шумо чӣ кор мекунед? – ҳайрон шуд девонбаҳодур. – Наход шумо ин мақолро намедонед: «Паланг аз гуруснагӣ мурад ҳам, алаф нахоҳад хӯрд»?

– Ин мақоли заминист, – ҷавоб дод Састири. – Дар ин ҷо бошад, касе гуруснагиро ҳис намекунад, ҳатто паланг ҳам.

– Ягон чизи дигар хӯред.

– Дигар чӣ хӯрам? Дар ин биҳишти зормонда, ба ғайр аз шаҳд чизи дигаре нест. Ман аз он то гулӯ сер шудаам.

– Ёд доред, ҳар вақте ки дар замин ягон чизи бомазза мехӯрдед, ҳама вақт таъриф мекардед: «Шаҳди холис аст!»

– Акнун ман инро намегӯям, метавонед мутмаъин бошед… Агар ман медонистам, ки дар биҳишт на итли, на қаланфури сурх, на равғани кунҷит нест…

– Ва дар ошхонаи Пиччувайййара чӣ сон хӯрокҳои болаззат мепухтанд! Оби даҳонат мешорид!

– Вақте ки мо дар коллеҷи ҳуқуқшиносӣ таҳсил мекардем, ба ошхонаи Сангарайййара мерафтем…

– Ҳатто аз ёдоварии он ҳам оби даҳонам мешорад.

– Вале аз ҳама бадаш ин, ки дар ин ҷо қаҳва нест, биҳишт бе қаҳва барои ман биҳишт нест.

Дар болои сари онҳо фохтак ба нағмасароӣ пардохт.

– Ягон вақт дами ин паррандаҳо мегирифта бошад! – дод зад Састири. – Аз нағмасароии онҳо дилам беҷо мешавад.

– Вале дар замин, ҳангоми ситоиши занони овозхон, шумо мегуфтед: «Воқеан ҳам, мисли фохтак месароянд».

– Охир он вақт ман суруди фохтакро ҳаргиз нашунида будам.

– Ба ростӣ, мусиқии ин ҷо хеле гӯшхарош аст. Шумо созмони дӯстдорони мусиқии қадимии суннатиро, ки мо ҳарду роҳбарӣ мекардем, дар ёд доред?

– Албатта, бисёр хуб дар ёд дорам. Мо асбобҳои мусиқии зиёд доштем ва яке ба дигаре монанд набуд.

– Ман дар ин ҷо баъзеҳоро пурсидам: «Шумо гармони нафасиро навохта метавонед?» Аз куҷо! Касе дар бораи ин асбоб ҳатто тасаввуроте надорад.

– Ва ин хеле хуб аст. Ин, зимнан, ягона чизест, ки маро дар ин ҷо хурсанд мекунад… Синҳори ман Сулосана гармони нафасиро навохта метавонист. Ман аз ӯ чӣ ҷафоҳо кашидам, бо сухан баён кардан мушкил аст. Зани хеле бадзабон буд. Ӯ ҳатто мақолаҳои барои тадрис, дар бораи «Бҳагавадгита» навиштаи маро, мазоҳ мекард. Вале, баракси ӯ, писарам дарвоқеъ тилло буд. Панҷами то охир навиштаҳои маро гӯш мекарду ҳатто як ибораро ҳам аз диққаташ берун намегузошт.

– Састири, ман мебинам, ки шумо аз ҳама бештар аз он

ранҷидахотир ҳастед, ки ҳеҷ кас ба навиштаҳои тадрисии шумо дар бораи «Бҳагавадгита» гӯш намедод.

– Шумо ҳақ ҳастед… Дар ин биҳишт ҳамаи худобехабарон гирд омадаанд. Касе дар бораи наҷоти рӯҳи инсон фикр намекунад… Масалан, шумо, Мудалиёри мӯҳтарам, ҳар шом ба чӣ кор машғулед? Ман, масалан, «Бҳагавадгита» мехонам.

– Ба ҳурмати Худо, ин китобро ба ёди ман наоред. Ҳанӯз дар замин ба дили ман зада буд. – Мудалиёр аз ҷояш бархоста, рафтанӣ шуд.

Састири дасташро дароз карда, кӯшиши ӯро нигоҳ доштан кард:

– Хуб, дигар ҳарфе нахоҳам гуфт… Марҳамат, нишинед. Аз ягон чизи дигар сӯҳбат мекунем.

– Аз чӣ?

– Ақидаи шумо дар бораи ҳурони биҳишт чӣ гуна аст?

– Тамоман манфӣ.

– Ба кадом маъно?

– Ба ҳар маъно. Ҳамаашон бакуллӣ шабеҳи ҳамдигаранд. Ягон тафовут аз ҳамдигар надоранд. Эҳ, вақтҳое буд, ки…

– Ба ростӣ? Ва ӯ кӣ буд?

– Хонумдухтар Лосана Тат…

**3**

…Ин ҷо, мо барои наранҷондани хотири хонандагони покдоманамон, чанд лаҳзаро партофта мегузарем.

Мудалиёр гуфт:

– Дар бораи ин Лосана Тат, ҳатто, дар рӯзномаҳо навишта буданд.

– Дар ин биҳишти зормонда рӯзнома ҳам нест, – маъюсона шикоят кард Састири.

– Бале, ин камбуди калонест. Ба қарибӣ ман як нафари навомадаро вохӯрда будам. Ӯ баъзе навигариҳоро хабар дод.

– Дар куҷо ӯро вохӯрдед? – беқарор шуд Састири.

– Ман охири биҳиштро ёфтам. Ин даҳлезест, ки тавассути он арвоҳи фавтидагон вориди биҳишт мешаванд.

– Шумо муайян накардед, ки он ба куҷо мебарад.

–Тарсидам…Баъзеҳо медаромаданду вале барнамегаштанд.

– Рост мегӯӣ?

– Рост мегӯям.

– Ҳамааш фаҳмо. – Састири ба пешонааш зад.

– Чӣ фаҳмо?

– Ин даҳлез ба замин мебарад… Бигӯед, Мудалиёри мӯҳтарам, биҳишт ба дилатон задааст?

– Тамоман безор шудам. Дигар мадорам намондааст.

– Ва шумо мехоҳед, ки ба замин баргардед?

– Албатта.

– Пас меравем.

Онҳо аз даҳлези дарози тӯлонӣ гузашта, дар канори ҷарии бекаронае қарор карданд.

– Як қадам… – оғоз кард Састири.

– Ва мо дар замин хоҳем буд, – ба поён расонд Мудалиёр.

Райбаҳодур ба замин афтода аз ҳуш рафт.

## 4

Састири ба ҳуш омада, ҳис кард,ки дар болои кадом як чизи мулоим хобидааст. Наход ӯ аз нав ба назар намоён шудааст? Каччапесувара Мудалиёр дар куҷост?

Садои занона ба гӯш расид. Касе ба болои ӯ хам шуд… Охир ин зани қонунии ӯ Сита Лакшмист!.. Оҳ, ӯ чӣ гуна тағйир ёфтааст! Чеҳрааш пурожанг шудааст. Мӯйҳояш сап– сафед… Вале ин ҷо, ҷои тааҷҷуб нест – охир онҳо дувоздаҳ соли расо ҳамдигарро надидаанд.

– Худоё, ӯ то чӣ андоза ба бобои худ монанд аст, – хитоб кард Сита Лакшми. – Гӯё нусхааш бошад!

– Ин хел нагӯед, – эътироз кард касе ба ӯ. – Бобои ӯ маро чашми дидан надошт. Ӯ ҳаргиз аз батни ман дубора таваллуд нахоҳад шуд.

– Ин гап нодуруст аст. Ӯ дар дилаш шуморо бисёр дӯст медошт. Ӯ дар рӯзи иди оташ – дипавали мурда буд. Ва имрӯз ҳам иди дипавали аст.

Чеҳраи синҳораш торафт ба Систари наздик мешуд; рӯи ӯ аз пештара фарбеҳтар ва варамкардатар ба назар мерасиду бӯи упояш дилро беҳузур мекард. Састири кӯшиш кард синҳорашро тела диҳад, вале фақат ҳамон лаҳза дид, ки дастонаш чӣ андоза хурдакаканд.

– Ширинаки ман! – меҳрубонона ӯро навозиш кард Сулосана. – Модарҷонакатро мешиносӣ.

Ниҳоят Райбаҳодур чун дарк кард, ки тақдир бо ӯ шӯхии талх карда, ӯро аз батни синҳораш бори дигар ба дунё овардааст, – фиғони сахте бардошту ба шиддат дасту по задан гирифт.

Сулосана ба ӯ нигариста гуфт:

– Шумо ҳақ ҳастед. Тамоман шабеҳи бобояш аст.

Аз берун садои Панҷами ба гӯш расид:

– Оҳ, мӯйсафед маро бо мақолаҳои тадрисиаш дар борaи «Бҳагавадгита» чӣ қадар азият медод. Ҳатто ба ёд овардан ҳам, даҳшатовар аст.

Ин суханонро шунида, Састири боз аз ҳуш рафт.

Вақте ки боз ба ҳуш омад, ёди зиндагии қаблии ӯ ба куллӣ аз ёдаш сутурда шуда буд.

* * *

***УПЕНДРОПРОСАД МОҲАНТИ*** *(1899 – 1963) – яке аз асосгузорони шеъру наср дар адабиёти Ҳинд ба забони орӣ. Достонҳои «Шаҳди ишқ» (1923), «Маҳлули асалин» (1927), романҳои «Радшуда» (1943) ва «Ҳаришанкар» (1946), ҳикояҳои бешуморе, ки ба маҷмӯаи «Гулҳамели ҳикояҳо» ворид шудаанд, маҷмӯаи «Ашъори мансури мусаҷҷаъ» мутааллиқ ба қалами ин адиби забардастанд.*

## ҲАМА ЧИЗ БА МАДОРИ ХУД БАРМЕГАРДАД

Ман намедонам, ки Радҳика-деби айбҳои дигар дошт ё не, вале як нуқси ӯ – ба бетел майли бартарафнашаванда доштанашро ҳама медонистанд.Радҳика аз бисёр чизҳо даст кашида метавонист, вале аз бетел даст кашидан аз доираи қудрати ӯ берун буд. Ӯ бояд дар як шабонарӯз бисту чор соат бетел мехоид, вагарна табъи ӯ хира мегашту чӣ хеле ки мегӯянд, сахт ба ғазаб меомад. Дар ин дақиқаҳо Радҳика ақлашро гум мекарду ҳар касро ранҷонда метавонист.

Хонаи боҳашамати Радҳика–деби пур аз хидматгорон буд. Шуғли яке аз хидматгорзанҳо бо номи Менки аз он иборат буд, ки фақат барои бону бетел тайёр карда медод. Менки қуттии нуқрагини пур аз чормағзи кӯфта ва дигар маводи барои омода кардани бетел зарур дар даст, ҳамеша ҳамроҳи ӯ буд. Ҳамин ки даҳони Радҳика аз ҷунбидан бозмеистод, Менки қуттиро ба даст гирифта ба сӯяш мешитофт, то ба ӯ ҳиссаи дигар диҳад. Радҳика ба ду тарафи даҳонаш як порагӣ бетел гузошта, боз ба хоидан шурӯъ мекарду баъди чанд дақиқа онро ба зарфи калонҳаҷми биринҷӣ, ки ба ҳама ҷо аз паяш мебурданд, туф мекард.

Менки кайҳо боз дар хонаи Радҳика хидмат мекарду на танҳо хидматгор, балки ҳамроҳи ҳамешагии бону буду аз ӯ як қадам ҳам дур намешуд. Агар Радҳика ба ошхона супоришдиҳӣ равад – Мен-

ки ҳам фавран дар он ҷо бо қуттӣ ва зарфи биринҷӣ пайдо мешуд. Агар Радҳика бегоҳӣ ба назди дугонааш лаққиданӣ равад – Менки туфкунак ва қуттӣ дар даст ҳамроҳи ӯ буд. Қисса кӯтоҳ, ин занҳо аз якдигар то он андоза ҷудонашаванда буданд, ки бадзабонон Менкиро сояи бону мехонданд.Ва фақат шабона, вақте ки Радҳика–деби мехобид, Менки тӯли чанд соатаке ба худаш тааллуқ дошту метавонист каме дам гирад, вале он вақт ҳам, бону ӯро то он даме, ки ғарами бастаҳои хурдро тайёр карда дар пешорӯяш ва зарфи биринҷиро дар паҳлӯяш нагузорад, рафтан намемонд. Радҳика хоби ноором дошт ва шабона чандин маротиба бедор мешуд. Бедор шуда, дар торикӣ дасташро дароз карда, қуттиро ҷуста меёфту ба даҳонаш як ё ҳатто ду пора бетел андохта, хоида туф мекарду боз мехобид.

Менки аз таҳти дил мекӯшид ба бону хидмат кунад, вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Радҳика ҳамеша ӯро ҳақорат мекард. Агар Менки ҳатто ба ягон хатои ночизе роҳ диҳад, Радҳика тамоман оташ мегирифт.

Ӯ дод зада ҳақорат мекард, чунон пойҳояшро ба замин мекӯфт, ки ҳатто деворҳои хона меларзиданд. Ин ҳақоратҳо на танҳо ба хидматгорзан, балки ба чордаҳ пушти ӯ ҳам дахл доштанд. Бонуи ба хашм омада чизе, ки ба забонаш меомад, мегуфт. Ин ҳақоратҳоро шунидан хеле дардовар буд, вале Менки ба ҳамааш тоб меовард. Ҳақоратҳои бонуяш аз як гӯшаш даромада, аз гӯши дигараш баромада мерафтанд, чун медонист, ки бону бадзабон бошад ҳам, дилаш соф аст.

Воқеан ҳам, Радҳикадеби бе ягон рӯи хотир Менкиро ҳақорат кунад ҳам, дар гуфтани суханҳои меҳрубонона низ мумсикӣ намекард, ӯро бисёр коҳиш кунад ҳам, кам дӯстдорӣ намекард. Агар табъаш болида бошад, Менкиро аз ҷонаш ҳам азизтар медонист. Агар ба Менки муяссар шавад, ки кораш ба бону писанд ояд, накӯкории бонуро сарҳад набуду дар ин лаҳзаҳо Радҳика гӯё саропо худи меҳрубонӣ буд.

– Оҳ Менки, ҷонаки ман, – меҳрубонона мегуфт ӯ. – Ту чӣ гуна бетели аҷоиб тайёр кардаӣ. Агар ту ҳамеша ҳамин хел чормағз мекӯфтӣ, ҳоҷати оташин шудани ман ҳам намемонд. Хайр бас, бас, зиштрӯяки ман, қавоқатро нагир. Агар ҳамаи ин нозу нузат намебуд, ту ба куллӣ тилло мебудӣ. Радҳика аксар вақт оташи ғазабашро ба сари Менки фурӯ мерехт, вале дар байни дигар хидматгорон ӯро таъриф мекард. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ Менкиро дар паҳлӯи худ менишонд ва мепурсид:

– Ту чӣ мехоҳӣ, ҷонакам? Сабзиҷот бо равғани хардал намехоҳӣ? Эй, Бономалия, ба ӯ хӯрок биёр!

Бояд гуфт, ки Менки дар байни хидматгорони дигар мисли сафедии даруни гавҳараки чашм фарқ мекард.Вақте ки ӯ дар наздашон набошад, чунон ӯро ғайбат мекарданд, ки гуфтан надорад! «Дар ин хона Менки ҳукм меронад – чӣ гунае дилаш хоҳад, рафтор мекунад, гӯё ки Нанда–рании дуввум бошад», – мегуфтанд баъзе аз онҳо. «Хайр чӣ, – ҷавоб медоданд қисмати дигари онҳо, – кори мо чӣ? Агар ӯ ҳамроҳи бонуяш ба биҳишт равона шавад ҳам, рафтан гирад!» Вале ин гуфтугузорҳо ба гӯши Радҳика намерасиданд, дар назди Менки ҳам касе ҷуръати ба забон овардани ин суханҳоро надошт, вале дар ғайбаш беҳуда ғайбати ӯро мекарданд.

## 2

– Гӯш кун, аблаҳ! – дарафтид боре бону ба Менки. – Эй ҳайвони шохдор, савганд мехӯрам, ки агар ман туро аз ин даргоҳ наронам, як қатра об ҳам ба даҳон намегирам!

Он рӯз Радҳика–деби аз хашму ғазаб ҷои нишастан намеёфт. Ӯ торафт бештар оташ мегирифту ҷаҳлаш зиёдтар мешуд. Аз забонаш фақат дуои баду ҳақоратҳои қабеҳ меборид. Аз каллаи саҳар бону сахт ошуфта буд, чунки он рӯз бо ногуворииı калоне оғоз ёфта буд.

Радҳика аз бистари хобаш бархоста, дастурӯйшӯӣ рафт ва он лаҳза ба ӯ ошкор шуд, ҳалқаи тиллоие, ки ӯ барои ороиш ба биниаш меовехт, гум шудааст. Ин, албатта, хосияти хуб надошт! Ягон чизи тило гум шавад, олиҳа Лакшми он хонадонро тарк карда, хушбахтиву оромиши онро бо худ мебараду ба ҷои онҳо бадбахтиву мусибат меояд. Илова бар ин, он рӯз чоршанбе – рӯзи Лакшми буд. Радҳика-дебии ба изтироб афтода, ҳамаи занҳои хидматгорро садо карда, фармуд, ки коре карда, ҳалқаро ёбанд. Се маротиба бистари ӯро афшонданд, ҳамаи хонаҳо ва бурёҳоеро, ки Радҳика ин субҳ ба рӯи онҳо по монда буд, тагурӯ карданду ҳалқаро наёфтанд – гӯё онро об бурда буд. Бону муддати тӯлоние бо чеҳраи тиратар аз абри сиёҳи пурраъду барқ нишаста буд. Ниҳоят ӯ оҳи вазнин кашида, ба назди ҳайкалчаи худо омаду кафи дастонашро ба ҳам гузошта, се бор ба ӯ таъзим кард. « Оҳ, модарам Ҷогулай, – муроҷиат кард дар дилаш Радҳика ба олиҳаи ҳомии деҳа, – раҳм кун ва нигаҳбони мо бош! Хонадони маро аз ҳамаи бадбахтиҳо ҳифз кун!»

Сипас Радҳика бо қавоқи гирифта дандоншӯӣ рафт. Чун хотираш парешон буд, бо чӯбаке, ки милки дандонҳояшро тоза мекард,

банохост забонашро зада хун кард. Ва ҳангоми баргаштан ба хона, ба остонаи дар пешпо хӯрда афтод.

– Оҳ, худоё! – навмедона фиғон кард Радҳика. – Кист, ки имрӯз аз сари субҳ ба ман фалокат мефиристад? Барои чӣ? Охир ман ба касе бадӣ накардаам.

Ва ҳамон лаҳза чашмаш ба Менки афтод.

– Ту вақте ки бегоҳӣ қуттӣ ва туфкунакро назди бистар мегузоштӣ, ба куҷо нигоҳ мекардӣ? – дарафтод Радҳика ба хидматгорзан. – Ғайр аз бистар дар ҷои дигар афтодани ҳалқа имкон надорад.

– Ихтиёр ба дасти шумост, вале ман гуноҳе надорам, – худро сафед мекард Менки. – Ман хуб дар ёд дорам, дар бистар чизе набуд. Шумо беҳуда ба ман дар меафтед.

Радҳика ҳеҷ тоқати онро надошт, ки ба ӯ эътироз баён кунанд. Суханони Менки ӯро тамоман ба шӯр оварданд.

– Ту чӣ гуфтӣ? – дандонҳояшро ғиҷиррос занонда, ҳамла кард ӯ. – Ман беҳуда ба ту дармеафтам? Бисёр доно шудаӣ, махлуқи нобакор! Не–е, бо хидматгор бо меҳрубонӣ муносибат кардан даркор нест – дарҳол ба болои сарат мебарояд. Бори дигар мепурсам, ҳалқа куҷо шуд? Ва ту нобакорро бори дигар огоҳ мекунам, агар бори дигар бо ман чуну чаро кунӣ, сахт пушаймон хоҳӣ шуд! – Ва Радҳика аз қаҳр муштонашро ба замин кӯфт. Менки қариб гиря мекарду дар дилаш мегуфт: «Оҳ, Худованди карим! Охир рӯзи панҷшанбе рӯзи нек асту бубин, ба ман ин қадар ногуворӣ овард. Оҳ, хок бар сари ман! Гунаҳкори бегуноҳ шудам– ку. Ин ҷазо барои кадом гуноҳи ман аст! Бону ҳалқаашро гум кунаду ман бояд ҷавоб диҳам!» Ӯ рӯяшро гардонда, бо пушти дасташ чашмонашро, ки аз ашк пур шуда буданд, пок кард.

Радҳика фармуд, хидматгорзан – модари Бойкҳунтияро садо кунанд ва бо мушоийати ӯ ба лаби ҳавз, барои ғусл кардан рафт. Менки ба кӯфтани чормағз барои бетел машғул гардид.

Радҳика–деби аз лаби ҳавз баргашта, бо хамираи сандал на танҳо дар ҷабину рӯю дастонаш, балки дар китфу паҳлӯ ва шикамаш ҳам нақшу нигор кашид ва дар назди ҳайкали худо назри фаровон гузошт. Менки, ки қуттӣ дар даст, омода истода буд, чун бону тоату ибодаташро анҷом дод, дарҳол ба ӯ ду бастаи хурди бетелро дароз кард. Бону ҳардуяшро ба даҳонаш тиққонду ҷоғҳояш ба ҳаракат даромаданд. Вале боз чӣ шуд? Радҳика банохост норозиёна рӯяшро турш карду бетелро туф кард. Маълум шуд, ки дар даруни он заррае оҳаки носоида будааст.

– Ку, росташро гӯй, хабис, – дод зад бону, туф карда, – дар хонаи ман хидмат кардан ба дилат задааст? Кӣ ба ту ин гуна бетел тайёр карданро омӯхтааст? Гӯё на модари ту, на аҷдодони ту тамоман бетелро надида бошанд!

Радҳика қуттиро гирифта, ба тарафи хидматгорзан ҳаво дод. Менки бе ин ҳам сахт ранҷида буд, вале дигар косаи сабраш лабрез гашт. Ба болокории ин каме дуртар хидматгорзани дигаре истода, бо кунҷковии бадхоҳона, ҳамаи инро мушоҳида мекард. Ба иззати нафси Менки расида буданд.

– Аҷдодони ман қашшоқона зиндагӣ мекарданд ва барои фикр кардан дар бораи бетел вақт надоштанд, – бо тундӣ ҷавоб дод ӯ. – Ва дигар дар хонаи боҳашамати шумо мондани ман ҳам маънӣ надорад. Бо ман ҳисобу китоб карда,ҷавобамро диҳед, ман меравам.

Радҳика–деби мисли мори кулоҳдор ба худ печид.– Чӣ? Чӣ гуфтӣ, нокаси носипос?

– Ман гуфтам, ки,– бе ягон тарсу ҳарос такрор кард Менки, – аз хонаи шумо меравам ва хоҳиш мекунам худи ҳамин рӯз бо ман ҳисобу китоб кунед. Дигар ҳатто як рӯз ҳам дар ин ҷо намемонам. Агар корам омад кунад – дар ягон хонадони дигар ба кор медароям, агар накунад – чӣ илоҷ.

Менки аз ранҷиши сахт ва оташинӣ даргирифта, ин суханонро ба забон овард. Ғазаби Радҳика ҳам ба авҷи ниҳоии хеш расида буд.

– Ана ту чӣ гуна будаӣ! Хуб, мебинем, – панҷаи ишораташро ба пеши рӯи хидматгорзан оварда, аз байни дандонҳои ба ҳам зеркардааш гуфт ӯ. – Роҳат бош, ту ҳамаи ҳақи худро мегирӣ. Савганд мехӯрам, агар ман туро аз ин хона наронам, як ҷуръа об ҳам нахоҳам хӯрд, ҳайвони шохдор!

## 3

Соати идора занги ёздаҳро зада, аз анҷоми корҳои саҳар хабар дод. Қариби нисфирӯзӣ шавҳари Радҳика, корманди идора Гоҷанон Мохапатро ба хона баргашт. Гоҷанон–бабу ҷузъгир дар зери бағал, бо шикамӣ баъди хӯроки серғизои чошт баръало дамидааш, бовиқор қадам мезад. Ҳанӯз ба остонаи дар по нагузошта, Радҳика–деби ба пешаш давида баромаду бо қатъият талаб кард:

– Ягон чора бин, набошад ман меравам ба ту лозим меояд, ки ба нигоҳубини хона машғул шавӣ.

– Сабр кун, сабр кун, чӣ воқеа рӯй додааст? – саросема нашуда пурсид Гоҷанон–бабу. – Ту омодагии ба куҷо қадам ранҷа карданро дорӣ?

– Куҷо, куҷо, – оташинона дод зад Радҳика, — ба он ҷое, ки аз он ҷо ҳаргиз барнамегарданд, ана ба куҷо. Ҳамеша аз забони ту шӯхӣ мебораду фақат маро масхара ва оташин карда метавонӣ! Ҷавоб деҳ он чиро, ки ман мегӯям, карда метавонӣ? Агар накунӣ, – дар садои Радҳика оҳанги таҳдид шунида шуд, – ман дар хонаи ту на мехӯраму на менӯшам, инро дониста мон.

Радҳика–деби ранҷидаомез боз чизе гуфта ғур–гур карду фиқ–фиққунон ба гиря даромад.

– Оҳ, тақдири шуми ман! – гӯшаи сариашро ба чашмонаш зер карда гирякунон мегуфт ӯ. – Хидматгорзани лаънатӣ ҳам метавонад бо ман ҳафту ҳашт кунаду дар гапи худ истад. Барои чӣ ман бояд аз ҳар бадзот суханони дағал шунавам? Дигар тавони инро надорам! Ин зиндагӣ не, азоби маҳз аст!

Радҳика боз муддати тӯлоние аз қисмати бади худ шиква кард, то замоне, ки шавҳараш бо оҳанги ҳамдардӣ аз ӯ напурсид:

– Аққалан, бигӯ чӣ воқеа рӯй додааст, чӣ фалокате шудааст? То ба хулосае биёям, ки ба ғаму андӯҳи ту чӣ гуна ёрӣ расонам.

– Имрӯз бо ин зани хабис ҳисобу китоб кун. Ва дигар пою қадамашро дар ин ҷо набинам. Бигзор, чӣ гунае ки мехоҳад, ба хидмати ягон хонадони дигар равад. Ман нозунузи ӯро бардоштам, бо ғизои болаззат парваридам, вале ин хабис, бубинед, чӣ сон будааст…

– Охир бигу, ин хабис кӣ будааст? – сухани занашро бурид Гоҷанон.

– Гӯё намедониста бошӣ! Ӯ, ӯ, Менкии ту охир, дигар кӣ ҳам мешуд! Забонаш бисёр дароз шудааст. Дар ҳар қадам бо ман чуну чаро мекунад. Медонед, ӯ дигар дар хонаи мо истодан намехоҳад. Оҳ, нокаси намакбаҳаром! Гап якта, бо ӯ ҳисобу китоб карда ҳақашро бидеҳу аз дар биронаш, худи ҳозир бирон, чор тарафаш қибла. Хуб, чаро ту мисли ҳайкал истодаӣ? Бирав, бирав бо ӯ ҳисобу китоб кун.

– Ин хел ки бошад, – оҳиста–оҳиста тугмаҳои болопӯшашро кушода, бо табассум қайд кард Гоҷанон–бабу, – кам шудани харҷи бетелро чашмдор шудан мумкин аст. Ту охир ором шав, ором шав, сабр дошта бош. Ваҳ, ин қадар даргирифтаӣ! Ку бирав, ба сарат оби сард рез, аз ҳад зиёд оташин шудаӣ.

Радҳика–деби аз суханҳои шӯхиомези шавҳараш якбора оташинтар шуд.

– Шӯхиҳоятро як сӯ мон! – дод зад ӯ. – Ту чаро дандонҳоятро мисли савдогарони бозоргард гиз мекунӣ. Агар ту воқеан ҳам

асилзода ҳастӣ, бояд ин хабисро худи ҳозир аз ин ҷо ронӣ, дар акси ҳол ман дар ин хона ба таом даст нахоҳам зад, ё заҳр хоҳам хӯрд.

Радҳика–деби бо ашки шашқатор давида ба хона даромаду рӯйнокӣ ба бистар афтод.

Гоҷанон мутаҳаййир шуд. Хурдагириро бинед–у! Аҷабо. Ин зан то кадом андоза худраъй аст. Агар волидонаш маҷбур намекарданд, ҳаргиз тақдирашро бо ӯ намепайваст. Ҳамеша ба ӯ лозим меояд,ки аз нозунуз ва хоҳишоти беҷои ӯ чашм пӯшад, ҳарчанд бо ин ҳам Радҳикаро ором кардан мушкил буд. «Кшане руштаҳ, кшане туштаҳ, рушта тушта кшане кшане» (Мард гоҳе оташин, гоҳе розӣ аст, аммо зан ҳар лаҳза оташину розӣ аст). Ин мақоли қадимаро ба ёд оварда, Гоҷанон ба хулосае омад, ки беҳтараш бо занаш ҷанҷол накунад ва Менкиро хост, то аз ӯ воқеаи рухдодаро пурсад. Менки, ки чеҳрааш аз абри пуртундари мавсими боронгарӣ ҳам тиратар буд, ҳозир шуд.

– Ба ту чӣ шуд, Менки? – пурсид Гоҷанон. – Барои чӣ ту ба бону густохӣ мекунӣ?

То ин лаҳза Менки дар назди хоҷааш ҳатто ҷуръати даҳон кушодан ҳам накарда буд, ҳоло беибо ҷавоб дод:

– Ягон хидматгорзане гиред, ки густохӣ накунад, маро бошад, ҷавоб диҳед, ҷаноб. Ман дигар хоҳиши дар хонаи шумо мондан надорам.

– Ана бубинед, – лабханд кард Гоҷанон, – инаш ҳам мисли ҳамон! Бонуяш чӣ хеле ки бошад, хидматгораш ҳам мисли вай. На инашро пурсида мешавад, на онашро. Хайр, ба ҳар ҳол аз чӣ сабаб гапатон гурехт?

– Гапамон нагурехтааст. Ман кушоду равшан гуфтам: ман аз хонаи шумо меравам.

Ин обу оташ барин–ку! Оташи ғазаби Гоҷанон–бабу оҳиста–оҳиста боло мегирифт. Ӯ каме хомӯш монду баъд пурсид:

– Ту дар ҳақиқат ҳам рафтанӣ ҳастӣ?

– Бале.

– Хайр, чӣ илоҷ, майл майли туст. Агар ту ба ҳамин қарор омада бошӣ, ҳеҷ кас туро базӯр нигоҳ нахоҳад дошт. Ман ин сӯҳбатро барои он оғоз кардам,ки ту муддати тӯлонӣ дар хонаи мо хидмат мекунӣ.

– Абадӣ дар як ҷо мондан имкон надорад. Лозим буд, хидмат кардам, вале акнун ба хоҷаҳоям лозим нестам, магар беҳтар он нест, ки ин маконро тарк кунам?

Гоҷанон ӯро аз роҳаш барнагардонд. Худи ҳамон рӯз Менки

ҳисобӣ карда ҳақашро гирифту хонаеро, ки тайи солҳои тӯлонии хидмат ба он одат карда буд, тарк кард. Бегоҳӣ Радҳика–деби хидматгорзан – модари Бойкунтҳияро даъват карда, кунҷковӣ кард:

– Намедонӣ, Менки пеш аз рафтанаш ягон чиз хӯрд, ё ҳамин хел чизе нахӯрда рафт?

– Кӣ ҳам ӯро мехӯронад, бону? Ӯ барин касонро касе ғамхорӣ намекунад. Охир андеша кунед, бо валинеъматҳои худ бадгуфторӣ кардан! Охир дар хонаи шумо кордаш болои равған буду худаш аз ҳама боло. Акнун баъд аз ин ба одамон накӯӣ куну рӯзатро бин.

– Хайр, равад, рафтан гирад, худо ёраш. Ман инро барои он пурсидам, ки дар рӯзи олиҳа Лакшми нафареро гурусна гуселонидан гуноҳ аст. Зимнан, ту гуфта наметавонӣ, ӯ ба куҷо равона шуда бошад?

– Ман аз куҷо медонам, бону? – лабонашро ба ҳам зер карда, ҷавоб дод модари Бойкунтҳия.– Ман фақат як чизро медонам, ӯ дар ҳар куҷое ҳам ки бошад, ин фарҷоми нек надорад. Оқибати одамоне, ки виҷдони худро гум мекунанд, ҳамин аст. Ҳар кас бояд ҷои худашро донад. Хоҷаҳои мо моро мехӯронанд, мепӯшонанд ва мо бо ғамхории онҳо зиндаем. Ва агар ҳамин хел шавад, ки хоҷаҳо моро ҳақорат кунанд, ҳеҷ боке нест, мо аз ин кам намешавем. Магар ман ҳақ нестам? Вале ӯ бо худи бабу чӣ андоза густохона ҳарф зад, ҳайфи ин хел зан. Инро бинед–а! Модари Бойкунтҳия тамоман ба Радҳика ҷафс шуду пичирросзанон дар гӯшаш гуфт: – Медонед, бону, шунидам, ки ҳалқаро ӯ дуздидааст, ё шояд…

– Бас кун! – бурид сухани хидматгорзанро Радҳика. – Ва дигар ҳаргиз ҷуръат пайдо накун, ки дар пеши ман дар бораи ӯ ин гуна суханонро ба забон биёрӣ.

– Ман ҳам ҳаминро мегӯям, бону, – дарҳол равиши суханашро дигар кард модари Бойкунтҳия. – Ту худат ҳатто намедонӣ, ки то чӣ андоза одами хуб астӣ. Ҳар як сухани шумо – ҳақиқати маҳз аст. Ӯ зани ҳалолкоре буд, ҳаргиз ба чизи бегона даст намекофт. Дар ин бора ҳоҷати сухан ҳам нест. Шояд ақлаш хира шуда бошад. Оҳ, ин чӣ бадбахтиест–а? Аҷаб коре!

Шабона Радҳика–деби хомӯш ба болинаш ашк рехт. Фақат худо медонист, ки ӯ дар ботин чӣ гуна азият мекашид. Ба ибораи дигар, агар хоҳари худро гум мекард, ин гуна барои ӯ гарон намебуд.

## 4

Ду моҳ сипарӣ шуд. Радҳика–деби дар ин муддат одати бетелхоиро тамоман тарк кард. Ӯ ба гиёҳи дӯстдоштааш даст намера-

сонд, ҳатто ёд ҳам намекард. Дигар касе қуттиро гирифта ба назди ӯ намешитофт, касе аз қафои ӯ туфкунак дар даст қадам ба қадам намегашт. Даҳони Радҳика акнун аз хоидани ҳамешагии бетел суп–сурх ба назар намерасиду ранги табиии он барқарор гашта буд. Аз одати кӯҳна даст кашидани бону боиси гапу калочаҳои бешумор гардид. Дар ин бора чӣ гапҳое намегуфтанд, чӣ кинояҳое ки намекарданд, вале Радҳика–деби ба ҳамаи ин беэътино буд. Хидматгорон дар ғайби ӯ, шӯхиҳои нешдорро дареғ надошта, ин дигаргунии ногаҳониро муҳокима мекарданд. Модари Бойкунтҳия борҳо ба ӯ бастаҳои хурди бетелро дароз карда, мехост ӯро ба хоидани он розӣ кунонад:

– Хоидан гиред, бону! Агар ба шумо хуш наояд, метавонед маро лагадкӯб намоед.

– Не, не, – фавран ҷавоб медод Радҳика, – бетелхоӣ одати бад аст.

Рафтори ғайриоддии бону, модари Бойкунтҳияро ба ташвиш оварда буд. Ӯ шояд бори панҷум ба назди пешхидмат Бономалия рафта, дар гӯшаш пичирросзанон мегуфт:

– Инро бинед–а! Гӯё бо рафтани Менки, чӣ гунае ки мегӯянд, дунё ба охир расида бошад. Медонӣ, Бономалия, аз вақте ки ноздонааш рафтааст, бону бетелро ба даҳон набурдааст. Магар Менки ба бетел асал омехта тайёр мекард–чӣ? Ё бетели ӯ ширину аз дигарон мисли тахач талх аст? Охир ман чанд бор ба ӯ муроҷиат кардам, гуфтам, ки бонуҷон, охир ту бе бетел зиндагиро тасаввур карда наметавонистӣ. Яку якбора аз он рӯ гардондан хуб нест – мазаи даҳонатро гум мекунӣ. Ақаллан як бастачаашро хоида, дилатро хурсанд кун. Ман инро аз рӯи тамоми қоидаҳояш, бо ҳама дорувориҳои зарурӣ омехта, омода кардаам. Якбор чашида бинед, дарҳол даҳонатон бомазза мешавад. Гап куҷову ӯ куҷо! Ҳамаи кӯшишам беҳуда! Бинед–а! Дар ин дунё ҳамин гуна одамони бефаҳм ҳам будаанд.

– Ба ту чӣ, ки – ҷавоб медод Бономалия, – бону бетел мехояд ё не, ту чӣ ин қадар нороҳат мешавӣ? Ин хеле аҷиб аст! Мисли мақоли «Дили оча ба бачаю дили бача ба кӯча» барин. Вале агар ту дигар тоқати дидани азобҳои бонуро надорӣ, Менкиро ҷустуҷӯ карда ёбу бозгардон.

– Оҳ, намедонам чӣ кор кунам. Ин бешараф, мисли он ки аз дунё рафта бошад, аз ин ҷо баромада рафт. Агар ба бону нигарӣ, дилат аз ғам реш–реш мешавад. Хайр, худат бигӯ, Бономалия, охир ӯ зан аст ё не? Пас, зан чаро бетел нахояд? Бӯи даҳонро чӣ нест мекунад? Ту,

шояд, Кумудиниро аз деҳаи ҳамсоя, ки духтари хоҷаи он ҷост, медонӣ? Ӯ низ номи бетелро ҳатто шунидан ҳам намехоҳад. Дидаӣ, ки дандонҳои ӯ чӣ гунаанд? Барф барин сап–сафед.

Худи Гоҷанон–бабу борҳо ба занаш мегуфт:

– Ту дар ҳақиқат ҳам аз бетел дилсард шудаӣ? Аҷиб, бисёр аҷиб аст!

– Ҳеҷ ҷои аҷобаташ нест, – ҷавоб дод Радҳика– деби. – Охир худи ту тамокукаширо партофтӣ–ку.

– Қиёсатро ёфтӣ! Тамокукаширо ба ман духтур манъ карда буд. Ӯ гуфт, ки агар нахоҳӣ, ки ҷигарат аз кор барояд, аз тамоку даст бикаш. Ман тамокукаширо бо исрори духтур тарк кардам, на аз андӯҳи ҷудоии Менки.

– Аҷаб сафсаттае! – эътироз кард Радҳика. – Он одаме, ки барои ӯ шуда, ман аз одатҳои худ даст кашам, ҳанӯз ба дунё наомадааст. Ҳамин хел, бетелхоӣ ба дилам зад. Зимнан, магар ин ту набудӣ, фақат дар бехи гӯшам ғурунгос мезадӣ, ки дандонҳои ман дигар аз хоидани бетел мисли қайроқсанг сип–сиёҳ шудаанд? Умуман, Менки ба ин ҳеҷ дахле надорад. Тарки бетелхоӣ кардани манро ба ӯ вобаста кардан боиси ранҷиши ман мегардад. Агар ту ба ин гуна гуфтугӯҳо хотима надиҳӣ, пушаймон хоҳӣ шуд!

Гоҷанон чун медид, ки занаш оташин мешавад, бо нидои пурмаънои «ҳм» худро халос мекарду хомӯш мешуд. Қиссаи Радҳикаро кардан басанда аст, акнун бубинем, хидматгорзани собиқи ӯ чӣ зиндагие дорад. Чанд фарсах онтарафтар аз ҷои собиқи зиндагии Менки, деҳаи Холодхоропур воқеъ аст. Менки ба як қисми пулҳое, ки дар тӯли солҳои хидматаш дар хонаи бону андӯхта буд, дар ин деҳа кулбаи хурде сохта, тақдирашро ба дасти парвардигор супурда, зиндагӣ мекард. Менки ба манзили нави худ одат карда, ба ҷустуҷӯи кор даромад, вале ба ӯ ёфтани кори мувофиқ мушкил буд, зеро тамоми умр дар хонаи бону зиндагӣ карда, ба корҳои сиёҳ машғул нашуда буд ва қувваташ ба корҳои вазнин намерасид. Як бор касе Менкиро барои биринҷ кӯфтан киро карду ӯ баъди чанд соати биринҷкӯбӣ, се рӯз дар хона бистарӣ шуд – на дасташро ҷунбонда тавонисту на пойҳояшро. Аз ҳамон рӯз инҷониб ӯ тавба кард, ки дигар ҳаргиз ба корҳои деҳқонӣ машғул намешавад. Ҳарчанд Менки пулҳои андӯхтаи худро боэҳтиёт сарф мекард, онҳо ба зудӣ халос шуданд. Дар фарҷом ҳамагӣ ду рупия боқӣ монд, вале онро ҳам дуздиданд. Дар вақти набудани ӯ ба кулбааш дузд даромада, пулҳои охиринашро дуздида бурд. Дунё дар чашмони Менки торик шуд, ӯ намедонист, чӣ

кор кунад. Ӯ тан ба тақдири илоҳӣ супурда, дар манзилгоҳи қашшоқонаи худ мехобиду шашқатор ашк мерехт ва ҳамин тавр рӯзҳо яке паи дигаре сипарӣ мешуданд.

**5**

– Ман чӣ гуфта будам, бонуҷон? Ҳамааш нукта ба нукта амалӣ шудааст. То кадом дараҷа расидааст! Қаҳр кард, оташин шуд, вале акнун фаҳмид, ки гармиву сардии рӯзгор чӣ будааст. Сазояш ҳамин! Мазаммати касеро, ки нонашро мехӯрӣ, накун, ки худованд ин гуноҳро намебахшад. Сазои ин баттол ҳамин аст, баъд аз ин дигар ҳавобаландӣ намекунад.

Модари Бойкунтҳия оташин шуда буд. Ӯ суханро дареғ надошта, онеро ки баттол номида буд, ҳақоратборон кард.

– Киро дар назар дорӣ, модари Бойкунтҳия? – пурсид аз ӯ Радҳика.

– Маълум аст киро – Менкии мағрурро. Акнун рафта бин, ғурураш тамоман намондааст. Бинед–а! Ин гуна мағрурон ҳам будаанд! Беҳуда намегӯянд: «Зоғон хӯранд меваи шохи баландро». Эҳсоси худшиносӣ аз ҳад зиёд баланд шавад, оқибаташ хуб нахоҳад буд. Хоҳари мо ҳавобаландӣ карду…

– Каме ором шав, – бурид сухани хидматгорзанро Радҳика.– Бо Менки магар воқеае рӯй додаст? Ту ӯро дар куҷо дидӣ?

– Ман ба Холодхоропур рафта будам, бонуҷон. Дар он ҷо дар хонаи амакаш, писари ман Бойкунтҳия зиндагӣ мекунад. Оҳ, ман ӯро чӣ қадар ёд мекунам. Агар моҳе як– ду бор хабаргирӣ наравам, бовар кунед, ҷои нишастан намеёбам. Ҳарчӣ набошад, фарзанди ба ҷон пайванди ман аст! Ҳа, ман дар бораи чӣ мегуфтам? Ҳа, дар бораи Менкии мо. Ҳамин хел, бонуҷон, ӯ ана дар ҳамин деҳа зиндагӣ мекунад. Ӯ барои худ кулбае ҳам сохтааст. Ҳамин гуна қасре, ки дар он ҳатто шағолу саг ҳам розӣ намешавад, зиндагӣ кунад. Шармандагию халос! Ӯ ба Менкии собиқ ҳатто шабоҳат ҳам надорад – ӯро бинӣ, намешиносӣ, ана ба кадом аҳвол расидааст. Либосаш ифлосу дарида, худаш ҳам чиркину лоғар, дар ба дар гашта, гадоӣ мекунад. Маро диду дарҳол рӯ гардонда рафт. Ва медонӣ, барои чӣ? Шарм кард! Ман ҳам, албатта, ба роҳи худ рафтам, чунки шарм доштам бо гадозан ҳамсӯҳбат шавам.

– Чӣ? – мутаҳаййир шуд Радҳика– деби. – Менки гадоӣ мекунад?

– Хайр, дигар чӣ кор ҳам кунад? Ӯро охир ҳеҷ кас аз мулкаш, ки ӯ дар он ҷо ҳеҷ кор накарда, зиндагӣ мекард, пеш накарда буд. Оҳ,

худоё, одамон то чӣ андоза бефаҳманд, охир! Магар ман ҳақ нестам, бонуҷон? Охир ту дар хонаи бону бе ягон ташвиш, серу пур зиндагӣ мекардӣ. Ҳамаи ин барои ӯ кам буд, хонаи валинеъматҳои худро тарк карду рафт. Бинед–а! Оқибати ҳавобаландӣ барои инсон чӣ будааст!

Чашмони Радҳика лабрези ашк шуданд. Ӯ худдорӣ карда натавониста, бошитоб аз хона берун рафт.

Гоҷанон–бабу дар кресло нишаста, чой менӯшид. Ӯ чойро пуф карда, ҳаловат бурда, чой менӯшид. Банохост дар рӯ ба рӯяш Радҳикаи ғамгину овезонқавоқ пайдо шуд.

– Ҳой, ҳой! – мурочиат кард ӯ ба шавҳараш, – бифармо, ҳарчи зудтар дучархаро омода кунанд!

Гоҷанон–бабуи ҳайратзада фурсате хомӯш истода, баъд пурсид:

– Шояд Радҳика ба Бриндабон сафар карданӣ аст.

Дар чеҳраи гирифтаи Радҳика табассум пайдо шуду зуд ғайб зад.

– Биё мон! – оташинона гуфт ӯ.– Боз ҳам дар хаёли ту фақат шӯхӣ асту халос. Аз ту хоҳиш мекунам, дучархаро фавран омода кунанд.

– Магар ин аблаҳӣ нест, ки сабабашро нафаҳмаму барои омода кардани дучарха фармон диҳам ?

– Бовар кун, ин бисёр зарур аст. Ман бояд ба Холодхоропур равам.

– Ана, сабабаш чӣ будааст? Ва ту ба он ҷо чӣ мебарӣ?

– Ту чӣ гуна одам астӣ, охир! – бо изтироб нидо кард Радҳика–деби. – Ман гуфтам–ку, кори зарур дорам. Бифармо, дучархаро омода кунанд. Баъд аз бозгашт ҳамаашро ба ту мефаҳмонам.

– Э–э не, ин хел намешавад, – якравӣ кард Гоҷанон–бабу. – Ҳамин ҳоло бифаҳмон.

Дигар чорае набуд, ба Радҳика лозим омад, ки дар бораи ҳолати бади Менки ва мақсади сафари худ нақл кунад.– Инак ман ба қароре омадам, ки ӯро худи ҳамин рӯз гирифта биёрам, – нақли худро хулоса кард, Радҳика. – Ба сари ӯ бадбахтӣ омадааст. Ҳарчӣ ҳам набошад, ӯ солҳои тӯлонӣ дар хонаи мо хидмат кардааст, ҳоло бошад гадоӣ мекунад – ин маро нороҳат мекунад. Ман рафта ӯро розӣ мекунонам, ки баргардад. Модари Бойкунтҳияро ҳамроҳ мегирам, то ҳамаи одоби муоширату риоя шавад. Ту фақат хоҳиши маро рад накун. Розӣ шав, азизи дилам!

Радҳика–деби дастони шавҳарашро сила карда, бо навозиш ба манаҳи ӯ даст расонд. Гоҷанон бо мушкилӣ худро аз қоҳ–қоҳ зада

хандидан нигоҳ медошт. «Ҳа–а–а, – андешид ӯ. – Аз ин мебароянд, ки барои худ чоҳ кандааст. Ана ёбу гир: он вақт ӯро бе ягон андеша аз хона берун ронду акнун бе ӯ зиндагӣ карда наметавонад».

– А–а, ана гап дар сари чист, – ниҳоят гуфт Гочанон.– Вале шитоб чӣ лозим аст? Фардо ҳамаашро худам ҳал мекунам, рафтани ту чӣ лозим аст?

– Не–не, – исрор кард Радҳика дар сухани худ, – маҳз бояд худи ман равам. Гапи ҳеҷ кас ба ӯ таъсир надорад, инро ман аниқ медонам.

Дар ниҳояти кор ба Гочанон лозим омад, ки ба исрорҳои занаш гузашт кунад. Дучарха ба зудӣ омода гардид. Радҳика–деби бо хидматгорзан дар он нишаст ва он ба Холодхоропур равона гардид.

Аз бозгашти Менки ду моҳ сипарӣ гардид. Баробари баргаштани ӯ, Радҳика ба одати собиқаи худ – хоидани бетел дубора шурӯъ кард. Қуттии нуқрагинро аз нав кофта бароварданд. Мисли пештара, бону ҳар лаҳза ба туфкунаки биринҷӣ бетели хоидаашро туф мекард. Дар хона боз ҳама қоидаҳои собиқ барқарор гардиданд, мисли он ки иборои қадимаи санскрит мегӯяд: «Ятҳа пурвам, татҳа парам» – «Ҳама чиз ба мадори худ бармегардад».

* * *

***КАЛИНДАЧОРОН ПАНИГРАҲИ*** *(соли 1901 таваллуд шудааст) – яке аз барҷастатарин симоҳои адабиёти Ҳинд ба забони орист. Ӯ носир, шоир ва муаллифи ҳикояҳои зиёд аст.*

## ҲАМААШ ШУДА, ЯК САГ...

Асли Албион аз сагҳои хушзоти тозии англисӣ буда, ҳатто лақаби ӯ ҳам ба ин далолат мекард. Ғизол Ҷолли бошад, дар ҷангалҳои ваҳшии Орисса ба дунё омада буд. Саг хӯрдани гӯштро афзалтар медонисту ғизол – ғизоҳои бегӯштро. Онҳо аз хурдӣ бо ҳам ба воя расида буданду зиндагии худро бе якдигар тасаввур карда наметавонистанд.

Боре Ҷолли бемор шуд ва Албион на шабу на рӯз аз наздаш як қадам ҳам дур нарафт. Ҳатто хӯроки ӯро ба он ҷое, ки ғизоли бемор мехобид, меоварданд. Дафъаи дигар Албион дасташро шикаст. Ҷоллии ба ҳайратафтода, ки бо дӯсти бодпои ӯ чӣ шудааст, ба сари ӯ захираҳои адонашавандаи меҳрубонӣ мерехт ва ин, бешубҳа, ба-

рои дар як муддати кӯтоҳ сиҳат ёфтани саг кӯмак кард. Дар аввал ӯ андаке мелангид, вале вақте ки баҳор бо базми гардуншукӯҳи рангҳои баландаш фаро расид, онҳо мисли ин ки шамолаки гарми ҷанубашон пуф карда бошаду ин ҷаҳони пурасрорро, ки бисёр чизҳои аҷоибу ҳайратоварро дар худ пинҳон медошт, аз дигар кашф карда бошанд, боз бо суръати баланд медавиданд. Албион бо чунон суръате медавид, ки тамоми ҷасадаш ба як хати дарозе мубаддал мегардиду дар он на сар, на бадан ва на пойҳояшро фарқ кардан мумкин набуд. Давидани Ҷолли бошад, рақси нафиси балеринаи порисиро ба ёд меовард: пойҳои ғизол гӯё дар ҳаво шино мекарданду ҳаракати мавзуни паро (як ҳаракат дар рақси балет) накш мекарданд.

Заминдор ба дастпарварони худ сахт дил баста буд. Вақте ки ӯ аз корҳои рӯзона хаста шуда, бегоҳӣ барои сайругашт ба марғзори васеи сабзи дар назди тирезаҳои утоқи корияш доман паҳн карда мебаромад, онҳо, ҳатман, ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Ҳайвонҳо, гоҳе мусобиқакунон медавиданду гӯё бо нафосати ҳаракоти хеш хоҷаашонро ба тамошо кардан даъват мекарданд ва гоҳе оромона дар паҳлӯи ӯ қадам мезаданд.

Банохост Ҷолли худро ба пойҳои хоҷааш мемолиду дастонашро лесидан мегирифт. Албион, ки аз мадди назар дур мемонд, яку якбора давида ба пеш мебаромаду худро ба пеши пои заминдор мепартофт ва думашро ба аломати фармонбардории бечуну чаро меликконд. Баъзан банохост дар пеши пои ӯ ғел мезаду ба заминдор имконияти роҳ рафтан намедод.

Агар сагҳои дигар бо дидани Ҷолли дандон гиз мекарданд, ӯ аз тарс давида ба назди хоҷааш меомаду аз ӯ паноҳ меҷуст. Албион он вақт ба пеш медавиду омода буд бо ҳамҷинсони худ, ки бо дидани ӯ думҳояшонро дарҳам кашида, аз тарс мегурехтанд, ҷанг кунад. Ҳеҷ яке аз онҳо ёрои дар бадани худ санҷидани қувваи дандонҳои Албионро надошт. Ӯ ҳам эътибори худро нигоҳ дошта, ҳаргиз онҳоро таъқиб намекард – ин поёнтар аз манзалати ӯ буд.

Духтараки хурдсоли заминдор ҳам, на камтар аз падараш ҳар ду ҳайвонро дӯст медошт ва бештари вақти худро бо онҳо мегузаронид. Духтарак дар зери назорати дояаш дар боғ сайругашт карда, алафҳои тару тоза меканду Ҷолли бошад, ба наздаш омада, бо як ҳаракати мавзун фукашро ба тарафи ӯ дароз мекард. Чун Албион инро медид, тир барин давида ба назди онҳо меомаду барои хушнуд шудани бонуи хурдакакаш, ҳар гуна ҳаракатҳои аҷибу ғариб мекард. Заминдор дар алвонҷаки айвони хонааш бароҳат нишаста,

аз тамошои ин хубиҳои зиндагӣ завқ мебурду рӯҳаш аз ташвишҳои зиндагӣ фориғ мешуд. Ӯ одами замонавӣ буда, дар муошират бо одамон ҳалиму дилчасп буд. Заминдор ба муҳити атроф нигоҳ карда, либос мепӯшид: дар байни ҳамватанонаш дар либоси аз матои нозуки ватанӣ дӯхташуда ҳозир мешуду дар байни хориҷиён дар либоси хеле хушдӯхти аврупоӣ. Амалдорони мӯътабари англис зуд–зуд ба хонаи ӯ меҳмон мешуданд, то дар ҷангалҳои ба ӯ тааллуқдошта, шикор кунанд. Дарҳои хонаи ӯ ҳамеша кушода буданд. Заминдор ҳатто фармон дод, ки барои меҳмонон бинои алоҳида созанду мувофиқи табъ ҷиҳозонанд. Ӯ ҳамаро бо чеҳраи кушод пешвоз мегирифт, ҳатто ба иҷорадорони худ, агар одамони бомаърифату мӯътабар бошанду меҳмонӣ биёянд, эҳтиром мегузошт. Бо вуҷуди ҳамаи ин ақидаи ҷомеа дар бораи ӯ, ба манфиати ӯ набуд. Барои диндорон ӯ як одами бадахлоқу мушрик буду барои дигарон – маҳмаддонои шаттоҳ. Дӯстӣ бо англисҳо, накӯкориҳои зиёд ва хидматҳои сершумори ӯро, дар чашми ҳамватанонаш пардапӯш мекард. Аксарият чунин меҳисобиданд, ки дар одатҳои аврупоии худ – либос, хӯрок – аз ҳадди эътидол мегузарад. Боре маъмури асосии пулис, шиноси кӯҳнаи заминдор, мактуб фиристода хабар дод, ки рағбати шикор дораду барои ба меҳмонӣ омадан ба хонаи ӯ, дар ҷашни мавлуди Исо бо тамоми оилааш, омодагӣ мебинад. Чаҳор рӯз пеш аз омадани онҳо меҳмонхонаро ба тартиб оварданд ва дар ҷангал чанд хайма устувор карданд. Заминдор ба шаҳри наздиктарин одамони худро фиристод, то ҳама чизҳои заруриро харида биёранд. Хидматгорон аз давуғеҷ тамоман аз по афтоданд ва хоҷаи худро, албатта, дар ғайбаш, бо қабеҳтарин суханҳо ҳақорат мекарданд. Меҳмонони баландовоза дар соати таъиншуда омада расиданд, заминдор онҳоро бо мошини худ пешвоз гирифт. Соҳибхонаи меҳмондӯст, дар воқеъ аз омадани дӯсташ ва зану духтарони ӯ шод буд. Онҳо якҷоя барномаи фаъолиятро мураттаб карданд. Шабона меҳмононро дар меҳмонхона ҷой карданд, то субҳи дигар, баъди хӯрдани субҳона ба ҷангал раҳсипор шаванд. Қитъаи барои шикор муайяншуда дар фосилаи чаҳордаҳ мил аз хонаи заминдор, дар мавзеи тамоман беодам, воқеъ гашта буд. Хидматгоронро бо озуқаворӣ ва таҷҳизоти шикор, қабл аз баромадани меҳмонон, фиристода буданд; меҳмонон, соҳибхона, саг ва Ҷолли аз паи онҳо равона шуданд. Зимнан, зарурати ҳамроҳ бурдани Ҷолли набуд, вале ӯро аз Албион ҷудо кардан имконнопазир буд: саг бо пайдо кардани аввалин имконият боз ба хона бармегашт. Ҳамааш аз рӯи қоида буд: заминдор аз духтараш барои бо

худ бурдани Ҷолли иҷозаи «расмӣ» ва супориши ҳатмӣ – баъд аз се рӯз пас овардани ҳайвонҳои дӯстдоштаи ӯро гирифта буд.

Вале дар дилхушиҳои шикор ва шӯхию бозиҳои солинавӣ, панҷ рӯз ноаён гузашта рафт. Баъди ҳаёти сердаводави пурғавғои шаҳр ин ҷои хилват ба назари меҳмонон мисли биҳишт менамуд ва илова бар он, дар ин ҷои беодам, онҳо ягон норасоӣ эҳсос намекарданд. Субҳи рӯзи панҷум соҳибхона ва меҳмон танҳо ҳар ду ба шикор равона шуданд – бонувони онҳо, ки аз дилхушиҳои пайдарпай хаста шуда буданд, ҳамроҳи онҳо рафтанро рад карданд. Хидматгорон ҳам дар ин чаҳор шабонарӯз тамоман аз по афтода буданд, вале ба ду–се нафари онҳо боз ҳам лозим омад, ки вазифаи роҳбаладиро ба ӯҳда гиранд. Шикор аз оғозаш муваффақият пайдо накард. Тирҳои шикорчиён паиҳам хато мехӯрданд ва фақат ҳайвоноти ваҳширо меҳаросонданду халос. Дар интизории он, ки паррандагон боз ҷуръат пайдо карда ба лонаҳои худ баргарданд, шикорчиён ба даруntари ҷангал, ки бо мулки заминдор ҳамҳудуд буд, даромада, буттаҳои зич рӯидаро бодиққат дида баромаданд. Дар ин ҷо ҳам чизе набуд. Роҳбаладҳоро пештар фиристода буданд, вале магар ба роҳбаладҳо бовар кардан мумкин аст? Аниқ аст, ки онҳо ҳоло дар зери ягон дарахт нишаста ғайбат мекунанд, ё сигорҳои худашон сохтаро мекашанду тамоку месоянд. Заминдор ва дӯсти ӯ бо эҳтиёт қитъаҳои ҷангалро паиҳам аз назар гузарониа, худашон бехабар торафт аз ҷои исти худ дуртар рафта, ба даруntари ҷангал даромаданд. Интиҳои рӯз буд. Офтоб дар паси теппаи наздиктарин фурӯ мерафту гӯшаи ғарбии осмонро ранги арғувонӣ мекард. Шикорчиён саргарми шиддати хоҳишоти худ, оламро фаромӯш карда буданд. Дар ин мобайн, дар қисмати шарқии осмон абри сиёҳе падид омад. Роҳбаладҳо наздик омадани хатарро эҳсос карда, ба ҷустуҷӯи ҷанобон даромаданд. Вале, магар онҳоро дар ин ҷангали зич, ки дар он ҳатто рӯзона ҳам нимторикӣ ҳукмфармост, пайдо кардан мумкин аст?

Ин ду нафар дӯст фақат вақте ба худ омаданд, ки шамоли сарди намнок, ки бешубҳа, қосиди пешакии борон аст, ба вазидан даромад. Абрҳо дар болои сари онҳо торафт зич шуда, ба абрҳои сиёҳи боронӣ табдил меёфтанд. Маълум гардид, ки онҳо то оғози борони бошиддат, ба қароргоҳи худ расида наметавонанд, – аз он ҷо онҳоро фосилаи на камтар аз чаҳор мил ҷудо мекард. Мусофирони нороҳатгардида, суръати роҳгардии худро зиёд карданд, вале, афсӯс, он рӯҳбаландие, ки шикорчӣ ҳангоми таъқиби сайдаш эҳсос мекунад, дигар онҳоро ҳамроҳӣ намекард. Раъду барқ бо қувваи

даҳшатнок ба сари онҳо фурӯ мерехт. Уллоси шамол дар ҷангалзори анбӯҳ онҳоро талхакаф мекард. Онҳо дар зулмот чизеро надида, таваккалӣ роҳ мерафтанд. Вақте ки онҳо саропо тар шуда, беҳолу мадор ба қароргоҳ баргаштанд, соат ҳашт шуда буд.

Хӯроки чошт ҳанӯз омода набуд: ошпазҳо чашмдор буданд, ки шикорчиён аз шикор сайд меоранд. Вале, гӯё қасдан бошад, ҳатто як кабкро ҳам сайд накарданд! Чӣ бояд кард? То хонаи заминдор зиёда аз чаҳордаҳ мил фосила аст, илова бар ин, роҳро сел шустаасту имкони рафтан нест. Дар наздикӣ ягон деҳа ҳам нест, ки рафта аз он ҷо озуқаи заруриро биёранд. Ҳанӯз, пеш аз он, ки ба ҷангал раванд, заминдор мехост овардани гӯшт барои хӯроки чоштро супориш диҳад, вале соҳиб ӯро аз райъаш гардонд: то ҳол боре ҳам тасодуф наафтода буд, ки онҳо аз шикор бо дастони холӣ баргашта бошанд. Заминдор роҳи чора надида, ба хидматгорони бегуноҳ дарафтод. Дар ин лаҳза баногоҳ дар чеҳраи соҳиб табассум гул кард.

– Ба фикрам, ман илоҷашро ёфтам! – хурсандона хитоб кард ӯ.

– Ба ростӣ? – маҷбуран табассум карда, нимғурма гуфт заминдор.

– Ман бо иҷозаи шумо базми ҷамшедӣ барпо хоҳам кард. Шумо бошед, баъд ба ҷои ӯ ҳайвони дигар меёбед. Бигӯед, ин фикри ман ба шумо хуш меояд?

Сараввал заминдор ба суханони ӯ сарфаҳм нарафт. Вақте ки мазмуни суханони ӯро дарк кард, вуҷудаш ларзид.

– Ҳа. Бале! Андешаи олӣ, – базӯр гуфт заминдор.

Аз як худи андешаи он ки сухан дар бораи Ҷолли меравад, дилаш фишурда шуд. Пайдо шудани ғизол дар хонаи ӯ бо воқеаи фоҷиавие иртибот дошт, ки шояд, сабаби асосии ин қадар дил бастани ӯ ба ғизол гардида буд. Боре, ҳангоми шикор, заминдор ба дӯстони англисии худ маҳорати тирпаррониашро намоиш дод. Ғизол бо бачаи ширмаки худ буд. Вақте ки модараш аз тири нишонраси ӯ афтид, оҳуяки хурдакаки нотавон, гӯё кар шуда бошад, чизеро нафаҳмида, дар ҷои худ меистод. Ӯ ҳатто аз мерганҳои ба наздаш давида омада наҳаросид, аз афташ чунин мешуморид, ки чун модараш дар паҳлӯяш ҳаст, аз чизе тарсидан лозим нест. Нигоҳи пур аз эътимоди оҳуяк аз ҷавшани ҷони заминдор гузашт. Ӯ ғизолакро бо худ бурд ва ба ӯ аз дилу ҷон меҳр баст. Ба хотири кӣ меомад рӯзе фаро мерасад, ки ӯ барои гӯшт ба куштани ғизол розӣ мешавад! Вале ба меҳмони мӯътабар чӣ гуна ҷавоби рад диҳад?

Соҳиб, ки аз гузашти заминдор қонеъ гардида буд, изҳор дошт, ки худаш ғизолро хоҳад кушт. Дар ҷанг ӯ дар бераҳмӣ шӯҳрат кашида буд ва аз ин хотир соҳиби рутбаи баланд гардида буд. Вақте ки шикори ӯ барор намекард, ӯ тайёр буд, ки тамоми паррандаҳои хонагиро сар занаду эҳсоси ваҳшиёнаи хунхоронаи худро таскин бахшад. Занаш аз ин хислати ӯ дар ботин мефахрид, дар ин бора ҳазлу шӯхӣ карданро дӯст медошту қисса кард, ки боре аз сабаби дастрас набудани қурбонии дигар ӯ қариб гулӯи худашро бо теғ мебурид.

Албион ва Ҷолли дар айни замон ба ҳамдигар ҷафс шуда, ғарқи хоби ширин буданд. Ҳама медонистанд, ки Албион, вақте ки Ҷолли дар паҳлӯяш бошад, ягон одами бегонаро ба назди худ роҳ намедод, аз хидматгорон бошад, танҳо Мадҳия ба ин кор ҷуръат карда метавонисту халос. Заминдор ба мерган фармуд, ки Ҷоллиро биёрад. Албион садои қадаммониро шунида, аккос зад, вале садои ошно ӯро ором кард. Вақте ки мерган хост ғизолро барад, Албион чунон оташинона аз занҷир халос шудан мехост, ки ба Мадҳия лозим омад, ӯро кушода бо худ гирад. Албион, ки саги беандоза зирак буд, ҳеҷ фаҳмида наметавонист, ки чаро дар ин бевақтӣ рафиқашро аз пеши ӯ мебаранд. Мадҳия ғизолро ба дасти ошпаз дода, сагро, ки хавотиромез ҳамаи инро мушоҳида мекард, бо мушкилоти зиёде нигоҳ медошт. Соҳиб кордро гирифта, барои амалӣ кардани мақсади иблисонаи худ омодагӣ медид – ӯ як дона тирро масраф накарда, куштани сайдашро дӯст медошт. Корд аз нури чароғи нафтӣ дурахшид.

Ошпаз пойҳои ғизолро баста, онҳоро ба замин сахт зер кард. Ҷолли оромона мехобид. Охир ӯ аз чӣ ҳам ҳаросад? Дар паҳлӯяш ҳомии ӯ, хоҷаи дӯстдоштааш ва Албион – дӯсти содиқтаринаш истода буданд. Ӯ гоҳ ба яке ва гоҳ ба дигаре менигарист. Заминдор бо тамоми қувват мекӯшид диққаташро аз ин ҳодиса ба ҷои дигаре ҷалб кунад ва бо зану духтарони соҳиб гарму ҷӯшон сӯҳбат мекард. Вале бо ин ҳама шӯхӣ ва ханда, дар ботинаш хоҳиши раднашавандаи ба Ҷолли нигоҳ кардан талотум мекард. Зерчашмӣ ба ҷониби ӯ нигоҳ карда, тарсид: ба ӯ чунин намуд, ки ҳайвон дурангии ӯро фаҳмида, ӯро барои ин гуноҳаш мисли инсон маҳкум мекунад.

Шубҳаи Албион афзун шуд, чун дид, ки соҳиб аз ҷои худ бархост. Нигоҳи заминдор, бидуни хоҳиши ӯ, ба Ҷолли афтод ва ӯ ларзид: он қадар ғаму андӯҳ ва зорию тавалло дар нигоҳи ҷавобии ӯ нақш баста буд, ки заминдор ба он тоб наоварда, кадом

баҳонаеро пеш оварда, ба хайма даромад. Ҷолли аз хоҷааш умедашро канда, ба Албион нигарист ва саг фавран ба даъвати ӯ ҷавоб дод. Соҳиб корд дар даст ба ғизол наздик мешуд. Дар худи ана, ҳамин ҷой чӣ қадар бузҳоро куштанду гӯшти чӣ қадар ғизолҳоро майда карданд – саг борҳо инро дида буд! Акнун дар ин ҷо Ҷолли хобидааст ва ин фақат як маънӣ дошт. Саг аз ҷояш ҷаҳида, мерганро зада аз по афтонду ба ошпаз дарафтод. Ҳама гурехта, ба ҳар тараф пароканда шуданд. Соҳиб давида ба хайма даромаду заминдорро дид, ки тамоман беҳаракат нишастааст. Ӯ ба худ омада, дарҳол аз меҳмонон узр хосту ба ҳақорат кардани мерган пардохт, то бо ин роҳ азияти ботинии худро сабук кунад. Мадҳияи сахт зарбхӯрда, ин дафъа сагро ба дарахт сахт баст. Соҳиб аз нав пеш баромад. Ӯ бо корд ба тарафи саги бечора масхараомез таҳдид карду ба болои ғизол хам шуд. Ва заминдор аз дигар нигоҳи пур аз зории ғизолро дид. Ӯ тайёр буд ҷахида бархезаду ба қатл монеъ шавад, вале бо қувваи ғайриодии ирода туғёни эҳсосоташро фурӯ нишонд. «Ман, аз афташ, девона хоҳам шуд» – аз дил гузаронд. Ӯ мехост ба ягон тараф гурехта равад. Вале андеша кард, ки соҳиб метавонад инро ба тbabри худ фаҳмад ва аз ноилоҷӣ рӯяшро бо рӯймолча пӯшид. Ногоҳ нолаи ҷонгудози Албион баланд садо дод ва якҷоя бо ӯ нолаи шикваомези ҷонкоҳ ба гӯш расид, ки рост ба дил кора мекард. Ҳамааш анҷом ёфт.

Ҳангоми хӯроки чошт заминдор натавонист, ҳатто як бурида гӯштро фурӯ барад – тамоми вуҷуди ӯ ба муқобили ин қиём мекард. Шаб то дергоҳ хобида натавонист. Гаштаю баргашта дар хобаш фақат як чизро медид: гӯё ӯ дар ҷангали зулмонӣ роҳгум задаасту тӯфон наздик мешавад… Ғизоли тирхӯрда меафтаду бачаи хурди ӯ аз ҳеҷ чиз наҳаросида, боэътимод дар ҷои худ истодааст; боз торикӣ, онҳо яроқ дар китф ба қароргоҳ наздик мешаванд… соҳиб корд дар даст аз ҷояш баланд мешаваду хандаи иблисонаи ӯ акси садо медиҳад; Ҷолли бо чашмоне, ки дар онҳо нақши зорию таваллост, дар рӯи замин хобидааст…

Субҳи барвақт онҳо бо қароргоҳи худ видоъ карданд. Меҳмонони қонеъ худи ҳамон рӯз рафтанд. Ба утоқи кории заминдор Мадҳияи азияткашида ворид шуд: тамоми роҳ ба ӯ лозим омад, ки Албионро, ки ҷои ҳалокати рафиқашро ҳеҷ тарк кардан намехост, кашола кунад. Чун дид, ки хоҷааш нишастаасту чашмонашро аз як нуқта намеканад, боз оҳиста аз дар баромаду дарро пӯшид.

Заминдорро бошад, эҳсоси пушаймонӣ азият медод. Барои худро аз ягон кори беақлона боздоштан, ба ӯ қувваи иродаи қавӣ лозим буд. Виҷдонаш омирона аз ӯ талаб мекард: «Ту бояд ба пеши пои ин саг афтию аз ӯ бахшиш талабӣ… Қотили манҳус! Ҳатто Албион, ин ҳайвони чорпо аз ту олиҳимматтар аст. Шармандагӣ! Кӣ ба ашхоси нерӯманд фармудааст, ки заифонро дар бардагӣ нигоҳ доранду барои мақсадҳои

ғаразноки худ ба ҳалокат расонанд? Магар махлуқи зиндаро барои ҳавою ҳавас қурбон кардан мумкин аст?»

– Ҷолли кучост?!

Ӯ рӯяшро ба тарафи овоз гардонд ва дар рӯ ба рӯяш духтараки чаҳорсолаашро дид. Ӯ, ки ғофилгир шуда буд, аз ҷояш ҷахида бархосту кӯдакро ба синааш зер карда, парешонҳолона ғур–ғуркунон гуфт:

– Ӯ дар он ҷо монд, духтаракам… рост…

– Дурӯғ! – сухани ӯро бурид духтараш. Ӯ барои он, ки гиря накунад, лабонашро мегазид. – Мадҳия гуфт, ки соҳиб ӯро куштааст. Ман соҳибро мекушам!

Ҳанӯз то ин лаҳза, заминдор азияти сахти ботинӣ мекашид, азияткашии кӯдак нуқтаи охирини он буд – ӯ бемор шуд. Ду ҳафта таби баланд дошт, духтурон барои ҳаёти ӯ метарсиданд. Вале ӯ сиҳат ёфт, барои зиндагии нав эҳё гардид.

Заминдор меҳмонхонаи худро ба сарпаноҳи фақирону эҳтиёҷмандон табдил дод. Баъд аз ин ӯ дар хонааш истеъмоли таомҳои гӯштинро тамоман манъ кард ва ба касе иҷоза намедод, ки дар ҷангалзорони ӯ ба шикори ғизолон машғул шавад.

Албион баъд аз ҳамон рӯзи наҳс дигар ба хӯрок нигоҳ ҳам намекард. Вақте ки заминдор бемор мехобид, саг бо кадом тариқе занҷирашро канда гурехт. Мадҳия муддати дарозе ӯро кофта, ниҳоят дар ҳамон қароргоҳи шикорӣ пайдо кард: Албион он ҷоеро, ки ғизолро кушта буданд, бӯ мекашид. Ӯро аз нав ба хона оварданд, вале ӯ бо вуҷуди ҳама эҳтиёткориҳои онҳо гурехту аз нав гум шуд. Ин дафъа ӯро наёфтанд.

Аз гирду атроф овозаҳое ба гӯш мерасанд, ки касе сагро дар ҷои ҳамон қароргоҳ дидааст. Аммо ҷангалбурон мегӯянд, ки аз даруни ҷангалзори анбӯҳ садои кадом як ҳайвоне ба гӯши онҳо расидааст. Вале ин чӣ ҷонваре бошад – фақат худо медонад. Шояд Албион ва ё мумкин худи Ҷолли бошад – касе инро намедонад.

* * *

***КЕШАВА ДЕВ** (1903 – 1987) – адиби насрнависи малаялӣ: соҳиби роману қиссаҳои зиёдест.*

## МОҲИГИР КОРАН

Дар рӯи об бо ҷараёни бахр, бо мавҷҳои ҳалқавор паҳншаванда ҷастухезкунон қаиқи хурдакаки моҳигир Коран шино мекард. Ба қафои қаиқ, пойҳои дарозашро пеш ёзондаву белро дар зери бағалаш фишурда ва бо пешонибанд, чун ҳамеша, сарашро баста, Коран такя карда буду тахмин мекард, ки аз сайди имрӯзаи моҳӣ чӣ миқдор фоида ба даст меорад. Гоҳ–гоҳ ӯ ягона белашро як–ду бор мезад ва қаиқ бо суръат мавҷҳоро бурида пеш мерафту баъд боз аз теғаи мавҷе ба теғаи мавҷи дигар мелағжид. Коран аз он ки ба ҷои сайди моҳӣ зуд ё дер мерасад, заррае безобита намешуд. Қаиқҳои дигар, бо ҷараёни об мусобиқакунон, мешитобиданд. Коран бошад, ба ҳеҷ куҷо намешитобад, аз чизе изтироб надорад. Ӯ боварӣ дорад, ки ба ҷояш сари вақт рафта мерасад.

Вақте ки офтоб ба тарафи ғарбии хати уфуқ сарнишеб шуд, қаиқи Коран дар бандар лангар партофт. Ӯро кайҳо интизоранд. Дар соҳил занҳо ва кӯдакони зиёде ғун шудаанд. Вале, касе ҷуръати ба қаиқ наздик шудан ва ба даруни он нигоҳ кардан надорад, – ҳама медонанд, ки моҳигир инро дӯст намедорад.

Коран то хӯрок нахӯрад, савдоро оғоз намекард. Агар то ин вақт, ягон зани харидор ба қаиқ наздик шавад, Коран ба тарафи ӯ дод мезад:

– Эй, ту магар дар ин ҷо шавҳаратро меҷӯӣ?

Вале, агар касе ба даруни худи қаиқ нигоҳ кунад, аз ин ҳам гапи сахттар мешунид:

– Чӣ, чашмонат ба хориш даромадаанд? Махав, ақл надорӣ–чӣ!

Коран қаиқашро баста, бӯхчаи хӯрокашро гирифта, ба соҳил мефурояд. Қаиқро боз каме пештар ба рӯи рег кашола карда, баъд ба атроф нигоҳ мекунад: мабодо дар навдаҳои хурмоҳои назди соҳил боз калхоту зоғҳо нанишаста бошанд? Белро ба болои сараш бардошта, бо таҳдид як–ду бор ҷунбонида, бо садои баланд сулфа мекард, ки баъд аз ин, ҳатман, паррандаҳо ба ҳар тараф парида мерафтанд. Харидороне, ки барои моҳихарӣ омада буданд, каме дуртар меистоданд.

Коран дар зери дарахти ҷавони норҷил чорзону нишаста, хӯрок мехӯрд, ки тамошои он хеле мароқовар буд. Бастаи хӯрокашро, ки

аз моҳӣ ва биринҷ иборат буд, кушода дар пешаш, рӯи замин мегузошт. Чашмони хурди суп–сурхаш варамида буданду лабони ғафси сиёҳаш бо суръат ҷунбида, дандонҳои сафеди дарозашро, ки чалап– чалап ғизоро мехоиданд, намоён мекарданд. Белро ба дасти чапаш гирифта буду гоҳ–гоҳ онро ба ҳаракат меовард, каллаи на он қадар калонаш тамоман ба рӯи синаи паҳнаш овезон буду бо дасти росташ зуд–зуд аз биринҷу пораҳои моҳӣ луқма тайёр карда, ба даҳон мебурд. Бо ин ҳама машғулӣ ба чор тараф назар меандохт: боз дар ягон ҷо пишак, саг ё парранда набошад? Ва агар аз дур ҳам онҳоро бинад, маос мезад, белро меҷунбонд ва ҳатто, бо он заминро мекӯфт. Баъди ин дигар ягон махлуқи зинда, ки ҷонаш барои ӯ азиз буд, ба ин ҷо наздик намешуд. Вале баъзан мешуд, ки ягон саг расидани лаҳзаи мусоидро интизор мекашид. Барои ин гуна махлуқҳои бепарво, Коран тарзи махсуси ҷазоро ихтироъ карда буд. Ӯ сагро бо як пора моҳӣ мефиребид ва ӯ чун ба андозаи дастрас наздик мешуд, чанг зада аз пашмаш медошту ду бор ба замин кӯфта, ба ҷараёни об мепартофт ва баробари ин аз забонаш ҳақоратҳои обдор меборид.

Боре ин гуна ҳодиса ҷой дошт: кадом–як гурба поида–поида аз қафо ба Коран тамоман наздик шуд. Ӯ гурбаро дид, вале худро ба нодонӣ зада, беҳаракат менишаст. Чун пишак бо дандонҳояш устухони моҳиро, ки дар назди моҳигир хобида буд, гирифт, дастони Коран ҳамон лаҳза ба гулӯяш часпиданд. Ӯ аз ҷояш бархосту пишакро аз мушти сахт фишурдааш сар надода, ба назди таворае, ки начандон дур буд, омад ва аз он чӯберо кашида гирифту ҷисми гурбаро аз даҳон то думаш ба он пӯшонд ва баъд он чӯбро бо пишак ба замини зери нахл, ки дар он ҷо тановул мекард, тиққонд. Пораи моҳиро ба даст гирифта, ба зери бинии махлуқи бечора, ки аз азияти ҷонканӣ дар худ мепечид, бурду бо қаҳру ғазаб пурсид:

– Ҳа, бадзот, боз моҳӣ мехоҳӣ?

Коран хӯрданро ба анҷом расонда, одатан, бо садои гӯшкаркунанда оруғ мезанад, ки садояш ба нафири сурнайи маъбад шабоҳат дорад ва аз ҷояш бархоста бо тамоми дарозии қадаш худро меёзонад: гӯё дар зери ҳамон нахли норҷил айнан мисли худи ӯ боз нахлаке рӯида бошад. Қоматашро рост карда, ӯ аррос мезанад:

– Ҳе–ҳей!... – Ва бо ҳамин аз оғоз ёфтани савдои моҳӣ дарак медиҳад. Баъд ба канори ҷараёни об рафта, дастонашро мешӯяду савдоро сар мекунад. Қимати тағйирнопазир, роҳ надодан ба савдоталошӣ ва накд гирифтани пул – ин аст шартҳои асосии муомилоти ин савдогар. Ба ҳар касе, ки лозим бошад, худаш моҳиро

бояд интихоб кунаду баъд нархашро пурсад. Чашмони хурди хунгирифта муддати кӯтоҳе ба шумо дӯхта мешаванду лабони ғафси сиёҳ каҷукилеб мешаванд – ва нарх маълум мешавад, қарор қатъист ва дигар тағйир нахоҳад ёфт. Коран ҳатто дигар такрор ҳам намекунад. Хоҳӣ – бихар, нахоҳӣ – бирав. Вале агар як калима ҳам эътироз кунӣ, очаи зоратро хоҳӣ дид.

Аммо нархе, ки Коран ба забон меорад, мӯътадил аст. Ӯ кӯшиши аз савдо сарват ғун кардан надорад. Ба ӯ басанда аст, ки ба ӯ ҳам моҳӣ монад ва ҳам пулаш ба харидани биринҷ, шакар, намак, мурч, сигори арзон ва инчунин, шароби норҷил расад. Ҳамааш ҳамин, ӯ хоҳиши дигаре надорад.

Вақте ки дар соҳил дигар харидор намемонад, ӯ боқимондаи моҳиро ба сабад андохта, болои сар мебардораду бо фарёди «Ҳе–ҳей» барои чакана фурӯхтани он, роҳ пеш мегирад. Садои ӯро шунида, аз хонаҳои ду тарафи роҳ занҳо баромада, ба наздаш меоянд. Ва дар ин ҷо ҳам Коран тартиботи қатъии худро дорад: ӯ дар ҳар кучое, ки рост ояд, сабадро аз болои сараш намефурорад, агар харидор каме шикоят кунад–ку, ба ҳеҷ ваҷҳ, – танҳо дар ҷойҳои муайян сабадро аз болои сараш ба замин мемонад ва харидорон бояд наздик шаванду интихоб кунанд. Баъд аз чаҳор соат ӯ ба бозори шабона меояд. Дар ин ҷо ӯ дастмуздашро ҳисоб карда, даромадашро тақсим мекунад: як қисмашро («даромади асосиро») як тараф мегузорад, боқимондаашро ба биринҷу шакар ва амсоли инҳо масраф мекунад. Харидашро ба даруни сабад ҷой карда, рост ба майхона роҳ пеш мегирад.

Дар масъалаи нӯшидани шароби норҷил ҳам, Коран тартиботи қатъӣ дорад: ӯ фақат ба андозаи пули боқимондааш шароб менӯшад. Зиёд монда бошад – зиёд менӯшад, кам монда бошад – кам. Вале Коран чӣ қадаре ки нӯшад, ҳеҷ гоҳ маст намешавад.

Коран хона дорад. Ин кулбаест, ки барои ба он ворид шудан, бояд тамоман дуқад шавӣ ва танҳо дар мобайни он метавонед бо азобе рост шавед. Болои он бо баргҳои нахл пӯшида шуда буд, вале барои он, ки эътимод ба маҳфуз мондан аз борон зиёдтар шавад, аз болои он бурёҳои кӯҳнаи бамбукӣ ва бистарҳои хасии даридаеро, ки аз бозор ғун карда оварда буд, паҳн карда буд. Барои раҳоӣ аз таънаю маломат, ки бубинед, даромадгоҳи хонааш парда надорад ва гоҳ–гоҳе ин гуна гапҳо ба гӯш мерасанд, ба дари кулба як порча бурёи аз баргҳои нахл бофташударо овехта буд. Вале вақте ки барои оташ гирондан ҳезум намеёбӣ, ин баргҳоро паи ҳам кашида ба оташдон меандозӣ ва аз парда танҳо чанд ресмони овезон

боқӣ мемонад. Дар даруни кулба, – дар рӯи фарш табақи сафолии канораҳояш васеъ, ду хуми хурд, кӯзаи фулузии шикамкалон барои об овардан, бурё барои хобидан, тахтапора ба ҷои тагсарӣ ва чароғи нафтӣ – ин аст рӯйхати кулли асбобу анҷоми хонаи Коран. Боз дар ин ҷо, дар кунҷак бухории хурде ҳам буд. Вақте ки Коран дар хона набошад, саги оворагарде ба хоб кардан дар даруни кулба одат карда буд. Коран ба қарибӣ бо як зарбаи бели қаиқ ин сагро ба ҳалокат расонд.

Вақте ки шомгоҳон торик мешавад, Коран ба пухтупаз оғоз мекунад. Ӯ ҳангоми пухтани биринҷу моҳӣ, албатта, ба дег донагиҳои гуногуни бисёр меандозаду баъд ин хӯроки пухтаашро шикамсерӣ мехӯрад. Табақи сафолинро бо боқимондаи хӯрок дар назди худ гузошта, хоб меравад. Садои хурроккашии Коран чунон гӯшкаркунанда аст, ки ҳаргиз саг ё пишаке наздик намеояд.

Коран субҳи барвақт бедор шуда, даҳонашро обгардон мекунаду рӯй мешӯяд – ҳамин тариқ рӯзе як бор оби тоза ба пӯсти ӯ мерасад. Магар ӯ оббозӣ мекунад? Инро ҳанӯз касе надидааст. Ба хаёли касе ҳам намеояд, ки ин мумкин бошад!

Саҳарӣ бо биринҷи дирӯза наҳорӣ карда, барои чоштгоҳ ба худ бастаи хӯрок омода мекунад. Баъд табақи сафолинро шуста, на барои тоза нигоҳ доштани он, балки барои он, ки саги оворагард ба он фуки худро натиққонаду нашиканад, чаппагардон мемонад.

Баъд ӯ бастаи хӯрокро ба сабад гузошта, сабадро ба болои сараш мегузораду белро гирифта, ҳарчи бошитоб ба соҳили баҳр равон мешавад. Қаиқи моҳигирии ӯ чунон босуръат ба баҳр мешитобад, ки кас ба шубҳа меафтад – оё боз бармегашта бошад? Қаиқ чунон босуръат ҳаракат мекунад, ки гӯё касе дар он на бо як бел, балки бо ду бел ва бо тамоми қувват бел мезанад. Гӯё он дар об шино намекунаду балки ба об нарасида, дар болои он парвоз мекунад!

Касе аниқ гуфта наметавонад, ки Коран кай ва дар куҷо таваллуд шудааст. Худи ӯ ҳам инро ҳеҷ вақт кофтуков накардааст, ҳатто ба фикраш ҳам наомадааст, ки ин ҳам метавонад, мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад. Агар касе аз ӯ дар бораи падару модараш пурсад, ӯ дар ҷавоб аррос мезанад:

– Онҳо ҳар касе, ки бошанд, ба ту чӣ?

Сараввал Коран дар ин деҳа батрак буд. Ба ивази шаш ан ва хӯрок дар як рӯз. Аз шаш ан дида, барои ӯ хӯрок муҳим буд. Вале то серу розӣ шуданаш хӯрондани ӯ, кори осон набуд. Ҳамин, ки офтоб ба болои сараш рост шуд, Коран белу каландашро мепартофту ба ошхона равон мешуд. Агар худо накунаду хӯрок тайёр

набошад, бояд эҳтиёт шуд, то одамеро, ки бояд ба ӯ хӯрок диҳад, фурӯ набарад. Аксари мулкдорони соҳибэҳтироми минтақа, ки дар додани хӯроки чошт ба ӯ дерӣ карда буданд, аз Коран гап шунидаанд. Ӯ чашмони мисли чашми кабк сурхашро гирд гардонда ва лабони сиёҳашро кач карда, аррос мезад:

– Ҷин занад, пас ман замини туро барои чӣ бояд шудгор кунам?

Ва вақте ки ҷанҷолро сар мекунад, то ҳамаи хазинаи эҳтиётии ҳақоратҳояшро тамом накунад, бас намекард.

Ҳатто, баъзан ба болои наздиктарин дарахти ҷавзи ҳиндӣ баромада, ду–се шохаи пурбори онро мебуриду – сари худӣ «талафот»–ро ҷуброн мекард. Мабодо ҷуръат карда, ба ӯ ҳарфе гӯӣ – чун оташ дармегирифт! Ва ту ҳар касе набошӣ, ҳалқадаваки дастони оҳанини ӯро ҳис хоҳӣ кард. Аз ин хотир, барои кор киро кардани Коран бехавф набуд.

Вале, бояд гуфт, ки агар Коран корро ба ӯҳда мегирифт, ба ҷои се кас кор мекард. Белро ба даст мегирифту кӯҳро ба ҳавз табдил медод ва ё ҳавзро бо хоку шағал пур карда, кӯҳ месохт. Агар шудгор мекард – тамоми саҳро меларзид. Чун бо овози ғафси худ дод мезад, барзаговҳои ба сипор басташуда, мисли он ки аз хатари марговар мегурехта бошанд, яку якбора ҳаракат карда ба пеш медавиданд. Вақте, ки муздури дигар дар майдони шудгор як даврро анҷом медод, Коран се– чор бор давр мезад. Вале, ба ростӣ, баъд аз ин барзаговҳои аз сипор кушодашуда, чанд рӯз тавони аз ҷо бархостан накарда, хоб мекарданд.

Ва ниҳоят, вақте омад, ки дигар касе Коранро барои кор киро намекард. Ӯ гуруснагӣ кашид. Корани гуруснаро ҳатто тасаввур кардан даҳшатнок аст! Ин барои ҳамаи одамони деҳа фалокати бузург буд. Ӯ дар кӯча овора мегашту бо тамоми овоз ҳам ба Худо, ҳам ба одамон, ҳам ба ҳайвоноту ҳам ба паррандагон, ҳам ба набототу ҳам ба дарахтон лаънату дуоҳои бади мудҳиш мехонд. Дар бозори шабона ӯ чунон наъра кашид, ки одамон ба ҳар тараф гурехтанд.

– Малъунҳо! Махавҳо! Шумо, лаънатиҳо, имон надоред!

Боре моҳифурӯш ба ӯ як моҳӣ ва ду анна дод. Коран онро гирифту эълон кард:

– Ман ҳам ба савдои моҳӣ машғул мешавам!

Ана, чӣ тавр Коран моҳигир шуд.

Бо кадом роҳ ӯ қаиқу пул ба даст овард, то ба сайди моҳӣ машғул шавад ва баъди ин чӣ воқеаҳо рӯй доданд – ба ҳамаи одамони он маҳал маълуму равшан аст. Падари Картту, духтаре, ки

барои хариди моҳӣ ба бозор меомад, қаиқчае дошт. Коран аз ӯ хоҳиш кард, ки қаиқро ба ӯ ба киро диҳад. Соҳиби он розӣ шуд: «Хайр аст, додан мумкин». Вале ба Коран барои харидани анҷоми моҳигирӣ боз пул ҳам даркор буд. Аз куҷо пул ёбад? Коран тасодуфан дарак ёфт, ки лотереяи Картту бист рупия буридааст ва бо духтар гапро пазонд ва ӯ пулашро бо фоидаи як ан аз ҳар як рупия ба ӯ қарз дод. Рӯзи дигар, Коран қаиқу пул ба даст оварда, ба касби наваш машғул гардид. Дар бораи қаиқ ҳама медонистанд, вале дар бораи пулҳои бо фоида ба қарз гирифтаи Коран аввал касе чизе намедонист. Вале аз байн чанд рӯз гузашту ин сирро бо кадом як роҳи номаълум, ду нафар аз ҷавонони деҳа, ки шуғлашон сигорпечонӣ буд, фаҳмиданд. Ҳар ду ҳам, ки дилбохтаи Картту буданд, акнун донистанд, чӣ гуна барои озурдагиҳои худ аз ӯ қасос гиранд. Ва онҳо овоза паҳн карданд, ки гӯё Коран ва Картту иртиботи ошиқонаи махфӣ доранд ва Картту ба ӯ беҳуда пул надодааст, илова бар ин ӯ ҳар рӯз бо баҳонаи моҳихарӣ барои дидани ӯ меояд ва ӯ ҳам моҳиро ба духтар бисёртар ва арзонтар мефурӯшад ва ҳамчунин дар нимторикиҳо чандин бор Коранро дар байни буттаҳои хонаи Картту дидаанд ва ғайраву ва ҳоказо.

Ҳамаи он чизе, ки онҳо мегуфтанд, тамоман дурӯғ набуд, аниқтараш, қисман рост буд. Пулро, дар ҳақиқат, Коран аз Картту гирифта буд, вале дар бораи фоидаи он, ин ҷавонон ҳарфе намегуфтанд. Ин ҳам рост буд, ки Коран чун нишонаи миннатдорӣ ба Картту, ба болои моҳии харидааш як–ду моҳии бепул медод. Аз ин хотир, ӯ на аз моҳифурӯшони дигар, балки маҳз аз Коран моҳӣ мехарид. Дар буттазори назди хонаи Картту Коран барои оташдони худ ҳезум ҷамъ мекард. Ва ана, аз ҳамаи ин ҳақиқату дурӯғҳои хурд як дурӯғи калон сабзида буд.

Чун Картту аз ин тӯҳматҳо огоҳӣ ёфт, беҳуш шуда афтод. Ин гуна овозаҳо на танҳо ба гӯши ӯ, балки ба гӯши падару модар ва бародаронаш ҳам расид. Дар бозор дар девори яке аз дӯконҳо расми бо ангишт кашидае пайдо шуд: зану мард ва дар зери онҳо навиштаҷоти: «Коран» ва «Картту». Вақте ки бародари Картту ин расмро дид, кордро гирифта, хоҳарашро куштанӣ шуд. Падараш таҳдидкунон ба ӯ мегуфт: «Намедонам, ба ту чӣ ҷазо диҳам!» Худи Картту бошад, бемори бистарӣ шуд, на мехӯрд, на менӯшид, фақат ашк мерехт.

Як шоираки бозоршин суруде бо номи «Муҳаббати Коран» навишт. Писараконй деҳа онро дар ҳама ҷо месуруданд. Ҳамин тариқ, «таърихи муҳаббат»–и Коран дар тамоми минтақа вирди

забонҳо шуд. Фақат як худи Коран аз ин бехабар буд – касе ҷуръат намекард, ки дар ин бора ба ӯ ҳарфе гӯяд.

Ва инак боре Коран бо фарёди «Ҳе–ҳей!»–и одатии худ дар бозор пайдо шуду сабадро аз болои сараш гирифта, ба замин гузошт. Каме дуртар, чанд писарак аз кунҷак нигоҳкунон, суруди муҳаббати Коранро оғоз карданд. Вале Коран ба ин аҳамияте ҳам надод! Ӯ моҳиро дар наздаш монда, фарёд зад:

– Ҳе– ҳей!

Вале имрӯз касе ба сабади ӯ наздик намеомад. Занҳо ба ӯ нигоҳ карда, аз наздаш гузашта, ба назди моҳигирони дигар мерафтанд. Аз дур нигоҳ карда, бо ҳам пичир–пичир мекардаңду оҳиста механдиданд.

Коран ба ғазаб омад.

– Эй! Чӣ инҳо магар моҳӣ нестанд? Махавҳои шум! – дод зад ӯ.

Занҳо дар ҷавоб хандиданд. Як писарак аз онҳое, ки суруди «Муҳаббати Коран»–ро мехонданд, барои оташин кардани моҳигир, барабас ба девори дӯкон ишора мекард:

– Эй, инро дидаӣ?

– Чист он ҷо?

Писарак гуфт:

– Ту ва Картту!.. Аҷаб ҷуфте!..

Коран ваҳшиёна ғурриду ҷаҳида ба назди писарак омада, бо панҷаҳои оҳанинаш ӯро аввал ба боло, баъд ба поён чарх занонду аз худаш дур партофт. Бо ҳамин таърихи «муҳаббати Коран» ба анҷом расид.

Ва бо вуҷуди ҳамаи ин, вақте ки ғазабаш фурӯ нишаст, Коран ба он девор бодиққат назар андохт ва чеҳрааш нарм шуд.

Аз ҳамон вақт инҷониб ӯ одате пайдо кард, ки ҳар вақте ки ба бозор ояд, каме дар назди девори дӯкон истода, хомӯшона ба сурат нигоҳ мекунад. Ва ҳатто вақте ки моҳӣ мефурӯхт, ӯ гоҳ–гоҳ ба он тараф назар меандохту чеҳрааш нарму меҳрубон мегашт. Ва пеш аз он, ки ба хона равона шавад, ӯ, албатта, ба «Коран» ва «Картту»–и ҷудонашаванда, ки дар сурати рӯи девор мезистанд, назар меафканд. Чашмони ӯ дар анбӯҳи занҳои харидор касеро меҷустанду лабҳояш баъзан ношунаво пичиррос мезаданд:

– Картту, Картту!..

Баъзан мешуд, ки ӯ ба саволи ягон Мадхави ё Каляни, ки нархи моҳӣ чанд аст, «Картту» гуфта ҷавоб медод. Атрофиён механдиданд, вале чизе намегуфтанд.

Моҳи июл расид. Баҳри пурҷараён дар ин мавсим ноором аст.

Қаиқаки Коран дар мубориза бо мавҷҳои он қариб, ки танҳост. Қаиқ дар рӯи мавҷҳо пасту баланд мешуд. Дар соҳил, харидорон интизоранд. Он рӯз Коран ҳангоми ба бандар баргаштанаш бел мезаду ҳатто, як бор ҳам ба даруни қаиқи худ нигоҳ намекард. Ӯ дар сар, мисли чатр кулоҳи калони гирд барои борон дошту чашмонашро ба соҳил дӯхта, сахт–сахт бел мезад ва қаиқ бо суръат ба пеш шино мекард. Бастаи хӯрок ва белро гирифта, Коран ба соҳил ҷаҳида фаромад. Кадом–як духтараке ба даруни қаиқи ӯ нигариста, маъюсона мад кашида гуфт:

– Э–ҳа–а! Чизе нест, қаиқ холист!

Анбӯҳи харидорон пароканда шуданд.

Коран чорзону дар рӯи замини тар нишаста, бастаро кушоду хӯрокашро хӯрдан гирифт. Мехоиду нимғурма мегуфт:

– Малъунҳо! Махавҳо! Беимонҳо – ҳатто ба баҳр ҳам қадами нопокашон расидааст! Ҳайвонҳо!

Ӯ ба ҷараён, ки дар рӯи он шамол бо хашм мавҷҳоро меронд, нигоҳ карда, такрор ба такрор мегуфт:

– Палидҳо!.. Махавҳо!..

Саги оворагарде, ки тамоми рӯз рӯи замин дар зери борон мехобиду аз ин пойҳояш карахт шуда буданд, мисли кирм печутоб хӯрда, хазида ба назди Коран омаду забонашро бароварда, як пора гӯшти моҳиро ба даҳон гирифт…

– Гум шав! – белро ҷунбонида, дод зад Коран.

Саг сарашро бардошта ба ӯ нигоҳ карду шикоятомез уллос кашид. Коран ба ӯ нигоҳ кард. Чашмони ӯ, ки девонавор давр мезаданду хунгирифта буданд, бо чашмони пурашку пурандӯҳи саг бархӯрданд. Ва бели ба болои сар бардоштааш дар ҳаво шах шуд. Саг уллоскашон ба пеши пои Коран расиду мисли он, ки чизе мепурсида бошад, аккос зад.

Коран оҳиста белро ба канор гузошт. Ӯ шикаст хӯрд. Бори нахуст дар зиндагиаш шикаст хӯрда буд. Ӯ боз муддати тӯлонӣ, чашм наканда ба чашмони саг нигоҳ кард. Баъд аз биринҷ луқмаи калоне дуруст карда, ба замин гузошт. Саг ҳарисона онро фурӯ бурд. Ӯ боз як луқма гузошту саг онро ҳам хӯрд. Ҳамин зайл ӯ тамоми биринҷро ба саг дод. Ҳар дафъа саг биринҷро фурӯ бурда, бо миннатдорӣ ба рӯи ӯ менигарист. Коран ҳисси хурсандиро, ки то ҳол ба ӯ номаълум буд, эҳсос кард. Ин тамоман эҳсоси наве буд, ки агар хоҳед, онро хушбахтӣ номида метавонед.

Баъд Коран дар оби равон дастҳояшро шуст. Сабадро ба сараш гузошта, белро ба даст гирифт. Ва аз ҷояш бархост. Чизе ба рафтани

ӯ халал мерасонд. Саг, ки шикамаш аз хӯрок сер шуда буд, ҳанӯз меларзиду пойҳояш мисли пештара ба ӯ итоат намекарданд. Ӯ ҳоло ҳам ба Коран нигоҳ карда, уллос мекашид. Бо шикамаш хазида, ба пеши пои ӯ омаду сарашро ба рӯи пойҳояш монда, бо садои паст аккос зад, гӯё илтиҷо мекард: «Маро партофта нарав…» Коран банохост хам шуда, сабадро аз болои сараш ба замин монд. Сагро бардошта, дар таги сабад ҷо кард. Баъд сабадро ба рӯи сараш гузошта, бошитоб қадам зад. Имрӯз бори ӯ на моҳии мурда, балки саги зинда буд. Саг ҳам баъзан сарашро аз гӯшаи сабад бароварда, уллос мекашид. Роҳгузарон аз дидани ин ҳол бисёр хушҳолӣ мекарданд. Рӯ ба рӯ омадагон ба ҳоли Коран ва «мол»–и каснадиди ӯ механдиданд.

Анбӯҳи бачаҳо, албатта бо каме фосила, аз пайи моҳигир мерафтанд, – касе ба наздик омадан ҷуръат намекард. Як писарак аз масофае, ки барояш бехатар буд, фарёд зад:

– Эй, нархи молат чанд аст?

Коран ҳатто зоҳир накард, ки гапи ӯро шунидааст. Аз ин хотир бачаҳо ҷуръат пайдо карданд. Онҳо наздиктар омаданд. Яке аз онҳо пӯстлохи чормағзи нопухтаи норҷилро гирифта, ба даруни сабад ҳаво дод. Тир рост ба нишон расид ва саг бо садои баланд аккос зад.

Коран фавран ба ақибаш нигоҳ карду ба сари тӯдаи таъқибгарони бадхоҳ дод зад – бачаҳо саросема ба ҳар тараф гурехтанд. Коран таҳдидкунон белро ба ҳаракат оварду онро аз пушти онҳо ҳаво дод. Ӯ қатори намоиши душманонаро парешон карда, аз нав ба роҳи худ идома дод.

Коран сагро ба хонаи худ овард. Ҳамин тариқ, дар кулбаи ӯ бори аввал меҳмон пайдо шуд. Ӯ оташ гиронд. Саг гарм шуда, аз ларзидан монду бо як азоб ба пояш рост шуд ва кунҷҳои кулбаро давр зад. Баъд ба назди Коран омаду бе ягон такаллуф ба болои зонувонаш баромад. Коран пушташро сила кард.

Ин саги модаи хурдҷуссаи сиёҳе буд. Ӯ дар рӯи зонуи Коран нишаста, ба рӯяш нигоҳ мекард, баъд аз зонуи ӯ фуромада, кулбаро давр заду боз ҷаҳида ба болои зонуяш баромад.

Азбаски он рӯз Коран чизе савдо накарда буд, барои хӯроки шом чизе надошт. Дуруст аст, ки чаҳор рупияи «пули асосӣ»–ро чун ҳамешагӣ дар камарбанди худ баста, эҳтиёт мекард. Агар аз ин пул гирад, савдояш зарар мебинад! Ва Коран қарор дод, ки ин дафъа гурусна хоб кунад. Илова бар ин, ӯ ҳанӯз дар зери таъсири эҳсосоти нави имрӯз аз сар гузарондааш буду гуруснагӣ ба назараш даҳшатнок наменамуд.

Ба хотираш омад, ки дар девори кулба, дар байни баргҳои нахл, моҳии хушк пинҳон карда буд. Ӯ онро ёфта ба саг дод. Баъд бурёеро паҳн карда, дар наздаш каме хокистари хушк гузошту сагро хобонд. Баъд худаш ҳам хобид. Нисфи шаб чизе ӯро тела дода, худашро ба паҳлӯи Коран молид. Ӯ тарсида бедор шуду ин «чиз»–ро аз бараш тела дод. Саг бо садои баланд аккос зад. Фақат он вақт Коран ҳамаашро ба ёд овард. Ӯ бархоста, сагро ба даст гирифту ӯро дар рӯи бурёи худ, дар паҳлӯяш хобонд. Фавран ҳар дуро хоби сахт бурд.

Баҳр рӯзи дигар ҳам ноором буд. Коран боз ҳам натавонист аз пайи сайди моҳӣ равад. Борони сел мебориду биниатро ҳам берун карда наметавонистӣ. Коран аз хоб бедор шуда, тамоми рӯз дар рӯи бурё нишаст.

Одатан, вақте ки Коран гурусна мемонд, тамоми минтақа аз он огоҳӣ меёфт. Вале имрӯз, ҳарчанд аз дирӯз чизе нахӯрда буд, на дод мезаду на ҷанҷол мекард, хомӯшона азият мекашид. Дар дили ӯ кадом эҳсосе бедор шуда буд, ки ба ӯ тавон мебахшиду ҳисси гуруснагияшро таскин медод.

Саг ҳам гурусна монда буд. Ӯ дар рӯи кулба давр мезаду ҳама чизро: хумҳо, лаълӣ, бӯрё, тахтапораи болои сари Коранро бӯ кашида, боз ба болои зонуи ӯ мебаромад. Ноорамии ӯ меафзуд, ӯ дар гирди Коран ба давидан оғоз кард, худро ба пойҳои ӯ молида, ба китфаш мебаромаду нолиш мекард. Дар ниҳояти кор, гӯё ба ин ҳақ дошта бошад, саг ба рӯи Коран нигоҳ карда, бетанаффус ба аккосзанӣ даромад.

Коран бастаро кушода, пулҳоро ба кафи дасташ рехт. Ақлаш ба ӯ мегуфт, ки ин захираи дастнарасонро харҷ кардан мумкин нест. Ӯ ба пулҳои дасташ нигоҳ карда менишаст. Саг сахт аккос зад. Он гоҳ ӯ бархосту аз кулба берун шуд. Саг ҳанӯз аккос мезад. Коран ба ақиб баргашт. Сагро дар ин ҷо монад? Дар атроф сагҳои калон давида мегарданд, онҳо метавонанд ӯро бихоянд. Ӯ баргашта, сагчаро бардошта, ба китфаш гирифт.

Дар роҳ ӯ диққати ҳамаи писарбачаҳои аз ҷониби муқобил омада истода ва сагҳои аз пешаш гузаштаро ҷалб кард. Аз қафои ӯ садои ҳуштаккашӣ ва аккос ба гӯш мерасид. Ба ҳеҷ кас аҳамият надода, Коран ба тарафи бозор мешитофт. Вақте ки ӯ ба он ҷо расид, аз қафояш анбӯҳе, ки аз писарбачаҳо ва сагони гирду атроф иборат буд, қадам мезад. Коран бо қатъият ба роҳаш идома медод.

– Нигоҳ кун, – барои худ қанчиқ ёфтааст!

– Бин, ба китфаш бардоштааст!

– Ин Картту аст! – дод зад сеюмӣ.– Ӯ Картту ном дорад!

Коран баргашту фашшос зад:

– Мекушам, махав! Мекушам!..

Ҷамъомадагон ҳамон лаҳза парешон шуданд.

Коран аз бозор биринҷ, тапиока, моҳии хушк, намак, мурч ва сигори арзон харида, ба хона баргашт. Худ хӯрок пухт. Аввал сагро сер карду баъд худаш хӯрд. Ӯ дар остона нишаста тамоку кашид, саг ба болои зонуҳояш баромад. Ӯ онро сила карда, хам шуду ба гӯшаш пичиррос зад:

– Картту!

Баъди як моҳ Картту фарбеҳ, пашмаш дурахшону мулоим шуд. Ӯ акнун сарашро рост медошту боҷуръаттар ба назар мерасид ва боэътимод аккос мезад. Коран ҳар рӯз ӯро дар оби равон мешуст. Моҳӣ сайд карда, аввал сагро шикамсерӣ мехӯронду баъд савдои онро сар мекард. Биринҷро пухта аввал ба саг медоду баъд худаш мехӯрд. Коран ба ҳар куҷое, ки равад, Картту гоҳ ба пеш давон ва гоҳе аз ақибаш равон, ӯро ҳамроҳӣ мекард. Чун Коран ба қаиқ менишаст, Картту ҳам, фавран, ба даруни он мепариду гӯшҳояшро сих карда, дар қисми пеши он менишаст. Агар суръати қаиқ суст мегашт, Картту сарашро қафо мегардонд ва Коран сахттар бел мезад.

Ҳар ду дар рӯи як бурё хоб мекарданд. Боре Коран ҳис кард, ки як вазниние ба синаи ӯ фишор меорад ва бедор шуд. Ӯ палмоскунон фаҳмид, ки Картту дар зери манаҳи ӯ ҷой гирифтааст. Коран наҷунбид ва Картту то саҳар дар ҷояш бофароғат хоб кард. Вале дигар Коранро хоб набурд. Аз ҳамон вақт сар карда, Картту ҳар шаб дар рӯи синаи ӯ хоб мекард.

Коран дар байни одамон ҳаргиз лақаби сагро ба забон намеовард. Ҷуръат намекард. Охир ин ном бо бисёр воқеаҳо иртибот дошт! Вале дар кулбаи худ мисли афсуншуда пайи ҳам такрор мекард: « Картту, Картту!» Саг дар ҷавобаш дум меликконду рӯю дастони соҳибашро мелесид.

Писарбачаҳо чун диданд, ки Коранро дар ҳама ҷо сагаш ҳамроҳӣ мекунад, рағбати худро ба онҳо гум карданд. Акнун ҳуштаккашиҳо хотима ёфтанд, вале аккоси сагон ҳанӯз дар ҳама ҷо онҳоро ҳамроҳӣ мекард. Баъзан, Картту ҳам ба қафояш нигоҳ карда, дар ҷавоб аккос мезад. Ягон вақт, сагҳо ғурришкунон ба Картту наздик меомаданд, вале Коран белро алвонҷ дода, дод мезад ва онҳо гурехта мерафтанд.

Боре Коран сабади моҳӣ болои сар мерафту Картту аз пушташ медавид. Чанд саг баланд аккосзанон аз пайи онҳо меомаданд.

Вақте ки Коран ба ҷои одатии савдои худ расида, сабадро ба замин монду ба ақиб нигарист, дид, ки Картту қафо мондаасту саги калони хокистарранг дар атрофаш давр зада, ӯро бӯ мекашад. Ӯ сарашро хам карда, итоаткорона истода буд. Чашмони хурди хунгирифтаи Коран барқ заданд, лабони ғафсаш аз ғазаб каҷ шуданд.

– Эй, ин ҷо биё! – бо садои баланд садо кард сагро.

Картту сарашро бардошта, нигоҳ кард. Коран аз нав садо баланд кард:

– Э– эй!

Ин фарёди даҳшатоваре буд.

Картту сарашро хам карда, ба назди Коран давид. Думашро ликконда, пои ӯро лесид. «Ҳмм!» – аз синаи ӯ оҳи таҳдидомезе берун омад. Ӯ чашмонашро пӯшида, ғазабашро фурӯ нишонд.

Аз ҳамон вақт сар карда, Коран ҳар вақте ки он сагро медид, оташинона белро алвонҷ медод ва ӯ фавран гурехта мерафт. Баъзан Картту хоҳиши аз ақиби ӯ рафтанро мекард, вале Коран норозиёна садо мебароварду ӯ бо сари хам, дум ликконда аз қафои соҳибаш равон мешуд

Акнун ҳар боре, ки Коран дар кӯча сагеро медид, дилаш хавотир мешуд. Ӯ аз Картту чашм наканда, бо тамоми қувват белро меҷунбонд. Ҳамон саг ӯро аз ҳама бештар азоб медод. Ҳарчанд ин саг, вақте ки Коран белро алвонҷ медод, мегурехт, вале на чандон дур: боз мебинӣ, ки дар наздат ҳозир асту кӯшиши боз ҳам наздик омадан дорад. Картту бошад, ҳар вақте ки ӯро медид, уллос мекашиду нолиш мекард.

Ҳар субҳ ин саг онҳоро то ҷараён гусел мекард ва вақте ки онҳо ба қаиқ менишастанду шино мекарданд, ӯ дар соҳил истода, бо садои паст ғуррос мезад. Картту бошад аз бандар, то дар дурҳо аз назар ғоиб шудани он, чашм намеканд. Вақти баргаштани қаиқ – саг онро дар ҳамон ҷояш истода, интизор мекашид. Ва вақте ки Коран моҳии боқимондаро дар кӯча ва баъд дар бозор савдо мекард, ӯ аз чашмандоз гум намешуд. Агар Коран каме назоратро суст мекард, саг тамоман наздик меомад ва Картту итоаткорона ба ҳозир будани ӯ созиш мекард. Коран дандонҳояшро ғиҷиррос занонда, фарёдзанон бел дар даст ба тарафи ӯ медавид. Саг саросемавор мегурехту Картту дум ликконда, пои соҳибашро мелесид.

Воҳимаи бартарафнашавандае Коранро азият медод, вуҷудаш аз рашки ниҳонӣ месӯхт. Ӯ ба сари ҳамаи онҳое, ки моҳихарӣ ба наздаш меомаданд, хашмгинона дод мезад. Баъзан дар ҷавоби саволи одии чанд будани нарх, ӯ қаҳролуд дод мезад:

– Муфт бигиру гум шав, махав!

Шабҳо Коранро хоб намебурд. Ҳамеша омадани он сагро интизор мекашид. Баъзан сарашро аз болои тахтапора мебардошту гӯш меандохт. Карттуи дар рӯи синааш хобидаро мепалмосид. Ин аҳвол то дамидани субҳ давом мекард. Аммо саҳарӣ аввалин махлуқе, ки ӯ вомехӯрд, албатта, ин саги калони хокистарранг буд.

Коран чӣ домҳое насохт, то сагро фирефта, биёраду ҷазояшро диҳад! Вонамуд мекард, ки гӯё наздик омадани ӯро надидааст, – вале саг ҳамеша гӯш ба овоз буд: Ҳамин, ки Коран ҳаракате мекард, ӯ гурехта, нопадид мешуд. Ӯро бо пораи моҳӣ ба дом афтонданӣ шуд, саг аз васвасаи он ба уллоскашӣ даромад, вале аз ҷояш наҷунбид.

Боре, шикори Коран барор кард – моҳии калони бисёре сайд кард. Савдои ӯ ҳам барор гирифт. Атрофи сабадро занҳо мисли девор иҳота карда буданд. Ба якеаш нархро бигӯ, аз дигаре пул бигир! Чанд дақиқа ӯ сахт машғули ин кор буд. Вале, вақте ки рӯяшро гардонд, Картту нопадид шуда буд. Ӯ сабадро партофту ба атроф нигарист – даракаш набуд. Чашмони хурди ӯ ваҳшиёна давр мезаданду рӯяш аз хашм каҷ шуда буд, вале ӯ садое намебаровард.

Ӯ аз байни анбӯҳи одамон гузашта, ба ҳар тараф нигоҳ кард – не, саг пайдо набуд. Кадом писарбачае фарёдзанон ба ӯ гуфт:

– Онҳо дар пушти дарахти норҷиланд!

Коран белро ба даст гирифт. Бо чашмони аз косахона баромада, хам шуда, дуздвор ба тарафи дарахти норҷил роҳ гирифт ва вақте ки ба дарахт расид, дар пушти кундаи он пинҳон шуд.

Анбӯҳи одамон бо кунҷковии хомӯшона анҷоми воқеаро интизор буд.

Коран аз пушти кундаи дарахт нигоҳ кард: ана онҳо, ҳар ду якҷо! Белро бо дасти росташ баланд бардошту бо панҷаҳои пои чапаш ба замин такя карда, бо суръат ҷаҳиду бо тамоми қувват белро ҳаво дод. Бел ба байни сутунмӯҳраи саги калон бархӯрд.

Ду садои гӯшкаркунанда! Ин садои наъраи Коран ва нолиши сахти саги ба пушт афтода буд. Дигар ӯ садое набаровард.

Бели Коран боз ва боз ба ҷисми беҳаракати саг бармехӯрд. Вале қаҳри моҳигир ҳеҷ паст намешуд. Ӯ бо фарёди ваҳшиёна ҷасади маҷақшудаи саги мурдаро бардошту дур андохт. Мисли ифрит қоҳ-қоҳ зада, рӯяшро гардонду ғуррид:

– Ӯ куҷост,.. куҷост...

Вале Картту дар ҳеҷ куҷо наменамуд.

* * *

***ЯШПАЛ** (1903 – 1976) – носир, намояндаи адабиёти Ҳинд ба забони ҳиндӣ, муаллифи романҳои зиёд ва бештар аз дусад ҳикоя. Бахусус, романи ӯ « Ҳақиқати дурӯғин» (1958 – 1960) хеле маъруф аст. Се романи Яшпал – «Мутриба» (М., 1959), «Ҳақиқати дурӯғин» (М., 1963) ва «Амита» (Л., 1975), ҳамчунин қисмати зиёди ҳикояҳои ӯ ба забони русӣ тарҷума шудаанд.*

## ПОДОШИ МУҲАББАТ

Он рӯзҳо савдои чарс дар Пешовар чунон миқёси бузургро фаро гирифта буд, ки ҳамаи қувваи полис барои кӯмак ба идораи андоз сафарбар шуда буд. На шаб оромӣ буду на рӯз. Ягон кори дигар чун дастгир кардани савдогарони нашъа душвор нест. Онҳо чӣ гуна ва бо кадом роҳ чарс меоранд – кас намедонад.

Қад–қади бинои бузурги вокзали Лоҳур гаштугузор карда, ман мусофирони бо поезди Пешовар омадаро, бодиққат аз назар мегузарондам. Чашмам ба пиразане афтод, ки саропояшро чодари дарози сиёҳ пӯшида буд. Ӯ майдонро миёнбур карда, аз назди ман гузашт ва фавран дар дили ман шубҳае пайдо шуд. Дар тӯли солҳои дарози дар кори полис буданам, ман қоидаеро аз худ карда будам: маҳз дар ҳамон ҷое, ки барои шубҳа бурдан асос нест, бояд эҳтиёт бошӣ. Чандин бор аз занҳои хоксорона либос пӯшида, ки мисли ҳамин пиразан саропояшонро чодар паноҳ кардааст, бастаҳои нашъа ёфтаанд. Барои чӣ ягон қаллоб бо ин пиразан як–ду кило чарс нафиристад?

– Эй, модарҷон, ин ҷо биё! – ӯро садо кардам ман.

Роҳравон баргашта нигоҳе карду вонамуд кард, ки гӯё чизе нашунидааст. Ӯ бо як даст чодарашро медошту бо дасти дигар бастаеро ба синааш зер карда, роҳ мепаймуд. Шубҳаи ман меафзуд.

– Ин ҷо биё! – ин дафъа бо таҳдид, фарёд задам ман.

Вале пиразан гӯё ё намешунид, ё намефаҳмид. Ӯ ҳаросон ба ақиб нигоҳ кард ва боз босуръаттар қадам монд. Худи ҳамон лаҳза полисе, ки дар наздикӣ буд, ӯро боздошт. Ман ба бастаи дасти ӯ ишора карда, пурсидам:

– Чӣ дорӣ?

Дастони ӯ ларзиданд ва ӯ ҳаросон, бо садои паст, шаф–шафкунон чизе гуфт – нофаҳмо. Ин гуна найрангҳо ба ман ошно буданд ва ман саволи худро ба забони пашту такрор кардам. Дар ҷавоб ӯ бо садое, ки дар он оҳанги изтиробу зорӣ эҳсос мешуд, бо

забони номафҳуме бидиррос зад. Аҷаб муаммои сарбастае: ё пиразан дар ҳақиқат на забони паштуро медонаду на панҷобиро ё худро ба нодонӣ мезанад.

Полис оташинона саволи маро такрор кард:

– Дар ин баста чӣ дорӣ?

Вале ин ҳам натиҷае надод.

«Агар ӯ, воқеан ҳам, ба ин дараҷа содда бошад, пас чаро натарсида, яккаву танҳо ва боз шабона ба чунин шаҳре мисли Лоҳур омадааст. Ба ӯ дар ин шаҳр чӣ лозим аст?» Саволҳои ҷавобталаб зиёд буданд.

Полис, ки номаш Қосим буд, бо дастонаш ишораҳои номафҳуме карда, пурсид:

– Ту аз Кашмир астӣ?

Ӯ оҳи сабуке кашида, ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Акнун як чиз равшан гардид: ӯ кашмирист. Вале ин ҳанӯз аз он шаҳодат намедод, ки дар бастаи дасти ӯ чарс нест ва шубҳаи моро ҳам пароканда намесохт. Кӣ кафолат дода метавонист, магар ӯ аз зумраи он кашмириёне нест, ки ҳар рӯз байни Лоҳуру Пешовар равуо карда, нашъа мекашонанд? Илова бар ин, ӯ барои бастаи дасташ чунон меларзид, ки ин хоҳу нохоҳ шубҳаи касро меафзуд. Қосим калимаҳои кашмириро бо мушкилӣ талаффуз карда, пурсид:

–Куҷо меравӣ?

Ҷавоб шунида нашуд.

–Ҷаноб, ин зани нобакор моро аҳмақ карданист, – ба забон овард полис, рӯяшро ба ҷониби ман карда.

Баъд аз андешаи начандон тӯлонӣ ман ба Қосим фармудам, ки ӯро ҳарчи зудтар ба идораи полис расонад.

Дар идораи мо як марди кашмирӣ бо номи Пир Ҳусейн хидмат мекард. Ӯ мусулмон буду дар байни ватандоронаш соҳиби эҳтироми бекарон буд. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки пиразани дастгиршударо пурсупос кунад. Пир Ҳусейн ба пиразан наздиктар омада, бо садои ором ва забони номафҳуми худ ба ӯ чизе гуфт ва тарси ӯ фавран бартараф шуд. Ӯ гӯшаи чодари чиркини худро ба чашмонаш зер карда, фиқ–фиқ гирякунон, нимғурма чизе гуфтан гирифт.

– Ин зан шавҳарашро меҷӯяд, – шарҳ дод ба ман Пир Ҳусейн. – Чандин сол муқаддам ӯ ба Лоҳур ба мардикорӣ омада, то ҳанӯз барнагаштааст. Ӯ мехоҳад шавҳарашро ёбаду ҳамроҳ ба деҳа баргарданд.

– Шавҳараш ёфт мешавад, вале ҳоло ба ӯ бигӯ, ки бастаро ку-

шояд! – гуфтам ман.

Пир Ҳусейн суханони маро тарҷума кард ва ӯ беҷуръатона ба кушодани он пардохт. Сараввал резаҳои санг барин сахти нони ҷуворӣ, ки ба пораи матои аз чодараш даррондаи ӯ печонида шуда буд, намоён гардиду сипас кадом–як латтапораҳои чиркин. Баъд нимтанаи кӯҳнаи мардонаи кашмирӣ, ки бо мӯҳраҳои шишагӣ оро дода, гулдӯзиаш карда буданду ин як тақлиди ноӯҳдабароёна ба ҳунари ҳунармандони чирадасти кашмирӣ буд. Пиразан бо дили нохоҳам нимтанаро берун меовард, маълум буд, ки ӯ онро ба касе нишон додан намехост. Ғайр аз ин, дар баста ханҷаре ҳам буд. Ӯ ҳамаи чизҳои даруни бастаро фақат вақте берун овард, ки Пир Ҳусейн ӯро бовар кунонд, ки касе чизеро нахоҳад гирифт. Вале ханҷар ба ӯ барои чӣ лозим аст? Ба пурсупоси мо дар ин бора пиразан ҷавоб дод, ки онро, ҳамин хел, аз рӯи эҳтиёт гирифтааст.

Ба чӣ хулоса омадан мумкин аст? Зани кашмирие, ки ҳеҷ гоҳ аз деҳи хеш берун по ниниҳодааст, тани танҳо ба Лоҳур омадааст! Ӯ мегӯяд, ки шавҳарашро меҷӯяд, вале на ҷои истиқомати ӯро медонад ва на дар ин ҷо касеро мешиносад. Ӯ бо худ нимтанаи мардона, ки ба касе нишон додан намехоҳад ва ханҷар дорад. Шояд ин ҷо асроре нуҳуфта бошад!

– Ин ҷо кадом гапе ҳаст. Шайтони маккораест! – гуфтам ман ба Пир Ҳусейн. – Ҷои тааҷҷуб нест, агар ӯ дар ягон ҷинояти калон даст дошта бошад. Ӯро нағзакак пурсупос кун!

Ман ба коғазҳои рӯи мизам машғул шуда, фақат гоҳ–гоҳ ба онҳо аз таги чашм менигаристам.

Баъд аз панду насиҳатҳои тӯлонӣ, оқибат пиразан оҳиста–оҳиста ба гуфтор омад. Ӯ бошитоб ҳарф мезаду ҳар лаҳза чашмонашро пок мекард, то он даме, ки бо садои баланд ба гиристан оғоз кард. Пир Ҳусейн, то ҷое, ки метавонист, ӯро ором кард, ман мушоҳида мекардаму чунин мешумурдам, ки дахолати ман беҷост. Баъди андак муддат ӯ асли воқеаро ба ман нақл кард.

Ин зан дар ноҳияи Байринаг, ки дар фосилаи сӣ– сиву панҷ мил дуртар аз Сринагар воқеъ аст, зиндагӣ мекунад. Ӯ то бекигарии Ҷамма, қариб дусаду бисту панҷ милро пиёда тай карда, баъд муддати тӯлонӣ аз як истгоҳ ба истгоҳи дигар овора мегардад. Баъд, тасодуфе сабаб мешаваду ӯ ба поезди Пешовар савор мешавад ва инак, акнун ба Лоҳур расидааст. Дар Лоҳур шавҳараш зиндагӣ мекунад, вале ӯ суроғаашро намедонад.

«Суроғаи шавҳарашро намедонад!.. – фикр кардам ман. – Медонад, вале пинҳон медорад».

Пиразан бошад ҳарф мезаду ҳарф мезад. Ана, ман аз Пир Ҳусейн, ки якуним соати пурра гуфтаҳои ӯро ба ман тарҷума кард, чӣ шунидам.

«Сӣ сол қабл, шавҳари ман, Фаҷҷӣ бо ҳамроҳии дигар ҷавонмардони деҳаи мо ба Лоҳур мардикорӣ рафтанӣ шуд. Ман ӯро аз райъаш гардонданӣ шудам: «Ҳамаи он чизе, ки дорем: якчанд говмеш, даҳ–дувоздаҳ гхум замин, чандин бех дарахтони себу туту чормағз барои мо кифоя аст. Агар танбалӣ накарда кор кунем, зиндагии шоду хурраме хоҳем дошт.»

Хушдоманам ҳам мехост Фаҷҷиро аз роҳаш гардонад. Охир он вақт ман тамоман ҷавон будам, ҳатто бист сол ҳам надоштам. Фаҷҷи ба тарафи ман дод зад, ки хомӯш бошам ва гуфт, ки баъд аз ҳафт моҳ, то аз нав гул кардани себ бармегардад. Дар Лоҳур пул дар зери по парешон аст. Ҳама ба он ҷо мераванд, пас барои чӣ ӯ наравад? Ман зор–зор гиристам, вале Фаҷҷӣ ба ин аҳамият надода рафт. Ҳамаи бори рӯзғор ба дӯши ману хушдоманам афтод. Ҳатто шудгор ҳам мекардем. Хушдоманам норозӣ буд ва мегуфт: « Аз ин гуна писари гапнодаро доштан, бефарзанд будан беҳтар аст».

Як сол сипарӣ шуд. Аз пайи он соли дуюму сеюм ҳам. Ман ҳар рӯз ашк мерехтам. Дарахтони себ гулпӯш шуданд, ҳамаи ҳамдеҳагони мо аз мусофират баргаштанд, вале аз шавҳари ман ҳанӯз дараке набуд. Боз ду соли дигар гузашт. Аз Лоҳур Раҳмон – шавҳари Ҳалво баргашта омад. Ӯ ба ман аз Фаҷҷӣ нома овард. Фаҷҷӣ навишта буд: «Бегуноҳ ба зиндон афтодам, агар пул фиристонӣ, озод шуда бармегардам».

Ману хушдоманам муддати дароз гиристем. Баъд ду говмешро фурӯхта, ба ӯ чил рупия фиристодем. Дар мактуби навиштаам аз ӯ хоҳиш кардам: «Ҳарчи зудтар баргард. Модарат аз ту бисёр озурда аст. Ӯ сахт бемор аст. Ман бошам, ҳамеша ашк мерезам. Танҳо зистан барои ман даҳшат аст. Зудтар баргашта биё. Модарат ба сари ман дод мезанад, ки сабабгори ба Лоҳур рафтани ту ман ҳастам, гӯё аз сабаби бо ман ҷанҷол карданат рафтаӣ. Ман аз ӯҳдаи пеш бурдани рӯзғор намебароям. Модарат пир шудааст ва ман бе ту мушкилӣ мекашам».

– Шумо аз ӯ номаи ҷавобӣ ва барои пулҳои фиристодаатон забонхат гирифтед? – пурсидам ман.

Пиразан ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Барои пароканда кардани шубҳаи ман ӯ аз кисаи нимтанаи мардона се коғази бо мурури замон зардшударо баровард. Дар рӯи коғази аввалин ин таърих – октябри соли 1906 ва мӯҳри идораи почтаи Лоҳур сабт ёфта буд.

Ин забонхат барои гирифтани пул ба маблағи чил рупия буд. Дар пушти коғаз чашми ман ба нақши сарангушт ва дар зери он ба навиштаҷоти «Фаҷҷӣ» ба забони урду ва дар бари он ба имзои шоҳид афтод. Ӯ забонхатро ба ман дода, ба қиссаи худ идома дод:

«Боз чандин сол гузашт, вале аз Фаҷҷӣ ҳанӯз дараке набуд. Баъзан ба деҳа аз онҳое, ки барои мардикорӣ ба Лоҳур ва Амритсар мерафтанд, аз ӯ хабарҳо ҳам мерасиданд. Яке мегуфт, ки ӯ дар зиндон аст, дигаре мегуфт, ки ӯ дар хидмат аст, баъзеҳо ҳатто мегуфтанд, ки Фаҷҷӣ сарватманд шудааст. Хушдоманам бемор шуда, фавтид. Ман тамоман танҳо мондам.

Фару баъди ман шавҳар карда буд, вале ӯ дар хона ду дастёр – духтару писар дорад. Духтарони Ҳалво кайҳо фарзанддор шудаанд. Занаш мурда бошад ҳам, Мамчу фарзандони баркамол дорад.

Баъд аз нӯҳ сол як шахс ба ман аз Лоҳур мактуб овард. Шавҳарам дар он навишта буд: « Ман бемор шудам ва ба ман ниҳоят мушкил аст. Аз ягон ҷо пул пайдо карда фиристон, ман бармегардам».

Ман боз як говмешро ва ба Пагса ду бех дарахти чормағзро қариб муфт фурӯхтам. Ба ӯ боз чил рупия фиристода, аз амалдори почта хоҳиш кардам, ки ба ин мазмун мактуб нависад: «Акнун ман тамоман танҳо мондаам. Модарат фавтид. Ҳама маро озор медиҳанд. Охир чӣ гуна бешавҳар зиндагӣ кунам? Гоҳ ғалларо аз саҳро даравида мебаранду гоҳ себҳоро афшонда медузданд. Ҳалво ҳамаи кирмаки абрешими моро аз дарахти тутамон дуздид. Ту, охир, маро дарк кун! Ҳама соҳиби фарзанд шудаанд, касе ду ва касе се фарзанд дорад. Онҳо медаванд, бозӣ мекунанд ва вақте ки лозим аст, ба корҳои онҳо кӯмак мекунанд. Вале ман касе надорам. Метарсам – тоб наоварда, бемор мешавам. Биё аз баҳри пулу мардикорӣ гузар. Фақат ҳарчи зудтар баргард, албатта баргард».

Аммо ӯ дар ҷавоб навишт: «Нороҳат нашав, албатта меоям. Ман дар Лоҳур дӯкон мекушояму баъд омада туро бо худ мебарам, ин ҷо хеле хуб аст. Ту ғам нахӯр, боз барои ту асбоби ороиш ҳам хоҳам харид».

Ман боз ба ӯ ҷавоб навиштам: «Беҳтараш ту ба хона баргард, дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекунем. Оворагардӣ дар мусофират кори хуб нест. Кори рӯзғор тамоман суст пеш меравад. Вале, ту ки омадӣ, ҳамааш ба сомон хоҳад омад. Ман ҳанӯз ҷавонам, қуввату сиҳатӣ дорам. Фарзанддор ҳам мешавем. Интизори ту ҳастам».

Вале Фаҷҷӣ наомад ва ҷавоб ҳам нанавишт. Ман чанд бор бемори бистарӣ шудам, вале дар хона касе набуд. Он вақт Мамчу омада, об оварду говмешҳоро ҷӯшид. Ва вақте ки боз шаш сол гу-

зашт, ӯ ба ман гуфт:

– Ту пир шудаӣ. Дар ҷавонӣ дасту пои бақувват доштӣ, кор карда метавонистӣ. Баъди панҷ–шаш соли дигар ҳаму рост шудан бароят мушкил мешавад, он вақт чӣ хоҳӣ кард? Биё, бо ман хонадор шав. Ман писар дорам, ӯ моро нигоҳубин хоҳад кард. Агар фарзанддор шудӣ – хуб, агар нашудӣ ҳам – хайр аст».

Ман он вақт гиря кардам.

Ба хотир овардани он лаҳзаҳо барои ӯ бисёр мушкил буд ва вақте ки ӯ қисса мекард, аз чашмонаш ашк мерехт.

«Ман шавҳар дорам. Ӯ бармегардад ва ман ҳам соҳиби оила мешавам. Ками дигар интизор шудан лозим аст», – чунин ҷавоб додам ман ба ӯ.

Боз се сол гузашт. Фаҷҷӣ ба ин мазмун нома навишт: «Ман қарзи судхӯрро баргардонида натавонистам. Ман боз дар маҳбасам. Сӣ сӯм фиристон, ҳатман бармегардам».

Як гхум заминро ба гарав монда, тавассути почта, ба ӯ ҳамроҳи пул, нома ҳам фиристодам. Ман навиштам: «Ту хона дорӣ. Бе ту ин хона хароб мешавад. Ту тамоми умратро дар ғарибӣ гузаронидӣ. Акнун баргарду кори хонаро ба роҳ мон. Охир дигарон дар хонаҳои худ кор мекунанд. Умрамон ҳам ба поён мерасад».

Вале ӯ наомад. Ба мактуб ҳам ҷавоб нанавишт. Аз одамон шунидам, ки ӯ бори дуввум издивоҷ кардааст. Ман боз ба ӯ навиштам: «Ту кори нораво кардаӣ, вале бигзор худи Худованд довари ту бошад! Ӯро ҳамроҳ бигиру биё. Ман хидмати ҳардуятонро хоҳам кард, фақат шому саҳар ба ман як луқма нон бидеҳ, бас аст».

Вале касе наомад. Ба ин мактуб ҳам ҷавоб нагирифтам. Ман хаста шудам, дигар на мадори чарондани чорворо доштаму на қуввати кори саҳроро. Ва ҳамаи ин барои чӣ лозим? Умрам ҳам ба фарҷом мерасад. Ана, аз ҳамин рӯ ба ин ҷо омадам. Фаҷҷиро ёфта, аз ӯ мепурсам: барои чӣ ба хона барнагаштӣ? Рӯзғори мо хароб шуд. Мо на фарзанд дорему на оила. Ақаллан, камакак ҳамроҳ зиндагӣ кунем…»

Зани кашмирӣ инро қисса мекарду талх мегирист. Ман дар бораи тақдири ӯ андеша мекардам. Воқеан ҳам зиндагии ин зан бебарор буд.

– Ин нимтанаи ӯст? – пурсидам ман.

Пиразан ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Шояд ӯ ин нимтанаро барои шавҳараш оварда буд.

– Ханҷар аз кист?

Ӯ ашкашро пок карда, ҷавоб дод:

– Аз ман.

– Ин ба ту чӣ лозим?

Пиразан ҷавоб надод.

Баъди чанд лаҳза Пир Ҳусейн бо садои рӯҳбаландкунанда ин саволи маро бори дигар такрор кард. Он гоҳ зани кашмирӣ бо қатъият гуфт:

– Ӯ ҳаёти маро барбод дод. Ба касофати ӯ ман рӯи фарзандро надидам. Агар ҳоло ҳамроҳи ман наравад, ӯро хоҳам кушт.

Ин суханонро шунида, ман як қад паридам, вале фавран ба худ андешидам, ки ҷои тарс нест. Зане, ки дар идораи полис аст, чӣ гуна одам кушта метавонад!.. Пир Ҳусейн аз дасти ӯ ханҷарро гирифта, дар даруни миз пинҳон кард.

Ҷустуҷӯи Фаҷҷӣ оғоз ёфт. Мо қариб даҳ рӯйхатро, ки номи ҳамаи ҷинояткорони шаҳр сабт шуда буд, аз назар гузаронидем. Дар рӯйхатҳо номҳои Фаҷҷӣ, Фаҷле, Фаҷҷа, Файҷу, Фаҷлу, Фаҷле Хон зиёд буданд. Аммо маълум набуд, ки кадоме аз онҳо шавҳари ин зан аст. Барои фаҳмидани ин мо аз ӯ нишонаҳои хоси шавҳарашро пурсидем. Зан шавҳарашро ин гуна тасвир кард: « Агар ба ӯ нигоҳ кунед, хеле хубрӯ ва ҷавон аст, риши ғафс, вале зебо ва дар болои биниаш изи ҷароҳат дорад».

Изи ҷароҳат дар болои бинӣ… Бори дигар парвандаҳои ҷиноиро дида, мо маълум кардем, ки ин одам ба савдои санги алмос шуғл доштааст. Аз рӯи маълумотҳои ҷамъкардаамон муайян кардем, ки ин одам аз рӯи моддаи 109 маҳкум шуда, мӯҳлати ҷазоро дар маҳбаси Марказии Лоҳур мегузаронад. Вале ба пиразан инро чӣ гуна бояд гуфт? Он гоҳ ман барои озод кардани ӯ, чӣ коре, ки аз дастам меомад, анҷом додам. Ниҳоят Фаҷҷиро авф карданд. Ман ӯро ба назди худ хонда, панду насиҳати зиёд кардам ва кӯшиш кардам ба ӯ талқин намоям, ки ӯ бояд ба хонааш баргардаду боқимондаи умрашро оромона дар ҳамон ҷо гузаронад. Вақте ки ба утоқ зани ӯро даровcovered, онҳо якдигарро нашинохтанд. Эҳтимол, зани куҳансоли кашмирӣ тасаввур мекард, ки ин одамро, мисли пештара, мисли бисту се–бисту чорсолагиаш, ҷавону пурқувват мебинад. Ӯ муддати тӯлонӣ, сухане ба забон оварда натавониста, мутаҳайирона ба шавҳараш нигарист, аз ин вохӯрӣ майнаи ӯ тамоман гиҷ шуда буд.

Ӯ ба мӯйҳои сафеди Фаҷҷӣ, ба чеҳраи пур аз раххои оҷанги ӯ, ба чашмони камнур ва даҳони бедандонаш нигариста, ҳеҷ бовар намекард, ки дар рӯ ба рӯи ӯ шавҳараш, одаме истодааст, ки барояш тамоми умр азият кашида буд. Ӯ оҳи сарде кашида ва ҳарфе ба забон наоварда, бо сари хам ба гӯшае рафту рӯяшро бо чодараш

пӯшида, дуру дароз гиря кард.

Касе ҷуръати ба ӯ наздик рафтан намекард. Ва фақат вақте ки ҳаво торик шудан гирифт, Пир Ҳусейн ба ӯ гуфт, ки метавонад, ҳамроҳи

Фаҷҷӣ ба хона баргардад. Ин номро шунида, пиразан як қад парид. Чашмони ӯ барқ заданд ва ӯ чун мори ба хашм омада, ба худ печида гуфт:

– Ин қаллоб, ин ваҳшӣ зиндагии маро барбод дод. Бигзор ӯ аз назари ман гум шавад!

Зани кашмирӣ нимтанаи ӯро ба рӯи фарш ҳаво доду чодарро аз сараш дур афканда, аз хона хориҷ шуд. Ӯ ба вокзал роҳ пеш гирифт. Ба ӯ чӣ гуфтан мумкин бошад? Ё шояд, лозим ҳам нест?

Ман ба худ андешидам: «Бале! Ин аст подоши муҳаббати сисола…»

* * *

***КУСУМАВАТИ ДЕШПАНДЕ*** *(1904 – 1961) – адибаи маратҳӣ, қиссанавис ва мунаққид. Муаллифи чандин маҷмӯаи ҳикояҳо ва мақолаҳои интиқодӣ.*

## БОРОН ВА ХУРШЕД

Резабороне, ки боди мавсимии рӯ ба оромиш дошта, ҳамроҳ оварда буд, ҳанӯз меборид. Қатраҳои борон бесадо, танбалона дар фазо шинокунон, ба шакли ситорачаҳо як ҷо ҷамъ мешаванду баъд оҳиста–оҳиста ба замин меафтанд. Борон аз ин чаҳор моҳи башиддат бориданаш хаста шуда, ҳоло кори худро ба таври муқаррарӣ анҷом медиҳад, меҳнат мекунад, вале берағбат. Бодҳое, ки ин боронро оварда буданд, пари парвоз ба тарафи дигар кушоданд, баргҳои сабзу ҷавони дарахтон ба он таваҷҷӯҳе зоҳир намекунанд. Ҳамаи мавҷудоти зинда пажмурда ва хаста ба назар мерасанд. Ба рӯи ҳама чиз мӯҳри бетафовутӣ пахш шудааст. Вале ин бетафовутӣ, шояд дар худ эҳсоси дигаргуниҳоро ниҳон дошта бошад?

Ба Шанта, ки ҳамеша табиат сахт мутаассираш мекард, ҳамин хел менамуд. Аниқтараш эҳсос мекард: ӯ дар назди тиреза истода, ба борон менигаристу онро намедид ва садои пасти канда– кандаи оҳангҳои ӯ дар майнааш садо медод. Шанта ин соат дарс надошт ва ӯ аз рӯи одат ба утоқи муаллимон омада, дар креслои назди тиреза нишаст. Бештар аз ҳама ӯ мехост аз хотираш ёди онро, ки ҳамин ҳоло дарси таърихро бисёр дилгир гузаронду духтаракон

мекӯшиданд, бо саволҳояшон ӯро забонкӯтоҳ кунанд, сутурда созад. Ӯ маъюсиашро дар зери ниқоби тамкину эътимод пинҳон карда бошад ҳам, вале ҳоло дар утоқи беодами муаллимон аз дигар рӯ зада буд. Аслан ӯ таърихро дӯст медошт? Дар мактаб ӯ имтиҳонҳояшро аз фанни таърих базӯр месупурд. Чун синну солаш бузургтар ва тафаккураш қавитар шуд, ӯ аҳамияти илми таърихро дар инкишофи инсон дарк кард. Ӯ инро дарк кард, вале дар дилаш то ҳанӯз нисбат ба он шавқу шӯре эҳсос накард. Аз ин рӯ, ҳар қадар, ки кӯшид, ба он дил баста натавонист. Илова бар ин, вақте ки дар мактаб таҳсил мекард, дарси таърихро дар синфҳои ибтидоӣ хеле дилгир мегузарониданд. Ба омӯзгорон ҳам ин дарс хуш намеомад. Онҳо дар хона ба ин дарс тайёрӣ медиданд, ҳар чизе зарур буд, азёд мекарданду баъд ҳамаашро дар синф тӯтивор бидиррос мезаданд. Шояд ба онон ҳамин хел омӯхта буданд ва онҳо ҳам дигаронро бо ҳамин услуб омӯзониданд… Шояд гуноҳи як насл ба гардани насли дигар бор мегардад?

Ӯ кайҳо боз бо маҷмӯи номукаммалиҳои худ роҷеъ ба таърих мубориза оғоз карда буд. Олиҳаи таърихро, юнониҳои қадим, чӣ мемомиданд? Ба гумонам, Клио? Ҳусни таваҷҷӯҳи ӯро чӣ гуна ҷалб кардан мумкин бошад? Клио ба Шанта ягон нишонаи илтифот зоҳир намекард, вале ӯро ором ҳам намегузошт. Ва ҳол он ки номи неки Шанта, ҳамчун муаллим, бо Клио иртибот дорад. Номи нек! Дар бораи кадом номи нек мегӯям? Одиаш ҳамин, ки Шанта аз рӯи касби муаллимаи таърих зиндагиашро таъмин мекунад. Ва кори минбаъдаи ӯ ба чӣ гуна дарс гуфтанаш вобаста аст. Ҳаёташ ҳам…

Зиндагии ӯ магар арзише дорад? Шантаи маъюсшуда аз ҷо бархосту ба назди тиреза омад. Афкори ғамангези ӯ ноаён бо қатрахои борони пушти шиша меомехт. Хастагии ӯ бо хастагии борон меомехт – афсурдагии дил, афсурдагии ҷаҳон аст. Шанта ба дуродур чашм дӯхт. Марғзори сабзи фарох. Баъд аз он кӯлмакҳои аз оби борон ҷамъшудае, ки турфа шаклҳое доранд. Говмешҳо шалап–шулупкунон аз кӯлмакҳо мегузаранд. Онҳо банохост якбора сар боло карда, гӯё аз расидани қатраҳои борон ба баданашон лаззат мебурда бошанд, дар ҷояшон шах шуда, аблаҳвор ба фикр фурӯ мераванд. Онҳоро чӣ ба ташвиш меоварда бошад? Шояд чизе онҳоро нороҳат мекунад? Аҷаб ҳайвонҳои пурқуввате! Чеҳраи Шантаро табассум каме равшан карду баъд боз ҷараёни хаёл ӯро ба худ кашид. Хаёлоти ӯ аз сарҳади таърих бурун ҷаҳида, бо оҳанги мусиқии борон омехтанду бо говмешҳо зиндагиро эҳсос карданд ва ниҳоят то дараҷаи бетафовутӣ расиданд. Шояд аз он

хотир, ки бетафовутӣ дар худ интизорро ниҳон медорад?

Баъд аз мавсими борандагӣ зимистон фаро хоҳад расид. Осмони тираранг бо ранги софи лоҷувардӣ хоҳад рахшид. Ба ҷои бодҳои бемадору хасташудаи намнок – бодҳои дигар, бодҳои тозаи шадиду сарди тирмоҳи барвақт парафшон хоҳанд омад. Ин лаҳзаи андӯҳбор тухми борвари ояндаро дар худ ниҳон медорад. Шанта банохост инро эҳсос карду оҳанги мусиқии табиати гулпӯш афкори ӯро ба сӯи савтҳои равшан роҳнамоӣ кард. Оё давраи борварӣ барои ӯ ҳам мерасида бошад? Ё ин ҳама хоҳиши бартарафнашавандаи шавқи ҳаёт дар инсон аст?

Вақте ки ба утоқи муаллимон дарбони кӯтоҳпой, ки ба сари як китфаш тасмаи чармин ва ба сари китфи дигараш ресмони муқаддаси бараҳманӣ шитобон даромад, Шанта ғарқи хаёл истода буд.

– Бонуи бузург шуморо ба ҳузураш мехонад, – гуфт ӯ таъзим карда.

– Бонуи бузург маро даъват мекунад?

Барои чӣ ӯ зарур шудааст? Шанта ниҳоят аз азияти имтиҳоноти ҳарсола халос шуда бошад ҳам, хӯ гирифтан ба ҳаёти мактаб – аз тафтишҳои солона то даъватҳои «Бонуи бузург» мисли давраҳои имтиҳонҳои мавсимӣ ба ӯ бо мушкилӣ муяссар мегардид. Эҳсоси дилбеҳузурӣ Шантаро аз он сабаб, ки ӯро ба мошини берӯҳи маърифате ҷалб кардаанд, ки на танҳо тиҳӣ аз ғалаёни эҳсос, балки аз самимияти оддӣ ҳам ҳаст, ҳеҷ тарк намекард. Дар табақаи аввали ин коргоҳи азим ӯ чун талаба таҳсил карда буд, вале вақте ки диплом гирифту ба унвони омӯзгор ноил шуд, ба табақаи дуввуми он баромад – ва ин ягона дигаргунӣ барои ӯ буд. Ин ҷо ҳанӯз ҳам ҳамон оҳанги ғурриши гӯшхароши номутаносиби берӯҳ ҳукмфармо буду ҳамон зиндагии одатие, ки аз берун идорааш мекарданд. Дар он, ҳатто, андаке ҷой барои рӯҳбаландии эҷодӣ мавҷуд набуд.

Шанта афсурдарӯҳ шуда буд. Эҳсосоти ӯ ба шохаҳои хушкидаи дарахте мемонд, ки бо шиддат гирифтани вазиши бод омодаи шикастан буданд. Даъват ба назди директор шояд ҳамин гуна ҳодиса ҳам бошад.

Шанта ғамгинона дар роҳрав ба тарафи утоқи кории директор қадам мезад. Ӯ дарро кушода, ба остонаи утоқ қадам монд. Директор дар паси миз нишаста, коғазҳоеро, ки котиб аз рӯи эҳтиром таъзим карда, ба наздаш мегузошту ба кучо даст монданашро ишора мекард, имзо мегузошт. Бо дидани Шанта, ӯ бо садои баланд ва хеле ғайритабиӣ хитоб кард:

– Шанта, азизам, дароед! Шинед, шинед, ҳозир кори ман анҷом меёбад. Не– не, ин ҷо боз ҳуҷҷатҳои зиёде будааст… Ҷаноби Кулкарни, бубахшед, чанд лаҳзае сабр кунед.

Кулкарни аз назди миз дур шуда, рӯяшро гардонду дар ҷояш шах шуда монд.

«Бонуи бузург» бо ноз айнакашро аз чашм гирифту аз чанбараки он дошта, лаб ба гуфтор боз кард:

– Шантаи азиз, ман мехостам бигӯям, ки шумо бояд ба духтарон вазифаи хаттиро бештар супоред. Вақте ки ман ҳамаи кори мактабро дар тӯли моҳи охир тафтиш кардам, ба ҳамин хулоса омадам. Ба ақидаи ман синфи шумо аз ҷиҳати супоришҳои хаттӣ қафо мемонад. Шумо вақти холии кофӣ доред. Дар хона кадом машғулияти дигар надоред, ғайр аз мактаб барои шумо чизи дигаре вуҷуд надорад. Наход барои шумо тафтиш кардани дафтарҳо ҳам мушкил бошад? Ин фикратон нодуруст аст… Ин барои синф ҳам хуб нест. Толибаҳо, то супориши хаттиро иҷро накунанд, ин фанро аз худ нахоҳанд кард. Ба онҳо дар як ҳафта ақаллан як савол диҳед, вале онҳо бояд ҷавобашро хаттӣ нависанд. Ва ғайраву ҳоказо… ва ниҳоят тӯлонӣ.

Овози мудира нарм аст, вале нарми нешдор. Чеҳраашро табассум оро медиҳад, вале пардаи қалбакии болои ин табассумро пӯшида, аз ҳарир ҳам нозуктар аст. Шанта бо тамоми қувват мекӯшид худро ботамкину ҷиддӣ вонамуд кунад, вале эҳсоси ҳақиру ҳеҷ будан гӯё ҷисми ӯро шикофта, то қалбаш мерасид. Ва Шанта чӣ ҳам гуфта метавонист? Шояд аз ӯ суол кунад – шумо дар ҳақиқат ба самарабахшии услуби корҳои хаттӣ бовар доред? Ё пешниҳод кунад – аввал ба ман фурсат диҳед, онҳоро бо услуби одатии худ дарс диҳаму баъд аз рӯи пешрафташон ба натиҷаи кори ман доварӣ кунед. Ҳангоми ба ваъзхонии директор гӯш доданаш ин гуна фикрҳо ҳатто дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд. Шояд Шанта дарк намекард, ки ин гуна фикрҳо дар сари ӯ ҷӯш мезананд. Ӯ муддати тӯлонӣ, то он даме, ки чашмони маҳзунашро боло карду нигоҳаш бо нигоҳи Кулкарни бархӯрд, ҳайкалвор карахт шуда гӯш кард. Кулкарни саросемавор нигоҳашро гурезонд.

Қарибии соати панҷ ӯ дари хонаи дуутоқаашро кушод. Ғалақаи дарро кашиду ҳама чизи доштаи ӯ ба назари ҷаҳониён аён шуд. Ҳар як чиз маҳз дар ҳамон ҷое, ки ӯ соати даҳи субҳ гузошта буд, меистод.

Қатори рости китобҳои болои ҳам гузошташуда, як даста дафтар ва соати ба зери миз ҷокардашуда. Дар рӯи бистари ӯ, ки бо

ҷойпӯши рангаи гулдор пӯшида шуда буд, ҳатто як чин ҳам ба назар намерасид. Дар девор як ҷуфт расм ва якчанд суратҳое, ки дар тарзи овехтани онҳо ягон каҷукилебие ба назар намерасид, овезон буданд. Яке аз онҳо акси бародари ӯ буд. Аён буд сурат кӯҳна, аз ҳамон давраҳоест, ки Шанта дар коллеҷ таҳсил мекарду бародару хоҳар ба ҳамдигар эҳсоси гарми муҳаббат доштанд. Баъд сурат чун кӯчиён ҳамроҳи ӯ аз як хонаи иҷора ба хонаи дигаре кӯчид. Ҳоло бародараш дар хидмати давлат аст, оҳиста ва дурандешона бо зинаи хидматӣ боло меравад, пули бимаи ҳармоҳаашро сари вақт месупорад ва саропо банди мушкилоти оилавии хеш аст. Вале аксаш, ки дар он чеҳрааш ҷавон ба назар мерасаду ба худи ӯ кам шабоҳат дорад, мисли пештара дар хонаи хоҳараш овезон аст.Дар девори муқобил – расми дилошӯби Соҳибҷамоли хуфта: духтари зебои тахминан шонздаҳсола дар ҳалқаи надимонаш, ки гурбаи дӯстдоштааш ҳам дар байни онҳост, ба хобе фурӯ рафтааст, ки солҳои тӯлонӣ идома хоҳад ёфт. Чашмони пӯшидаи ӯ чунон ифоданоканд, ки гӯё аз зери пилкҳои бастаи дидагонаш ҳам нури мубҳами интизори зиндагии минбаъдааш, ки дидагони ӯро аз дигар ба дурахшидан водор мекунад, ҷорист. Ӯ аз хоби тӯлонӣ бо ҳамон ифодаи интизори дар нигоҳаш буда ва дар чашмонаш хотироти норавшани хобҳои тайи сад сол дидааш нақшбаста бедор хоҳад шуд. Асои сеҳрнок ба манзили Шанта ҳам бархӯрда, ҷараёни ҳаётро дар он боздоштааст.Вале кай? Кадом вақт? Ва минбаъд чӣ хоҳад шуд?

Субҳидам ӯ гулдонро бо гулҳои зард ба тоқи тиреза гузошта буд. Вале дар тӯли соатҳои дарозе, ки ӯ дар хона набуд, гулбаргҳо рехта, дар атрофи гулдон паҳну парешон шуда буданд. Шанта ба хонаи дигар гузашт. Оташдони барқиро бо шабака пайвасту чой монд. Дасту рӯяшро дар ҷумаки ошхона шусту хӯрок хӯрд. Баъд дароз кашида, хост истироҳат кунад, китоби бадеиеро варақ зад, вале ҳеҷ чиз ӯро аз чанги эҳсоси вазнини бетафовутӣ наҷот дода натавонист. Дар зиндагии ӯ чӣ қадар рӯзҳое мушобеҳи ин рӯз гузашта бошанд? Ҳар кас аз ӯҳдаи ин ҳисоб баромада метавонист: бояд сесаду шасту панҷ рӯзро ба адади маълум зарб зад. Вале ин танҳо ба Шанта муяссар намегашт, мавсими ӯ бефарҷом буду солаш ҳеҷ интиҳо надошт.

Афкораш, мисли баргҳои бе вазиши бод монда, дар майнаи сараш карахт мешуданду абрҳои намии дидагони ӯро пуркарда ба борон бадал нашуда, чун қатраҳои шабнами саҳарӣ ба мижгонаш шорида шах мешуданд.

## 2

Шанта тамоми бегоҳӣ ва як қисми шаб ҳамин гуна саргаранг дароз кашида буд. Фақат қариби саҳар ғанабаш бурд. Ӯро нурҳои офтоби аз тиреза гузашта бедор карданд, – сараш вазнин, табаш баланд ва даҳанаш бадмаза буд. Шанта «Бонуи бузург»–ро, ки тамоюли ӯро ба танбалӣ мутаҳҳам кардан дошт, тасаввур карду ба ёд овард – агар ӯ фаҳмад Шанта ба кор наомадааст, чӣ фикр мекунад. Вале чӣ бояд кард? Шанта борҳост, ки адовати «Бонуи бузург»–ро нисбат ба худ эҳсос мекунад – ӯ инро кайҳо боз медонад. Дар муқобили ногувориҳои хурд ҳамеша як, ду, се бор тоқат кардан мумкин аст, вале баъд лаҳзае фаро мерасад, ки тоқати инсон тоқ мешавад. Дигар тоби муқобилат намемонад. Барои Шанта ҳамин лаҳза фаро расида буд. «Бонуи бузург» зуд–зуд ба ӯ мечаспид: ё дарсҳоеро ба ӯ бор мекард, ки Шанта дӯст намедошт, ё синферо, ки Шанта акнун бо духтарони он иртиботи хуб пайдо карда буд, аз ӯ кашида мегирифт, ё боз ягон баҳонаи дигар меёфт. Дар натиҷа ҳавасмандии Шанта ба кор ва мактаб гум шуда, ҷои онро бетафовутӣ ва баъзан нафрат мегирифт. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин, Шанта ҳаргиз дар ин ҳолате, ки имрӯз аст, қарор надошт, пештар ҳеҷ гоҳ эҳсос накарда буд, ки муаллимӣ барои ӯ таҳаммулнопазир аст. Имрӯз ӯ мисли оҳуи аз таъқиби шикорчиён хасташуда роҳи наҷот намеёфт. шалпаршуда Шанта худро маҷбур кард, ки аз бистар бархезад. Ӯ қаҳва ҷӯшонида нӯшид. Вақте ки хидматгордухтар аз дар даромад, ба ӯ гуфт, ки имрӯз рӯбучин лозим нест, либосшӯӣ ҳам даркор нест, на ҳоло, на баъд аз пешин чизе лозим нест, беҳтараш хати навиштаи ӯро ба мактаб барад. Хидматгордухтар рафт, Шанта дар бистар, дар зери кӯрпа худро бароҳаттар ҷой кард ва қарори қатъӣ дод, ки тамоми рӯз дилтангӣ накарда, афкорашро дарҳам назанад – ба ақлаш озодии комил фароҳам орад ва шояд он вақт чорае пайдо кунад.

– Ку бубинем, ин барраи роҳгумзада то куҷо овора мегардад, – гуфт ба худ Шанта.

## 3

Дар мактаб занги нисфирӯзӣ садо дод. Духтаракон давида аз синфҳояшон бароманданду шӯр барпо шуд – ҳамдигарро бо ном, бо насаб, бо лақабҳояшон садо мекарданд, яку якбора оби ҳамаи ҷумакҳоро кушоданд, бо сангчаҳо ба панҷакбозӣ шурӯъ намуданд, мепариданд, медавиданд, дар саҳни ҳавлии мактаб даводав мекарданд. Саҳни ҳавлӣ, гӯё аз садои ба ҳам хӯрдани сангчаҳо, аз садои

қадамҳо ва аз фарёд карданҳо ба дод омада буд. Чанд духтараки дар гӯшае нишаста, ки бастаи хӯроки наҳори худро боз мекарданд, байни худ мелақиданд:

– Чаро имрӯз Рега нест?

– Ман аз куҷо медонам? Шояд бемор шудаст!

– Шумо намедонед, магар? – овози бомулоҳизае садо дод. – Дирӯз баъди дарси таърих ӯро ба назди директор даъват карда буданд. Шояд, кадом гапе ҳаст…

– Оҳ! Магар ин бори аввал аст? Гумон мекунӣ, ӯро сарзаниш карданду барои аз кор рафтан ариза навиштааст? Сафсатта! Бемор шудаасту халос.

– Не, дугонаҳо, Дравид ва дигарон бо саволҳои худ ӯро аз ҷон сер карданд…

– Худат чӣ? Ту ҳам дар ин кор ширкат доштӣ! Акнун ӯ бемор шудаасту дилат ба ӯ месӯзад…

– Вале ин ҳақиқат аст, – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд духтаре, ки то ҳол хомӯш буд. – Ҳамеша ҳамин тавр аст: чизеро, ки дар ихтиёри мост, ҳифз намекунем. То одам намирад ё бемор нашавад, мо дар бораи ӯ як сухани нек ба забон намеорем. Шанта Регеи бечора! Ӯ ҳамеша кӯшиш мекунад, ҳаргиз ба сари мо дод намезанад ва мо тайёрем ҳатто ба болои сари ӯ баромада шинем. Ана, муаллимаи математика моро аз синф берун меронад, аз ин хотир ба гапаш гӯш мекунем!

– Бубин чӣ хел аст! Фақат як худи ту дар байни мо раҳмдилӣ! Гӯё худи Реге намефаҳмида бошад, ки мо шӯхӣ мекунем.

– Ту бовар дорӣ, ки ӯ инро мефаҳмад? Ту дидӣ, ки ӯ дирӯз рафт? Кош қиёфаи ӯро медидӣ! Ва барои чӣ директор ӯро бад медида бошад! Аз як тараф директор, аз тарафи дигар шӯхиҳои мо…

– Духтарҳо. – пешниҳод кард Суман Чандекари рухсораҳояш гулобӣ, – шояд баъди дарс ягон кас ба назди ӯ, ба хонааш дарояд? Ақаллан аз саломатии ӯ бохабар мешавем. Агар ман аз интернат намебудам, албатта мерафтам!

– Бигзор Шейла дарояд, роҳаш ҳамон тараф аст! Шейла, сари қадам ба назди ӯ медароӣ?

– Ман бо дилу ҷон мерафтам, вале хиҷолат мекашам… Ва модарам ҳам мегӯяд, ки аз мактаб рост ба хона равам. Агар модарам хабардор шавад…

– Ҳеҷ гап намешавад. Охир ин як лаҳза вақт аст!

Қариби соати панҷ Шейла дар назди дари Шанта истода буд. Дар дасташ дастагуле дошт, ки чашми боғбонро хато карда дуздида буд. Шейла беҷуръатона по кӯфта, ба атрофаш нигоҳ мекард ва

ниҳоят хавосашро ҷамъ карда, дарро кӯфт.

– Кист? – садои ҳайратзадаи Шанта шунида шуд.

– Ин ман, Шейла Дупаливар!

Шанта тааҷҷуб кард. Гӯсфанди ӯ аз гумроҳӣ хаста шуда буд. Чандин бор гургон роҳи ӯро поиданд, вале ба шарофати чолокии табииаш тавонист, ки чапғалат диҳад. Ӯ аз чизе ҳарос надошт, ҳеҷ чиз ӯро ба даҳшат намеандохт, вале гӯсфанд он ҷоеро, ки мехост истироҳат кунад, ҳанӯз наёфта буд. Ӯ аз ҳол рафта, аз хастагӣ аз по афтод. Умедаш аз ҳама ҷо қатъ шуда, хобида буд… Ва ҳамин лаҳза Шейла дарро кӯфт.

Шанта аз бистар бархоста, занҷири дарро боз кард. Шейла дар як даст китобҳояш, дар дасти дигараш қабзаи гул дар назди дар истода буд. Шанта саропои ӯро аз назар гузаронд.

– Салом, Шейла, – гуфт ӯ. – Ягон кор дорӣ? Биё, даро.

Шейла аз остона гузашта, гулҳоро ба ӯ дароз кард.

– Ин ба шумо, аз духтарҳо, – нимғурма гуфт ӯ ва хиҷолат кашида, батамом хомӯш монд.

Шояд духтарак ғайриихтиёр ба чеҳраи лоғаршудаи Шанта, танҳоии ӯ дар хонааш диққат дод. Шанта ҳам намедонист, чӣ кор кунад. Ӯ аз Шейла чашм наканда дар гӯшаи кати хобаш нишаст…

– Духтарҳо хоҳиш карданд, даромада фаҳмам, ки шумо чӣ ҳол доред.

Андешаҳои бисёре, ки муқобили якдигар буданд, яку якбора дар сари Шанта давр мезаданд. Ӯ мехост бигӯяд: барои шумо чӣ фарқ дорад, шояд шумо шод ҳастед, ки муаллима бемор шудаасту дарс намешавад. Вале эҳсоси миннатдорӣ ҳам ӯро фаро гирифта буд – беҳуда самимияти кӯдаконаи шогирдонаш ҳамеша диққати ӯро ҷалб намекард. Ва Шанта ҳам бо ҳамон оҳанге, ки саволро дода буданд – ҷавоб дод.

– Он қадар бад не. Фардо ба мактаб хоҳам омад.

– Набошад, агар иҷоза диҳед, ман равам?

Шанта бархост. Шейла ба тарафи дар равон шуд. Шанта ба китфи ӯ тап–тап заду то аз назар нопадид шуданаш аз пушти ӯ нигоҳ карда истод. Ӯ дарро маҳкам карда, гулҳоро аз рӯи бистар гирифту накҳати онҳоро ба димоғ кашид.

Субҳи дигар Шанта ба мактаб равон шуд. Дарси аввал дарси таърих буд. Ӯ ба синф даромада, аввал ба Шейла, баъд ба дигарон нигоҳ кард ва дар чашмони онҳо акси эҳсосоти худро дид. Пештар шанта дар нигоҳи онҳо бетафовутӣ ва истеҳзо мехонду як сардие рӯҳашро фаро мегирифт. Акнун ӯ дар чашмони онҳо эҳсоси ҳамдилӣ мехонд ва дарсро бо табъи болида оғоз кард. Аммо «Бо-

нуи бузург»–ро ӯ тамоман фаромӯш карда буд.

* * *

***ПРЕМЕНДРО МИТРО** (1904 – 1988) – носир ва шоири банғолӣ. Ӯ муаллифи беш аз панҷоҳ китоби роман, маҷмӯаи ашъор ва ҳикояҳост. Барои маҷмӯаи ашъори «Бозгашт аз баҳр» (1956) бо ҷоизаи Академияи адабиёти Ҳиндустон сарфароз гардидааст.*

## МОР

Ӯ нафасашро дарун кашида, дар ҷояш шах шуда монд. Дарди сахт ӯро ба худ овард: чӯби то охир сӯхтаи гӯгирд ангуштонашро сӯзонд. Он гоҳ ӯ оҳиста қафо рафта, аз дар баромад ва дари анборакро маҳкам кард.

Фарёд назад, касеро ба ёрӣ садо накард. Ва киро ҳам садо кунад? Умеш дар хона набуд. Имрӯз ӯ шабона кор мекунаду фақат соати чори субҳ ба хона бармегардад. Албатта, ҳамсоязан Рангаро даъват кардан мумкин аст. Ӯ ҳам имрӯз танҳост. Ва ҳанӯз хоб нарафтааст. Ҳамин ҳоло аз пушти девори тунук, аз хонаи ӯ садои дар ҳован кӯфтани чизе ба гӯш мерасид. Вале ӯ Рангаро ба ҳеҷ ваҷҳ садо нахоҳад кард. Аз бодиққат ба кунҷҳои торики хона ва зери кати хоб нигоҳ кардан чашмонаш ба дард даромад. Вале магар чизеро дидан имкон дорад? Ҳарчанд чандон чизу чораи зиёд нест, дар хоначаи танг паҳлӯ гаштан ҳам имконнопазир аст. Равшанӣ ҳам кифоя нест. Барои беҳтар аз назар гузаронидани хона бояд ҳамаи анҷоми онро аз ҷояш беҷо кунӣ, вале ӯ аз ин метарсад.Ба қароре омад, ки чароғро хомӯш накарда хоб кунад. Албатта, баъди ин пули зиёд супурдан лозим меояд. Ҳоло мисли собиқ нест, ки ширкати барқ миқдори муайяни пул мегирифту баъд чӣ қадаре мехостӣ, нерӯи барқро масраф мекардӣ. Ҳоло ҳар як хона ҳисобкунак дорад.

Ума занҷири дарро гузаронду ба даруни бистари хобаш даромад, вале хобаш набурд. Дар зери тахти хоб хишт чида буданд ва Ума медонист, ки ҷояш нисбатан бехавф аст, вале ҳоло ҳам аз тарс меларзид. Вақте ки ба ин ҷо кӯчида омад, ӯ аз ин хиштҳо чӣ қадар норозӣ буд. Он вақт онҳо акнун издивоҷ карда буданду аз шавҳараш мешармид ва бо ӯ чуну чаро кардан намехост, вале бо вуҷуди ҳамаи ин, дар бораи хиштҳо ба ӯ гуфт. Умеш қоҳ–қоҳзанон хандид:

– Эй, Ранга, гӯш кун, зани ман чӣ мегӯяд! Барои тахти хоби лиққонаки ӯ пояҳои заррин лозим аст! Дар айни замон Ранга аз дар

даромада буд, то бубинад, ки онҳо чӣ гуна ҷобаҷо шудаанд.

– Ҳа, гапи Ума ҳақ аст, – Ранга зани ҷавонро тарафдорӣ кард, – вақте ки дар хона тӯдаи хишт аст, ба кас хуш намеояд.

– Ҳм–м, охир ин хонаи ман аст, на айвонча барои ҳаловатҳои ишқӣ, – шӯхии беҷо кард Умеш.

Ума шитобон аз хона баромад, рухсор ва гӯшҳояш арғувонӣ гаштанд. Он замон ӯ ҳатто тасаввур ҳам карда наметавонист, ки дар назди одамони бегона ин гуна ҳарфҳоро ба забон овардан мумкин бошад.

Ума ларзиду риштаи хотироташ канда шуд – ба ӯ чунин намуд, ки чизе дар рӯи девор мехазад. Хайрият, ҷои даҳшат кашидан набудааст: ин сояи сарии дар ресмон овезон буд.

«Ором шав, – худро таскин медод ӯ, – охир тахти хоб дар болои хиштҳо қарор дорад. Дар ҳам сахт маҳкам аст, аз чӣ метарсӣ?»

Дарича садо дод, аз рӯи ҳавлӣ садои сулфаи шадиде ба гӯш расид. Маълум аст, ки Одҳор аз кор баргаштааст.

– Ту магар, хокистар хӯрдаӣ? – Ума саволи одатии Рангаро шунид.

Садои сулфа пасттар шуд – Одҳор ба хона даромад ва Ума акнун то хоб бурдан садои сулфаи ӯро хоҳад шунид. Ранга–ку кайҳо одат кардааст, гӯё чизеро намешунавад. Ба ҳама лозим меояд, ки ба чизе одат кунанд. Ана, ӯ – Ума ҳам дар муддати кӯтоҳи шавҳардориаш, нодида гирифтани бисёр чизҳоро омӯхтааст. Ҳатто шӯхиҳои дағалонаи шавҳарашро ҳам.

Дар зери тахти хоб чизе хиш–хиш кард. Ума ҳаросон ба торикӣ чашм дӯхт. Боз ҳамон муши манфур! Аз байни бистару тахти хоб барқвор давид. Ума ҳанӯз фурсати ҷунбидан наёфта, ӯ дар байни ғарами анҷомҳо ғайб зад. Дигар ӯро рӯзона бо чароғ ҳам ёфта наметавонӣ. Борҳо ӯ кӯшиши доштани онро кардааст. Боре Ранга аз Умеш хоҳиш кард, ягон мушгирак биёрад, вале ӯ чунон ҷавоби шӯхиомезе гардонд, ки ҳатто Ранга ҳам ӯро шарм доронд, ҳарчанд маълум буд, шӯхӣ ӯро хушҳол кардааст. Ин дафъа Ума аз дар берун нашуд. Ӯ чашм наканда, гоҳ ба шавҳараш, гоҳ ба Ранга менигарист. Онҳо ин нигоҳи ӯро надиданд ва агар дида бошанд ҳам, аҳамияти казоие надоданд. Ин Ранга чӣ гуна зан аст? Баъд аз арӯсиаш Ума дар ин бора ҳарчи бештар фикр мекард. Он рӯзҳо, ҳамеша баъд аз чошт, Ранга барои ороиши мӯяш ба Ума кӯмак мекард. Боре ҳангоми оростани мӯяш ӯ ба Ума гуфт:

– Имрӯз ба Умеш мегӯям, ки барои ту мӯи сохта харад. Ҳозир ҳама бо ҳамин гуна мӯй худро меороянд.

– Чаро? – бо садои ранҷида ҷавоб дод Ума. – Ба ман мӯи сохта

лозим нест. Бигзор, мисли думи муш ҳам бошад, мӯи худам бошад.

– Хуб, – хандид Ранга, – ту ҳанӯз ба худат ин гуна муҳокимарониро раво дида метавонӣ. Барои шавҳари ҷавон ҳилаву найранг лозим нест. Ӯ мисли чӯби хушк аст, ҳанӯз оташро ба пешаш набурда, мебинӣ, ки даргирифтааст. Агар ба ту мисли шавҳари ман барин кундаи тар насиб мегардид, он гоҳ мефаҳмидӣ, ки ин чӣ маънӣ дорад. Ӯро хушк кунӣ ё накунӣ, даргиронӣ ё дарнагиронӣ фарқе надорад. Он гоҳ беихтиёр истифодаи чизҳои ҳам асл ва ҳам сохтаро ёд мегирӣ.

Одҳор дар синну сол аз Ранга хеле бузург буд. Вале ӯро на синну солаш, балки меҳнати пурмашаққат ва бемориҳо хамидақомат карда буданд. Ана, чӣ хел бефосила сулфа мекунад.

Аммо Ранга ҳоло ҳам худороиро дӯст медорад. Як вақтҳо номи Ранга, ки маънои зеборо дорад, ба маънои томаш ба ӯ мезебид. Ҳоло ҳам, ҳарчанд рухсораҳои ӯро доғи арғувонии тираранг зер кардааст, чеҳраи Ранга ҷаззобияти худро гум накардааст. Илова бар ин ӯ барои асбоби ороиши худ ҳамеша пул сарфа карда метавонисту ҳамеша ба чашмонаш моҳирона сурма мекашиду кафи пойҳояшро бо ҳино сурх мекард. Худаш дар ҳован дорувориҳоро кӯфта, барои мӯйҳояш равған тайёр мекард.

Умаро бовар намеомад, ки Ранга ҳамаи ин корҳоро барои шавҳари пири худ мекунад. Шояд барои Умеш… Умешу Рангаро танҳо зиндагии якчандсола дар як хона бо ҳам алоқаманд мекард. Зимнан… чӣ сон ин ландаҳур бе ягон чуну чаро ба ӯ итоат мекунад! Ӯ аз қафояш мисли барзагове, ки банд дар гардан дорад, меравад. Магар ин бандро Ранга кашола мекунад? Ума инро намедонад, вале аз болои Умеш ҳукм доштани Ранга аз чашми ӯ пинҳон намемонад. Боре худи Ранга гуфта буд, ки онҳоро ӯ ҷуфт кардааст ва ҳанӯз арӯсро надида, ба ҳамсояаш маслиҳат додааст, ки махз бо Ума издивоҷ кунад. Гӯё ягона духтаре, ки аз ӯҳдаи хонадорӣ бо Умеш мебарояд, маҳз духтаре бо номи Ума аст. Ва боз илова кард, ки барои розӣ кунондани ӯ муддати тӯлонӣ кӯшиш ба харҷ додааст.

– Медонӣ, ӯ он вақт ба ман чӣ гуфт? «Агар маро маҷбур кунӣ, ки зан гирам, ман шаби нахустин ӯро хафа карда мекушаму мегурезам. Он вақт мебинам булбулаки ту чӣ хел мехонад». Ӯ мегуфту ман механдидам…

Ба Ума ҳам лозим меомад, ки шӯхиҳои қабеҳи Умешро гӯш кунад. Гӯё дилашро бори гароне тазйиқ медод. Он вақт Ума намефаҳмид, ки ӯро аз ҳама бештар чӣ озурда карда буд – дағалии

суханҳои ба гӯшаш расида ё дарки он, ки Ранга чӣ гунае хоҳад, шавҳари ӯро идора мекунад. Баъд ӯ ба худаш иқрор шуд, ки дуввумӣ ба ӯ сахт расидааст.

Албатта, на шаби аввал ва на шабҳои дигар Умеш андешаи хафа кардани занашро надошт. Ва ҳатто боре воқеъ нашудааст, ки ӯ ба сари занаш даст бардошта бошад, ё ӯро барои чизе ҷанг карда бошад. Вале сухани лутфу навозиш ҳам аз ӯ нашунидааст. Вале ҳангоми ташрифи Ранга ӯро шӯхиборон мекунад.

Рӯз ба рӯз ҳамсоягӣ бо Ранга барои Ума гаронтар мегардид.

Ума аз оилаи камбағал, дақиқтараш, фақиргардида буд. Партави он давраҳои заррин, ки авлоди онҳо чӣ будани эҳтиёҷро намедонист, ҳанӯз каме бошад ҳам, ҳаёти ҳозираи ӯро равшанӣ мебахшиданд. Издивоҷи дарпешистодаи ӯ бо Умеш касеро ба ваҷд наовард, баръакс, ҳатто ғамгин кард. Дуруст аст, ки Умеш нисбат ба бародарони ӯ пули бештар кор мекунад, вале ӯ одами беаслу насаб аст. Илова бар ин, ҳарчанд касби ӯ ба забони англисӣ номи дигар дошта бошад ҳам, ӯ мисли тунукасозоне, ки дар ҳар як деҳа мавҷуданд, як тунукасози одист.

Вале дар лаҳзаи ҳалкунанда ҳамаи ин андешаҳо ҷои худро ба андешаи асосӣ дода аз байн рафтанд: духтар барои оила сарборӣ шуда буд.

Ума, ки духтари калон буд, худро ба он омода карда буд, ки бояд бо бисёр чизҳо созиш намояд. Вале дар бораи ин гуна вазъият ҳатто андешае ба сараш наомада буд.

Ума, то метавонист, мекӯшид, ки Ранга ба хонаи онҳо камтар дарояд. Боре, вақте ки Ранга барои ороиши мӯйҳои ӯ омад, ӯ баҳонаи корҳои таъҷилӣ карда, хидмати ӯро рад кард. Рӯзи дигар Ранга боз омад. Вале Ума дар ин миён фурсат ёфта, мӯяшро ороста буд. Ранга инро диду ҳарфе ба забон наёвард. Шояд ранҷида буд, вале зоҳир накард. Баъд аз чанд рӯз, пагоҳӣ ӯ барои Ума як коса сабзавоти дар буғ пухта овард.

– Умеш нисфирӯзӣ бармегардад, бигзор хӯрад. Қайлаи тунд андохтанро фаромӯш накун, ӯ онро дӯст медорад. Фақат ҳамаи таоми косаро ба пешаш нагузор – ин иблис ҳамаашро мехӯраду ба ту чизе боқӣ намегузорад.

Албатта, Ума ба ин хӯрок ҳатто даст ҳам нарасонд.

Боре бегоҳӣ ӯ ба Умеш гуфт:

– Магар мо наметавонем хонаи васеътареро киро кунем? Охир музди кори туро зиёд карданд.

– Чаро, метавонем. Вале ин чӣ лозим аст? – шалвори пур аз

равғанашро кашида, ҷавоб дод Умеш.

– Наход ту инро нахоҳӣ? – бо садои гирифта пурсид Ума.

– Магар ин имкон дорад?! – ҳайрон шуд Умеш. – Хоҳу нохоҳ ҳамаи хонаро ба мо намедиҳанд. Ҳамсояҳо куҷо мераванд?

«Бигзор ба ҷаҳаннам раванд!» – мехост фарёд занад Ума.

Чанд муддат аст, ки ӯ бо Ранга иртиботашро канда, ба хонаи онҳо намедароядd.

Ума мекӯшид бо дигар ҳамсояҳо шиносоӣ пайдо кунад, вале дар маҳаллаи онҳо, асосан, мусофирони аз Андҳра ва Панҷоб омада зиндагӣ мекарданд. Ростӣ, хеле дур аз онҳо боз як оилаи банғолӣ мезист. Бонуи хона як зани солхӯрда ва илова бар ин гӯшҳояш вазнин буд. То ба ӯ дар бораи масъалае гапро мепазонӣ, ки овозат хирросӣ мешавад.

Боре вақти шом Ума аз назди ҳамин зан бармегашт. Аз пушти девори тунук ба гӯши ӯ ғалоғула ва садоҳои шинос расид. Ӯ дар ҷояш шах шуда монд. Садои шаппотӣ, хандаи Ранга, баъд ин суханонро шунид:

– Дур шав. Ба хонаат рав. Шояд занат акнун баргашта бошад.

– Бигзор. Маро зан додан лозим набуд. – Ин садои Умеш буд.

– Ту бадахлоқӣ карда, бояд тамоми умр дар ба дар гардӣ. Аммо ман зани шавҳардор ҳастам, шаъни худро доғдор кардан намехоҳам.

– Бубинед, бо шавҳари ҳезаш барои шаъну шарафаш меларзад. Медонӣ, доғдор шавад, бақадртар мегардад!

Ума дигар гӯши шунидан надошт. Ӯ ба ошхона гузашту дарро тараққос занонда пӯшид. Ин хитоби маҳрамонаи «ту» мисли сӯзани дарози борик ҷисми ӯро сӯрох карда гузашт. Ба ӯ чунин намуд, ки ин хитоб ба иртиботи онҳо равшанӣ андохт.

Баъди чанд дақиқа Умеш ба ошхона даромад.

– Ту куҷо рафтӣ? Ман фикр кардам, нагурехта бошӣ.

– Пинҳонӣ намегурезам, пешакӣ огоҳ мекунам, – ҷавоби дурушт дод Ума ва дари оташдонро шарaққосзанон маҳкам кард.

– Бинед–а! Ин ҳам фишшосзаниро омӯхтааст! – қоҳ–қоҳ зада хандид Умеш ва баланд садо кард: – Э, Ранга ин ҷо биё!

– Ба шумо чӣ воқеа шуд?

Ранга дар остонаи дар намоён шуд, вале садои хурсандонаи ӯ Умаро тамоман ба ғазаб овард.

– Бубин, ин сусмораки ту мисли мори афъӣ дандонҳои заҳрнок баровардааст. Дигар зӯри кӣ ба ӯ мерасад?

– Ту ӯро аз сусмор ба мори афъӣ мубаддал кардай, акнун худат ӯро ром кун, ҳамсояҳоро ба ҷанҷол накаш, – ҳангоми ба хонаи худ

гузаштан гап партофт Ранга.

– Ин фаҳмост, ҳамсояҳо фақат намоиш тамошо кардан мехоҳанд, – худро қарздор намонда ҷавоб дод Умеш.

Боз ҳам садои хандаи Ранга шунида шуд.

– То аз пушти девор шӯхӣ кардан,– гуфт аз байни дандонҳояш Ума, – ба он ҷо мерафтӣ ва шикамсерӣ механдидӣ.

Умеш вонамуд кард, ки гӯё кинояи ӯро нафаҳмидааст.

– Рост мегӯӣ, –оромона гуфт ӯ. – То дар ошхона ҷунбуҷӯл кардани ту мо он ҷо хурсандӣ хоҳем кард, – ва баромада рафт.

Аз ҳамон рӯз, Ранга дигар ба хонаи онҳо намеомад. Умеш гӯё инро мушоҳида намекард. Ва ӯ худаш ҳам одаме набуд, ки чизеро мушоҳида кунад.

Боре, вақте ки Ума бухории кафидаро бо гил андова мекард, ба ошхона Ранга даромад. Дар чеҳраи ӯ табассуми пурасроре буд.

– Бо ман ошноӣ доштан нахоҳӣ, лозим нест, – гуфт ӯ. – Фақат ту, духтарак, фаромӯш накун, ки бахтатро аз кафи ман гирифтаӣ. Ман онро гашта гирифтанӣ нестам. Вале дар хотир дошта бош: агар ман ангушт ҷунбонам, ҳамааш аз ман мешавад. Фаҳмидӣ?

Ӯ рафту Ума аз шармандагӣ ва таҳқири дидааш дергоҳ ба худ наомад.

Ума ҳаросон ба рӯи бистараш нишаст. Ба ҳар ҳол ӯро хоб бурд. Вале дар хоб ҳам даҳшат ӯро таъқиб мекард…

Ума ба анбораки пур аз чизҳои нодаркор даромадааст. Ӯ бояд аз он ҷо карасин гирад. Соати чори саҳар Умеш меояд ва ба чӯбпораҳо карасин рехта, оташ гирондану чои ӯро гарм кардан мумкин аст. Ума ба ёд овард, ки чароғи барқии анборак ба қарибӣ сӯхта буд ва бо худ гӯгирд мегирад. Ӯ акнун мехост ба шишаи карасин даст дароз кунад, ки яку якбора пайкараш саропо сард шуд – дар партави камшудастодаи оташи гӯгирд дар торикӣ ҳалқаи сахт печидае ба чашмаш расид: мори афъӣ! Чашмони сарди бераҳмаш рост ба Ума менигаристанду ӯро аз қобилияти ҳаракат маҳрум мекарданд. Ӯ тамоми иродаашро ба кор бурда, карахтиро аз худ дур карду ба тарафи дар давид. Дар маҳкам буд. Ума бо тамоми қувват занҷирро мекашид, вале он кушода намешуд… Оҳиста–оҳиста Ума ба худ омада фаҳмид, ки воқеан ҳам дари хонаро касе мекӯбад.

– Ума! Дарро кушо!

Садои Ранга. Тарси ӯ фавран барҳам хӯрд.

– Чӣ воқеа шудааст? – дарро кушода оромона пурсид ӯ.

– Аз он асале, ки ба қарибӣ Умеш оварда буд, камакак надорӣ?

– Қариб ҳамааш тамом шудааст.

– Чӣ қадаре, ки монда бошад, ба ман бидеҳ. Шушҳои шавҳарам дард мекунад – тамоман қувват надорад. Ҳабҳои доруро бо асал омехта даркор. Духтур гуфта буд, ки агар аҳволаш тамоман бад шавад, бояд доруро бо асал хӯрад.

Ума ҳаргиз Рангаро ин гуна мушавваш надида буд. Маълум буд, ки воқеан ҳам барои шавҳараш нороҳат аст.

– Тамоман дар ёдам нест, ки қуттии асалро ба куҷо мондаам, – гуфт Ума.

– Боке нест, худам мекобам.

Ранга ба тарафи анбор равон шуд

– Истед! – беихтиёр гуфт Ума, вале баъд илова кард: – Дар он ҷо чароғ нест.

– Ба ман гӯгирд деҳ.

Ума қуттии гӯгирдро ба ӯ дароз кард.

«Акнун ҳар чизе шавад, шудан гирад, – дандонҳояшро ба ҳам фишурда, ба худ гуфт ӯ – ин ҷо ман гуноҳе надорам».

Ранга дари анборро кушод. Ума ба паҳлӯдарӣ такя карда, нафасашро дарун кашида, ба ҳар як садо диққат медод. Ана Ранга гӯгирд даргиронд. Ана, ӯ халтаву қуттиҳои сари роҳашро як тараф карда, ба рафи чизмонӣ наздик мешавад. Гӯгирди аввал сӯхта тамом шуд; ӯ дигарашро даргиронд. Ин чӣ буд? Фарёди паст – ё ба ӯ чунин намуд? Чанд муддат оромӣ ҳукмфармо гардиду баъд Ранга аз анбор баромада, дарро бо занҷир маҳкам кард.

– Не, бо гӯгирд ҳам он ҷо чизе намеёбӣ. Ҳозир чароғ меорам, – гуфт ӯ ва аз дар берун шуд.

Ума ҳатто кӯшиш намекард, ки ба шӯру талотуми ботинии худ сарфаҳм равад, вале шубҳаи сиёҳе, ки мисли мори танг ҳалқазада дили ӯро мефишурд, нохост нопадид шуд ва нафасгирии ӯ ҳам сабук гардид.

Вақте ки Ранга бо чароғ баргашт ва ба дари анбор наздик шуд, ниҳоят Ума ба худ омад.

– Истед, – гуфт ӯ, – шумо намеёбед, ман худам мекобам.

– Не, – гуфт Ранга, – ба он ҷо даромадани ту мумкин нест. Дар он ҷо мор аст. Аввал онро куштан даркор.

Ума акнун чӯби дарозеро, ки Ранга дар дасти дигараш дошт, дид.

– Вале қуттии асалро хоҳу нохоҳ гирифтан зарур аст, – худро мутаҳаййиру ваҳшатзада нишон доданро фаромӯш карда, гуфт Ума.

– Албатта, – ҷавоб дод Ранга ва ҳатто дар равшании хираи чароғ ҳам дида мешуд, ки ӯ бо зӯру азоб табассум мекунад, – ақаллан

хоҳам донист, ки он чизеро духтур фармудааст, барои ӯ кардаам.

– Ин хел ки бошад, биёед ман равшанӣ кунам. Биё якҷоя равем.

– Бигир, – чароғро ба Ума дароз карда, гуфт Ранга ва баъд гӯё худро сафед мекарда бошад, бо киноя гуфт: – Сутуни худро ҳар қадар фарсуда бошад ҳам, эҳтиёт кардан зарур аст. Ҳоло ҳамаи умеди ман ба туст. Дониста бош.

Шояд маҳз дар ҳамин лаҳза, дар нури хираи чароғ, ниҳоят ба Ума муяссар шуд бубинад, ки ин Ранга дар воқеъ чӣ гуна одам будааст. Ума дар ҷавоб чизе нагуфта, аввалин шуда дари анборро кушод.

* * *

***ГОРУРУ РАМАСВАМАЙЯНГАР*** *(соли 1904 таваллуд ёфтааст) – адиби роману қиссанавис, асарҳояшро ба забони каннада навиштааст. Муаллифи бештар аз сӣ китоб мебошад.*

## ДУЗАНА

Ҳанӯз чашми рӯз накафида, Пиллайя саросема аз бистар бархоста, ба тарафи боғ мешитобад. Ва ин ҳар рӯз такрор мешавад. Ӯ даҳ гунт замин дораду дар он банан ва бетел мепарварад. Дар мавсими гармо ба бетел бояд ҳар рӯз об диҳанду барои ин аз чоҳи дар ҳамин боғ кофташуда на камтар аз сесад кӯзаи калон об овардан зарур аст. Ӯ кишти бетелро ба ду ҳисса тақсим кардааст: имрӯз якеро об медиҳаду фардо – дигареро. Пиллайя – марди боқувват аст. Ӯ ба ҳар дасташ як кӯза обро бардошта, ба осонӣ мебарад, ҳатто хам ҳам намешавад. Ӯ ҳар як дарахт, ҳар як буттаи боғи худро ба хубӣ медонад. Онҳо хурсандона ба гӯши ӯ чизе мегӯянд, ӯ бо ғамхорӣ ва меҳрубонӣ, чун тифлон, онҳоро мепарвараду нозбардорӣ мекунад. Шомгоҳон рустаниҳо мисли кӯдаки аз даву тоз хасташуда заифу пажмурда мешаванд. Вале субҳгоҳон боз сабзу хуррам мегарданд, чун тифли нав аз хоб бедоршудае ташна ба сӯи офтоб қад мекашанд. Барои он ки об ба рустаниҳо манфиат биёрад, бояд ба онҳо бегоҳӣ об диҳанд. Агар субҳ об диҳӣ, офтоб нисфи обро дуздида менӯшад. «Бигзор нӯшад», – фикр мекард Пиллайя, ҳангоми субҳ дар об додани растаниҳо саховатмандӣ карда, то об ҳам ба офтоб ва ҳам ба растаниҳо расад. Ҳамин гуна Пиллайя дар оғӯши табиат, дар байни дарахтону рустаниҳо мисли дарахти бақуввате, қаноатпешаву пурбардошт бузург шуда, ба балоғат расид. Ӯ ҳаргиз бемор намешавад. Ростӣ, баъзан мешавад,

ки сар ё шикамаш дард мекунад, вале ӯ ҳаргиз дору истеъмол намекунад. «Рустаниҳо бемор мешаванд, вале бе ягон табобат худ аз худ шифо меёбанд. Ман ҳам аз онҳо кам нестам. Дард чӣ гунае ки омадааст, худаш баромада меравад», – худ ба худ муҳокима мекард ӯ. Қариби соати нӯҳ дар боғ зани ӯ Бҳагямма сабад бар сару кӯза дар даст пайдо мешавад. Агар кори Пиллайя ҳар субҳ обёрӣ кардани боғ бошад, пас вазифаи Бҳагямма ҳар субҳ ба он ҷо, барои ӯ ғизо овардан аст. Ҳамаи дороии Пиллайя аз ҳамин даҳ гунт замин иборат аст. Ҳар ҳафта ба назди ӯ харидорон омада, тойҳои барги бетелро мебаранд. Ӯ дар як моҳ даҳ–понздаҳ рупия даромад дорад. Ин даромади бад нест. Худованд ба Пиллайя ҳамсари хуб ҳам додааст. Ӯ зани орому хоксор аст. Кадбонуи хубест, хӯроки бомаза мепазад, косаву табақаш аз тозагӣ медурахшанд. Пиллайя аз занаш қаноатманд аст.

Пиллайя биступанҷсола асту Бҳагямма ҳаждаҳсола. Аз издивоҷи онҳо ду сол гузашт. Бҳагямма ятим буда, дар хонаи холааш бузург шуда буд. Аз ин сабаб ӯ дар тамоми дунё фақат як Пиллайяро дораду халос, ба назди касе намеравад, ба ҷое сафар намекунад. Ва ба ӯ дигар касе ҳам лозим нест.

Ҳар субҳ Пиллайя бо беқарорӣ омадани занашро мунтазир мешавад. Имрӯз ӯ чӣ меоварда бошад? Ҳар рӯз ӯ дар ин бора меандешад, вале ҳаргиз чӣ пухта овардани ӯро пешакӣ пай бурда наметавонад. Бхагямма дар ҳама кори худ ҳамин гуна аст. Аз ӯ як чизро мунтазир ҳастӣ, вале ӯ тамоман чизи дигаре меорад. Ва тасаввур мекунед, ки он албатта, беҳтар аз чизи фикр кардаи шумост. Ва пухтупази ӯ ҳам ҳамин хел аст. Ҳанӯз иттифоқ наафтодааст, ки хӯроки омодакардаи занаш ба Пиллайя хуш наомада бошад. «Чӣ гуна ӯ маҳз он чизеро интихоб мекунад, ки ту дар орзуяш ҳастӣ», – меандешад Пиллайя. Ва ин нодон ҳатто пай намебарад, ки занаш ҳамеша хӯроки болаззат мепазад.

Бҳагямма сабадро ба замин гузошта, дар назди ӯ ба замин мешинад. Пиллайя дастонашро шуста, дар паҳлӯи занаш менишинад. Бҳагямма хӯрокро аз сабад гирифта, ба назди ӯ мемонаду дар наздаш нишаста, ба таомхӯрии ӯ нигоҳ мекунад. «Ту ҳам бихӯр»,– мегӯяд Пиллайя ва фақат баъди чандин бор даъват кардани шавҳараш Бҳагъямма ҳам ба хӯрдан шурӯъ мекунад. Баъд онҳо ё қаҳва, ё шир, ё ҷурғот менӯшанд. Ва ана ҳамин лаҳза Пиллайя ба худситоӣ оғоз мекунад. Ва магар дар рӯи дунё шавҳароне мавҷуданд, ки дар назди зани худ худситоӣ накунанд?

– Бубин бетели киштаи ман, фақат дар байни се моҳ чӣ гуна қад

кашидааст, – мегӯяд ӯ. – Сесад дарза шудани он аниқ аст. Ва ин гуна бетелро дар тамоми минтақа намеёбӣ. Ту чаро механдӣ? Гумон мекунӣ, ин танҳо худситоист, магар намебинӣ, ки он дар ҳақиқат бисёр зуд қад кашидааст? Ин кишти навсабзидаро ман ба ивази ҳазор рупия ҳам нахоҳам бурид. Чунки агар онро бурӣ, аз реша хушк хоҳад шуд.

Пиллайя баъди гуфтани ин суханон рустании навсабзидаро бурида, ба Бҳагямма дароз мекунад.

– Ман, охир, ҳазор рупия надорам, – механдад Бҳагямма.

– Магар намедонӣ, ки арзиши худи ту аз ин хеле баландтар аст? – ҷавоб медиҳад Пиллайя.

Онҳо бетел мехоянд. Ва ҳарчанд Пиллайя мамониат мекунад, Бхагямма ҳам ба кор ҳамроҳ шуда, ба чанд ҷӯяк об мерезад.

– Ана, чӣ хел кӯшиш мекунад. Аён аст, мехоҳад бетели ӯ аз бетели ман хубтар сабзад, – бо ӯ шӯхӣ мекунад Пиллайя.

Соати дуи нисфирӯзӣ Пиллайя ба хона бармегардаду хӯрок хӯрда дароз мекашаду истироҳат мекунад. Аз соати панҷи бегоҳ то торикии шом ӯ корро дар боғ аз нав идома медиҳад.

Ҳамин гуна, бо хубу бади зиндагӣ сохта, Пиллайя ва Бҳагямма тайи понздаҳ сол бо муҳаббат ва ризоияти ҳамдигар зиндагӣ карданд. Онҳо дам нагирифта, шабу рӯз меҳнат мекарданд. Ҳатто барои фикр кардан дар бораи оянда вақт надоштанд. Вале солҳои беғами ҷавонӣ сипарӣ шуданду ҷои худро ба айёми баркамолӣ, ки ба инсон якҷоя бо таҷрибаи зиндагӣ, дурандешӣ ва ҳикмат меомӯзад, доданд. Ҳар нафаре, ки бо Пиллайя ва Бҳагямма бори нахуст вомехӯрд, дарҳол дарк мекард, ки Бхагямма аз шавҳараш оқилтару кордонтар аст. Боз аз миён панҷ соли дигар гузашт ва ин хусусияти ӯ хубтар аён гардид. Дар байни ин панҷ сол Пиллайя пул ҷамъ карду дар ҳамсоягӣ боз замини дигар харид. Акнун заруррате набуд, ки мисли собиқ бетанаффус кор кунанд. Акнун онҳо метавонистанд истироҳат кунанд, хатари аз гуруснагӣ мурдан дигар ба онҳо таҳдид намекард.

Барои хушбахтии комили Пиллайя ва Бҳагямма фақат як чиз намерасид: онҳо фарзанд надоштанд. Солҳои аввал ин зани ҷавонро бисёр андӯҳгин мекард. Вале баъдҳо ӯ ба тақдираш тан дод ва ба шавҳараш гуфт:

– Бале, мо фарзанд надорем, вале магар барои ин худро азоб додан меарзад? Бубин, дар дунё кӯдакон чӣ қадар бисёранд, онҳоро дӯст доштан ва худро таскин додан даркор аст. Шояд бефарзандии мо хости Худо бошад. Мо кӣ ҳастем, ки ба иродаи Офаридгор зид

бароем?

Ҳамин тариқ, Бҳагямма ҳам шавҳараш ва ҳам худашро ором мекард ва на дар чеҳраи ӯ, на дар кирдораш осореро аз дарди ниҳони ӯ эҳсос намекардӣ.

Пиллайя, ҳангоме ки камбағал буд, бо бефарзандии худ, чун Бҳагямма, мутеъона набошад ҳам, созиш мекард. Вале дороии ӯ меафзуду ин андеша зуд–зуд дар сараш пайдо мешуд: «баъд аз сари ман ҳамаи ин ба кӣ мемонда бошад?» Ва даромадҳояш дигар ба ӯ хурсандӣ намебахшиданд, балки зиндагии ӯро заҳролуд мекарданд. Шабу рӯз ӯро ин фикр азият медод, ки ӯ мемираду боғаш ба одамони бегона мемонад. Аҷибаш он, ки вақте ӯ даҳ гунт замин дошт, барои меросхӯр надоштанаш, ҳаргиз ғам намехӯрд. «Сарватмандӣ бояд ба кас шодӣ биёрад, вале маълум мешавад, ки баръакс будааст», – ҳайрон мешуд Бҳагямма.

Аввал Пиллайя қарор дод ягон писаракро ба фарзандӣ қабул кунад. Вале яке аз ҳамсояҳои ӯ, ки ҳамин корро карда буд, акнун дар хона зиндагии хуш надошт. Байни падару писархонд ҷангу ҷанҷол шурӯъ шуда буд: «Аз писархонда муҳаббати фарзандӣ чашм надошта бош». Акнун падараш худро барои он сарзаниш мекард, ки чаро ба тақдир муқобил баромаду худро дар айёми пирӣ, аз зиндагии ором маҳрум кард. Ва Пиллайя фикри писархонд гирифтанро аз сараш дур андохт.

Вале банохост ба ёди Пиллайя фикри аҷибе расид: чаро бори дуввум издивоҷ накунад? Бҳагямма барои ӯ фарзанд таваллуд накард, вале ҳамаи занҳо безурриёт нестанд– ку. Чаро аз аввал дар ин бора андеша накардам, – дилтангӣ мекард ӯ. «Ин дуруст аст, ки ман чиҳилу панҷсола ҳастам. Ҳеҷ боке не. Одамон ҳатто дар шастсолагӣ фарзанддор мешаванд. Ҳанӯз дер нашудааст. Агар ин андеша ба сари ман барвақттар меомад, ман кайҳо фарзанддор мешудам». Ва Пиллайя ба кофтукови арӯс оғоз кард. Вале ин чандон кори осон набуд: ҳам домод ҷавон набуд, ҳам зани аввалаш сиҳату саломат буд. Бо мурури вақт овозаи ин қарори шавҳараш ба гӯши Бҳагямма ҳам расид. Ӯ кӯшиш кард шавҳарашро аз райъаш гардонад:

– Ман медонам, ту бисёр мехоҳӣ, ки писар дошта бошӣ. Вале андеша кун, аҳволи духтаре, ки ту дар ин синну сол бо ӯ издивоҷ мекунӣ, чӣ мешавад? Биё, беҳтараш ягон писаракро ба фарзандӣ мегирем, вале аз одамони бегона не, аз хешовандони худамон.

Вале Пиллайя оташинона даст афшонд:

– Хоҳ аз бегона гирӣ, хоҳ аз хешовандони худ, дар ҳар ҳол фарзанди худи кас нест. Ман мехоҳам, фарзанди худи ман бошад.

Пиллайя се ҳафта арӯс кофту ниҳоят аз деҳаи ҳамсоя онро ёфт. Бо волидони ӯ гапро пазонда, пули ҷиҳози арӯсро дод, мувофиқи оин тӯҳфаҳо бурда, ба хона зани дуввум – духтари кӯзпушт ва бисёр баднамоеро овард. Ҷашни арӯсиро дар хонаи арӯс барпо карданд. На Бҳагямма дар ин бора чизе медонисту на ҳамдеҳагони Пиллайя.

Ҳамин ки зани наваш – Субби ба остонаи хона по ниҳод, хона ба дӯзахи ҳақиқӣ табдил ёфт. Бҳагяммаи дар собиқ гапдарою итоаткор бо омадани Субби аз ҳар чизи беҳуда оташин шуда, чун оташ дармегирифт. Шабу рӯз ҷанҷол дар хона поён намеёфт. Пиллайя ҳар қадаре ки кӯшиш мекард, занҳоро ором карда наметавонист. Фақат оҳи сард кашида, ба ҳамаи ин тоқат кардан даркор буд. Аз ҷангу ҷанҷоли байни занҳояш ӯ акнун зуд–зуд рӯзҳои дароз гурусна мемонд.

Боз панҷ сол гузашт. Ҷангу ҷанҷоли хона хотима намеёфт. Боре Субби ба сарии Бҳагъямма карасин рехта, онро оташ зад. Бҳагямма, вақте ки Субби хобида буд, бо миқроз мӯи ӯро бурид. Ҳамаи деҳа танҳо гуфтугӯи онҳоро мекард, ҳама бо як овоз Пиллайяро сарзаниш мекарданд. Панҷ сол Субби бо шавҳараш зиндагӣ карду ҳанӯз фарзанддор нашуда буд ва на худаш, на Пиллайя, на Бҳагямма, на ҳамсояҳояшон бовар надоштанд, ки ӯ фарзанддор мешавад. Панҷ сол Пиллайя як шаб ҳам ором нахобид ва дар вақташ ҳам хӯрок нахӯрд. Ӯ дар ин давра чунон пир шуд, ки гӯё на панҷ, балки понздаҳ сол гузашта бошад. Вале дили касе ба ӯ намесӯхт.

«Маълум шуд, ки аз тақдир гурехта намешавад, – вазнин буданиаҳволи Пиллайяро мушоҳида карда, меандешид Бҳагямма. – Инсон тахмин мекунаду Худованд ҳукм менамояд. Ба хона зани дуввум оварd, ки фарзанддор шавад, вале ҳанӯз аз он дараке нест. Ва дар хона оромӣ ҳам нест».

Заминҳои Пиллайя, ҳам қитъаи собиқ ва ҳам оне, ки баъд харида буд, дар ин муддат тамоман хушку холӣ шуда буданд. Ду сол мешавад, ки ба тарафи боғаш қадам ҳам намондааст. Ва инак, субҳе ӯ ба боғ рафт. Субби ва Бҳагямма, ҳамин ки аз хоб чашм кушоданд, ба мӯйҳои якдигар часпиданд ва ӯ кӯшиш кард, ҳарчи зудтар аз хона баромада равад. Чун дид, ки боғи як замоне зебои ӯ пур аз алафҳои бегона ва пажмурда шудааст, Пиллайя ба даҳшат афтод. Ӯ беихтиёр ба даст каланд гирифта, ба кор шурӯъ кард. Ба зудӣ кор диққати ӯро ба худ кашид, гӯё бори сангини солҳои охир сабук шуд ва ӯ қомат рост накарда, то соати нӯҳ кор кард. Як вақтҳо, маҳз дар ҳамин соат, барои ӯ хӯрок меоварданд ва ӯ аз рӯи

одати собиқ ба тарафи хона нигарист. Аз дур, сабад болои сар, Бҳагямма намоён гашт, ки ба тарафи ӯ меомад. Ва ба назари Пиллайя чунин намуд, ки ин даҳшат, ин издивоҷи дуввум аслан вуҷуд надошт. Ӯ мисли одами ҷодушуда, наҷунбида ба занаш нигоҳ мекард, гӯё ӯ аз нав биступанҷсола шуда бошад. Вале ин чӣ кор аст? Бҳагямма боз чанд қадами дигар гузошту баъд ба тарафи дарё баргашт. Пас, мақсади ӯ омадан ба боғ набуд…

–Оҳ, худоё!..– нидои пур аз андӯҳ аз синаи Пиллайя берун шуду ӯ ноумед ба замин, ба миёни алафҳои бегонаи зичи бетелро зеркарда афтод…

* * *

***ҶАЙНЕНДРА КУМАР*** *(1905 – 1988) – носир, қиссаву ёддошт ба забони ҳиндӣ навиштааст. Муаллифи романҳои «Аризаи истеъфо» (1937), «Каляни» (1940), «Сукҳада» (1952). Силсилакитобҳои ҳикояҳои ӯ бо номи «Ҳикояҳои Ҷайнендра» ба табъ расидаанд.*

## ҶАХНАВИ

Имрӯз, рӯзи сеюм, не–не, сеюм не, балки чаҳоруми баъди якшанбе аст. Ман субҳи барвақт бедор шудаму фавран ба боми ҳамсоя, ки дар байни селаи зоғони машғули қар–қар духтаре истода буд, чашм дӯхтам. Ӯ паррандаҳоро садо мекард. Зоғони бисёре дар атрофи ӯ парвоз мекарданд ва зоғҳои дигар парвозкунон омада, ба онҳо зам мешуданд. Онҳо қар–қаркунон ва бетоқатона болупарзанон омада, ба порисаҳои бом менишастанд. Ба назар чунин менамуд, ки ин села ҳанӯз барои духтар камӣ мекард, чунки ӯ ҳанӯз ҳам такрор мекард:

– Ба ин ҷо биёед, зоғҳо, ба ин ҷо биёед, зоғҳо!

Ба зудӣ порисаҳои бом сип–сиёҳ ба назар мерасид. Баъзе аз зоғҳо, ҷуръат пайдо карда, худро рост ба дасти духтарак мезаданд, баъзеҳо бо суръат ба ӯ тамоман наздик омада, ба пираҳани ӯ мерасиданд. Духтар нонро майда карда, ба ҳар тараф мепошиду суруд мехонд:

– Нӯл занед, зоғҳо, бӯса занед…

Ва зоғҳо боғайратона ба нонрезаҳо нӯл мезаданд. Чунин менамуд, ки духтар ғарқи орзуҳо буду дунё барояш вуҷуд надошт.

Ӯ ҳанӯз ҳам месуруд, вале суханони суруди ӯ дигар ба гӯши ман намерасид – қар–қар ва ғавғои болафшонии зоғҳо садои ӯро пахш карда буд. Гоҳ як зоғ ва гоҳ зоғи дигар резаи аз нон кандаеро

аз дасти ӯ мерабуданд. Паррандаҳо ба духтарак фишор меоварданд ва ба назар чунин мерасид, ки аз таваҷҷӯҳи зиёд ба хӯрок омодаанд ӯро ҳам фурӯ баранд. Вале ӯ тамоман ба таронаи худ дода шуда буду бо ваҷд чарх мезаду мераксид.

Нон тамом шуд, ин ба зоғҳо аён буд. Духтарак резаи охирини нон дар даст, бо нӯги як пояш чарх заду дар ҳолати ваҷд нонро ба боло партофт:

– Бихӯред, зоғҳо, бихӯред!

Чанд парранда ба боло парвоз карданду нонро дар ҳаво нӯл заданд. Духтар ба зоғҳо нигариста, суруди худро аз дигар оғоз кард ва ин дафъа сурудаш саропо пур аз шодӣ буд:

Танам аз шумоҳо, намонед лек, Ки нуқсе бияфтад ба чашмони ман. Шавад, ки бубинанд ин дидагон, Рухи дилбари чеҳрахандони ман.

Нон тамом шуду зоғҳо ба ҳар тараф парида рафтанд. Духтар ҳар кадоми онҳоро бо нигоҳаш мегуселонид. Баъди чанд лаҳза рӯи бом холӣ шуд ва акнун духтар дар зери осмони бекарона, тамоман, танҳо истода буд. Дар паҳлӯи ин бом бомҳои дигаре ҳам буданд ва шояд дар зери онҳо одамон зиндагӣ мекарданд, вале ҳамаи ин, гӯё ба ӯ дахле надошт, ӯ чӣ гуна дар дуродур нопадид шудани зоғҳоро мушоҳида мекард. Суруд канда шуд. Офтоб падидор шуд. Осмон ба худ ранги амиқи нилгун гирифт. Даҳони духтар нимво буду чашмонаш ба дуриҳои уфуқ дӯхта. Ман ба тааҷҷуб афтодам.

Баъд аз фурсате ӯ ба атрофаш назар андохт. Маро дида бошад ё не? Шояд дида бошад ҳам, диққат надод; маълум буд, ки ӯ умуман чизеро намебинад, чашмони ӯ беҳаракат буданд. Баъд ӯ бо зинапоя поён фуромад. Ман кунҷковона сарамро аз тиреза берун карда, нигоҳ кардам, ки зоғҳо дур парида рафтаанд ё не. Дидам, ки баъзе аз онҳо дар нӯги дарахтон нишастаанду баъзеашон дар ҳаво муаллақанд. Ман ба худ тасаввур кардам, ки онҳо чӣ қадар беақлу нафратоваранд. Ҷисмҳои сиёҳ ва нӯлҳои онҳо чӣ андоза кароҳатовар аст. Ман ҳеҷ гоҳ намемондам, ки зоғҳо ба ҷисми ман нӯл зананд.Наход ҷисми ман маҳкум ба он гардад, ки онро зоғҳо нӯл зада хӯранд?! Ҷисми ману ин зоғҳо!? Чӣ кароҳате!

Ба гумонам, ман муддати дароз дар назди тиреза истода будам, чунки духтар, бастаи калони либосҳои шуста дар болои сар, аз дигар пайдо шуд. Ин дафъа ӯ суруд намехонд. Ӯ бастаро аз болои сараш ба рӯи кат партофт; ӯ либосҳои шустаро пайиҳам аз якдигар ҷудо карда, бо тамоми қувват мефишурду барои рост шудани қатҳояшон меафшонд. Баста хеле бузург буд ва барои овезон кар-

дани ҳамаи либосҳо вақти зиёде лозим буд Ӯ корашро анҷом дода, гӯшаи озоди сариашро, ки бо он сарашро пӯшида буд, ба қафо партофт. Ӯ дастонашро боло бардошта, гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф хам шуда, оби мӯйҳои тарашро афшурдан гирифт, баъд бо дастонаш онҳоро сабук молиш дода, пешу қафо қадам задан гирифт. Гоҳ–гоҳ ӯ як қабза мӯяшро ҷудо карда, ба он менигаристу баъд, беэҳтиётона, ба пушти шонааш мерпартофт. Духтарак мӯйҳои дарози сиёҳ дошт, вале ман фаҳмида наметавонистам, ки онҳо мояи ифтихори ӯ буданд ё боиси андӯҳаш.Ӯ муддате мӯйҳояшро бодиққат аз назар гузарониду баъд онҳоро дар пушти сараш ғунча карда баст ва сарашро бо гӯшаи сариаш пӯшиду рафт.

Ман аз назди тиреза дур шудам. Хоҳарарӯсам ба дидани ман омада буд. Ӯ ҳанӯз шавҳар накарда буду дар қисмати дигари шаҳр зиндагӣ ва дар коллеҷи маҳаллӣ таҳсил мекард. Ман ӯро садо кардам.

– Як лаҳза метавонӣ ин ҷо биёӣ?

– Ба куҷо? – хандид ӯ.

Аз нав ба тиреза чашм дӯхта, пурсидам:

– Ту намедонӣ, хонаи Ҷахнави дар куҷост?

– Ҷахнави? Ӯ куҷост?

– Аз куҷо медонам, ӯ куҷост? Вале, магар ин хонаи ӯ нест?

– Ман ҳаргиз дар хонаи ӯ набудам. Ӯ ба қарибӣ коллеҷро тарк кард.

Ман пеш аз он ки ӯ дар бораи Ҷахнави пурсупосро оғоз кунад, мавзӯи суҳбатро дигар кардам. Гап дар сари он ки ман Ҷахнавиро тамоман намешинохтам, агар шиносоии чандлаҳзаинаи моро, ки бо исрори хоҳарарӯсам дар хонаи ман ба вуқӯъ пайваста буд, ба эътибор нагирем. Ӯ ба ман гуфт: «Шинос шавед, ин Ҷахнави аст» – ва ман инро як чизи муқаррарӣ фаҳмидам. Ҳамааш ҳамин. Баъд дигар ҳаргиз ба Ҷахнави мароқ зоҳир накардам. Намедонам, хоҳарарӯсам ин лаҳзаи воқеиро ҳанӯз дар ёд дошт, ё шояд гумон мекард, ки он арзиши аҳамият доданро надорад? Ҳар навъе ки бошад, ман кӯшиш кардам, ҷараёни сӯҳбатро ба дигар тараф барам. Ман медонистам, ки хоҳарарӯсам бо Ҷахнави дар як коллеҷ таҳсил мекард, вале васвасаи оғоз кардани пурсупосро дар бораи ӯ фурӯ нишондам.

Имрӯз чоршанбе аст. Рӯзи душанбе омаду рафт, аз пояш сешанбе ҳам. Имрӯз рӯзи чаҳорум аст. Ва ҳамаи ин рӯзҳо ман медидам, ки зоғҳо доду фарёдкунон бо ҳамдигар кашмакаш карда, аз кафи дастони ӯ хӯрок мехӯранд; ва ӯ ҳам қариб бо нони фурӯбурдаи зоғҳо ҳамқисмат шуда, тарона месуруду тарона месуруд:

– Нӯл занед, зоғҳо, бӯса занед…

Намедонам, шояд ӯ дар ҳақиқат мехост, ки зоғҳо пайкари ӯро нӯл зада хӯранд. Ва шояд барои ҳамин, онҳоро садо мекард. Гӯё ӯ аз он ки зоғҳо аз дасти ӯ ғизо мехӯранд, хушбахт буд. Ӯ гаштаю баргашта такрор мекард:

– Зоғҳо, ман ба шумо иҷоза медиҳам, ки пайкари маро то охирин заррааш нӯл зада хӯред; ҳамаи бадани ман аз шумо, вале танҳо ба чашмонам нарасед. Дар чашмони ман умедҳои ман зиндагӣ мекунанд; чашмони ман ба маҳбубам тааллуқ доранд. Онҳо умеди дидани ӯро доранд. Ҳамаи вуҷуди маро нӯл занед, вале ба чашмонам осеб нарасонед.

Айнан ҳамин гуна манзарaро ман субҳи имрӯз мушоҳида карда будам. Ӯ паррандаҳоро сер карда, поён фуромад ва бо бастаи либосҳои шуста пас омад; ва ӯ боз пешу қафо рафта, мӯйҳояшро хушк карда, ба пушти сараш ғунча карду давида рафт.

Он як дафъае, ки Ҷахнави ба хонаи ман омада буд, ҳамсарам бо садои паст ба ман маслиҳат дод, ки бодиққат ӯро аз назар гузаронам. Ва вақте ки Ҷахнави рафт, пурсид:

– Ӯ ба ту маъқул шуд?

Ман ҷавоб додам:

– Духтараки ситорагармест. Хеле зебост. Вале мақсадат чист?

– Ту инкор намекунӣ, ки ӯ барои Бирҷу ҷуфти хубе хоҳад буд?

Бирҷу – яке аз бародарзодаҳои ман буда, имсол коллеҷро хатм мекунад.

– Бирҷмоҳан?! Охир ӯ дар муқоиса бо ин духтар ҳанӯз кӯдак аст, – гуфтам ман.

Занам ҳайрон шуд:

– Кӯдак? Моҳи оянда ӯ бистудусола хоҳад шуд.

– Вале барои издивоҷ кардан бо ин духтар ӯ бояд чиҳилу чаҳорсола бошад. Магар ту намедонӣ, ки ӯ ҷавонест замонавӣ ва либосҳои замонавӣ мепӯшад? Аммо ин духтарак тамоман одист, ҳамеша сарии сафед мепӯшад. Онҳо ҷуфти муносиб нестанд ва агар бисёртар донистан хоҳӣ, ин духтари бечора ба ӯ муносиб нест, ба талаботи ӯ ҷавоб дода наметавонад. Он вақт ман бисёр муаддабона, вале танбеҳомез ҳарф мезадам. Занам он вақт ба ин мулоҳизаҳои ман аҳамияте надод. Баъдтар ман донистам, ки бо кӯшиши ӯ, гуфтушунид бо волидони Ҷахнави оғоз шудааст. Ин гуфтушунидҳо бомуваффақият идома ёфта, ба давраи ҳалшавӣ наздик шуда буданд. Андозаи ҷиҳоз ва дигар майда –чуйдаҳои маъракаи арӯсӣ муайян шуда буд.

Вале баъд ҳамааш банохост сарчаппа шуд. Каме пештар аз маъракаи арӯсӣ кадом ҳодисаи ногаҳоние ба вуқӯъ пайваст. Ба унвони бародарзодаи ман мактубе расид ва маҳз аз барои ҳамин мактуб гузаронидани маъракаи мавриди назарро саросема бекор карданд. Сараввал занам бисёр маъюсу рӯҳафтода менамуд, вале базудӣ боз хурсанд ба назар мерасид. Ман дар масъалаи чӣ гуна гузаронидани маъракаи арӯсӣ чизе намефаҳмам; аз ин рӯ бо ман маслиҳат намекарданд ва ҳатто аз чизе маро огоҳ ҳам намекарданд. Баъдтар, вақте ки ман дар бораи чӣ гуна анҷом пазируфтани ин кор кунҷковӣ кардам, занам таънаомез аз ман савол кард:

– Чаро ту барвақттар дар бораи ин Ҷахнави ба мо чизе нагуфтӣ?

– Нагуфтам? Дар бораи чӣ?

– Дар бораи он, ки ӯ ин гуна инсони даҳшатнок аст!

– Ҳамин духтарак?

– Худатро ба нодонӣ назан, ки гӯё чизеро намедонӣ. Аз ҳамааш хабар дорӣ.

– Шояд ту чунин мешуморӣ, ки ман ҳатто фикрҳои шуморо ҳам хонда метавонам? Ман он даҳшатҳоеро, ки ту Ҷахнавиро бо онҳо мепайвандӣ, аз куҷо медонам?

Ӯ воқеан ҳам ба ҳайрат афтода, хитоб кард:

– Магар ту дар бораи мактубе, ки Бирҷу гирифта буд, чизе нашунидаӣ? Аҷиб, вале дар ин бора ҳар қадар камтар ҳарф занем, беҳтар аст. Мо бурди калон кардем, чун сари вақт фаҳмидем, ки ин духтари ҳозиразамон, чӣ гуна духтар будааст, набошад…

Чун ҳатто тасаввур ҳам карда наметавонистам, ки сирри Ҷаҳнави аз чӣ иборат аст ва чӣ гуна рӯшод шудааст, ман ҳатто намедонистам, чӣ гӯям. Ва пурсидам:

– Шояд ту ҳамаашро ба ман саропо қисса кунӣ?

– Духтархонум бисёр пуртаҷриба будаанд. Ҳамаи ин духтарони соҳибмаълумот якхелаанд. –Агар ҳамаи онҳо якхела мебуданд, ин гуна масъалаҳои ҳалталаб пайдо намешуданд. Чӣ воқеа гузашт?

– Ту бояд аз модарҷонаш мепурсидӣ – эшон боз бо мо хешу табор шуданӣ будаанд! Ман аз аввал саранҷоми бади ин корро эҳсос мекардам, вале зоҳири маъсумонаи духтарак моро фиреб дод. Ҳамаи кор каму беш ҳал шуда буд, фақат рӯзи арӯсиро муайян кардан лозим буду бас. Оҳ, худоё, мо ҳатто тасввур ҳам намекардем, ки онҳо чӣ чизҳоеро аз мо махфӣ медоштаанд. Фақат дар дақиқаи охирин мо наҷот ёфтем. Агар ин духтар ба оилаи мо ворид мешуд, ман дар байни мардум шармсор мешудам.

Ман ҳеҷ сабабашро фаҳмида наметавонистам. Занам бисёр

бофасоҳату ифоданок ҳарф занад ҳам, ҳанӯз чизе равшан нагашта буд ва ман кӯшиши фаҳмидани таги гапро як сӯ гузошта, муҳокимаҳои ӯро дар мавзӯъҳои қарз, ҷамъият ва гуноҳ гӯш мекардам. Баъди фосилае, ниҳоят ба ман фаҳмонданд, ки худи Ҷахнави ба бародарзодаи ман нома навиштааст. Ман ин мактубро хондаму банохост фикре ба сарам зад, ки агар Ҷахнави духтари ман мебуд, дар ин гуна ҳолат чӣ эҳсосе маро фаро мегирифт. Вале ба ҳар ҳол, аз он ки ӯ духтари ман набуд, ман худро чандон саодатманд ҳис намекардам. Зуд–зуд ин ё он воқеае, ин мактубро ба ёди ман меоранд ва ман аз дигар ҳайрон мешавам. Дар ин лаҳзаҳо ман ба ҳақбаҷониб будани донишмандони қадимӣ, ки бо онҳо ҳамфикрам, шубҳа мекунам; нафасам тангӣ мекунад.

Мактуб бисёр кӯтоҳ, чунин буд:

«Вақте ки шумо барои ба ҳамсарӣ қабул кардани ман меоед, ман барои ин омода ҳастам. Вале ман аз он метарсам, ки бо тарзи андешаронииҳои худ сазовори асрори муқаддаси никоҳ нестам. Зан барои шавҳараш бояд на фақат ҳамсар, балки ҳамсафари бовафои ҳаёт бошад. Ман бовар надорам, ки аз ӯҳдаи ин кор мебаромада бошам. Вале, дар ҳар ҳол, агар худи шумо ва волидони шумо сахт ниёзманди ин бошед, ман омода ҳастам ҳамсари шумо бошам. Агар шумо маро аз худатон кам надониста, мисли худ қабул кунед, бо тамоми вуҷудам аз шумоям. Ман шуморо эҳтиром хоҳам кард, ин издивоҷро барои худ шараф хоҳам донист ва ҳамеша ба шумо сипосгузор хоҳам буд. Вале агар шумо маро ба ҳамсарӣ қабул накунед ҳам, ман, ба ҳар ҳол, барои самимиятатон ба шумо сипосгузор хоҳам буд. Ҳалли ин масъала ба шумо ва танҳо ба шумо вобаста хоҳад буд. Марҳамат, метавонед мувофиқи андешаву хоҳиши худ қарор қабул кунед».

Аммо Бирҷмоҳан маро тамоман аз ҷонибе, ки чашм надоштам, дар ҳайрат гузошт. Ӯ бо қотеият иброз дошт, ки алҳол дар бораи зангирӣ ба ӯ дигар ҳарфе ҳам назананд. Вале пинҳонӣ аз дигарон ба ман гуфт, ки ҳаргиз издивоҷ нахоҳад кард; агар ӯ ягон вақт ба издивоҷ розӣ шавад ҳам, духтари интихобкардаи ӯ танҳо Ҷахнави хоҳад буд. Ман мушоҳида кардам, ки ӯ кам–кам аз тасаввуроти ботилу баландпарвозонаи худ даст кашида, босуръат ба инсони фурӯтане, ки муддате боз аз банди худхоҳии «худ» раҳоӣ ёфтааст, табдил меёбад. Як вақтҳо ӯ мехост тамоми оламро тасхир намояд, вале ҳоло ба тақдир тан дода ва ин ӯро тамоман дигаргун сохта буд. Боре ман бо ӯ дар бозор бархӯрдаму ӯро базӯр шинохтамаш:

Гуфтам:

– Салом, Бирҷмоҳан, чӣ ҳол дорӣ?

Ӯ даст ба сандуқи сина гузошта, ҷавоб дод:

– Ҳамааш хуб аст.

Ҳамроҳ ба хонаи ман омадем. Занам ба ӯ аҳамияти хоса зоҳир карда, барои мӯъҷизаосо раҳоӣ ёфтанаш аз «доми даҳшатнок» муборакбодаш кард. Аз афташ, занам аз кадом як сирри ниҳонии ин духтараки пурасрор дарак ёфта буд.

– Эҳ! Дигар ба ин мавзӯъ баргаштан даркор нест! Ман хоҳиши дар бораи ягон кас бадгӯӣ кардан надорам, вале…

Бирҷмоҳан ботамкинона гӯш мекард. Занам идома дод:

– Ба ҳар ҳол инро чӣ гуна шарҳ диҳем, ки ту банохост ба амаки худ пайравӣ мекардагӣ шудаӣ? Бубин, чӣ гуна либос мепӯшӣ! Ва бо дили нохоҳам ҳарф мезанӣ. Амаки ту одами пиру зуққоқ аст, чаро ту ба ӯ тақлид мекунӣ?

Бирҷмоҳан ҷавоб дод:

– Ҳама кори ман хуб аст, холаҷон! Либосҳоямро ба хушкашӯӣ додаам. Вақте ки мо танҳо мондем, ман кӯшидам ба додарзодаам талқин кунам, ки холааш ба куллӣ ҳақ аст ва ӯ бояд ақлашро кор фармояд. Ҷавоби ӯ ҷиддӣ ва ба синну солаш хос набуд:

– Ҳамааш дар пеш аст, амакҷон.

Ман дигар барои идома додани ин мавзӯъ исрор наварзидам.

Ва инак, акнун дар рӯзҳои якшанбе, душанбе, сешанбе ва ҳатто имрӯз– рӯзи чоршанбе ҳам, намедонам, он духтаре, ки ман аз тиреза мебинам, он духтаре, ки зоғҳоро барои нон додан садо мекунад – Ҷахнавист, ё Ҷахнави нест. Ман ӯро ҳамагӣ як бор дидаам ва ба ҳофизаи худ итминон надорам. Қаду қомати Ҷахнави ҳам мисли ҳамин духтар буд. Шояд он Ҷахнави аз ин духтар зеботар буд. Вале дур андохтани ин андеша – духтаре, ки ман мебинам, он Ҷахнавие, ки боре вохӯрда будам, нест, ба ман мушкил аст. Субҳи барвақт ӯро чунон анбӯҳи барзиёди зоғон иҳота мекунанд, ки ман дар паси ин пардаи сиёҳ ӯро тамоман намебинам. Дар паси ин анбӯҳи сиёҳи мутаҳҳарик, ки қар–қаркунон парафшонӣ мекунанд. Зоғҳо луқмаи лазизеро рабуда, байни ҳам кашокаш мекунанд, гӯё байни ҳам барои чашидани мазаи ҷисми ӯ мусобиқа мекунанд. Вале ӯро аз ҳама тараф зоғон иҳота карда бошанд ҳам, ӯ садо карданро идома медиҳад:

– Зоғҳо, ин ҷо биёед, зоғҳо ин ҷо биёед!

Ва вақте ки тамоми паррандагони осмон қар–қаркунон, нӯлзанон, фурӯбарон ба назди ӯ парида меоянду илова бар ин, боз ҳам ба ӯ ҳаристар мегарданд, ӯ фарёди ҷонгудоз мекашад:

– Не, зоғҳо, не… хоҳиш мекунам, ба чашмони ман нарасед, шо-

яд боре бо ин чашмон табассуми маҳбубамро бубинам.

* * *

***БҲАБАНИ БҲАТТАЧАРИЯ** (1906 – 1988) – носири машҳури Ҳиндустон. Асарҳояшро ба забони англисӣ таълиф намудааст. Муаллифи панҷ роман буда, яке аз онҳо бо номи «Сояи Ладакҳа» сазовори ҷоизаи миллии Академияи адабии Ҳиндустон гардида буд. Ҳикояҳои ӯ ҳам дар байни мардум маъруфанд.*

## ҒУРУБИ ШӮҲРАТ

Паровози кӯҳнаи ноҳинҷор базӯр қатори вагонҳои камбарро мекашид ва баъзан бе ягон сабаб дар роҳ бозмеистод. Мегуфтанд, ки гунаҳкори ин кор сарходими поезд буд, ки гоҳ барои кандани харбуза ё каду аз ҷӯякҳо дар саҳро, гоҳ барои харидани ғилофакҳои нахӯди сабз аз деҳае, истодани онро талаб мекард. Баъзе аз мусофирон пешона турш карда, ғур–ғур мекарданду дар даруни дил ба номи маъмурияти роҳи оҳан, ё рӯзномае аризаи шикоятӣ иншо мекарданд; баъзеи дигар, аз фурсат истифода бурда, бошитоб аз вагони гарм берун баромада – аз ҳавои тоза нафас мекашиданд, бо сурур дар рӯи алафҳои сабз медавиданд, ё барои рафъи зарурат ҷои мувофиқ меҷустанд.

Сатяҷит баъди дар яке аз ҳамин гуна истгоҳҳои пешбининашуда давида берун баромадани ҳамсафарони дар купе будааш, дар нимкати мулоим озодона дароз кашид. Ӯ дасташро барои сигор ба ҷайбаш андохту вале ҳамон замон кашида гирифт – мумкин нест! Ӯ бояд тамокукаширо кам кунад. Ин яке аз он чизҳои мамнӯи хурду бузурге буд, ки дар рӯйхати моҳи охир барои онҳо тартибдодаи ӯ торафт меафзуданд. На ҳар кас ба худ раво дида метавонад, ки сигор пайи сигор дуд кунад. Зиндагӣ ҳамин аст, лозим меояд, ки камарбандатро тангтар бандӣ. Ҳақиқати бераҳмонаи воқеаи рӯйдода ҳанӯз барои ӯ бегона менамуд – гӯё дар бедорӣ хоби мудҳише медид. Сатяҷит чеҳраашро ба таври азиятовар пурчин карда, борҳо, такрор ба такрор воқеаҳои ҳаёти худро дар андешааш чарх дода, бидуни ихтиёр дар осмони хотироти худ паёпай давр мезад. Ана, бонки нав таъсис меёбаду ӯ дар он мақоми роҳбарӣ ба даст меорад. Чӣ мартабаи баланде. Кори ӯ, бешубҳа, омад карда буд, вале чизи аз ҳама асосӣ дар ин ҷо ақл, ташаббус, қувват ва тобоварии ӯ буд. Ӯ корро чун пешхидмати оддӣ оғоз карда, баъд сардори бонк шуд… Вале ҳоло чӣ? Акнун чӣ мешавад? Ӯ марди қоматбаланди лоғарандоми қариб чилсола буда, тарҳи рӯи барҷаста дораду аз сабаби рехтани мӯяш

чаккаҳои васешудаи сараш медурахшанд. Чашмонаш дар зери айнаки расмшуда аз нурҳои офтоб наменамоянд (чашмонаш тоби равшании баландро надоштанд), лабҳои тунукаш сахт ба ҳам фишурда шуда, аз иродаи қавии ӯ гувоҳӣ медиҳанд, вале метавонистанд, инро нишонаи такаббур ҳам бишуморанд.

«Вале акнун чӣ мешавад?» – такрор мекард ӯ дар дилаш. Ин калимаҳо ба таври дилбазан майнаи ӯро сӯҳон мекарданд: «Ҳоло чӣ мешавад?»

Барои чӣ ӯ дар ин ҷо, дар ин поезди ҳақирона, дар ин шохаи хилвати роҳи оҳан аст? Барои чӣ ӯ шаҳреро, ки бояд дар он ҷо кору маводи рӯзгузаронӣ пайдо мекард, тарк кард? Шикасти ногаҳонии бонке, ки ӯ дар он хидмат мекард, дар тӯли як соат ӯро аз ҳамаи неъматҳои зиндагонӣ маҳрум кард: аз саҳмияҳо, хонаи дар Тагор–стрит доштааш, ду мошини сабукрав, ки якеаш аз худаш буду дигаре аз ҳамсараш. Хушбахтона, занаш ба Деҳлӣ, ба хонаи волидонаш рафта буду дар бораи ҳудудҳои ҳақиқии ин бадбахтӣ ҳатто тасаввурот ҳам надошт. Рӯзи сешанбеи гузашта ба ӯ хабари фаврие расид, ки занаш сиҳату саломат таваллуд кардааст. Ин нахустфарзанди ӯ буд, чунки дер издивоҷ карда буд. Писари ӯ, меросхӯри ӯ... Ӯ ангуштари нигини алмосдорашро фурӯхта, ба зани ҷавонаш пул фиристод, то маросими номгузориро ба ҷой орад.

Занаш ба ӯ, ки инсони муваффақ ва дорои ояндаи шукуфонест, шавҳар карда буд ва ин андеша акнун ӯро ором намегузошт. Албатта, занаш медонист, ки қаблан ӯ чӣ зиндагие дошт. Ин воқеан ҳам ба афсона, ба қиссаҳои мавлудии кӯдакона мемонд ва шояд вақте ки нахустфарзанди онҳо калон шавад, барояш нақл кардан мумкин бошад. Албатта, анҷоми ин қисса фоҷиавӣ буд – ӯ шикаст хӯрда буд. Анвори шӯҳрат хомӯш шуда, дар зулмоти шармандагӣ ғарқ шуда буд.

Агар ӯ ҳоло фақат дар бораи худаш фикр мекард, барояш сабук мебуд. Ӯ дар деҳа, дар оилаи камбағал ба дунё омадааст, барои савод омӯхтанаш бояд танҳо аз худаш миннатдор бошад – тамоми зиндагии ӯ аз мубориза иборат буд. Вақте ки ӯ ҷои пешхидматро дар бонк соҳиб шуд, чӣ андоза хурсандӣ эҳсос мекард! Ин нахустин хандидани бахти ӯ буд. Дафъаи дигар, бахти ӯ расо баъди як сол, дар вазъияти бакуллӣ шиддатнок хандид. Чӣ ӯро водор кард, ки ба шахси дар пушти панҷараи ҷои кораш истода чашм наканда нигоҳ кунад? Миқдори пули дар чек барои додан имзошуда на он қадар зиёд буд. Ӯро нигоҳи чашмони ин одам, ифодаи тарс дар чеҳраи ӯ ва дасти ба таври асрорангез ларзони ӯ ба ҳайрат андох-

танд. Клерк, гӯё банохост чизе ӯро тела дода бошад, ба асноди ҳисобу китоб нигарист – имзо мувофиқат мекард. Вале тарси дар чашмони ин одам шахшуда, ин дасти… Барои шарҳи ин ҳазору як сабаб пайдо кардан мумкин буд, вале ӯ дар зери таъсири ҳаяҷони сахт гӯшаки телефонро бардошт: «Ҷаноб, шумо барои гирифтани ду ҳазор рупия чек имзо карда будед?.. Дирӯз… Ду ҳазор… Не? – Қариб нафасаш гирифта буд. – Шумо бовар доред, сэр? Имзо ҳаст…» Баъд аз лаҳзае ӯ ба назди мизи баланди корияш давида омад – он шахс кайҳо ғайб зада буд: ӯ ба тарафи дар мешитобиду ҳангоми давиданаш баргашта ба ақиб нигоҳ кард – дар чеҳрааш тарс нақш баста буд. Он одам мегурехт.

Пешхидмат аз болои мизи баланд парида гузашт. Ӯ қурбониашро бист қадам дуртар аз баромадгоҳ, дар рӯи пайраҳаи шағалпӯш дарёб кард. Он шахс муқобилат нишон надод. Ба замин афтоду худро дарҳам кашида, сарашро бо дастонаш панаҳ карда, чашмонашро ба зер афканда буд. «Шуморо чӣ маҷбур кард, ки бо роҳи фиреб равед?» – «Ӯ мубталои бемории сил аст…» – «Ӯ, яъне кӣ?» – «Занам. Ӯ мемирад, вале ман барои дору пул надорам. Мо бо он пуле, ки ба писарони одамони сарватманд аз риёзиёт дарс медодам, зиндагӣ мекардем. Ин пулҳо…»

Ӯ бо ҳар ду дасташ сарашро дошта, мисли девона сарашро ин тарафу он тараф меҷунбонид.

Ба шарофати ин воқеа пешхидмат дар зинапояи хидматӣ болотар баромад – ӯ кайҳо боз орзуи муҳосиб шуданро дар дил мепарварид. Кори пешхидмати одӣ барои ӯ нест. Он вақт Сатяҷит чун фикр мекард, ки барои ӯ кӣ зинапояи болоравӣ дар мансаб шуда буд, он одами чеки қалбакӣ доштаро ба ёд меовард, аз рӯи наҷобат аз ғазаб меҷӯшид: ба ин гуна ҷиноят, ҳатто агар занат дар дами марг ҳам бошад, даст задан мумкин нест! Вале ҳоло, дар купеи вагон танҳо нишаста, он манзараро бори дигар тасаввур карду сахт оташин шуд: андоми ғунчашуда дар рӯи пайраҳаи шағалпӯш, ки саропо ҳама навмедии бесадост… Ҷинояткори дар курсии гунаҳкорон нишаста, ки чеҳрааш мисли мурда карахт аст. «Шумо ба ҳайати мурофиа чизе гуфтан мехоҳед?» – «Маро маҳкум кунед!» – «Дигар чизе гуфтан намехоҳед?» – «Маро чун қотил маҳкум кунед». – «Қотил?» – «Ман занамро куштам. Доғи шармандагӣ инсонро аз микробҳои бемории сил ҳам, зудтар мекушад…»

Он бадбахт бо дастони ларзони худ чархи тақдири ӯро ба гардиш оварду аз ҳамон лаҳза инҷониб дигар худаш давр задан гирифт. Сатяҷит бояд аз ҷинояткор сипосгузор мебуд. Шояд ӯро ёф-

та, наҷот диҳад. Вале акнун дер шудааст!

Акнун худаш бо азият роҳи наҷот меҷӯяд. Мақому мартабаи ӯ дар бонк шикаст хӯрд, ӯ акнун анбӯҳи чангу ғуборро фурӯ бурда, дар харобаҳои он хобидааст. Касе гунаҳкор нест, худаш мехост аз доираи имконоти хеш дуртар парвоз кунад! Акнун дар руҷӯи хаёлоти худ ҳар як қадами нодуруст гузоштаи худро равшан медид. Вале дар ҳар ҳол шикасти бонк барои ӯ воқеаи ногаҳонӣ буд. Комёбӣ бисёр оҳиста муяссар мегардаду шикаст дар як соат ба амал меояд.

Ӯ аз худ фирор кардан мехост – ана барои чӣ ӯ ба ин поезд савор шудааст. Дар лаҳзаи мушкилтарин аз Шантипур нома расид ва ӯ барои муваққатан аз андешаҳои мағшуш раҳоӣ ёфтан, ба хондани он шурӯъ кард. Мазмуни мактуб чунин буд:

«Ҷашни арӯсии духтари панҷуми ман Бина бистуми ҳамин моҳ баргузор мегардад. Ман дар бораи чӣ гуна анҷом ёфтани гуфтушуниди мо, ба Шумо навишта будам. Шумо ба ҳамаи духтарони ман – Камини, Дамини ва Суҳаши дуои нек додаед. Акнун баъди издивоҷи Бина фақат Аруна мемонад, ки ҳоло даҳсола аст. Фақат ҳиммати баланди Шумо мушкилоти маро бо духтаронам ҳал карда метавонад– ин аст ҳамаи он чизе, ки ман ба Шумо гуфтанӣ будам.

Бо умеди Шумо, амакатон Шринатҳ».

Мушкилоти ӯро бо духтаронаш! – оҳиста тамасхур кард Сатяҷит. Амаки Шринатҳ – ҳамсояи деҳотии онҳо, гумон меравад, итминони қатъӣ дошт, ки бояд бори вазнини харҷи арӯсии духтарони сершумори ӯро ба ҷои ӯ каси дигаре ба дӯши худ гирад. Ва Сатяҷит, Сатяҷити муваффақ аз ҳад зиёд олиҳимматӣ мекард. Ин қадри ӯро дар назди худаш баланд намуда, ӯро қаноатманд месохт. Вақте ки ӯ ҷавон буд, ҳамдеҳагонаш қобилиятҳои махсуси писаракро дарк карда натавониста, ба ӯ баҳои сазовор намедоданд. Бо ӯ ҳам мисли дигарон рафтор мекарданд. Шояд аз ҳамин хотир ӯ ташнаи комёбӣ буд. Ӯ ба эҳсос кардани нигоҳҳои лабрези эҳтиром, ки ҳайрати ҳурматомехтаро ифода мекарданд, зарурат дошт. Вале амаки Шринатҳ ва ӯ баринҳо ба ҷои ин аз ҳамёни ӯ чун аз ҳамёни худ истифода мебурданд. Ин як муомилаи одӣ буду бас.

Акнун ҳамааш хотима ёфт. Сатяҷит аз болои абрҳо ба замин афтодаасту аз ин лаҳза сар карда, бояд чун дигар одамони одӣ зиндагии хоксоронае ба сар барад. Вале ҳарчи ҳам бошад, ӯ наметавонад хоҳиши одами пирро бакуллӣ рад кунад. Бояд барои ӯ чорае андешад. Ӯ чӣ қадар пул фиристода метавонад? Акнун ҳар як рупияро шумурдан лозим меояд.

Ғайричашмдошт ӯ ба ин қарор омад – худаш ба ҷашни арӯсӣ, ба Шантипур меравад. Ин барои ӯ такони хубе мешавад, ҳавои шаҳр кайҳо боз ӯро нафастанг карда буд. Дам гирад, аз ҳавои тоза нафас кашад, нерӯи тоза гирад. Маҳале, ки ӯ дар он зода шуда ва зиндагӣ оғоз карда буд, ба ӯ нерӯи нави ҷисмониву рӯҳонӣ хоҳад дамид. Бигзор ин дар ҳаёти ӯ гардиши нав, оғози муборизаи нав бошад. Ӯ хонаи бобоии худро, ки ҳоло ба иҷора дода шудаасту барои ӯ чун ягона моликияти хусусӣ баъд аз ин шикасти комил боқӣ мондааст, хоҳад дид. Ва фақат ҳамин хонаро ба сифати тӯҳфаи охирин ба занаш дода метавонад. Ӯ ба амаки Шринатҳ ҷавоб навишта, хабардораш кард, ки ба ҷашни арӯсӣ расида меояд.

Паровоз мисли он, ки нав аз хоб бедор шуда бошад, баланд садо кард. Мусофирон давон омада, ҷойҳои худро ишғол карданд. Баъд аз ним соат поезд ба Шантипур расид. Сатяҷит дами баромадгоҳи поезд истода, бо чашмонаш амаки Шринатҳро меҷуст. Дар истгоҳ издиҳоми зиёди одамон ҷамъ омада буданду ба онҳо марде, ки дар досташ чӯбдасти дарози бамбукии дар нӯгаш парчами миллӣ дошта буд, роҳбарӣ мекард. Одамони ба ҳаяҷон омада, омода буданд, ки бо нахустин сухани роҳбарашон ба пеш ҳаракат кунанд. «Намоиши сиёсӣ дар назди поезд? – ҳайрон шуд Сатяҷит. – Ва боз зери роҳбарии амаки Шринатҳ, ки ҳамеша аз сиёсат ҳазар мекард!»

Ҳамин ки Сатяҷит по ба замин гузошт, анбӯҳи одамон ба тарафаш давида, ӯро ҳалқавор иҳота карданд.

– Хайра мақдам! Қадам ранҷа карданатон, муборак бошад! – бо як овоз баланд садо мекарданд одамон.

Духтараки хурдсоле, ки дар чеҳрааш ифодаи тарсу эҳтиром нақш баста буд, пеш баромад. Ӯ дар даст ҳамеле аз ёсуман дошт. Ӯ барои ба гардани меҳмони аз ҳайрат лолшуда андохтани ҳамели гулҳои ёсуман, ба нӯги пояш рост шуд. Ӯ ҳанӯз ба воқеаҳои атрофаш сарфаҳм нарафта бошад ҳам, беихтиёр барои қабул кардани тӯҳфа хам шуд. «Ин ҷо кадом хатое рафтааст, – андешид ӯ дар дилаш, – хатои маҳз».

– Хуш омадед! – боз як бори дигар садои пешвозгирандагон баланд шуду баъд ҳама ҷоро оромӣ фаро гирифт.

Амаки Шринатҳ рӯяшро ба тарафи ҷамъомадагон гардонд. Симои барҷастаустухони бо риши сафед пӯшидаи ӯ шодии бекаронаро ифода мекард.

– Дӯстону бародарон! Банғола дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият ба Ҳиндустон одамони бузургро ато кардааст. Ман онҳоро номбар намекунам, шумо номҳои онҳоро аз ман беҳтар медонед. Вале

танҳо дар соҳаи тиҷорат ва саноат (бо таассуф ба ин иқрор кардан лозим), Банғола дар собиқ қафо монда буд. Ё одамони хориҷӣ аз тиҷорат баҳра мебурданд, ё зодаи минтақаҳои дигар. Ана, барои чӣ дилҳои мо лабрези ифтихор мегардад, вақте мебинем дар ин соҳаи то ҳол барои мо мамнӯъ зодаи Банғола, зодаи Шантипури мо шӯҳрати зодгоҳи азизашро боло мебарад. Ва имрӯз мо ба ӯ мегӯем: «Свагатам! Хайра мақдам!»

– Хуш омадед! – ғурриши якдилонаи издиҳоми одамон баланд гардид ва парчами дар нӯги чӯб болошуда гӯё ба ифодаи тасдиқи ин садо хам шуд.Вақте ки Сатяҷит дар назди хонаи гилини худ аз аробаи ба барзаговҳо basташуда ҷаҳида фуромад, ба пешвози ӯ тӯдаи заноне, ки омаданашро беқаророна интизор мекашиданд, давиданд. Ҳар яке аз онҳо дар дасташ зарфи биринҷии пур аз об дошт. Занҳо ба пеши пояш хам мешуданд ва ҳар яке мехост шарафи шустани пойҳои меҳмон ҳатман насиби ӯ шавад. Сатяҷит бо дидани онҳо худро гум карда, қафо кашид.

– Истед! – бо табассум нидо кард Шринатҳ. – Ин ҳуқуқ танҳо ба Бина тааллуқ дорад, имрӯз рӯзи ӯст. Бигзор, ӯ пойҳои меҳмони мӯҳтарами моро шуста пок кунад. Тамоми умр ин шарафро, ки дар рӯзи пурбаракати арӯсиаш ба зиммааш афтода буд, ӯ ёдоварӣ хоҳад кард.

Сатяҷит дар пешаш духтараки резаустухони шармгинро, ки чеҳраи нозук ва чашмони калони ғамангез дошт, дид. «Ана, арӯс чӣ гуна будааст!» – табассумкунон ба худ андешид ӯ ва мисли ин ки ба ӯ дуои хайр медода бошад, ба мӯйҳои ӯ даст расонд.

– Умедворам, номзадаш ба ин гуна нозанин арзанда бошад, – гуфт Сатяҷит, вақте ки духтар барои кашидани пойафзори ӯ ба зону хам шуд.

Духтар ҷӯробҳои ӯро кашиду пойҳояшро бо оби сард шустан гирифт. Ангуштони нозуки ӯ чунон аз сари сидқ ҳаракат мекарданд, ки қитиқи Сатяҷитро меоварданд ва ӯ беихтиёр панҷаҳои пояшро фишурд. Ба зудӣ ӯ дар рӯи қолин, дар дохили айвон нишаста буд. Пеши ӯ дар табақча ширинӣ ва дар ҷоме ласси ниҳода буданд. Камини, Дамини ва Суҳаши дар паҳлӯи ӯ чорзону менишастанд ва аз сидқи дил ӯро бо баргҳои нахл бод медоданд. Ба назар чунин менамуд, гӯё онҳо дар ҳарос буданд, ки мабодо аз ин ҳуқуқ маҳрумашон кунанд ва ҳарчи бошитоб ҳар як дақиқаи пурқиматро босамар истифода мебурданд. Аз чеҳраи онҳо арақ мешорид, вале онҳо ҳанӯз ҳам бодбезанҳои худро меҷунбониданд – аз рост ба чап, аз чап ба рост… Модарашон дар назди онҳо рост истода, бо

садои аз изтироб гирифта мегуфт:

– Шумо ба инҳо аз ӯ бештар ҳаққи падарӣ доред. – Ӯ шавҳарашро дар назар дошт. – Агар шумо ва шафоати шумо намебуд, духтарони ман пирдухтар мешуданду ҳаргиз шавҳар карда наметавонистанд ва соҳиби хонаву дар намешуданд.

Ӯ гӯшаи сариашро ба чашмонаш бурда, ашкҳои набудаи миннатдориашро пок кард.

Чоштхӯрӣ анҷом ёфт. Амаки Шринатҳ, ки тамоми ин муддат байни айвону ошхона равуо дошт, ниҳоят бозистоду бо эҳтиром ба меҳмон таъзим кард.

– Модари Бина ба ӯ ҷавоҳироти қадимии худро тӯҳфа кардааст, – нақл кард ӯ, мисли он ки Сатяҷит одами хонаи ӯ бошад. – Акнун як қисми ҷиҳоз муҳайёст. Хоҳарони шавҳардораш, худи ҳозир шумо онҳоро дидед ва ба шарофати шумо ва дуои некатон ба хушбахтӣ расидаанд, барои арӯсӣ ба ӯ сари ва нимтанаҳо тӯҳфа овардаанд. Боз маҷмӯи зарфҳои биринҷӣ барои хонаи нави ӯ ҳам овардаанд.

– Хеле хуб! – нидо кард Сатяҷити қонеъгардида.

Ӯ дар ҳамёнаш ҳамагӣ дусад рупия дошт ва ҳеҷ ба як қарор омада наметавонист, ки чӣ қадари онро ба арӯс тӯҳфа кунад. Шояд сад рупия диҳад, аниқтараш яксаду як рупия – чунки ҳар як рақаме, ки бо сифр тамом мешавад, хосияти бад дорад. Ҳангоми чоштхӯрӣ ӯ дар хаёлаш ба ин пул боз каме илова кард – даҳ, бист, ниҳоят панҷоҳ рупия. Акнун равшан шуд, Бина ҳама чизи барои арӯс зарурро дорад ва ӯ ҳам метавонад пулашро каме сарфа кунад – яксаду як рупия басанда аст. Бо пули боқимонда барои тифлаш аробача хоҳад харид.

Дуои неки шумо барои мо – асоест барои нобиноён, – идома дод Шринатҳ. – Аз ин зиёда боз чӣ гӯям?

Ва шояд ба қароре омад, ки дигар чизе гуфтанаш зарурат надорад, дарҳол моҳирона мавзӯи сӯҳбатро тағйир дод:

– Хонаи ман имрӯз зиёратгоҳ аст, охир шумо ифтихору шӯҳрати тамоми деҳа ҳастед. Одамон дар шахси шумо амалӣ шудани орзуву омоли худро мебинанд. Хоҳишмандам, боре дар назди мухлисони худ намудор шавед, онҳо кайҳо боз шуморо мунтазиранд.

Сатяҷит аз пайи соҳибхона равон шуд. Ҳаводорони ӯ дар рӯи бурё, дар рӯи фарш нишаста, саргарми сӯҳбат буданд. Бо дидани ӯ ҳама хомӯш шуданд. Сатяҷит дастонашро ба сандуқи синааш гузошта, ба ҳамаи ҷамъомадагон салом дод. Дар байни одамон ӯ муаллими мактаберо, ки дар кӯдакӣ он ҷо таҳсил карда буд, диду

дуқад шуда, ба ӯ таъзим кард. Муаллми пир аз ин сахт мутаассир шуда, ба дигарон бо қиёфаи шахсе, ки бартарӣ дорад, назар андохт ва ботантана гуфт:

– Магар ман инро пешбинӣ накарда будам? Дар он гузаштаи дур ман саду як бор изҳор карда будам, ки дар чеҳраи шогирди ҷавони ман нишонаҳои нобиғагон аст. Гуфта будам, ки ӯ дар байни ҳамаи ин нокориҳо фарқ…

Ӯ хомӯш шуд ва барои пинҳон кардани саҳви ғайриихтиёри худ сулфа кард. Баъд идома дод:

– …Гуфта будам, ки ӯ нақши нобиғагон дар ҷабин дораду аз ҳамаи он чизҳои дигаре, ки бачаҳои дигарро ба худ ҷалб мекунад, дар канор аст. Инро ман гуфта будам, ки ӯ аъзои Суди Олӣ хоҳад шуд…

– Афсӯс, вале ман аъзои Суди Олӣ нашудам, – хандид Сатяҷит.

– Ту шахси аз аъзоёни Суди Олӣ ҳам болотар шудаӣ, хеле болотар! –эътироз кард муаллими пир.

Дигаронро намедонам, вале ӯ он талабаи худро, ки ҳамеша бо ӯ мубориза мебурд, хуб дар хотир дошт: бачаи ҷангарае, ки ҳар дафъа шӯхиҳои нав ба нав ихтироъ мекард. Дарси ҳисоб ҳамеша барои ӯ садди роҳ буд. Ӯ акнун пулҳои худро бо кадом дониш мешуморида бошад? Агар ба суханони Шринатҳ бовар кунад, ҳоло ӯ соҳиби зиёда аз як миллион рупия аст. Наход ӯ миллион рупия дошта бошад? Ва муаллими пир бошитоб манзараҳои тираранги хотироти гузаштаро, ки дар хаёли ӯ ҷилвагар шуда буданд, бо рангҳои баланди сухан ислоҳ кард:

– Ҳатто, дар ҳамон рӯзҳои гузаштаи дур, ман чун одамони воқеӣ, дар назди ӯ дар тарафи дасти чапаш Сарасвати ва дар тарафи дасти росташ Лакшмиро дида будам. Ман ҳамон вақт фаҳмида будам, ки ин ҳар ду – олиҳаи дониш ва олиҳаи пешрафт, ки бо ҳамдигар созгор нестанд, аз муҳаббати муштараки ба ӯ доштаашон ба ҳам омада, дар паҳлӯи ӯ мемонанд.

Ва муаллими пир кафи ҳар ду дастонашро ба ҳам оварду ба ҷабинаш расонда, ба кадом як каси нонамоён, шояд ба ин олиҳаҳо салом дод.

Сатяҷит афсӯс мехӯрд, ки чаро барвақттар ба хаёли ӯ нарасид, ки ба Шантипур биёяду аз ҳурмату иззати ҳамдеҳагонаш баҳра барад. Он вақт ӯ ба ин ҳуқуқи комил дошт. Аммо ҳоло ӯ худро нороҳат эҳсос мекард – охир ӯ акнун як шахси сохтакор аст! Дар назари ҳамаи ин одамон ӯ он одамеро таҷассум мекунад, ки чанд ҳафта пеш арзи вуҷуд мекард. Сатяҷит бо асабоният дасташро ба

чеҳрааш бурда, магаси дилбазан ва якҷоя бо ӯ таассуфҳои беҳосилашро ҳам ронд. Барои чӣ ҳоло ӯ аз ин шараф худро бенасиб кунад? Танҳо як рӯзак дар дурахши шӯҳрати собиқи худ, ки аз он ҷудо шудан ин қадар мушкил аст, чаро ғӯта назанад? Фардо бояд ӯ бо зиндагӣ дастбагиребон шавад, бо селоби пуршиддате, ки ӯро ба коми худ мекашад, бояд мубориза кунад. Имрӯз ӯ аз ҳавои оромиш, қаноат, озодӣ нафас хоҳад кашид!

Боқии рӯз ӯ дар деҳа сайругашт карда, бо пирони деҳ сӯҳбат кард, ӯ аз шарбати ҷавзи ҳиндӣ, ки ба ҳамдигар навбат надода, ба ӯ пешниҳод мекарданд, нӯшид. Ӯ ба хонаи худ, ки акнун дар он одамони бегона зиндагӣ мекарданд, даромада, соҳибхонавор ба деворҳои он даст зада, дар вуҷуди худ гармие эҳсос кард – хонаи ман! Хонаи хурди бобоӣ ба ӯ ҳисси амну эътимодро, ки дар хонаи боҳашамати шаҳриаш ҳаргиз эҳсос накарда буд, талқин мекард. Қариб як соат ба моҳигирӣ машғул шуду боз ҳамон эҳсоси ошно вуҷудашро фаро гирифт – ҳавзи ман! Бо кафи дастонаш аз ҳавз об гирифта, ба сараш рехт. Ба чангаки ӯ моҳии калоне дармонд. Вақте ки ӯ бо сайди бадастовардаи худ ба хонаи Шринатҳ баргашт, Шринатҳ аз шодӣ карахт шуд – гӯё пеш аз ин ҳаргиз ин гуна моҳии калонро надида бошад.– Чӣ ғалсамаҳое! – гуфт ӯ ба ваҷд омада ва сари моҳиро оҳиста сила кард. – Ин хосияти хуб дорад, мо инро бо мурчу дорувор пухта, баъд аз маъракаи арӯсӣ, нисфи шаб ба навхонадорон пешкаш мекунем, ин ба онҳо хушбахтӣ хоҳад овард.

Вақте ки домод бо хешу табор ва дӯстонаш савори аробаҳои ба барзаговон басташуда ва тахти равон расида омаданд, рӯз торик шуда буд. Омадани онҳоро бо садои мусиқии гӯшмоҳиҳои баҳрӣ таҳният гуфтанд. Аз рӯи анъана занҳои ҷавони дар назди дари хонаҳояшон гирдомада, меҳмононро бо садоҳои гӯшкаркунандае, ки бояд дараҷаи олии хурсандиро ифода мекарданд, мисли улу–улу–улу–улу–улу пешвоз гирифтанд. Меҳмонони гиромиро дар ҷои ифтихорӣ дар интизори соати баргузории маросими никоҳ, ки аз рӯи тақвими илми нуҷум пешбинӣ шуда буд, нишонда, онҳоро бо бетел зиёфат карданд. Ба ёди Сатяҷит ҳамёнаш расид – ҳамин лаҳза барои супоридани тӯҳфа хеле муносиб буд. Шринатҳ, ки фикри ӯро аз чеҳрааш мехонд, Сатяҷитро ба гӯшаи дури ҳавлӣ, ба зери сояи дарахти анҷир кашида бурд.

– Ма, косаи гадоиро вақт тайёр кардаам, – шӯхиомез изҳор дошт ӯ.

– Ҳа, албатта, – сар ҷунбонд Сатяҷит.

– Ҷиҳоз бояд бо пули накд – ҳамагӣ ду ҳазору як рупия дода

шавад.

– Чӣ қадар?! – Сатяҷит дар тамоми вуҷудаш сардӣ эҳсос кард.

– Бале, ҳамааш ҳамин! – Шринатҳ табассум кард. – Дигар ҳамааш омода аст, ҳатто харҷи зиёфати арӯсӣ ҳам. Вале ин охирин чизест, ки ба дуои хайри шумо ниёз дорад.

Дуои хайр! Ин вожаи дӯстдоштаи Шринатҳ ягон чизи мавҳумро ифода намекард. Он фақат як маъно дошт – пул. Сатяҷит оташин шуд – бо рафтори беандешаи худ созгор шуд, ки ӯро ба дом афкананд. Магар ин гуна содалавҳ будан мумкин аст?

Шринатҳ хомӯширо халалдор кард.

– Ман ҳатто аз ба забон овардани ин маблағи кам мешармам – Охир ин аз уқёнуси сарвати шумо қатраест, – гуфт ӯ бо лабханд.

Барои чӣ шумо ба ман барвақттар ҳамаи инро навишта маълум накардед? – Овози Сатяҷит ба таври ғайриодатӣ оташинона садо дод.

Боз ҳам лабханд:

Чӣ ба фикри шумо ман хеҷ чизро намефаҳмам? Ё аз зоҳири ман фикр мекунӣ, ки ман хар ҳастам? Ба ёди миллионер расонидани пул! Ин маблағи ночиз қатрае аз баҳр…

– Қатрае аз баҳр! – мисли акси садо такрор кард Сатяҷит. Даҳонаш хушк шуд – лаҳзае фаро расида буд, ки ӯ бояд ба ҳамааш иқрор шавад: вазъи ӯ аз вазъи Шринатҳ ҳам бадтар аст, дар пеш ӯро мубориза беамон аст, мубориза барои зинда мондан! Шринатҳ бояд ӯро фаҳмад.

Миллионер! Ин суханро бо садои пур аз ваҷд, бо нақши парастиш дар симо ба забон меоранд. Одами боимон ба худованди худ саҷда карда мегӯяд: «Худовандо, ба мо кушоишу рушду барор ато фармо! Ҳаёту мамоти мо дар ҳукми туст, парвардигоро. Ту метавонӣ онро дар як лаҳза ба мамот бадал созӣ. Ман ҳамаи он чизеро, ки эҳсос мекунам, бо сухан ифода карда наметавонам…»

Бале, парвардигор, бешубҳа, миллионер аст. Дирӯз Сатяҷит ҳам худо буд. Аммо имрӯз … Суханоне, ки гуфтан мехост, дар зери фишори задухӯрди шадиди афкор дар гулӯяш дармонданд. Не, ӯ ҳақиқатро ба забон оварда наметавонист! Зарур аст, ки ягон баҳонае пеш оварад: ӯ дар ин роҳ бисёр шитоб ва корҳои таъхирнопазир дошт ва аз ин рӯ бо худ гирифтани маблағи заруриро фаромӯш кардааст. Ин ба ҳақиқат хеле шабоҳат дорад. Албатта, баъдтар ҳақиқати мудҳиш ошкор мегардад, вале ин дигар чандон аҳамият нахоҳад дошт.

Касе аз даруни ӯ, касе, ки боқудраттар аз ӯ буд, бо овози

Сатяҷит гуфт:

– Ман барои дарёб кардани поезди саҳарӣ шитоб доштаму фурсати даромадан ба бонкро надоштам. Шояд, касе аз ҳамдеҳагон…

Ӯ аз рӯи одат мехост бигӯяд: «аз рӯи чек пул диҳад», вале сари вақт худро ба даст гирифта гуфт:

– …қарз диҳад?

Амаки Шринатҳ бо рӯи аз тарс каҷу килебгашта, давида аз дарвоза берун рафт. Ӯ аз рӯи содадилӣ эътимод дошт, ки ҷайби миллионерҳо ҳамеша пур аз пул аст. Сатяҷит ба назди меҳмонон баргашт. Домод, ки ҷояш аз ҳама баланд ва бо матои адрас рӯпӯшшуда буд ва ба се тарафаш лӯлаболишҳои ғафсу гирд гузошта шуда буд, фавран аз ёди ҳама баромад. Ҳама аз сӯҳбат лаб фурӯ бастанд, чашми ҳама ба Сатяҷит, ба сарватманди нозпарварди тақдир дӯхта шуда буд. Ӯ хастагии бекарона эҳсос карда, хомӯш менишаст. Оромиши рӯҳии ин ҷо дарёфткардааш ӯро тарк карда буд. Акнун ӯ сахт орзуманди он буд, ки аз дигар дар шаҳр ҳамроҳи занаш бошаду писари нав ба дунёомадаи худ, нахустфарзанди худро, ки ҳаргиз барои ӯ аробачаи кӯдакона харида наметавонад, бинад.

Баъд аз ним соат Шринатҳ баргашт. Чеҳрааш гирифта буд. Сатяҷит бо ишораи ӯ худро маҷбур карда, аз ҷой бархосту вазнин–вазнин қадам монда, аз пайи ӯ рафт. Шринатҳ аз одамон хеле дур рафта гуфт:

– Дар тамоми Шантипур, ҳарчанд дер шуда бошад ҳам, танҳо судхӯр Ҳариш метавонад ин миқдор пулро қарз диҳад.Вале ин маккор қарз додан намехоҳад.

– Чӣ, ӯ магар ба ман бовар надорад? – пурсид Сатяҷит.

Наход ӯ аз ин масъулият озод шуда бошад? Шояд судхӯрон ҳисси шашум доранд – кӣ медонад Ҳариш пулҳои худро кай пас мегирад, шояд ҳаргиз нагирад.

– Чӣ бефаҳмие! – ба ҷӯш омад Шринатҳ, – ба қавлу имзои миллионер бовар накардан! Ин Ҳариш ақлашро хӯрдааст! Шояд худаш одами бадхоҳест? Бояд ба рухсораҳои фарбеҳи ӯ чанд силӣ зада, кашолакунон ба ин ҷо меовардамаш, то ин саг дар назди пойҳои шумо хазида, чангу ғубори онҳоро мелесид!

– Ин хел нагӯед… – олиҳиматона гуфт дар ҷавоб Сатяҷит. – Дар замони мо эътимод ба кас расм нест.

Ба ин мӯъҷиза бовар кунад? Ӯ озод аст, ӯ аз дом раҳоӣ ёфтааст!

– Магар ин мумкин аст? Давлати мо ба куҷо роҳ пеш гирифтааст? Неру ба куҷо менигарад, наход касе чашмони ӯро боз наку-

над?

Сатяҷит барои таскини Шринатҳ, ба китфи ӯ зад. Ӯ бо мушкилӣ худро ба даст гирифт. Дар чеҳрааш гарди маъюсӣ нишаст

– Акнун чӣ бояд кард? – оҳ кашид ӯ. Падари домод чун санги хоро сахт аст. Агар худи ҳозир ба ӯ ин маблағро надиҳам, маъракаи арӯсӣ баргузор нахоҳад шуд. Баъд аз чунин шармандагӣ дигар кӣ Бинаро хостгорӣ хоҳад кард?

Сатяҷит ҳисси ҳамдардии ба ин лаҳза мувофиқро дар симояш ифода карда, сарашро ҷунбонд.

– Агар шумо ба ман барвақттар менавиштед! Танҳо ду–се калима… Ба ҳар ҳол ин қадар ғусса хӯрдан лозим нест. Барои Бина номзади дигар, шояд аз ин беҳтарашро меёбед. Инсон тақдирашро намедонад.

Ӯ ноаён ба ҳамёнаш даст зад – лозим меояд боз панҷоҳ рупия илова кунад. «Ҳамин хел хоҳам кард, яксаду панҷоҳу як рупия медиҳам. Тифли ман бе аробача ҳам бузург хоҳад шуд».

Шринатҳ дар ин лаҳза сулфакунон гуфт:

– Ман мешармам, ки ба шумо чӣ гуна анҷом ёфтани гуфтугӯро нақл кунам…

– Чӣ гуна анҷом ёфт?

– Ҳариш розӣ аст, ки қарз диҳад…

– Чӣ хел?! Охир шумо худи ҳозир гуфтед, ки…

– Ин наҳанги мурдор ба ивази гарав қарз додан мехоҳад! Ӯ ба ивази ба гарав мондани хона ва ҳавз ба додани қарз розӣ аст. Воқеан ҳам девона аст! Андеша кунед – кадом як кулбаи ҳақирона барои ӯ аз имзои миллионер аҳамияти бештаре дорад!

Сатяҷит ларзид. « Хона ва ҳавз» – аз дил гузаронд ӯ. Ягона чизе, ки дар ин вазъи фақиронааш барои пешниҳод кардан ба оилааш монда буд…

– Агар ҳамаи пойдеворҳои маънавӣ хароб шаванд, оқибати Ҳиндустон чӣ мешавад? Наход Неру инро намефаҳмад? Кадом як ҳавз аз қавли миллионер, хона аз имзои ӯ боарзиштар аст! Вале бигӯед чӣ кор кунем? – Шринатҳ илтиҷоомез кафҳои дастонашро ба ҳам овард. – Магар барои ҳалли мушкилоти духтарони ман ягон роҳи дигаре ҳаст?

Сатяҷит ба ӯ нигоҳи аҷиби бетафовут андохт. Садои бегона, садои миллионер ба гӯш расид:

– Ба ӯ бигӯ, ки ман ба шартҳои ӯ розӣ ҳастам.

– Ман ба ӯ нишон хоҳам дод! – Шринатҳ аз қаҳр бо кафи дасташ ҳаворо ду пора кард. – Чӣ гуна ранҷондани ин гуна одамро ба

ӯ нишон медиҳам! Бигзор ӯ аввал пулро диҳад, баъд ман кашолакунон ӯро ба ин ҷо меорам ва ӯ дар хоки пойҳои шумо хоҳад хазид! Ҳамаи ҳамдеҳаҳо ба рӯи ин наҳанги мурдор туф хоҳанд кард.

Асноди қарзро имзо карданд. Дар хона садои мусиқии пурсурури арӯсӣ баланд шуд. Сатяҷит дар сояи дарахти анҷир, дар пардаи зулмот танҳо менишаст.

– Минбаъд чӣ хоҳад шуд? – пурсид ӯ аз худаш ва лабханди зӯракӣ ба лабонаш дамид. Ӯ оҳиста сигори охиринро аз қуттиаш бароварду гӯгирд зад. Дастонаш меларзиданд.

* * *

***ПУДУМЕЙПИТТАН*** *(тахаллуси адабиаш Шри Вируттачалама; 1906 – 1948) – адиби насрнависи тамилӣ, бунёдгузори ҳикоянависӣ дар адабиёти муосири тамилӣ. Маҷмӯи асарҳои ӯ «Ҳикояҳои Пудумейпиттан» ва «Канҷаней» мебошанд. Бештари осори ӯ мисли «Таманнои пурасрор», «Дар он шаб» ва ғайра баъди вафоташ ба табъ расидаанд.*

## ИНСОН – МОШИН

Ҷаноби Минатчи Сундарам Пиллей ба ҳайси молфурӯш кор мекунад. Ба савдои чунин молҳо, мисли намак, меваи дарахти тамр машғул шуда, маблағи савдояшро ҳисобу китоб мекунад ва имконият дорад, ки фоҷиаҳои зиёди инсонӣ ва ҳамчунин роҳҳои номакшуферо, ки одамон бо иродаи худ интихоб мекунанд, мушоҳида кунад.

Ана, чиҳилу панҷ соли пурра аст, ки ӯ бо ҳамин як роҳ рафтуо намуда, дар ҳамон як хона зиндагӣ ва дар ҳамон як дӯкони баққолӣ кор мекунад. Ҳарчанд оне, ки густохона, танҳо номи худашро ба забон меоварданд, ба ҷаноби Минатчи Сундарам Пиллей бадал шуда бошад ҳам, ӯ мисли пештара бо биринҷи дар об ҷӯш дода шуда қаноат мекарду вештии шерозаи борикдореро, ки камбағалон мепӯшанд, ба тан мекард. Дар ин муддат дар мағоза дигаргуниҳои зиёд ба вуқӯъ пайваста буд. Ба ҷои боми бо ҷӯби найшакар пӯшидашуда ва деворҳои гилин бому деворҳои сементӣ пайдо шуда буд; дигаргуниҳои нав, мисли чароғи барқӣ ва пештахтаҳо мушоҳида мегардид. Мағоза ва Пиллей якҷоя месабзиданд, вале сабзиши ҳар яке аз дигараш тавофут дошт. Гардиши пулу моли мағоза ҳар қадар зиёд мегашт, ташвиши Пиллей ҳам ҳамон қадар меафзуд.

Ҷаноби Сундарам Пиллей ҳатто гаронтарин мушкилоти мураккаби вобаста ба ҳисобу китоби содироту воридоти мағозаро хеле ба осонӣ ҳал мекард. Дар давраҳои собиқ дар рӯшноии чароғи сиёҳ ӯ то соатҳои дувоздаҳи шаб ба ин кор машғул мешуд, аммо ҳоло чароғ ва бодбезани барқӣ дар хидмати ӯянд. Музди кори ӯ бо «суръат»–и сангпушт баланд шуда, дар айни замон ба бист рупия расидааст. Қобилияти муҳосибавии ҷаноби Сундарам Пиллей танҳо дар ҷои кори ӯ истифода мешаваду халос. Дар тӯли ин чилу панҷ сол, бо вуҷуди ҳамаи айёрӣ ва корчаллониҳои ӯ, норасоӣ дар буҷаи оилавиаш меафзуду меафзуд ва ин ба он ривояте мемонд, ки худои Вишна дар андешаи бо се қадам андоза кардани дунё афтода буд.

Соати панҷи пагоҳӣ ӯ, ки ба пойҳояш реги тари дарё часпидааст, бо роҳи қад – қади соҳили дарё то кӯчаи марказӣ тӯлкашида, боло меравад. Каме баъдтар ӯ ба тангкӯчае, ки номи Оттрей Теруро дорад, тоб мехӯранд. Дар рӯзҳои боронию пурҷут Пиллей вештии таршудаи худро боло мебардорад, то ки ҳарчи зудтар дар шамол хушк шавад. Дар пешонаи тари ӯ – хокистари муқаддас, марҳами сандал ва доғи сурхе намудор аст, ки аз саҷда карданаш дар ибодатгоҳи Субрамани гувоҳӣ медиҳанд. Ҳар касе ки Минатчиро тӯли чилу панҷ сол боз мешиносад, дар порсоии ӯ ҳаргиз шубҳа нахоҳад кард. Вале дар хаёли худ ӯро беихтиёр ба мошини бенуқсони ба ҳаракат даровардашуда монанд мекунад.

Соати шаши пагоҳӣ ӯ вешти ва тундуи шаб шуста хушкондаро мепӯшаду мӯйҳояшро шона карда ба кор меравад. Соатҳои даҳ–дувоздаҳ мағозаро маҳкам карда, ба хона бармегардад. Пеш аз он ки Минатчи соҳиби мавқеи ҳозираи худ шавад, ӯ соҳиби чаҳор ё панҷ фарзанд – Минатчиҳои хурд шуда буд, ки ҳамеша дар даруни хоки кӯча ҷӯлида мегаштанд.

Мегӯянд, ки аждаҳо Шеша тамоми бори заминро ба пушти хеш бардоштааст. Аммо ҷаноби Пиллей ба дӯши хеш масъулияти аз ин ҳам бузургтар дорад: ӯ бояд шарафи худро нигоҳ дорад, соҳиби эътимоди дигарон шуда, бо макру фиреб мубориза барад. Аз сангинии ин бор сари ӯ кал, қоматаш хам шуда, шикамаш ба дарун фурӯ рафтааст.

Ҷаноби Пиллей саропо тоқат, одами бисёр ҳам мулоимтабиат аст. Хорию зории бешуморе, ки ӯ аз дасти Беҳаёӣ, Такаббур, Сарват кашидааст, иродаи ӯро батамом шикаста, эътимоди ӯро ба худаш решакан кардаанд. Ӯ инсони тобеъ будани худро хуб дарк карда, ба қароре омад, ки рафтору гуфтори нарм дошта бошад ва шарафу обрӯяшро, чун одами поквиҷдон ҳамеша ҳифз кунад. Вале

дар дили ӯ, дар ҳамин диле, ки асрораш барои атрофиён сахт маҳфуз аст, орзуҳои бешуморе маскан доранд ва баъзе аз онҳо мисли ҷини афсонавии Алоуддин то андозаи даҳшатангез дамида бузург мешаванд. Инсоне, ки қобилияти фаъолиятро гум кардааст, бо тамоми қудраташ ба саҷда ва қурбонӣ кардан ба иблиси нафси худ оғоз мекунад, ки ҳар як мутаассиб ба ӯ ҳасад мебарад. Чӣ ҳам мекунӣ? Табиати дили инсон ҳамин гуна аст. Ва ҷаноби Минатчи Сундарам ҳам аз ин мустасно нест.

Одамони донишманд истифода бурдани инибораро дӯст медоранд: шӯъла дар дар зери хокистар ба ахгари нимсӯз бадал мешавад. Ин ифода ба Пиллей ба куллӣ мувофиқат мекунад. Касе хоҳишҳои азиятовари ӯро дар зери ниқоби бетафовутии зоҳириаш дарк намекард. Аксари одамон бепарвоёна мегуфтанд: «Минатчи? Охир ӯ як гӯли худост». Кадом як нафаре ин ҳарфҳоро дар рӯяш ҳам гуфта буд. Вале дили ин «гӯл»–ро хоҳишҳои зиёде ба сӯзиш меоварданд. Ӯ дар бораи чӣ орзу мекард? Дар ин бора, ки агар гови гӯсоладор харад, чӣ қадар хуб мешавад: кӯдаконаш бешир намемонанду ҳамеша имкони каме пул сарфа кардан пайдо мешавад. Дар бораи он, ки агар қитъаи замини дар кӯчаи Терка ба гарав мондаро бихарад, бад нахоҳад кард. Ва магар фақат дар ин бора? Орзуҳои ӯ ба дуриҳо доман паҳн мекунанд.

Ӯ худро соҳиби мағозаи хусусӣ тасаввур мекунад. Ба пешхидматаш айнан мисли хӯҷаини худ, ки пояшро болои пояш монда «Эй, Минатчӣ!» гуфта фарёд мезанад, фармон хоҳад дод. Баъзан ба назари ӯ чунин менамояд, ки ба Коломбо сафар кардаасту аз он ҷо чун шахсияти соҳибмартаба баргаштааст. Камарашро бо занҷири тилло бастааст. Дар дасташ соат дорад. Пулҳояш бешуморанд. Ҳамаи онҳое, ки дар роҳ ба ӯ дучор меоянд, ба аломати эҳтиром дар камари худ тундуяшонро мебananд. Табассумкунон дандонҳояшонро намоён карда, ба ӯ салом медиҳанд: «Чӣ ҳол доред, анначи?» Ягон маъракаи арӯсӣ, ягон ҷаноза бе ширкати ӯ нахоҳад гузашт.

Андешаҳо пайи ҳам турнақатор мешаванд. Пули савдои рӯзона дар дасти ӯст. Ӯ баъд аз ҳама аз мағоза баромада, калидро бо худ мебарад. Ба истгоҳи поезд даст дароз кунӣ – мерасад. Поезди маҳаллӣ, ки ба Туттукуди меравад, дар истгоҳ ҳамагӣ панҷ дақиқа қарор мекунад. Чӣ мешавад, агар шабона билет харию думро хода кунӣ? Роҳпулиро аз пули савдои рӯзона ҳам гирифтан мумкин аст. Вале пулис чӣ?... Вақте ки дар бораи пулис фикр мекунад, ҳарос ба дилаш роҳ меёбад. Ба назараш чунин менамояд, ки дасти вазнини

ҳимоятгари қонун кайҳо ба дӯши ӯ бор афкандааст. Ӯ як қад парида, ба худ меояд. Баъзеҳо вақтро аз рӯи соат, баъзе дигар аз рӯи сояҳое, ки офтоб меафканад, мефаҳманд, вале ақрабаки соат метавонад шиканад ва ҳар вақте ки офтоб дар паси абрҳо пинҳон шавад, соя ҳам метавонад нопадид шавад. Ва инак, чиҳилу панҷ сол аст, ки ҷаноби Сундарам Пиллей ба сокинони Коккиракулам ба ҷои соат хидмат мекунад ва то ҳол иттифоқ наафтодааст, ки касеро фиреб дода бошад.

Пиллей дар ҳама кор тартиби қатъиро риоя мекунад. Фаъолияти ӯ мисли қонунҳои табиат тағйирнопазиранд: имрӯз мисли дирӯз, фардо мисли имрӯз. Ҳатто сокинони куҳансоли Коккиракулам ҳам дар ёд надоранд, ки ӯ ғайр аз вештии шерозааш борики сиёҳ боре дар либоси дигаре ҳозир шуда бошад.

Ҳарчанд дар симои ҷаноби Пиллей он нуреро, ки чеҳраи парҳезгоронро равшан месозад, мушоҳида намекунед, ӯ мӯътақиди мазҳаби Шайви сиддханти аст. Ба шарофати ошноӣ бо асрори зиндагӣ, ки ӯ ҳангоми ҷамъбасти маблағҳои дахлу харҷ омӯхта буд, имони ӯ ба чароғе мемонд, ки бо пардае аз дуд пӯшида шуда бошад.

Фонуси кӯча равшании заифу хира меафшонд. Ин ҳодисаи муқарраристе, ки бо фаро расидани соати даҳи шаб бо фонусҳои Коккиракулам рӯй медиҳад.

Ҳамаи дӯкону мағозаҳо маҳкаманд. Дар мағоза, дар болои касса чароғи барқӣ равшан аст. Ҷаноби Пиллей дар гилемчаи аз баргҳои нахл бофташуда нишаста, дар дафтари ҳисобу китоб, ки дар наздаш, болои миз аст, чизе менависад.

– Супу Пиллей: чаҳор, чаҳору ним, чаҳору ним ва шонздаҳ, чаҳору ниму шонздаҳ ва як салли, чаҳору ниму шонздаҳ, як салли ва як туту, чаҳор, панҷоҳ, панҷ салли. Ба ин нобакор боз чӣ қадар қарз додан даркор бошад? Гопалан чӣ? Бо ӯ чӣ кор кунам? Бигӯӣ – бад мешавӣ, нагуфтан – имкон надорад. Зимнан ин кори ман нест, бигзор соҳиби мағоза худаш ҳал кунад…

Ӯ саҳифаҳои дафтарро варақ мезанад. Арақи ҷабинашро пок карда, саҳифаи қарзи Рамайи Пиллейро мекушояд ва боз ба ҷамъ кардан машғул мешавад.

– Шонздаҳ, ҳашт, панҷто ҳашт…

Аз дар Мавадия Пиллей ворид шуд.

– Анначи, шумо ҳанӯз мағозаро маҳкам накардаед? Чӣ чиз диққати шуморо ин қадар ҷалб кардааст?

– Бифармоед, бишинед, – ғурунгос зад Минатчи Сундарам ва аз

дигар ғарқи ҳисобу китоб шуд.

– Шояд поезд гузашта рафта бошад. Шумо бошед, ҳанӯз нишастаед. Аҷиб!

Минатчи ба суханони ӯ аҳамият надод.

– Шумо каме қарздор ҳастед, – гуфт ӯ ба одами воридшуда. – муддати зиёде гузаштааст. Охир медонед, ки пулро ба гардиш андохтан лозим аст.

– Чоршанбеи оянда бо шумо ҳисобӣ мекунам. Вале ҳоло ба ман равған диҳед. Пули ҳамаашро якбора хоҳам дод.

– Фақат фаромӯш накунед!

Минатчи Сундарам тундуяшро ба китфонаш партофта, аз ҷо бархосту хамёза кашид ва ғурунгосзанон «Маҳадева!»–гӯён ба тарафи зарфи мисини бо мурури замон сабзшудае, ки равған дошт, равона шуд. Пеш аз он, ки хам шавад, мӯйҳояшро кушода, чанги онҳоро афшонду боз лӯнда карда баст. Баъд бо паймонае, ки бо ангуштони калону миёнааш дошта буд, равған гирифта баргашт.

– Марҳамат, гиред.

Мавадия равғанро ба зарфи хурдакаки биринҷӣ, ки дар даст дошт, рехт.

Минатчи Сундарам тундуяшро бодиққат таҳ карда, дар назди сандуқи пул гузошт. «Маҳадева!» Ӯ бо дасташ ба сандуқ такя карда, чорзону зада нишаст.

– Магар вақти рафтани шумо нашудааст, аннаҷи? – пурсид Мавадия ва аз тақсимча нахӯди бирён гирифта, хӯрдан гирифт.

– Боз якчанд ҳисобҳоро тафтиш кардан зарур аст.Танҳо баъд аз он маҳкам кардан мумкин. Шумо шунидед, ки Пиллейи радаваратӣ дӯкони саррофӣ мекушодааст Минатчи Сундарам табассум кард.

Мавадия ба даҳонаш чормағзи намакин андохт.

– Ин кор барои ӯ мушкилӣ надорад. Мехоҳад – дӯкони саррофӣ боз мекунад, мехоҳад – мағозаи калон. Пул бошад, кӯҳҳоро чаппагардон кардан мумкин. Вале кӣ гуфт, ки ба зудӣ боз мекунад?

– Чаро ин қадар дар ҳайрат афтодаӣ? Охир ту дар хонаи Пиллейи радаваратӣ одами худӣ ҳастӣ. Дигаронро намедонам, вале ту аз ҳамаи воқеаҳое, ки дар хонаи онҳо мегузарад, огоҳ ҳастӣ. – Минатчи Сундарам нӯги кундшудаи қаламро бо нохун харошида, илова кард: – Наход ин чунон сирри муҳим бошад, ки ифшо карданаш мумкин набошад?

Вале Мавадия нияти худро ошкор кардан намехост.

– Гапи беҳуда ҳеҷ лозим нест. Вале ман бо шумо дурудароз лақидам. Ман рафтам.

Ва равғанро гирифта, ба тарафи дар равон шуд.

– Фаромӯш накун, чоршанбеи оянда, – аз пасаш гуфт Минатчи Сундарам.

– Фаромӯш намекунам, – ҷавоб дод ӯ аз торикӣ.

Дигар ӯ намехост корро идома диҳад. Сундарам ба андешидан дар бораи дӯконе, ки Пиллейи радаваратӣ харидан мехост ва ҷои коре, ки дар он ба Мавадия насиб мегардид, оғоз кард.

«Ба ин Мавадия чӣ намерасад? Ӯ бе ин ҳам ғарам–ғарам пул дорад, ҳоло дигар онро рӯфта мегирад», – фикр мекард Сундарам.

Вақте ӯ тасаввур кард, ки чӣ гуна Мавадия дар назди касса, дар дӯкони нави саррофӣ нишастааст, ӯ дар дилаш эҳсоси ҳасад кард, вале дарҳол кӯшид худро таскин диҳад: « Ҳоло маълум нест, ки ӯ обрӯю иззати одами поквиҷдонро ба даст меорад ё не. Аввал биг-зор мисли ман дар як ҷой солҳои тӯлонӣ кор кунад…» Банохост афкори ӯ ба гузаштаи дур ҷаҳиш карданд. Барои чӣ ӯ чиҳилу панҷ сол пеш аз таҳсил дар мактаб даст кашид? Он вақт ӯ ин хатои худ-ро дарк накарда буд. Баъд ӯ бузург шуд, кӯдакдор шуд. Як имко-нияти аз даст рафта, дигараш… Ва ҳама чиз барбод рафт. Ҳамроҳи ӯ дар мактаб писари адвокат ҳам таҳсил мекард, ки касе ҷуръати ӯро ин гуна садо кардан надошт: «Эй, Арумуҳам!»

Ӯ дигар тамоман хоҳиши кор карданро гум карда буд. Минатчи дафтари муҳосиботро ба даруни қуттӣ гузошт. Банохост фикре дар сараш барқ зад: «Поезди Туттукуди ҳанӯз нарафтааст!»

– Гузаштаро бозгашт нест! – ғур–ғур кард ӯ. – То чанд дар бо-лои ҷасади мурда нолаву афғон мекунӣ? – Пешониаш арақ карда буд. Ӯ ғалақаи қуфлро канда гирифт. Пулҳо ҷарангосзанон поин афтиданд. Тангаҳои мисин, никелӣ, нуқрагин – ӯ онҳоро бошитоб шумурд. Чиҳил рупия зиёдтар буд. Ӯ пулҳоро ба ҷайби вештиаш гузошта, чароғро хомӯшу дарро маҳкам кард.

Бастаи калид дар дасташ буд. Ӯ ба худ ҳисобот ҳам намедод, ки чӣ кор мекунад, Минатчи Сундарам бо шитоби зиёд ба тарафи истгоҳ қадам зад. Аз он, ки ӯ чиҳилу панҷ сол боз меҳнат мекунад, чӣ нафъ аст? Ӯ ҳатто ягон чизи бомаза хӯрда наметавонад.

Баъд аз каме масофа тай кардан ӯ ба ёд овард, ки пойафзорашро дар мағоза мондааст.

Хушбахтона, ӯ бо касе дар роҳ дучор наомад. «Агар ягон кас бинад ҳам, ҳеҷ боке не, – таскин медод худашро. – Магар ман ва-зифадорам, ки баъди бастани мағоза фавран ба хона равам?..»

Дар истгоҳ дар зери фонуси газӣ чанд пешхидмат ғанаб карда буданд. Дар дӯкони ҳамсоя, ки бетелу донагӣ мефурӯхтанд, ҳаммолон машғули лаққидан буданд. Дар назди дарвоза касе на-

буд. Бисёр кам будани мусофирон ӯро хурсанд кард.

Пиллей дар назди кассир даҳ рупия ва чоряк анна гузошта гуфт:

– Як билет то Туттукуди.

Гӯё забонаш ба ҳалқаш часпида буд.

– Ба куҷо? – пурсид кассир.

–То Туттукуди, – як қад парида такрор кард Пиллей.

– Чӣ, ба даҳонат ягон чиз тиққондаӣ? Возеҳ ҳарф бизан! – ғур–ғур кард кассир. Ӯ ба билет нишона гузошта, ба Минатчи Сундарам дароз кард.

– Гузашт!

Пиллей нафаси сабук кашида, ба саҳни истгоҳ баромад. То раҳсипор шудани поезд даҳ дақиқа монда буд. Дар саҳни истгоҳ онҳое, ки самбӯсаву нону кулча ва об савдо мекарданд, ин тарафу он тараф гаштугузор доштанд. Онҳо бо садои баланд барои савдои молҳои худ харидор даъват мекарданд. Дар назди вагони бағоҷу почта сардори истгоҳ ва чанд нафар пешхидматони роҳи оҳан рост истода буданд. Минатчи Сундарам ба вагони охирин савор шуда, дар назди тиреза ба худ ҷой интихоб кард, ки аз он ҷо анбори моли истгоҳ намоён буд. Муҳити ғайриодатӣ ӯро асабонӣ мекард. Ӯ бархоста ба тарафи дигар нишаст. «Ин поезд кай равона мешуда бошад?» Ӯ бетоқатона ба ҷониби паровоз нигарист.

– Ҷаноби Пиллей! Дар ин нисфишабӣ ба куҷо равона ҳастед? – овози марғуладоре баланд садо дод.

Минатчи ҳаросон рӯяшро ба ҷониби овоз гардонд. Ин ғайр аз дӯсти ӯ Каляна Сундарам, ки дар пулиси роҳи оҳан хидмат мекард, каси дигаре буда наметавонист.

Пулис! Чашмони Минатчи фақат мундири хокиранги ӯро медиданду халос.

Ӯ тӯтивор ҷавоб дод:

– Ба Туттукуди.

– Барои чӣ? – ҳайрон шуд пулис. – Ман ҳам ба он ҷо равонаам. Дар Манийаччи вомехӯрем.

Ва Каляна Сундарам бовиқорона қадам зада, ба назди сардори истгоҳ, ки ҳанӯз дар назди вагони бағоҷ рост меистод, раҳсипор гардид.

Минатчи ногаҳон ташна монду ҳис кард, ки ҳалқу забонаш хушк шудааст. Сараш чарх зад.

Обфурӯш наздик омад.

– Оби мева мехоҳед? Ё оби содадор?

– Як шиша шарбати мева.

– Марҳамат, сэр.

Обфурӯш ба ӯ шишаи саркушодаро дароз кард.

Минатчи Сундарам обро нӯшид. Бо садои баланд оруғ зада, ба обфурӯш як анна дароз кард. Баъд ба пушт такя карда, чашмонашро пӯшид. «Каляна маро дид. Фардо туздии ман ошкор хоҳад шуд».

Ба ӯ чунин намуд, ки Каляна Сундарам дар бандар ӯро поидан мехоҳад.

Садои гудок! Пиллей саросемавор ба баромадгоҳ давид.

Ҳамин ки пои ӯ ба замин расид, поезд ба роҳ даромад.– Ҷаноби Пиллей, барои чӣ шумо фуромадед? – аз даруни поезде, ки торафт суръат мегирифт, садое ба гӯшаш расид. Ин овози Каляна Сундарам буд.

– Ман қарорамро дигар кардам, – фарёд зад Минатчи.

Ӯ оҳиста–оҳиста, шитоб накарда аз истгоҳ баромада, ба тарафи мағоза равон шуд. Ҳангоми роҳ рафтан ба ёдаш расид, ки бе ин ҳам бе шиноснома ӯро намегузоштанд, ки ба киштӣ савор шавад. «Қариб буд, ки аҳмақӣ содир мекардам! – Ҳамин ҳоло ӯ дар кадом вазъияти хатарнок қарор доштани худро фаҳмид. Баданаш ларзид. – Магар худованд ба ҳолам раҳм карда, маро наҷот дод? – Пиллей аз ҷайби вештии худ хокистари муқаддас бароварда, ба пешониаш молид. – Маҳадева!»

Ӯ ба дари мағоза расида, оҳиста дарро кушоду баркро равшан кард ва пулҳоеро, ки бо худ гирифта буд, ба даруни қуттӣ пинҳон кард. Дафтари ҳисобу китобро бароварда навишт: «Минатчи: даромад – ёздаҳ рупияю чордаҳ анна».

Барқ аз нав хомӯш шуд. Хишир–хишири пойҳое, ки пойафзол меҷустанд. Шарақҷоси қуфл.

Шалап–шалапи кафшҳои сарипоие, ки ба хонаи соҳиби мағоза равона буданд.

Дар роҳ Пиллей тундуи худро афшонда, мӯйҳояшро ба тартиб овард.

Соҳиби мағоза дар рӯи ҳавлӣ, дар болои кат хобида буд.

– Ҷаноб, о ҷаноб! – садо кард Минатчи Сундарам.

– Чӣ мехоҳӣ?

Ҷаноб ба паҳлӯ баргашта, хамёза кашид.

– Кор дорам. Ман имрӯз ба номи худам ёздаҳ рупияву чоряк анна навиштам, – гуфт Пиллей. Хушкии кому даҳонаш пасанда намешуд.

– Боке нест. Ба Муккан бигӯ, ки фардо ба бозор наравад. Бигзор

рост ба ҳамин ҷо биёяд.

Ва дасташро ба зери сараш гузошта, аз нав чашмонашро пӯшид.

Минатчи Сундарам боз чанд лаҳза ба соҳиби мағоза нигоҳ карда истод. Баъд саросема нашуда, ба берун равона шуд.

* * *

***АМАРЛАЛ ҲИНГОРАНИ** (1907 – 1957) – яке аз бунёдгузорони наср ба забони синдҳӣ, муаллифи якчанд асари мансур.*

## БАРОДАРАМ АБДУРАҲМОН

Баъзеҳо ӯро камақл, баъзеи дигар – дарвеш, шахси муқаддас мешумориданд. Шояд ӯ ҳам ин буду ҳам он. Лоғару фарсуда, миёнақад, рангпарида буду ба кӯрпаи кӯҳна печида, қариб тамоман бараҳна мегашт. Ӯ ҳамеша ғарқи андешаҳое буд, ки барои атрофиён махуфу пурасрор ба назар мерасиданд; ӯро гоҳ дар масҷид ва гоҳ дар маъбади ҳиндувон медиданд. Аксар вақт бегоҳирӯзӣ мардум дар соҳили Суккура барои шунидани ашъори Сами муқаддас гирд меомаданд. Ӯ ҳам ба он ҷо рафта, шеърхониро бо диққати том гӯш мекард. Баъзан ӯ худ ба худ ғурунгос мезад: «Ку бигӯ, бародарам Абдураҳмон, мефаҳмӣ, ки шоир чӣ мегӯяд? Чашми ту кай боз мешавад?» Боре ӯ ба санге пешпо хӯрду бо таассуф ба худ гуфт: «Бародарам Абдураҳмон, сари ту аз маҳмаддоноӣ чарх мезанад. Чашмони туро ғурур кӯр кардааст. Агар ту хоксорона роҳ мерафтӣ, ба пеши поят нигоҳ мекардӣ, ин ранҷро намекашидӣ». Ӯ нишасту ба андеша рафт ва баъди чанд муддат гуфтугӯро бо худ идома дод: «Бародарам Абдураҳмон, танҳо дар бораи худ фикр кардан дуруст нест! Агар бигзорӣ, ки ин санг дар ҷои худаш истад, магар кори дуруст мекунӣ? Ку фикр кун, бародарам Абдураҳмон! Охир роҳгузари дигаре ҳам метавонад ба ин санг пешпо хӯраду пояшро маиб кунад». Ӯ баъди каме хомӯшӣ ба худаш фармон дод: «Бародарам Абдураҳмон, агар ту воқеан ҳам одами хуб астӣ, бояд ин сангро гирифта, аз роҳ дур партоӣ».

Ва ӯ ҳамин тавр ҳам кард!

Ӯ одати бо садои баланд андеша кардан дошт ва дар андешаҳояш худашро фақат «бародарам Абдураҳмон» ном мебурд. Шояд ӯ бо ин тарзи аҷиб андешаҳояшро изҳор карда, мехост ботини худро дарк намояд ва барои садои виҷдони худ имконияти роҳбарӣ намудан ба онро муҳайё кунад. Оҳанги хушахлоқонаи ин хитобҳое, ки ба худи ӯ нигаронида шуда буданд, ошкор мекарданд,

ки дар ниҳоди ӯ ду шахсияти гуногун пайваста бо ҳам дар ҳолати ҷанг қарор доранд: яке аз онҳо мисли посбони зираке дигареро эҳтиёт мекард, ӯ ба ин эътироз мекард ва муҳорибаи байни онҳоро анҷоме набуд.

Ва агар касе аз ин гӯл савол кунад, ки магар гушна намондааст, хӯрок хӯрдан мехоҳад, ӯ сараввал ин саволро бо овози баланд такрор карда, баъд бо мақоли форсӣ ҷавоб медиҳад: «Ба баъзеҳо насиб гардидааст, ки хӯранду нӯшанд, то зиндагӣ кунанд, на ин ки барои хӯрдану нӯшидан зиндагӣ кунанд». Ва ҳар дафъа, пеш аз он ки ҷавоби қатъӣ диҳад, бо садои баланд андешаронӣ мекард.

Ӯ ба забони форсӣ шеър менавишт ва эҳтимол меравад, девони Ҳофизро саропо аз ёд медонист. Ӯ ашъори Шоҳ ва Сомиро ба хубӣ медонист ва аз дилу ҷон ба ашъори пурмаънои Сачал таваҷҷӯҳ дошт. Ӯ забони ӯрдуро ҳам медонист ва ҳар касе, ки аз Панҷоб ба забони ӯрду нома мегирифт, Абдураҳмонро ҷустуҷӯ карда меёфту илтимос мекард, ки хонад. Ӯ ба ҳама чизи зиндагӣ бо хунсардии мурoқибавӣ муносибат мекард. Талаботи заминии ӯ хеле ночиз буд. Хӯроки ӯ хеле кам ва бисёр одӣ буд. Зимистону тобистон ба китфаш кӯрпаи пахтагин дошт. Шабҳои тобистон қадар гарм бошанд ҳам, ӯ ин кӯрпаро ба болояш пӯшида хоб мерафт. Шояд ӯ дар зери ин кӯрпа пинҳон шуда, бо Офаридгор аз муҳаббате, ки ба ӯ дошт, сӯҳбат мекард.

Боре шахсе бо тӯҳмати бадхоҳонаш ба бадбахтӣ гирифтор шуд. Пулис ӯро бо он гунаҳкор карда буд, ки гӯё ӯ соати як сетҳи мусулмонро duzдида бошад. Соатро дар ҳузури шоҳидон аз ҷайби ӯ ёфтанд. Гунаҳкор мегуфт, ҳамаи ин ба ҷуз дасиса чизе нест, чунки даъвогар, ки як шахси бонуфуз аст, пештар ҳам ба ӯ тӯҳмати дурӯғ зада, ки гӯё ба занҳои хешу табораш нигоҳи шаҳватомез андохта, дар айни замон ҳаракатҳои беадабона карда бошад ва фармудааст, ки ӯро дошта, сахт латукӯб кунанд.

Агар Абдураҳмон, ки дар наздикӣ буд, дахолат намекард, шояд ӯро то мурданаш мезаданд. Вале сетҳ ҳеҷ ором намешуд. Ӯ мағрурона изҳор мекард, ки оилаи ӯ бадном шудааст ва худи ӯ аз бадкор қасоси инро хоҳад ситонд.

Ва, ана, ҳамон вақт Абдураҳмон ба худаш чунин гуфт: «Бубин, бародарам Абдураҳмон, сетҳ одами бераҳм аст. Бубин, ӯ дар бораи обрӯю шарафи худ бо чӣ гуна талоши зиёд ғамхорӣ мекунад. Хоҳари ӯ кайҳо сиву панҷсола шуда бошад ҳам, ӯро ба шавҳар додан намехоҳад, чунки он вақт ӯ ҳиссаи мероси худро талаб хоҳад кард. Чӣ илоҷ, агар дар ин кор ба зани бечора монеъ шаванд, ӯ ҳам

метавонад…» Ин лаҳза ӯ нохост хомӯш шуду абрӯвонашро дарҳам кашид: «Не, не, бародарам Абдураҳмон, асрори дигаронро фош кардани ту лозим нест. Ба Худо рӯ биёру бо нармӣ сетҳро ба роҳи рост ҳидоят кун. Агар ӯ исрор кунад, он гоҳ ту метавонӣ, ҳақиқатро баён кунӣ». Абдураҳмон бо худаш сухан мегуфт, вале ҳама суханони ӯро шунида, кинояи ӯро фаҳмиданд. Сетҳ мақсади ӯро фаҳмид. Ана, ба шарофати ҳамин он шахси бечора аз муҷозо раҳид. Суханони Абдураҳмон дар шаҳр боиси ғайбат ва ҷангу ҷанҷолҳои зиёде гардиданд ва ба обрӯю нуфузи сетҳ зиён ворид карданд. Акнун ҷавобгар ба доварон он далел пеш меовард, ки дафъаи гузашта ӯро ноҳақ гунаҳкор карда буданд ва талаб мекард аз одамоне, ки шоҳиди ин ҳодиса буданд, бозпурсӣ карда шавад. Ба сафедкунанда чаҳор шоҳидро пешниҳод карданд. Се нафар аз шоҳидон ҳамсояҳои сетҳ буданд. Сетҳ ду нафар аз шоҳидонро харида буд, сеюмӣ чун медонист, ки барои ба ҳабс гирифтани ӯ иҷозанома имзо шудааст, ба хушомадгӯӣ ба доварон пардохт. Ӯ, ки сахт тарсида буд, тасдиқ мекард, ки дар бораи воқеаи рӯйдода чизе намедонад. Тақдири гунаҳкор акнун комилан ба шаҳодати Абдураҳмон вобаста буд. Сафедкунанда ба ин гуна шоҳиди шубҳанок чандон эътимод надошт, вале ҷавобгар ба Абдураҳмон, ба инсоне, ки ғайр аз Худо дигар аз касе наметарсид ва ҳамеша бе ягон тарсу ҳарос рост мегуфт, комилан бовар дошт.

Вақте ки Абдураҳмонро ба суд даъват карданд, ӯ ба худаш гуфт: «Бародарам Абдураҳмон, туро ба доварӣ аз шарафу ростӣ даъват мекунанд. Бо тавозӯъ ва бо иззату икром ба он ҷо ҳозир шав». Барои ин ӯ ҳатто аз куҷое барои муваққат кафши сарипоӣ ба даст оварда, ба кӯрпааш печонд ва то намояндаи суд аз одамони маҳаллӣ номи ӯро гирифта садояш накард, онҳоро набаровард. Абдураҳмон кафшҳоро фавран ба пояш пӯшиду рӯйҷоро ғун карда, ба китфаш афканду бо тантана ба толори маҷлисгоҳи суд даромад. Вале намоянда пеши роҳашро гирифта, талаб кард:

– Зуд кафшҳоятро каш, зудтар!

Қонун аз одамони муқаррарӣ талаб мекард, ки ба толор бо пои бараҳна дароянд ва бо ин эҳтироми худро ба суд зоҳир намоянд. «Бародарам Абдураҳмон, – гуфт ӯ ба худаш, – намоянда мехоҳад, ки ту кафшҳоятро кашӣ. Ба ӯ бигӯ, ки ту онҳоро муваққат маҳз барои он гирифтаӣ, ки бо зоҳири муносиб дар назди довари мӯътабар ҳозир шавӣ». Абдураҳмон инро ба пулис эзоҳ доду бо тамкин ба толор ворид шуд, ки он ҷо довар ӯро бо лабханд пешвоз гирифт. Вақте ки ӯ ҷои шоҳидро ишғол кард, довар норозиёна пурсон шуд,

ки барои чӣ ӯ рӯйҷоро ба гардан кардааст. Абдураҳмон фавран ба худ гуфт: «Бародарам Абдураҳмон, ҷаноби довар дар бораи рӯйҷоят мепурсад. Эҳтиёт бош. Ту дар маҳкама ҳастӣ. Пеш аз ҷавоб додан, андеша кун. Ба ӯ бигӯ, ки чун ҳиндуҳо дар мавридҳои тантана ба гардан шол мебанданд, ту ҳам аз рӯи эҳтиром ба суд ба ин таомул пайравӣ кардаӣ». Сипас Абдураҳмон гуфтаҳои худро ҳарф ба ҳарф ба ҷаноби довар баён кард. Ин далели содалавҳона таваҷҷӯҳи одамонро ба ӯ афзун кард.

– Аз паси ман қасамро такрор кун! – фармуд ба ӯ котиби суд. – Ба номи Худои ҳозиру нозир савганд мехӯрам, ки ҳақиқат, фақат ҳақиқатро хоҳам гуфт ва ба ғайр аз ҳақиқат сухани дигаре ба забон нахоҳам ронд.Абдураҳмон ин ибораро дар дили худ такрор карда, хулоса кард: «Албатта, котиб рост мегӯяд!» Баъд рӯяшро ба тарафи котиб гардонда, қасамро бо овози баланд, чунонки лозим аст, такрор кард.

– Номат чист?

«Бародарам Абдураҳмон, котиб мехоҳад, номи туро донад. Боке не, номатро бигӯ!» Баъд ӯ бо садои баланд ба котиб гуфт:

– Номам Абдураҳмон аст.

Аз кадом ҷои толор садои ханда ба гӯш расид. Тоқати довар, ки сараввал аз ин дилхуш шуда буд, тоқ шудан гирифт. Яке аз сафедкунандаҳо аз ҷояш бархоста, хост ба довар ба забони англисӣ фаҳмонад, ки ин шоҳид ҳамин хел одати худ ба худ гап задан дорад.

– Ту пайрави кадом дин ҳастӣ?

Шоҳид хиҷил шуда ба худ гуфт: « Акнун, бародарам Абдураҳмон, фаромӯш накун, ту савганд хӯрдаӣ, ки ҳақиқатро баён мекунӣ. Дар ҳақиқат ҳам дини ту кадом аст? Оҳ ин саволи басо мушкил аст! Агар бигӯям, ки мусулмон ҳастам, ҳиндуҳо норозӣ мешаванд. Агар бигӯям, ки пайрави дини ҳинду ҳастам, мусулмонон меранҷанд. Хиҷолат накаш, бародарам Абдураҳмон, барои онҳо шеъри машҳури Сачали муқаддасро бихон:

*«Не ба дини ҳиндувонам,*
*Ай худоё, не мусулмонам,*
*Ҳарчӣ халқам кардаӣ, онам».*

Котиб бо асабоният ба довар рӯ овард. Довар фармуд: – Боке не, нависед, ки ӯ мусулмон аст.

– Чандсола ҳастӣ?

«Бародарам Абдураҳмон, акнун ӯ мехоҳад донад, ки ту чандсола ҳастӣ. Вақте ту мегӯӣ мусулмон нестӣ, довар мефармояд, нави-

санд, ки ту пайрави исломӣ. Ҳеҷ гапе не, агар ҳамин хел бошад, ба котиб бигӯ, ки инро ҳам аз довар пурсон шавад». Ва ӯ ба котиб муроҷиат кард:

– Ҷаноб, шумо инро ҳам метавонед аз ҷаноби довар пурсед!

– Бас аст, – гуфт довар сабру тоқатро аз даст дода ва бо тамасхур илова кард: – Эй, ту ҷати бемаърифат, забонатро нигаҳ дор ва чӣ гунае ки талаб мекунанд, шаҳодат бидеҳ. Эҳтироми судро ба ҷо биёр!

Абдураҳмон табассум карду ғурунгос зад: «Бародарам Абдураҳмон, довар ҷат гуфта, туро дашном дод. Аз ӯ пурс, ки маънои калимаи ҷат чист».

Вале пеш аз он ки Абдураҳмон тавонад барои шунидани сухани одамон бо овози баланд ҳарфе бар забон орад, довар дод зад:

– Бефаҳм, ҷат – ин одами ҷоҳил аст!

«Медонӣ, бародарам Абдураҳмон, ту ҷат ҳастӣ! Ту забонҳои синдҳӣ, форсӣ, ӯрду, санскрит ва ҳиндиро медонӣ. Панҷ забони пурраро. Аз довар бипурс, ки худаш чанд забон медонад». Баъд ба довар рӯ оварда оғоз кард:

– Ҷаноби довар…

Довар сухани ӯро дағалона бурида, дод зад:

– Ҷат ин одаме, ки забони англисиро намедонад!

Дар чеҳраи довар музаффарият ҳувайдо буд. Вале оромиши толор халалдор шуда буду одамон бо ҳамдигар пичирросзанон механдиданд – ин муҳорибаи лафзӣ ҳамаро шод карда буд. Абдураҳмон бо худаш сӯҳбати боварбахш, вале барои аҳли толор шунаворо аз дигар оғоз кард: «Бародарам Абдураҳмон, ҷаноби довар мегӯяд, ки ҷат одамест ки забони англисиро намедонад. Ту ба суханони ин писари Топанлал, бале ҳамон Топанлали чорвопарвар гӯш андохтӣ. Аз довар савол кун, ки агар падар ва ҳамаи аҷдодони ӯ, ки ҷат бošанд, магар худи ӯ…»

Ин лаҳза довар тамоман ба хашм омад. Ба ӯ бо мушкилӣ муяссар гардид, ки оромиро дар толор барқарор намояд:

– Тартиброриоя кунед, тартиброриоя кунед!

Ӯ коғазу қалам гирифта, талаб кард:

– Суханони густохонаи худро хотима деҳ! Ва фавран шарҳ деҳ: барои чӣ ба суд беэҳтиромӣ зоҳир мекунӣ?! Дигар ҳарфе ба забон наор, барои сафед кардани худ чизе, ки метавонӣ, дар коғаз навишта, пешниҳод кун.

Абдураҳмон коғазу қаламро гирифта, ба рӯи миз хам шуд ва чунин навишт:

«Ҷаноби гиромиқадр, довари мӯҳтарам!

Бародарам Абдураҳмон ба ҳайати суд кадом беэҳтиромие зоҳир накардааст. Агар касе ба ҳайати суд беэҳтиромӣ зоҳир карда бошад, пас он шахс худи шумо ҳастед. Имрӯз шумо бархе аз шоҳидонро таҳқир кардед. Вале таҳқирҳои шумо ҳатто гӯшаи рӯйҷои бародарам Абдураҳмонро ҳам доғдор карда наметавонад. Шояд шумо гумон мекунед, ки ҳукмфармои халқ ҳастед? Не, шумо хидматгори халқ ҳастед. Мо – шоҳидон, ба суд бо хоҳиши худ ҳозир нашудаем. Балки шумо моро даъват кардаед, то барои баровардани ҳукми одилона ба шумо кӯмак намоем. Пас, дар ин ҳолат, рафтори шумо дар назди ҳозирон ба қоидаҳои назокат ҷавобгӯ буда метавонад? Вақте ки шумо пайваста шоҳидонро таҳқир мекунед, дигар кӣ мехоҳад, ки дар мурофиаи шумо шаҳодат диҳад? Бояд шумо шарҳ диҳед, ки чаро ба истеъфо намеравед, бемаърифатона ҳарф мезанед ва обрӯи он Ҳукумати олиро, ки барои содиқ будан ба ӯ савганд ёд кардаед, мерезонед.

Ва бародарам Абдураҳмон ба савганди ёдкардааш содиқ буда, қасам мехӯрад, ки ҳарфи ҳақ, фақат ҳақро гуфтааст ва ба ғайр аз сухани ҳақ дигар чизе ба забон наовардааст. Ва Аллоҳ таъоло, довари кулли инсонҳо, шоҳиди ӯст!

Дар таърихи ҳамин рӯз навишта шуд.

Бародарам Абдураҳмон».

* * *

***МАНИК БОНДОПАДДХАЙ*** *(1908 – 1956) – яке аз нависандаҳои машҳури банголӣ, устоди асарҳои психологӣ ва ҳикоя. Як силсила романҳо ва маҷмӯаҳои ҳикояҳо ба қалами ӯ таалluқ доранд. Яке аз романҳои ӯ бо номи «Қаиқрон аз дарёи Падма» ба забони русӣ тарҷума шудааст.*

## ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

Вақте ки Рамапод дар остонаи кулбаи нимвайронаи худ нишаста, ба хӯрдани моҳӣ бо биринҷ омодагӣ медид, офтоб хеле баланд аз Мансукия шуда буд. Кулба аз гил сохта шуда буду болояшро бо хасбедаи пӯсида пӯшонида буданд. Пешайвон ва деворҳои он ҳанӯз як навъ базӯр истода буданд, ҳарчанд Рамапод ду моҳ боз ба дуруст кардани онҳо даст назада буд. Ҳамааш барбод мерафт, ҳамааш, ҳама чизе ки мавҷуд буд: сутунҳо, бурёҳо, кӯза ва хурмаҳо дар пеши чашмаш хароб мешуд! Пешайвоне, ки

як сутун надошт, ба як тараф каҷу овезон шуда буд. Ба хона танҳо якпаҳлӯ ва хам шуда даромадан мумкин буд. Торик аст? Ҳа, бало ба пасаш!

Ва инак, Рамапод бори дигар сараш ба шифти пешайвон бархӯрда, варам карда, дар остона нишаста омодаи хӯрок хӯрдан буд, ки баногоҳ дид: Каме дуртар қаиқе ба соҳил лангар партофту аз он се зан ва як ҷавон берун шуданд. Яке аз занҳо – Мукта – зани Рамапод буд. Ӯ мувофиқи таомул сарашро пӯшонда буд. Вале ҳатто фарқи сари зани дуввум, ки Сурома буд, намоён буд. Аз қадаммонӣ ва тарзи пӯшидани сариаш аён буд, ки Мукта зани деҳотӣ асту ду нафари дигар – занони шаҳрӣ. Аз онҳое, ки дар хона наменишинанд. Чӣ кор мекунанд, бо чӣ машғуланд – дар ин бора ҳар кас, ҳар хел мегӯяд.

Сарии ба тан кардаи Мукта қиматбаҳо, нозук ва нисбат ба либоси он ду зани дигар хеле беҳтар буд. Агар ӯ сарии чиркину ғафс медошт, ҳангоми ба деҳа баргаштан онро мепӯшид. Дили ӯ сахт ба таппидан даромад, ҳалқаш хушк шуд, пойҳояш ба ӯ итоат намекарданд. Шояд ӯ барои он сарашро пӯшондааст, ки одамон дар бандар ӯро нашиносанд. Шинохтани ӯ дар ҳақиқат ҳам мушкил аст. Ҳарчанд шояд дар деҳа, кайҳо овоза паҳн шуд, ки Мукта баргаштааст, занҳои шаҳрӣ ӯро овардаанд, то ба шавҳараш бозгардонанд.

Дӯкони тамокуфурӯшии Гогон дар зери пешайвони чорсутунаи алафпӯш ҷой дорад. Ҳоло онро саропо сояи дарахти лаби ҷӯи назди роҳ фаро гирифтааст. Ин дарахти азимест ва одатан Гогон барои ба пушти пештахта гузаштан аз сӯрохии танги назди кундаи он базӯр мегузарад. Ин ҷо чанд нафар аз гармӣ паноҳ ҷуста, дар сояи он ғанабида буданд. Акнун онҳо якбора ба ҳаракат даромаданд. Судаши куҳансол, ки ҷоғи ба пеш барҷастаи вазнин дошт, нахустин шуда хомӯширо халалдор кард: «Магар ин зани Рам аст, ки баргаштааст?»

– Шояд, – гуфт Никунҷо ва дар айни замон меандешид, ки ба шарофати ин рӯйдод сигорашро то охир кашад ё не. Имрӯз ӯ ба як пайса чаҳор дона харида буду акнун як сигори нима ва боз ду дона сигори даст накофта боқӣ монда буд. Ин лаҳза ба доираи ҳамсӯҳбатон Гокул омада ҳамроҳ шуд: барои беҳтар дидани Мукта ӯ танбалӣ накарда, аз анбори Гҳоношем ба ин тарафи кӯча гузашта буд. Года, ки занаш ба қарибӣ мурда буд, таҳқиромез рӯяшро каҷу килеб карда гуфт:

– Наход Рам ӯро қабул кунад?

– Қабул накунад, накунад. Ин кори ӯст, – бепарвоёна ҷавоб гар-

донд Гокул. Аз симояш маълум буд, ки ӯ сер аст: гумон меравад, ки ҳангоми кашидани бор дар анбори Гҳоношем шикамашро пур карда буд.

– Қабул кардани ӯ раво нест–ку, – нобоварона гуфт Судаш.

– Гапи беҳуда назан, бача! – гуфт Гокул ва маълум набуд, ки ӯ Муктаро ҳимоя мекунад, ё чунин мешуморад, ки қабул кардани ӯ тамоман мумкин нест. Зимнан, ин бештар ба он шабоҳат дошт, ки ӯ зидди қабул кардани Мукта аст, яъне ҳар чизе ки аз даст рафт, рафт. Ҳарчанд ӯ инро бо оҳанги шӯхиомез гуфт, касе ҳатто табассум накард. Муктаи собиқ пӯсту устухон буд. Устухоне, буд ки ба сарии равғанини дарида печида аст. Вале ҳоло ҳама, аз он ҷумла Судаш ҳам медиданд, ки ӯ чӣ гуна либос пӯшидаасту то андозае фарбеҳ шудааст.

Роҳе, ки бояд Мукта тай кунад, аз назди хонаҳо, чакалакзори дарахтони манго ва вайронаҳо тӯл мекашад. Атроф ором аст. Мукта роҳеро медонад, ки рост ба хонааш мебарад. Ӯ бо ин пайроҳа, ки баъзан дар байни рустаниҳо тамоман пайгум мешавад, ҳар қадар, ки имкон дорад, хонаҳоро давр зада, ҳамроҳонашро пеш мебарад. Охир, на ҳамаи деҳа ба ҷангал табдил ёфтааст ва одамон дар он ҳанӯз зиндагӣ мекунанд, ҳарчанд хонаҳои бисёр, оҳ чӣ қадар бисёр, холӣ мондаанд! Аксарият бо нигоҳи бетафовут; дигарон, яъне онҳое, ки аз афташ, ба гӯшашон кадом овозаҳое расидаанд, – ӯро бо хандаи таҳқиромез гусел мекунанд. Духтаракону писаракон аз пушти деворҳо нигоҳ карда, бо садои шунаво, гӯшакӣ мекунанд. Чунин одамоне ҳам ҳастанд, ки ба ӯ наздик омада, дар рӯяш суханони сахти мисли торсакӣ дарднок мегӯянд. Фақат баъзе аз занҳо ба ӯ дилсӯзона нигариста, андеша мекунанд, ки ин бечора баъди марги фарзандаш чӣ қадар ғаму ғуссаро таҳаммул карда бошад. Ана, зани Модҳуи оҳангар бо ҷисми омосидаи бемораш пеш омада, роҳи Муктаро гирифт. Аз худи Модҳу зиёда аз як сол мешавад, ки на пай ҳасту на ҳайдар ва инак, ҳоло духтараш Гири ҳам ба тарафи номаълуме ғайб задааст.

– Ту барои чӣ баргаштӣ, палид?! – дод зад зан. – Ту чӣ сон метавонӣ, ба чашми аҳли деҳа намоӣ? Эҳ, ту лаънатӣ! Ҳозир ман туро бо ҷорӯб хоҳам рӯфт. Гум шав, нест шав аз ин ҷо.

Суханони нафратбор бошитоб аз лабони ӯ мисли шарораҳо аз гулхани даргирифтаистода парвоз мекунанд. Сурома мехоҳад занро ором кунад, вале кӯшишаш барабас буд. Чунин менамуд, ки баъди лаҳзае, модари Гири Муктаро бо дастони худаш пора–пора хоҳад кард. Мукта мисли он ки ба ҳайкал мубаддал гашта бошад, беҳаракат меистоду хомӯш буд. Вале чашмонашро поин наафканда

буду рост ба рӯи модари Гири менигарист.

Дар атрофи онҳо мардум ҷамъ мешуд. Яке аз онҳо, ки ба ҷои либосу салла ба сару миёнаш латтакӯҳна печонда буд, бо садои баланд механдиду дигаре ба намоиши бепул таҳсин хонда, ба шикамаш тап–тап мезад.

Ин замон садои Годадҳор аз болои дарахт, ки барои кандани барг барои тамокупечонӣ баромада буд, ба гӯш расид:

– Э-ҳэй, модари Гири! Туро духтарат садо мекунад!

Ва вақте ки зан рӯяшро ба тарафи ӯ гардонд, такрор кард:

– Ӯ кайҳо боз туро садо мекунад, магар намешунавӣ?

Модари Гири карахт шуд, баъд ӯ мисли одаме, ки хоби бад дида бедор шуда бошад, ба атроф парешонҳолона назар карду пурсид:

– Мегӯӣ, Гири садо мекунад? Меоям, духтаракам, ҳозир меоям.

Ӯ мисли он ки одамони гирдомадаро акнун дида бошад, гӯшаи сарии даридаашро ба сараш партофта, ба тарафи хонааш шитофт.

Дар ин байн Рамапод ба зери дарахти пири нон омада буду рост истода тамоку мекашид. Тамоку кам ва тунд ҳам набуд, аз афташ ба он ҳар гуна алафҳо ҳамроҳ карда буданд, рӯз то рӯз пайдо кардани тамокуи хуб мушкилтар мешавад. Бо дидани занҳо ӯ саросема нашуда, хуккаро ба дарахт такя доду аз ҷояш бархост. Эҳ, акнун тамокуи қиматбаҳои ӯ беҳуда сӯхта нобуд мешавад!

– Марҳамат, шинед, – бошиддат бо садои бегонавор мегӯяд ӯ ва ба омадагон нигоҳ накарда, бо ҳаракати номутаносиб ишораи нишастан мекунад. Чашмони ӯ танҳо Муктаро мебинанду халос. Ӯ каме қафотар истода буд.

– Ана, азизам, зани туро бармегардонем. Гуфтугӯи тӯлонӣ чӣ лозим? Ӯ ҳоло сиҳату саломат аст, ҳам рӯҳан ва ҳам ҷисман. Ҳар чӣ буд – гузашт. Кӯшиш кунед, ҳамаи бадиҳоро фаромӯш кунеду аз нав чун як оилаи солим зиндагӣ кунед. Мо боз як–ду рӯз ин ҷо мемонему баъд бармегардем.

– Баргардондан бошад –ку баргардондед, ин маълум аст, – бо оҳанги дилгиркунанда гуфт Рамапод. Ӯ якзайл ба мӯяш даст бурда, чашмонашро нимпӯш мекард, гӯё ҳамин ҳоло касе ӯро мезада бошад. Маълум буд, ки эҳтироми ӯ, садои оромонаи ӯ зоҳирӣ нест: аён буд, ки аъсоби ин одам воқеан ҳам зери шиддат аст.

– Шумо розӣ шуда будед, ки ӯро омада мебаред, Рамапод. Барои чӣ наомадед?

– Ин ҷо як мушкилие пайдо шуд, дидимони.

Ҷамоа ба ӯ фармуда буд: занатро пас гардонда намеорӣ. Маълум аст, ки ҷамоа – ин ҳамаи деҳа набуда, балки чанд нафар

одами аз дигарон сарватмандтар аст, мисли Гҳоношем Даш, Канаи Бишшаш, Нидҳу Нонди ва Лочон Кумар, боз Бидҳу Гҳош бо Модҳу Нонди. Аз байни онҳо Гҳоношем Даш барои ҳама, ҳам барои деҳқонон, ҳам барои ширфурӯшон, ҳам барои ҷувозкашону оҳангарон ва кулолон чун пешво шинохта шуда буд. Ӯ дирӯз Рамаподро ба наздаш хонда, таҳдидомез овардани занашро ба ӯ манъ карда буд. Дигарон ҳам он ҷо ҳузур доштанд. Ва акнун Рамапод аз ин нороҳат шудааст. Дилаш каме хавф мебарад. Камакак!

Дар ин фурсат занҳои шаҳрие, ки ҳамроҳи Мукта омада буданд, ба зери дарахт бурё партофта нишастанду ӯро ҳам ба нишастан даъват карданд. Муктаи ӯ ҳам дар пушти Сурома ба рӯи замин нишаст. Гӯшаи чодари ӯ кӯтоҳӣ мекарду ҳамаи рӯяшро намепӯшонд. Аз зери он Мукта мижа назада, ба Рамапод менигарист. Ин гуна нигоҳи ӯро Рамапод то ҳанӯз надида буд. Бале, акнун ҳал кардани ин кор, чандон осон набуд. Агар ин Гҳоношем бо думбардоронаш ба корҳои оилавии ӯ дахолат намекарданд, ҳеҷ боке набуд. Шояд чанд рӯз дар деҳа ғайбати ӯро мекарданд ва шояд ягон нафаре аз онҳо ин кори Рамаподро намеписандид ва ҳамааш бо ҳамин хотима меёфт: касе ба ин диққати махсус намедод. Ва баъди ҳамаи он воқеаҳое, ки дар атроф рӯй дод – ин ягон кори ҳайратоваре ҳам набуд. Чӣ қадар одамон аз гуруснагӣ мурданд, чӣ қадар оилаҳо вайрон шуданд, чӣ қадар одамон гуму гумном шуданд. Аз баъзе оилаҳои калон, ки ин бесарусомониҳо маҷбурашон карда буд аз ин ҷо раванд, акнун баъзан дунафарӣ, якнафарӣ бармегаштанд. Ва вақте ки дар тамоми минтақа даҳҳо нафар занонро ё фурӯхта, ё ба тарафи номаълум бурда буданд, ба ёди кӣ ҳам мерасид, ки зани кӣ гум шудааст? Вақте ки қиёмат фаро мерасад, ба ёди касе намерасад, ки аз зери нохуни касе чирк кобад. Ин рост аст, ки мисли Гҳоношем баринҳо, агар аҳли деҳаро ба муқобили ӯ барангезанд, кораш бад мешавад.

– Ту барои занат биринҷ мондаӣ, Рамапод? – пурсид Сурома.

– Шумо ҳам бо ӯ мехӯред?

– Не, мо алоҳида мешинем. Беҳтараш ту барои занат хӯрок биёр. Барои чӣ пешайвонатро таъмир намекунӣ?

– Акнун албатта таъмир хоҳам кард.

Сурома Муктаро ба тарафи даромадгоҳи хона тела дод. Ӯ дарк мекунад, ки ба ин ду нафар имкон фароҳам овардан даркор аст, ки танҳо ба танҳо гуфтугӯ кунанд. Дар бораи ҷои хоб ва хӯрду хӯроки худ онҳо пешакӣ бо яке аз пешсафони деҳа – Шонкор сари як қарор омада буданд. Ӯ бояд кайҳо ба ин ҷо меомад. Вазъи деҳаро ӯ

хуб медонист, метавонист маслиҳати бачо диҳад.

Бурёе, ки дари даромадгоҳро мепӯшид, ҳоло боло бардошта шуда буд ва даруни хона равшан буд.

– Хӯрок хӯрдан мехоҳӣ? – мепурсад Рамапод.

– Ту барои ман хӯрок тайёр кардаӣ?

– Ин ҷо каме моҳӣ ва биринҷ аст, фақат намак нест. Мехӯрӣ?

Гӯё ҳамаи ин ёздаҳ моҳи ҷудоӣ, гуруснагӣ ва бадбахтӣ тамоман вуҷуд надоштанд. Ҳар ду фақат он номутаносибиеро, ки ду нафар одами наздик одат накардаанд азиятҳои рӯҳии аз сар гузарондаашонро ба ҳамдигар бигӯянд, эҳсос мекарданду халос. Вале хомӯшӣ барои ҳарду гаронӣ мекард. Ҳангоми дар бораи гузашта фикр кардан, дар сари Мукта фақат ин андеша буд: охир вақте ки Рамапод аз деҳа баромада рафт, писараки ҳафтмоҳаи онҳо ҳанӯз зинда буд ва ӯ ба гуфтор оғоз кард:

– Писарак ба бемории шикам гирифтор шуда, аз ин дард фавтид. Шири ман як қатра намонда хушк шуд. Ман барои ӯ биринҷро орд карда меҷӯшонидам, вале биринҷ ҳам тамом шуд, дигар чӣ кор карданамро надонистам. Аз сабзавоте, ки барои худ мепухтам, ба ӯ ҳам додам, барои ҳамин ӯ мурд.

Мукта фикр мекард, ки ҳамаашро оромона нақл хоҳад кард, вале ин ба ӯ муяссар нашуд. Пештар, вақте ки аз гуруснагӣ нимҷон буд – метавонист. Вале акнун, ки қувват гирифта буд, қобилияти эҳсос кардани даҳшати ин воқеаҳои рӯйдода дар вуҷуди ӯ аз дигар пайдо шуда буд.

– Тайи ду рӯзи охирин ӯ бисёр азоб кашид, мисли камон дуқад шуда буд. – Мукта худашро нигоҳ дошта натавониста, гирист.

– Ва касе кӯмак накард?

– Ҷаноби Гхоношем ваъда кард, ки шир медиҳад ва маро ҳам мепӯшонаду мехӯронад, агар… Агар медонистам, ки кор ин гуна сурат мегирад, розӣ мешудам… Он вақт кӯдакамро наҷот дода метавонистам. Ҳоло ман худам ҳам дар ҳисоби мурдаҳо ҳастаму кӯдакамро ҳам эҳтиёт карда натавонистам. – Мукта ашкашро пок карда, бо тамоми қувват мекӯшад худро ором нишон диҳад.

– Баъд писарам мурд, аз ту ягон хабаре набуд, Гхоношем ҳар рӯз ба назди ман модари Нери – ин зани далларо мефиристод. Баъд дигар тамоман чизи хӯрданӣ намонд. Боре шабона ду нафар омаданд: газидам, харошидам: баъд ба ҷангал гурехта аз онҳо наҷот ёфтам. Охир косаи сабрам лабрез шуду ба шаҳр рафтам.

– Аз ин хулосае бармеояд, ки ҷаноби Гхоношем барои мо бисёр кӯшидааст, – қаҳру ғазабашро фурӯ бурда гуфт Рамапод, – боке не,

бирав, аз роҳ омадаӣ, дасту рӯятро бишӯй.

Вақте ки аз берун овози омиронаи Гҳоношем баланд садо дод, Мукта ба хӯрок хӯрдан шурӯъ карда буд:

– Эй, Рамапод!

– Ту хӯрдан гир, – ҳангоми аз хона баромадан фурсат ёфта, ба занаш гуфт Рамапод. Гҳоношем мисли намояндаи суд бо виқору дабдаба дар иҳотаи дӯстонаш истода буд. Ин ҷо Шонкор, ки барои бурдани меҳмонон омада буд, низ ҳузур дошт.

– Занат ба хонаат омадааст?

– Бале, ҷаноб.

– Ва ту ӯро ба хонаат роҳ додаӣ? Худи ҳозир ӯро аз хонаат бирон. Касе, ки ӯро ба ин ҷо овардааст, бигзор ӯро бо худ гардонда барад.

– Ӯ хӯрок мехӯрад.

Бо Мукта ин гуна рафтор кардани Рамапод ба Гҳоношем хуш наомад, тамоман хуш наомад.

– Мехоҳӣ ӯ дар ин ҷо монад?

– Ӯ зани қонунии ман аст. Барои чӣ ӯро аз хона ронам? – сарашро якравона хам карда, ҷавоб дод Рамапод.

Аз ҳамон рӯз инҷониб дар деҳаи Мансукия овозаҳои бардурӯғ доман паҳн карданд. Гҳоношем бо косалесони худ барои ин аз дилу ҷон моя мегузоштанд. Агар онҳо намебуданд, ҳамаи ин овозаҳоро кайҳо гарди фаромӯшӣ мепӯшид. Воқеан ҳам, Гҳоношем ба ғайри он, ки аз номи ҷамоа муҷозо таъйин кунад, дигар чӣ ҳам карда метавонист? Агар заминдор дар ин ҷо мебуд, аз рӯи адолат қазоват мекард. Аз ҷамоа ронда шудан ҳам бадбахтии бузургест. Агар ба ҳама фармоянд, ки аз Рамапод рӯй гардонанду бо ӯ гап назананд, барои ӯ сахт мушкил хоҳад шуд. Ҳама медонад, ки берун аз ҷамоа, ба танҳоӣ наметавон зист. Метавонанд таҳқират кунанд, ҳама чизатро дузданд, хонаатро оташ зананд – ҳама чизро аз онҳо чашм доштан мумкин аст. Маълум аст, ки на ҳама ба Гҳоношем итоат мекунанд ва барои ин масъул ҳам нестанд.Вале ҳатто гурӯҳи хурди одамон ҳам – онҳое, ки ҳар дафъа тайёранд аз лагадмол шудани шахси бепушту паноҳе шодӣ кунанд, басанда аст. Дуруст аст, ки фурсат барои ин кор начандон мувофиқ аст: ҳама баробар гуруснагӣ кашиданд, фақир шуданд, кадом тағйироте дар онҳо ба амал омадааст.

Эътиқоди пештара ҳам боқӣ намондааст, хеле заиф шудаанду қувваташон ба чизе намерасад. Касе намедонад чӣ гуна рӯзи худро гузаронад ва фардо ӯро чӣ дар пеш аст. Дар ин ҳолат касе на вақт

дораду на хоҳиши интиқомгирии шахсиро. Воқеаи рӯйдода далели равшани ин аст. Одамон хоҳиши сӯҳбат кардан дар бораи кори Рамаподро надоранд, балки мехоҳанд дар бораи биринҷ, намак, ҳамчунин дар бораи он ки аз куҷо либос ба даст оранд ва боз дар бораи ҷанг гуфтугӯ кардан мехоҳанд. Ҳама фақат як чиз мехоҳанд: зиндагиашон каме беҳтар шавад, корҳои хоҷагиашонро боз ба роҳ монанд. Агар касе ба онҳо, ана, дар ин бора умедворӣ медод, гапи дигар буд! Фурсати дар бораи Рамапод андешидан нест. Баъзеҳо рӯирост мегуфтанд: «Биёед, аз баҳри ин кор гузаред, ӯро ба ҳоли худаш монед! Бубинед, дар атроф чӣ ҳодисаҳое рӯй намедиҳанд».

Онҳое бештар ин суханонро мегуфтанд, ки худашон ҳангоми харобиҳо ягон хешу таборашонро гум карда буданд: бисёриҳо аз гуруснагӣ фавтида буданд; аксарият ба ҷустуҷӯи хӯрду хӯрок рафта, дигар ба деҳаи худ барнагаштанд; баъзеҳо ба хонаҳои холӣ, ба назди оташдони сардшудаи хонаашон баргашта буданд. Қариб ягон оилае намонда буд, ки ғаму ғусса онро дахл накарда гузашта бошад. Вале Гҳоношем дар гуфтаи худ исрор меварзид. Ҳатто Гокул – яке аз дӯстони ӯ тоқаташ тоқ шуда гуфт:

– Мабодо зиёдаравӣ накунӣ, Гҳоношем.

– Чӣ?!

– Пештар, вақте ки шумо бо нияти нек, агар дили касеро озурда ҳам мекардед, ба шумо муяссар мешуд, ки муваффақ шавед, вале ҳоло номаълум аст, ки оқибати ин чӣ мешавад. Ҳоло шумо ҷамъомад даъват кардаед. Мабодо дар ин ҷамъомад ҳар кас ҳар гап гӯяд–чӣ? Агар аз Дурга ёд кунанд–чӣ? Ё дар бораи ягон каси дигар гӯянд–чӣ?

– Бас кун, мутаҳҳам! – сухани ӯро бурид Гҳоношем, вале ҳамзамон дасташ беором дар рӯи синаи пур аз мӯяш ба ҳаракат даромад. Густохии

Рамапод ӯро ба ғазаб оварда буд. Пешайвонашро таъмир кардаасту мегӯянд, ки панҷараи нав бардоштааст. Ҳаёти оилавиашро ба роҳ мондааст! Гуфтааст, ки агар ӯро дар ин ҷо ба танг биёранд, занашро мегираду баромада меравад. Дар собиқ, Гҳоношем одамони аз ин нерӯмандтарро ҳам шикаст дода буд. Ин– ку як одами фақирест! Не, ӯ аз ман муфт халос нахоҳад хӯрд.

Гҳоношем дар арафаи ҷамъомад барвақттар бархоста, қарор дод, ки аз пайи корҳояш раваду бегоҳӣ ба пеши Гири нарафта, рост ба деҳа баргардад. Вале ҳамин хел шуд, ки ӯ корҳояшро, ҳарчанд қонеъ нашуда бошад ҳам, то соати ду анҷом дод: на ҳамаи кораш тибқи хоҳиши ӯ сомон ёфт. Он вақт ӯ ба қароре омад, ки агар каме

нӯшаду шабро бо Гири саҳар кунад, бад нест. Ҷамъомад бояд бегоҳӣ баргузор мегардид ва агар аз назди ӯ пагоҳӣ берун шавад, сари вақт хоҳад расид. Ӯ ба Гокул фармуд, ки шароби аз ҳама арзон гирифта биёрад ва ба назди Гири равон шуд. Дар остонаи хона чашмони ӯ аз ҳайрат аз косахонаашон баромаданду карахт шуда монд. Панҷаҳояш аз дигар дар рӯи синаи сермӯяш ба ҳаракат даромаданд. Дар рӯи бурё, дар паҳлӯи Гири ӯ чаҳор зани дигарро нишаста дид. Ду нафари онҳоро ӯ шинохт: заноне, ки Муктаро аз шаҳр оарда буданд. Ба ӯ муяссар нашуд, ки номаълум баромада равад.

– Эй, гӯш кун, – фарёд зад Гири ва аз ҷояш барҷаста, аз гӯшаи шоли ӯ гирифт, – нагурез, ман бо ту гуфтугузори муҳим дорам.

– Инҳо кӣ ҳастанд?

– Кори ту чӣ ба инҳо? – оташинона дод зад Гири. Акнун Гири аз гиребони куртаи ӯ гирифта буд. Саропои ӯ, мисли он ки вараҷа дошта бошад, меларзид.

– Маълум мешавад, ки модари ман сиҳату саломат, вақташ хуш аст–ҳа?!

– Магар не?

– Ҳамин хел–а?! Пас кӣ ақлашро гум кардааст, ман магар? Магар ман ҳеҷ касро намешиносам–а? Аз афташ, воқеан ҳам ман ақламро гум кардаам, оҳ сари мани бечора чарх мезанад! Эҳ ту палид, фиребгар, роҳзан!

– Ором шав, Гирибала, – яке аз занон кӯшиш кард ӯро боздорад.

– Кӣ ба падари ман пул дода, ӯро ба Бирбҳум, ҷониби марги яқин фиристод – наход ман? – акнун оромтар пурсид Гири.

– Инро ба ту онҳо гуфтанд?

– Гуфта бошанд–чӣ, магар ҳамин хел набуд? – Гири боз ба фарёд задан шурӯъ карду баъд ҳунгос зада гиря кард. – Оҳ, падарҷон, падарҷон! Аз барои ман шуда туро куштанд. Барои чӣ вақте ки ту нестӣ, духтари бероҳгарди ту дар ин олам зиндагӣ мекунад!

– Ту аз куҷо медонӣ, ки ӯ мурдааст, Гирибала? – аз нав бо садои паст гуфт яке аз занон. – Касе дар ин бора чизе намедонад. Шояд ӯ зинда бошад.

– Даҳ моҳ мешавад, ки аз ӯ хату хабаре нест, – шикоятомез гуфт Гири.

Аз дару тирезаҳои хона ҳамсояҳо сар халондан гирифтанд, гӯё кадом коре дошта бошанд, дар назди хона ин тарафу он тараф равуо мекарданд. Оташдон сард буд, аз ҷӯи обпарто бӯи бад меомад. Ниҳоят, Сурома ва ҳамроҳонаш бархостанд. Сурома ҳангоми раф-

тан ба қафояш нигоҳ накарда гуфт:

– Фардо субҳ омода бош, Гирибала, мо барои ҳамроҳ бурдани ту меоем.

– Онҳо барои чӣ меоянд?

– Маро ба назди модарам мебаранд, ана барои чӣ. Биё, бишин.

Гҳоношем худашро тамоман гум кард, андеша мекард чӣ илоҷ кунад, ки аз ин ҷо раҳоӣ ёбад, аз тарс дар арақ ғӯтида буд. Ӯ ошуфтаҳолона нишасту саросемавор сигор кашид ва сулфакунон сулҳҷӯёна гуфт:

– Охир ту барои чӣ ба деҳа бармегардӣ, Гири? Он ҷо чӣ мекунӣ? Беҳтараш ман…

– Беҳтараш хомӯш бош. Ман бояд модарамро нигоҳубин кунам. Пули харҷашро ту хоҳӣ дод. Чӣ қадаре ки лозим бошад, медиҳӣ. Набошад, ҳолат бад хоҳад шуд!

Гири аз дасти Гҳоношем қуттии сигорро рабуда, ноӯҳдабароёна кашидан гирифт. Баъд дар паҳлӯи ӯ нишаста, пойҳояшро дароз карду ба оринҷаш такя зада, сарашро қафо партофт. Дар тӯли ин моҳҳое, ки гузаштанд, аз Гирии меҳрубону ором дигар осоре намонда буд; чеҳраи поку беғубори ӯ дағал шуда буд, вале ӯ ҳанӯз дилкашу зебо буд. Оҳ, Гҳоношем барои ба даст овардани ӯ чӣ заҳматҳое ки ба харҷ надода буд! Ва баъдҳо ҳам ҳар қадар кӯшиш кард, ки ӯро тарк кунад, натавонист. Агар ӯ аз каястҳо намебуд, ҳаргиз бо ӯ машғули дилхушӣ намешуду кайҳо издивоҷ мекард. Ана, чанде пеш ба қароре омад, ки ӯро тарк мегӯяд ва ин корро карданаш ҳатмӣ буд. Он вақт ӯ ба ин ҳолати ногувор намеафтид ва дар назди занони шаҳрӣ аҳмақ намешуд. Дар назди ғайбатгӯёни деҳа ҳам.

– Ба тамоку чӣ қадар пул масраф мешавад, – лабонашро каҷ карда, гуфт Гирибала. Баъд қоматашро рост карда пурсид:

– Ту чаро ба Рамапод ин қадар часпидаӣ? Мехоҳӣ ӯро аз деҳа ронӣ? Бин, чӣ одами парҳезгоре будаӣ ту! Шояд ҳамааш барои он бошад, ки роҳи бозгашти маро пешакӣ таъйин кунӣ! Шояд фикр мекунӣ, агар ба ӯ иҷоза надиҳӣ, ки занашро қабул кунад, маро ҳам қабул нахоҳанд кард? Аз ҷамоа хоҳанд ронд?

Ин лаҳза Гокул шишаи шароб дар даст пайдо шуд ва Гири дигар қудрати аз он чашм кандан надошт. Ӯ лабонашро лесид, чеҳрааш фавран дигаргун шуд: акнун он ба ғайр аз бетоқатии ғамангези ҳарисона дигар чизеро ифода намекард.

– Ин барои мо аст?

Гокул ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд ва Гири аз ҷаҳлаш фуро-

мада, бошитоб гуфт:

– Боке нест, акнун, ки овардаӣ, биёед бори охирин менӯшем. Вале фардо ба ҳамааш хотима медиҳем!

Гҳоношем баъд аз саросема чанд қулт шаробро фурӯ бурдан ба худ омад. «Аҷиб, – фикр кард ӯ, – Гирии собиқ куҷо шуд, аз он духтараки нозуки шармгин ҳатто осоре боқӣ намондааст. Ин духтараки дар рӯ ба рӯ нишастаро на бо чизе тарсонда метавонӣ, на бо хушомад ӯро моил мекунӣ…». Ба зудӣ Гокул ба Гҳоношем ваъдаи субҳи барвақт омаданро дода, баромада рафт.

Вақте ки Гири бо забони гирифта ба сухан даромад, пасе аз шаб гузашта буд:

– Чӣ кор кунам, а? Фардо хоҳу нохоҳ ба деҳа хоҳам рафт. Модарамро хабар мегирам. Абрӯятро чин накун, баъд ман бармегардам. Ҳамин ки модарамро хабар гирифтам, ба зудӣ бармегардам.Вале ту ба ман гоҳ–гоҳ иҷоза бидеҳ ба хона равам, хуб?

Шароб дар пиёлаи ӯ лаппиш хӯрду рост ба болои зонуи Гҳоношем рехт. Ӯ дасташро бардошта, бо хандаи мастона пиёларо ба кунҷи хона партофт.

Дар ҷамъомад мардум хеле кам буд: одамон танҳо аз деҳоти наздиктарин гирд омада буданд. Ва миқдори аҳолии деҳот ҳам кам шуда буд. Аксари мардуме, ки мехостанд ба ҷамъомад биёянд, мубталои бемории вараҷа буданд, дигарон кайҳо нисбат ба ҳама чиз бетафовут шуда буданд. Одамон, ки лоғару заиф шуда буданд, базӯр ҳаракат мекарданд, чашмони онҳо бетафовуту камнур буд. Овозашон ботамкинона буда, дар ҷамъомад базӯр шунида мешуд, гӯё одамон бо садои баланд гуфтугӯ карданро тамоман аз ёд бурда бошанд. Вақте ки тахминан се сол қабл барои хоҳари Поддолочон ҷамъ омада буданд, дар ин ҷо чӣ ғалоғулае барпо шуда буд. Чашмони ҳама аз шавқи донистани майда–чуйдаи он масъала, рост ё дурӯғ будани гуноҳе, ки бо он зани шавҳардорро айбдор мекарданд, медурахшиданд. Ҷамъомади имрӯза бештар маҷлисеро ба ёд меовард, ки ҳангоми бо дастури нав ташриф овардани амалдори ҳукумат даъват мекунанд. Дар баландӣ одамони мӯътабар ва куҳансолону солорони ҷамоа нишаста буданд. Дар байни онҳо Гҳоношем тирарӯю хомӯш нишаста буд. Ифодаи рӯи ӯ ва хомӯшии анбӯҳи мардум солорони ҷамоаро хавотир карда буд. Дар қатори онҳо аз ҳама охир Шонкор нишаста буд. Омадани ӯ барои ҳама ғайричашмдошт буд, фақат баъзеҳо дарк мекарданд, ки ӯ барои чӣ ба ин ҷо омадааст. Дуртар аз ҳама, дар кунҷи ҳавлӣ, гурӯҳи начандон калони дигаре ҷой гирифта буд. Дар он ҷо Рамапод, дӯстони дерини ӯ Корали ва Буно ва боз

чанд нафар деҳқонон менишастанд. Мукта дар байни занон, дар паҳлӯи Гири нишаста буд. Гири худаш ӯро ба наздаш нишонда буд. Занҳо хеле зиёд, на камтар аз мардон ҷамъ омада буданд. Гҳоношем гоҳ–гоҳ ба Гири чашм медӯхту фавран нигоҳашро ба тарафи дигар мегурезонд. Кор аз оғозаш мувофиқи чашмдошти ӯ пеш намерафт. Вақте ки мувофиқи қарордоди пешакӣ мӯйсафед Теко Нонди аз ҷояш бархосту ба хондани дуо шурӯъ кард, аз миёни анбӯҳи мардум касе фарёд зад:

– Ин ҷо ҷои мурофиаи касе нест! Зани Рамапод ягон гуноҳ надорад!

Ин садои బономали, одами мисли девонаҳо жулидамӯе буд, ки гимнастёркаи ҳарбии остинҳояш дарида ба тан дошт. Ҳама медонистанд, Дотто – сокини яке аз шаҳрҳои наздиктарин, бо суханони росту дурӯғ муваффақ шуда буд, ки хешонаш зани Бономалиро дар набудани шавҳараш ба ӯ фурӯшанд. Аввал ин зан ҳамроҳи ӯ дар шаҳр буд, вале баъд, вақте ки Бономали баргашта омаду аз пайи ҷустуҷӯи занаш шуд, ӯро саросмавор ба кадом як ҷои номаълум фиристоданд. Бономали ҳар қадар кӯшиш кард, дар бораи ӯ маълумоте ба даст орад, муяссараш нашуд. Ӯ ҳоло ҳам гоҳ–гоҳ ба шаҳр рафта ғайб мезанад: ҳанӯз ҳам ҷустуҷӯ мекунад.

– Мо ҳам барои он ҷамъ омадаем, то ба қароре биёем, ки ӯ гунаҳкор аст ё не.

– Ту чиҳо мегӯӣ? – тамасхуромез ҷавоб гардонд Бономали. – Барои чӣ одами бегуноҳро бояд ба мурофиа кашем. Ман мегӯям, ки ин кори нодуруст аст, амакҷон, нодуруст. Магар мумкин аст, одамро барои он, ки муддате аз деҳа баромада рафтааст, ба мурофиа кашем?

– Рост мегӯяд, – касе ӯро дастгирӣ кард. – Гӯё пеш аз ин касе барои пулкоркунӣ ба шаҳр намерафт!

Канайи куҳансол, ки ҳангоми оворагиҳо ду писарашро аз даст додаву ба деҳа фақат бо зану синҳораш баргашта буд, ғур–ғуркунон гуфт:

– Мо се нафар фақат барои он зинда мондем, ки мисли моҳиҳои хурд нонреза ёфта хӯрдем.

Ӯ саропо меларзид, мушакҳои рӯяш кашида шуд, кадом калимаҳои беиртиботро ба забон оварда, дод мезад:

– Зинда баргаштааст, Худо ҳозиру нозир аст, гумон мекардем, ки мурда бошад, вале ӯ баргашта омад, бубинед, Худованд…

Касе намехандид. Аз афташ, аксарият чунин тасаввур мекарданд, ки чӣ гунае ки ба назди онҳо Шонкор омадааст, худи ҳозир

дар назди онҳо худи Парвардигор ҳам зуҳур хоҳад кард. Ҳама сукут карда, гӯё чизеро дар интизоранд. Фақат занон мисли пештара байни худ пичирросзанон чизе мегӯянд. Ниҳоят, садои бечуръатонаи яке аз солорони ҷамоа, Бҳубон баланд шуд: – Агар Мукта дар шаҳр бо виҷдони пок кор мекард…

– Ва кор ҳам мекард, ҳамин хел не? – баланд фарёд зад Гири. – Мо дар хонаи ҳамсояҳо ҳамроҳи ӯ хидматгор будем, аз як дӯкон биринҷ мехаридем. Кӣ метавонад бигӯяд, ки мо ҳалол кор накардаем, пеш барояд!

Ҳама медонанд, ки Гири дурӯғ мегӯяд. Баъзеҳо худашон бо Мукта дар кӯчаҳо дучор омада буданд. Вале ҳама хомӯш буданд. Қисман аз дигаргуние, ки дар Гирии нозуки шармгин ба назар мерасид, ба ҳайрат афтода буданд. Ростӣ, барои чӣ ҳам тааҷҷуб кунанд? Замона дигар…

– Охир ӯро дидаанд! Ана, аз Фони пурсед… – садои бечуръатонаи Теко Нонди баланд шуд.

– Фонии кӯзпушт ҳаросон нидо кард:

– Ман чизе нагуфтаам!

Ниҳоят, Гҳоношем забон ба сухан кушод. Дар рӯи ҳавлӣ оромӣ бошад ҳам, ӯ дасташро боло бардошта, гӯё одамонро ба хомӯшӣ даъват мекард.

– Бародарон, – гуфт ӯ, – чунин замоне фаро расидааст, ки ба чизе сарфаҳм намеравӣ. Ман мехоҳам бигӯям: зани Рамапод баргашта бошад, боке нест. Бигзор русуми тавбаро ба ҷо биёрад, тамом вассалом.

– Барои чӣ тавба кунад? Агар ӯ гуноҳе надошта бошад–чӣ? – хирросзанон гуфт Бономали.

–Шояд ба ман ҳам фармоӣ, ки тавба кунам, а, Гҳоношем? – аз дигар фарёд зад Гири.

Бо ҳамин ҷамъомад хотима ёфт. Зани Канай бо чашмони ашкбор ба назди Мукта, ки чеҳрааш аз тарсу ҳаё хокистарранг шуда буд омада, аз зери манаҳаш бардошту навозишкорона, оҳиста–оҳиста ба рӯяш зад.

Бархе аз занон аз назди Мукта гузашта, ба ӯ таҳқиромез нигоҳ карданд. Шонкор, ки омодаи рафтан буд, ба Бономали рӯ овард:

– Гӯш кун дӯстам, агар ба ман муяссар шавад, ки занатро кофта ёбам, ту ӯро қабул мекунӣ?

– Албатта! – ҷавоб дод ӯ. – Ман дар ҷустуҷӯи ӯ аз по афтодаам.

Шонкор мехост боз чизе гӯяд, вале худдорӣ кард. Ҳозир ба Бономали гуфтани он, ки на ҳар як занро ба зиндагии одатӣ баргардондан муяссар мешавад, маъное надорад. Баъзан кор тавре сурат

мегирад, ки ин беморӣ чуқур реша медавонад ва на ӯ ба оилааш лозим хоҳад шуду на оилааш ба ӯ. Ба ӯ чӣ гуна фаҳмонад, ки он коре, ки одамон бо зани ӯ кардаанд, мисли вабо ва махав марговар аст? Шояд раванди ахлоқан вайроншавиаш кайҳо хотима ёфтааст ва ӯ ҳамчун ҳамсар барои ӯ шояд кайҳо мурда бошаду дигар ягон давое барои дарди ӯ нафъ надошта бошад.– Хуб, кӯшиш мекунам, шояд чизе ҳосил шавад, – Шонкор фақат ҳаминро илова карду мардона дасти Бономалиро сахт фишурд.

Доси борики моҳ кӯчаҳои деҳаро хеле хира равшан мекард. Ана, дарахти азими анҷир. Мегӯянд, дар он шабаҳҳо манзил доранд. Ду–се сол пеш одамон метарсиданд баъди фаро расидани торикӣ аз ин ҷо гузар кунанд. Ҳоло кам касон инро дар ёд доранд. Гири дар зери дарахт истода ба Гҳоношем мегуфт:

– Агар ту розӣ намешудӣ, ки ин ҷанҷолро хобонӣ…

– Ту чӣ, чашм надорӣ, гӯш надорӣ? – сухани ӯро бурид Гҳоношем. – Наход ту чизе нафаҳмида бошӣ? Сухани ман барои онҳо дигар эътиборе надорад. Ман дарк кардам, ки авзои онҳо беҷост ва бо ҳамин худро аз шармандагӣ раҳондам.

Хонаи Гири тамоман наздик аст. Ӯ аз шабаҳҳо кайҳо боз наметарсад, вале ҳангоми аз пул гузаштан, вақте ки чашмаш банохост ба суроби беҳаракат истодае афтид, беихтиёр як қад парид.

– Кист он ҷо?

– Ин ман ҳастам, Гири, – садо дод дар ҷавоб овози шинос.– О–о! Барои чӣ дар ин торикӣ нишастаӣ?

– Ҳа, дидам, ки Гири баргаштааст, хостам фаҳмам, ки ӯ дар деҳа мемонад ё не.

– Баъд чӣ?

– Не, Гири, ту дар ин ҷо нахоҳӣ монд. Шояд, агар мисли Мукта шавҳар медоштӣ ва таваллуд мекардӣ, ин ҷо монда метавонистӣ, вале ҳоло не…

Ҳамин ҳоло ӯ дар ин ҷо истода буду бо ӯ сухан мегуфт – акнун фавран дар торикӣ нопадид шуд. Ва Гири намедонад суханони дағалеро, ки аз пояш гуфт, ӯ шунид ё не. Дар торикии хираи моҳ дидан мумкин буд, ки дар лабони Гири захрхандаи писхандомез пайдо шуд. Баъд гӯё чизе ба сандуқи синааш кӯфту чеҳрааш аз дарди сахт качу килеб шуд.

Модари Гири дар кунҷ, дар болои хасбеда мехобид.

– Модар, модарҷон! – ба болои ӯ хам шуда, оҳиста садо кард Гири. Зан сарашро бо як азоб бардошта, рост ба рӯи духтараш нигоҳ карда пурсид:

– Эй духтар, ту духтари кӣ ҳастӣ? Барои чӣ маро тарсондӣ?

* * *

***ГУЛАБДАС БРОКАР** (соли таваллудаш 1909) – шоир, носир, драматург ва мунаққид, асарҳояшро ба забони гуҷаратӣ эҷод намудааст. Муаллифи чандин китобҳои шеъру ҳикоя, намоишномаҳо, инчунин асарҳо дар соҳаи адабиётшиносӣ.*

## ФОЙТУНЧӢ ҒУЛОМИДДИН

Рӯи калону зебо, ки аз сиҳати хуби ӯ барқ мезад, мӯйлабҳои нӯгашон ба боло тобдодашуда, ки ба ӯ каме ҷиддият мебахшиданд, саллае, ки ба сари ӯ хурдӣ мекард, нимтанаи аз болои пироҳан пӯшида, эзори васеъ, тозиёнаи дароз дар даст, гардани боқувват, овози ғулғуладор – умуман, марди асил. Ҳамин ки ман ба фойтуни ӯ нишастам, фавран дар ин одам як чизи ғайриодии ба ӯ хосро эҳсос кардам, ки ӯро аз дигар фойтунчиҳои мисли ӯ фарқ мекунонд. Ва ман ба зудӣ итминон ҳосил кардам, ки хато накардаам.

– Ту кӣ ҳастӣ: ҳинду ё мусулмон? – ҳамин ки ба роҳ баромадем, пурсидам ман.

– Шумо чӣ фикр мекунед? – табассумкунон ҷавоб дод ӯ.

– Ман аз куҷо донам? Дар ин ҷо – дар Равалпинди бояд мусулмонон бештар бошанд. Ҳамин хел аст?

– Қариб. Мо дар байни ҳинду ва мусулмон тафовут намегузорем. Дар ин ҷо мо ду ҷамоа дорем: сарватмандон ва камбағалон.

– Ту аз кадоми онҳо ҳастӣ?

– Ман? Аз камбағалон. – Ӯ хандиду бебокона ба сағрии боқуввати асп тозиёна зад.

Ман каме сукут карда, баъд боз пурсидам:

– Номат чӣ, ошно?

– Ғуломиддин, – гуфт ӯ табассумкунон. – Ин роҳи оқилонаи фаҳмидани он аст, ки ман пайрави кадом динам.

Ман дар ҷавоб табассум кардаму аз дигар кӯшиш кардам сӯҳбатро идома диҳам:

– Байни шумо зуд–зуд задухӯрд мешавад?

– Баъзан.

– Ту ҳам иштирок мекунӣ?

– Ин ба ман лозим нест.

Мо боз хомӯш мондем. Баъд ӯ пурсид:

– Шумо, сетҳ–соҳиб ба Кашмир равонаед?

– Бале, ба Кашмир.Туягон бор дар он ҷо будаӣ?

– Фақат як бор.

Ҳамаи онҳое, ки дар фойтун менишастанд, ба ӯ нигоҳ карданд.

– Чӣ гуна маҳал аст? Бисёр зебост? – пурсидам ман.

– Напурсед! Дар тамоми олам ин гуна мавзеи зебои дигаре вуҷуд надорад.

Ӯ ба нақл дар бораи Кашмир шурӯъ намуд ва дар пеши чашмам манзараҳои дилангезе ҷилвагар шуданд: боғҳо, дарёҳо, чашмаҳои мусаффои кӯҳӣ, қуллаҳои барфпӯши кӯҳҳо. Ӯ бо овози аз зӯрии ҳаяҷони сурурбахш гирифта нидо кард:

– Оҳ, агар занҳои он ҷоро медидед! Мисли ҳурони биҳиштиянд! – Сукут карду сипас оҳи сарде кашид. – Вале дар он ҷо факр аст, фақирии даҳшатангез!

Ӯ бодиққат ба пеш нигариста, сокит шуд. Баъд нигоҳи ӯ, гӯё дар кадом нуқтае банд монд, ман ҳам ба он тараф нигаристам. Зане дар роҳ қадам мезад. Фақат тахтапушти ӯ дида мешуд, вале ӯ чунон мавзун ҳаракат мекард, ки аз ӯ чашм кандан мушкил буд. Ӯ дар тан поҷомаи шоҳӣ дошту пироҳани ширранги сафед қоматашро печонида буд ва бо гӯшаҳои озоди гарданбанди нозуке, ки сари синаашро мепӯшид, дар тахтапушташ бод бозӣ мекарду ба қадаммонии ӯ чунон нафосате мебахшид, ки ҳатто роҳи рости асфалтпӯши дилгир ҳам, гӯё якбора ба манзараи дилфиреби сурурбахш табдил ёфт.

Баъд аз лаҳзае фойтуни мо ӯро дарёб кард. Ғуломиддин ҷилавро аз дасташ сар дода, таъзимкунон дасташро ба пешонааш бурду бо табассуми пур аз тамаллуқ ва садои пур аз меҳрубонӣ ба ӯ салом дод:

– Салом алайкум!

– Ваалайкум ассалом! – ҷавоби хушоҳанг дод ӯ.

– Мо боз ба пеш ҳаракат кардем. Боз аз нав роҳи рости дилгиркунандаи Равалпинди, ки беохир тӯл кашида буд. Ман он занро ҳамагӣ як лаҳза дида бошам ҳам, вале дар ҳамин як лаҳза, рухсораҳои гулгун, қомати мавзун, тарҳи дилфиреби лабон, чашмони зебои калон–калонаш, ки аз онҳо чашм канда намешуд ва кадом–як мавзунии ҳайратовар дар тамоми симои ӯ, дар дили ман як хотираи фаромӯшношуданӣ боқӣ гузошта буд.

Аз афташ, ин фойтунчӣ одами хаёлпараст аст, андешидам ман. Ман мушоҳида кардам, ки ӯ дуздида–дуздида ба қафо менигарад.

Маълум буд, ки бошиддат дар бораи чизе фикр мекунаду ба як қарор омада наметавонад. Баногоҳ ӯ фойтунро нигоҳ дошту парида фуромад ва ба пешвози он зан давид. Зан ӯро дар рӯи роҳ мунтазир

буд.

– Ман фикр мекунам байни онҳо кадом иртиботе ҳаст, – гуфт ҳамсарам.

– Ӯ хеле зебост, – ҷавоб додам ман.

– Падар, чаро ӯ ба назди он зан давида рафт? – пурсид яке аз кӯдаконам. Мо хомӯшона мушоҳида мекардем, ки онҳо чӣ гуна ба мо наздик меоянд. Дар лабони зан табассум бозӣ мекарду саропои мард аз ӯ лутфу марҳамат тавалло менамуд. Вақте ки то фойтун чанд қадам монда буд, фойтунчӣ давида омаду ба болои он баромад. Ҷилавро ба даст гирифта, аспро бо тозиёна заду роҳравон ба тарафи зан фарёд зад:

– Фардо бегоҳӣ дар ҳамин ҷо. Марҳамат карда биё.

Ӯ дар ҷавоб табассуми дилфиребе кард, ки дили маро рабуд.

Боз ҳам садои якранги тақ–тақи суми асп. Ҳамаи мо – ҳам писари калонии ман, ки дар паҳлӯи фойтунчӣ нишаста буд, ҳам занам бо фарзандони хурдсолам дар нишастгоҳи қафо ва ҳам худам – саволомез ба ӯ нигоҳ мекардем. Чеҳраи фойтунчии мо ҷиддияти собиқи худро гум карда, меҳрубон ба назар мерасид. Лабонаш ғарқи табассум, нигоҳи пур аз андешааш ба роҳ дӯхта шуда буд.

Мо хомӯшона ба ӯ нигоҳ мекардем. Маълум буд, ки ӯ инро эҳсос мекард ва баъд аз фурсате ба ман рӯ овард.

– Зани дар роҳ вохӯрдаро дидед, ҷаноб?

– Бале. Вале барои чӣ мепурсӣ?

– Як вақтҳо ӯ зани ман буд, – изҳор дошт ӯ ва бо тамоми қувват аспро бо тозиёна зад.

– Як вақтҳо? Ин гапи ту чӣ маънӣ дорад? Чӣ, магар ӯ акнун зани ту нест?

Ҳамаи аҳли оилаи ман гӯшу ҳуш шуданд.

– Не, ман аз ӯ ҷудо шудаам, – ҷавоб дод ӯ.

– Барои чӣ?

– Ин қиссаи дурудароз аст, тақсир. Ва шояд қиссаи одамони камбағалро шунидан барои шумо барин ҷаноби мӯътабар чандон ҷолиб ҳам набошад.

– Камбағалӣ ба ин чӣ дахл дорад? Ин тақдири инсон аст. Инсон хоҳ сарватманд бошад, хоҳ фақиир – инсон аст. Ҳамин хел не?

Ба ман чунин намуд, ки ин суханони ман ба ӯ хуш омаданд.

– Дуруст аст, ҷаноб. Ҳамин хел аст, мо ҳамаамон инсон ҳастем. Вале нақли ин қисса вақти дурудароз талаб мекунад. Метарсам, ки шунидани он ба дилатон мезанад.

– Хоҳу нохоҳ барои ба шаҳр расидани мо боз як соат фойтун

рондан даркор аст. Аз ин мебарояд, ки шунидани қиссаи шумо дилбазан нахоҳад шуд. Баръакс, мо вақтро кӯтоҳ хоҳем кард. Қисса кун.

– Фойтуну аспи ман ба шумо маъқул аст, тақсир?

Ин савол ба назарам беҷо намуд.

– Фойтуни олӣ ва аспи оличаноб, вале ин ба сӯҳбати мо чӣ иртибот дорад, – ҳайрон шудам ман.

– Ҳозир мефаҳмед. Ман аз кӯдакӣ орзу мекардам, ки аспи хуб ва фойтуни зебо дошта бошам. Ҳамин ки дучархаам кӯҳна ва аспам пир шавад, ман онҳоро бо наваш иваз мекунам. Фойтуни наппа–нав, аспи ҳушёр ва тозиёнаи сахти дароз мувофиқи табъи ман аст. Шояд муҳаббат ба инҳо аз падарам ба ман мерос мондааст. Ӯ касби худро ба ман омӯхтааст.

Шаҷараи аҷдодии ӯ барои мо чандон ҷолиб набуд. Мо бештар аз ҳама иртиботи ӯро бо зани дар роҳ вохӯрда донистан мехостем. Вале ман ҳис мекардам, ки сухани ӯро буридан лозим нест, бигзор чӣ хеле мехоҳад қисса кунад.

–Бале, – идома дод ӯ, – равшан аст. ки падарам мехост ман таҳсил кунам, вале дар пушти мизи мактаб нишастан ба ман вазнинӣ мекард. Ва дар шонздаҳсолагӣ аз ман фойтунчии олуфтаи хубе баромад. Падарам ба ман ҳатто фойтуни наппа–нав харида дод. Он вақтҳо ман ҷавонтарин фойтунчии Равалпинди будам. Мисли фойтуни ман дар тамоми шаҳр дигар набуд ва ман ҳам либосҳои хеле хуб мепӯшидам.

– Ту ҳоло ҳам либоси бисёр хуб ба бар кардаӣ, – қайд кардам ман.

– Шумо чиҳо мегӯед! Ҳамин–а? – ӯ ба либосҳои танаш нигоҳи кароҳатангезе кард. – Ин ҳеҷ чизе нест. Вале он вақт ман воқеан ҳам либос мепӯшидам. Ва, ана, ҳамон зани дар рӯи роҳ истодаро Оиша меноманд. Падари ӯ савдогари сарватманд буду қарор дод духтарашро ба хондан фиристад. Вақте ки онҳо фойтуни маро барои ба мактабаш бурда овардани Оиша киро карданд, ман ҳабдаҳсола будам. Синну соли Оиша он вақт аз ёздаҳ–дувоздаҳсола зиёдтар набуд. Сараввал ҳамроҳи ӯ хидматгорзан рафта меомад, вале баъд вақте ки онҳо маро хубтар шинохтанд, ба ман эътимод пайдо карданд. Ва ҳанӯз як сол нагузашта буду волидони Оиша дигар бе каниз духтарашонро танҳо ҳамроҳи ман мефиристоданд. Аз байн боз ду, ё шояд се соли дигар гузашт. Ман ҳатто намедонистам, ки ӯ

дар мактаб чӣ меомӯзад. Ӯ сездаҳ ё чордаҳсола шуда буду ҳанӯз

ҳам мехонду мехонд. Дар роҳ мо ҳамеша мелаққидем.

– Дар бораи чӣ? – кунҷковӣ кардам ман.

– Ҳамин хел. Дар бораи ҳар чиз, – табассум кард ӯ. – Сараввал намедонистам дар бораи чӣ, вале баъд, вақте ки ӯ бузургтар шуд, гуфтугӯи мо ранги дигар гирифт. Дили ман ҳам дар интизори муҳаббат буду дили ӯ ҳам, – илова кард ӯ каме баъд.

Ӯ сулфа карду ба роҳ назар андохт. Аз дур дарахтзоре намудор шуд. Ӯ онҳоро нишон дода гуфт:

– Ҷаноб, ҳо дар он ҷо Ширкати Багҳ воқеъ аст. Баъд аз як дақиқа ба он ҷо мерасем.

– Хуб, баъд чӣ шуд? – Оиша аз хаёли ман ҳеҷ берун намешуд.

– Маълум аст, ки чӣ шуд – байни мо оташи ишқ шӯъла зад.

Ӯ хомӯш шуду баъд аз нав идома дод:

– Агар шумо он вақт ӯро медидед, тақсир! Ӯ аз ҳурони биҳишт ҳам зеботар буд! Аз ӯ чашм канда наметавонистӣ, – аз афташ ӯ ба дарёи хотирот ғарқ шуда, боз хомӯш монд.

Фойтун пеш мерафту пеш мерафт.

– Бале, ҳусну ҷамоли ӯ беҳамтост, – гуфтам ман.

– Ӯ ҳоло ҳам зебост. Вале он вақтҳо! Тамоми шаҳрро аз ақл бегона карда буд. Маро ҳам. – Хиҷолат кашидани ӯ аз садояш ҳувайдо буд, вақте ки илова кард: – Ман ҳам ҷавони ба назар намоён будам… хулласи калом, ҳарду ба якдигар девонавор ошиқ шудем.

– Магар волидони ӯ инро намедонистанд?

– Чӣ хел намедонистанд? Медонистанд. Ҳамин ки ӯ понздаҳсола шуд, ба мактаб рафтани ӯро манъ карданд. Вале аён буд, ки ба мо монеъ шуда натавонистанд. Албатта, умед кардан ҳам мумкин набуд, ки онҳо духтарашонро ба ман медиҳанд. Ман боре кӯшиш кардам, ки бо падари ӯ гуфтугӯ кунам, вале ӯ дар ҷавоб чунон маро ҳақорат кард, ки ман дар бораи розӣ кунонидани ӯ ҳатто фикр карданро ҳам бас кардам. Онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ба издивоҷи мо ризоият намедоданд, вале мо бе ҳамдигар зиндагӣ карда наметавонистем. Ва як рӯзи худо, мо ҳарду аз хонаҳоямон чӣ қадаре ки тавонистем пулу ҷавоҳирот гирифта, пинҳонӣ аз Равалпинди гурехтем.

Мо ҳама дам ба дарун гӯш мекардем. Писари хурдиам бо кунҷковии эҳтиромомез аз Ғуломиддин чашм намеканду ҳамсарам ба ҷониби ман табассуми пурмаъно мекард.

– Ва ба куҷо равона шудед?

– Ба Лалпур. Чанд муддат бо он чизе ки доштем, дар бораи чизе

андеша накарда, зиндагӣ кардем. Баъд ман ба ҷустуҷӯи кор баромадам, вале ҳамааш бенатиҷа. Он вақтҳо кор ёфтан мушкил буд. Баъд аз ним сол ба гӯши ман овозаҳое расид, ки падари ӯ хабардор аст мо дар куҷо пинҳон шудаем ва барои ба суд ё кадом ҷои дигар ба ҷавобгарӣ кашидани ман омодагӣ мебинад. Ба мо лозим омад, ки ба Саҳаранпур кӯчем. Вале, бо вуҷуди ин ҳама, ин хушбахтонатарин рӯзҳои умри мо буд. Мо ягон вақт ҳамдигарро мисли он рӯзҳо сахт дӯст надоштаем. Ва Оиша, ки то ин вақт мисли ғунчаи ношукуфтаи гули садбарг буд, акнун саропо шукуфта буд. Ва ӯ чӣ қадар маро дӯст медошт! Ва ман ҳам – ман омода будам, ки барои ӯ аз ҳама чизи дунё даст бикашам.

Ман лаҳзае нигоҳи пурҳарорати ӯро мушоҳида кардам – дар чашмони ӯ шавқу рағбати марде ифода ёфта буд, ки тайёр аст барои зани дӯстдоштааш ҳама чизро қурбон кунад.

Ӯ бо табассуми базӯр намоён идома дод:

– Он чизе ки мо захира карда будем ба поён мерасиду ҳанӯз кор пайдо намешуд. Илова бар ин, ман бисёр метарсидам, ки волидони Оиша моро кофта меёбанд. Ин вақт, гӯё ҳамаи ин кам буд, ки боз як ташвиши дигар илова шуд. Оиша… Оиша – забони ӯ лакнат хӯрду ӯ сокит шуд.

– Бояд модар мешуд? – луқма партофтам ман, хиҷолаткашии ӯро дида.

– Бале. Дигар чӣ илоҷе ҳам буд? Фикри бисёр кардем, дар тарозуи ақламон баркашидем ва ниҳоят ба як қарор омадем. Ман Оишаро дар Саҳаранпур монда, худам ба Равалпинди рафтам.

– Ӯро партофтед?

– Не, Худо накунад, хонум, магар ин мумкин аст, Ғуломиддин аз ин кор дида, мурданро авлотар медонад. Ман нисфи шаб ба Равалпинди расида, дар назди падарам ҳамаашро гуфта, тавба кардам. Ӯ ваъда дод, ки кӯмак мекунад, вале ин ману Оишаро наҷот дода наметавонист. Худи ҳамон шаб ман ба назди падари ӯ рафтам. Вақте ки ман ба остонаи хонаи онҳо по гузоштам, ӯ мисли девонаҳо ба ман ҳамла кард. «Эй, ту нобакор, сифла, маккор духтари маро куҷо кардӣ?!» – дод зад ӯ. Ман ба моил кунондан, ба фаҳмондани ӯ пардохтам: яъне мо издивоҷ кардаем ва Оиша ҳомила аст. Аз фишороварӣ ва дунёро танг сохтан барои ман чӣ фоида аст. Бо сад азоб ӯро ором кардам. Ӯ иҷоза дод, ки мо ба Равалпинди баргардем ва ваъда дод, ки маро ба суд намедиҳад. Ҳатто розӣ шуд, ки маро чун домоди худ хоҳад шинохт, ҳарчанд ҳамзамон таҳдид кард, на ман ва на духтари гурезпояш ба чашми ӯ нанамоем.

Саҳарии дигар ман бо поезди аввалин барои овардани занам рафтам. Баъд аз ду рӯз бошад, мо боз дар Равалпиндии азизамон зиндагӣ мекардему ман боз соҳиби фойтуни нав ва аспи зебо будам.

Мо ба анбӯҳи дарахтон, ки ӯ аз дур нишон дода буд, наздик шудем. Ғуломиддин лаҷоми аспро кашид.

– Ана, ин ширкати Багҳ, тақсир. Мехоҳед, тамошо кунед?

– Ана, ин боғи овозадор чӣ гуна будааст? – ноумедона гуфтам ман. – Ягон чизи ҷолиб надорад.

– Аз афташ ба шумо дурӯғ гуфтаанд, ҷаноб. Ин як боғи муқаррарист. Он боғи овозадор дар тарафи дигари шаҳр воқеъ аст.

– Пас, биёед, ба он ҷо меравем, – амр кардам ман.

Ғуломиддин лаҷомро ба даст гирифту мо боз ба роҳ даромадем. Ман бесаброна мунтазири шунидани идомаи қиссаи ӯ будам, аз ин хотир гуфтам:

– Ту одами аҷибе ҳастӣ, Ғуломиддин. Барои як зан ин қадар азоб кашидӣ, ки аз ӯ ҷудо шавӣ!

– Ноомади кор. Дар зиндагӣ ҳар чиз мешавад, тақсир, – ғамгинона гуфт ӯ ва ба қиссааш идома дод:

– Инак, мо баргаштему хушбахтона зиндагӣ мекардем. Фарзанддор шудем.

– Шояд, кӯдаки хеле зебост, – қайд кардам ман.

– Ҷаноб, ман ӯро ба шумо нишон медодам, агар шумо субҳи барвақт раҳсипор намешудед. Писараки хушрӯест! – чеҳраи ӯ нур гирифт.

– Пас барои чӣ шумо ҷудо шудед? – ботааҷҷуб нимғурма гуфтам ман.

– Ҳозир мегӯям. Як соли хушбахтӣ мисли як рӯз гузашта рафт: зани соҳибҷамол доштам, писаракам калон мешуд – аз рӯи онҳо сер намешудам. Ғаму ғусса аз мо дур буд. Вале боре ба сари ман бадбахтӣ омад, зиндагии саодатмандонаи ман дардолуда шуд. – Ва ман дар овози ӯ маҳз ҳамон дардеро, ки ӯро аз хушбахтӣ маҳрум карда буд, эҳсос кардам.

Ин лаҳза занам ба ман рӯ овард:

– Ӯ чӣ гуна самимона қисса мекунад, Эҳтимол, ӯро аз ҳад зиёд дӯст медошт.

– Ман инро дар он ҷо, дар роҳ фавран эҳсос кардам, – ҷавоб додам ман ва ба Ғуломиддин рӯ оварда пурсидам:

– Ин чӣ гуна бадбахтӣ буд?

– Боре ман шоми бевақт аз саисхона ба хона бармегаштам, ди-

лам хурсанд буду худ ба худ кадом сурудеро дар бораи муҳаббат замзама мекардам. Банохост дидам, ки дӯсти деринаам аз рӯ ба рӯям меояд.

– Салом, ошно, зиндагиат хуб аст? – ва ба китфаш тап–тап задам.

– Хуб аст, Ғуломиддин, мебинам, ки ту ҳам хушбахтӣ, – ҷавоб дод ӯ.–Барои ғаму ғусса сабабе нест.

– Наход? – пурсид ӯ. Ба ман чунин намуд, ки ӯ барои хушбахтии ман аз чизе хавф мебарад.

– Як ба атрофат нигоҳ кун, зиндагӣ чӣ қадар зебост! – Ва дастонамро васеъ кушодам.

– На ҳамааш зебост, Ғуломиддин, – гуфт ӯ ба тарзе андӯҳгинона. Ман дарк кардам, ки ӯ чизеро аз ман пӯшида медорад.

– Намехоҳам хушбахтии туро халалдор кунам, – ниҳоят гуфт ӯ.

– Гап дар сари чист? Бигӯ! – ман аз дасти ӯ гирифтам.

Ман дидам, ки ӯ намедонад чӣ кор кунад, боз сахттар исрор кардам.

– Метарсам туро хафа хоҳам кард, – якравӣ кард ӯ.

Вале ман паст намеомадам. Ҳар чӣ ки буд, ман бояд аз ҳамааш воқиф мешудам. Ӯ фаҳмид, ки ман ӯро ба ҳолаш намемонам, бо дили пурандӯҳ гуфт:

– Ошно, ман метарсам, ки дили туро захмӣ мекунам, вале бояд чашмони туро кушоям. Ман дидам, ки Оиша дар роҳ бо кадом марде сӯҳбат мекард.

– Дар куҷо? – нафасам гирифта, дод задам ман.

– Дар тангкӯчаи пушти хонаат. Ҳамин ки маро дид, дарҳол гурехта рафт.

Ман ҳарфе нагуфта, рӯямро гардонда рафтам. Дӯсти ман беҳуда мекӯшид, ки маро боздорад. Ман аз шиддати ғазабу рашку ранҷиш аз худ бегона шуда будам.Чизеро дар ёд надорам.

Дар садои ӯ ҳанӯз ҳам оҳанги ғазаб шунида мешуд. Ман тааҷҷуб кардам. Чӣ ҷои бадӣ дорад: хуб, занаш бо кадом марде гап задааст. Барои чӣ, ин кор ӯро ин қадар оташин кардааст? Дар сурате, ки ӯ дар муҳаббати занаш шакке надошт.

– Вале ин магар айб аст, Ғуломиддин? Магар ӯ наметавонад бо касе, ки хоҳад, гап занад?

– Шумо чӣ мегӯед, ҷаноб? Магар зани чодарпӯш метавонад бо марди бегона ҳамсӯҳбат шавад? Боз дар кӯча? Шарафи ӯ куҷост?

– Вале ӯ чодар надошт, – дахолат кард ҳамсари ман.

– Акнун дигар барои кӣ чодар пӯшад? – андӯҳгинона нидо кард

Ғуломиддин. – Барои кӣ шарафашро ҳифз кунад? Дигар ӯ на духтари касе асту на ҳамсари касе. Худаш танҳо зиндагӣ мекунад, худаш шоҳу табъаш вазир, бо гулдӯзӣ рӯзашро мегузаронад – ӯ дар гулдӯзӣ устоди моҳир аст.

– Агар зан бо касе гап занад, магар ин айб аст, Ғуломиддин? Ана, ҳамин зани маро мисол гирем. Ӯ бо ҳар касе, ки хоҳад, метавонад гап занад, ба меҳмонӣ равад ва ман ба ин оромона муносибат мекунам.

– Наход? – ҳайрон шуд ӯ.

– Албатта.

– Расму оини шумо дигар аст, ҷаноб. Ин ҷо Бомбай нест, Панҷоб аст. Дар шараёни мо хуни гарм ҷорист. Монем, ки занҳои мо бо мардони бегона гап зананд? Боз дар кӯча? Не… Бахти ӯ боз омад ҳам кардааст, ки ман барин шавҳар доштааст. Дигар кас мебуд, дар ҷояш зада мекушт. – Чунин менамуд, ки қаҳри худро аз асп мегирад ва бо ғазаб ба сағрии пурмушаки ӯ тозиёна зад.

– Ва ту ӯро фақат барои ҳамин партофтӣ? – дар овози ман киноя садо дод.

– Не, ҷаноб, шумо чӣ мегӯед. Ҳарчанд сахт оташин шуда будам, вале ақлам дар ҷояш буд. Вақте ки ман ба хона омадам, саропо меларзидам. Оиша маро бо табассум пешвоз гирифт. Оҳ, чӣ табассуме кард ӯ! Вале он шаб дили ман аз дидани он беҳузур мешуд. Ман мехостам фавран ҳамаашро бигӯям, вале Оиша ангушташро ба лабонаш зер карду ман хомӯш мондам – ӯ писарамро мехобонд. Суруди форами «алла» қаҳри маро фурӯ нишонд. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин, вақте ки тифлакро хоб бурд, ман бо садои паст пурсидам:

– Имрӯз ту дар кӯча бо кӣ гап задӣ, Оиша?

Ӯ номаълум ларзид, вале оромона ҷавоб дод:

– Бо касе гап назадаам. Чӣ шудааст?

– Азиз ҳамаашро ба ман гуфт. Чаро дурӯғ мегӯӣ? – садои ман ғазаболуд буд.

– Ман хонаи Сокинаро ёфта натавонистаму аз як роҳгузар пурсидам, – гуфт ӯ бо қиёфаи маъсумона.

Ҳар чӣ ҳам бошад, ягон зани хушахлоқ аз хонадони обрӯманд ҳуқуқ надорад, ки дар кӯча бо марде гап занад.

– Бале, тақсир, – табассум кард ӯ. – Сокина ба ҷои дигар кӯчидааст, ба ман лозим омад пурсам, ки ӯ дар куҷо зиндагӣ мекунад. Бубахшед, ман дигар ин корро нахоҳам кард.

Ба ман чунин намуд, ки ӯ маро тамасхур мекунад, вале, бо вуҷуди ин, ман ба ӯ бовар кардаму хандидам. Мо оштӣ кардем ва

минбаъд ҳам якдигарро девонавор дӯст медоштем.

Баъд аз он чанд моҳ пайиҳам ман аз одамони гуногун мешунидам, ки Оиша дар кӯча бо марде гап мезанад. Ҳар дафъа ман аз ӯ мепурсидам, ҳатто ӯро ҷанг кардам, вале ӯ ҳар дафъа маро бо табассуми худ бесилоҳ карда, аз вазъи ногувор раҳо меёфт, ё барои сафед кардани худ ягон баҳонаи боварбахш пайдо мекард. Ман ҳис мекардам, ки ҳақиқат на дар суханони ӯ, балки дар гапи ҳамсояҳо нуҳуфта аст, вале бо вуҷуди ин саросема намешудам. Ман худдорӣ мекардам ва ҳар қадами ӯро мепоидам.

Боре ба ҳақиқат будани ҳамаи ин ман худам бовар ҳосил кардам. Як рӯз сарам дард карду маро табларза гирифт.Он субҳ Оиша гуфт, ки Сокинаро хабаргирӣ хоҳад рафт. Ман ба шубҳа афтода, мисли ҳаррӯза то дергоҳ кор накарда, ҳангоми ғуруб ба хона баргаштам. Сокина начандон дур аз мо зиндагӣ мекард. Аз дур ман мушоҳида кардам, ки Оиша ба кӯчае, ки ба хонаи ӯ мебурд, тоб хӯрд. Ҳамчунин ман дидам, ки аз ҷониби муқобил ҳам марде ба он тараф раҳсипор гардид. Ман пинҳон шудам. Онҳо бо ҳам вохӯрда, чанд дақиқа сӯҳбат карданд. Баъд ӯ ба хонаи Сокина даромад.

Ман аз ғазаб меларзидам. Тайёр будам, ки он марди нобакорро дар ҳамон ҷо зада кушам. Вале сари вақт ба худ омадам: барои чӣ ӯро кушам, вақте ки гунаҳкор зани ман аст. Ман борҳо ба ӯ гуфтам, таҳдид кардам, ки ин худсарии ӯ анҷоми бад дорад, барои ӯ фарқе надошт. Чаро ӯ бояд барои ин азият кашад? Агар лозим бошад, ин зани бадахлоқро куштан даркор аст.

– Ва ҳама гуноҳи ӯ фақат ҳамин аст, Ғуломиддин?

– Бале, ба фикри ман, дар байни онҳо кадом муносибати дигаре набуд. Намедонам, онҳо дар бораи чӣ гап заданд, вале, дақиқтараш, он мард зани маро бозӣ додан мехост ва ин кор ба ӯ маъқул буд.

– Вале ин ба ӯ чӣ лозим буд, Ғуломиддин?

– Ин занҳо ҳамин гунаанд, ҷаноб, – баромад аз даҳани ӯ, вале филҳол ба тарафи зани ман рӯяшро гардонда, гуфт: – бубахшед, хонум, мабодо ба иззати нафси шумо нарасида бошам, – сипас илова кард: – Ҳамаи гап дар сари он аст, ҷаноби мӯҳтарам, ки занҳо аз таги биниашон дуртарро намебинанд. Агар Оиша боақлтар мебуд, худованд ӯро зан намеофарид. Бо тамоми қувватам кӯшиш карда, ба ӯ фаҳмондам, ки тарафдори ин гуна афкор нестам. Ӯ хиҷолат кашида, хомӯш шуд. Ман ҳам дигар чизе гуфтан намехостам. Вале писарам банохост пурсид:

– Баъд чӣ шуд, падар?

– Намедонам, – буридам гапи ӯро ман.

Ғуломиддин идома дод:

– Ман ба қароре омадам: ин зани бадахлоқро мекушам. Ақламро аз ғазаб гум карда, зуд ба хона баргаштаму омадани ӯро мунтазир шудам. Зимнан, шаку шубҳаҳои зиёде ба дили ман роҳ ёфта буд. Андешаҳои гуногун ба сарам меомаданд. Аз ӯро куштанам чӣ фоида? Куштани зани заиф ба кас чандон шарафе нахоҳад овард. Фақат мардони заифмизоҷ ба ин кор қодиранд. Шояд, ҷудо шудан аз ӯ беҳтарин чора бошад?

Дар он муддате, ки бозгашти ӯро интизор мекашидам, ин андеша дар дилам қувват гирифт. Ниҳоят, вақте ки занам баргашт ва мо танҳо мондем, гуфтам:

– Аҷиб, ҷанобашон ин дафъа дар кӯча ҳамроҳи кӣ сухан мекарданд?

– Ман бо касе гап назадаам, – гуфт ӯ меҳрубонона табассум карда.

– Эҳ, ту маккори дурӯғгӯ, боз ту инкор мекунӣ – охир ман туро бо чашмони худам дидам! – дод задам ман аз гулӯяш гирифта.

Ғазабе, ки ман тайи ин ду соат мекӯшидам фурӯ нишонамаш, рӯ зад. Оиша ҳам оташин шуда буд, аз дастони ман халос хӯрда, изҳор кард:

– Ба ман нарасед. Бале, ман ҳамроҳи мард дар кӯча гап задам. Чӣ, ман ҳақ надорам, ки як дақиқа ҳам дар кӯча биистам?

Ман ӯро бо тамоми қувват чунон такон додам, ки ба кунҷи хона парида рафт.

– Чанд бор ба ту гуфтам, ки мабодо маро шарманда накунӣ, ту боз кори худатро мекунӣ!

– Мо дар кӯдакӣ якҷо калон шудаем, – якравӣ мекард ӯ.

Мо дурудароз ҷанҷол кардем. Ман бовар ҳосил кардам, ки ӯ дар ҳақиқат ҳам бо шиноси собиқи худ сӯҳбат мекардааст. Вале ҳеҷ чиз маро маҷбур карда наметавонист, ки қарори худро дигар кунам. Ва ман аз ӯ ҷудо шудам.

– Ӯ, шояд хеле ғусса хӯрда, азият кашидааст, – гуфтам ман.

– Бале! Охир ӯ маро бисёр дӯст медошт. Вақте ки оташи ғазаби ҳар дуи мо сард шуду ором шудем, ӯ бо овози баланд гиря кард, бахшиш пурсид, даст бар сар мезад. Вале ман аз қарорам нагаштам.

– Ту кори хуб накардӣ, Ғуломиддин, – гуфтам ман маломатомез.

Ҷаноб, шояд суханони ман ба шумо маъқул нашавад, вале зан

ҳам мисли кафш аст. Агар ба поят мувофиқ бошад – бисёр хуб аст. Агар не – азоб мекашӣ, агар ҳазор бор таъмираш кунӣ ҳам, ба поят мувофиқат намекунад. Он гоҳ лозим меояд, ки онро аз поят баровarда партоӣ, дар акси ҳол ҳамеша поятро озор медиҳад: гоҳ аз ин тарафу гоҳ аз он тараф.

– Росташро ба ту гӯям, Ғуломиддин? – пешниҳод кардам ман.

– Марҳамат бигӯед, ҷаноб.

– Ту боақлона муҳокима меронӣ, вале ҳамин ҳоло дар роҳ ту аз пайи ӯ давидӣ, ӯ аз пайи ту не. Ту дар назди ӯ хушомад гуфта, мисли гадо таъзим кардӣ. Ӯ ба ту кушоду равшан фаҳмонд, ки ба ту илтифот мекунад.

Дар чеҳраи ӯ ифодаи писхандомезе ҳувайдо гардиду ӯ тунду тез гуфт:

– Тақсир, ӯ дигар зани ман нест. Акнун ӯ фақат зан ҳасту ман – мард. Кадом мард дар назди чунин зани соҳибҷамол барои моил кардани ӯ сар хам намекунад?

– Пас маълум мешавад, ки ту дигар ӯро бознамегардонӣ? – пурсидам ман, вақте ки мо аз фойтун дар назди меҳмонхона берун шудем.

– Ман ба шумо дар бораи кафш гуфтам–ку, ҷаноб.

– Чанд муддат боз шумо ҷудо ҳастед? – пурсидам ман, вақте ки барои ба ӯ роҳкиро додан аз ҷайбам пул мебаровардам.

– Якуним сол боз.

– Ту дар бораи ӯ дар ин муддат ягон сухани бад шунидаӣ?

– Ин кафш ба пои ман мувофиқ нест. Ин аст, ҳамаи он чизе, ки ман медонам.

Ӯ пулро гирифту аспро тозиёна заду рафт.

– Инсони бошарафу мардонаест ин фойтунчӣ Ғуломиддин, – ба тарафи зинаҳои меҳмонхона равон шуда, гуфт ҳамсарам.

Ва дар айни замон барои кадом як чизи беҳуда аз занаш ҷудо шудааст! – нидо кардам ман.

– Вале ба ӯ чӣ лозим буд, ки дар кӯча ҳамроҳи касе гап занад, вақте медонист ки ин боиси ғазаби шавҳараш мешавад? Ва баъд шумо медонед, ки ӯ фақат аз занаш ҷудо шудаасту халос, ҳол он ки барои ин одамон ҳатто куштан душворие надорад.– Оҳиста, кабӯтараки ман, – гуфтам ман вақте дидам ки кӯдакони мо дар қисмати болоии зинаҳо қадам мемонанд, – боз ман ҳам аз ту ҷудо нашавам.

– Наход, шумо ҳам ба ин кор қодир бошед? – ӯ табассумкунон ба ман чунон нигоҳе кард, ки ман ҳамаи дунёро фаромӯш карда,

дар қаъри дидагони ӯ ғарқ шудам.

* * *

***ҶАЯНТ КҲАТРИ** (1909 – 1968) – нависандаи барҷастаи Ҳинд, асарҳояшро ба забони гуҷаратӣ таълиф намудааст. Ӯ муаллифи ду маҷмӯаи ҳикояҳо бо номи «Қатра» (1944) ва « Амвоҷи гурезон» (1952) мебошад.*

## НАЙ

Вақте ки Пирмаҳмади куҳансол бо қомати хамида лангон–лангон ба наздам омад, ман дар боғи гулпӯши беморхона, дар назди фаввораи об нишаста будам.

Шоми хеле зебое буду насими форам бӯи хуши гули чампаи тилоиро ба атроф паҳн мекард, вале дар чеҳраи рангпаридаи лоғари ӯ ман ба ғайр аз осори хастагии сахт дигар чизе мушоҳида накардам.

Пирамард оҳе кашида, аз ҷайбаш найеро берун карду бодиққат аз назар гузаронд. Чун чашмам ба най афтод – дигар аз он чашм канда натавонистам. Сохти ин най ҳайратангез буд.

– Найро ба ман диҳед! – беҷуръатона гуфтам ман.

Пирмаҳмад рӯяшро ба тарафи ман гардонд. Дар чашмони на он қадар калони пурандешаи ӯ ман баногоҳ шарорахое дидам, ки аз эҳсосоти ҳанӯз сарднашудаи дилаш шаҳодат медоданд. Ман табиатан одами нозукдиле ҳастам ва ҷунбиши зарра барин хурди эҳсосоти дили одами бегонаро фавран пай мебарам.

– Медонед, гап дар сари чист, ҷаноб, – ба сухан пардохт ӯ. – Он одаме, ки ман барои ӯ ин найро сохта будам, мисли худам пири фартут аст. Ҳоло синну соли ӯ шояд ба таги ҳаштод расида бошад. Мо аз кӯдакӣ дӯст ҳастем. Барои ин най ӯ ба ман бузи беҳтаринашро хоҳад дод.– Вале ман ба ивази ин най ба ту пули бисёр медиҳам, ба якчанд буз хоҳад расид.

– Пули бисёр? – Пирмаҳмад бо садои хиррии аҷибе ханда кард. Ман медонистам, ки ӯ тамоми умрашро фақирона гузаронида ва фақат ба шарофати мадади худаш барин фақирон зинда мондааст. – Эҳ, ҷаноб, агар шумо танҳо як бор найнавозии дӯсти маро мешунидед, дигар дар бораи пул ҳарфе ба забон намеовардед.

– Наход?

Ғурури ман коҳиш ёфта буд. Ман ҳамеша чунин мешумурдам, ки дар ин шаҳраки хурд касе дар найнавозӣ бо ман баробар намешавад. Ман фақат оҳангҳои классикиро менавохтам. Баъзан дар навозиши най маро бо танбӯру табл мусиқинавозоне ҳамроҳӣ ме-

кунанд, ки шӯҳраташон берун аз минтақаи мо доман паҳн кардааст. Ҳангоми баргузории идҳо ва намоишгоҳҳо маро ҳамеша анбӯҳи пурсурури мухлисонам иҳота мекарданд. Хулласи калом, оммаи мардум ҳунари маро пазируфта буданд.

– Наход! – такрор кардам ман. – Шояд ту мехоҳӣ бигӯӣ, ки ӯ аз ман беҳтар менавозад?

– Гап дар сари он нест, ки хуб менавозад ё бад.

– Набошад, гап дар сари чист?

– Ӯ як оҳангеро медонад, ки… – ба сухан оғоз намуд Пирмаҳмад ва дарҳол хомӯш шуд. Нигоҳи ӯ амиқ буд. Гӯё дар нигоҳи ӯ нимторикии пурасрори шомгоҳон, ки дар он махлуқҳои асрорангез сукунат доранд, нуҳуфта буд. – Ӯ як оҳангеро медонад, ки ҷозибаи сеҳрангез дорад. Ҳамин ки ба навохтани он оғоз кунад, дар пеши назар, мисли ин ки дар пешаш истода бошӣ, симои одами аз ҳама азизу наздикат пайдо мешавад.

– Ту норавшан ҳарф мезанӣ. Дурусттар фаҳмон.

– Наметавонам. Бояд худи кас ин оҳангро шунавад. Вале он вақт ҳам шояд нафаҳмӣ, ки ман чиро дар назар дорам.

Рӯз дар бистари марг буд. Шаби нав, ки бо сухан наметавон зебоиашро васф кард, тавлид меёфт. Шояд фарзанди инсон ҳам ҳамин гуна таваллуд ёбад?

Бояд иқрор кунам, ки ман корманди муқаррарии идораи як бемористон ҳастам. Музди кори ман хеле кам асту базӯр ба зиндагиам мерасад. Ягона чизе ки ман бо он ифтихор карда метавонам, маҳорати найнавозии ман аст. Ин ҳунар ягона сарват ва ягона таскинбахши ман аст: ҳангоми навохтани най ман ҳамаи ғаму ғусса ва бадбахтиҳоро фаромӯш карда, ба сайри ҷаҳони зебои орзуҳои худ меравам.

Беш аз ҳама шабона най навохтанро дӯст медорам, чӣ гуна шабе, ки бошад – торик ё равшан, беғубор ё абрнок. Шабона хаёли ман ба дуродур парвоз мекунад. Он ҷо дар дуриҳо, дар байни Роҳи Каҳкашон фариштаҳо мерақсанду олиҳаҳо табассум бар лаб сайругашт мекунанд. Ва гӯё аз сӯроххои найи ман на оҳанг, балки сели ранг ва гулу накҳат ҷорӣ мешавад. Оҳ, ҷавонӣ ва орзуҳои хушу зебои он!

Кадом одамони раҳмдиле Пирмаҳмадро аз кӯча ёфта, бардошта ба беморхона оварданд. Агар духтурҳо ӯро фавран ҷарроҳӣ намекарданд, ӯ ҳоло зинда намебуд. Вале ӯро наҷот доданд. Оҳиста–оҳиста шифо ёфту акнун дар боғи бемористон сайругашт мекард. Дар ҳамин ҷо ману ӯ шинос шудем.

Тамоми умр Пирмаҳмад бекасу ғариб буд. Ягон хешу табор надошт. Ба ҳамин сурат, ӯ ҳар рӯз дар кӯчаҳо овора гашта, ба гадоӣ рӯз мегузаронд. Ва боз аз чӯби най найҳои аҷоиб сохта мефурӯхт.

Ман барои озмоиш найи ӯро навохтам. Худоё, ин як мӯъҷизае буд! Ман ин гуна найро ҳаргиз дар тамоми умрам надида будам!

Ман барои Пирмаҳмад чанд оҳанги классикӣ навохтам. Ӯ оромона гӯш карду вақте ки ман навохтанро ба анҷом расондам, бо назокат маро таъриф кард:

– Шумо найро бисёр хуб менавозед.

Вале ба ҳар ҳол, найро ба ман надод.

Ва инак, ӯ имрӯз ба ман дар бораи дӯсташ, ки гӯё бо найнавозиаш одамонро ҷоду мекунад, нақл кард. Аввал оташин шудам, баъд ранҷидам. Албатта меранҷам! Ман дар навохтани най устоди аз тарафи ҷомеа эътирофшуда ҳастаму ӯ маро бо кадом як пойлуч муқоиса мекунад ва ҳатто ӯро аз ман беҳтар мешуморад!

Пирмаҳмадро пеш аз нисфирӯзӣ аз беморхона рухсат карданд ва ӯ боз муддати тӯлонӣ дар кӯчаи назди беморхона овора гашта, мунтазир шуд, ки ман кай мебароям у ҳамдигарро мебинем.

– Ман шуморо ним рӯз мунтазир шудам, – гуфт ӯ вақте ки вохӯрдем. – Ин таъна не, балки изҳори одами хасташуда буд. – Шумо аз ман наранҷед. Ман ин найро ба шумо дода наметавонам. Зинда бошам, дигарашро месозам барои шумо.

Барои иззати нафси озорёфтаи ман суханони ӯ чун марҳами шифобахше буданд.

– Ту куҷо меравӣ? – пурсидам ман.

– Аввал ба назди дӯстам Годҳу.

– Барои найро ба ӯ додан.

– Бале. Як–ду рӯз меҳмони ӯ мешаваму баъд боз ба роҳ мебароям. Аз афташ, умрам ҳам ба поён мерасад. Дар ҳар куҷое, ки насибам бошад, мемирам.

Банохост дили ман пур аз ғаму андӯҳ шуд. Ман банохост дар назди бузургии синну соли ӯ худро ҳақиру нотавон эҳсос кардам. Дарк кардам, ки ман дар уқёнуси бузурги ин ҷаҳони бузург танҳо як қатраам.

– Маро ҳам ҳамроҳат бар! – беихтиёр хоҳиш кардам.

– Ҳамроҳам? – нобоварона гуфт ӯ.

– Бале.

– Бо майли том. Вале ӯ як чӯпони одӣ асту аз ин ҷо хеле дур, дар деҳа зиндагӣ мекунад.

Арафаи иди соли нав буд. Ман боз якчандрӯза ҷавоб гирифтам

ва аз ин рӯ, метавонистам бо хотири ҷамъ ҳамроҳи ӯ ба сафар бароям. Пирмаҳмад ин шабро дар хонаи ман гузаронд. Ман ҳам мисли ӯ ятиму бекас будам: на падару модар доштаму на бародару хоҳар. Ҳаргиз издивоҷ ҳам накарда будам.

– Агар ман танҳо мебудам, пиёда мерафтам, – гуфт ба ман Пирмаҳмад. Вале мо бо поезд ба сафар баромадем. Ман ҳатто тасаввур ҳам намекардам, ки моро ин қадар роҳи дароз дар пеш аст. Ду бор ба поезди дигар нишаста, ниҳоят бегоҳии рӯзи дигар ба истгоҳи хурде расида, шабро рӯз кардем. «Барои чӣ ман ба ин роҳи дароз кашола шуда омадам?» – пушаймон шудам ман.

Субҳи дигар мо ба автобус нишаста, дуру дароз роҳ рафтем, баъд боз даҳ мил пиёда роҳ паймудем.

«Агар ман медонистам, ки роҳ ин қадар дуру дароз аст, ҳеҷ гоҳ намеомадам!» – мехостам бигӯям ман, вале ҳар дафъа чашмам ба пирамарди нафасаш тангшуда меафтоду забон мегазидам.

Одамони бо мо дучоршуда ӯро фавран мешинохтанд:

– Ҳа, бобо, кайҳо боз наменамоӣ.

– Ба куҷо меравӣ? Ба хонаи Годҳу?

– Хуб ҳастӣ, Пиру? Ҳамроҳи ту кист?

Ман ба тарафи онҳо ҳатто нигоҳ ҳам намекардам. Диққати маро табиати камрустании ин мавзеъ ба худ кашида буд. Офтоб бераҳмона месӯзонд. Фақат алафи хушку буттаҳои хордор. Танҳо ягон–ягон кабкҳои хокистарранг, кабӯтарони ваҳшӣ, зоғҳо ба чашм мерасиданд. Дар як ҷои дигар ман ҳалқаи мори афъиро дидам, ки фашшос мезад. Ин як оламе буд ба ман бегонаву ношинос.

Ниҳоят, мо ба деҳаи хурде расидем, ки шояд ҳамагӣ бист хоҷагӣ дошт. Бо ворид шудани мо, пирамарде оҳу воҳкунон аз кати чӯбин бархост. Ин дӯсти Пирмаҳмад буд. Онҳо ҳамдигарро оғӯш карданд. Дар рӯи ҳавлӣ зани солхӯрдае нишаста, ба кӯрпадӯзӣ машғул буд.

– Амаки Пиру! – хурсандона нидо кард зан.

Аз дари хона духтари зебои мавзунқомате намоён гардид.

– Эй, Гага! Бобои Пирмаҳмадат омадааст. Барои ӯ об биёр. Зудтар.

Ба мо об доданд. Баъд бо нону ҷурғоти хунук зиёфат карданд. Шикамамонро каме сер карда, хобидем. Вақте ки ман бедор шудам, рӯз торик шуда буд. Садои маоси бузу гӯсфандон, ки аз чарогоҳ бармегаштанд, ба гӯш мерасид. Осмон, ки ба боми хона бисёр наздик ба назар мерасид, ба зудӣ торик шудан дошт.

Дигарон вақт бархоста буданд. Мо дар рӯи ҳавлӣ, дар зери яго-

на дарахте, ки пажмурда менамуд, нишастем. Атолаи ширини орди гандум хӯрдем. Дар нури хираи чароғи сиёҳ, ки бо равғани канадона месӯхт, ман ҳамаи аҳли хонаводаи Годҳуро ба хубӣ медидам. Онҳо сенздаҳ нафар буданд. Ва ҳамаи онҳо, аз тифли чаҳорсола то муйсафеди ҳаштодсола ба ман як хел, бо чашми тааҷҷуб менигаристанд.

Баъди хӯроки шом ҳама ба рӯи катҳои чӯбин нишастанд. Годҳу ба нақли навгониҳо оғоз кард. Навгониҳо хеле кам буданд. Яке аз писарони ӯ ба шаҳр рафта, дигар барнагаштааст. Баъд фаҳмидаанд, ки ӯ барои хидмати ҳарбӣ ариза дода будааст. Зани он писари Годҳу ҳоло дар таваллудхона буда аст.

– Вале акнун, Годҳу, – гуфт Пирмаҳмад, вақте ки ӯ нақли кӯтоҳи худро ба анҷом расонд, – бубин, ман ба ту чӣ найе овардаам.

– Ман дигар наменавозам, бародар. Нафасам тангӣ мекунад.

– Бале, бале, ӯ тамоман фартут шудааст, – тасдиқ кард занаш. – Агар як бор най навозад, баъд тамоми рӯз ҳарфе ба забон оварда наметавонад, нафасаш мегирад.

– Ин най бисёр аҷоиб будааст, – гуфт духтари хушрӯй. – навозед, бобоҷон.

– Годҳу илтимоси набераашро ба замин нагузошта, найро ба даст гирифт. Тахтапушти ӯ дар зери бори синну сол кайҳо хамида буд, аз чашмонаш об мерафт, пойҳояш варамида буданд – вале бо ин ҳама аз дӯсти худ нерӯмандтар ба назар мерасид.

Шамолак сардтар вазидан гирифт. Дар осмони равшан ситораҳои бешумор намудор шуданд.

Ва инак, садои мусиқӣ баланд шуд. Ман чашмонамро пӯшида, гӯш мекардам. Ва аз байни пилкҳои ба ҳам бастаам манзараҳои канда–кандаи ба ҳамдигар ҳеҷ иртибот надоштаеро равшан медидам… Дар биёбон корвони ушутурон раҳсипор аст… Бод домани духтареро ба лаппиш меорад… Кадом–як одами сермӯи маймунмонанд ба нақши пойҳо дар рӯи рег нигоҳ мекунад… Дар пайраҳаи танги пур шағал мори калоне хобидааст. Галаи асп чорхеззанон медаванд…

Садои мусиқӣ боз ҳам баландтар мешуд ва манзараҳо дар пеши чашми ман боз ҳам бошукӯҳтар ҷилва мекарданд… Дарёи мисли баҳр бузург ботамкин ҷорист… Кӯҳҳои ғанабкарда сар ба фалак кашидаанд…

Ин оҳангҳо аз он оҳангҳои классикӣ набуд, ки ман онҳоро ба хубӣ медонистам. Шояд онҳо ба дараҷаи зарур мавзун ва мукаммал набуданд, вале мисли оҳанги ҷуйҳои баҳорӣ зебо буданд. Дар

тасаввури ман на фариштаҳои мобайни Роҳи Каҳкашон рақсон ҷилва мекарданду на олиҳаҳои хандон, гӯё касе ороишоти Сарасватии сантӯрнавозро канда бошад.

Шамол аз вазидан бозмонда, ҷояшро ноаён ба ин оҳангҳое, ки чун насим ба ин хоки беҳосили камрустанӣ мевазиданд, дода буд. Ва рӯҳу дили одамон ҳам тамоман дар ихтиёри ин оҳангҳо қарор гирифта буд. Эҳсосоти аҷибе, ки онро бо чизе муқоиса кардан номумкин аст!

Ман бо диққат ба зулмоти шаб менигаристам. Аз он чеҳраи мисли моҳ гирди касе, чеҳрае, ки чашмони мисли ситораҳо дурахшон дошт, хира намудор гардид. Мӯйҳои дарози ба китфонаш афтидааш алвонҷ мехӯрданд. Ин кист? Рамбҳа ё Менака? Маҳсули тахайюли ман ё ягон инсони воқеист? Ва ман банохост дарк кардам, ки «ман»–и дуюми худро мебинам. Ӯ аз ман ҷудо нишаста, мусиқӣ гӯш мекунад…

Мусиқӣ канда шуд, най хомӯш гардид.

– Бобоҷон! – хавотиромез фарёд зад духтар. Фақат он гоҳ ман дарк кардам, ки Годҳу дар болои кат хобидаасту гавҳараки чашмонаш нопадид гашта, дар лабонаш кафк пайдо шудааст.

Об оварда ба рӯяш пошиданд, сандуқи синаашро масҳ карданд ва фақат он гоҳ ӯ чашмонашро кушод.

Дар қуллаи вулқони пур аз дуд зани ҷавони зебое истодааст, ки бо ороишоти қиматбаҳои ҷилодор ороста шудааст… Корвони шутурҳо дар дуродур нопадид мегардад… Мори калон дар рӯи пайроҳа оҳиста ба хазидан шурӯъ мекунад.

Вақте ки ман боз ба замини пур аз гуноҳ бозгаштам, шунавандагони дигар кайҳо пароканда шуда буданд.

Пирмаҳмад дар болои кат, назди дӯсташ нишаста буд. Зани пир хамёза мекашид. Нозаниндухтарро ғанаб бурда буд.

– Найи худро пас бигир, Пиру, – шунида шуд садои Годҳу. – Ин найи зормонда умри бе ин ҳам кӯтоҳи маро боз ҳам кӯтоҳтар мекунад.

– Инро бигиред, ҷаноб. Акнун ин моли шумост, – найро ба болои кате, ки ман менишастам, ҳаво дода гуфт Пирмаҳмад.

Гӯё гардунро барқ дударрон кард. Гӯё ороишоти қиматбаҳои тиллоӣ яку якбора равшан ҷило доданд.

Ман найро гирифта ба лабонам бурдам. Пирмаҳмад табассум кард.

Он гоҳ ҳамон оҳанги сеҳрангезе, ки дар дили ҳар нафар хотироти одами аз ҳама азизу наздикашро бедор мекунад, ҷорӣ шуд.

Он бегоҳ ман найнавозиро омӯхтам.

* * *

***РАМА ДАС** (1909 – 1981) – нависандаи ассамӣ, муаллифи чандин маҷмӯаи ҳикоя.*

## ТАНГАИ КОРНОШОЯМ

Баъзан тангаи беиллатро корношоям меҳисобанд. Чунки дар тӯли солҳои дароз танга хӯрда мешавад, ё рӯи он, ё гӯшаҳои он харошида ё каме фурӯрафта ба назар мерасанд. Барои ана ҳамин нуқсҳои ночиз, онро ҳамчун як чизи нолозим дур меандозанд. Ва рӯзе аз рӯзҳо тангае, ки дар он зери қабати ғафси ғубори вақт нуқраи тоза ниҳон аст, аз муомилот берун мегардаду роҳи дарози тайкардаи ӯ сарбаста мешавад. Ӯ ҷарангосзанон нафаси сабук кашида, дар кадом як қуттии назарногир ба хоби абадӣ меравад.

Ман сари он дорам, ки дар бораи ҳамин гуна як танга – як рупия, ки дар ғалладони мизи кории ман оромиш ёфтааст, қисса кунам. Ӯ дар ёди ман хотироти як воқеаи фаромӯшношуданӣ, як тасодуфи хушбахтонаро бедор мекунад – ман ҳатто метавонам онро эҳсоси ишқи нахустин, ки ноаён ба зиндагии ман ворид шуда буд, ном барам. Рупия кайҳо, кӯҳна шудааст. «Ишқи шумо чӣ?» – мепурсед шумо.

Ин воқеа баъди хонадор шудани ман ба вуқӯъ пайваста буд. Дар сарам сабукии ғайриодӣ эҳсос мекардам, дилам аз шодӣ лабрез буд. Оянда ба назарам зебо ва бенуқс ҷилва мекард. Дар гӯши ман савтҳои мусиқӣ садо медод ва таҳти ин оҳангҳо пойкӯбон рақсидани олиҳаи осмонӣ Бевулла дар пеши назарам ҳувайдо мегардид.

Он вақт ман аз дӯш бори кору масъулиятро партофта, ба муддати кӯтоҳ дар кӯчаҳои росту шағалрехтаи Шиллонг яккаву танҳо ва бемақсад мегаштам. Дар болои сарам дарахтони санавбар якзайл хиширрос мезаданду рӯю дастонам пайваста шамоли сахти моҳи боҳагро дар баҳор эҳсос мекарданд.

Ман дар як гӯшаи дуру хомӯши шаҳр хонае иҷора гирифта будам. Танҳо бо ёрии писараки хидматгор ман хонаро обод кардам, чизҳои зарурӣ харидам, то дар шароити барои ман нав зиндагии тоза оғоз кунам. Ман фикр мекардам, ки бо мурури замон рӯзғорамро ба роҳ мемонаму баъд аҳли оиламонро, ки дар водӣ монда буданд, ба ин ҷо даъват мекунам. Онҳо меоянду ҳамаи мо – ҳамсари ҷавонам, модарам, хоҳарам Ила ва ман дар ин

истироҳатгоҳи кӯҳӣ хушбахтона зиндагӣ хоҳем кард.

Ман кайҳо боз орзу мекардам, ки сафҳаи нави зиндагонии ман – зиндагии марди зандор, бояд дар ҳамин ҷо – дар Шиллонг оғоз ёбад. Дар ин ҷо маро шодию нишоти моҳи асал, болидарӯҳӣ ҳангоми бо лижа аз баландии кӯҳҳои сарбафалаккашида фуромадан, сайругашт бо киштӣ дар баҳри Миёназамин, гармобсоҳили Ривера – ҳамаи он чизе, ки дар адабиёти ошиқонаи Ғарб аз хусуси онҳо бисёр мутолиа кардаем, мунтазиранд!

Зангӯла дар бинои шаҳрдорӣ даҳ бор занг зад. Дар роҳе, ки аз тарафи Балан меояд, издиҳоми беохири одамон ба тарафи идораву муассисаҳо равон шуданд. Ин издиҳом маро ҳам ғайриихтиёр пеш мебурд, то он замоне, ки ба бинои почта расидам. Дар дасти ман лифофаи кабудранги сарбастае буд, ки мактуби муфассале дошт. Барои равон кардани он ба ман марка лозим буд. Аз вақте ки ман дар Шиллонг маскун шудаам, одатан рӯздармиён дар ҳамин вақт ба ин ҷо омада, мактуб мефиристам.

Бо зинапояи дароз фуромада, худро дар назди пештахтаи чӯбин, ки дар пушти он кормандони почта нишаста буданд, расондам. Он рӯз имкони ба назди онҳо гузаштан набуд. Анбӯҳи одамон чӣ қадар гуногунранг буд! Занҳои куҳансоли лоғари аврупоӣ бо чашмони зардранг ва мӯйҳои кӯтоҳи жӯлида; марварҳои фарбеҳи шикамғафс, хаткашонҳое, ки дар бар либоси корӣ доштанд ва боз одамони рангобаранги дигар.

Ман баъд аз ҳама истода, хомӯшона кай расидани навбати маркахариамро мунтазир шудам.

Пеш аз ман сикҳи бузургҷуссаи ришдору салладоре меистод, ки қадаш қариб ду метр буд. Пеш аз ӯ духтари ҷавону соҳибҷамоли тақрибан шонздаҳсолае истода буд, ки аз симояш хуни англисию ҳиндӣ доштани ӯ ҳувайдо буд. Ӯ дар тан пираҳани фирӯзагуни кӯтоҳе дошт, ки базӯр то зонуяш мерасид. Дар пойҳои зебои соқфарбеҳаш – ҷӯроби сафеди шероза– кабуд ва кафшҳои аз чарми нарм дӯхташудаи пошнапаст дошт. Мӯйҳои зарини ӯ, ки мувофиқи таомули маҳал равғанмолӣ нашуда буданд, дар пешониаш ҳалқа зада буданд. Чашмони зебои равшанаш нигоҳи зиндаи ифоданок доштанд. Пӯсти беғубори ӯ мисли тило медурахшид.

Духтарро аз назар гузаронида, ман дигар аз ӯ чашм канда натавонистам. Бо кӯшиши зиёд, диққати атрофиёнро ҷалб накарда ва монеаро дар шахси сикҳи бузургҷусса давр зада, ба ӯ тамоман наздик шудам. Духтарак, ҳарчанд ман бо ӯ ошноӣ надоштам,

норохатӣ зоҳир накард. Ӯ барои як даста лифофаҳое, ки дар даст дошт, як каф марка харид. Ман мушоҳида кардам, ки чӣ гуна ӯ маркаҳоро пайиҳам ширеш карду лифофаҳоро ба рӯи пештахта гузошт.

Ман ҳамоно нигоҳ мекардам. Кунҷковиамро пинҳон накарда, лифофаҳоро аз назар мегузаронидам ва ҳатто баъзе аз суроғаҳоро хонда тавонистам. Дар байни онҳо мактубҳое буданд, ки тавассути почтаи ҳавоӣ ба Англия равона мешуданд, ба суроғаи дайри Лоретто, ба Калкутта ирсол мешуданд; кадом як лифофаи ғафс ба табобатхонаи Салиби Сурх дар Мадрас роҳӣ мегардиду ва боз мактубҳои зиёде, ки ба одамони гуногун ва суроғаҳои гуногун навишта шуда буданд. Маро ҳусни хати духтар, вале аз он ҳам бештар ҳаракати мавзуни панҷаҳои нозуки ӯ, ки маркаҳоро зуд–зуд ширеш мекарданд, мафтун карда буд.

Банохост одамони дар навбат истода ба ҷунбиш омаданд. Корманди почта бо садои ғазаболуд чизе гуфту ба тарафи духтарак як рупияро ҳаво дод; танга тараққосзанон ба рӯи лифофаҳо афтид.

– Мэм–соҳиб! Тангаи шумо корношоям аст. Ман онро қабул карда наметавонам! – дод зад корманди почта бо забони шикастаи англисӣ.

Духтарак маркаи охирини то охир ширеш накардаи худро як тараф гузошта, чашмонашро боло карду оромона пурсид:

– Танга корношоям аст мегӯед? Ин тангаи кист? Шумо бовар доред, ки ин аз они ман аст?

– Бале, мэм–соҳиб, – ҷавоб дод корманди почта. – Ин ҳамон танга аст, худи худаш. Ин ҷо ғалоғула буд, ғавғо буд, ман надида мондам. Акнун бинам – корношоям… Бовар надошта бошед, ба қуттии ман нигоҳ кунед. Дигар ягон танга нест, ҳамааш пули коғазӣ, пули майда.

Духтарак баҳс накард. Ӯ рупияро бардошта, хурдагирона аз назар гузаронид. Бечора худашро гум карда буд. Ӯ табассуми хиҷолатомез карда, бо дандонҳои хурди ҷилодораш лаби поёнашро газиду ба фикр афтод.

Каме баъд ӯ аз нав ба корманди почта назар андохта, оҳиста–оҳиста, ба таври эътимодбахш гуфт:

– Ба фикрам, ман дар ҳолати ногувор мондаам. Ман бо худ пули дигар надорам, вале ҳамаи маркаҳои шуморо ширеш кардаам. Албатта, ман метавонам онҳоро аз рӯи лифофаҳо канда, ба шумо баргардонам, агар шумо розӣ бошед. Набошад…

Ӯ ба вазъи хеле мушкил афтода буд. Корманди почта ҳам оташин шуда буд. Анбӯҳи одамон кунҷковона ба ӯ фишор меоварданд, ба сараш борони шӯхӣ мерехт. Дар чашмони духтарак ифодаи ночорӣ ва шарм ҳувайдо гардид. Дар умқи шаффофи чашмони ӯ эҳсоси ғам, хавотирӣ, тарс, таваллои имдодталабона зуд–зуд якдигарро иваз мекарданд.

Ман анбӯҳи кунҷковонро қотеона тела дода, ба назди духтар омадам. Ба чашмони ӯ нигоҳ карда, пешниҳод кардам:

– Агар иҷоза диҳед, ман рупияи шуморо бо пули худам иваз мекунам. Ин чандон кори пурарзише нест, вале барои аз ин вазъи ногувор халос шудани шумо кӯмак хоҳад кард. Ҳар кас метавонад ба чунин ҳолат афтад. Хоҳиш мекунам, ҳамин хидмати хурдро аз ҷониби ман қабул кунед.

Духтарак содадилона ба ман назар андохта, бо эҳсоси миннатдорӣ табассум кард.

– Шумо чунон боилтифот ҳастед, ки пешниҳоди шуморо рад кардани ман беназокатӣ хоҳад буд, – бетакаллуфона гуфт ӯ. – Росташро гӯям, ман воқеан ҳам худро гум карда, чӣ кор карданамро намедонистам. Корманди почта ба ҳеҷ ваҷҳ маркаҳои истифодашударо аз ман пас намегирифт. Ман ҳам дар ин ҷо лифофаҳоро монда, барои пул ба хона рафтан намехостам.

Содагӣ ва одати дилчаспи рост ба чашми ҳамсӯҳбаташ нигоҳ кардани ӯ ба ман бисёр хуш омад. Чун одаме, ки анҷом додани вазифаи ба зиммааш гузошташударо дарк кардааст, ман тангаи ба рӯи пештахта гузошташударо бардошта, ба корманди почта аз ҳамёни худ як рупияи нав дароз кардам. Баъд бо нияти ба қуттии почта андохтан, ҳамаи лифофаҳоро ҷамъ кардам. Ҳарчанд аз ӯ иҷоза напурсида будам, духтарак норозигӣ баён накард. Ӯ ба ман бо кунҷковии ошкоро менигарист. Ман тафтиш кардам, оё маркаҳо дар лифофаҳои ӯ дуруст ширеш карда шудаанд ё не, баъд барои номаи худ ҳам марка харидам. Ҳамон лаҳза, дар назди ӯ ба рӯи лифофа суроғаро навишта, ҳамаи лифофаҳоро ба қуттии почта андохтам.

Мо мисли дӯстони дерин аз шӯъбаи почта берун шуда, ба боло – ба тарафи роҳ равон шудем. Дар он ҷо ӯ қадаммониашро суст карда, бо табассуми айёрона пурсид:

– Лутфан мегуфтед, ки шумо ассамӣ нестед?

Ман ҳайрон шуда норозиёна, мисли одами бегона худамро аз назар гузаронидам: ба назари ман симоям тамоман ба одами аврупоӣ монанд буд.

– Бале, ман дар ҳақиқат ҳам ассамӣ ҳастам, – ҷавоб додам ман бо хиҷолат. – Шумо барои чӣ инро мепурсед?

Ӯ ба ман бо кушодадилии кӯдакона нигоҳ карда хандид ва ба забони тозаи ассамӣ гуфт:

– Барои он мепурсам, ки ман худам насронии ассамӣ, аз Ноугонг ҳастам ва маро Мини Барбара Эндрюс меноманд. Хоҳари калонии ман муаллима аст ва дар ин ҷо, дар мактаби Лоретто кор мекунад, аммо ман барои имтиҳоноти дохилшавӣ ба Кембриҷ тайёрӣ мебинам. Латикаро, ки шумо ба ӯ нома навиштед, ман аз кӯдакӣ мешиносам. Мо дугонаҳои ҷонӣ будем. Ростӣ ман ӯро чаҳор сол боз надидаам, аз ҷое ба ҷое муҳоҷират мекардам, вале аз ҳама кори ӯ хабардорам. Медонам, ки чанд рӯз пеш аз ин Латика дар Ноугонг ба кадом як номзади илм шавҳар кардааст. Насаби ӯ дар духтариаш Дуара буд, вале ман мушоҳида кардам, ки шумо дар болои мактуб насаби Баруаро навиштед. Шояд ҳамин Баруа ҳамон олими ӯ бошад. Шояд дар дилам шубҳае пайдо мешуд, вале баъд дидам, ки дар рӯи лифофа суроғаи падари ӯро навиштед. Ана аз ҳамин хотир ҳисси кунҷковиам боло гирифту худдорӣ карда натавониста, аз шумо пурсидам. Шояд, шумо хеши наздики Латика бошед.

Ман лаҳзае худро гум карда, надонистам дар ҷавоб чӣ гӯям. Мини дар рӯи роҳи пиёдагард истода буду ман бодиққат ба чашмони ӯ нигариста, ба садои форами хушоҳанги ӯ гӯш медодам. Табассуми нозуке ба лабони пурраи ӯ дамиду ман беихтиёр мафтун шуда, онҳоро тамошо кардам. Баъд шӯхиомез гуфтам:

– Чунин менамояд, ки мисли ҳамаи воқеаҳои бузурге, ки дар ин ҷаҳон рӯй медиҳанд, вохӯрии мо ҳам тасодуфӣ бошад. Вале мо зуд шинос ки шудем, умедворам шиносоии мо то дараҷаи дӯстӣ хоҳад расид. Ман бо дугонаи шумо – Латика на танҳо шиносоӣ дорам – балки хеши бисёр наздикаш ҳам ҳастам. Агар хоҳиши донистан дошта бошед, ман ба ин ҷо барои он барвақттар омадам, ки то омадани Латика хонае тайёр кунам – ӯ барои муддати кӯтоҳе ба ин ҷо истироҳат меояд. Шояд ӯ вақт дар ҳамин ҷо мебуд, вале хона ҳанӯз пурра омода нест.

Ман Мини Эндрюсро аввал ба фурӯшгоҳи бузурги Кларк, баъд ба корхонаи либосдӯзӣ, дӯкони Лал Чанда ва ниҳоят, ба студияи Гозал ҳамроҳӣ кардам. Мо даст ба даст гирифта роҳ мерафтему дӯстона сӯҳбат мекардем. Ба Лайтумкхрах бо кӯтоҳтарин роҳ расидем, теппаеро, ки тангкӯчаи борик печонида буд, миёнбур кардем. Дар қарибии роҳи кӯҳӣ ман бо Мини хай-

рухуш кардам. Зангӯлаи бинои шаҳрдорӣ занги соати дувоздаҳро зад. Офтоб сахт сӯзон буд.

Ман бо роҳи беодам ба тарафи хона равон шудам ва конфети аз кисаам пайдошударо мехоидам. Баногоҳ бе ягон сабаб диламро андӯҳ зер кард.

Бо дили пур аз ғусса ба фалсафабофӣ пардохтам. Барои чӣ тангаи нуқраи софро корношоям мешуморанд? Ва барои чӣ ба хотири кадом як тангаи корношоям бояд шарафи инсонии чунин як духтари зебо ва бетаккалуфе чун Мини Эндрюс доғдор шавад?

Боз як ҳафта ноаён гузашт. Бо кадом як сабаби номаълуме ман фиристодани мактуберо, ки мувофиқи ваъдаам бояд дар он кай ба Шиллонг раҳсипор шудани Латика ва дигар аъзоёни оиларо хабардор мекардам мавқуф мегузоштам. Хона барои қабул кардани меҳмонон кайҳо омода карда шуда буд. Ман ба Латика зуд–зуд мактуб навишта, ҷавоб мегирифтам. Вале, бо вуҷуди ин, хоҳиши сахти ҳарчи зудтар Латикаро дар Шиллонг диданам коста буд.

Субҳи диловези моҳи апрел буд. Буттаҳои гул дар боғ аз гулҳои шукуфта гуногунранг метобиданд. Гоҳ дар ин ва гоҳ дар он ҷо қатраҳои шабнам, ки ҳанӯз дар баргҳои буттаҳо ва дарахтон меларзиданд, оташвор медурахшиданд. Ва қолини сабзи махмалини сабзаҳо дар рӯи замин низ аз шабнам тар шуда буд. Дар миёни боғ, дар рӯи сабзазор мизи чойнӯшии ороста ва ду курсӣ гузошта шуда буд. Мини Эндрюс дар тан домани кабуди баланди канораҳояш бо гулдӯзии сафед ороста, ки пӯшидани он расми мардуми Ассам аст ва нимтанаи сурхи баланди гиребонкушода дошт. Пойафзораш бо либоси ӯ бисёр мувофиқ буд. Рӯсариш ҳалқаҳои заррини худсари зулфонашро, ки бо сарсӯзанҳо маҳкамашон карда буд, базӯр нигоҳ медошт. Мини барои ман ба пиёлаи сабз аз чойнаки нуқрагин чой мерехт. Ӯ бо қиёфаи пурандеша бо чумча шакарро дар чой омехта, гуфт:

– Дар ин зиндагӣ мо чӣ тавр асрорангез вохӯрдем! Воқеаи тасодуфӣ, воқеаи тасодуфӣ дар почта. Вале ин ба мо чӣ гармӣ, чӣ ҳамдилии дӯстонае ато кард. Мо, охир, бо ҳамдигар то он лаҳза ҳеҷ ошноие надоштем!

Ман парешонхотирона, кулчақанди дарозкардаи Миниро гирифта, пиёларо ба лабонам бурда, гуфтам:

– Боиси таассуф аст, ки ҳамаи вохӯриҳои мо дар соати зарурӣ баргузор намегарданд. Гоҳ барвақту гоҳ хеле новақт вомехӯрем, вале сари вақт – ҳеҷ гоҳ. Ба ман чунин менамояд, ки тақдир ба мо бадхоҳ асту мехоҳад, ки вохӯриҳои мо боиси фоҷиаи мо шаванд.

Мини барои он одате, ки ман афкорамро норавшан баён мекунам, маро маломат кард. Бо табассум таъкид кард, ки мақсади маро фаҳмидан душвор аст. Яъне, ман дар бораи чизҳои одӣ ҳам сарбаста ҳарф мезанам, то ки дигарон барои фаҳмидани суханони ман майна об кунанд. Ва илова кард: аксари мардон гирифтори ин одати бад ҳастанд.

Ман кӯшиш кардам ҳамаашро ба шӯхӣ гардонам, дилам мехост бе ягон андеша аз дурахши зебои чашмони ӯ ҳаловат барам. Вуҷудамро хоҳише фаро гирифта буд, ки дар бораи эҳсоси аз ҳама мураккабу ниҳонии дилам равшану фаҳмо ба ӯ бигӯям. Вале суханони ман қудрати

шикастани девори ғафси таомул ва анъанаҳои ин дунёи соҳибтамаддунро надоштанд.

Маъмурияти таблиғотии Рамакришнаро пайроҳаи борики пурпечу хам, ки аз байни анбӯҳи бамбукзори пажмурда мегузарад, печонидааст. Ин роҳ баъд ба болои теппаи бегиёҳе, ки оҳиста–оҳиста ба пуштакӯҳи сабзапӯш мубаддал мегардад, мебарояд. Баъд, то чашм кор мекунад дорад – қаторҳои беохири дарахтони санавбар тӯл кашидаанд.

Баъд аз сайругашти кӯтоҳмуддат Мини боз ҳам зеботар шуда буд – рухсораҳояш гулгун шуда буду чашмонаш медурахшиданд ва парраҳои биниаш меларзиданд. Саропои ӯ аз шӯру шавқи ботиниаш, ки аз зоҳир кардани он худдорӣ мекард, шаҳодат медод.

Мо паҳлӯи ҳам дар рӯи санги паҳне, ки аз болои он манзараи резиши оби шаршара дар поён намоён буд, менишастем. Мини пойафзорашро кашида, пойҳои аз хастагӣ сурхшудаашро ба даруни ҷӯй гузошту баъд бо онҳо обро шалап–шалап задан гирифт. Ман бе ягон ғараз аз байни пардаи шаффофи об, пойҳои хурди зебои ӯро тамошо карда, ба андеша рафтам.

Зарбаи на чандон сахт андешаҳои маро пароканда кард.

– Ту мисли шоир дар бораи чӣ орзу мекунӣ? – хоҳиши донистан кард Мини.

Ман ба оби тираи ороми ҷӯй дар дара нигоҳ карда, бо эҳсос ҷавоб гардондам:

– Дар бораи он меандешам, ки чаро инсон ҳангоми наззораи зебоӣ худро ҳақиру нотавон эҳсос мекунад? Барои чӣ зебоӣ дар вуҷуди инсон майлҳои табиии нуҳуфтаи ӯро бедор мекунад? Барои чӣ инсон бо дидани зебоӣ аз идора кардани эҳсосоти худ оҷиз мемонаду ҳама занҷирҳои тамаддунро пора карда, ба эҷодкорӣ майл мекунад ва тифли содадилу озоди табиат мегардад?

Мини ба ман такя карда, бо табассуми айёрона пурсид:

– Ва ин ба ту хуш меояд?

– Ту дар бораи чӣ мегӯӣ? – Ман аз ин саволи ӯ каме хиҷолат кашидам.

– Дар бораи оби шаршарае, ки дар поён, дар дара ҷорист. – Мини ҳанӯз табассум мекард.

Он гоҳ ман бо муҳаббат ба чашмони ӯ нигоҳ карда, бо эҳтирос гуфтам:

– Он амиқ, тирагун, пурҷӯшу хурӯш ва пуризтироб аст.

Мини мехост ба лаби ҷӯйбори қаъри дара фуроящ. Ӯ дасти маро маҳкам дошта, ба харсангҳои обсабзпӯш часпида, аз болои сангтӯда мегузашт. Ӯ дар лаби ҷӯй пойафзорашро кашида пойлуч роҳ мерафт. Гуфт, ки бо пояш эҳсос кардани сабзаҳои тарро дӯст медорад: онҳо асабҳои пойро хеле форам бармеангезанд. Мини ба канораи ҷӯй тамоман наздик омадаву аз шодӣ саргаранг буд. Мисли одами сархуш беист механдид ва аз беҳолӣ ба ман ҷафс мешуд. Баъд мисли кӯдакон аз пайи гулпаракҳо давида, маро ҳам ба ин бозӣ ҷазб кард; мекӯшид гулҳои рустаниҳоеро, ки ба сангҳо печида қад кашида буданд, бичинад, вале вақте ки ин ба ӯ муяссар нашуд, маро ба ёрӣ даъват кард. Мини як рӯймолро пур аз сангча карда, шӯхиомез онҳоро гоҳ ба об ҳаво медоду гоҳ, гӯё нафаҳмида, ба тарафи ман.

Баъд нохост ба сари ӯ андешае омад, ки рӯдро убур кунад; қоҳ–қоҳзанон хандида, қатраҳои обро пош дода пеш мерафт, вале, бо вуҷуди ин, мувозинатро гум карда, фарёдзанон маро ба ёрӣ даъват кард. Вале ҳамин ки ман ба ӯ наздик омадам, бо тамоми вуҷудаш ба болои ман афтод ва ман базӯр худро аз афтидан нигоҳ доштам. Он гоҳ ӯ чиррос зада, худро даҳшатзада вонамуд карда, аз дасти ман кашид, то ба об наафтам. Ҳамин тариқ, мо ба якдигар ёрӣ карда, бо як азоб ҳамдигарро аз афтодан нигоҳ дошта, бе осеб ба соҳил баромадем.

Мини беҳолу бемадор шуда буд ва ба рӯи сабзаҳои лаби об ғелид. Ман дар паҳлӯи ӯ ҷо гирифтам. Ӯ як каф сӯзанбаргҳои хушки санавбарро, ки чида буд, бо кафи даст молиш дода, майда мекарду бо ҳаловат бӯи тундашонро мешамид. Ва банохост шӯхикунон онҳоро аз кафи дасташ рост ба рӯи ман пуф кард; баъзе аз он сӯзанбаргҳо дар ҳаво чарх зада, ба мӯйҳои тилоранги ӯ нишастанд. Мини сарашро ба рӯи зонуи ман ниҳода хоҳиш кард, ки сӯзанбаргҳоро аз мӯйҳои ӯ бичинам. Ман ба чидани

сӯзанбаргҳо аз мӯйҳои ӯ пардохтам; сари ӯ рӯи зонувони ман қарор гирифта буд, вале баъзан Мини онро бо таннозӣ такон дода аз ман дур мекард, баъд мӯйҳои парешони ӯ боз зонувони маро паноҳ мекарданд ва баъд ӯ боз хандида аз ман дур мешуд.

Бӯи хуши мӯйҳои ӯ аз ман инону ихтиёрро рабуда буд. Панҷаҳои ман худ аз худ фишурда шуда акнун оҳанвор ӯро сахт дошта буданд. Мини ҳар қадар кӯшид, дигар сари худро аз панҷаҳои беамони ман раҳо карда натавонист. Ӯ девонавор қоҳ–қоҳзанон механдид, баъд ба ман аз байни мӯйҳои тилоии парешонаш нигариста, рӯяшро ба зонуҳои ман ҷафс карду банохост хомӯш шуд.

Ба ман чунин менамуд, ки Мини Эндрюс бо нафасҳои чуқури хеш ҳамаи ҳавои тасфони беҳаракати атрофро даркашид.

Боз як ҳафтаи дигар сипарӣ шуд. Латика ва аҳли хонаводаи ман наомада буданд. Маро чунин эҳсосе фаро гирифта буд, ки онҳо ҳаргиз нахоҳанд омад. Хонаи холӣ дар интизори меҳмонон буд, ман ба андешаҳои худ андармон шуда, кӯшиш мекардам ба холӣ будани он аҳамият надиҳам.Ин андешаҳои азиятовару безоркунанда маро тамоман маъюс карда буданд. Вале ман, ҳамин тариқ, чорае андешида натавонистам.

Баъзан Мини бодиққат ба ман нигоҳ карда мепурсид:

– Ту дар бораи чӣ андеша мекунӣ?

Ман мекӯшидам саволро беҷавоб монам, вале боре банохост аз даҳонам баромада монд:

– Ман дар бораи Латика фикр мекунам.

– Аз чӣ дар бораи ӯ ин қадар бисёр фикр мекунӣ? Ӯ шавҳар дорад, бигзор барои ӯ шавҳараш нороҳат шавад.

Қудрати пинҳон кардани ҳаяҷонамро гум карда, гуфтам:

– Бадбахтона, шавҳараш дар бораи ӯ фикр карданро фаромӯш кардааст. Ӯ ба зани дигар ошиқ шудааст.

– Охир ин номумкин аст! Ин воқеа чӣ хел ба вуқӯъ пайвастааст? Охир аз издивоҷи онҳо ҳанӯз як моҳ ҳам нагузаштааст. Кӣ ба ин бовар мекунад? – Мини аз ҳайрат ба худ омада наметавонист.

– Ин рост аст, – кӯшиш кардам Миниро бовар кунонам. – Ман шавҳари ӯро хуб мешиносам. Ӯ ҳамаашро ба ман софдилона иқрор кард. То издивоҷ дилу нияташ пок буд. Ин баъд аз як ҳафтаи арӯсии онҳо рӯй додааст.

– Чӣ рӯй додааст? – Вуҷуди Миниро кунҷковӣ фаро гирифта буд.

– Ба ҳама ниятҳои хуби худ нигоҳ накарда, банохост бе ягон

сабаб, ӯ ба зани дигаре ошиқ шудааст. Ӯ бо он зан қабл аз ин ошноӣ надошт ва ҳатто бо ҳамдигар тасодуфан шинос шудаанд, – идома додам ман бо ҳамон оҳанги ҷиддӣ. Ин зан ба кастаи дигар тааллуқ дорад, пайрави дини дигар аст ва ҳатто тамоман дар муҳити дигар бузург шудааст.

Мини ба ин қисса боз ҳам мароқи бештаре зоҳир карда пурсид:

– Ва ӯ қарор додаст, ки аз занаш ҷудо шавад?

– Не, ба ҳеҷ ваҷҳ, – изҳор кардам ман бо қотеият. – Вале ӯ акнун ба мушкилот дучор шудааст. Ӯ Латикаро мисли пештара аз таҳти дил дӯст медорад. Муҳаббати ӯ ба Латика заррае кам нашудааст. Ана барои ҳамин, ӯ бояд ягон роҳи дигари ҳалли ин масъаларо пайдо кунад, чорае барои созиш интихоб кунад, то ин эҳсосоти ба ҳам муқобилро оштӣ диҳад.

– Вале ин чораи одию осон дорад. Ишқу никоҳ чизҳои ба куллӣ гуногунанд. Мо мехоҳем ин ду чизро ба зӯрӣ ба ҳам бипайвандем ва кори худамонро мушкил мекунем. Дар ин ҳодисаи ба сари шавҳари Латика омада ба осонӣ, бе ягон ҷанҷоли оилавӣ метавон байни ин ду эҳсоси муҳаббат марз кашид. Фақат кӯшиш кардан даркор аст, ки онҳо ҳаргиз якҷо нашаванд.

– Вале ин имконнопазир аст, Мини, – оташинона эътироз кардам ман. – Ин бозии хаёлот аст, вале дар зиндагӣ наметавон дар як вақт, дар як маъбад ба ду олиҳа саҷда кард.

– Кӣ ба ту гуфт, ки маъбад яктост? – якбора эътироз кард Мини. Дар назари аввал маъбадҳо монанди якдигаранд, вале дар воқеъ онҳо аз рӯи ҳаҷму мазҳаб аз ҳам тафовут доранд. Маъбаде, ки дар он занатро олиҳаи он медонӣ, ба ҳама маълум аст, ки бо чаҳор девори хонаи ту маҳдуд аст. Вале маъбаде, ки санами он – дӯсти ту, маҳбубаи туст, мисли ишқи ту беинтиҳо, бекарона ва фарогир аст.

Мини Эндрюс банохост нутқи пурэҳтироси худро бурида, шармида ба чашмони ман нигоҳ карду гунаҳкорона гуфт:

– Маъзур дор, аз шавқи мубоҳиса беихтиёр аз даҳонам «ту» баромад. Вале ман туро не, шавҳари Латикаро дар назар доштам.

Ман қудрате надоштам, то аз ин симои бароям азиз чашм канам ва бо мушкилӣ аз аён кардани эҳсоси пушаймонӣ, ки саропоямро фаро гирифта буд, худдорӣ мекардам. Ман гӯё аз дарду андӯҳ карахт шуда будам.

Аз байн боз чанд рӯз гузашт. Мини маро ба ҳолам нагузошта, ҳар дамам ёдрас мекард, ки ба Латика нависам, бигзор ҳарчи зуд-

тар биёяд. Мини маслиҳат дод, ки ба шавҳари Латика ҳам мактуб нависам: бигзор ҳамроҳи маҳбубааш биёяд. Мини бо ҳар роҳ маро бовар кунонданӣ мешуд, ки ин мушкилоти ба ақидаи ман ҳалнашавандаро, ба осонӣ ҳал кардан мумкин аст, фақат барои ин бояд ҳамаи онҳо дар як ҷо ҷамъ шаванд – Латика, шавҳараш ва маҳбубаи ӯ.

– Ин номумкин аст, Мини! – якравӣ мекардам ман. – Бисёриҳо аз ин вазъият роҳи наҷот ҷустанд, вале бенатиҷа. Як марду ду зан, ду марду як зан – ин ҳамон чизест, ки онро секунҷаи ҷовидонӣ меноманд. Он аз оғози офариниши дунё мавҷуд буд ва ҷовидонӣ хоҳад монд. Никоҳ ба зан ҳуқуқҳои бекарона ато менамояд ва ӯ аз рӯи ҳуқуқи ҳамсар буданаш аз шавҳараш ҳама чизи имконпазиру имконнопазирро талаб мекунад. Ва ӯ як зарра ҳам аз ҳуқуқҳои худ гузашт намекунад. Зани шавҳардор ҳатто ба рафиқи шавҳараш рашк мебарад, рақибашро тобу тоқати дидан надорад.

Мини Эндрюс ҳатто хоҳиши шунидани далелҳои маро надошт, ӯ дар ақидаи худ пофишорӣ мекард: рашк эҳсоси кӯҳнашуда, як хурофоти нолозим аст. Занҳои соҳибмаълумоти бомаърифат аз рашк азият нахоҳанд кашид. Ӯ бовар дорад, ки Латика зани бомаърифат, пешқадам ва озодфикр аст.

Ман дигар қудрати бовар кунондани Миниро наёфта, ниҳоят таслим шудам ва ӯро бениҳоят хурсанд кардам.

Латика омад ва ҳамроҳи ӯ модарам ва хоҳараки хурдиам Ила низ омаданд. Мини Эндрюс қасдан барои пешвози онҳо ба истгоҳи автобус нарафт. Ӯ қарор дод, ки қариби бегоҳӣ ногаҳон меҳмонӣ биёяду ҳамаро ҳайрон кунад. Ман розӣ шудам. Ҳатто аз ин қарори ӯ шод шудам: ӯ барои омода шудан ба моҷарои дарпешистода, ба ман фурсат медод. Он рӯз ман ҳар қадар, ки бештар дар бораи Мини фикр мекардам, қатъиятро дар вуҷудам ҳамон қадар ҳам камтар эҳсос мекардам.

Латика аз ман дур намешуд. Аз ҳамон лаҳзаи омаданаш маро бо меҳрубониҳои худ безор карда буд. Мо баъди як моҳи ҷудоӣ ҳамдигарро акнун медидем. Маро гӯё сели эҳтиросоти ҷавонии ӯ, ки баъди ҷудоии кӯтоҳмуддат фаввора заданӣ буд, тамоман фаро гирифта буд. Инаш кам буд, ки Латика пайваста ҳуқуқи худро чун ҳамсар ва соҳиби хона намоиш медод. Ба номаш мувофиқ (маънои Латика «алафи печак») ӯ мекӯшид, ки ба ҷисму рӯҳи ман печад, тамоман дар вуҷуди ман ҳал шавад.

Ман то ҳадди имкон аз ӯ мегурехтам. Байни мо он қаробати собиқ боқӣ намонда буд. Ман ҳеҷ наметавонистам аз он эҳсосе,

ки кадом як қувваи ноаён моро ҷудо кардан мехоҳад, раҳой ёбам.

Ман баҳонаи хастагиро пеш оварда, ба хонаи хоб рафтам. Дар он ҷо аз қуттӣ сурати Мини Эндрюсро бароварда ба фикр фурӯ рафтам.

Вале ин ба ман кӯмак накард, ман ба ягон қарор омада натавонистам. Шом наздик мешуду нороҳатии ман меафзуд: ҳамин ҳоло бояд Мини меомад.

Модару хоҳарам аз роҳи сафар хаста шуда, барвақт хобида буданд. Шом ториктар мешуд. Дар деҳоти дуродур чароғҳои зиёде нурафшонӣ мекарданд. Шабаҳи тираи санавбарҳо дар зулмоти шаб оҳиста–оҳиста нопадид мешуданд. Роҳҳои морпечи сурхранги кӯҳӣ аввал хира, баъд тамоман нопадид шуданд.

Латика дар назди тиреза истода, ғарқи тамошои тағйироти шабона буд. Ман ғарқи фикру андешаҳои худ, дар назди ӯ рост меистодам. Ниҳоят, ман худро ба даст гирифта, аз дасти Латика гирифтаму ба хонаи хобаш бурдам. Он ҷо ман ба ӯ сурати Миниро нишон дода гуфтам:

– Ту, албатта, ӯро нағз мешиносӣ. Ман шунидам, ки шумо аз кӯдакӣ бо ҳам дӯст будаед.

Латика чанг зада суратро аз дасти ман гирифт.

– Ту инро аз куҷо гирифтӣ? –ҳайрати Латикаро интиҳо набуд.
– Мини бо хоҳари калонии худ дар Мадрас аст, чаҳор сол боз дар он ҷост.

– Ӯ метавонад ҳар лаҳзае, ки хоҳад, ба назди ту меҳмонӣ биёяд, – шарҳи дигаре наёварда гуфтам ман. – Ин сурат аз ташрифи ӯ дарак медиҳад.

Латика аз вохӯрии дарпешистода бо Мини чунон хурсанд шуд ки ҳатто андешаи аз ман пурсидани чизи дигаре ба сараш наёмад. Ӯ ба ҳаматарафа таъриф кардани дугонааш шурӯъ кард. Яъне ӯ духтари соҳибихтиёр, самимӣ ва соҳибшараф аст. Мини шахсияти намоён буда, мисли он духтаракони якранге нест, ки мисли об ҳастанду ба ҳар зарфе дароянд, шакли онро мегиранд. Бале ин рост аст, ки ӯ бо Мини аз кӯдакӣ дӯстӣ дорад. Мини, албатта, ӯро фаромӯш накардааст ва чун огоҳӣ ёбад, ки Латика ҳамин ҷост, фавран ба ин ҷо хоҳад шитофт. Агар ӯ ва Мини вохӯранд, таътилаш дар Шиллонг барои Латика боз ҳам шодибахштару хотирмонтар хоҳад шуд.

Мини Эндрюс мисли гирдбоде, ки маълум нест аз куҷо вазидааст, ногаҳон аз дар даромад. Ӯ «Латика» гуфта бонг заду худро ба оғӯши дугонааш андохт. Онҳо якдигарро оғӯш кашида, атроф-

ро фаромӯш карда буданд. Чунин менамуд, ки тамоми ҳавои хона тағйир пазируфта буд.

Ман вохӯрии онҳоро хомӯш тамошо мекардам, мехостам ба хурсандии мутаассиркунандаи меҳру муҳаббати ин ду дугона, ки баъд аз ҷудоии тӯлонӣ вохӯрда буданд, шарик шавам. Ниҳоят, ба як қарор омада, Миниро садо кардам.

Ӯ чунин вонамуд кард, ки гӯё садои маро нашунидааст ва ҷавоб нагардонд. Ман чанд бор номашро гирифта садо кардам ва ӯ оқибат бо дили нохоҳам рӯяшро гардонда, қасдан бо лафзи кӯдакона гуфт:

– Ҷаноби Чалиҳа?

Номи ношинос барои Латика хеле хандаовар намуд ва ӯ ҳанӯз дугонаашро аз оғӯшаш сар надода, мисли духтаракон қоҳ–қоҳ зада хандид. Ангушташро ба лабони Мини расонда, ҳиҷо ба ҳиҷо омӯхт, ки номи ҳақиқии маро чӣ гуна бояд талаффуз кард:

– Содаяки ман! Ту киро ҷаноби Чалиҳа меномӣ? Шавҳари ман доктор Баруа ном дорад. Доктор, магистри фалсафа Баруа. Шавҳари ман…

Дар чеҳраи Мини ҳайрат, тарс, хиҷолат ифода ёфта буд; ӯ ба рӯи ман нигоҳ карда, бо як азоб, ноӯҳдабароёна гуфт:

– Маълум мешавад… шавҳари… шавҳари туст, – ва базӯр табассум карда, илова кард. – Маъзур доред, ҷаноби Баруа. Ман номи ҳақиқии шуморо намедонистам, вале шумо ҳамеша медонистед, ки ман чӣ ном дорам. Ман – Мини Эндрюс, дугонаи наздики Латика ҳастам. Умедворам бо шумо ҳам дӯст хоҳем шуд.

Субҳи дигар мизи чойнӯширо дар гулгашти боғ оро дода буданд. Хуршеди навдамидаи пагоҳӣ ба қуллаҳои кӯҳҳо, ки аз дур менамуданд, меҳрубонона нур мепошид.

Чашмони Латика баъди хоб варамида ва ҳалқаҳои мӯяш ба рӯяш афтода буданд. Ӯ ба ман пиёлаи чойро дароз кард. Ман ғарқи андеша пиёларо ба лабонам бурдаму беҷуръатиамро бартараф карда, гуфтам:

– Мини воқеан ҳам духтари боақлу дилписанд аст. Ман ҳис кардам, ки ту аз вохӯрии ногаҳонии дирӯзаатон хеле хурсанд шудӣ.

– Хурсанд гуфтан кам аст, ин бароям як хушбахтист, – ҷавоб дод Латика. – Ҳатто дар фикрам ҳам набуд, ки ман бо ӯ дар ин ҷо, дар Шиллонг вомехӯрам. Ман бовари комил доштам, ки Мини Эндрюс дар Мадрас аст. Намедонистам, ки ӯ дар ин ҷо як соли дароз таҳсил кардааст.

Хомӯшии фарорасидаро фақат ҷарангоси ба косаю табақчаҳо бархӯрдани чумчаҳо халалдор мекард.

– Барои чӣ ту дар бораи таҳсили ӯ дар замони гузашта сухан меронӣ? – Ман гуфтугӯро идома бахшидан хостам. – То ҷое, ки ман медонам, ӯ ҳоло ҳам дар ин ҷо таҳсил мекунад.

– Не, – Латика сарашро ҷунбонд. – Дирӯз ӯ гуфт, ки дигар дар ин ҷо таҳсил нахоҳад кард. Кадом зарурате ӯро маҷбур кардааст, ки ба Мадрас баргардад. Умуман, ӯ ҳамин рӯз аз ин ҷо сафар мекунад. Мо дирӯз худоҳофизӣ кардем. Шояд ӯ барои хайрбод кардан вақт наёбад, ки ба ин ҷо як сари қадам омада равад.

Боз ҳам хомӯшӣ, ки ин дафъа амиқу ҳузнангез буд, фаро расид. Ҳатто ҷарангоси одатии зарфҳои чойнӯшӣ ҳам паст, гӯё аз ҷои дигаре ба гӯш мерасиданд.

Ман базӯр ҷуръат пайдо карда, хомӯшии гаронро халалдор кардам ва бо садои ором гуфтам:

– Ин хел ки бошад, ӯ бояд бо ман ҳам худоҳофизӣ мекард. Дирӯз бегоҳӣ баъди он, ки ту номи маро ба ӯ гуфтӣ, шумо ба хонаи дигар гузаштед ва ӯ дигар ба чашми ман нанамуд. Ман ҳам нахостам бо ҳузури худ барои шумо бори гарон шаваму ба ғайбатҳоятон халал расонам. Ба гумонам, дар бораи ман ягон гапи казоие ҳам нагуфтагист.

Латика хомӯш сар ҷунбонду гуфт:

– Ба ҳар ҳол, баъзе чизҳоро ба ман гуфт. Шумо баҳс кардаед. Ӯ имконпазир будани чизеро ба ту исбот кардан хостааст, вале ту инро рад кардаӣ. Акнун Мини хоҳиш кард ба ту расонам: ӯ барғалат будани андешаашро фаҳмидааст, ин шартро бохтанашро иқрор мекунад ва хоҳиш кард, ки ӯро маъзур доред.

Солҳои зиёде сипарӣ шуданд. Онҳо ақлу эҳсоси маро, гӯё кунд кардаанд. Зиндагӣ хеле якрангу дилбазан ҷараён дошт. Латика дигар бо навозишҳои худ ба ҷони ман намерасад: ташвиши чаҳор фарзанд барои ӯ басанда аст.

Аммо ман то ҳол тангаи корношоямро фаромӯш карда наметавонам. Вақте ки сарам аз андешаҳои дигар фориғ аст, ман ба сурати бо мурури замон хирагаштаи Мини Эндрюс нигариста, дар бораи он фикр мекунам; ин сурат ҳанӯз ҳам дар қуттии ҷевони Латика нигоҳ дошта мешавад. Ман то ҳол дар ёд дорам, ки Мини боре маро бовар кунонданӣ буд, ки рашк – эҳсоси нолозим, ғайритабиӣ ва маҳдудест. Занҳои бомаърифати замонавӣ ба ин эҳсос дода намешаванд. Баъзан ман ба худам савол медиҳам: «Наход ин рост бошад?»

* * *

***УПЕНДРАНАТҲ АШК*** *(соли таваллудаш 1910) – носир, дарамaтург ва шоир, асарҳояшро ба забони ҳиндӣ таълиф намудааст. Ӯ муаллифи чандин роман, ҳикоя, намоишномаи якпардагӣ ва маҷмӯаи ашъор аст. Аксари асарҳои ӯ ба забони русӣ тарҷума шудаанд.*

## УШТУРБАЧА

Савдогар Нанду чун мушоҳида кард, ки Бақар ном марди мусулмон аз қабилаи ҷат ва аз деҳаи Искандар, ки ба намоишгоҳ омада буд, ба моли ӯ ҳарисона менигарад, бо садои бам фарёдаш кард:

– Э–ҳей! Ба ту чӣ лозим аст?

Ӯ оҳиста, коҳилона бо тамоми ҷуссаи бузургаш хамёза кашиду пираҳани аз матои дағали хонабофт дӯхтааш, ки кайҳо тугмаҳояш афтода буданд, кушода шуд ва сандуқи синаи фарохаш намоён гардид. Ӯ ба дарахт такя карда нишаста буду дар сояи он истироҳат мекард.

Бақар наздиктар омад. Ӯ, тавре ки хоси мусулмонҳост, риши хурди нӯгтез ва мӯйлаб дошт. Дар чашмони жарфи ӯ шӯълаҳои якравӣ медурахшиданд.

– Уштури туро тамошо кардам, соҳиб, – ба забон овард Бақар ва ба лабонаш табассум дамид. – Хеле хуб аст, ҳаваси кас меояд.

Нанду чун шунид, ки молашро ситоиш мекунанд, акнун дигар ба ҷатӣ на он қадар мутакаббирона нигоҳ мекард.

– Кадом уштур? – дар дилаш болида, пурсид ӯ.

– Аз охир чорумаш – ҷавоб дод Бақар ва бо даст ишора кард.

Дар сояи дарахти куҳансоли азим қариб даҳ уштур баста буданд.

Ноқае дар байни онҳо бармало фарқ мекард. Ӯ гардани дарози зебояшро боло карда, мекӯшид аз дарахт барги сабз канда хӯрад. Дар намоишгоҳи Бҳавалнагар – шаҳраки хурде, ки дар канори биёбон доман паҳн карда буд, ҳамеша уштури бисёр мефурӯхтанд. Дар майдони бозор ба ҳар кучае, ки нигарӣ, уштурҳои бузургҷуссаи гардандароз, ноқаҳои зебо, говмешҳои сиёҳи шикамкалон, барзаговҳои хушзот ва говҳои шохдароз ба чашм мехӯрданд. Аҳён–аҳён харҳо ҳам дида мешуданд, вале уштурҳо аз ҳама бештар буданд. Ва ин ҷои таaҷҷуб ҳам надорад: охир уштур – киштии биёбон аст. Дар ин ҷо онро ба ароба баста, бор мекашо-

нанд, барои корҳои саҳро истифода мебаранд. Ҳатто, дар гузашта ҳам, вақте ки ба даҳ рупия гов харидан мумкин буду барзагов понздаҳ рупия қимат дошт, нархи уштур аз панҷоҳ рупия кам набуд. Ҳоло, вақте ки дар ин ҷо ҷӯи калон канданду мушкилоти об каме осон гардид, талабот ба уштурҳо боз ҳам афзунтар шуд. Нархи уштури мусофиркаш дусад–сесад рупия буду уштури боркашро аз ҳаштсад рупия кам намедоданд.

– Росташро мегӯям, соҳиб, дар тамоми намоишгоҳ ин гуна уштур намеёбӣ, – гуфт Бақар.

Нанду бовиқорона сандуқи синаашро пеш дамонд.

– На фақат ҳамин моли ман хуб аст, – гуфт ӯ, – ҳамаи моли ман сара аст. Охир, ман онҳоро фақат бо тариту сабӯс парво мекунам.

– Инро мефурӯшӣ? – бо садои паст пурсид Бақар.

– Барои ҳамин онҳоро ин ҷо овардам, – гуфт Нанду.

– Ку, қиматашро бигӯ.

Нанду ба саропои ӯ назар афканда, тамасхуромезу боистеҳзо табассумкунон пурсид:

– Барои худат мехарӣ, ё барои хоҷаат?

– Барои худам, – бо эътимоди том гуфт Бақар.

Нанду нописандона сарашро ҷунбонд: аз куҷо пули ин пойлуч ба чунин уштур мерасад!

– Барои худат? Э–э, шӯхиро як тараф мон, – гуфт ӯ.

Бақар бисёр мехост яксаду панҷоҳ рупияеро, ки дар таги кисааш буд, бароварда, дар зери бинии ин пулдор афшонаду ғурури ӯро фурӯ нишонад.

– Ман пул дорам ё надорам, ин кори ту нест. Кори ту гуфтани қимати мол аст.

Нанду бори дигар ба пираҳани кӯҳнаи Бақар, дҳотии кӯтоҳи ӯ, ки ҳатто то зонуяш намерасид ва чорукҳои даридааш, ки шояд як вақтҳо бобояш ҳам онҳоро пӯшида буд, нигаристу абрӯвонашро дарҳам кашида гуфт:

– Бирав ба роҳи худат, бирав! Барои харидани ин уштури зебо пули ту намерасад… Ва агар аз ростӣ онро харидани бошӣ, ҷои шуди фурӯшаш аз ҳашт биструпиягӣ як пайса ҳам кам намешавад.

Чеҳраи хаставу пурташвиши Бақар дарҳол кушода шуд. Ӯ тарсида буд, ки савдогар нархеро ба забон меорад, ки пулаш ба он камӣ мекунад ва вақте фаҳмид, ки ӯ ҳамааш шуда яксаду шаст рупия мехоҳад, бисёр шод шуд. Ва агар савдогар ба додани молаш ба яксаду панҷоҳ рупия розӣ нашавад ҳам, ӯ он даҳ рупияеро, ки на-

мерасад, аз ягон кас қарз хоҳад кард. Бақар савдо карда наметавонист ва фавран аз кисааш ҳамаи пулҳояшро бароварда ба ӯ пешкаш кард.

Нанду саросема нашуда, ба шумурдани пул оғоз кард. Шумурданро ба анҷом расонду бо чашмони якбора нургирифтааш тааҷҷубкунон ба Бақар нигарист.

Нанду барои тарсондани ин пойлуч яксаду шаст рупия пурсида буд. Дар намоишгоҳ ҳатто беҳтарин уштурҳои мода ба яксаду панҷоҳ рупия фурӯхта мешуданд, барои ин уштур бошад, ӯ ҳатто умеди яксаду чиҳил рупия гирифтан ҳам надошт. Бо вуҷуди ин, ӯ чунин вонамуд кард, ки ба Бақар аз рӯи олиҳимматии худ гузашт мекунад.

– Қимати ӯ аз дусад рупия кам нест, – гуфт ӯ – вале ман ба ту панҷоҳ рупияи онро гузашт мекунам.

Бо гуфтани ин суханон ӯ аз ҷо бархосту бо дасти худ нӯги бандеро, ки бо он уштурро ба дарахт баста буданд, ба дасти Бақар дод.

Лаҳзае ҳатто дар вуҷуди одами сангдиле чун Нанду ҳам эҳсоси дилсӯзӣ пайдо шуд. Охир, ин ноқа аз рӯзи ба дунё омаданаш дар ҳавлии ӯ парвариш меёфт. Ӯ худ онро парво мекард ва акнун ба дасти одами бегона медоду эҳтимол ғамеро, ки волидон ҳангоми ба шавҳар додани духтарашон эҳсос мекунанд, ҳис мекард.

– Ман онро нигоҳубини хуб кардам, ту ҳам эҳтиёташ кун, – гуфт ӯ бо садои каме ларзону самимӣ.

– Ноҳрат набош, ҳарчи аз дастам биёяд, барояш хоҳам кард! – бо шодмонӣ гуфт Бақар, ки аз хушбахтӣ худро гум карда буд.

Нанду пулҳоро ба гӯшаи дҳотиаш баста, барои тар кардани гулӯяш аз кӯза ба косаи сафолин каме об рехт.

Ҳаво бисёр гарм ва пурғубор буд. Ҳатто дар бозорҳои шаҳр, ки ҳангоми гузаронидани намоишгоҳҳо даҳҳо лӯлаи об мегузаронанд ва заминро пайваста об мезананд, чангу ғубор кам нест. Аммо дар ин ҷо, дар домани биёбон нафас гирифта ҳам намешавад. Дар рӯи ҳалқачаҳои найшакар, ки ин ҷо савдояш дар авҷ аст, ба ширинию ҳалво, ба самбӯсаҳо ва ҳатто ҷурғот – ба ҳама ҷо гарду ғубор нишастааст. Қабати ғафси гард дар рӯи замин мехобид, дар ҳаво муаллақ буд, ба рӯи молҳо, ҳайвонот, либосу чеҳраи одамон нишаста буд. Обро аз ҷӯи калон дар зарфҳои калони филизии сарбаста меоварданд, вале то аз даруни бозор гузаронида овардани зарфҳо, обашон ифлосу хира ба назар мерасид.

Нанду ният кард, ки то такшон шудани об мунтазир шавад, вале ҳалқаш тамоман хушк шуда буд ва ӯ ин оби ифлоси гармро якбора

фурӯ бурд. Нанду ташнагиашро шикаста, кӯзаро ба Бақар дароз кард. Вақте ки Бақар ба ин ҷо меомад, сахт ташна монда, вале ҳоло ташнагиро фаромӯш карда буд. То фаро расидани шом ӯ мебоист ба деҳаи худ, ба хонааш баргардад. Ӯ нӯги бандеро, ки ба он уштурро баста буданд, маҳкам гирифта, аз шодӣ ҷӣ гармӣ, ҷӣ чангу ғубор ва ҷӣ ифлосиро фаромӯш карда, мехост ҳарчи зудтар ба роҳ барояд.

Бақар кайҳо боз мехост ноқаи зебое бихарад. Аҷдоди ӯ шуғли кулолӣ доштанд, вале падари Бақар тарки касабаи меросӣ карда, мардикориро пеш гирифт. Бақар ҳам аз пайи ӯ рафта, аз айёми ҷавонӣ ба муздурӣ машғул гардид. Нашояд гуфт, ки ӯ аз ҷавонӣ ҳарчи қувваю ғайрат дошт, кор мекард. Шояд аз он сабаб, ки занаш дам нагирифта, ба ҷои ду нафар кор мекард, то шавҳараш тавонад оромона истироҳат кунад. Ва оилааш ҳам чандон калон набуд: худаш, занаш ва духтараки хурдсолаш; аз ин рӯ Бақар худро ғам намедод. Вале тақдир ӯро дурудароз ноздона накард, базудӣ ӯро аз хоби роҳат бедор карда, ёдовар шуд, ки дар рӯи замин на танҳо хуррамию зиндагии беташвиш вуҷуд дорад, балки мусибат ва меҳнати вазнин ҳам мавҷуд аст.

Панҷ сол пеш ҳамсари меҳрубонаш духтараки мисли арӯсак зебою хурдсолашро ба ӯ гузошта, вафот кард. Ҳангоми ҷон додан, занаш бо чашмони хирагаштааш, ки ҳанӯз дар онҳо нури муҳаббату ғамхорӣ медурахшид, ба Бақар нигоҳ карда, бо азобе чунин ба забон овард:

–Акнун Розия бо ту мемонад. Ӯро наранҷон.

Ин вопасин суханони ҳамсараш буданд. Дарҳол баъди вафоти ӯ Бақар хоҳари бевамондаашро ба хонааш оварда, танбалию беғамии собиқашро фаромӯш карду роҳатро як тараф гузошта, машғули меҳнат шуд, то васияти занашро ба ҷо ораду духтараки зебояшро аз маҳрумию мӯҳтоҷӣ эмин дорад. Вақте ки Бақар аз бозор ба хона бармегашт, Розияи хурдсол, ки чашмони калон–калони сиёҳ дошт, ба ӯ часпида ба чеҳраи шамолхӯрдаи пурғубори ӯ нигоҳ карда мепурсид:

– Падарҷон, барои ман ҷӣ овардӣ?

Ӯ духтарашро бардошта мебӯсид ва албатта ширинӣ ё ягон бозичаи махсус барои ӯ нигоҳдоштаашро тӯҳфа мекард. Розия фавран худро аз оғӯши падараш раҳо карда, барои нишон додани тӯҳфаҳо ба назди дугонаҳояш давида мерафт. Вақте ки ӯ ҳаштсола шуд, боре нозунуз карда гуфт:

– Падарҷон, барои ман уштурбача бихар! Ман мехоҳам уштур-

бача дошта бошам.

Ӯ ҳанӯз хурду нодон буду намефаҳмид, ки падари ӯ мардикори фақирест: на танҳо зӯраш ба харидан намерасад, балки дар бораи ин гуна харид, ҳатто фикр ҳам карда наметавонад. Бақар базӯр хандида, духтарашро ба даст гирифту бо садои паст гуфт:

– Охир ту худат мисли уштурбачаи хурд астӣ, Раҷо!

Вале Розия истодагарӣ мекард. Ва гӯё қасдан бошад, худи ҳамон рӯз Маширмал–соҳиб бо азамату шукӯҳ шутурсавор ва духтараш дар пешаш ба деҳа барои киро кардани мардикорон омад. Нозунузи кӯдаконаи Розия ба шавқу ҳаваси ҳақиқӣ табдил ёфт ва Бақар оромиашро тамоман аз даст дод. Ӯ ба ин қарор омад, ки барои духтараки ба ҷон баробараш ба ҳар қимате ки бошад, уштурбачаи аз ҳама зебое хоҳад харид. Дар ин ҷои дурдаст, ки музди якрӯзаи мардикор аз се анна боло нест, ӯ то даҳ анна кор мекардагӣ шуд. Акнун ӯ дар деҳаҳои дурдаст мардикорӣ мекард. Дар вақти ғалладарав Бақар шабу рӯз кор мекард: гандум медаравид, ғалла бод мекард, онро ба анбор мекашонд, коҳ мекашонд ва дар мавсими киштукор шудгору кишт мекард. Дар вақти бекориаш ӯ каллаи саҳар аз хоб хеста, ба бозори даравгарон мерафт ва бегоҳӣ хеле дер ба хона баргашта, ҳашт– даҳ анна меовард. Ӯ ҳар рӯз чанд аннаро пасандоз мекард ва ҳаргиз ба худ раво намедид, ки ҳатто чанд аннаро аз пулҳои пасандозкардааш харҷ кунад. Хоҳараш борҳо ба ӯ мегуфт:

– Ту батамом дигар шудаӣ: пештар ту ҳаргиз барои кор ин қадар ҷон намекоҳондӣ.

– Чӣ, ту мехоҳӣ, ки ман тамоми умр каҷпаҳлӯ зада хоб кунам? – шӯхиомез ҷавоб медод Бақар.

– Албатта намехоҳам, – ҷавоб медод хоҳараш, – вале чанд пайсаи зиёдатӣ арзиши аз даст додани саломатиро надоранд.

Дар ин лаҳзаҳо зани марҳумаш дар пеши назари Бақар чун зинда ҳувайдо мешуду суханони пеш аз марг ба забон овардаи ӯ дар гӯшҳояш садо медоданд. Ӯ ба Розия, ки дар рӯи ҳавлӣ бозӣ мекард, бо табассуми пур аз дард нигоҳи пурмеҳр афканда, боз ба кор дода мешуд.

Инак, фақат имрӯз, баъд аз меҳнати сахти якунимсола ӯ тавонист, ки орзуи духтаракашро амалӣ кунад.

Бақар нӯги бандро сахт дошта, лаб–лаби ҷӯи калон оҳиста–оҳиста қадам мезад. Ноқа аз пайи ӯ итоаткорона қадам мениҳод.

Торик мешуд. Нурҳои охирини офтоб дашти ҳамвори дар қарибиҳои уфуқ каме теппадорро равшании зарринтоб мебахши-

данд. Ҳаво сард шуда буд. Аз кучҷое, аз дуродур садои нолиши шикоятомези сор ба гӯш мерасид. Бақар ғарқи хотироти хеш буд. Манзараи рӯзҳои гузашта пайдарпай дар пеши чашмони ӯ намоён мешуданд. Аҳён–аҳён хотироти ӯ бурида мегардиданд: ё аз назди ӯ дар болои уштур пайваста алвонҷ хӯрда, деҳқоне мегузашт, ё писарбачаҳо, ки дар болои аробаи пур аз алаф нишаста буданду барзаговҳои танбалро бо тозиёна мезаданд, банохост ба сурудан оғоз мекарданд, ё уштурҳоеро, ки аз пушти ароба бовиқор қадам мезаданд, ба шӯр оварда, маҷбур мекарданд, норозиёна аррос заnанд.

Бақар ба офтоб, ки дар уфуқ қариб батамом ғуруб карда буд, нигариста, тезтар қадам монд. Деҳа ҳанӯз дур буду ӯ намехост, ки то расиданаш Розияро хоб барад. Ӯ уштурбачаро навозишкорона садо кард, мисли ин ки ӯро ба шитоб ва зудтар қадам мондан даъват мекарда бошад.

Аз дур деҳае, ки Маширмал зиндагӣ мекард, намоён гардид. Аз ин ҷо то хонаи Бақар даст дароз кунӣ, мерасад, ҳамагӣ ду чақрим роҳ аст. Суръати қадаммонии Бақар боз суст шуд. Дасти тасаввуроташ дар пеши назараш нақши манзараҳои аҷиберо мекашид. Ӯ медид, ки чӣ гуна вақте уштурбачаро ба ҳавлӣ медарорад, Розияи хурдакак аз хурсандӣ ҷастухезкунон чашмонаш аз хурсандӣ медурахшанд ва ба падараш нигоҳи пур аз миннатдорӣ меафкананд. Ана, ӯ Розияро дар пеш нишонда, қад–қади ҷӯи калон уштурро медавонад. Шом наздик мешавад, насими серун ба гардиш медарояд ва зоғи даштӣ баланд қар–қаркунон, болҳои боқувваташро афшонда, ба ҳаво парвоз мекунад. Розия аз шодӣ ба ваҷд омада, фарёд мезанад ва ба падараш ҷафс мешавад. Ба назари ӯ чунин менамояд, ки дар гилеми паррони афсонавӣ парвоз кардан дорад…

Баъд ӯ худро ҳамроҳи Розия дар намоишгоҳи Бҳавалнагар тасаввур мекунад. Намуди шаҳри калон духтаракро ба ҳайрат овардааст. Ӯ бо ҳаяҷон ба халтаҳои гандум, ки дар ин ҷо – дар байни бозор хобидаанд, ба аробаву дучархаҳои бешумор нигоҳ мекунад. Мол чунон бисёр аст, ки ӯ намедонад ба кадомаш назар афканад. Дар кучҷое, дар қарибӣ садои граммофон баланд мегардад. Бақар ва Розия ба он тараф мешитобанд. Ин қуттии чӯбин чӣ гуна суруд мехонад! Кӣ дар даруни он пинҳон шуда бошад? Духтарак ҳама чизро донистан мехоҳад. Ва Бақар хурсандона ба ӯ мефаҳмонад…

Бақари масти орзуҳо ҳатто пайхас ҳам накард, ки аз назди деҳаи Маширмал кайҳо гузашта рафтааст, вале андешаи ногаҳон ба сараш омада ӯро маҷбур кард, ки бозистаду ба қафо баргардад.

Гап дар сари он аст, ки ҳангоми ба бозор рафтан ӯ ба Нанаки сарроҷ барои уштур зин фармоиш дода буд ва ҳоло ба қароре омада буд, ки ҳатман зинро бигирад: шояд Розия дарҳол хоҳиши уштурсаворӣ кунад?.. Не, бояд Бақар ба хонаи сарроҷ дарояд.

Деҳаи Маширмал мисли ҳамаи деҳаҳои ин минтақа чандон калон набуд: дар ҳар деҳа аз сӣ ҳавлӣ зиёд набуд. То ҳол дар ин мавзеъ ягон хонаи хиштии баландбом набуд. Дар деҳае, ки худи Бақар зиндагӣ мекард, ҳамагӣ понздаҳ хона буд ва инҳо хона ҳам не – кулбаҳои похсадевор буданд. Дар деҳаи Маширмал қариб бист хонаи гилин буд. Фақат хонаи худи Маширмал аз хиштҳои коҳгилин бунёд ёфта буду бомаш ҳам ҳамвор буд. Бақар ба хонаи Нанаки сарроҷ наздик шуда бозистод ва соҳиби хонаро бо овози баланд садо кард.

– Ӯ дар хона нест, ба намоишгоҳ рафтааст, – ҷавоб дод садои занонае.

Бақар рӯҳафтода шуд. Ӯ инро чашмдор набуд. Акнун чӣ кор кунад, чӣ илоҷ ёбад?.. Агар Нанак ба намоишгоҳ рафта бошад ҳам, зинро бо худ набурдагист ва хонагиҳо онро ба ӯ хоҳанд дод.

– Ман барои уштурбача ба ӯ зин фармуда будам. Онро гирифтан мумкин аст? – бо садое, ки дар он оҳанги умедворӣ шунида мешуд, пурсид ӯ.

– Ман чизеро намедонам, – шунида шуд дар ҷавоб.

Бақар тамоман ғамгин шуд. «Ана кору мана кор! – андешид ӯ. – Уштурбачаро бе зин ба хона хоҳам бурд. Агар Нанак дар хонааш мебуд, аз ӯ ягон зини дигар амонат гирифтан мумкин буд. Чӣ мешавад, агар ба Маширмал муроҷиат кунад? Охир ӯ як гала уштур дорад ва ягон зини кӯҳна албатта меёбад. То барои Розия зини нав тайёр кардани Нанак аз он истифода бурдан мумкин аст». Ва Бақар андешаи зиёде накарда, ба тарафи хонаи Маширмал роҳ пеш гирифт.

Ҷаноби Маширмал дар тӯли солҳои дар хидмати давлат буданаш тавонист пули начандон калоне андӯзад. Вақте ки дар ин ҷо канал сохтанд, намедонам рост аст ё дурӯғ, ӯ арзони хоки сиёҳ он қадар замин харид, ки ҳар заминдори калон метавонад ба ӯ ҳасад барад. Ҳоло ӯ бознишаста шуда, дар хонаи деҳотии худ зиндагӣ мекунаду заминҳояшро ба иҷора дода, даромади бисёр хуб мегирад ва ба табъи дили худ зиндагӣ мекунад.

Маширмал дар айвон нишаста хукка мекашид. Ӯ дар бар пираҳани тоза дошту аз болои он нимтана, дҳотии сафед пӯшида буду дар сар саллаи сап – сафед дошт. Чун чашмаш ба Бақар, ки

уштурбачаро аз бандаш дошта меовард афтод, фарёдзанон гуфт:

– Аз куҷо меоӣ, Бақар?

– Аз бозор меоям, соҳиб, – дуқад шуда, таъзимкунон ҷавоб дод Бақар.

– Ин уштурбача аз кист?

– Аз они ман, соҳиб, аз бозор харидам.

– Чанд пул харидӣ?..

Бақар мехост «яксаду шаст гӯяд», чун бовари комил дошт, ки барои ин гуна уштурбачаи зебо дусад рупия ҳам кам аст, вале худситоӣ кардан нахоста, гуфт:

– Яксаду шаст рупия нарх карданду ба яксаду панҷоҳ доданд.

Маширмал уштурбачаро бодиққат аз назар гузаронд. Ӯ кайҳо боз ин гуна уштурбача меҷуст. Уштурбачаи худи ӯ соли гузашта бемор шуд ва ҳарчанд Маширмал ӯро табобат карда бошад ҳам, роҳгардии сабуку зебояшро гум карда буд.

Уштурбачаи Бақар дарҳол ба Маширмал маъқул шуд. Хушандом, боқувват, гардандароз, чобук. Рангашро намегӯед! Дили касро мебарад! Ёлу думсиёҳ, қаҳваранги зардфом. Маширмал аз уштурбача чашм наканда, ба Бақар гуфт:

– Хуб ман ба ту яксаду шаст рупия медиҳам. Ҳамин ҳоло, ҳамин гуна уштурбача ба ман ниҳоят зарур аст. Ва ту ҳам даҳ рупия даромад мекунӣ.

– Бале, вале худи ман ҳанӯз ӯро серӣ надидаам, соҳиб, – гапи Маширманро ба шӯхӣ гардонда гуфт Бақар.

Маширмал ба назди уштурбача омада, аз зебоии ғайриодии ӯ ҳаловат бурда, пушташро сила кард.

– Хуб, ман боз панҷ рупияи дигар илова мекунам, – гуфт ӯ ба Бақар ва мунтазири ҷавоб наистода, рӯ ба тарафи ҳавлӣ фарёд зад:

– Эй, Нура!

Хидматгоре, ки дар болои кунда барои говмешҳо алафу баргҳои сершира майда мекард, ҳатто як сӯ мондани кордро фаромӯш карда, дар ҷавоби фарёди ӯ давида омад.

– Ин уштурбачаро гирифта ба оғил бар. Ман барои он яксаду шасту панҷ рупия додам. Чӣ мегӯӣ, арзиши ин қадар пулро дорад?

Пеш аз он, ки Нура аз дасти Бақари моту мабҳутмонда бандро гирад, уштурбачаро бодиққат саропо аз назар гузаронд.

– Хуб аст! Хеле хуб аст! – ба аломати тасдиқ бо забонаш қарс–қарс карда, гуфт ӯ ва қафо гашта уштурбачаро ба оғил бурд.

Маширмал аз кисааш пул бароварда, онҳоро шумурд ва ба кафи дасти Бақар шаст рупия гузошта, хурсандона гуфт:

– Ту одами хушбахт ҳастӣ, ки чунин харидор ёфтӣ! Ин бурди туст. Ҳоло ҳамин шаст рупияро бигир, боқимондаашро баъдтар хоҳам дод. Маргат ки наздик расид, ҳамаашро мегирӣ.

Маширмал ба Бақар фурсати ба худ омадан надода, бошитоб ба тарафи тавила равон шуд.

Ин говмешҳоятро як тараф мону аввал уштурбачаро парво кун! – дод зад ӯ ба тарафи Нура ва ба назди уштурбача омада, гардани ӯро дастмол кардан гирифт.

Моҳ ҳанӯз набаромада буд. Атроф беодаму ором буд. Деҳа ва даштро ҷути сабук печонида буд. Дар осмон ду ситорае, ки ҳамин ҳоло, пеш аз дигар ахтарон баромада буданд, шармгинона ба чашмакзанӣ даромаданд ва дар торикии шомгоҳон, ки торафт ғализтар мешуд, ду дарахти начандон дуристода дар назари кас мисли махлуқҳои сиёҳи даҳшатовари бешакл менамуданд. Дар даромадгоҳи деҳа, дар канори роҳ Бақар мисли ҳайкал беҳаракат нишаста буд. Садои ҷарангоси зангӯлаҳое, ки бар гардани чаридаистода баста шуда буданд, дили ӯро чун садои нолаву гиряҳои мотам сӯрох мекарданд. Дар дасташ мисли пештара шаст рупияро дошта буд, ки акнун дигар барои ӯ аҳамияте надоштанд. Ба ламъаи борики нуре, ки аз тирезаи кулбаи ӯ ба берун меафтод, нигариста, мунтазир буд, ки кай ин ламъа тира мегардад – Розияро хоб мебараду ӯ ламъаи дуздвор, пинҳонӣ вориди хонааш мегардад.

* * *

***БАКУЛЕШ*** *(тахаллуси адабиаш Рамҷи Арҷун; 1910 – 1957) – устоди сухани гуҷаратӣ, муаллифи панҷ маҷмӯаи ҳикояҳо.*

## КАМАРБАНДИ ТИЛО

Он ҳангом ман дар Бангалор, дар меҳмонхонаи «Лавандарс» зиндагӣ мекардаму роҳбалади хонум Синтия Спенсер будам. Вақте ки боре бегоҳӣ хонум Синтия танҳо баромада рафта буд, ман имкон ёфта, ба ӯ бисёр ҷойҳои ҷолиби Ҳиндустони Ҷанубиро нишон дода будам. Ман ӯро бо Мунисвами фиристода будаму бовар доштам, ки ӯ хонуми таҳти васояти маро бахайр ба меҳмонхона пас хоҳад овард. Дар интизори бозгашти ӯ ман маҷаллаи «Бангалор Дейли пост»–ро аз назар гузаронида, ба оҳангҳои мусиқӣ, ки меҳмонхонаро пур карда буданд, гӯш меандохтам: дар боло фокстрот менавохтанд, аз утоқи муқобил, ки ба наздикӣ дар он заму

шавҳари аз Италия омадае маскан карда буданд, оҳанги мусиқии итолиёвӣ ба гӯш мерасид, аз радиои утоқи ман нағмаҳои оҳанги тангои испонӣ ҷорӣ буд.

– Шаб бахайр, хонум–соҳиб!.. – шунида шуд аз пушти тиреза. Ин, Синтия баргашта буд. Ман поён фуромада, барои аз дучарха фуромадани ӯ кӯмак кардам.

– Шоматон бахайр бошад! – Синтия ба ман бо забони англисӣ салом дода, дасташро ба бӯсидан дароз кард.

– Шоми шумо ҳам бахайр! – ман ҳам мисли ӯ ба забони англисӣ ҷавоб дода, барои он ки наранҷад, ангуштони ороишдорашро бӯсидам. – Дур рафта будед?

– Не, на он қадар, – гуфт Синтия. – Мо ба Фрезер–таун рафтем, дар он ҷо оилаҳои омехтаи инглису ҳиндӣ хеле зиёданд. Ман мехостам қасри султон Типуро тамошо кунам, вале чун шумо ҳамроҳи ман набудед…

– Ман ба шумо дигар лозим нестам, соҳиб? – шунидам ман аз пуштам садои Мунисвамиро.

– Ту озод – гуфтам ман ва ба ӯ ҳашт анна дароз кардам.

– Шумо ҳатто тасаввур ҳам намекунед, ки ман аз ин рикша чиҳо шунидам, – вақте ки мо ба даромадгоҳи меҳмонхона наздик шудем, бо ҳаяҷон гуфт Синтия. – Афсӯс, ки ман забони ӯро хуб намефаҳмам.

– Ман бояд ба шумо кӯмак кунам?

– О бале, агар мумкин бошад? Ин қиссаи аҷибест, гумон мекунам ба ман лозим мешавад.

– Бо иҷозаи шумо, – ва баланд фарёд кардам:

– Эй, Свами!

Рикша дар тааҷҷуб монда, қафо баргашт – ман ӯро ба забони телугу садо карда будам. Ӯ наздик омад.

– Ту дар роҳ ба хонум–соҳиб чизе нақл карда будӣ? Ман ҳам мехоҳам онро шунавам.

– Соҳиб мехоҳад, ки ман дар бораи худам қисса кунам?

– Бале.

Ва ӯ ба қисса кардан шурӯъ кард.

Онҳо дар деҳаи начандон калон, ки Гутҳалли ном дошту дар масофаи ду мил дуртар аз Бангалор воқеъ буд, зиндагӣ мекарданд.

Оилаи онҳо аз се нафар иборат буд: ду бародар ва падарашон. Онҳо хона ва замини ҳосилхезе доштанд, ки ҳосили хуб медод…

Мунисвамии солхӯрда ба дуродур нигоҳ мекард ва гӯё аз нав бо чашмони худ хонаи бобоӣ ва бар асари бод мавҷзании хӯшаҳои

гандумро медид.

…Ин воқеа чандин сол пеш, вақте ки ӯ ва бародараш Саdананд хеле ҷавон буданд, ба вуқӯъ омада буд. Бародарон якдигарро беандоза дӯст медоштанд ва ба назар чунин мерасид, ки ягон қуввае дар ҷаҳон ба ҷудо кардани онҳо қодир нест. Ҳар ду бародар боқувват, тифоқ ва зирак буданд. Мунисвами аз саҳар то шом дар саҳро меҳнат мекарду Саdананд дар мактаби деҳа муаллим буд.

Вале инак, падари онҳо, ки корманди давлат буд, фавтиду ба писаронаш мероси хубе боқӣ гузошт. Бародарон онро байни худ баробар тақсим карда, ҳар кадом дар хонаи худ зиндагӣ мекард. Танҳо як мушкилро ҳал карда натавонистанд – ин камарбанди тилое буд, ки аз рӯи таомули он маҳал бояд падаршӯй ба синҳори худ, вақте ки ҳамчун арӯс ба хонаи шавҳараш меояд, тӯҳфа мекард. Дар деҳаи онҳо касе ин гуна камарбанди зебо надошт.

Камарбанд якто ва бародарон ду нафар буданд – онро чӣ гуна тақсим бояд кард? Падарашон онро барои ҷашни домодии писаронаш эҳтиёт карда буд, вале то онҳо арӯс интихоб карданд, ки аз олам даргузашт. Ва акнун камарбанди тило боиси низои бародарон гардида буд.

– Чӣ кор кунем? – пурсид Саdананд аз бародари калониаш.

– Намедонам, – ҷавоб дод ӯ.

– Ягон илоҷашро ёб!

– Ба андешаи ман, бояд сарвари деҳаро даъват кунем…

– Маллаапанеро?.. –аз дигар пурсид Саdананд. – Рост мегӯи! Дар шоҳидии ӯ мо савдои музояда мегузаронем; касе, ки пули бештар диҳад, камарбанд аз они ӯст.

Мунисвами аз суханони ӯ дар тааҷҷуб монд. Ҳеҷ сарфаҳм намерафт, ки чӣ гуна ба сари бародари ӯ, ки дар мактаби деҳа ба кӯдакон савод меомӯзонад, ин гуна фикр омадааст. Вале ӯ ҳарфе ба забон наовард.

Сарвари деҳа омад.

– Ку, бигӯед, мушкилатонро байни худ ҳал кардед? – пурсид ӯ.

Мунисвами саволомез ба бародараш нигоҳ кард.

– Биёед, савдои музоядаро оғоз мекунем! – гуфт Саdананд.

– Чӣ илоҷ, – ҷавоб дод Мунисвами. – Агар чораи дигар набошад…

Сарвари деҳ бодиққат бародаронро аз назар гузаронд: бародарон ба якдигар душманона менигаристанд. Инро ҳаргиз касе мушоҳида накарда буд. Ҳамдеҳагони дар атрофи онҳо гирд омадаашон, намедонистанд чӣ хулоса бароранд.

– Пас оғоз мекунем? – бори дигар пурсид сарвари деҳ.

– Бале…

Ва савдои «муҷояда» шурӯъ шуд. Сарвари деҳа камарбандро сад рупия нарх гузошт. Садананд фавран саду панҷоҳ рупия пешниҳод карду Мунисвами – дусад.

– Дусаду панҷоҳ! – фарёд зад Садананд.

– Сесад рупия медиҳам! – ҷавоб дод Мунисвами. Ӯ сахт оташин шуда буд.

– Сесаду панҷоҳ!

Аҳли деҳа пешомади бадеро эҳсос карда, аз ҳамдигар мепурсиданд, ки ба ин бародарони собиқ бо ҳамдигар дӯсту меҳрубон чӣ шуда бошад. Сарвари деҳа мекӯшид онҳоро ба ақлу ҳуш даъват кунад, вале ҳамааш бенатиҷа буд. Вақте Мунисвами шунид, ки Садананд сесаду панҷоҳ рупия пешниҳод мекунад, оташи ғазабаш аланга зад. Банохост ба назари ӯ чунин намуд, ки Садананд ӯро паст задан мехоҳад. «Наход ман ба додани чаҳорсад рупия қодир набошам? – андешид ӯ. – Наход ман ба бародари аз худ хурдам имкон диҳам, ки бар ман дастболо шавад?»

Нурҳои охирини офтоб ҳам нопадид шуданд. Хона торик шуд ва кадоме аз ҳамсояҳо чароғ даргиронд. Хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Мунисвами чуқур нафас кашида, худро маҷбур мекард, ки табассум кунад.

– Чорсад рупия медиҳам, – бебокона фарёд зад ӯ. – Ва дар ёд дошта бош, ки ман дигар бародари ту нестам!

Чашмонаш аз қаҳр медурахшиданду забонаш ба ӯ итоат намекард.

– Камарбанд аз они туст… – гуфт кадом нафаре аз паҳлӯи Мунисвами. Ӯ аз хона ба ҳавлии торик баромад. Ҳамсояҳо воқеаи рӯйдодаро муҳокимакунон ба хонаҳои худ мерафтанд. Дар болои дӯкони шаробфурӯшӣ, ки дар охири деҳа воқеъ буд, чуғзе фарёди даҳшатнок мекашид.

Сарвари деҳа хайрухуш карда рафт. Он гоҳ Мунисвами ба бародараш рӯй оварда гуфт:

Ту камарбандро ба ман гузашт карда, эхтироми маро ба ҷо овардӣ! – Ӯ ин суханонро тарзе ба забон овард, ки гӯё бо ӯ бори вопасин ҳарф мезада бошад.

– Барои суханони хубат ташаккур, – бо киноя ҷавоб дод Садананд ва аз ӯ дур шуд.

– Ба ту ҳам ташаккур! Агар бори дигар ба остонаи хонаи ту по гузорам, номамро дигар хоҳам кард! – аз қафои ӯ фарёд зад Мунисвами.

– Ман ҳам! – ба қафояш нигоҳ накарда, ҷавоб дод Садананд.

Ҳар дуро ранги рӯ мисли карбос парида буд. Мунисвами камарбанди дилхоҳашро дар даст дошт, вале ӯро эҳсосе фаро гирифта буд, ки кадом чизи азизу ба дил наздикашро аз даст додааст.

Ранги ҷавону зебо буд. Мунисвами ҳангоми дар саҳро кор карданаш ба тарафи ӯ зуд–зуд нигоҳ мекард ва вақте ки шомгоҳон ба деҳа бармегаштанд, ӯро борҳо бо бетел зиёфат карда буд. Ба зудӣ овозаҳое паҳн шуданд, ки Мунисвами танҳо ба хотири ӯ сахт хоҳиш дошт, ки камарбандро ба даст орад.

– Ин ҳамааш ба хотири ту буд, Ранги, – бо хиҷолат иқрор кард боре ба ӯ Мунисвами.

– Бахотири ман?.. Ба ман ягон хел камарбанд лозим нест ва ман намехоҳам, ки ту ба хотири ман бо бародарат ҷанҷол кунӣ!.. – ранҷида гуфт Ранги.Вале Мунисвами тавонист ӯро розӣ кунад ва вақте ки мавсими борандагӣ расид, камарбанди тилоро ба камари ӯ баст. Ранги ҳамсари ӯ шуду Садананд дигар бародари ӯ набуд – ӯро ҳатто ба ҷашни арӯсӣ даъват накарданд.

Аз байн як сол ҳам нагузашта буд, ки гови Садананд мурд – онро дар канори марз мурда ёфтанд. Касе фаҳмида натавонист, ки сабаби мурдани гов чист. Ба зудӣ ба сари Садананд бадбахтии дигар омад: ҳамаи коҳу алафи барои зимистон захира кардааш сӯхта нобуд шуд. «Шояд чашми бади касе ба ман расидааст ё дуои бади касе маро гирифта бошад», – парешонҳолона фикр мекард ӯ. Нобарориҳо иродаи Саданандро шикастанд, дасташ ба кор намерафт ва ҳама гуна хоҳиши кор карданро гум карда буд. Ба зудӣ ӯ фақир ва баъд тамоман бенаво гардид ва Садананд дар ҳамаи бадбахтиҳои худ бародари калониашро гунаҳкор ва душмани ашаддии худ медонист.

Боре Мунисвами ӯро хабаргирӣ рафт.

– Салом, додар, – бо садои паст гуфт Мунисвами. Садои ӯ пур аз андӯҳ ва дилсӯзӣ буд, дилаш ба ҳоли фақиронаи бародараш сахт месӯхт.

– Ин ту ҳастӣ? – ба саломаш ҷавоб надода пурсид Садананд. – Ту барои чӣ омадаӣ? Аз дасти ту гадо шуданам барои ту кам аст? Ту аз ман дигар чӣ мехоҳӣ?

– Ба ҳуш биё, додар! Андеша кун, ки чӣ мегӯӣ…

– Бирав, набошад ман барои ту зомин намешавам!

– Гӯш кун, охир бадбахтии ту бадбахтии ман аст… – бо садои базӯр шунаво гуфт Мунисвами.

Зани Садананд биринҷ тоза мекард, дар болои оташдон шир

меҷӯшид…

– Ту, охир меравӣ ё не?.. – тамоман худдориро аз даст дода гуфт Саданaнд. – Барои дилсӯзиатро намоиш додан омадаӣ! Беҳтараш рӯирост бигӯй, ки ҳамаи ин корҳоро ту кардаӣ: аввал гов мурд, баъд ҳамаи коҳдарзаҳоям сӯхтанд!

– Бас кун, додар, ту ҳоло ҳуш дар сар надорӣ. Ман дар назди ту гуноҳе надорам ва агар ман заррае гуноҳ дошта бошам, бигзор, ба ғазаби олиҳаи муқаддас гирифтор шавам! – бо ғаму андӯҳ ба забон овард Мунисвами.

– Бирав… – бо садои гирифта гуфт Саданaнд.

Мунисвами рафт. Вале аз ҳамон рӯз инҷониб фикри бародараш аз сари ӯ берун намерафт. Борҳо ба назди хонаи бародараш омад, вале ҷуръати даромадан накард: ҳамеша чизе халал мерасонд – ё ягон одами бегона ҳамроҳаш буд, ё занҳо аз назди дарвоза гузашта, барои об мерафтанд, ё худи Саданaнд дар рӯи ҳавлӣ бо ҳезум ё чорпо овора буд. Ва ҳар дафъа Мунисвами дилу бедилон бо роҳи худ мерафт: магар дар пеши назари одамони бегона гуфтугӯ карда мешавад?

Боре дар рӯзи яке аз идҳои суннатӣ Мунисвами ба маъбад омаду дар он ҷо Саданандро вохӯрд. Ҳеҷ кадоме аз онҳо ҳарфе ба забон наёвард. Мунисвами дид, ки бародараш рангпаридаву хамидақомат шуда, либосҳои кӯҳнаву фарсуда дар тан дорад. Ба ёдаш расид, ки як вақтҳо онҳо чӣ гуна тифоқу меҳрубон буданд ва беихтиёр ашкаш ҷорӣ гардид. Ӯ аз дилу ҷон бародарашро дуои хайр кард ва хост ба назди ӯ равад, вале дар паҳлӯи Саданaнд занаш истода буд. «Бояд худи ҳамин рӯз раваму бо ӯ аз дилу ҷон гуфтугӯ кунам», – қарор дод Мунисвами.

Баъди ғуруби офтоб, вақте ки чӯпон подаро ҳай карда овард, Мунисвами ба назди Саданaнд равон шуд. Дар даруntари ҳавлӣ, дар таги каппа коҳ ва дар паси он ғарами ҳезум ба назар мерасид, дар паҳлӯяш оғили барзаговон воқеъ буд. Мунисвами ба дар наздик шуд. Дар даруни хона гап мезаданд, ӯ садои синҳорашро шинохт.

– Имрӯз дар маъбад бародарат дар ҳаққи ту дуо мекард, ба гӯши худам шунидам…

– Ба назарат намудааст, ӯро ба мо коре нест. Ӯ дар ҳаққи худаш дуо кардааст… – эътироз кард шавҳараш.

Хомӯшӣ фаро расид. Ҳарчанд шаб ҳаво сард буд, саропои Мунисвами аз арақ тар шуда буд. Чун Мунисвами эътимод пайдо кард, ки касе ӯро намебинад, ба назди тиреза рафта, ба даруни хона нигарист. Зани Саданaнд чизе мепухту дар як гӯшаи хона кӯдак

гиря мекард.

– Ба ман чунин менамояд, ки шумо ҳаргиз якдигарро фаромӯш карда наметавонед… – аз дигар оғоз кард зани Садананд.

– Инро як тараф гузору беҳтараш бигӯ, ки имрӯз барои ман чӣ пухтаӣ? – сухани ӯро бурид шавҳараш.

Садананд ба айвон баромад. Мунисвами ба тарафи каппа давиду дар даруни коҳ пинҳон шуд. Садананд рост ба тарафи ӯ меомад. Мунисвами ба ҷайбаш дасташро бурда, палмосида камарбанди тилоро берун оварду боз ба ҷояш дарун кард. Ӯ мехост бо бародараш гап занад, вале Садананд банохост чунон сулфаи шадиде кард, ки Мунисвами тарсид ва ҷуръати аз паноҳгоҳаш берун баромадан накард. Садананд як бандча ҳезум гирифта ба хона бурд. Ҳангоми аз назди бародараш гузаштан бо ҳезумҳо ӯро сахт зарба дод, вале боз ҳам ӯро пайхас накард.

Мунисвами аз дарича берун рафт. Оҳ, ӯ чӣ қадар барои тарсуӣ ва беҷуръатияш худро нафрин мекард! Барои он ки каме гарм шавад, ӯ сигор печонда кашид. Ва банохост ба ёдаш расид: вақте ки бародараш шабона барзаговро парво мекунад, ӯ ҳамроҳаш фонус мебараду онро дар чӯби каппа овезон мекунад. Ва агар ӯ камарбанди тилоро ба он ҷо овезад, бародараш ҳатман онро мебинад.

Мунисвами дуди сигорро амиқ дарун кашида, камарбанди тилоро дар ҷайбаш палмосид. Ӯ ба қафо баргашта, ба назди каппа рафту камарбандро дар мехи фонусовезӣ овехт. Нафаси сабук гирифт, ба ӯ чунин намуд бори вазнинеро, ки кайҳо боз ба дилаш фишор меовард, дур андохт. Мунисвами боз каме истода, барои даргирондани сигори хомӯшшудааш дар ҷайбаш гӯгирд кофт. Гӯгирд зада сигорашро оташ доду ба атрофаш нигоҳ накарда, гӯгирдчӯбро ба тарафе ҳаво дод.

Вақте ки ӯ субҳи дигар аз хоб бедор шуд, ҳамаи аҳли деҳа дар бораи он гап мезаданд, ки каппаи пур аз коҳи Садананд сӯхтааст.

«Ин кори ман аст…» – ин фикр филҳол дар сари Мунисвами барқ зад…

Бадбахтии нав ба саропои Садананд барқвор асар кард. Вақте ки забони ӯ аз дигар қудрати сухан гуфтан пайдо кард, ӯ девонавор ба хондани кадом як азоим шурӯъ кард. Зани ӯ аз яъсу андӯҳ даст бар сар мезаду аз худ бегона гашта буд, намешунид, ки тифлаш дар гаҳвора мегиряд ва намедид, ки гурба шири дегро мехӯрад.

Мунисвами аз ғаму андӯҳ сип–сиёҳ шуда буд. Ӯ тамоми дунёро фаромӯш карда, давида ба хонаи бародараш омад. Хушбахтона, ҳавлӣ холӣ буд. Дар кунҷи ҳавлӣ чашми Мунисвами ба

хокистартӯдаи сип–сиёҳ афтод – ин буд он чизе, ки аз каппа боқӣ монда буд. Ӯ дар даруни хокистартӯдаи ҳанӯз сарднашуда ба кофтукови камарбанди шум оғоз кард.

Болои ҳамаи ин бадбахтиҳо маълум гардид, ки писарбачаҳои деҳа дишаб Мунисвамиро дар ҳавлии бародараш дида будаанд. Худи сарвари деҳа ҳам ба ёд овард, ки шоми гузашта хеле новақт Мунисвами сигори даргирон бар лаб бо ӯ дучор шуда буд. Гӯё ҳама чиз қасдан зиди ӯ қарор гирифта буд – Мунисвамиро дар қасдан оташ задани хонаи бародараш гунаҳкор карданд.

Маҷлиси васеи деҳа баргузор гардид. Бародарон – яке саропо ороста, дигаре бо либосҳои фарсудаю фақирона дар муқобили ҳамдигар рост истода, ба ҳамдигар чунон менигаристанд, ки гӯё донистан мехостанд дар дили ҳар яке чӣ андешае ниҳон аст.

Вақте ки сарвари деҳа аз Садананд пурсид, ки оё ӯ бародарашро дар ин кор гунаҳкор медонад ё не, ӯ бо қотеият ин айбномаро ботил кард.

Аз ҳамон рӯз инҷониб Садананд ба шароб дода шуд. Акнун ӯро зуд–зуд дар назди дӯкони шаробфурӯшӣ медиданд.

Мунисвами шароб наменӯшид, вале барои ӯ ҳам осон набуд. Дигар касе ба ӯ бовар намекард, ҳатто занаш Ранги ҳам.

Боре бегоҳӣ ба назди Мунисвами зане омад, ки либоси бисёр фақирона дар тан дошт, ӯ зани бародарашро бо мушкилӣ шинохт ва аз ӯ хоҳиш кард, ки ҳамроҳаш равад. Дили Мунисвами бадбахтиро пешакӣ эҳсос карда, фишурда шуд. Дар кӯча борон меборид. Ҳамин ки онҳо ба хонаи бародараш расиданд, борон ба сели ҳақиқӣ табдил ёфт. Кулба торик буд. Мунисвами гӯгирд зада чунин манзараро дид: дар назди оташдон кӯдаки ноқисулақле хазида, кадом суханони бемаъноеро ғур–ғуркунон талаффуз мекарду аз рӯи фарш нонрезаҳои хокистаролудро гирифта, ба даҳон мебурд. Дар кунҷ, дар рӯи бурёи кӯҳна Садананди беҳушу ёд хобида буд…

Мунисвами гирякунон ба пеши пои бародараш афтод ва камарбанди тилоро аз ҷайбаш баровард. – –Ана, бигир…

– Ин ту ҳастӣ? – ба ҳуш омада, пичиррос зад бародараш ва гирист.

Борон гӯё аз лаби сатил мерехт, осмонро абрҳои сиёҳи вазнин пӯшида буд. Синҳораш кӯшиш мекард чароғи сиёҳро равшан кунад, вале ҳамааш бенатиҷа буд: боди сард аз сӯроххҳои кулба ба дарун мевазид.

– Худоё, чаро мо ин қадар зиндагии бадбахтона дорем? Чаро?! – нола мекард синҳораш.

Борон беист меборид.

* * *

***ВАЙКОМ МУҲАММАД БАШИР*** *(соли таваллудаш 1910) – яке аз адибони намоёни малаяламӣ. Зиёда аз бист 20 маҷмӯаи ҳикоя, роман ва намоишнома мутааллиқ ба қалами ӯст. Аз ҷумлаи асарҳои ӯ повести «Дӯсти айёми кӯдакӣ», романҳои «Духтари падараш», «Фили бобои ман», «Бузи Паттумма ё хиради Зан» хеле машҳуранд.*

## ДЕВОРИ МАҲБАС

Алъон ман ба шумо воқеаи аҷиберо қисса мекунам. Ин воқеа хеле барвақт рӯй дода буд ва акнунам чунин менамояд, ки он ба ман ҳеҷ дахле надорад.

Деворҳое, ки маҳбаси Марказиро иҳота мекунанд, сар ба фалак кашидаанд. Дар паси деворҳо хомӯшии шаб ҳукмфармост. Баъзе аз маҳбусҳоро субҳи барвақт дор мекашанду баъзеҳоро озод мекунанд. Вале ба назар чунин менамояд, ки дар атроф осоиштагӣ ва оромӣ пойдор аст.

Посбон ба ман наздик мешавад. Ман акнун либоси маҳбас ба бар кардаам: кулоҳи сафеди бандсиёҳ, пираҳан ва дҳотии сафед. Ба ман қоличаи тунук, кампал, табақча ва пиёлаи филизии дастадор доданд – шурӯъ аз ин лаҳза дороии ман ҳамин буд. Зиндагӣ дар маҳбас барои ман ноошно нест. Дар либосҳои ман пеш аз ин ҳам ҳар гуна рақам буд. Ин дафъа рақами мавҷудияти ман нӯҳ буд. Минбаъд ман дигар ном надорам. Ман танҳо рақами нӯҳ ҳастам.

– Ку, тезтар ҳаракат кун, барои чӣ базӯр мехазӣ, – аррос зад посбон.

– Шумо шояд ба куҷое шитоб доред? – посбон хомӯш буд. – Чун мехоҳед ҳарчи зудтар маро ба сӯрохи торике, ки маҳбас ном дорад, ҷой кунед, тахмин мекунам шумо кадом кори таъхирнопазире доред. – Ман худро аз шӯхӣ кардан ва ҳаловат бурдан аз он маҳрум кардан намехостам.

Беш аз як сол маро дар камераи маҳбаси пешакӣ, дар идораи пулис нигоҳ доштанд ва ба назар чунин мерасид, ки мурофиаи судиро тамоман фаромӯш кардаанд. Як инспектори пулис ба ман маслиҳат дод, ки гуруснанишинӣ кунаму ба ҳамин тариқ аз худ ба онҳо дарак диҳам. Ва инак, ниҳоят суд ҳукми худро баровард. Дар камераи маҳбаси пешакӣ ман хуб зиндагӣ мекардам. Бо аксари пулисҳо дӯстӣ пайдо карда будам ва барои онҳо мисли як сержан-

ти хурд будам. Ва ман бештари қиссаҳои худро дар бораи пулисҳо ҳамон ҷо навишта будам. Маро бо қаламу коғаз инспектор таъмин мекард. Ду нафар аз посбонони меҳрубонам маро то маҳбаси Марказӣ ҳамроҳӣ карданд. Ҳангоми видоъ онҳо ба ман ду қуттӣ биди, алмоси риштарошӣ ва як қуттӣ гӯгирд тӯҳфа карданд.

– Ин чизҳо дар маҳбас мумкин нест, – гуфт посбон ва ҳамаи ин дар як лаҳза байни чинҳои саллаи калони ӯ ғайб заданд. Алмос ба ман барои он лозим буд, ки гӯгирдро ба якчанд ҳисса тақсим кунам. Посбон, албатта, ҳамаи инҳоро фурӯхта, барои фарзандон ё набераҳои худ ягон чиз мехарад.

– Ҷаноби посбон! Шумо чанд фарзанд доред? – Маълум буд, ки ман бо ин саволам ӯро ба тааҷҷуб овардам

– Шаш нафар! Панҷ духтару як писар.

Панҷ духтар! Ана, барои чӣ ӯ ин қадар туршрӯй аст.

– Умедворам, фарзандон ва ҳамсари шумо сиҳату саломатанд, – бо назокат арз кардам ман.

– Бале, бале! Тезтар қадам мон!

– Шумо андеша намекунед, ки агар Худо нохоста ба сари шумо ягон бадбахтӣ биёяд, аҳволи онҳо бад мешавад? – ӯро ба ҷон расондан гирифтам ман.

– Бас кун… Он гоҳ Худованд ба онҳо мадад хоҳад кард.

– Ман ба ин сахт шубҳа дорам.

– Барои чӣ?

– Медонед–чӣ, ман саняси будам ва қисмати зиёди тасаллут бар рӯҳро дар ихтиёр дорам. Дар тамоми хоки Ҳинд маъбад ё масҷиде нест, ки ман зиёрат накарда бошам. Ҳамчунин дарёи муқаддасе нест, ки ман ғусл накарда бошам, ягон қуллаи кӯҳ, ҷангали анбӯҳ, биёбон, соҳили уқёнусе нест, ки…

– Хуб, баъд чӣ?

– Масалан, ман медонам, ки Худованд қудрате надорад, ки туро аз супурдани андоз озод кунад!

– Ман ягон гуноҳ содир накардаам ва Худованд ҳомии ман хоҳад буд.

– Оё маро ғорат кардани шумо гуноҳ нест?

– Ғорат кардан?

– Вақте ки Худованд шуморо ба наздаш мехонад, посбони мӯҳтарами ман, шояд пурсон шавад: «Куҷост биди, гӯгирд ва алмоси риштарошие, ки моли бандаи ман – Башир ҳастанд?»

Посбон истод ва чанд лаҳза сухане ба забон оварда натавонист.

Баъд ӯ қоҳ–қоҳ зада хандиду ҳамаи дороии маро баргардонд.

– Ташаккур, ҷаноб. Мегӯянд, ки, – идома додам ман, – Маҳатма Ганди дар дами марг аст. Шумо дар ин бора ягон хабари тоза нашунидаед?

– Ӯ ба гуруснанишинӣ хотима дода, як пиёла шарбати афлесун нӯшидааст, – ҷавоб дод посбон.

– Бисёр хуб. Шод шудам.

Мо аз назди дарҳои оҳанини қатор мегузаштем.

– Дар ин ҷо маҳбусони сиёсӣ зиёданд? – пурсидам ман.

– Дар шӯъбаи шумо ҳабдаҳ нафар аст.

Ана, ҳамин хел. Маро ба шӯъбаи махсус ҷой кардаанд!

Мо боз каме роҳ паймудем ва банохост ман хандаи ба ҷарангоси зангӯлаҳои нуқрагин монанде шунидам. Ба атрофам нигоҳ кардам. Наход ин ба назарам намуда бошад? Ман мавҷудияти махлуқи ҳайратангези офаридаи Парвардигор – занро батамом фаромӯш карда будам.

Вале ба ҳар ҳол ин маҳсули хаёли ман набуд. Акнун ханда боз ҳам баландтар садо медоду хубтар шунида мешуд.

Ман аз посбон пурсидам, ки ин садоҳо аз куҷо ба гӯш мерасанд. Ӯ лабханде зада, кунҷковона пурсид:

– Шумо зан доред?

– Не! Вале ин ба саволи ман чӣ дахл дорад?

– Барои шумо ҳам чӣ тафовут дорад, ки кӣ ва дар куҷо механдад?

Дар худуди маҳбаси Марказӣ, ки маҳбасҳуҷра ва дорҳо дорад, банохост шунидани хандаи зан? Боз посбон аз кунҷковии ман ба ҳайрат меафтад.

– Ҳа, ин садо аз маҳбаси занон ба гӯш мерасад. Ва шумо маҳз бо онҳо ҳамсоя хоҳед буд. Ба шумо чанд сол доданд?

– Ду соли маҳбас бо тартиботи сахт ва ҳазор рупия ҷарима. Агар ҷаримаро пардохта натавонам, боз ним соли дигар мешинам.

– Байни шумою маҳбаси занон фақат як девор аст. Девору дар пушташ маҳбаси занон…

Мо пеш ҳаракат кардем. Ман бастаи чизҳоямро ба сандуқи синаам сахт фишурда будам. Аз дарвозаи оҳанин гузашта, ба ҳавлии дигар баромадем. Дарахтҳо. Чанд иморати яккабатаи тахтагӣ. Ва он ҷо, дар пушти девор – маҳбаси занон.

Ҳар як шӯъбаи маҳбас иморати тахтаги махсус дорад. Посбони дигар маро ба яке аз ин биноҳо даровард. Дари оҳанини маҳбасҳуҷра кушода буд. Дидам, ки дами дар лӯлаи об ҳаст. Ман дасту рӯй ва пойҳоямро шустам, оби сард нӯшидам. Баъд пиёлаамро аз об пур карда, зери лаб дуо хондаму по ба остонаи манзилгоҳи

навам ниҳодам.

Посбон дари оҳанинро қулф кард. Ман аз ақиби ӯ гуфтам:

– Ман имрӯз шомӣ нахӯрдаам.

– Туро ба рӯйхати рӯзи дигар навиштаанд. Пагоҳ дар қатори ҳама ба ту ҳам хӯрок хоҳанд дод.

– Пас, имрӯз маро аз ин ҷо раҳо кун. Рӯзи дигар ба ин ҷо бармегардам.

Посбон саргарон ба ман нигоҳ мекард.

– Худовандо, худат наҷот деҳ… – ғур–ғур кард ӯ ва бошитоб дур шуд.

Равшании чароғи пурқуввати барқ аз рӯи ҳавлӣ тавассути сӯрохи дар ба ҳуҷраи ман меафтод. Ман пиёлаи обро ба кунҷе гузошта, кӯрпаро ба рӯи фарш густурдам. Шаб фаро мерасид. Албатта, ман метавонистам ҷанҷол бардорам: дарро кӯфта фарёд занам, ки ба ман ғизо диҳанд. Вале ҳамаи ин натиҷае намедод – хоҳу нохоҳ ба ман хӯрок намедоданд ва гумони ғолиб он аст, ки бо муштҳу лагад зиёфат мекарданд. Дар солҳои тӯлонии мубориза барои истиқлол ман мазаи муштҳу лагадро бисёр чашидаам! Маро бо қундоқи автомат задаанд, дар кӯчаҳо кашола кардаанд ва сари ҳар чанд вақт ба маҳбас нишондаанд. Ин дафъа маро барои нашри асари бадеиям ҳабс кардаанд ва ман аз ин бисёр мефахрам.

Ман шикастани гӯгирдчӯбро фаромӯш карда, аз як донаи сиҳаташ биди (тамоку) даргиронда кашидам, ҳарчанд ин, албатта, ҳашамати беҷо буд. Ин гуна исрофкор будан лозим нест: бояд гӯгирдро эҳтиёт кард. Чанд бор дуди сигорро дарун кашида, гӯгирдро канор гузоштам. Гӯш кардам, вале афсӯс, ки садои хандаи занонаро нашунидам. Ман гумон мекардам, ки маҳбаси занон дар пушти ҳамин дари оҳанин аст.

Хандаи занона… Шояд ба назарам намуда бошад?

Ман кӯшиш кардам дар рӯи ҳавлӣ ягон чиз бубинам, вале бенатиҷа буд, рӯшноии чароғи барқ рост ба чашмонам бармехӯрд ва ин зулмати атроф тамоман чашмногузар буд.

Субҳи дигар посбон дарро сахт тақ–тақ кард – вақти бархостан аст.

Ман дуқаду сеқад шуда, дар зери ҷумаки об ғусл кардам, либоси маҳбасро пӯшидам, табақчаамро шуста, наҳорхӯрӣ рафтам ва дар он ҷо бо ҳамсояҳои маҳбусам ошно шудам. Ҳарчи зудтар канҷи ва чатниро хӯрда, ба дидани ҳавлии маҳбас равон шудам. Бояд чою қанд пайдо мекардам.

Баъд аз як моҳ зиндагиамро дар маҳбас хуб «ба роҳ» мондам.

Дар рӯи ҳавлӣ оташдони начандон калоне сохтам, шохаҳои хушк чун сӯзишворӣ хидмат мекарданд. Ду қуттӣ чой ва қандро дар даруни болишам пинҳон карда будам. Гоҳ–гоҳ ба ман муяссар мегардид, ки сигор, коғаз, қалам ва ягон хӯрок дастрас намоям. Сардори маҳбас худаш ба ман корд дод – ӯ медонист, ки ман қаламчаҳои мангоро пайванд карда метавонам. Дар назди иморат ман дар масоҳати хурде гул коштам, ҳатто чанд бутта гули садбарг ба даст оварда шинондам.

Ҳар рӯзи ман аз он оғоз мегардид, ки яке аз онҳое ки ҳукми маҳбасаш якумрӣ буд, ба ман канҷи меовард. Ӯ ҷавони рӯйгирди хушандоме буд, ки чашмонаш механдиданд. Вай бар сар кулоҳи сурх дошт ва ин чунин маънӣ дошт, ки касеро куштааст, хун рехтааст, вале аз ҷазои қатл наҷот ёфтааст. Боре ӯ ба ман канҷи рехта, пичиррос зад: «Ба ҷои беморон раву санитарро пайдо кун. Ӯ барои ту чой дорад».

Ман санитарро ёфтам. Маълум гардид, ки ӯ шиноси собиқи ман будааст – ман боре ба деҳаи онҳо меҳмонӣ рафта будам. Ӯро ҳангоми бетартибиҳо дошта, ба ҳабси якумрӣ ҳукм кардаанд. Барои ахлоқи намунавӣ ва кори хубаш ӯро дар беморхонаи маҳбас беҳдор таъйин карда буданд. Ӯ маро бо чой, қанд, тухм, нон, шир, тамоку – ҳамаи он чизе ки берун аз дарвозаи маҳбас харидан мумкин буд, таъмин мекард.

Муяссар гардид, ки бо олами берун иртибот барқарор кунам. Маҳбусон ҳуқуқи нома гирифтан ва нома навиштан доштанд. Гоҳе шабона аз болои девор ба мо хӯрокворӣ ҳаво медоданд ва пагоҳӣ мо онҳоро аз замин мебардоштем.

Баъзан ман он хандаи занонаро ба ёд оварда, ба тарафи маҳбаси занон менигаристам. Нисфирӯзӣ, вақте ки маҳбусони шӯъбаи мо истироҳат мекарданд, ман ба нӯги дарахти нон баромада, ба роҳ нигоҳ мекардам.

Қариб ҳамаи посбонҳо ба ивази музди муайяне маҳбусонро бо хӯрокворӣ таъмин мекарданду онҳо ҳангоми аз сангшиканӣ баргаштанашон хӯроквориро ба даруни дхотиҳои худ, ки аз дарвоза гузаштан замон тафтиш карда намешуданд, андохта меоварданд. Ҳамин тариқ, ба маҳбас пайваста чизҳои қочоқӣ ворид мегардид. Баъзан барои аёдати ман ба маҳбасҳуҷраам ёвари сардори маҳбас, ки лақабаш Бародарам Маҳбус буд, бо саги зотии худ медаромад. Мо бо ҳам дурудароз дар бораи сагҳо сӯҳбат мекардем.

Бегоҳирӯзиро ё дар ҳуҷраи худ, ё дар дар рӯи ҳавлӣ, – байни дарахтону гулҳо мегузаронидем. Як шомгоҳ ҳангоми сӯҳбат бо ман

Бародарам Маҳбус гуфт, ки маҳбусони сиёсиро озод хоҳанд кард.

Моро чӣ гуна шодӣ фаро гирифта буд, инро бо сухан ифода кардан мушкил аст! Бародарам Маҳбус либосҳои моро овард. Ман бо дӯстонам хайрухуш кардам. Ваъда кардам, ки мактуб хоҳам навишт, китоб хоҳам фиристод. Вале банохост маълум шуд, ки маро озод накардаанд. Шояд ин ҷо кадом иштибоҳе буд? Бародарам Маҳбус аз сардори маҳбас хоҳиш кард, ки бо телефон пурсишнома фиристад. Ҷавобро мунтазир шуданд. Маълум шуд, ки номи ман дар рӯйхати озодшудагон набудааст.

Маро чунин эҳсосе фаро гирифта буд, ки гӯё дар шаҳри мурда тамоман танҳо мондаам, ё гӯё ҳамаи подаро барои чаро ба марғзори сабз раҳо карда, фақат як гӯсфанди сиёҳро дар оғил нигоҳ доштаанд. Ман акнун ягона соҳиби ду баст қарта, як кӯзача сабзавоти намакхӯрда, як банка консерви банан, як қуттӣ сигори хушбӯ ва баргҳои сершумори бетел будам. Чунин менамуд, ки дар ин мероси аз ҳамтақдирон ба ман расида кадом даҳшате пинҳон аст. Ман консерви бананро ба беморхонаи маҳбас, қартаҳоро ба кулоҳсурхҳо ва баргҳои бетелро ба ҳамон ҷавоне, ки ҳар саҳар ба ман канҷи меовард, додам. Рӯзҳо ҳамоно сипарӣ мешуданд…

Ман ба қароре омадам, ки гурезам. Дар сари роҳи ман ду монеа буд: яке деворҳои ҳуҷраи ман ва дигаре девори баланде, ки тамоми маҳбасро иҳота карда буд. Дар ҳуҷра нақб кофтан мумкин буду аз болои девори маҳбас як илоҷ карда гузаштан лозим меомад. Посбонҳо шабона мехобиданд. Фақат ягон шаби борониро мунтадир шудан зарур буд. Деворҳои ҳуҷраи ман он қадар ғафс набуданд. Вале бе асбоб нақб кофта намешавад. Баъд девори кӯҳнаи маҳбас садди роҳи ман мешуд. Он аз хишти мустаҳкам сохта шуда буд. Меххои дарози зиёде лозим буд, ки онҳоро садо набароварда, ба девор сахт кӯбӣ. Ин зина хоҳад шуд. Ба воситаи он ман ба болои девор баромада, дар он ҷо банди аз ҷойпӯшу дхоти бофтаамро мустаҳкам карда, тавассути он ба замини пушти девори маҳбас мефуроям. Нақшаи корро то охир кашидам.

Дар як кунҷи ҳавлии маҳбас чанд сатили кӯҳнаи зангзадаи ахлотпартоӣ пайдо кардам. Ман дастаҳои онҳоро канда гирифта, бо болға кӯфта рост ва нӯгашонро тез кардам. Ана, мех ҳам тайёр шуд. Боре қад–қади девор гардиш карда, мушоҳида намудам, ки дар болои хишти сурх ҳалқаи хокистарранги семент ба назар мерасад. Як вақтҳо ин сӯрохи калони хубе – маҳсули меҳнати пуршиддати бисёрсоатаи касе будааст. Тавассути ин сӯрох сокинони маҳбасҳои мардон ва занон имкони ба ҳамдигар нигаристан, гуф-

тан мумкин аст, ки имкони рӯ ба рӯ вохӯрданро пайдо мекарданд. Мавҷудияти ин сӯрох барои назоратчиёни маҳбас махфӣ набуд. Вале онҳо чунин вонамуд мекарданд, ки чизеро намебинанд. Вале ба зудӣ як посбони зирак имкони аз одамони ташнаи муошират пул кор карданашро пешбинӣ карда, аз ҳар як шахси ҳавасманд ба ситондани «андоз» шурӯъ кард. Аз ҳар нафар як анна! Вале баъзе аз бандиҳо як пайса ҳам надоштанд ва боре яке аз ин гуна камбағалон бар зидди ин «андозситонӣ» исён кард. Он гоҳ посбон ба сӯрох семент молида маҳкам карду барои ҷазои исёнгар фармуд, ки ӯро сиву шаш тозиёна зананд.

Баъд аз чанд рӯз, вақте ки ман қад–қади девор бо садои паст ҳуштак кашида қадам мезадам, банохост аз паси девор ба гӯшам расид:

– Кӣ он ҷо ҳуштак мекашад?

Ман ҷавоб додам.

–Номи шумо чист? – шунида шуд аз паси девор.

Ман номи худ, мӯҳлати маҳбусӣ, ҳамчунин моддаеро, ки аз рӯи он маро маҳкум карда буданд, ба ӯ гуфтам. Ӯ ҳам дар бораи худаш маълумот дод. Номаш Нараяни. Бистудусола. Босавод. Мӯҳлати маҳбусиаш чордаҳ сол. Як сол боз дар маҳбас будааст.

Ҳар ду хомӯш мондем. Баъд Нараяни пурсид:

– Шумо ба ман як бутта гули садбарг намедиҳед?

–Шумо аз куҷо медонед, ки ман гули садбарг дорам?

– Ин ҷо – дар маҳбас ягон чиз махфӣ намемонад.

–Нараяни! – фарёд задам ман бо он эҳтиросе, ки ҳеҷ аз худам чашмдор набудам. – Ман омодаам, ҳамаи гулҳои садбарги дунёро ба пеши пои шумо гузорам!

Ӯ аз шодӣ ханда кард. Гӯё ҳамаи зангӯлаҳои нуқрагин ба овоз омаданд.

– Нараяни! Истед! Наравед, мешунавед! Ман дар як лаҳза буттаи гули садбаргро ба шумо хоҳам овард.

Ман давида ба боғчаи худ омадаму оҳиста як бутта гули садбаргро аз решааш канда бастам ва ба халтае андохта, боз назди девор баргаштам.

–Нараяни! –садо кардам ман. Оромӣ. – Нараяни! – аз нав садо кардам ман. Садои ханда ба гӯшам расид. – Барои чӣ шумо ҷавоб намедиҳед?

– Ман пинҳон шуда будам. Хостам шӯхӣ кунам. – Ӯ боз хандид. – Шумо гулбуттаро овардед?

Ман дар шохаи гул бӯсае нақш карда, бо суханони: «Доред!» –

буттаро аз болои девори баланд ҳаво додам.

– Доштам! – гӯё соҳиби як шоҳигарии бузург гашта бошад, хурсандона нидо кард зан.

Ба гӯшам чунин расид, ки ӯ фиқ–фиққунон мегиряд.

– Шумо гиря мекунед, Нараяни?

– Не, фақат ашкам мерезад.

– Барои чӣ?

– Намедонам.

– Нараяни! Буттаи гулро ҳарчи зудтар шинонед.

Ман ба ҳуҷраам баргаштам.

Ҳуҷра норӯфта ва бетартиб буд. Ман онро рӯбучин карда, ҷойхобамро ба тартиб овардам, чизҳоро дар ҷойҳояшон ботартиб гузоштам ва дар остонаи дар нишастам. Ҳамвора ба тарафи девор нигоҳ мекардам.

Ана, дар болои девор навдаи дарахт намудор шуд. Баъд аз муддате навдаи дигаре. Ман ба таҳи девор давида рафта, садо кардам:

– Нараяни!

Хомӯшӣ. Аз нав садо кардам.

– Ҳа, чӣ мегуед? Чаро боз баргашта омадед?

– Нараяни, – пурсидам ман, – дар маҳбаси шумо занҳо бисёранд?

Ӯ хандид:

– Бисёр. Ва ҳамаашон пиру серҷоғанд.

– Чанд нафаранд?

– Ҳаштоду ҳафт нафар.

– Дар рӯи ҳавлии шумо гулбуттаҳо мавҷуданд?

– Не, – ҷавоб дод Нараяни. – Дар ин ҷо чизе нест. Шумо куҷо шудед?

– Ман ҳамин ҷоям, ҳамин ҷо.

– Фардо ман ба шумо як халтача баҷмаи кӯфта мепартоям. Онро бо шакари хурмо нӯши ҷон кунед.

– Оҳ, ман ин ғизоро хеле дӯст медорам.

– Агар ба шумо хуш наояд, метавонед онро партоед.

Баъд аз хомӯшии кӯтоҳмуддат ӯ боз гуфт:

– Симои шумо чӣ гуна аст?

– Сафедпӯст, кулчарӯй, мӯям кам. Ҳатто андак кал ҳам ҳастам.

– Чашмонатон чӣ?

– Чашмонам хурд. Чашмони фил барин.

– Не–е, чашмони фил хурд нестанд–ку…

– Нараяни, – кунҷковӣ кардам ман, – магар дар девор ягон

сӯрох нест?

– Ҳоло дар ҷои сӯрох доғи семент ба назар мерасад. Кошки шумо ҷазои он посбонеро, ки ин сӯрохро маҳкам кардааст ва он маҳбуси бечораро бо тозиёна задааст, медодед. Мо дар ин ҷо ҳар як зарбаро ҳисоб кардем.

– Мо ҳам. Ӯ сиву шаш зарба хӯрд.

Рӯзи дигар халтачаи пур аз баҷра аз болои девор парида ба замин афтод. Чилии бирён кардашуда ва намак ҳам. Ман ҳам ба ӯ як шиша сабзавоти парварда ва як шиша бананҳои консервшударо ба ҳамин тариқ фиристодам.

– Иҷоза медиҳед, ки ман занҳои дигарро ҳам зиёфат кунам? – пурсид ӯ.

Албатта, албатта! Ҳамаро зиёфат кунед!

– Шумо… шумо маро дӯст медоред? – пурсид ӯ бо садои пур аз умедворӣ.

– Боз шумо инро мепурсед?

– Ин ҷо занҳои зебо хеле зиёданд. Ман он қадар ҳам зебо нестам.

– Ман ҳам он қадар зебо нестам.

– Чӣ қадар шуморо дидан мехоҳам!

Ниҳоят, шаби боронӣ фаро расид. Якбора раъду барқ дурахшид: тундар фиғон мекард, боди шадид ба вазидан оғоз кард.

«Эй бод! Дарахтҳоро решакан накун. Занҳои бечораи пушти деворро ба воҳима наандоз. Абрҳо, пароканда шавед», – дар ҳуҷраам нишаста, пичиррос мезадам ман.

Субҳидам, чун ҳарвақта, посбон омада барқро хомӯш ва дари ҳуҷраамро боз кард. Ман берун баромадам. Дунё, ки онро борон шуста буд, аз тозагӣ ялаққос мезад.

Дигар майли гурехтан надоштам. Ин, охир, охирин шаби боронӣ нест–ку. Баъдтар ман меххои тайёркардаамро тамоман аз ёд бурдам.

Моҳии шӯр, ҷигарбирён, тухму нон аз як тарафи девор ба тарафи дигараш мепариданд. Вақт ноаён мегузашт.

– Ба наздикӣ моро ба беморхона мебаранд, – гуфт боре Нараяни. –Шумо ҳам метавонед ба он ҷо биёед? Кошки ақаллан, шуморо аз дур медидам. – Ӯ каме хомӯш монда, баъд пурсид: – Шумо маро мешинохта бошед? Ман дар рухсораи ростам холи сиёҳе дорам.

– Ман дар дастам гули садбарг гирифта меоям. Ман кулоҳ намепӯшам. Каме кал ҳастам. Ман албатта меоям – дар беморхона як беҳдори шиносам – дӯстам кор мекунад.

– Фардо ман ба шумо мегӯям, ки моро кай ба он ҷо мебаранд.

Шаб фаро расиду онро рӯз иваз кард. Посбон боз омада баркро хомӯш кард. Дар кушода шуду ман берун баромадам. Навдаи хушкеро аз болои девор ҳаво доданд ва ман ҳамон замон ба тарафи девор давидам. Нараяни гуфт:

– Рӯзи панҷшанбе, соати ёздаҳ ман ба беморхона меравам. Дар рухсораи ростам хол дорам. Фаромӯш накунед!

–Гули садбарг – дар дасти рости ман хоҳад буд.

– Медонам.

Душанбе, сешанбе. Рӯзи чоршанбе, нисфирӯз шустушӯ карда, ғарқи фикр дар ҳуҷраам – рӯи кати хобам нишаста будам. Ногоҳ Бародарам Маҳбус аз дар ворид шуда, паҳлӯям нишаст.

– Ман кайҳо боз дар тани шумо, ғайр аз либоси маҳбас чизе надидаам, – гуфт ӯ ва бӯхчаеро кушода, аз он дҳоти ва пираҳани тоза шустаеро баровард.

Ин ҳангом ман ишораи рамзиро дидам – навдаи хушк аз болои девор парида ба замин афтод.

– Пӯшед, ман мехоҳам бубинам, ки шумо дар либоси худатон чӣ гуна ба назар мерасед.

Ман пираҳан ва дҳотиро пӯшидам.

– Аҷиб! – хитоб кард ӯ ва илова намуд: – Метавонед равед, ҷаноби Башир. Шумо озод ҳастед!

Ман карахт шудам. Чашмонам сиёҳӣ зад, гӯшҳоям маҳкам шуданд. Дар ин ҳолати гиҷу гарангӣ саволи тамоман аҳмақонае аз даҳонам баромад:

– Барои чӣ маро озод карданд?

Бародарам Маҳбус хандид:

– Фармони озод кардани шумо ба дасти ман расид. Ва аз худи ҳамин лаҳза шумо одами тамоман озод ҳастед. Метавонед равед!

Одами озод! Вале ман магар мехостам, ки акнун одами озод бошам?

Равед, роҳкиро гиред. Барои худатон ягон чиз мегиред?

Ӯ ҷойхоби маро ҷамъ кард. Дар зери он дастнависи баъзе ҳикояҳои ман пинҳон буд. Ӯ варақҳоро дуқад карда, ба ҷайби ман халонд. Баъд аз дасти ман дошта, маро аз маҳбасҳуҷра берун кард. Ман дар назди гулзор истода, ба гулҳои зебои садбаргам менигаристам. Боз як навдаи хушк аз болои девор парида гузашт. Бародарам Маҳбус дари ҳуҷраи маро вақт маҳкам карда буд.

Вақте ки дарҳои бузурги маҳбас аз паси ман ғиҷирросзанон пӯшида шуданд, ман ҳанӯз ҳам дар кӯчаи пур одам истода будаму ба гули садбарги сурхе, ки намедонам чӣ гуна ба дастам афтода

буд, бо таҳайюр менигаристам.

* * *

***ПОНКУННАМ ВАРКИ*** *(соли таваллудаш 1910) – носир ва шоир, асарҳояшро ба забони малаяламӣ таълиф намудааст, ҳамчунин адабиётшинос ва мунаққид. Ӯ дар таълифи ҳикояҳои кӯтоҳи баландмазмун устод буда, роману намоишномаҳо ва асарҳои адабиётшиносиаш ҳам хеле маъруфанд.*

## ҶОНУ ДИЛ

Вақте ки гап дар бораи говмешҳо мерафт, амаки Осаф ҳама чизро фаромӯш мекард. Деҳқонон ӯро «говмешдӯсти девона» меномиданд. Вале ҳама Каннанро дида, ба ҳайрат меафтоданд. Ҳамаи зиндагии Осаф Каннан буд. Рангаш хокӣ, боқувват, қадаш на он қадар баланд, шохҳои ба боло тобхӯрда, шоҳкосачашм ва кӯҳони бошаҳомати пушти нӯгаш ба таври хеле зебо ба поён майлкардаи ӯ бо пӯсти тарангаш пӯшида шуда буд. Худи ӯ ҳам қадампартоии махсус дошт – бо ғурур, боэътимод, мисли он ки бартарии худро дарк мекарда бошад. Чунин менамуд, ки Каннан ҳамаи он суханонеро, ки Осаф ба ӯ мегуфт, ё фикр мекунад, ё мефаҳмад.

Осаф ҳеҷ гоҳ Каннанро бо тозиёна намезад. Ӯ фақат говмешро аз ҷояш бармехезонд. Ҳаргиз ба сари говмеш дод намезад ва ӯро мисли дигар деҳқонон ҳақорат ҳам намедод. Бо ӯ чун бо дӯст сӯҳбат мекард. Каннан дар саҳро ҳамеша пеш–пеши дигар говмешҳо қадам мезад. Вақте ки як хати шудгор интиҳо меёфт, барои ба хати дигар гузаштан ӯро хала–хала кардан даркор набуд. Ӯ худаш медонист, ки ин корро чӣ гуна бояд анҷом диҳад. Баъзан ҳатто говмеш нияти ба хати дигари шудгор гузаштанро мекарду Осаф ӯро бозмедошт:

–Ҳей, каме сабр кун. Бигзор, каме пан гирам. Охир даҳонам хушк шуд.

Говмеш мисли он ки сухани хӯҷаинашро мефаҳмида бошад, итоаткорона бозмеистод. Осаф баъди панро хоидан, мегуфт: «Ҳум!» – ва Каннан аз нав ба кор сар мекард. Ҳангоми аз як қитъаи замин ба дигараш гузаштан ӯ аз болои ҷӯяк боэҳтиёт мегузашт. Ҳаргиз дар рӯи ҷӯяк нақши сумашро намемонд. Ӯ медонист: як ҳаракати тасодуфӣ барои хароб кардани ҷӯяк басанда аст. Каннанро, ки аз як сухан ҳама чизро мефаҳмид, ҳоҷати бастан набуд. Баъди анҷом ёфтани шудгор ба ӯ имкони озодона чаридан медоданд. Осаф ҳангоми раҳо кардани ӯ таъкид мекард: «Ҳей, бирав,

чарида шикаматро сер кун. Вале эҳтиёт кун, ба бананҳо чашм ало накун». Ва Каннан ҳаргиз ба ниҳолҳои банан, ё нахлҳои ҷавони норҷил, ки бо ғамхорӣ ва заҳмати беандоза парвариш ёфта буданд, даҳон намезад. Ӯ медонист, онҳоро шикастан гуноҳи хеле азимтар аз гуноҳи шох задан ё ба рӯи шох бардоштани онҳоест, ки ӯро нигоҳубин мекунанд. Осаф баъди аз сари замин баргаштан одат дошт, ки Каннанро тоза шӯяд. Пӯсти говмешро аз ифлосиҳо поккунон мегуфт:

– Ку пои ростатро бардор… Барои чӣ саратро меҷунбонӣ? Эҳтиёт шав, боз… Охир ту медонӣ, ки агар маро шох занӣ, чӣ хоҳад шуд! Ноороми накун, шӯхӣ накун…

Каннан тобу тоқати шустушӯро надошт, вале аз рӯи муҳаббате, ки ба соҳибаш дошт, ин русумро таҳаммул мекард. На ҳар кас метавонад, ҳайвонро ин қадар ба худ моил созад. Дар деҳа мегуфтанд: «Говмеши аз ҳама заифро гирифта, барои ром кардан ба Осаф бидеҳ – гӯё онро бадал карда бошанд, дигар онро намешиносӣ».

Осаф танҳо як ташвиш дошт – говмеши дӯстдоштаи худро чӣ гуна парво кунад. Агар касе дар бораи он гап сар мекард, ки бояд чорпоро эҳтиёт кард, Осаф оташин мешуд:

– Ҳама ба ваъз хондан чолоканд: «Ҳайвонҳоро эҳтиёт кунед…, мо бояд ҳайвонотро эҳтиёт кунем…». Магар ҳукумат барои хӯроки чорви, ақаллан, аз як қитъа замини шолӣ даст мекашад? Чӣ гуна чорво парварем? Чӣ, магар ришамонро ба онҳо хӯронем?

Осаф танҳо баъд аз парво кардани Каннан сари дастархон менишаст. Ӯ комилан бовар дошт, ки агар чорпоро дар оғил гурусна бошад, ба тамоми хонадон бадбахтӣ таҳдид мекунад. Осаф навдаҳои сабзи тапиокаро, ки барои хӯроки Каннан истифода мебурданд, пешакӣ майда–майда мебурид. Ё барои мисол, баргҳои хордори буттаи ананасро мегирем. Ӯ ҳамаи хорҳои онро канда, баргҳояшро реза карда, сипас ба говмешаш мехӯронд.

«Ҳей, Каннан!» – фарёд мезад Осаф, вақте ки говмеш – дастёри содиқи ӯ ба рӯи ҳавлӣ мебаромаду хурсандона маос мезад. Говмеш сарашро бардошта, аз ҳаловат чашмонашро нимпӯш мекарду интизор мекашид, ки кай Осаф ба наздаш меояд. Соҳибаш ҳамеша бо худ барои ӯ ягон чизи бомаза дошт – ё як қабза алафи тоза, ё як каф пӯстлохи банан. Каннан онҳоро аз кафи дасти соҳибаш мехӯрду Осаф гардани говмешро бо навозиш дастмол мекард. Баъд Каннан бадани аз арақ намакини соҳибашро мелесид ва барои ӯ аз ин чизи лазизтаре набуд.

Каннан овози Осафро дар байни ҳазорон садои дигар меши-

нохт. Ва онро шунида, мисли товусе, ки нахустин гулдурроси тундарро шунидааст, шодӣ мекард. Дар сари замин ӯ танҳо ба Осаф итоат мекард. Агар аз пушти сипор каси дигаре қадам мезад, говмеш дарҳол ба намоиши нағмаҳои худ шурӯъ мекард. Ба соҳибаш лозим меомад, ки дахолат кунад: «Биё мон, Каннан. Ин охир Куттапани худамон аст. Чӣ, магар ӯро нашинохтӣ?» Ба Осаф лозим меомад, ки зуд–зуд нақши оштидиҳандаро бозӣ кунад.

Ҳангоме ки Осаф бе сухан суруди одатии деҳқонон – алапро мад кашида месуруд, говмеш ин нағмаро хеле дӯст медошт. «Ҳо–о–о–о…» гуфта Осаф месуруду садои ӯ дар осмони нилфом паҳн мегардид. Ва, инак, оҳанги суруд шакл гирифта, торафт возеҳу равшан мегардид. Ин оҳанги мусиқии суннатии қадимае буд, ки ба чорпо бахшида шуда буд. Ва вақте ки Осаф оҳангҳои марғуладори дилашро берун мекард, ба назар чунин менамуд, ки Каннан кори вазнин, ёлҳои аз таъсири юғ хӯрдашудаашро фаромӯш карда, ҳама тан гӯш шудааст… Вақте ки ӯ дар замини пурлойи шолизор қадам мезад, гӯё бо оҳанги ҳамин суруд зангӯлачаҳои гардану пойҳои ӯ ҷарангос мезаданд.

Боре як воқеаи ғалатӣ рӯй дод. Дар пушти сипор Пачан, писари Тхундаттила Келан буд. Осаф аз хуруҷи пуршиддати дарди тарбод дар хона монда буд. Ӯ говмешҳояшро ба ҳамсояаш дод, чунки бе онҳо Келан аз ӯҳдаи кори замини худ намебаромад. Шудгори як қитъа заминро анҷом дода, ба қитъаи дигар гузаштанд. Ва ҳамон лаҳза дар дили Пачан иштиёқи сурудхонӣ пайдо шуд. Ин одам ҳаргиз ба ин гуна вазъи номувофиқ дучор нашуда буд. Вале ӯ чун дилаш мехост – ба сурудан шурӯъ кард. Ва ҳама кор хароб шуд. Каннан аз қафои худ садои сурудеро, ки бештар ба ғиж–ғижи чархҳои равғаннамолида шабоҳат дошт, шунида бадқаҳрона сарашро ҷунбонд. Вале Пачани аз оқибати кор бехабар, ҳанӯз ҳам суруд мехонд. Охир овозхони нохушовоз садои худро намешунавад. Сурудаш бештар аз ҳама ба худаш хуш меояд. Барзаговҳои Пачан нисбати ин бепарвоянд, барои онҳо ҳамаи сурудҳо дар олам якоҳанганд, вале Каннан тамоман оташин шуда буд. Ӯ лаҳзаи мувофиқ ёфта, бо тамоми қувват ин таҳқиргари мусиқиро лагад зад. Баъди ин Пачан се рӯз дар хона хобид ва қуввати аз ҷо бархостан надошт.

Қариб дувоздаҳ сол Каннан ба соҳибаш аз сари сидқ хидмат намуд – баҳору тирмоҳ шудгор кард. Дар тӯли ин солҳо дарахтону сабзаҳо чандин бор сардию гармиро пешвоз гирифтанд. Дар атроф чӣ қадар дигаргуниҳо рӯй доданд: ҳокимони доро аз тоҷу

кавкабаҳои худ маҳрум шуданд, ҳукуматдорони нав эълом доштанд, ки набояд як одам аз ҳисоби меҳнати одами дигар зиндагӣ кунад. Вале зиндагии Осаф аз ин беҳ нашуд. Ӯ маҷбур шуд, ки говмешҳояшро фурӯшад ва қабл аз ин заминҳои шолизори худ – азизтарин чизашро ба гарав диҳад. Ин хости дили ӯ набуд, вале ӯ чораи дигар надошт. Ӯ падар буд, падари меҳрубон ва вақти он расида буд, ки духтарашро ба шавҳар диҳад. Хешовандони домод барои ҷиҳози арӯс се ҳазор рупия хостанд, ин муфт буд, чунки худашон одамони камбағал буданд. Маҷбур шуд, заминро ба гарав монад. Осаф барои он як ҳазору панҷсад рупия гирифт. Шояд, хешовандони домод ба ҳамин маблағ ҳам розӣ мешуданд, вале барои ҷашни арӯсӣ ва тӯҳфаҳо боз ҳам пул лозим буд. Ва ӯ ғайр аз фурӯхтани говмешҳои ба ҷон баробараш илоҷи дигаре наёфт.

Зиёда аз бист сол Осаф арақи ҷабин резонда, шабу рӯз кор кард. Ӯро дар ин мавзеъ чун деҳқони муваффақ медонистанд. Вале дар охири ҳаёташ ба чӣ ноил шуд? Мӯйҳои ӯ сапед шуда, рӯяш пур аз ожанг гашт, чашмонаш камнур шуданд. Дарди тарбод дар вуҷудаш рӯз то рӯз авҷ мегирифт. Пӯсти дастонаш чунон дағал шуда буданд, ки ҳатто тезтарин корд ҳам онҳоро намебурид. Мисли собиқ, мисли панҷ ҳазор сол қабл асбоби меҳнати ӯ каланду сипор буд. Замини ӯ батамом беқувват шуда буд. Барои коркарди он нурӣ набуд. Роҳи наҷот куҷост? Ва Осаф ба сурудаҳои қадимаи «Ригведа» рӯй овард. Ӯ барои худои обу шамол, барои кӯҳу абрҳо дуо хонда, илтиҷо мекард, ки Модар–Заминро аз касофатҳо наҷот диҳанд. Вале ҳамаи дуо ва фотиҳахонии ӯ барабас буд. Худоҳо ба ӯ мадад накарданд, вале ба дӯкондорону дунёдорон хеле олиҳиммат буданд. Онҳо аз заволи Осаф шодӣ мекарданд.

Вақте ки Каннанро фурӯхтанд, соҳибаш набуд, ӯ анҷом додани ин вазифаи пур аз ғаму дардро ба каси дигар супурда буд. Каннан муқобилат нишон медод, аз ҳавлӣ баромадан намехост. Ӯ сарашро бардошта, дар атроф соҳибашро ҷустуҷӯ мекард. Ӯ рух додани нохушиеро пешакӣ пай бурда, хавотиромез маос мезад. Аммо Осаф дар ин ҳангом дар зери дарахти нон истода, бесадо мегирист. Баъзан барои ифодаи муҳаббат ба сухан эҳтиёҷе нест. Наздикии дилҳое, ки онҳоро ғаму шодии муштарак ба ҳам пайвастааст, низ вуҷуд дорад. Дигар ин гуна ду мавҷуд, мисли Осаф ва Каннан, ки ба ҳамдигар ин қадар сахт унс гирифтаанд, вуҷуд нахоҳад дошт. Онҳо аз бадбахтиҳои худ якдигарро наметавонистанд хабардор кунанд ва ин дарди онҳоро афзунтар мекард.

Вақте ки деҳқон дар деҳаи худ нони хӯрдан намеёбад, ба тара-

фи Ваянад чашм медӯзад.

– Он хоки бегона аст, кӣ медонад дар он ҷо мардум чӣ ҳол доранд. Аз хешу табору ҳамдеҳагон хеле дур аст. Мегӯянд, ки дар он ҷо одамон ҳар рӯз аз дарди вараҷа мемиранд. Бародарам Осаф, чӣ гуна ҷамоа метавонад ба ту иҷозаи ба он ҷо рафтан диҳад? – гуфт ҳамсояаш Киттусар, вақте ки Осаф назди ӯ барои дидани харитаи Малабар даромад.

– Пас бигӯед, ман куҷо равам, Киттусари гиромӣ? Заминамро ба гарав мондам, говмешҳоямро фурӯхтам. Ман агар бӯи заминро эҳсос накунам, девона хоҳам шуд, – ҷавоб дод Осаф.

Осаф, мисли ин ки бо ҷараёни вазиши шамол қадам мезада бошаду ӯро бо касе коре набошад, бе касбу кори одатии худ, бе Каннан зиндагӣ мекард. Кӯчидани ӯ ба Ваянад ҳамоно ба таъхир меафтоду ба таъхир меафтод. Ӯ бояд ҳафт садяк замини боқимондаашро ҳам мефурӯхт. Вале гап дар сари ин ҳам набуд. Духтари Осаф ҳомила буду мӯйсафед орзу дошт набераи нахустини худро бубинад.

Рӯза фарҷом ёфту иди пасхо фаро расид. Дар деҳа ягон хона, ҳатто хонаи фақиртарин ҳам набуд, ки аз он бӯи иштиҳоовари хӯрокҳои гӯштин ба машом нарасад. Дар тобаҳо ба таври сурурбахш қарсасзанон нонҳои орди биринҷи хеле сафед фишшос зада мепухтанд. Гӯшти бо карри ва майдаи чормағзи норҷил пухташудаву нонҳое, ки дар зери дандон қарсас мезананд, зиёфатест шоҳона.

Вале Осаф дар хона чизе надошт. Ӯ танҳо, ғарқи андешаҳои ғамангез нишаста буд. Дар наздикӣ касе замин шудгор мекард. Садои сурудхонии якнавохти шудгоркунанда ба гӯши ӯ мерасид. Ин садо дили ӯ, дили деҳқонро ба ҳаяҷон меовард. Ӯ ба сипоре, ки онро торҳои тортанак печонида буду дар зери айвон мехобид, нигариста, оҳи вазнине кашид: ӯ боз бори дигар соҳиби говмеше мисли Каннан мешуда бошад? Магар ӯ боз ҳам соҳиби чаҳор–панҷ акр замине, ки онро бо сипори худ шудгор карда тавонад, шуда метавонад? Ӯ ба ин рӯз мерасида бошад, ё сипори ӯ ҳамин хел зери тори тортанак хоҳад монд?

– Ту то кай ҳамин хел, ғарқи хаёлҳои пур аз ғам менишинӣ? – дод зад ба сари Осаф занаш Мария.– Ҳар чӣ, ки дар насибамон буд, дидем. Ту чӣ, ба Коттаям рафтанӣ нестӣ? Бояд фардо духтарамонро ба он ҷо фиристем! Охир ту ба ӯ бегона не, падараш ҳастӣ.

Фардо бояд онҳо духтарашонро ба хонаи шавҳараш гусел ме-

карданд. Мувофиқи таомул ӯ бояд ҳамроҳаш либоси бисёр ва анҷомҳои зиёди дигар мебурд. Ӯ бо дили шод ҳамаи чизҳои заруриро мехарид. Вале дар хона пул набуд. Модаршӯю хоҳаршӯяш бе ин ҳам ӯро масхараю таънаборон мекунанд, иқрор кард ба модараш Катрикутти ва ӯ аз ғам ҷои нишастан намеёфт. Бо вуҷуди ҳамаи душвориҳои зиндагӣ, ӯ бояд ба духтараш се сари ва се нимтана харад, бе чизҳои боқимонда ҳам зиндагӣ кардан мумкин аст. Вале аз куҷо пул пайдо кунад? Ва Мария – худи ӯ ба ин кор ҷуръат намекард, ба назди судхӯр рафта, бист рупия қарз гирифт. Албатта, акнун барои баргардондани қарз ва фоидаи он миёнро сахт бастан даркор ва ҳар як донаи шолиро эҳтиёт кардан зарур буд, вале, хушбахтона, Мария пул дар даст баргашту Осаф аз ҷо бархост, то барои харид равад.– Падар, агар барои нимтана матоъ мехарӣ, бубин, ки матои ғафс бошад, – ба Осаф дастур дод духтараш.

– Мо ҳанӯз андози заминро насупоридаем, – илова кард Мария. – Супоридани онро фаромӯш накун.

– Шумо ба ҳамин пул мехоҳед соҳиби як кишвар шавед, – ғур–ғур кард Осаф.

– Вале як пора матоъ барои доман дӯхтан ба ман ниҳоят зарур аст. Камарбанди домани ман тамоман фарсуда шудааст, – гуфт Мария.

– Медонед–чӣ, биёед худи шумо ба бозор равед. Ман дар ошхона мемонам, – ҷавоб дод Осаф.

– Ришатро ҳам ба мо медиҳӣ? – таслим намешуд Мария.

Катрикутти қоҳ–қоҳ зада хандиду даҳонашро бо дасташ пӯшонд.

– Риши маро ба ҳоли худаш монед! Ман ягон аҳмақӣ накардаам ва ришамро ҳам аз касе қарз нагирифтаам, – оташин шуд Осаф.

Ӯ чатрашро гирифт, рӯпоккуни ду қабат таҳкардаро ба сари китфаш партофту бастаи панро ба камарбандаш халонда, ба шаҳр раҳсипор гардид.

Ба шарафи иди пасхо дар Коттаям ғалоғулаи идона ҳукмфармо буд. Аксари дӯконҳо баста буданд. Фақат савдогарони газбор – онҳое, ки ғайринасронӣ буданд, мол мефурӯхтанд. Осаф ба назди як–ду нафари онҳо рафта, нархро пурсиду матоъро палмосида дид.

«Худоё, чӣ қадар нарх гарон аст!» Ба ақидаи ӯ, ин қадар пулро масрафи латта–путта кардан – девонагие беш нест. «Не–не. Боз ба назди ду–се нафар медароям. Ҳеҷ кас намедонад, ки дар куҷо барои ӯ як анна фоида мемонад.» Ва ӯ ба пеш ҳаракат кард.

Ҳамин тариқ, ӯ ба назди идораи шаҳрдорӣ расид. Дар назди де-

вори он говмешҳоро қатор баста буданд. Ва чӣ говмешҳое! Пӯсту устухон, парракҳояшонро шумурдан мумкин аст. Говмешҳои фартуте, ки умрашон ба поён расидааст. Бо думҳои шикаста, бо захмҳои жарфи аз юғ боқимонда, ки тайи солҳои тӯлонии онро кашидан пайдо шудаанд, бо шохҳои хӯрдашуда – ҳамаи онҳо шоҳидони зиндаи бераҳмии одамон буданд. Дар ҳар кадоми онҳо чун мӯҳри марг тамғаи идораи шаҳрдорӣ нақш карда шуда буд – онҳоро ба куштан ҳукм карда буданд. Ҳукуматдорон ба қассобоне, ки ҳайвонҳои ин гуна тамға надоштаро мекуштанд, ҷазои сахт медоданд, чунки баробари дигар ташвишҳо ғами сиҳатии одамонро ҳам мехӯрданд. Агар онҳо назоратро суст мекарданд, қассобон ба фурӯхтани гӯшти мурдор ҳам оғоз мекарданд ва заррае андеша намекарданд, ки ин ба ҳаёти харидорон хатар дорад. Ана, барои чӣ Осаф ба ин чорабиниҳои ҳукуматдорони шаҳр хайрхоҳона муносибат мекард. Ва барои худи говмешҳо ҳам марг як роҳи наҷот буд. Онҳо то метавонистанд, дам нагирифта меҳнат мекарданд. Вале вақте ки пир шаванд, ба касе лозим нахоҳанд буд. Ва албатта, марг аз азобу азияти беохир беҳтар буд.

Осаф боз каме дар назди онҳо истод. Дилаш хун шуда буд. Ӯ ба говмешҳо бори охирин, мисли он ки бо дӯстони ба марг маҳкумшудааш хайрбод мекарда бошад, назар афканда, акнун рӯяшро гардонда рафтанӣ буд, ки банохост ларзиду дар ҷояш карахт шуд. Не, ин ҳеҷ мумкин нест! Аз афташ, чашмони хирагаштааш ӯро фиребидаанд. Ӯ тарсон–тарсон бори дигар ба говмеши лоғари назди девор нигоҳ кард. Дили пирамард фишурда шуд, чашмонаш сиёҳӣ заданд. Бале, ин Каннан буд.

– Каннан! – фарёд зад Осаф ва бо тамоми қувват ба тарафи говмеши дӯстдоштааш давид.

Говмеш садои ошноеро, ки ҳамеша ба ӯ оромӣ ва умед мебахшид, шунида карахт шуд, ба ӯ чунин намуд, ки зиндагӣ ӯро аз дигар садо мекунад. Ӯ сарашро хам карда, дар назди бинои боҳашамати шаҳрдорӣ меистоду пажвоки зиндагӣ дар гӯшҳояш садо медод. Баъд ӯ сарашро боло бардошту ба атроф нигоҳ кард.

– Ту маро нашинохтӣ, писарам? Ана, чӣ гуна дидор ба мо муяссар гардид!

Дили пирамард аз шодӣ бошиддат мезад, ӯ бо дастонаш говмешро оғӯш карда, пешониашро бо навозиш сила кард. Говмеш ба ҷисмаш расидани дастони ошноро эҳсос намуда, хурсандии худро зоҳиркунон думашро ҷунбонида, бо садои баланд маос зад. Ба назар чунин менамуд, ки ғиреви ӯ аз қаъри дилаш берун меояд.

Осаф Каннанро зуд аз назар гузаронд. Бале, фурсат карда ба ӯ ҳам тамға гузошта буданд. – аломати сиёҳ дар дар пои пеши ӯ гузошта шуда буд. Пирамард кӯшиш кард, ки тамғаро пок кунад, вале ҳама кӯшишаш бенатиҷа буд. Дар шиками говмеш ӯ захми фасодкардаеро дид, ки онро пашша зер карда буд.

– Мебинам, ки ин говмеш як вақте моли шумо буд? – шунида шуд аз пушти сари Осаф.

– Ӯро шумо ба ин ҷо овардаед? – пурсид Осаф аз қассоб.

– Бале.

Каннан ба лесидани бадани аз арақ шӯргаштаи соҳибаш шурӯъ кард. Дар собиқ ӯ ин корро зуд–зуд ба ҷо меовард. Ҳатто дар арафаи маргаш ҳам ин одати собиқи худро аз ёд набурда буд.

– Вақти рафтан ҳам расид. Ман бояд то нисфирӯз гӯштро ба дӯкон бурда расонам, – ба деҳқон ва говмеши ӯ, ки мисли ду дӯсти баъд аз ҷудоии дурударoз баҳамрасида, ҳеҷ аз ҳам ҷудо шуда наметавонистанд, муроҷиат карда гуфт қассоб.

Ва ӯ Каннанро бо говмешҳои дигар ба тарафи қассобхона ронд. Ҳамин тариқ, баъд аз як ё ду соат Каннанро марг мунтазир буд…

Ҳаво торик шуда, вале аз Осаф дараке набуд.

– Барои чӣ падарам ин қадар дер кард? – аз модараш пурсид Катрикутти, ки бозгашти Осафро бо харидҳояш бесаброна интизор мекашид.

– Бо ягон кор банд мондагист, худо хоҳад, ба зудӣ хоҳад омад, – таскин дод ӯро Мария.

– Одатан ӯ аз Коттаям барвақт бармегашт.

Духтару модар аз роҳ чашм намеканданд. Тамоман торик шуду онҳо чароғро даргиронданд.

Ва инак, аз дур суроби одаме, ки либоси сафед ба тан дошт, намоён гардид.

– Ин падарам. Бале, бале падарам аст! – хитоб кард Катри ва сахт шод буд, ки ӯ нахустин шуда, омадани падарашро дид.

– Наход ниҳоят Осаф омад? – садои пур аз шодии Катрикуттиро шунида, пурсид ҳамсоя, Метюи дӯзанда – ӯ бояд тайи ин шаб се нимтана медӯхт, то Катри фардо онҳоро бо худ бурда тавонад.

– Худоё! Охир ин Каннан аст! – говмешро дида, Катри дар ҳайрат афтод.

– Матоъ куҷост? Ту барои чӣ ба шаҳр рафта будӣ? – шӯрид Мария ба сари Осаф.

Каннан ба ҳавлии ошно даромада, аз шодӣ бо садои баланд маос зад. Аммо модару духтар Осафро бетанаффус таънаборону

таҳқир мекарданд.

Осаф бо кафҳои дастони шахшулаш сарашро дошта, хомӯш менишаст. Мария аз ғазаб меларзид. Катри оҳу фиғон мекард, ки ба ин бадбахтӣ тоб нахоҳад овард ва беист ашк мерехт. Осаф ҳарфе ба забон намеовард. Арақ аз сару рӯяш шашқатор мерехт.

– Падар, ман ҳеҷ гумон надоштам, ки шумо бо ман ин гуна рафтор хоҳед кард, – гирякунон мегуфт Катри.

– Духтаракам, – овози Осаф меларзид. – Каннан барои ман мисли писарам аст. Қассоб… – ва ӯ рӯяшро ба рӯпоккун фишурда, гиря кард.Он шаб дар хона касеро хоб набурд. Ҳар кас бо ғами дили худ нороҳат буд.

Чашми рӯз ки кафид, Осаф марҳам тайёр карда, ба оғилхона бурд, то ба захми Каннан молад. Ба табобати ҳайвон даст задани Осаф, бори аввал набуд. Ӯ роҳҳои тайёр кардани доруҳои зиёдро медонист ва ҳоло беҳтарин марҳамро омода карда буд.

– Ку, бархез, ба по рост шав, хез–хез.

Говмеш аз ҷояш намеҷунбид.

–Каннан! – фарёд зад Осаф.

Вале дар толеи Каннан дигар бархостан набудаст. Шояд ӯ барои он аз ин дунё рахти сафар бар баста буд, ки одамони аз ҳама наздикаш Осафро таҳқиру маломат карданд.

Сипори дар тори анкабут печида, аз кунҷе ки овезон буд, ба ҷасади Каннан ва соҳиби ғамзадаи он менигарист. Сусмори хурди дар болои он истода, банохост бо садои ғамангез ба чирросзанӣ даромад.

* * *

***ТРИПУРАНЕНИ ГОПИЧАНД*** *(1910 – 1962) – яке аз бунёдгузорони насри муосир дар адабиёти Ҳинд ба забони телугу аст. Муаллифи 20 китоби роман, повест ва ҳикояҳост. Дар байни асарҳои ӯ романҳои «Зиндагии одами ноӯҳдабаро», «Васияти пандит Парамесвари Састри» бисёр машҳуранд. Осори насрии ӯ дар китоби дуҷилдаи «Ҳикояҳои Гопичанд» (1953, 1956) ба табъ расидааст.*

## БОЗГАШТ

Ӯ ба хона даромаду чашмаш ба занаш афтид. Ин на фиреби назар, балки воқеият буд. Ӯ дар остона шах шуд. Аз худи ҳамон чор сол пеш, ки занаш таркаш гуфт, ӯ дигар ба ин гуна садамаи рӯҳӣ

дучор нашуда буд. Акнун ӯ дар хаёлаш шиддати садамаи он вақт аз сар гузарондаашро барқарор карда наметавонист. То ба сараш омадани ин воқеа ӯ аз хона рафтани зани ягон касро як чизи ғайриодӣ мешумурд. Шояд, он ҳангом кадом як савқи табиии худҳифозатӣ ин фикрро ба сараш андохт, ки – чӣ илоҷ, ин гуна воқеа ба сари бисёр одамон омадааст. Ва инак, имрӯз ба сари ӯ низ. Сараввал ӯ бисёр азият кашид. Таскиндиҳии дӯстон, нигоҳҳои кунҷковонаю тамасхуромези атрофиён азоби рӯҳии ӯро меафзуданд. Вале баъд… оҳиста–оҳиста одат кард. Мисли ин ки занаш ба муддати тӯлонӣ ба хонаи хешу табораш ба меҳмонӣ рафта бошад.

Вале акнун… Ӯ ба занаш нигариста, эҳсос кард, ки худи ҳоло беҳуш шуда меафтад, зонуҳои ӯ меларзиданд… Ӯ ин гуна эҳсосро фақат як бор аз сар гузаронида буд. Ин дар рӯзҳои аввали баъди издивоҷашон рӯй дода буд. Зани ӯ дугонае дошт мисли ситорача зебо. Бисёр нозуку латиф буд. Медонист, ки дугонаи занаш дӯсташ медорад. Вале оё худи ӯ дугонаи занашро дӯст медошт? Ӯ ҳатто боре ҳам дар танҳоӣ бо ӯ ҳамсӯҳбат нашуда буд, вале вақте ки ӯро медид, ё ба ёд меовард, ба димоғаш бӯи латифи гулҳои баҳорӣ мерасид.

Он рӯз ӯ ба назди занаш омада буд. Дугонааш дарро кушода гуфт, ки занаш хобидааст. Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки «Мунтазир мешавам!» ва хандид. Садои хандаи ӯ мисли садои зангӯлача ҷарангос зад. Ҳавои хона нафасгир буд. «Оби сард мехоҳед?» – пурсид зан ва ба ошхона рафт. Ӯ нияти аз паяш рафтан намуд, вале ҷуръат накард. Зан дар ошхона таъхир кард шояд аз танҳо мондан бо ӯ метарсид, – вале ниҳоят, як пиёла об дар даст баргашт. Вақте ки ӯ аз дасти зан пиёлаи обро гирифт, саропо меларзид, дилаш сахт метапиду пойҳояш беҳол шуда буданд. Ва инак, ҳоло худро айнан дар ҳамон ҳолат эҳсос мекард.

Барои чӣ занаш баргашта бошад? Баъд аз чаҳор сол! Дар кунҷи хона зонувонашро бо дастонаш оғӯш ва рӯяшро ба зонувон ҷафс карда нишастааст. Пештар ҳам вақте ки аз шавҳараш меранҷид, ё ягон ҳодисаи ногувор рӯй медод, ҳамин хел менишаст. Менишасту ҳарфе ба забон намеовард. Дар ниҳояти кор онҳо оштӣ мекарданду баъд ӯ ҷанҷолашонро бо шӯхӣ ба ёд меоварад ва занаш шармида, нигоҳашро мегурезонд.

Чӣ бояд кард, парешонҳолона андешид ӯ. Ҳатто қудрати аз ҷо ҷунбидан надошт. Дигарон дар ин маврид чӣ кор мекарда бошанд… Албатта, латукӯб карда, аз хона пеш мекунанд. Ё ӯ ҳам занашро чунон занад, ки ба зорию тавалло дарояд, доду фиғон ку-

над, ба кӯча ронаду дарро қулф кунад… Ӯ ҳамаи инро дар хаёлаш тасаввур кард – бале ин ягона чора буд… Вале он ғазабе, ки чор сол қабл аз ин дар вуҷуди ӯ туғён мекард, акнун вуҷуд надошт. Ӯ аз занаш чашм намеканд. Лоғар шудааст, коҳидааст, вале ҳамоно зебост, ҳамон чашмон… Рашки дар дилаш мурда аз дигар аланга гирифт, дарди бошиддати пешина аз нав дилашро фишурд. Не, не, ӯ дигар он ғаму андӯҳи кашидаашро ба дилаш роҳ додан намехоҳад.

– Барои чӣ омадаӣ? – оташинона пурсид ӯ.

Занаш ҷавоб надод. Ӯ беҳаракат менишаст… Шояд, барои он баргаштааст, ки дигар тоқати сангиниҳои зиндагӣ ва маҳрумиятҳоро надораду мехоҳад ман наҷотбахшаш бошам, фикр кард ӯ. Кадом маҳрумиятҳо, талқин мекард ба ӯ эҳсоси рашк, шояд ин чаҳор сол мисли чаҳор лаҳзаи ширин барои ӯ буданду акнун парида рафтанд. То гулӯяш аз Камаразуаш сер шуда… Шояд зан пушаймон шудааст? Инро аз ӯ чашм надошта бош, тамасхур мезад рашк… Занаш ҳамоно хомӯш буд. Ӯ исроркорона мунтазири ҷавоб буд, вале занаш ҳарфе ба забон намеовард. Барои чӣ омадааст? Барои чӣ? Ӯ акнун ором шуда буду чизеро ба ёд намеовард. Агар ӯ ба ҷои занаш мебуд, беҳтараш худкушӣ мекарду ба ин ҷо намеомад.

– Ту чӣ, шарафу номус надорӣ? – бадқаҳрона пурсид ӯ.

Зан банохост сар бардошту ба ӯ чашм дӯхт. Ӯ тоб наоварда, нигоҳашро гурезонд. Чаро ман бо ӯ дағалӣ кардам, охир ӯ зан аст, вале афкори шуми заҳрогин ӯро роҳат намегузоштанд. Аз афташ барои пул омадааст. Занаш ҷавоҳироташро ба бар накарда буд, шояд ҳамаашро фурӯхтаанд, охир ин Камаразу фақиру нодор аст. Ба заргар бурда фурӯхтаанд…

–Ту бефаҳм астӣ, – нимғурма гуфт ӯ. Зан мисли пештара хомӯш буд.

– Бало ба паси ҳамааш, – мисли ин ки ба худаш мегуфта бошад, ниҳоят гуфт ӯ ва аз ҷо бархост. Ин лаҳза ба хона ошпаззан ворид шуд. оташи ғазабаш аз нав боло гирифт – барои чӣ ӯро дарҳол нарондам? Акнун ҳама аз ин хабардор хоҳад шуд.

– Гум шав, гум шав, – дод зад ӯ ва зуд баргашту ба хонаи хоб рафт.

– Шумо кай омадед, хонум? – маъсумона пурсид ошпаззан.

– Ман ҳозир меравам, – ҷавоб дод зан ва ба назди шавҳараш даромад.

Мард рӯяшро дар болиш зер карда, дар болои бистар ба шикам хобида буд.

– Ба шумо чӣ шуд?

Ӯ ҷавоб надод.

– Аҳволатон бад аст?

– Не, – гуфт ӯ. Занаш наздиктар омад. Банохост ӯ занашро ба оғӯш кашиду сарашро ба бадани ӯ ҷафс карда, пичирросзанон гуфт: «Барои чӣ, барои чӣ ту маро тарк кардӣ?...»

* * *

***ИСМАТ ЧУГТАИ*** *(соли таваллудаш 1911) – адибаи насрнавис, осорашро ба забони урду эҷод кардааст. Муаллифи чандин роман, повест ва маҷмӯаи ҳикояҳост. Асарҳои машҳури ӯ – повести «Гарданшах», маҷмӯаҳои ҳикояҳояш «Зарбаҳо», «Нозгул» ва романи «Маъсумон» мебошанд.*

## БИБИИ ТИФЛАК

Худо медонад, волидонаш ба ӯ чӣ ном дода буданд. Касе, ҳаргиз ӯро ном гирифта, садо накарда буд. Як вақтҳо дар тангкӯчаҳои камбари маҳалла, духтараки чеҳрааш чиркини мӯпарешоне давида мегашт. Он вақтҳо ӯро духтари Бафатан ном мебурданд. Баъд, бо гузашти замон, синҳори Башир, баъдтар модари Бисмиллоҳ меномиданд. Ва вақте ки Бисмиллоҳ сари фарзанд рафту тифли хурди навзодашро ба ӯ монд, дигар ӯро Бибии Тифлак ном мебурданд ва то охири умраш ин ном бо ӯ монд.

Шояд дар дунё коре намонда бошад, ки Бибии Тифлак дар солҳои тӯлонии умраш накарда бошад. Аз кӯдакӣ ба ивази ду бор хӯрок дар як рӯз ва либосҳои кӯҳна ба ҳайси хидматгор ба кор шурӯъ карда буд. Ба ҷои бо ҳамсолони хеш бозию шодӣ кардан дар хонаи сарватманде хидматгорӣ кардан чӣ маъно дорад, фақат касе медонад, ки онро аз сараш гузаронида бошад. Доираи ӯҳдадориҳои ӯ хеле васеъ буд: ба ӯ лозим меомад, ки на танҳо бо бозичаҳо кӯдаки хоҷаашро саргарм созад, балки сари хоҷаашро ҳам масҳ кунад.

Чун бузургтар шуд, пухтупазро омӯхт ва ӯро ба кори ошхона гузарониданд. Вале, вақте ки чашмони ӯ хира шуданду ба наскшӯрбо ба ҷои мурчу сабзавот сусмор андохт ва ба хамир магасҳоро андохта шӯрид, ӯро аз кор ронданд. Ягона чизе, ки ӯ акнун метавонист, ғайбатгӯию хабаркашӣ ва бӯҳтонбофӣ буд. Ин кори хеле фоидаовар буд. Одамони маҳалла зуд–зуд байни ҳам

ҷангу ҷанҷол мекарданд ва он касеро, ки аз қароргоҳи душман хабарҳои муҳим меовард, бо иззату эҳтиром ва хурсандӣ қабул мекарданд. Вале рӯзе расид, ки бибӣ бо номи хабаркашу ғайбатгӯй шӯҳрати сиёҳ пайдо кард ва акнун дигар ин машғулият ӯро хӯронда наметавонист. Ва маҳз баъди ин ӯ ба гадоӣ машғул шуд ва ин кори хеле сердаромад буд, чунки ӯ чолоку кордон буду одамонро ба танг намеовард.

Ҳамин ки соҳибхоназанҳо ба пухтупаз машғул мешуданд, бибӣ бо ҳисси хуби шоммаи худ дарҳол муайян мекард, ки бӯи аз ҳама хуштар аз хонаи кӣ меояд ва дарҳол ба он ҷо равон шуда, дар наздикии ошхона менишаст.

– Ҳа, синҳорҷон, ту магар гӯштро бо арви мепазӣ? – худро ба нодонӣ зада мепурсад ӯ.

– Не, бибиҷон, арвиҳои хозираро ҳар қадар ҷӯшонӣ ҳам, намепазад, ман гӯштро бо каҷолу дам андохта мепазам…

– Бо каҷолу? Чӣ бӯи хуше дорад! Падари Бисмиллоҳ, Худо ӯро биёмурзад, гӯшти бо каҷолу пухташударо бисёр дӯст медошт. Мехост ҳар рӯз нӯши ҷон кунад. Ҳар вақте ки ба хонаи мо биёӣ, гӯшти бо каҷолу пухта медидӣ. Бале!.. Акнун мо моҳҳо онро намебинем. Синҳорҷон, ба он кашниз андохтанро фаромӯш накардаӣ? Бе кашниз чандон хушмаза нест.

– Гӯё барқасд бошад, кашниз надорам. Саги Муваи машкоб ба боғчаи мо даромада, дар болои ҷӯякҳо ғел задаст. Ҳамаи сабзавоти рӯидаро помол кардааст.

– Аҷаб коре! Вале гушту каҷолубирёнро танҳо гашниз бамаза мекунад. Агар хоҳӣ, ман аз табиб кашниҷ мепурсам.

– Не, бибиҷон, ба ҳеҷ ваҷҳ. Дирӯз писари ӯ бодбараки писарам Шабанро бурида буд. Ман ӯро тарсонда гуфтам, ки: шунав, нобакор, ман дигар туро дар наздикии хонаам набинам, набошад пушаймон хоҳӣ шуд…

– Ман охир камакак мепурсам ва аз номи ту намегӯям.

Бибӣ чодарашро ба танаш маҳкамтар печонду бо шиппакҳояш шип–шипкунон, ба тарафи хонаи табиб равона шуд. Чунин вонамуд кард, ки фақат дар офтоб гарм шудан мехоҳад ва дар таги тирезаи хонаи табиб, дар наздикии ҷӯяки кашниз нишаст.

Бибӣ каме аз алафи хушбӯй канда, бо ангуштонаш молид. Ва ҳамон замон, пинҳон аз назари синҳори табиб як бандча кашниз канда гирифт. Ҳамин тавр, миқдори лозимаи адвияро ба даст оварда, бо бовари қатъӣ, ки акнун ба ӯ гӯшту каҷолу мерасад, баргашта омад.

Бибӣ бисёр чусту чолок буд – мисли ӯ дигар пайдо намешуд. Агар ягон хӯрданиро беназорат гузоред – фавран медуздид. Агар як лаҳза ба тарафи дигар чашм дӯзӣ – дарҳол аз худи шиша, шири кӯдакро дам мекашид. Як каф шакарро дуздида, дарҳол ба даҳон мебурд, ё як пора аз ягон чизи бомаза медуздиду дар офтоб ниша-ста мемакид.

Боз мебинӣ, ки чормағзи барои бетел омодашударо гирифта, ба нифаи лозимиаш мемонад. Ё ду дона нонро ба камарбандаш меха-лонад ва азбаски онҳо намоёнанд, болояшонро бо нимтанааш пӯшонида, оҳу воҳкунону нолишкунон фурӯ мебарад.

Ҳама ин нағмаҳои ӯро медонистанд, вале касе чуръат намекард, ӯро дар сари гуноҳаш дастгир кунад, барои он ки, сараввал, дасто-ни пиронаи ӯ барқвор ҳаракат мекарданд ва агар дуздии ӯро фош мекарданд, ӯ фавран чизи дуздидаашро зуд ба даҳонаш меандохту якбора фурӯ мебурд ва дуввум ин ки, чунон доду фарёде мебар-дошт, ки ҳар нафар ҳам авло медонист ба ӯ кордор нашавад. Ӯ ҳамаи авлиёву анбиёҳоро ёд мекард, таҳдиди ба Қуръон савганд хӯрдан мекард ва кӣ ҳам мехост, ки ӯро ба қасами бардурӯғ маҷбур кунаду барои худ дар он дунё, дар дӯзах ҷой омода созад? Бибӣ на танҳо ғайбатгӯи номӣ ва дузди чолок буд, балки бо ихтироъкории ҳайратангези худ ҳам шӯҳрат пайдо карда буд. Қабл аз ҳама, ин ҷо сухан дар бораи чодари сиёҳе меравад, ки ҳамеша дар сараш буд. Як вақтҳо чодар чашмбанд дошту Бибӣ бо он рӯяшро мепӯшид, вале вақте ки ҳамаи мардони ҳамсоли Бибӣ фавтиданд, ё чашмо-нашон камнур гашт, зарурат ба он тамоман аз байн рафт. Акнун Бибӣ чашмбандашро ба болои сараш мепартофту он дар фарқи са-раш ба таври ноҳинҷор мисли манораи канораҳояш дандонадор меистод. Пеши чодар кушода буд, ҳатто вақте ки Бибӣ нимтанаи нозук ба тан кардаву дар зераш зерпираҳан надошта бошад, аз қафо мисли болопӯши шоҳона ба назар мерасид. Чодар ба Бибӣ, чун ба занони боҳаё, на танҳо барои пӯшондани сар, балки барои пинҳон кардани чизҳои дуздидааш ҳам хидмат мекард. Азбаски он қисмати таркибии ороишоти Бибӣ буд, барои мақсадҳои гуногуни касношунид истифода бурда мешуд: Вақте ки онро ба замин фарш мекард, ҳамчун бистари хоб хидмат менамуд, вақте ки онро ҷамъ мекард, чун тагсарӣ истифодааш мебурд; вақте ки Бибӣ оббозӣ мекард ва ин аҳён–аҳён ба вуқӯъ мепайваст, чодар ба рӯпоккун табдил меёфт. Рӯзе панҷ маротиба чодар ба ҷойнамоз мубаддал мегардид ва Бибиро ҳамеша аз ҳамлаи сагҳо ҳифз мекард. Вақте ки сагҳои маҳал дандонҳояшонро гиз карда мехостанд аз банди пои

Бибӣ газанд доманҳои парафшони чодараш ба таври дардовар ба рӯи онҳо бармехӯрд. Чодари дӯстдоштааш барои ӯ хеле азиз буд ва Бибӣ чун медид, ки он фарсуда шудааст, сахт ба нолиш медаромад. Ва дар ҳар куҷое ки чашмаш ба латтапорае афтад, онро мебардошт, то ба чодараш дарбеҳ кунад. Бибӣ, ҳатто аз андешаи он, ки рӯзе аз чодараш тамоман маҳрум хоҳад шуд, ба ларза меафтод. Он гоҳ ӯ аз куҷо барои чодари нав ҳашт метр матои дигар меёбад? Кош ӯ ҳамин қадар матои дигарро барои такфини худ пайдо мекард.

Бибӣ иқоматгоҳи доимӣ надошт. Мисли аскари сафаронӣ дар ҳар ҷое, ки рост ояд, мезист: Имрӯз агар дар айвони касе ҷои хоб пайдо кунад, фардо дар ҳавлии беруни каси дигар мехобид. Дар ҳар куҷое, ки ҷойе пайдо кунад, худро ба ҳамон ҷо мехалонд. Вақте ки ӯро аз як ҷой меронданд, итоаткорона ба ҷустуҷӯи паноҳгоҳи нав мебаромад. Як гӯшаи чодарашро ба зераш меандохту бо гӯшаи дигараш болояшро пӯшида мехобид.

Аммо аз чодараш ҳам бештар боиси изтироби Бибӣ набераи ягонааш – Тифлак буд. Бибӣ, айнан мисли мурғи курке, ки ҷӯҷаҳояшро бо болҳояш пӯшонда, эҳтиёт мекунад, ба ӯ ғамхорӣ менамояд. Дастони чолоки ӯ ва ҳангоми зарурат пойҳои чобукаш дар минтақа ба ҳама чиз тобовар сохта шуда буданд, то ки ӯ набераашро нигоҳубин карда тавонад. Пиразани дар зоҳир камқувват ва мӯҳтоҷи ёрӣ метавонист бисёр исроркор шавад: ӯ садақа намепурсид, балки талаб мекард. Агар гирифтани садақа муяссараш намегашт, медуздид. Вале вақте расид, ки дигар аз найрангҳои Бибӣ касе дар ғафлат намемонд. Акнун сокинони маҳалла эҳтиёт мекардагӣ шуданд: ҳамин ки садои шип–шипи шиппакҳои ӯро мешуниданд, чораҳои муҳофизатӣ меандешиданду дигар ба доми Бибӣ намеафтоданд. Он гоҳ ҷуз додани касби меросии худ ба Тифлак дигар чорае наёфт, ӯро ба хонаи сарватманде хидматгорӣ фиристод.

Бибӣ дурудароз ҷои беҳтаре кофту ниҳоят, барои Тифлак хонаи ҷаноби ёвари коллекторро ба ивази хӯроку либос ва якуним рупия моҳона хидматгорӣ муайян кард. Вале худи ӯ ҳама вақт дар наздикӣ буду чун соя аз паси наберааш мегашт. Агар ӯ лаҳзае аз наздаш дур мерафт, Бибӣ дарҳол бо садои баланд навҳа ва ҷанҷол оғоз мекард. Вале сарнавиштро бо ду дасти пиронаи Бибӣ сутурдан, имкон надошт.

Нисфирӯзӣ буд. Зани ҷаноби ёвари коллектор ба назди барodaраш рафта буд, то ки дар бораи издивоҷи қарибулвуқӯи писараш бо ӯ маслиҳат кунад. Бибӣ зери дарахти пуршохубарге, ки дами

дарвозаи хоҷа рӯида буд, мехобид. Ҷаноби ёвари коллектор дар хонаи хобе, ки ба тирезаҳояш пардаҳои намнок кашида буданд, хобида роҳат мекарду Тифлак, ки бод додан ҳам ба зиммаи ӯ буд, бодбезан дар даст пинак мерафт. Бодбезак аз ҳаракат монд. Хоҷа чашм боз карду иблиси дар ниҳодаш буда ҳам ҳамроҳаш бедор шуд ва тақдири Тифлак низ ҳал гардид.

Мегӯянд, ба онҳое, ки мехоҳанд аз нотавонии пирӣ наҷот ёбанд, табибон бо давоҳо ва тило хӯрдани чӯҷашӯрборо ҳам маслиҳат медиҳанд. Ва Тифлаки акнун нӯҳсола айнан чунин чӯҷа буд.

Бибӣ бедор шуду ҳар қадар кӯшиш кард, Тифлакро ёфта натавонист. Пиразан тамоми маҳалларо давр зад. Ягон нишоне пайдо накард. Ва фақат шабона, вақте ки беҳолу мадор ба ҷои хобаш баргашт, ӯро дид, ки мисли парандаи рамида дар кунҷе нишастаасту аз нуқтае чашм намеканад. Пиразан аввал аз шакку гумонҳои даҳшатовар карахт шуду баъд Тифлакро аз алам ҳақоратборон кард.

– Оҳ ту фоҳиша! Дар куҷо будӣ, лаънатӣ? Ман аз по афтода, дар ҳама ҷо туро кофтам. Сабр кун, ман ба хоҷа мегӯям, ки ҷазоятро диҳад. Ҳоло ист, ҷазоятро хоҳам дод.

Тифлак воқеаи рӯйдодаро дурудароз пинҳон дошта натавонист. Вақте ки Бибӣ аз ҳамааш огоҳӣ ёфт, аз ғаму андӯҳ ба доду фиғон ва мушт задан ба сандуқи синааш шурӯъ кард. Сари ҳамсояҳо ба дард даромад. Агар ин корро писари ҷаноби ёвари коллектор мекард, барои ин гуноҳаш ӯро ҷавобгар кардан мумкин буд. Вале худи ҷаноби ёвари коллектор! Яке аз одамони бонуфузи маҳалла, бобои се набера, мусулмони парҳезгор ба қарибӣ ба масҷид чандто ҷойнамоз ва офтобаи таҳорат хайр карда буд! Барои маҳкум кардани ӯ касе ҳарфе ба забон оварда метавонад?

Ва Бибӣ, ки тамоми умр аз одамон ноҳақӣ дида буд, ба тақдир тан дод. Ӯ тифлакро бо кӯрпа печонду ҳалво хӯронд ва мекӯшид ба бадбахтии худ бурдборона тоб орад. Баъди чанд рӯз Тифлак қувват гирифту ҳамаашро фаромӯш кард. Вале модарони покдомони оилаҳои ҳамсоя чизеро фаромӯш накарда буданд. Онҳо Тифлакро пинҳонӣ ба наздашон хонда, ба пурсупос шурӯъ карданд.

– Не, намегӯям, бибиам мезанад, – ҷавоби рад дод ӯ.

– Не, ин каждуми таги бурё аз чизе хабар нахоҳад шуд. Ку бигӯ, чӣ шуд, – исрор карданд занҳо. Ва ӯ, ки ҳанӯз кӯдаки беақл буд, чизеро пинҳон надошта, ҳамаашро нақл кард. Занҳо бо гӯшаи рӯймолҳояшон даҳонашонро пӯшида механдиданд.

Тифлак ин воқеаро фаромӯш карда буд… Вале он рӯйдод баро-

яш беасар набуд. Агар қаламчаеро ба замин шинонию маҷбур кунӣ, ки пеш аз мӯҳлат шукуфад, баргҳояш фавран мерезанду шохаи хушк боқӣ мемонад. Ва Тифлак ҳам бакораташро аз даст дода, шарму ҳаёро гум кард, дар нигоҳаш аз шарм осоре намонд, якбора аз кӯдак ба зан табдил ёфту синну солаш ҳам ба назар калонтар менамуд. Ва ӯ ба мавҷуди зебои табиатофарида шабоҳат надошту бештар ба бозичаи сафолине мемонд, ки кулол пеш аз вақт онро аз оташдон берун овардааст, ё ба ҳайкале мемонд, ки пойҳои боқуввати махлуқи азимҷуссае онро поймол карда бошад.

Чӣ хеле мегӯянд, латтапораи ифлос арзиши таассуфро надорад, бигзор ҳар касе хоҳад, пойафзорашро бо он пок кунад ва ҷавонон ҳам ҷуръат пайдо карда буданд дар пеши назари ҳама Тифлакро пучида гузаранд, ё ба кафи дасташ ширинӣ монанд. Дар умқи чашмони ӯ худи иблис мерақсид… Акнун аз бибиаш ӯ на ҳалво, балки мушт мехӯрд. Ӯ духтаракро бераҳмона мезад, вале ин фоидае надошт ва шабеҳи он буд, ки аз гилеми ифлоси рӯи фарш чангу ғуборашро афшонӣ, ё тӯбро бо мушт занӣ – хоҳу нохоҳ аз нав ба рӯи дастонат меҷаҳад.

Дастрас будани Тифлак барои сокинони маҳалла шармандагии мудҳиш ва ҷазои худи Худованд буд. Мегуфтанд, ки ҷаноби ёвари коллектор ба хотири ӯ бо писараш ҷанҷоли сахт ва ҳаммол Раҷва муллои масҷидро латукӯб кардааст.

Баъд овозае паҳн шуд, ки ӯ бо бародарзодаи Содиқпаҳлавон улфат шудааст. Ва ҷавон ҳар рӯз бо рақибонаш дар кӯчаҳо занозанӣ мекарду ба ӯ таҳдид менамуд, ки биниашро мебурад.

Чашмони пурҷозибаи Тифлак ва нотарсию ҷанҷолдӯстии хоҳарзодаи Содиқ оромии маҳалларо батамом рабуданд. Фақат як умед буд, ки аз рӯи овозаҳо дар Деҳлӣ ва Бомбай талабот ба ин гуна мол зиёд будаасту ин ҷуфти муносиб ба он ҷо хоҳанд рафт. Зимнан, ҳамон рӯзе, ки Тифлак гурехта рафт, дар гӯшаи хаёли Бибӣ ҳам набуд, ки онҳо аз ҳам ҷудо хоҳанд шуд. Чанд рӯз боз духтарак тағйир ёфта буд. Ҳатто бо бибиаш ҳам ҷанҷол намекард. Хомӯшона менишасту аз як нуқта чашм намеканд.

– Ягон чиз бихӯр, духтарам, – ба гап даровардани мешуд ӯро пиразан.

– Намехоҳам, – ҷавоб медод ӯ.

– Пас бихоб. Новақт шудааст.

– Ҳоло вақт аст.

Он шомгоҳ, ҳангоми пойҳои пиразанро масҳ кардан, Тифлак банохост гуфт:

– Бибиҷон, гӯш кун, оё ман дуоро дуруст мехонам?

– Офарин, ҳамаашро пурра аз ёд кардаӣ, – баъди гӯш кардан ситоиш кард ӯро пиразан. – Акнун, духтарам, рафта хоб кун. – Ва худаш ба паҳлӯи дигар гашт. Вақте ки Бибӣ хоб буд, Тифлак ғайб зад…

Онҳое, ки ба мулкҳои дур сафар мекарданд, дар бораи Тифлак хабарҳои гуногун меоварданд. Баъзеҳо нақл мекарданд, ки кадом як ҷаноби сарватманд Тифлакро ҳамхоба интихоб кардааст у ӯ акнун мисли шоҳдухтар зиндагӣ мекунад: саропо тиллопӯш ва ба дучархаи мӯҳташаме савор шуда мегардад. Дигарон мегуфтанд, ки ӯро дар маҳаллаи Хирамандӣ дидаанд. Дар Фарасрӯд ё Сонагачи бо ӯ дучор шудаанд.

Вале Бибӣ ақидаи худро дошт: Тифлак гирифтори вабо шуда, дар як соат фавтидааст. Вақте пиразан ба хулосае омад, ки муддати азои Тифлак сипарӣ шудааст, тамоман аз ақл бегона шуд. Сокинони маҳалла барои дилхушӣ пиразани бечораро масхара мекарданд.

– Эй, бибиҷон, шояд ту шӯ мекардӣ, – мегуфт баъзан зане, ки дар кӯча аз паҳлӯи пиразан мегузашт.

– Киро? мегирифтам? Шавҳари туро гирам – чӣ?! – ҷавоб мегардонд Бибӣ.

– Агар муллоро гиред – чӣ? Ба Худо қасам, ӯ аз ишқи шумо девона шудааст.

Бибӣ дар ҷавоб ӯро чунон ҳақоратҳои рангин мекард, ки ҳар касе мешунид, дар ҳайрат меафтод. Вале шурӯъ аз ҳамон вақт, пиразан ҳар вақте ки бо мулло дучор меомад, хиҷолат мекашид.

Ғайр аз бачаҳои кӯча, душманони ашаддии Бибӣ боз маймунҳо – «ин махлуқҳои нафратовар» буданд. Маймунҳо дар ин мавзеъ аз қадим мезистанд ва хуб медонистанд, ки бояд аз мардон ва бачаҳо эҳтиёт кард, вале занҳо аз онҳо дар ҳаросанд. Вале Бибӣ ҳам дар тӯли ҳаёташ одати маймунҳоро хуб омӯхта буд. Ӯ аз кучое кашкашаке пайдо карда буду вақте ки чодарашро мисли салла ба даври сараш печонда, бо он маймунҳоро ба нишон мегирифт, ҳайвонҳо бо ӯ сар ба сар шудан нахоста, ба ҳар тараф гурехта пароканда мешуданд. Байни Бибӣ ва маймунҳо барои сарқутҳо ва нони хушк ҳамарӯза муҳориба мерафт. Дар ҳар тарафи маҳалла, ки маъракаи ҷашни арӯсӣ, худоӣ, ё мавлуди тифле баргузор гардад, Бибӣ ҳамоно он ҷо, гӯё барои ҷамъоварии сарқутҳо шартнома баста бошад, ҳозир буд. Агар дар ягон хона зиёфат тақсим мекарданд, ӯ чолокӣ карда, чандин бор дар навбат меистод. Ҳамин тариқ, ӯ ҳамеша захираи хӯрокворӣ дошт ва ба онҳо нигариста, афсӯс

мехӯрд, ки чаро Аллоҳи таоло ба ӯ ин гуна қобилият ато накардааст, ки дар як бор хӯрдан он қадар хӯрда тавонад, ки барои чаҳор рӯз басанда бошад. Охир агар бо хости Парвардигор гоҳ–гоҳ ба ӯ имкони хӯрдан муяссар шавад, пас чаро Худо ба ӯ ин қадар меъдаи хурд додааст: агар дар вақти хӯрокхӯрӣ аз меъёри муайяншуда ду баробар зиёдтар хӯрок хӯрад, меъдааш дард мекунад. Аз ин рӯ, Бибӣ одат карда буд, ки сарқутҳоро хушк ва дар манзилгоҳҳои муваққатии худ пинҳон кунад, то ҳама вақт захираи хӯрок дошта бошад. Ҳангоме ки гурусна мемонд, ӯ нонрезаҳои хушкро майда мекарду каме об меандохт ва намаку мурч мепошид – ва хӯрокаш тайёр мешуд. Вале дар фасли гармо ва айёми боронгарӣ хӯроки ин тариқ омодакардаашро меъдаи дардмандаш ҳал карда наметавонист. Вақте ки сарқутҳо мепӯсиданд, бибӣ аз зарурати аз онҳо ҷудо шудан сахт афсӯс хӯрда, мекӯшид онҳоро чун хӯроквории сагу бузҳо савдо кунад. Вале шиками онҳо ба ин ғизо аз меъдаи Бибӣ боисрортар муқобилат мекарду аз ин хотир сокинони маҳалла ҳатто хоҳиши муфт гирифтани ин ғизоҳои болаззати пиразанро надоштанд, то чӣ расад ба харид кардани онҳо. Вале онҳо барои пиразан аз ҷонаш ҳам азизтар буданд, чунки ӯ онҳоро бо ҳазору як хорию залолат ба даст меовард ва барои хушкониданашон далерона бо маймунҳо меҷангид. Ҳамин ки ӯ захираҳои худро барои хушкондан дар офтоб паҳн мекард, қабилаи маймунҳо бо кадом як роҳи номаълум аз ин огоҳӣ меёфт ва махлуқҳои лаънатӣ дар болои порисаи деворҳо ва бомҳо гирд омада, ғавғои гӯшкаркунанда мебардоштанд. Бибӣ сарашро бо чодараш баста ва бо кашкашак мусаллаҳ шуда, камин мегирифту ҳамлаи душманонро рад мекард. Муҳориба тамоми– рӯз тӯл мекашид ва фақат ҳангоми шом Бибӣ ганҷи аз ғорат наҷот додаашро ҷамъ ва маймунҳоро ҳақоратборон карда, майдони ҳарбро тарк мекард ва фавран аз беҳолӣ хобаш мебурд.

Ба назар чунин менамуд, ки маймунҳо маҳз аз оташин кардани Бибӣ лаззат мебаранд. Ғайр аз ин, аз тарафи онҳо дуздида шудани болиши Бибиро, ки баъди ғайб задани Тифлак ягона воситаи шодӣ ва таскинбахши пиразан буд, боз чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст. Мисли чодараш аз поргӣ кардани он ҳам ҳеҷ хаста намешуд. Дар ягон гӯшаи аз назари мардум дур нишаста, Бибӣ бо ӯ айнан мисли кӯдаки хурдсол бозӣ мекард. Акнун ғайр аз болиш дигар ба касе на ғаму андӯҳашро гуфта метавонаду на дилашро сабук мекунад. Тақдир нисбат ба ӯ чӣ қадар бераҳм будааст! Боре, вақте ки бибӣ ба девор такя карда нишаста буду шабушҳои эзорашро меҷуст,

маймуни қафояш сурхе аз боло париду болиши бибиро чанг зада гирифту гурехт. Пиразан ба тамоми маҳалла чунон овоз андохт, ки гӯё аз сандуқи синааш дилашро канда бурда бошанд.

Бибӣ ҳамаи сарқутҳои косаашро ба пеши маймун монд, вале ин махлуқи лаънатӣ болиши ӯро баргардондан нахост. Ҳар қадар ки Бибӣ ӯро зорӣ кард, раҳми маймун наомад. Маймун мисли ин ки пиёзро пӯст меканда бошад, ҷилдҳои болишро канда партофтан гирифт. Ҳамон ҷилдҳоеро, ки Бибӣ бо чашмони камнураш хаста нашуда, бо риштаҳои ғафс медӯхт. Маймун ҷилдҳои болишро батамом канду чизҳои даруни онро поён партофтан гирифт. Ин пораҳои пахта не, балки чизҳои гуногуни зиёде буданд: ҷомаи рӯдӯзишудаи Шабан, рӯпоккуни зани машкоб, синабандаки Хасина, эзорчаи арӯсаки Мунниии хурдсол, туфангча – бозичаи писари Хайран, остини пироҳани Иброҳим, пораи миёнбанди Содиқ, сурмадони Амина ва ранги мижгони Бафатан, қуттии ороиши Сокина, як мӯҳраи калони тасбеҳи мулло ва номгӯи дуо ва намозҳои муаззин Бақар, пораи нофи хушкидаи Бисмиллоҳ ва бастаи пур аз куркума аз нахустин ҷашни зодрӯзи Тифлак, ангуштарини нуқра ва нишони Баширхон, ки вақти аз ҷанг баргаштанаш ҳукумат ба ӯ мукофот дода буд.

Аҳли маҳалла ганҷи Бибӣ, ҳамаи он чизҳоеро, ки дар давоми солҳои тӯлонӣ дуздида буд, дида ба ғазаб омаданд:

– Дузд... Фиребгар... Калзоғи пир!

– Ӯро аз маҳалла рондан лозим!

– Ӯро ба идораи пулис баред!

– Боз бистари ӯро ҳам ҷустуҷӯ кардан лозим аст! Худо медонад, аз даруни он боз чӣ чизҳое хоҳем ёфт!

Бибӣ тамоми шаб зонуҳояшро дошта менишасту аз як тараф ба тарафи дигар албонҷ мехӯрд ва падару модар, шавҳар, духтараш Бисмиллоҳ, набераи дӯстдораш Тифлакро ба ёд оварда беовоз мегирист. Ҳамин ки ғанабаш мебурд, хотироти гузашта мисли мӯрчагони бадқаҳр ҳуҷум мекарданду ба захмҳои кӯҳнаи дилаш чангол мезаданд. Ӯ дод зада аз хоб бархост, гоҳ механдиду гоҳ мегирист, худ ба худ гап мезад, банохост ба касе табассум мекард. Банохост кадом як хотироти аз зулмоти гузаштаҳо беруншуда ба дилаш мисли ханҷар мехалиду садои нолишу доду войи ӯ баланд шуда, тамоми маҳалларо бедор мекард. Ду рӯз ӯ дар ҳамин ҳолат буд. Аҳли маҳалла аз кори кардаи худ пушаймон шуда буданд. Охир, дар айни замон, касе мӯхтоҷи ба даст овардани он чизҳои фаромӯшшудаи як вақтҳо гумкардааш набуд.

Кайҳо барои гум кардани ин чизҳояшон ғамгин шуда, онҳоро аз хотирашон сутурда буданд. Албатта, шахсони зарардида сарватманд набуданд ва дар чунин вазъ гум кардани як хас баробари як ғӯлачӯб вазнин буд. Вале ин талафот ҳар қадар бузург бошад бошад ҳам, аз сари онҳо гузашта буд. Шабан дар ин байн қад кашида ҷомааш ба ӯ хурд шуда буд, илова бар ин, ҷома бисёр кӯҳна шуда буду гарм намегирифт. Хасина кайҳо боз синабанд намебаст. Дар масъалаи эзорчаи арӯсаки Муни бошад, духтарак аз сину соли арӯсакбозӣ кайҳо баромадаву акнун бо дегу косаи сари оташдон овора буд. Не, ягон нафар аз сокинони маҳалла ба хуни Бибӣ ташна набуд.

Дар ниҳояти кор, сарнавишт нисбат ба ин пиразан бисёр бераҳм буд. Дар дунё ягон бадбахтӣ, ягон озору камбиние набуд, ки тақдир ба ӯ тӯҳфа накарда бошад. Вақте ки шавҳари Бибӣ фавтид, фикр мекард, ки худи ӯ ҳам ба зудӣ дунёро тарк хоҳад кард. Вале вақте ҷасади Бисмиллоҳро ба кафан печониданд, ӯ эътимод ҳосил кард, ки косаи сабраш лабрез гаштаасту дигар тоқати бардоштани бори гарони зиндагиро надорад. Вақте ки Тифлак ӯро сахт шарманда карда гурехт, Бибӣ ба қароре омад, ки – тамом! Ба ин зарбаи марговар тоб нахоҳад овард. Ҳамаи бемориҳое, ки дар дунё мавҷуданд, дар ҷисми Бибӣ осори худро гузошта буданд. Бемории нағзак дар чеҳраи ӯ ҳафт бор пай гузошта буд. Бибӣ ҳар сол, ҳангоми иди рӯзи саввуми тақвими моҳтобӣ, вақте ки то гулӯяш хӯрок мехӯрд, шикамдард мешуд. Дастонаш аз шустани либосҳои касон захмӣ мешуданд; ангуштонаш аз шустани зарфҳои филизии касон пӯст мепартофт; чандин мартаба дар торикӣ аз зинапояҳо афтида бошад ҳам, медидӣ, ки баъди як–ду рӯз хобидан боз ба по бархостааст. Бибӣ дар таваллудҳои собиқаш, албатта, саг будааст. Аз ҳамин хотир сахтҷон буд. Ба назар чунин менамуд, ки марг ҳамеша аз ӯ канораҷӯӣ мекунад. Вале Бибӣ ҳам аз марг канораҷӯӣ мекард. Ӯ метавонист либосҳои жанда пӯшад, вале ба ҳеҷ ваҷҳ либоси одами мурдаро намепӯшид, ҳатто ба он даст намерасонд – мабодо марг дар чинҳои он

пинҳон шуда бошаду аз он ҷо барои ба даст овардани ҷони Бибӣ ҷаҳида барояд. Ба хотири кӣ меомад, ки тақдири ӯро маймунҳо ҳал хоҳанд кард?

Пагоҳии барвақт машкоб аз наздикӣ мегузашт ва дид, ки Бибӣ даҳонаш нимво дар зинаи зинапоя ҷинҷ зада нишастаасту дар гӯшаҳои чашмони нимпӯшаш магасҳо ҷунбуҷӯл доранд. Одамон ӯро дар ин ҳолат борҳо дида буданд, аввал онҳо гумон карданд, ӯ

мурдааст, вале ӯ, ки нороҳаташ сохта буданд, бедор шуда, гулӯ афшонду туф кард ва онҳоеро, ки хобашро халалдор карда буданд, ҳақоратборон намуд.

Вале ҳамон рӯз Бибӣ дар зинапоя ҷинҷ зада нишаст, ки нишаст. Ӯ бори вопасин тамоми ин дунёро бо баргузидатарин дашномҳо ҳақоратборон карда, даргузашта буд. Дар тамоми умраш ба Бибӣ ҳаргиз муяссар нашуда буд, ки ҷисмашро ёзонда, роҳат бихобад – дар ҳар кучое, ки хобида бошад, он ҷо фалокате ба сараш меомад. Ҳамин тариқ, ҷасади дуқадшудаи ӯро ба кафан печониданд, чунки ҷисмаш сард шуда буду онро дигар рост кардан ҳеҷ имконпазир набуд.

Рӯзи қиёмат садои сури Исрофил баланд шуд. Бибӣ аз хоб бедор шуду сулфида туф кард. Фариштаҳоро лаънатборон карда, аз болои пуле, ки паҳнояш на беш аз мӯи инсон ва тезиаш чун дами шамшер буд, гузашту рӯ ба рӯи Худованди бахшояндаи меҳрубон бозистод. Ва Аллоҳи таъоло чун дид, ки дар ин дунё раҳму шафқат намонда будааст, аз шарм сарашро хам карду ашкҳои пур аз хун афшонда гирист. Ин ашкҳо ба рӯи қабри тоза кандашудаи Бибӣ рехтанду аз хоки он ба шакли гулҳои суп–сурхи лола рустанд.

* * *

***НАРАЯНАН РАС АШВАТҲА*** *(соли таваллудаш 1912) – носир, ба забони каннада эҷод кардааст. Бо маҷмӯаи чаҳорҷилдааш «Ҳикояҳо» соҳибшӯҳрат гардид. Романҳои «Қасри некахлоқӣ» ва «Зани ҳунарпеша» – аш низ хеле маъруфанд.*

## УДАЯГИРИ

То ҳамин қарибӣ Удаягири шоҳи тамоми ҷангал буд. Вале акнун ӯ дар қафаси бузурги оҳанини Қасри Президент, дар Деҳлӣ маҳбус аст. Удаягири фил аст, фили бузургҷусса. Одамон беҳуда ӯро Удаягири, ки маънояш Кӯҳи Офтоббаро мебошад, ном нагузоштаанд. Ана, ӯ алвонҷхӯрон бо пойҳои мисли танаи дарахтони чандинасра тавонояш рост истодааст. Дигар аз дандонҳои ашки дароз–дарози даҳшатноки ӯ касе наметарсад. Сафедии онҳо танҳо пӯсти каб – кабуди ҷасади азими ӯро бармалотар мекунад. Хартуми ҳалқазадааш, ки дар замин хобидааст, тамоман намеҷунбад. Гӯшҳои мисли парчам калон–калонаш, ки ба онҳо магасу хармагасҳо часпидаанд, низ ноҷунбонанд. Удаягириро ғанаб бур-

дааст. Занҷирҳои вазнини пойҳои қафояш ҷаранг– ҷаранг мекунанд, банди оҳанин гарданашро захмӣ кардааст, вале ӯ чизеро ҳис намекунад. Ӯ саропо ғарқи хотироти гузашта аст.

Ана, ӯ филбачаи тамоман хурдест, ки аз модараш як қадам ҳам дур нашуда, дар ҷангалҳои Ассам овора мегардад. Оҳ, шири модараш чӣ қадар ширину болаззат аст! Атрофро кӯҳҳои сар ба фалак кашидае иҳота кардаанд, ки мисли падари ӯ азимҷусса ва кабудранганд. Филҳои галаи онҳо шоххҳои дарахтонро канда, мисли бодбезан меҷунбонанд ё лаби дарё рафта, ба худ об мепошанд. Ҷараёни хурди об аз рӯи баргҳо шорида, бадани ӯро ҳам мешӯяд. Дар он гузаштаи дур ӯ ба бозии рустшавакон машғул шуданро бисёр дӯст медошт. Ӯ пинҳон мешуду модараш ӯро мекофт. Агар ёфта наметавонист, ба бонг задан шурӯъ мекард ва ӯ дарҳол аз ҷои пинҳоншудааш давида мебаромад. Модараш ӯро бо хартумаш оғӯш карда, меҳрубонона навозиш мекард, баргҳои тозаи сершираи сабзи банан медод. Баъзан ӯ ҳангоми макидан нӯги синаи модарашро мегазид, вале модараш ӯро ҳаргиз тела намедод. Вақте ки модараш дар замин дароз мекашид, ӯ дар пушташ даводав мекард, вале модараш ба ҳамаи ин тоқат мекард ва ӯро фақат вақте аз пушташ меафканд, ки озор ёбад.

Падараш – гапи дигар буд. Бо ӯ бозӣ кардан осон набуд. Фақат дидани як худи дандонҳои ашки дароз–дарозаш ваҳмангез буд. Вақте ки Удаягири, ё ягон филбачаи дигар дар назди падараш аз ҳад зиёд ғавғо мебардоштанд, ӯ норозиёна каллаи бузургашро меҷунбонд. Метавонист занад, албатта, на бо тамоми қувват, балки оҳистакак. Филбача барои изҳори ранҷиши худ зуд ба назди модараш мешитофт. Дар сари ғазаб падараш метавонист дарахти азимро решакан кунад, ё бо сардори галаи филони дигар биҷангад. Вақте ки ин гуна ҳаводис ба вуқӯъ мепайваст, Удаягири одатан аз тарс дар пушти модараш пинҳон мешуд. Дар яке аз ин гуна муҳорибаҳо дандони ашки чапи падараш шикаст, вале ӯ на ин ки нагурехт, балки ба душман фишор оварда, ӯро мағлуб кард ва ҳарами ӯро ҳам ба даст даровард. Вақте ки ҳамаи гала аз паси падараш қатор шуда дар ҷангал қадам мезад, касе ҷуръати ба онҳо кордор шудан надошт. Филҳо аз галаҳои дигар, каркҳо, палангу кафторҳо – ҳама ба онҳо роҳ медоданд. Удаягири бо падараш ифтихор мекард ва орзу дошт, ки мисли ӯ шавад.

Вақте ки Удаягири бузургтар шуд, дандонҳои ашкаш сабзиданд ва ӯ ба падараш тақлид карда, онҳоро дар кундаҳои дарахтон тез мекард. Бозиҳои ӯ тағйир пазируфта буданд. Акнун ӯ решакан

кардани дарахтони хурд ва ҷунбондани дарахтҳои азимро дӯст медошт. Дар ҷисми ӯ тавоноии арбадакоронаи ҷавонӣ меҷӯшид ва ӯ ба чӣ масраф кардани ин қувваро надониста, ба филҳои дигар аз сеюмӣ дармеафтод. Пеши роҳи якеро мегирифт, дигареро бо дандони ашкаш мезад, навдаи пур аз баргҳои сабзи ширадорро кашида мегирифт. Одатан сардори гала ҷангараҳоро аз ҳам ҷудо мекард. Солҳо сипарӣ мешуданд, Удаягири мисли падараш ба як фили қавиҳайкал табдил ёфт. Ӯ ба соҳили дарё рафта, ба акси худ менигарист – ҷисми азим, каллаи бузург, хартуми тавоно, дандонҳои ашки дарози нӯгтез. Ба худаш нигариста меболид: як дандони ашки падараш шикастааст, вале ӯ ду дандони бенуқс дорад. Ӯ мавридҳои дар назди модафилон худнамоӣ карданро аз даст намедод. Вале боре банохост хоҳиши раднопазире эҳсос кард, ки дар назди дигарон бартарии худро нишон диҳад. Пешониаш сахт арақ карда буд. Ӯ пои дарахти кундағафси наздиктарин рафта, худро ба он молиш додан гирифт. Пешониаш тар шуда буд, вале ин на хун, балки кадом чизи дигаре буд. Удаягири дида буд, ки бо падараш ҳам ин гуна воқеа рӯй медод. Дар ин ҳолат нигоҳи падараш бераҳму ваҳшиёна мегардид. Ӯ сахт аррос мезаду ҳар нафареро, ки ҷуръати ба мулкаш ҳамла кардан дошт, ба ҷанг даъват мекард. Дарахтонро мешикасту харсангҳоро канда мепартофт. Аз оромӣ ва бепарвоии ҳамешагии ӯ ҳатто осоре ҳам намемонд. То ба дилаш задан ғавғо мекарду баъд оташи муҳаббаташро бо ягон модафили галаи худ ё ягон модафили ҷавони галаи бегона ба ӯ хуш меомад, фурӯ менишонд.

Ҳамин гуна ноороми ба Удаягири рӯй оварда буд. Ӯ барои он ки оташи дарунашро фурӯ нишонад, ҳама чизи атрофро хароб мекард. Гала садое намебаровард. Падараш мушавваш шуда буд. Вале ин фақат оташи ғазаби Удаягириро метезонд. Ӯ кайҳо боз ба касе, ҳатто ба сардори гала ҳам сар намефуровард.

Боре ҳамаи гала дар Браҳмапутр оббозӣ мекард. Дар паҳлӯи Удаягири модафили ҷавоне, ки ӯро ба қарибӣ падараш аз галаи дигар кашида гирифта буд, оббозӣ мекард. Пӯсти ӯ тарангу ҳамвор буд ва ӯ вақте ки барои ба худаш об пошидан хартумашро бардошт, чашми Удаягири ба даҳони ӯ, ки мисли муғчаҳои дарахти анбаҳ нозуку сурх буд, афтод. Чунин менамуд, ки ӯ мерақсад. МодаФил ба Удаягири бисёр хуш омад. Сардори гала дар иҳотаи ду–се нафар занҳои пири худ дар қарибии онҳо оббозӣ мекард. Удаягири ба модафили ҷавон наздик омада, ба ӯ оби зиёд пошид. Ӯ ҳам ба Удаягири ҳамин тариқ ҷавоб дод. Удаягири кӯшиш кард аз хар-

туми модафил дорад, вале ӯ чолокона худро қафо кашиду гурехт. Удаягири ӯро дунболагирӣ кард. Хартумҳои онҳо бо ҳам печиданд. Муошиқа шурӯъ шуд. Фили ҷавон хартуми модафилро сар дода, нӯги хартуми худро ба даҳони ӯ халонд, модафил онро оҳиста газид ва ӯ аз ҷо ҷаҳид, вонамуд кард, ки озор ёфтааст. Ва ин корро чандин бор такрор карданд. мода фили тамоман наздик омада буд. Удаягири бо хартумаш ба палмосидани ҷисми ӯ оғоз кард, вале ӯ банохост ба тарафи каронаи ҷангал давид ва аррос зада ӯро ҳам даъват кард: яъне, аз паси ман биё. Удаягири баргашту акнун аз қафои ӯ давида рафтанӣ буд, ки банохост аз қафояш ғурриши тахдидомезеро шунид. Дар зери қадамҳои вазнини падараш замин меларзид. Худи ҳамон лаҳза падараш ба ӯ бо сараш зарбаи сахте зад. Удаягири базӯр дар пояш истода буд. Аз каронаи ҷангал боз ҳамон бонги даъват ба гӯшаш расид. Фили ҷавон зуд ба он тараф нигаристу бо садои гӯшкаркунанда аррос зада, ба тарафи сардори гала ҳаракат кард. Гоҳе хартумҳои онҳо ба ҳамдигар мепечиду гоҳе пешониҳояшон ба ҳамдигар бармехӯрд ва гоҳе ба пойҳои ақибашон рост шуда, мекӯшиданд ҳамдигарро ба замин афкананд. Муҳориба дурудароз идома ёфт. Арроси рақибон мисли садои тундар дар кӯҳҳо акс меёфт. Ниҳоят, Удаягири чашми падарашро захмдор кард. Ӯ аз шиддати дарду ғазаб ғуррида, дандони ашки боқимондаашро ба пои пеши Удаягири халонд. Хун фаввора мезад. Худи ҳамон лаҳза фили ҷавон, ки дар баландӣ қарор дошт, бо тамоми вазнаш худро ба болои сардори гала партофт. Ҳар ду ба замин афтоданд. Ба Удаягири муяссар шуд, ки аввалин шуда, аз ҷо бархезад. Ӯ ба болои падараш баромаду хартумашро ба дандони ашки ӯ печонида, онро шикаст. Ва худи ҳамон лаҳза бо бонге, ки аз ғолибияти ӯ дарак медод, ба тарафи каронаи ҷангал давид. Падараш аз қафои ӯ арроси таҳқиромези пурғазаб кашид, вале дигар ӯро таъқиб накард. Баъд аз муддате ғурриши Удаягири аз соҳили рости дарё ба гӯш расид. Шурӯъ аз ҳамин лаҳза ҳукмронии соҳили рост насиби Удаягири гардида буд.

**2**

Ҳамин тариқ, Удаягири якбора ҳам соҳиби зан ва ҳам мулк гардид. Модафили ҷавон филҳол дар ҷангал рустании давоӣ ёфту онро хоида ба захми Удаягири гузошт. Захми ӯ ба зудӣ шифо ёфт. Ба зудӣ ба онҳо боз ду фили модаи дигар пайвастанд, ки хоҷаҳои собиқашон бе муҳориба аз баҳрашон гузашта буданд. Занҳои нави

ӯ ба нишони итоаткорӣ ғолибро бо навдаҳои бошаҳомати сабз зиёфат карданд. Удаягири оҳиста–оҳиста ҳарами худро бузургтар мекард ва ба зудӣ галаи ӯ аз галаи падараш ҳам афзунтар шуд.

Удаягири ҳамаи сардорони галаҳои дигарро ё ба фирор маҷбур мекард, ё тобеи худ менамуд. Ба дигар ҳайвонҳое, ки дар ҷангал сукунат доштанд, ӯ ҳаргиз ҳуҷум намекард ва онҳо ба ӯ бо ҳамон эҳтироме, ки ба падараш доштанд, муносибат мекарданд. Боре Удаягири дар торикӣ палангбачаи хурдакакеро зер кард ва модари ӯ – модапаланге, тахдидомез ғуррида, ба ӯ ҳуҷум кард. Ба Удаягири муяссар гардид, ки хартумашро ба пои ӯ печонад. Дар як лаҳза ҷазои ӯро дод. Ӯро ба кундаи дарахти наздиктарин то он даме, ки ба як пора гӯшти кӯфтаи пур аз хун мубаддал нагардид, кӯфтан гирифт. Вале захмҳое, ки модапаланг ба ӯ расонида буд, хеле дер шифо ёфтанд. Дафъаи дигар ӯ бо тимсоҳ задухӯрд кард. Вақте ки тимсоҳ дар сари ғазаб ба Удаягири ҳамла кард, ӯ чолокона хато хӯрду бо зарби пояш ӯро ба паҳлӯ афканда, поймол кард. Ӯ хавфнок будани чунин задухӯрдҳоро хуб дарк мекард, вале ҳамчун диловари ҳақиқӣ эҳтиёткории барзиёдро бад медид. Акнун ӯ ҳукмрони мутлақи шоҳигарии хеш буд. Ва чизеро аз табааи худ дареғ намедошт. Онҳоро бо себҳои ҷангалӣ ва дигар меваҳое, ки дар қарибӣ пайдо кардан мумкин буд, зиёфат мекард. Зуд–зуд ба майдонҳои кишти найшакар тохтутоз ташкил мекард. Посбонон ғавғо бардошта, нақораҳояшонро сахт мекӯфтанд ва боре ҳатто як модафилро куштанд. Вале ӯ тохтутозро ҳамоно идома медод.

Нисфирӯзӣ, вақте ки шӯълаҳои офтоб ҳама ҷо ва ҳама чизро метасфонд, ӯ галаро ба соҳили дарё мебурд. Баъзан онҳо дар шабҳои равшани моҳтобӣ ҳам оббозӣ мекарданд. Наррафилҳо ва модафилҳои гала аз ҳама кирдорҳои бади ӯ тақдир ва пайравӣ мекарданд. Вақте ки ӯ ба қуллаи кӯҳ баромада, бо пешониаш харсангеро тела медод ва харсанг ҳама чизи дар роҳаш дучоромадаро хароб карда, бо садои даҳшатнок ба поён меғелиду пора–пора мешуд ва ё ба дарё афтода, фаввораи азими обро ба вуҷуд меовард, онҳо бо нигоҳи таҳсиномез ӯро мушоҳида мекарданд ва баъзан худашон ҳам ба чаппагардон кардани харсангҳои начандон бузург машғул мешуданд.

Аксар вақт Удаягири бо раияти худ дағалӣ ҳам мекард: якеро бо дандони ашкаш ба таври дардовар сих мекард, дигареро бо сар ва ё пояш мезад, – вале онҳо ба ҳамаи ин озорҳо бурдборона тоқат мекарданд – ба гӯшае мерафтанду кӯшиш мекарданд ба чашми ӯ наафтанд. Шумораи ҳарамиёни ӯ пайваста меафзуд. Шоҳигарии

Удаягири дар садҳо фарсахи масоҳати ҷангал доман густарда буд. Аз ҳавои тозаи атроф бӯйҳои хуш ба машом мерасид – аз он нафас гиру ҳаловат бибар. Паррандагон бо садои баланд месуруданд – бишнаву шодӣ кун. Хӯрданӣ – ҳама ҷо пур. Занҳои зебои соҳибҷамол – кадомеро мехоҳӣ, интихоб кун. Фарзандон – бешумор. Дар тамоми минтақа ягон филе ёфт намешуд, ки дар нерӯмандию шуҷоат бо ӯ баробар бошад. Барои хушбахтии комил боз чӣ зарур аст?!

Бод сутуни чангу ғуборро ба ҳаво бардошту Удаягири бедор шуда, чашмонашро кушод. Дар пеши назари ӯ ҳамворие буд, ки на теппа дошту на ҷарӣ. Аз дур хонаҳои хурде, ки шабеҳи бозича буданд, менамуданд. Гулгашту буттаҳои бодиққат миқроз задашуда. Онҳоро бо алафу сабзаҳо ва бамбукзорони анбӯҳи Ассам ҳатто муқоиса кардан норавост. Дарахтони ин ҷо камшира ва паканаанд – мисли ин ки касе онҳоро бурида бошад. Ва дарёе ҳам нест, ки дар он оббозӣ кардан мумкин бошад. Дар боғ фақат хандақҳои на он қадар васеъ ва начандон жарфе ҳастанд, ки обашон ҳамагӣ то зонуи ӯ мерасанд. Ба ҷои як банд навдаҳое, ки баргҳои нозуку сершира доранд – як қабза алафи пажмурда, ки он ҳам серӣ нест. На фарзанду на зан – танҳоии пур аз андӯҳ. Ба ҷои озодии номаҳдуд – занҷирҳои вазнин дар по. Бо мушкилӣ як қадам мегузорӣ. Ӯ – Удаягири дар банд аст.

## 3

Дар он рӯзе, ки дар лавҳи хотираш якумр нақш бастааст, ӯ галаро бо роҳи ҳамарӯза пеш мебурд, банохост садои баланди қарс–қурсро, ки ба садои тундари дуродур шабоҳат дошт, шунид. Садои қарс–қурс торафт наздик мегашт. Удаягири чанд бор самти равишро дигар кард, вале аз се ҷониб ҳамоно садои баланди нофорам ба гӯшаш мерасид. Фақат дар як тараф оромӣ ҳукмфармо буд. Удаягири ҳам галаро ба ҳамон тараф бурд. Ба зудӣ ӯ ба димоғаш расидани бӯи найшакарро эҳсос кард, баъд замини бо деворҳои мустаҳкам иҳоташудаўро дид, ки дарвозаҳояш, мисли ин ки даъвати ворид шудан мекарда бошанд, боз буданд. Ҳамаи филҳо ба он тараф давиданӣ буданд, вале Удаягири галаро боздошт: кадом як сабаби номаълуме шубҳаи ӯро бедор карда буд. Ин дафъа тамоман аз наздик садои қарс–қурс ба гӯш расид. Одамон намоён шуданд. Удаягири хартумашро боло карда, наъраи гӯшкаркунандае кашиду ба тарафи онҳо ҳаракат кард. Одамон ба воҳима афтода, ба ҳар тараф гурехтанд. Он рӯз галаи филҳоро дигар таъқиб накарданд.

Баъд аз ду рӯз, акнун дар дигар қисмати ҷангал, боз ҳамон ҳодиса такрор шуд. Вале ба одамон ин дафъа ҳам муяссар нагардид, ки Удаягириро ба дом афтонанд.

Аз байн чанд ҳафта гузашт. Удаягири кайҳо аз ёд бурда буд, ки кӯшиши дастгир кардани ӯро доштанд. Вале одамон аз қарори худ нагашта буданд. Боре кадом як филбача аз гала қафо монд. Модараш ба ҷустуҷӯи ӯ шитофт. Баъд аз муддате ба гӯши Удаягири фарёди ғамангези модафил, ки яке аз занҳои дӯстдоштаи ӯ буд, расид ва он фарёд ба зории имдодталабона шабоҳат дошт. Ӯ он модафилро дар задухӯрди тан ба тан, ки мушкилтарин муҳориба дар ҳаёташ ба шумор мерафт, ба даст оварда буд.

Удаягири фавран ба ёрӣ шитофт. Ӯ ба зудӣ дар чуқурии амиқу бузург ҳар дуи онҳо – ҳам модафил ва ҳам филбачаро дид. жарфо–жарфои дар мобайни он найшакарзор, ки мехостанд ӯро ба он ҷо ҳай карда дароранд, воқеъ буд. Удаягири бе ҳеҷ дудилагӣ ба даруни он парид. Филҳои дигар ҳам аз пайи ӯ париданд. Вале вақте ки ӯ хост аз даруни ин жарфои деворҳояш рост берун барояд, дарк кард, ки кори ноҷое кардааст. Тамоми гала ба дом афтода буд. Удаягири, мисли ин ки аз нодонии худ қаҳраш омада ва дар айни замон оҷизии худро низ дарк карда бошад, бо садои баланду ғазаболуд наъра кашид. Филҳои дигар ҳам наъра кашиданд. Аз наъраи онҳо ҷангалҳои атроф меларзиданд.

Баъд аз муддате одамон, ки дар болои филҳои мутеъкардаашон савор буданд, намоён гардиданд. Тақдири Удаягири ва ҳамаи гала ҳал шуда буд. Шурӯъ аз ҳамон рӯз барои онҳо зиндагии вазнини бандагӣ оғоз гардид. Удаягири, ки чӣ будани гуруснагиро ҳаргиз намедонист, акнун чунон гурусна мемонд, ки дар пояш базӯр рост меистод. Барои ӯ ҳеҷ чиз мисли ба дасти одамон ба бандагӣ афтодан даҳшатовар набуд. Ӯ аз бандагӣ дар он варта мурданро афзалтар медонист. Вале вақте ки одамон аз он ҷо филбачаҳо ва модарони онҳоро кашида бароварданд, ӯ, ки бо ду банди оҳанини ғафс баста шуда буд, маҷбур шуд ба онҳо пайравӣ кунад. Ӯ дигар ҳаргиз занҳо ва фарзандони худро надид, вале возеҳ медонист, ки қисмати онҳо аз қисмати худи ӯ беҳтар нест.

Удаягири, чун дарк кард, ки ӯро сахт фирефтаанд, хашмгинона наъра кашида, кӯшиши кандани бандро кард. Вале онро кандан натавонист, банд бисёр мустаҳкам буд. Ӯ боз ва боз тамоми қувваташро ба кор бурда зӯр мезад. Дар ин мобайн одамон пинҳонӣ аз қафо омада, пӯсти пойҳояшро дар он ҷое, ки бо банд баста буданд, буриданд ва он захмҳоро марҳами дардовар моли-

данд.

Танҳоӣ, гуруснагию ташнагӣ, дарки оҷизию нотавонӣ, захмҳое, ки сӯзиш мекарданд, магасҳои дилбазан – ва бар замми ҳамаи ин, ӯро ромкунии таҳқиромези одамон. Удаягири дар ҷангалзорон ҳаргиз пеши касе сар хам накарда буд. Аммо дар ин ҷо ба ӯ меомӯхтанд, ки мувофиқи фармоиш бихобад, бархезад, пояшро бардорад, барои салом додан хартумашро ҷунбонад. Агар фармонро иҷро кунад – ба пешаш як қабза алаф, найшакар ва каме мева мепартофтанд. Агар иҷро накунад – филбон, ӯро бераҳмона бо калтак мезад. Ӯро, – Удаягириро, ки то қарибӣ шоҳи мутлақи ҷангал буд, мезананд!

Удаягири ба ҳамаи ин шиканҷаҳо бурдборона тоқат мекард – на ба хотири он ки аз одамон метарсид, балки барои он ки, умедвор буд тавассути итоаткории бардурӯғ аз асорат раҳоӣ ёбаду ба ҷангалзорони азизаш, ки ӯро аз онҳо на роҳи дурударози чандрӯза, балки чандҳафтаина ҷудо мекард, баргардад.

Оҳ, дар дасти одамон бозичае беш набудан чӣ қадар таҳқировар аст! Ӯ бояд бо хӯроки каму белаззате, ки медиҳанд, қаноат кунад, фармоиши касонро ба ҷо орад. Ҳамаи ин кам аст, ки акнун зиндагии ӯ ба кайфияти одамон вобастагӣ дорад, вале рӯҳияи онҳо тағйирпазир буда, эҳсоси шафқату ҳамдардиашон зуд–зуд ба нафрату бераҳмӣ табдил меёбад.

Рӯзҳои ид одамон ҷисми ӯро нақшу нигор кашида, ба болояш сағрипӯш меафкананд, ба шикамаш зеркаш мекашанд, ба сараш саркашак мепӯшонанд ва ороишоти бисёре овехта, ба пушташ савор шуда, ботантана дар шаҳр мегарданд. Ба Удаягири чунин менамуд, ки онҳо ҳамаи инро барои он мекунанд, ки бори дигар ҳукфармоии худро аз болои ӯ намоиш диҳанд. Ӯ бисёр мехост гурезад – охир дар ин гуна рӯзҳо ӯ аз занҷиру бандҳо озод буд. Вале дар ҳар ду тарафи роҳ анбӯҳи зиёди одамон истода буданд. Мард шаву ин тӯдаи хомӯшакҳоро ба изтироб андоз – худат ҳам шод нахоҳӣ шуд. Ва боз ӯ роҳро ҳам намедонад. Чӣ гуна ба ҷангалзорони ба ҷон баробараш рафта расад?

Удаягири банохост эҳсос кард, ки пешониаш тар шудааст. Ӯ сарашро такон дод. Хишшосзанон вазнин–вазнин нафас гирифт. Тамоми вуҷудаш аз нерӯи тоза лабрез гашт.

Оҳ, дар ин гуна рӯзҳо, ӯ дар он ҷо, дар зодгоҳи худ чӣ девонагиҳое ки намекард! Акнун он кӯҳҳои ҷангалруста куҷоянд? Он дарёи паҳновар ку? Зану фарзандони ӯ куҷоянд? Ӯ боз чӣ қадар вақт дар ин қафаси оҳанини манфур хоҳад зист?!

Удаягири хартумашро таҳдидомез ҷунбонд. Дар ҳамин маврид посбон бо як қабза алафи каме хушкида ба наздаш омад. Удаягири бо хартумаш ӯро боло бардошта, ба нолиши тарсомезаш аҳамияте надода, муддаои табъ зер карду баъд ба замин гузошт. Шурӯъ аз ҳамон лаҳза дигар касе ҷуръати ба ӯ наздик омадан надошт, то вақте ки одамон илоҷи бастани хартуми ӯро наандешиданд. Баъд аз ин ба назди ӯ духтурҳо омада, базӯр ба даҳонаш қариб як сатил ордобаи талхи манфуре рехтанд ва чанд ҷои баданашро бо асбоби нӯгтезе чок карда, кадом як давое андохтанд, ки сахт месӯзонд. Удаягири худро ба тақдир тандода ва итоаткор вонамуд мекард – бигзор чизе, ки хоҳанд, кунанд. Ниҳоят, духтурҳо ба посбонон амр карданд, ки назоратро сусттар кунанд ва ӯро ба ҳоли худ гузошта рафтанд. Удаягири ҳамаи қувваи иродаашро ба кор бурда, худдорӣ мекард, вале ниҳоят косаи сабраш лабрез шуду ӯ қарор дод: чизе шавад – нашавад, ӯ ба ин одамакҳои манфур очаи зорашонро нишон хоҳад дод!

## 4

Вақте ки филбон Бава Ҷон ба Удаягири савор шуд, фил як зарра ҳам норозигӣ нишон надод. Ҳангоме ки посбон занҷиру бандҳои ӯро кушод, ӯ ҳамоно ором буд. Вале ҳамин ки аз банд раҳоӣ ёфт, хартумашро ба тарафи ӯ дароз кард. Посбонро фақат чолокии ғайритабиияш ӯ наҷот дод.

Удаягири наъраи даҳшатнок кашида, пеш давид. Филбон фарёдзанон ӯро бо тозиёна мезад, вале аз ин фақат қаҳри фил меафзуд. Ӯ кӯшиш кард филбонро аз болояш афтонад, вале ӯ бо калтак рост ба хартуми ӯ зад. Удаягири ғуррид. Қаҳри ба Бава Ҷан доштаашро ба сари дарахти бегуноҳе, ки дар канори роҳ руста буд, рехта, онро решакан карда, ба як тараф, дур ҳаво дод.

Одамони бавоҳимаафтода, ба умеди он ки дар паси дарҳои сахт маҳкам кардашуда паноҳ ёбанд, ба ҳар тараф гурехтанд.

Сардори амнияти Қасри Президент полковник Гофран нолаву ғиреви одамон, гиряи кӯдакон ва ниҳеби ҷангҷӯёнаи Удаягириро шунида, ба ҷои воқеа як даста аскарону пулисҳоро фиристод. Дастаи оташнишонҳо ҳам ба он ҷо равона гардид. Онҳо фили исёнкорро ҳалқавор иҳота карда, кӯшиш мекарданд, ӯро ором созанд. Вале ҳамаи кӯшишҳои онҳо барабас буд. Удаягирии девонавор ба ғазабомада, ҳама чизи дар роҳаш дучор омадаро хароб карда, дар кӯчаҳо медавид. Ҳатто мошини сетоннагии боркаши пулисро ҳам чаппагардон карда, поймол намуд.

Бава Ҷан бо калтакаш ба сари ӯ кӯфтанро идома медод. Аз ду паҳлӯи Удаягири хун мешорид. Аз таконхӯрии зиёд ва ваҳму тарс Бава Ҷан тамоман аз ҳол рафта буду агар полковник Гофран фармон намедод, ки аз табақаи сеюми яке аз биноҳо ба ӯ банди наҷотдиҳӣ афкананд, қариб буд, ки ба зери пои фили оташиншуда афтад. Акнун ба назар чунин мерасид, ки дигар чизе дар роҳи дарёфти озодӣ ба Удаягири монеъ нахоҳад шуд.

Фил дар олами орзуҳо худро дар шоҳигарии хеш дар Ассам медид. Ӯ бовар дошт, ки дар он ҷо ӯро занҳои аз қайди одамон фирор кардааш мунтазиранд. Агар онҳо набошанд, модафилҳои дигар ҳастанд. Ӯ роҳи ба хона баргаштанро намедонист, аз ин рӯ, ба ҳар кучое, ки рост ояд, гурехтанро идома медод. Хоҳу нохоҳ ӯ ба ҷангалистони ба ҷон баробараш хоҳад расид!

Дар шаҳр воҳима доман паҳн карда буд. Аз ҳама тараф хоҳишу дархостҳое мерасид, ки фили аз ақл бегонашударо ром кунанд. Полковник Гофран маҷбур буд ба паррондани фил фармон диҳад. Садои тирандозӣ баланд шуд. Даҳҳо тирҳои калонкутр ба ҷисми азими Удаягири фурӯ рафтанд. Ӯ ба замин афтоду дергоҳ дасту по зад ва ниҳоят, беҳаракат монд. Чунин менамуд ӯ оромишеро, ки дар орзуяш буд, ба даст овардааст – гӯё ба диёри дурдасти азизаш – ба назди чашмаҳо, ҷангалзорон ва дарё баргашта бошад.

Субҳи дигар, дар бораи воқеаи бавуқӯъпайваста навиштаҳои муфассал дарҷ гардид. Вале, магар онҳо дар бораи сарнавишти шоҳи мутлақи ҷангал – Удаягири, ба хонандагон маълумоте дода метавонистанд?!

* * *

***ҶЁТИРИНДРО НОНДИ*** *(1912 – 1982) – адиби насрнависи банғолӣ, муаллифи чандин роману маҷмӯаҳои ҳикоя.*

## РӮЗИ ТИЛОРАНГ

Дар зиндагӣ ин гуна рӯзҳои зебои ғайриодӣ ҳам мешаванд. Аҷабо! Ӯ дар истгоҳи кунҷи Бой–бозор ва Шиалда як дақиқа ҳам наистода буд, ки трамвайи холӣ расида омад.

Вагонашро намегӯед–а! Вақте ӯ вориди вагон шуд, ба назараш чунин намуд, ки ба меҳмонхонаи мӯҳташаме даромадааст, ки курсиҳои мулоим, бодбезанҳои ранга, тирезаҳои калон, сақфи ҳамвор ва фарши бо диққат рӯкаш кардашуда дорад. Шояд маҳз

ҳамин гуна вагонҳоро – вагонҳои оличаноб, вагонҳои люкс меноманд. Вале бештар аз ҳама Чару–бабуро он ба ҳайрат андохта буд, ки дар Калкутта барин шаҳри серодам, дар нимарӯз трамвайи тамоман холӣ расида омад. Чару бабу тамоман ба тааҷҷуб афтода буд. Аҷоиб гӯеду vассалом! Банохост ба ёди ӯ Калкуттаи ороми пеш –азҷангӣ расид. Чанд даҳсола қабл ин шаҳр ба куллӣ дигар буд.

Дар ана ҳамин хел нимарӯз вагонҳои холӣ дар роҳҳои Бой–бозор, Херсисон – роуд, Саркуляр – роуд тараққоскунон рафтуо доштанд. Вале дар он ҳангом Чару–бабу дар трамвай нишастанро ба худ раво намедид. Дар ҷустуҷӯи кор овора мегашту пойҳояш аз гаштан обила карда буданд. Барои ба трамвай ё автобус нишастан пул надошт.

Ҳоло кор тамоман дигар аст. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин, гуфтан мумкин аст, ки ӯ ҳоло боз бекор аст. Чаручондро чиҳил сол кор карда, differences бознишаста шуд ва аз он замон ноаён шаш сол гузаштааст. Акнун ӯ на танҳо бекор, балки одамест, ки аз рӯйхати ҳаёт батамом хат зада шудааст. Бале, одами ба куллӣ хатзадашуда. Ин фикр ба сари ӯ баъд омад. Зимнан баъд не – дарҳол. Чару–бабу ғарқи ҳамин гуна афкори ғамангез дар истгоҳ истода буд, вале маҳз дар ҳамин вақт трамвай омаду ӯ савор шуд. Дар худи ҳамон лаҳза фикрҳои ғамангези Чару–бабу ба куҷое ғайб заданду дилаш шод шуд. Боду ҳавои имрӯза ҳам ба назараш хуб намуд. Каме пештар борони сел борида буду акнун офтоб нурҳои алмосгун меафганд.

Чару–бабу аз борон ба зери пешайвони «Истерн оптикал хаус» дар Бой–бозор паноҳ бурд. Ӯ аз хона бо худ на чатр гирифта буду на болопӯш. Духтури чашм ба ӯ айнаки нав таъйин карда ва ӯ барои харидани он мағозаи айнак омада буд.

Ва, инак, ӯ дар вагони холии мӯҳташаме нишастааст ва ба назараш чунин менамояд, ки ҳаво пур аз бӯи хуш асту қатраҳои бороне, ки аз осмон меборанд, лабрези шодианд. Баъд аз борони сел офтоб аз нав медурахшид, фақат аҳён–аҳён резаборон меборад. Ҳар сол дар оғози тирамоҳ ин ҳолат ба чашм мерасад. Дар осмони нилгун абрҳои бошукӯҳ беинтиҳо ба тарафи номаълуме шино мекунанд.

Дарвоқеъ, аҷаб рӯзи хубест!

Чару–бабу аз тарафи рост, дар назди тиреза ҷой гирифт. Дар тарафи муқобил, мисли ӯ дар назди тиреза, духтараки ҷавоне менишаст. Ҳатто ба доираи ақл ҳам намеғунҷад! Агар кондуктори мисли ӯ пиру сарсафедро ба ҳисоб нагирем, онҳо ҳар ду дар ин вагони

калон танҳо буданд.

Чару–бабу аз тиреза ба берун нигариста, аз тамошои зебоии манзараҳое, ки дар пеши назараш боз мешуданд, ҳаловат мебурд ва фақат чанд бор барои дидани мусофирдухтари ҷавон, ки дар тарафи чапи ӯ, дар яке аз ҷойҳои барои занон муайяншуда менишаст, баргашта нигоҳ кард. Либосаш ҷисми ӯро таранг печонида буд. Ин гуна либос акнун бисёр ба чашм мерасад. Пираҳани кавбойӣ, шими танг. Хайр, чӣ шудааст? Магар офтобро бо кафи даст пӯшондан мумкин аст? Либоси мардона – пираҳану шим фақат хушу мавзун будани қомати духтаронро равшантар маълум мекунанд. Духтарак ҳаждаҳ–нуздаҳсола, балки аз ин ҳам калонсолтар ба назар мерасид. Мӯйҳои зичи фаххосии равған намолидааш мисли кулоҳ сарашро оро медоданд. Духтарак мисли паррандаи доэл чашм наканда, аз тиреза ба қатраҳои борон ва нурҳои офтоб нигоҳ мекард. Боди беқарор як даста мӯи ӯро ба пешона ва рухсорааш меафганд. Баъзан духтарак онҳоро ба тартиб меовард, сипас ҳамааш аз дигар такрор мешуд. Мӯйҳои мулоиму нозуки ӯ, ки мисли баргҳои бугенвиллей беқароранд, набояд танҳо аз вазиши шамол ларзону парешон шаванд, ба худ андешид Чару–бабу. Онҳо, ҳатто агар касе дар паҳлӯи ӯ истода, бо шавқ ба тарафаш нафас барорад, низ ларзону парешон хоҳанд шуд.

Акнун Чару–бабу чашм наканда, ба мусофирдухтари ҷавон менигарист. Чӣ гуна пӯсти гандумгуни нафису зебое дорад!

Кайҳо боз ба Чару–бабу имкони бо ин гуна мавҷуди зебои ҷавон ин қадар наздик нишастан ва аз тамошои он ҳаловат бурдан муяссар нагашта буд. Ва ин гуна имкон аз куҷо ҳам пайдо мешуд? Охир гуфтем–ку: ӯро аз рӯйхати ҳаёт хат зада буданд. Ба ӯ лозим меояд, ки дар давоми як рӯз чӣ қадар таҳқиру маломатҳоро таҳаммул кунад. Аз ҳама аламовараш он аст, ки беш аз ҳама ӯро хешу табор, аҳли хонаводааш ба танг меоранд. Барои ӯ акнун дар дил парваридани ягон орзу бадтар аз марг аст. Синну соли ӯ кайҳо аз шаст гузашта, ба таги ҳафтод расидааст. Аз ин рӯ, агар ту ҳарчи зудтар ба Нимтола, ё Кеоратола раҳсипор мегаштӣ, хеле беҳтар мебуд. Ин барои ту мувофиқтар аз ҳама чиз аст. Аммо мо ҷасади туро ба тобут гузошта, бо гулҳо мероему хушбӯиҳо дуд мекунем ва ҳамсояҳоро даъват карда, бо тантана ба майдони мурдасӯзӣ мебарем. Магар андешаҳои ҳамаи онҳо ҳамин нест? Ӯ дигар на ба занаш, на ба фарзандонаш – ба ҳеҷ кас лозим нест. Насибу қисмати одами солхӯрда ҳамин аст.

Чару–бабу ҳамаи инро дарк мекунад, вале ҳарфе ба забон наме-

орад, ҳарчанд баъзан эҳсос мекунад, ки ӯ ҳам дар қурбонгоҳи ҷаҳонии хурсандӣ соҳиби ҷойе ҳаст ва дар боғи дили ӯ ҳам аҳён–аҳён гулҳои рангин мешукуфанд. Вале магар ӯ ҷуръати ба касе дар ин бора ҳарфе гуфтан дорад? Вақте ки ба назди писараш занҳои шиносаш меоянд, ӯ ҳатто ҳақи ба чашми онҳо намудан надорад. Дар ин маврид ба ӯ лозим меояд, ки мисли duздон дар ягон гӯшаи хилват пинҳон шавад. Агар ӯ хоҳад, ки аз самими дил бо зани никоҳии худ гуфтугӯ кунад, духтари шонздаҳсолааш бо кадом як роҳи номаълум инро фаҳмида, дар наздашон ҳозир мешавад.

Боре чунин воқеа рух дода буд: Нисфирӯзӣ ба хонаи онҳо ҷавонзане омад, ки зарфҳои гуногунро ба латтакӯҳнаҳо иваз мекард. Пӯсташ сабзинаранги нарм, чашмонаш бодомшакли калон–калон, қаду қоматаш мавзун. Дарро ба рӯи ӯ Чару–бабу кушод. Симои меҳмон дили Чару–бабуро тасхир карда буд, ӯ мехост бо ӯ чанд сухане радду бадал кунад. Вале худи ҳамон замон, гӯё ба хона пашшае парида даромаду ҳама гапро дар даруни хона хабаркашӣ кард. Худи ҳамон лаҳза занаш, ки мисли Чамунда бадхашм буд, давида омад. Ва ба шавҳараш чунон нигоҳе тақдим намуд, ки ӯ тоб наоварда, саросема ба хонаи хобаш ақибнишинӣ кард.

Ҳоло чӣ? Ҳоло ӯ худро ба ихтиёри орзуҳое, ки мисли баҳр бекарона буданд, супурда буд. Гӯё дар соҳили укёнуси зебоӣ нишаста бошад. Ҳамин ки рӯятро гардондӣ, пайкараи аз тило рехташудаеро мебинӣ. Чӣ қадаре ки дилат мехоҳад, шаҳди зебоиро нӯши ҷон намо – касе монеъ нахоҳад шуд.

Ӯ менигаристу лаҳза ба лаҳза дилаш аз ваҷду ҳаловат сахттар метапид. Дилаш мехост, ки ин трамвайи холӣ дар зери резаборон абадӣ дар ҳаракат бошаду нурҳои хуршеди камнамои тирмоҳӣ онро ҳамеша равшанӣ бахшанд.

Вале ӯ аз зуд–зуд баргашта ба мусофирдухтар нигоҳ кардан мешармид. Ба назараш чунин менамуд, ки кадом ҷинояти вазнин содир мекунад. Ин гуна ҳарисона ба духтараки ҷавон чашм дӯхтан ба синну соли ӯ муносиб нест! Вале бо вуҷуди маломати виҷдонаш, худро таскин медод, ки ягон кори қабеҳу ношоиста накардааст. Чару–бабу дар дилаш ба қароре омад, ки агар духтарак нохост ба тарафи ӯ назар афканад, фавран рӯяшро ҷониби дигар хоҳад тофт, вале то замоне, ки ин воқеъ нашавад, аз ин манзараи дилфиреб ҳаловат хоҳад бурд. Хайр чӣ шудааст? Магар аз ин ба касе зарар мерасад? Вале барои ӯ ин бисёр хурсандибахш аст, мисли ин ки сад ҳазор рупия ёфта бошад.

Ин ҷо боз як чизи шавқовари дигар ҳам буд. Чару–бабу эҳсос кард, ки дар вагон рақибе ҳам дорад. Ба мусофирдухтари дар назди тиреза нишаста кондуктори сарсафед, ки дар чашмонаш мисли ӯ айнакҳои ғафс дошт, низ зуд–зуд баргашта нигоҳ мекард. Наход вақти бознишаста шудани ин пирамард ҳанӯз нарасида бошад, ё қоидаву қонун барои кормандони трамвай дигар аст? Ҳар вақте ки Чару–бабу ба духтар менигарист, кондуктор инро дида, ба ӯ нигоҳи ҷиддӣ, ҳатто пур аз хашм меафканд ва ӯ маҷбур мешуд ба тарафи дигар нигоҳ кунад. Чӣ илоҷ! Чару–бабу чанд лаҳза мунтазир мешуду баъд боз рӯяшро мегардонд ва медид, ки мӯйсафед бо шавқу рағбати зиёд ба духтарак нигоҳ мекунад. Он гоҳ Чару–бабу қасдан бо садои баланд месулфид – кондуктор асабӣ шуда, рӯяшро мегардонду тасмачаро кашида бошиддат занг мезад. Трамвай аз бозори Энтали, кинотеатри «Ҷейм» гузашта, ба истгоҳи дигар наздик мешуд. Агар дар ин ҷо намеистод ҳам, боке набуд, чунки дар он ҷо касе аз вагон набаромад ва касе ҳам вориди он нашуд. Дар ду истгоҳи минбаъда ҳам ҳамин ҳол буд ва ин, аз афташ, кондукторро сахт оташин мекард. Эҳтимол, ӯ дар дилаш умед дошт, ки ягон нафари дигар ворид мешавад, ё ягон мусофир аз вагон берун хоҳад шуд. Ва агар маҳз Чару–бабу мефуромад, мӯйсафед бисёр хурсанд мешуд. Вале магар ӯ намедонад, ки Чару–бабу хеле дур меравад? Охир шахсан худи кондуктор ба Чару–бабу, вақте ки ӯ дар истгоҳи кунҷи Бой–бозор ва Шиалда ба трамвай нишаст, ба ӯ билет дода буд. Наход аз ҳоло фаромӯш карда бошад?

Акнун, аз афташ, кондуктор мехост, ки духтар аз вагон фарояд. Барои ӯ дидани он ки Чару–бабу дар ҷои ба ӯ наздик нишастаасту ҳар замон ба мусофирдухтари соҳибҷамол чашм медӯзад, тоқатфарсо буд. Аз ин хотир, ӯ ба хашм омада буду дар ҳар як истгоҳ трамвайро бо ҷарангоси гӯшкаркунандаи занг нигоҳ медошт. Чун медид, ки касе намефуроят, ӯ бо хашм тасмачаро мекашиду трамвай боз ба ҳаракат медаромад.

Вале касе, ки дар атрофи ӯ ин шавқу ҳавасҳои бесадо туғён мекарданд ва рақобати ба дунболаш бадбинии дучониба шурӯъ шуда буд, чизеро пайхас намекард. Ӯ хомӯшона пайваста ба тиреза менигаристу бозии нурҳои офтобро аз пайи қатраҳои нагунсори борон мушоҳида мекард, танҳо нигоҳи ӯ муддате дар тамошои бинои чаҳордаҳқабатаи Бамбу–бҳила, ки ба қарибӣ сохтмонаш ба анҷом расида буд, банд монд. Зимнан, осмон боз торик гардид ва вақте ки трамвай ба бинои маъбади баптистҳо наздик мешуд, онро саросар абрҳои сиёҳ пӯшида буд. Нурҳои офтоб нопадид шуданд. Даруни

вагон мисли шомгоҳон нимторик шуда буд. Дар нимторикӣ ин духтарак як мавҷуде буд ҳайратангез! Ба назари Чару–бабу чунин менамуд, ки дар он ҷо кадом як парӣ нишастааст, ҳарчанд аз сабаби он ки кондуктор, мисли лошахоре ӯро мепоид, ҷуръати ба он тараф нигоҳ кардан надошт. Чару–бабу аз алам фақат оҳи сарде кашиду дигар ҳеҷ.

Маъбади баптистҳо пушти сар монд. Баъд аз муддате трамвай дар назди қабристони аврупоиён бозистод. Дар ин истгоҳ ҳам касе на берун шуду на ворид. Трамвай ба пеш ҳаракат кард. Ин ҷо боз офтоб намоён гардид. Тавассути шишаи тиреза ба сандуқи синаи духтар як ламъа нури офтоб, ки мисли гулҳои лампа латиф ба назар мерасиданд, афтода буд. Онҳо бо ранги пираҳани кавбоии духтар омехта бозӣ мекарданд ва ба парҳои тӯтии сабзи думдароз ҳамранг буд. Нурҳои тилогун дар айни замон ба мӯйҳои хурмоирангаш равшанӣ бахшида, дар болои сараш ҳолаи дурахшоне, мисли ҳолаи моҳ, ба вуҷуд оварда буданд. Чару–бабу аз мусофирдухтари ҷавон чашм канда наметавонист.

Вале акнун як чизи дигар дили ӯро озурда карда буд: духтар акнун на ба тиреза, балки ба тарафи пеш, ба он ҷое, ки ронандаи трамвай бо дастонаш ҳалқаи фармони онро сахт дошта буд, менигарист. Магар дар рӯи ӯ маҳ дида бошад, тааҷҷуб кард Чару–бабу. Акнун як тарафи чеҳраи ӯ ба назар менамуд. Духтар ба назараш хаставу афсурдатабъ намуд. Ин боз барои он набошад, ки онҳо як–ду дақиқа пештар аз назди қабристони калоне гузаштанд, дидани он ба сари духтарак андешаи маргро наандохта бошад?

На, меандешид Чару–бабу, набояд ин хел бошад. Духтарак мисли ғунчаи гул ҷавону зебост. Ӯ манаҳи каме пешбаромадае, ки аз иродатмандиаш шаҳодат медод, лабони пурра, абрӯвони борику мисли болҳои парранда дошт. Пираҳану шими пӯшидааш ба ӯ намуде мебахшиданд, ки ҳамеша омода аст бо ҷавонон дар мусобиқа бошад ва ҳаргиз гузашт накунад. Барои чӣ ӯ бояд фикри маргро кунад?

Ку, ба ин тараф ҳам нигар, ҷонакам, ба мани мӯйсафед ҳам нигоҳе тақдим намо, ба дилам таскин бахш. Чару–бабу ба ӯ бо чашмони фурӯрафтааш, ки ба чашмони говмеши пир шабоҳат доштанд, нигарист. Кондуктор сахт ба хашм омада, ба ӯ нигоҳи таънаомезе афканд. Чару–бабу инро донад ҳам, ба ӯ дигар эътиборе намедод.

Банохост вагон сахт такон хӯрд. Аз афташ, трамвай аз Саркуляр–роуд ба тарафи Парк–стрийт тоб хӯрд. Ва дар ҳамин лаҳза

Чару–бабу карахт шуда монд: нигоҳи чашмони пуризтироби оҳумонанд рост ба ӯ дӯхта шуда буданд. Агар ӯ ҷавон мебуд, дар дилаш зангӯлачаҳои заррини ҷарангосӣ садо мекарданд, вале ҳоло чизе дар сандуқи синааш бо садои хеле паст так–так садо баровbooрду халос. Чару–бабу ҳеҷ ба ёд оварда наметавонист, ки дар тӯли сӣ соли охир касе ба ӯ бо чашмони ҷодуяш ҳамин гуна нигоҳи амиқ афканда бошад. Ӯ сахт хиҷолат кашид.

– Шумо дур меравед? – пурсид духтар.

– То Балигонҷ, – ҷавоб дод Чару–бабу ва хомӯш монд.

На, хомӯш истодан лозим нест, фикр кард ӯ. Акнун ки ӯ ҷуръат пайдо карда, бо ман сухан кард, чаро ман мисли он ки ба даҳанам об гирифта бошам, хомӯш нишинам?

– Шумо чӣ?

– Ман бояд дар кунҷи кӯчаи Бек–баган фуроям.

– Ҳа–а, – ҷунбонд сарашро Чару–бабу ва аз нав сокит шуд.

Ӯ маъюс шуда буд. Маълум мешавад, ки духтар пеш аз ӯ пиёда мешудааст. Аммо ӯ бояд то Роҳи Гория равад.

То ин лаҳза Чару–бабу пушташро хам карда нишаста буд. Акнун ӯ қоматашро рост карда, хамёза кашид. Духтар бодиққат ба ҳамсафараш, мисли ин ки аз ӯ чизе пурсиданӣ бошад, нигоҳ кард.

– Шумо аз ман чизе пурсиданӣ ҳастед? – кунҷковӣ кард Чару–бабу.

– Барои ба Ҷҳаутола–роуд рафтан бояд дар Бек–баган поин шавам, дуруст аст? – пурсид духтар.

Чару–бабу бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд:

– Бале.

Духтарак сарашро хам карда, бо нохунаш нохунҳои дигарашро харошидан гирифт. Нохунҳои дарози нӯгтези ангуштони хурдашро ранг карда буд. Чару–бабу мутаассир шуд. Агар ӯ ҳамаи нохунҳояшро ранг мекард, ин қадар зебо ва ғайриодӣ наменамуданд.

– Шумо дар куҷо зиндагӣ мекунед? – рағбат зоҳир кард Чару–бабу, чун дарк карда буд, ки духтар аз ин қисмати шаҳр нест.

Духтар сар боло кард.

– Дар Кодомтола.

– Оҳ, бобо! Ин охир хеле дур аст. Аз Ҳавру гузаштан лозим меояд, ҳамин хел не?

– Албатта.

– Маълум мешавад, – беҷуръатона ба забон овард Чару–бабу, – ба Ҷҳатуола–роуд, аз афташ, дар он ҷо ягон хешу таборатон

зиндагӣ мекунад? Е дугонаатон?

– Не, – ҷавоб дод духтар бо садои паст. – Ман бояд аз Ҷҳаутола–роуд гузашта каме ба тарафи Дилкушо–стрийт равам. Дар он ҷо сари роҳ бинои чаҳортабақаи нилгунест.

Чару–бабу ба як тараф сарашро хам кард.

– Бале, ҳамин хел, ҳамин хел. Баъд чӣ?

– Ана, аз ҳамон хонаи нилгун тангкӯчае оғоз мешавад. Шипра номи онро ба ман гуфта буд, вале ман фаромӯшаш кардаам.

– Шипра кист?

– Ҳамсинфам. Ӯ ҳам аз Скотиш аст. Мо якҷоя мехонем.

– Маълум шуд. Хайр, баъд чӣ?

– Дар ҳамон тангкӯчае, ки аз Ҷҳаутола оғоз мешавад, маъбади Шива воқеъ аст. Шиваи куҳансоли шабзиндадор. Шипра мегӯяд, ки ин маъбад барвақт сохта шудааст.

Ана, гап дар куҷо! Чашмони Чару–бабу нимпӯш шуданд.

– Пас шумо ба маъбади Шива меравед?

Ӯ бо ҳаракати базӯр аёни сараш ба ин суол посух дод.. Вазиши бод боз як қабза мӯи ӯро ба рӯяш парешон кард. Духтар мӯяшро ба тартиб овард.

Чару–бабу дар дил ӯро тамасхур кард. Ана, маълум шуд, ки ту чӣ гуна будаӣ. Дар Скотиш таҳсил мекунӣ, мисли писарбаччагон либос мепӯшӣ, мисли маҳрамбачаҳо мӯи саратро кӯтоҳ кардаӣ, ангуштонатро ранг намудаӣ. Аз ҳамаи ин чӣ фоида? Духтари банғолӣ, хоҳу нохоҳ, худотарсу боимон хоҳад монд. Бо он умед ба назди Шиваи пир меравӣ, ки шавҳари ба дилат мувофиқ пайдо кунӣ.

Боз ӯ тамасхурашро нафаҳмида бошад? Ба ҳар ҳол, ӯ каме хиҷил шуд, ба чашмони оҳумонандаш соя афтод. Духтар рӯяшро гардонду боз ба тиреза чашм дӯхт. Чеҳрааш андӯҳгин буд.

Трамвай ба истгоҳи дигар расид. На мусофире савор шуду на фуромад. Кондуктор хашмгинона занг заду трамвай ба роҳ даромад. Чару–бабу дарк кард, ки пирамард сахт ба ғазаб омадааст. Охир ин кори шӯхӣ нест: Чару–бабу муддати тӯлонӣ бо мусофирдухтари ҷавони зебо сӯҳбат мекунаду кондуктор аз чунин имкон маҳрум аст. Албатта, ин боиси озурдахотирии ин бечора мегардад.

Бигзор, озурдахотир бошад. Чару–бабу ба кондуктор аҳамияте надода, каҷ нигоҳ карду тамошои духтари ҳамсафарашро идома дод. Ӯ дар андешаи он буд, ки боз чӣ гӯяд, кадом суханҳои мувофиқро интихоб кунад. Ва ниҳоят ёфт.

– Баъд аз ду истгоҳ Бек–баган аст, – ба тарафи чап хам шуда

гуфт ӯ.

– Маълум мешавад, ки қариб омадаем, – рӯяшро ба тарафи Чару–бабу гардонда, рӯҳбаланд шуда гуфт духтар. – Агар заҳмат набошад, вақте ки ба истгоҳи зарурӣ мерасем, маро огоҳ кунед.

– Албатта, албатта! – хурсанд шуда гуфт Чару–бабу ва баъд бо қиёфаи ҷиддӣ илова кард: – Шумо ин маҳалро намедонед, бори аввал омадаед. Беҳтар набуд, ки шуморо дугонаатон, номаш чӣ буд, Шипра ҳамроҳӣ мекард?

– Мо ба ҳамин қарор омада будем, вале ӯ омада натавонист. Бемор шудааст. Дирӯз ӯ ба ман телефон карда, ҳамин хел гуфт.

Духтар оби даҳонашро фурӯ бурд. Ҳангоми дар ин бора ҳарф задан на хиҷолат мекашиду на сурх мешуд, ки ин ба Чару–бабу хеле хуш омад. Духтарони ҳозира бисёр мустақил ҳастанд!

– Шипра гуфта буд, ки, – идома дод ҳамсафараш, – агар дар ин маъбад саҷдаву ибодат кунӣ, бисёр шафоат мекунад. Ба Шипра дар ин бора холааш аз Канкулия–роуд нақл кардааст. Агар ният карда, ба Шиваи куҳансол саҷда кунӣ, муродат ҳосил хоҳад шуд.

Бале, бале! Чару–бабу дигар тааҷҷуб намекард, танҳо табассум менамуд. Албатта, ту духтарак, бояд ягон нияти пурарзише дар дил дошта бошӣ. То раҳми Шиваро наорӣ ва шавҳари арзанда пайдо накунӣ, на меҳрию на меҳобӣ. Барои ҳамин ҳам тамоми шаҳрро тай зада, аз Кодомтола ба Ҷҳаутола меравӣ.

Не, фикр кард Чару–бабу, онҳоро барои ин гуна бенизомӣ таъна кардан лозим нест. Духтарони имрӯз ба ҳама чиз хуб сарфаҳм мераванд, ба ҳама чиз диққат медиҳанд, ба ҳама чиз кор доранд. Онҳо либосҳои замонавӣ пӯшиданро дӯст доранд ҳам, вале агар модар, ё холаашон ба онҳо сарии сохти Дакка ё Банорас тақдим намоянд, бо ҷону дил ба бар мекунанд. Аксар вақт бе сабти ақди никоҳ оиладор мешаванд, вале агар волидонашон исрор кунанд, бо хурсандӣ ба зери айвони анъанавии арӯсии ҳиндӣ даромада менишинанд.

Дар ҳамин рӯзҳои наздик Чару–бабу дар боғи Балигонҷ гуфтугӯи ҷолибе шунид. Як ҷаноби солхӯрда, ба худаш барин як ҷаноби дигаре мегуфт:

– Онҳо мехоҳанд мазаи ҳама чизро чашида бинанд, чизе аз чашмандозашон дур намемонад. Медонед, ҷаноб, духтарони инзамона ҳангоми шавҳар кардан ҳам аз маъракаи арӯсии замонавӣ хурсанд мешаванду ҳам аз ҷашни арӯсии суннатӣ.

–Албатта, ҳақ ба ҷониби шумост, – суханони ӯро тасдиқ кард ҳамсӯҳбаташ. – Онҳо, чӣ хеле ки мегӯянд, ҳам аз болои дарахт

мева мечинанду ҳам аз зераш. Мисли писарбачаҳо мӯйҳояшонро микроз мезананду дар биниашон ороиш меовезанд. Ба тарабхонаҳои чинӣ рафта, чӯҷабирёни чинӣ мефармоянд, вале агар онҳоро ба иди Шани ё Нараяни даъват кунед, даста–даста шуда мутеона худоихӯрӣ меоянд. Бо дӯстонашон ба Пури ва Дигҳу ба сайру саёҳати пур нишот мераванд, вале рӯзи дигар ҳамроҳи бибиашон муқаддасоти Тарапитҳ ё Бокрешшорро зиёрат мекунанд. Инро ҳар лаҳза мушоҳида кардан мумкин аст. Ба онҳо нигоҳ карда, ба ҳайрат меафтӣ!

– Ин табиист! – нидо кард ҷаноби аввала, бо асояш заминро кӯфта. Вуҷуди онҳо аз нерӯи зиндагӣ, шарбатҳои зиндагӣ лабрез аст. Бале, аз шарбатҳои зиндагӣ, он чизе ки дигар дар саропои занҳои мо вуҷуд надорад. Занҳои мо сустҳаракату дилмурдаанд. Онҳо танҳо ошхонаро медонанду хонаи хобро. Аммо духтарони имрӯза ба зиндагӣ на яктарафа, балки фарохтар менигаранд. Барои ҳамин ҳам, онҳо ба назар намоёнанд. Духтарони инзамона ба болои ҳама чизе, ки диққаташонро сахт ҷалб кунад, худро меафкананд.

– Диққати онҳоро шарбатҳои зиндагӣ…, – ҷаноби дуввумӣ лабу лунҷашро каҷ ва абрӯвонашро дарҳам кашида, ҷаноби аввалиро масхара кард. – Беҳтараш бигӯ, ки онҳо – оташанд. Маҳмаддоноҳои имрӯза шабу рӯз шӯълазанон месӯзанд, баъзеашон ҳатто мисли мушак ё ракета метарканд. Онҳо аз гуруснагии фарогире азият мекашанд, ба онҳо ҳама чиз лозим аст, ба онҳо ҳама чизро ёфта деҳ. Шояд, шумо – ҷаноб огоҳ ҳастед, ки онҳо турфа чизе – Рӯзи байналмилалии занонро бофта баровардаанд. Онҳо мардонро ба танг овардаанд.

Дар вуҷуди ӯ ҳам оташ аст, андеша мекард Чару–бабу, нерӯ ҳаст, вале ниҳонӣ, мисли дигарон хислати часпидан надорад. Баръакс, чунин менамояд, ки дар дилаш андӯҳ лона кардааст. Аз ин рӯ, ғарқи хаёл нишастааст. Чару–бабу ҳамин ки ба тарафи чап, ба ҷои занон назар афканд, инро фавран эҳсос карда буд.

Банохост ба ёди Чару–бабу расид, ки имрӯз вохӯрии ниҳоии дастаҳои Ассотсиатсияи футболи Ҳиндустон аст. Ҳанӯз нимарӯз, вақте ки дар мағозаи айнак нишаста буд, даста–даста писарону духтарон ба варзишгоҳ, тамошои бозӣ мешитофтанд. Трамваю автобусҳо пуропури одам буд. Ана, барои чӣ дар ин қисмати Калкутта трамвайҳо холӣ мегарданд. Ҳама ба варзишгоҳ рафтаанд. Дар мағоза касе нақл карда буд, ки ҳамроҳи писарон, агар ҳазор нафар набошад, мусаллам аст, ки садҳо нафар духтарон аз

шаб барои билети бозии ниҳоӣ навбат истода буданд. Шавқу рағбати онҳо ба бозӣ бо суръате, ки ба ақли кас намеғунҷад, рӯз то рӯз меафзояд. Вале онҳо на танҳо футболро тамошо мекунанд. Чару–бабу ба наздикӣ аз рӯзнома хонда буд, ки дар Калкутта дастаи футболи занон созмон дода шудааст. Футболбоздухтарон эзорчаҳои кӯтоҳ пӯшида, дар майдон медаванд, бозии барои онҳо ҳанӯз навро машқ мекунанд.

Оташи кунҷковии Чару–бабу сахттар шӯъла зад. Ин зебосанам ба ҳангомаи атрофи бозии футбол аҳамияте надода, ҳамаи шаҳрро тай карда, ба кадом як Шиваи пир саҷда карданӣ меравад! Дар ин ҷо чӣ сирре бошад? Тамоми вуҷуди Чару–бабу дар оташи кунҷковӣ месӯхт, бисёр мехост сабабшро фаҳмад, вале рӯирост инро пурсида намешавад. Ниҳоят, ӯ табассуми сохтае карда, эҳтиёткорона пурсид:

– Шояд имтиҳоноти шумо наздик шудаанд, аз ин хотир Худоро ба ёд овардед?

Духтарак ба ҳамсафараш бодиққат нигоҳ кард. Бале, ба ақлу фаросати ӯ қоил шудан лозим аст. Худи ҳамон лаҳза ӯ дарк кард, ки ин пирамарди сарсафеди маккор дар дилаш як чиз меандешад, вале ҳарфҳои тамоман дигар мегӯяд. Кунҷҳои лабони ӯ аз табассуми базӯр аён ларзиданд.

– Дар ҳақиқат ҳам даҳшатнок аст, – бепарвоёна ҷавоб дод ӯ. – Ба наздикӣ имтиҳоноти ниҳоӣ оғоз мешаванд. Профессори забони англисии мо – Ҷи Эн бисёр сахтгир аст. Ҳар қадар фикр мекунам, намедонам чӣ кор кунам. Бисёр суст тайёрӣ дидаам.

Чару–бабу хомӯш монд. Бо духтарони ин замона, фикран ба худаш муроҷиат кард ӯ, маккорӣ карданро магар ба ту мондаанд! Ӯ дигар ба пурсуҷӯ машғул нашуда, табассуми собиқашро нигоҳ дошта, гуфт:

– Ман ҳам бисёр мехостам ба маъбади Шиваи шабзиндадор як сари қадам дароям. Охир, он аз ин ҷо чандон дур нест.

– Бисёр кори хуб мешавад, – хурсанд шуд духтар. – Шумо вақт доред?

– Албатта. Ман нафақа баромадаам, дигар чӣ кор ҳам дорам! Рӯзҳои дароз сайр карда мегардам, – бовар кунонд ӯро Чару–бабу, вале дар айни замон овозаш аз ваҷд меларзид. – Ман бояд ду истгоҳ баъд аз шумо, дар Гория–хат поин шавам, вале дар ҳамин ҷо ҳамроҳи шумо мефуроям.

Трамвай ба истгоҳи Бек–баган расид.

Вақте ки онҳо аз вагон мебаромаданд, Чару–бабу дид, ки кон-

дуктори пир дар зинапояи вагон истода, аз қафои ӯ ғур–ғуркунон туф кард. Чару–бабу ҳатто ба қафояш баргашта нигоҳ ҳам накард.

Воқеан ҳам ин рӯз рӯзи бемислу монанде буд. Ба Чару–бабу дар ин синну сол бо ҳамсафари тезгардаш баробар қадам мондан мушкил буд. Ба ҳар ҳол, ӯ мекӯшид, ки қафо намонад. Аз духтар бӯи хуши ё атру упо ё бӯи маҳини ширмонанде ба машом мерасид, ки ба бӯи ананаси пухта шабоҳат дошт. Офтоб ба замин нурҳои пурнавозише ирсол мекард, ки ҳамранги донаҳои тозабирёни ҷуворӣ буданд. Резаборон мондаву ҳаво серуну намнок буд. Дар осмон села–села абрҳои сафед шино мекарданд ва як даста қартаҳои парешонгаштаро ба ёд меоварданд.

Онҳо паҳлӯи ҳам қадам мемонданд ва нохост ба назари Чару–бабу чунин намуд, ки ӯ ҳамон соҳибҷамоли мағрури ҷовидониест, ки бо дидани ӯ ҳатто чашмони хирадмандону парҳезгорон ҳам ҳарисона медурахшанд. Вале худи ҳамон лаҳза ба ёд овард, ки ин духтарак ҳамсоли духтараш ё ҳатто ҳамсоли наберааш аст. Чару–бабу ҳеҷ ба як қарор омада наметавонист, ки ба духтар бо кадом чашм нигарад, ки дилаш ҳам шод шаваду ҳам ором. Шояд насибу қисмати ҳамаи онҳое, ки аз рӯйхати ҳаёт хат зада шудаанд, ҳамаи он пиронсолони озурдадилу аз ҳама чиз маҳрум ҳамин гуна бошад. Вақте ки ту дар паҳлӯи духтари ҷавон ҳастӣ, якҷоя бо эҳсосоти ишқи пок ғаризаҳои ибтидоии инсонӣ ҳам сар мебардоранд ва дар дили инсон эҳсосоти мағшуш пайдо мешавад.

Духтарак пешниҳод кард, ки рикша киро кунанд, вале Чару–бабу рад кард. Охир он вақт ба ӯ лозим меомад, ки дар дучархаи камбар бо ин паридухтари ҷавони шукуфон паҳлӯ ба паҳлӯ нишинад, вале ҷуръати ӯ ба ин кор намерасид.

– Даст дароз кунӣ, ба маъбад мерасад, – табассум кард ӯ. – Ҳаловати пиёда рафтан дигар аст.

Ҳамааш ҳамон гунае буд, ки ҳамсӯҳбаташ нақл карда буд. Онҳо каме бо Ҷҳаутола–роуд роҳ рафта, он бинои калони нилгунро диданд, ки аз наздаш тангкӯчаи камбаре оғоз мегардид. Онҳо бо ин тангкӯча равон шуданд ва баъди чанд қадам ба маъбади Шива расиданд. Маъбад– маъбад буд, вале на аз хишту бетон. Он дар як кулбаи одӣ ҷой гирифта буд.

Дар ин шаҳри ҳайратангези Калкутта ҳама чиз имконпазир аст! Дар атрофи он – биноҳои бузурги панҷ, шаш, ҳатто ҳашт– ва даҳтабақа мавҷуданд. Дар кӯчае, ки як тарафи тангкӯча бо он мепайвандад, трамваю автобусҳо беист равуо доранд. Дар кӯчае, ки тарафи дигари тангкӯча бо он пайвастааст, мошинҳои кирокаш,

боркаш, дучархаҳои рикшаҳо равуо доранду аз он ҷо ғалоғулаи одамон ба гӯш мерасад. Дар байни онҳо ин тангкӯчаи хурди ором, ки дар он, зери боми махолин ин маъбади зебо сохта шудааст. Ин пораи манзараи деҳотро на додан метавону на гирифтан.

Дари маъбад кушода буд. Аз даруни он Шивалинги сиёҳи аспидмонанд намоён буд, Чару–бабу дар дилаш хандид. Маълум мешавад, ин ҳамон Шиваи шабзиндадор аст. Ҳоло дар маъбад касе набуд. Чӣ ҷои хилвате! Аз афташ, ибодат пеш аз шом оғоз мегардад ва дар назди маъбад анбӯҳи диндорон ҷам мешаванду зангӯлачаи биринҷие, ки ба ибодат даъват мекунад, ҷарангос мезанад.

Дар қарибии маъбад дарахти азими муқаддаси анҷир руста буд, ки шоху барги анбӯҳаш ба ҳама ҷо соя меафканд. Ду бузи дар таги он хобида, баргҳои рехтаи онро бепарвоёна мехоиданд. Баргҳои анҷир бар асари боди сабук бо садои паст хишир–хишир мекарданд. Ширяхфурӯш пешопеши худ аробачаи зардеро тела дода ва молашро тарғиб карда, аз тангкӯча гузашт. Ана, ӯ дар кунҷи кӯча панох шуд ва тангкӯча аз собиқ боз ҳам холитар ба назар мерасид.

Чару–бабу ба ҳамсафараш пайравӣ карда, пойафзолашро аз по кашиду ба айвони маъбад баромад. Аз ин ҷо ҳамаи даруни бино намоён буд. Зарфҳои мисини маросимӣ, гулҳои хушкидаи ёсуман ва чанд танга пулҳои майда дар табақча. Бараҳмани роҳиб кай омада намозро оғоз мекунад, маълум нест. Вале, фикр мекард Чару–бабу, мисли ҳамаи маъбадҳои дигар, ин маъбад ҳам бояд роҳиб дошта бошад.

Чару–бабу таъзим карда, чорзону нишасту ҳамсафарашро мунтазир шуд. Ӯ медонист, ки бояд дурудароз интизор кашад. Охир, духтар ин роҳи дурударозро на барои он тай карда буд, ки мисли ӯ дар назди дари маъбад таъзим кунаду дарҳол баргашта равад. Аз афти кор, ба ин духтар зарур аст, ки аз Шива ягон чизи ниҳоят муҳим бихоҳад ва ба ӯ хеле рози дил гӯяд.

Хона гилфарш бошад ҳам, Чару–бабу босаброна нишаста, интизор мекашиду духтаракро наззора мекард. Аммо духтар ғарқи муроқиба буд. Аҷаб манзарае! Дар назди бути сангин бо чашмони пӯшида пайкараи аз зари холиси зинда халқгардидае истодааст. Шамол ба ин ҷо роҳ надошт. Ҳатто сари мӯе ҳам, торе аз қабзаи мӯйҳои мисли баргҳои бугенвеллей латифу ларзони духтари саҷдагар намеҷунбид. Кафи дастони ба ҳам овардаашро ба рӯи синааш фишурда буд. Нохунҳои рангмолидаи дарози кунҷҳояшон рости ангуштони хурдаш ба баргҳои бедгули сурх

шабоҳат доштанд.

Чару–бабу дар тӯли ҳаёташ ба маъбадҳои Шива ё Кали хеле кам рафта буд ва ҳеҷ ба ёд оварда наметавонист, ки ҳангоми ин зиёратҳои аҳён – аҳёнаш боре ҳам дар назди ҳайкали худо ин қадар дурударoз нишаста бошад. Вале акнун ӯ саропо ба сабру тоқат табдил ёфта буд. Бояд интизор кашид. То духтар саҷда ва ибодаташро ба поён нарасонад, ӯ аз ҷояш нахоҳад бархост. Баъд ӯ ба хона боз хоҳад гашт. Духтарро, ки ба трамвай савор кард, фақат ҳамон вақт ором хоҳад гирифт.

Вале магар, бо ҳамин ҳамааш тамом мешавад? Дурӯғгӯи нобакор! Эҳ ту, Чаручондро, худро маломат мекард ӯ, дар ҳамин пиронасар мехоҳӣ риёкорӣ кунӣ! Ин коратро як тараф гузор. Дар дили ту чун селапайванди нурафшоне силсилаи тахминҳо медурахшанд. Ту – барзагови пир, то нафаҳмӣ, ки ин мавҷуди ҷавони зебо дар дилаш чӣ орзуе мепарварад, ором нахоҳӣ шуд. Ту дарк кардӣ, ки дар овози ӯ нахустин шилдир–шилдири ҷӯйҳои баҳорон садо медиҳад, аз саропои ӯ бӯи хуши баргҳо, ғунчаҳо ва гулҳо ба атроф паҳн мешавад. Барои ҳамин ҳам…

Ту намехоҳӣ бовар кунӣ, ки ин духтар танҳо барои имтиҳоноташ ғам мехӯрад ва аз ҳамин хотир, бо изтироб ба ин ҷо омада, ба Шива саҷда мекунад.

Вале, ҳар қадаре ки виҷдонаш ӯро маломату ҷанг карда бошад, ба сабаби фасоди пирӣ ин хоҳиши худро фурӯ нишонда натавонист. Натавонист вассалом. Ӯ бо якравии кӯдакона ҳанӯз ҳам нишаста буду абрӯву бинии духтар, манаҳу шонаҳо, синаву камари ӯро тамошо мекард. Мӯйсафед мехост аз симои ӯ мақсади дилашро пай барад. Гоҳ–гоҳ мӯйсафед ба соат менигарист.

Чару–бабу бо тааҷҷуб мушоҳида кард, ки дар пилки чашмони соҷида ашк пайдо шуд. Қатраҳои ашке, ки дар нӯги мижаҳояш медурахшиданд, ба марворидҳои қиматбаҳо шабоҳат доштанд. Аҷаб манзараи зебои муқаддасе! Чару–бабу моту мабҳут менишаст.

Ниҳоят, духтар суҷудро анҷом дода, чашм кушод ва ба Чару–бабу нигоҳ кард, баъд аз камарбандаш рӯймолчае баровaрда чашмонашро пок кард.

Ба ҳамааш ҳамин рӯймолчаи сурхи шоҳӣ гунаҳкор аст, баъдтар андешид Чару–бабу. То онро баровардани духтар ҳаво аз бӯи ширмонанди бадани ӯ, накҳати нозуки ёсуман ва чӯбҳои сандал, ки дар назди санги меҳроб месӯзонанд, моломол буд, – ҳамаи инро бӯи атри атторӣ, ҳарчанд хуш бошад ҳам, пахш кард. Ҳамзамон вазъи эҳтиромомези ботантанаи то ин лаҳза ҳукмрон –

ибодату муроқиба, ашк, тарсу ҳарос, имону умед ва оҳҳои амиқи духтар ҳам халалдор гардид. Ба ҷои ҳамаи ин эҳсосоти сабукию бепарвоӣ ба миён омад. Ин эҳсос якбора, мисли гунҷишкаки аз куҷое парвозкунон омада пайдо гардид.

Духтар ашкҳояшро пок карда, рӯймолчаашро дар камарбандаш пинҳон намуду табассум кард. Чару–бабу ҳам дандонҳои сунъиашро намоён карда, дар ҷавоб лабханд кард.

– Шумо барои чӣ механдед? – пурсид духтар.

– Ана, акнун ба даст афтодед.

– Чӣ хел?

Духтар абрӯвонашро боло карда, базӯр табассум кард.

– Ҳамин хел–а! – боз ҳам маънидортар лабханд зада нидо кард Чару–бабу. – Ман дуруст дарк кардам, ман ҳамаашро фаҳмидам.

– Пас шумо тамоми ин муддат ба Шива нигоҳ накарда, маро наззора кардед?

– Маълум мешавад, шумо инро пай бурдед?

– Албатта. Маро поиданатонро аз ҳамон вақте ки дар трамвай будем, пай бурда будам. Ту бисёр кунҷков, пирамарди маккор ҳастӣ, – ҷавоб дод ӯ нимшӯхию нимҷиддӣ, бо оҳанге, ки бо одами наздик сӯҳбат мекунанд.

Ғайричашмдошт «ту» гуфта мурочиат кардани духтар дили ӯро ба тапиш оварда, вуҷудашро лабрези шодӣ кард. Муддати начандон тӯлоние бо ҳам ҳастем, вале ӯ аз ҳоло ба худ раво медорад, ки маро «пирамард» гӯяд, «ту» гӯяд. Ана, инро ростию самимият мегӯянд! Ӯ хушҳолона сарашро ҷунбонд.

– Ин магар ҷиноят аст? Ту духтари ба назар намоён ҳастӣ. Қаду қомати зебо, чеҳраи дилрабо дорӣ. Магар ба ту нигоҳ накардан мумкин аст? Тамошои Шивалинги сангин магар ба ман ягон ҳаловате мебахшад? Ман он қадар диндору парҳезгор нестам.

– Хезед, – аз рӯи ҷойнамозаш бархоста гуфт духтар.

Чеҳраи ӯ ҷиддӣ бошад ҳам, чашмонаш медурахшиданд. Кадом духтар, агар ҳусни ӯро ситоиш кунӣ, нисбат ба ин бепарво мемонад.

– Акнун ба хона бармегардӣ?

– Бале. Ҳар он чизе, ки кардан мешоист, кардам, – бо садои паст ҷавоб дод духтар.

– Рафтем. Ман туро ба трамвай савор мекунам.

– Рафтем.

Духтар аз айвон фуромада, пойафзори баднамои тагчармашон ғафси пӯкашро пӯшид. Ӯ пои бараҳна ибодат карда буд. Оҳ, кафи

пойҳои ӯ чӣ қадар зебо буд! Чару–бабу то ин дам намедонист, ки ҳатто пойҳои духтарон то ин дараҷа ҷолиб мешаванд. Духтар хам шуда, бандҳои пойафзорашро басту гуфт:

– Вале ту гӯш надодӣ, ки ман маҳз чиро пай бурдам.

– Барои гӯш кардан ҳанӯз вақт дорам. Барои ҳамин якҷоя мебароем, – табассумкунон гуфт Чару – бабу.

Чару–бабу қоматашро рост карда, ба чашмони духтар нигоҳ кард.

– Вале мабодо баъди гуфтанам наранҷӣ?

– Ин тавр бошад, нагӯед.

– Не, ман бояд гӯям, набошад дилам ором нахоҳад шуд.

– Пас бигӯед. Ман мунтазирам.

Чару–бабу беҷуръатона табассум кард, чашмонаш аз паси шишаҳои ғафси айнак дурахшиданд. Ӯ ба атрофаш назар афканда, мисли он ки дар бораи асрори муҳиме сухан мекарда бошад, бо садои паст гуфт:

– Имтиҳон–пимтиҳон – ин ҳама гапи дурӯғ аст. Туро чизи дигаре азоб медиҳад, ҷавони дӯстдоштаат ба ту беэътиноӣ мекунад, туро озурда медорад. Дар бораи ҳамаи ин ту ба Шива шикоят кардӣ.

Духтарак лаҳзае карахт монд. Чашмони оҳумонанди ӯ мисли ҳамон вақти савори трамвай буданашон лабрези изтироб гаштаанд. Баъд ӯ оҳи сарде кашида, бо табассуми пурандӯҳ гуфт:

– Оҳ ту чӣ пиракии беадаб ҳастӣ! Мӯи сарат сап–сафед шудаасту шарбати зиндагӣ ҳанӯз дар вуҷудат ҳаракат мекунад. Меваи пажмурдаи норҷил барин.

– Магар ман рост намегӯям? – бо садои канда–канда нидо кард Чару–бабу.

– Эҳтиёт кун, бас аст! – нигоҳи чашмони ӯ ҷиддӣ шуд. – Набошад, худи ҳозир аз гӯшҳо ва бинии хушкидаат мегираму кашола мекунамат.

– Кашола, кун! Кашола кун! – Чару–бабу гарданашро ёзонд. – Бо ангуштони нозукат ба гӯшҳо ва бинии хушкидаи ман даст расону ҳарчи дурударозтар ларзон. Ман дарҳол чил сол ҷавонтар мешаваму аз нав ба ҷавони хушқаду қомати боқувват табдил меёбам.

– Бас, лозим нест, лозим нест! – худро тарсида вонамуд карду дасташро, ки дарвоқеъ барои кашидани гӯшҳои пирамард дароз карда буд, пас кашид.– Ба ҷавони боқувват мубаддал кардани ту хавфнок аст.

Мебинӣ, ки бо дӯшиза дар ин ҷои хилват ҳастӣ, дарҳол ба ӯ

дармеафтӣ, – хандид духтар.

Чару–бабу ботакаллуфона табассум кард.

– Тасаввур кун, ки мо ба давраи ваҳшоният баргаштаем. Он гоҳ, ман мисли як роҳзани бебоки баҳрӣ бо шавқу эҳтироси лаҷомгусехтаи одами ваҳшӣ дар назди ту ҳозир мешудам. Вале ҳоло охири асри бист аст. Аз расидани ангуштони ту ман ба ҷавони зебо, ҷавонмарди нуктабин табдил меёбам. Ҳақи аз ҳама зиёде, ки ман ба худ медодам, – бо дастфишории латиф аз ту хоҳиши як бӯса мекардам…

Чару–бабу ғайритабиӣ баланд хандид, вале дарҳол бас карду хомӯш шуд. Касе ба онҳо наздик меомад. Шояд он ширяхфурӯш бо аробачааш бошад? Чару–бабу бо тааҷҷуб баргашта нигоҳ карду дар назди кундаи дарахти анҷир паррандафурӯшро дид. Дар саропои ӯ қафасҳои хурду калоне овезону дар онҳо паррандаҳои гуногунранг нишаста буданд. Духтар бетоқат шуду ба тарафи ӯ рафт.

Оҳ, чӣ қадар бемаврид! Чару–бабу маҳзун шуд. Ин гуна сӯҳбати ҷолибро буриду давида тамошои паррандаҳо рафт. «Сабукфикрии духтаронааш эҳтимол ҳамин бошад!» – ғур–ғур кард Чару–бабу.

Вале духтар танҳо ба тамошои паррандаҳо машғул набуд, бо нияти харидани кадоме аз онҳо савдо оғоз карданӣ буд. Чару–бабу бо чашмони гирд–гирдшудааш ба ӯ нигоҳ мекард. Ниҳоят, духтар майнаеро хуш кард. Фурӯшанда нархашро гуфт – духтар аз ҷайбаш пул бароварда дод. Савдогари қаноатманд қафасро бо паррандааш ба ӯ доду ба роҳаш рафт. Духтар ҳанӯз дар зери дарахт истода буд. Ӯ ба навозиш кардани майна шурӯъ кард, лабони суп–сурхашро ғунча карда, ба ӯ суханҳои номафҳуми меҳрубононае мегуфт. Ин як манзараи мафтункунандае буд! Чару–бабу лаб лесид. Ба ёдаш минётури муғулии кадом вақте дидааш расид, ки дар он ё Нурҷаҳон ё шояд Мумтоз бошад, дар дасташ булбулеро дошта, мисли ҳамин духтар навозиш мекунад. Ниҳоят, духтар қафас дар даст ба назди ӯ баргашт.

– Хариди ғайричашмдошт, майна, – гуфт Чару–бабу.

– Бале. Пас меравем. Дар роҳ ҳам сӯҳбат кардан мумкин аст.

Онҳо аз тангкӯча ба кӯча баромаданд. Тарафи муқобили он аз нурҳои офтоб равшан буд. Онҳо аз тарафи сояи кӯча ба тарафи истгоҳи трамвай мерафтанд. Шамоли сахт мевазид. Аз ин хотир ҳаво чандон гарм набуд.

– Ин қадар муҳаббат ба паррандагон аз куҷост? – пурсид Чару–бабу.

– Охир, ин ҳамон ҷавони дӯстдоштаи ман аст, – табассумкунон бо гӯшаи чашм ба ҳамсафараш нигоҳ карда гуфт духтар. – Шумо ҳам он вақт дуруст гуфта будед. Ин ҷавони дӯстдошта дирӯз аз қафас парида гурехт. Ман тамоми шаб ғам хӯрда, гиря кардам. Имрӯз шумо дидед–ку, ҳамин ки ба Шива ибодат кардам, ӯ боз дар дасти ман аст.

– Аҷоиб, аҷоиб! – бо табассум ва паст–паст сулфакунон ҷавоб дод Чару–бабу.

– Чӣ, шумо ба ман бовар намекунед?

– Бовар мекунам, албатта, бовар мекунам. – сар ҷунбонд Чару–бабу.– Чӣ сон бовар накунам? Охир ман бо чашми сар дидам, ки ҷавони дӯстдоштаат ба назди ту баргашт. Ман ба хотири ту бисёр шод шудам.

– У–ғу–ғуғу–ғу, у–ғу–ғу–ғу–ғу… Зебояки ман, тилояки ман! Духтар аз нав лабонашро ғунча карда, майнаро навозиш кард.

Баъд ӯ бозистода, дасташро ба қафас халонду паррандаро ба девори қафас наздик овард ва бӯсидан гирифт.

Бале, духтар навозиш карда метавонист! Чару–бабу бодиққат ба ӯ нигоҳ мекард. Аз вазиши шамол мӯйҳои ӯ ба ҳам печида, ба буттаи пандaнус шабоҳат пайдо карда буданд, чунин менамуд, ки саропои духтар барқ дорад. Чару–бабу ду бор пинҳонӣ оҳи сард кашид: кайҳо боз ӯ чизи шабеҳи инро надида буд! Духтар хуб вақтхушӣ карда, сипас ба роҳаш идома дод. Чару–бабу ҳам қафо намемонд.

– Акнун ман бо ӯ боз ҳам меҳрубонтар мешавам, ӯро сахттар дӯст хоҳам дошт, – сарашро нагардонда гуфт духтарак.

– Албатта, – содадилона ҷавоб гардонд Чару–бабу. – Агар хоҳӣ, ки ба ту сахт одат кунад, ӯро бештар навозиш кун, дар он сурат ба ҳеҷ куҷо парида намеравад.

– У–ғу–ғу–ғу, у–ғу–ғу–ғу… Зебояки ман, тиллояки ман… Ҷонакам… Яктои ман…

Овози ӯ дар гӯшҳои Чару–бабу мисли садои зангӯлачаҳои нозук садо медод. Пирамард хомӯш қадам мезад. Ниҳоят, онҳо ба истгоҳ расиданд. Дар истгоҳ касе набуд.

– Медонед, пешгӯии шумо дар маъбад маро ба ҳайрат овард. Ман андешидам, ки шумо дигар хел ҷавони дӯстдоштаро дар назар доред. Маро ҳатто ларза гирифт.

– Аз ростӣ? – худро ҳайратзада вонамуд кард Чару–бабу.

– Бале–бале, ба ростӣ, – духтар ба атрофаш нигоҳ карда, бо садои паст хандид. – Ҷавони дӯстдошта! Ӯ ба ман чӣ лозим аст?

Дар гӯшаҳои чашмони ӯ қатраҳои ашк дурахшиданд. Акнун Чару–бабу беовоз механдиду чашм наканда ба ҳамсӯҳбаташ нигоҳ мекард. Пираҳани ковбоӣ, шими танг, мӯйҳои мисли писаракон кӯтоҳ микроззада. Магар офтобро бо кафи даст пӯшондан мумкин аст. Саропои вуҷуди духтар, гунае ки Дамодар ҳангоми обхезӣ туғён мекунад, лабрези ҷавонӣ буду аз ҷавонӣ нафас мегирифт. Чару–бабу мехост чизе бигӯяд, вале сокит монд. Лабони хушки ӯ дар оташ месӯхтанд, ҳалқаш хушк шуда буд.

– Ман медонам, мӯйсафед, ту ба ман бовар намекунӣ, – табассум кард духтарак бо чашмони пур аз ашк ва абрӯвони ӯ дар хамгашти зебояшон ба ҳам пайвастанд. Ту писараки бадахлоқе ҳастӣ. Дар сари ту фақат фикри писару духтар ва бӯсаи ошиқона ҳасту халос.

Чару–бабу гунаҳкорона хомӯш меистод.

– Бовар кун, ман ҳанӯз чӣ будани эҳсосоти ҷинсиро намедонам ва ба ягон ҷавони дӯстдошта ҳам майле надорам. Ба ҳеҷ кас.

Трамвай омад. Духтар дар як даст қафасро дошта ва бо пушти дасти дигараш, ин дафъа рӯймолчаашро набароварда, ашкҳояшро пок кард.

– Падарам маро арӯсак меномад, баъзан – арӯсаки калон. Барои модарам ман ҳанӯз духтараки хурдсол, баъзан тифлак ҳастам. – Дар овози ӯ оҳанги ранҷиши сахт садо медод ва овози хишар–хишир ба гӯш мерасид, мисли ин ки харгӯше аз даруни найзоре мегурехта бошад.

– Хуб, ман рафтам!

Духтар бори охирин ба чашмони Чару–бабу назар афканда, табассуми кӯдаконае кард – мисли ин ки ба ӯ як даста гулҳои ёсуман тақдим карда бошад. Дар ин лаҳза ӯ дар ҳақиқат ҳам ба духтараки хурдсоле шабоҳат дошт.

– То боздид!

Чару–бабу ҳам дасташро бардошта, сар ҷунбонд. Духтар мисли санҷоб бо ҷаҳиши сабуке ба зинаи он парида баромад. Трамвай ҳаракат кард.

Чару–бабу боз каме дар истгоҳ истод. Ӯ боқии роҳро бо трамвай нахоҳад рафт. Роҳи Гория тамоман наздик аст. Чару–бабу ба сояи хонаҳо рафт. Дунё барояш холӣ менамуд. Вале, ба ҳар ҳол, ӯ наметавонист инкор кунад – имрӯз рӯзи хеле хубе буд ва ба ӯ чизи бисёре дод, ҳадяи бисёре овард.

Аз болои сараш калхоти болҳояш зарринтобе парида гузашту дар фазо нопадид гашт.

* * *

***ПАННАЛАЛ ПАТЕЛ*** *(1912 – 1982) – адиби насрнависи гуҷаратӣ, муаллифи беш аз 30 китоб. Романҳо ва маҷмӯаҳои ҳикояҳои машҳури ӯ «Мавҷуди шикастанафс», «Хоҳишоти инсонӣ», «Дӯстон дар ғаму шодӣ», «Суханони самимӣ» ва ғайра мебошанд.*

## БАСТАИ ХОКАИ ЗАРДДОР

Гунаҳкори паси панҷара – ҷавонро дурудароз ва бодиққат пурсуҷӯ карданд. Судя ба бастаи начандон калони рӯймоли рангаи шоҳӣ ишора карда, пурсид:

– Дар ин ҷо чӣ дорӣ?

Ҷавон хомӯшона ба баста нигоҳе карду сипас оҳи сарде кашида, бо садои паст гуфт:

– Дар ин баста, соҳиб, тамоми «Рамаяна»–и ман аст.

– Вале, ман мехоҳам маҳз донам, ки дар он чист

– Хокаи зард, соҳиб.

– Мегӯӣ, ки ба ҷашни арӯсӣ мерафтӣ? Вале либоси ба арӯсӣ муносиби ту ку? Барои чӣ ба ҷои дучархаи ороёфта ба аробаат барзаговҳоро бастаӣ ва ба ҷои хешу табор халтаҳои биринҷ бор кардаӣ? Одамон маъракаи арӯсиро рӯзона мегузаронанд, аммо ту шабона ба роҳ баромадаӣ? Дар маъракаи арӯсии одамон дафу табл баланд садо медиҳаду ту онро хомӯш мегузаронӣ? Аҷаб арӯсии пурасроре, ба назари ту чунин наменамояд?

– Шумо рост мегӯед, соҳиб, – зери садои хандаи ҳозирони толор розӣ шуд гунаҳкор. Вақте ки боз оромӣ ҳукмфармо гардид, ӯ бо садои пур аз зорӣ ба судя муроҷиат кард: – Соҳиб, иҷоза диҳед дар бораи ин баста ҳамаашро аз сар нақл кунам.

Қонуншиканиҳои гуногуни марбути пинҳонӣ ба савдо бурдани ғалладона ба минтақаҳои ҳамсоя дар ин ҷо зуд–зуд ба чашм мерасид; вале бастаи хокаи зард ҳисси кунҷковии сахти ҳамаро барангехт. Ростӣ, иҷрокунандаи суд мехост даҳон боз кунад, ки ин ҷо ҷои қиссагӯии ту нест, вале судя ризоият дод:

– Нақл кун, вале мухтасартар.

– Итоат, соҳиб! – Ва гунаҳкор аз чӣ сар карданро дурудароз андеша накарда, ба қисса кардан шурӯъ кард. – Аз замони рӯй додани ин ҳодиса як чомасу гузашт, баъд дувумӣ ва пасонтар сеюмаш ҳам…

Ҷавон ба хотираҳо дода шуда, лаҳзае хомӯш монд. Ба чашми

хаёли ӯ, чунонки дар воқеият бошад, шоми пурабри моҳи шраван намудор гардид: дар болои буттаҳои соҳили дарё абрҳо доман густарда буданд, ҷараёни оби пуркафки лойолуд аз болои роҳҳое, ки пештар борони селашон шуста буд, ҷорӣ мешуд.

– Тамоми рӯз ман дар он соҳиле, ки деҳаи мову ҳамсоя деҳа чорвоямонро мечарондем, шудгор мекардам. Ҳарчанд деҳаҳои мо ба музофотҳои гуногун тааллуқ доранд, чарогоҳу гузаргоҳ барои онҳо ягона аст. Бегоҳӣ, ҳангоме ки барзаговҳоро ба тарафи хона мерондам, дар соҳили дарё гузаштани подаи говмешҳои деҳаи ҳамсояро мунтазир шудам. Нисфи пода кайҳо ба об даромада буд. Ва инак, соҳиб, ман дидам, ки оби дарё торафт зиёдтар мешавад, вале он ду чӯпон – пирамард ва духтараки тамоман ҷавон инро пайхас намекунанд. Ман дод зада ба онҳо гуфтам, ки дарё дамида, лабрезон мешавад, шитоб кунед ва худам ҳам барои рондани чорпо ба онҳо ёрӣ расондам. Пирамард бо говрона говмешҳоро мекард, вале ин духтарак, соҳиб…

Ҷавон банохост хиҷолат кашида, хомӯш шуд. Баъд идома дод:

Ман ба ӯ фарёдзанон гуфтам: «Ки ки!.. – Духтарро Кики меноманд. – Дарё дамидааст, аз думи ягон говмеш маҳкам дору шино карда ба соҳил гузар!» Вале ӯ дар ҷавоб фақат механдид: «Ту маро беҳуда метарсонӣ, Лакшман, ман дар об моҳӣ барин шино мекунам».

Ҷавон аз нав хиҷолат кашид. Баъд дастҳояшро ба нишони эҳтиром ба сандуқи сина ниҳода гуфт:

– Маъзарат мехоҳам, соҳиб. Ман он қадар ҳам ҳунари қиссагӯӣ надорам, вале ин духтарак воқеан ҳам мисли моҳӣ нозуку мавзун буд.

«Хеле хуб!» ҷавоб додам ба ӯ ва барзаговҳоро пеш рондам. Пеш мерондаму ба қафо нигоҳ мекардам… Бори дигар фарёд задам: «Эй нодон! Ба ту мегӯям, ки аз думи барзагов дору аз қафои ман шино кун!» Вале, албатта, соҳиб, шумо медонед, ки ин занҳо чӣ махлуқе ҳастанд: агар сар фуровардан нахоҳанд, онҳоро маҷбур карда наметавонӣ. Духтар ба кушодани банди сариаш оғоз карду ман ба соҳили дигар шино кардам.

Дар мобайни дарё, ки ниҳоят чуқур буд, ман боз баргашта қафо нигоҳ кардам: духтар дар миёни мавҷҳои об буд. Аввал ба назарам чунин намуд, ки ӯ шино мекунад ва фикр кардам, ки беҳуда барои ӯ нороҳат мешавам. Баъд дидам, ки ӯ тамоман аз ҳолу мадор рафтааст ва ба товусе шабоҳат дорад, ки акнун думи бошукӯҳашро паҳн карда бошаду вале шиддати фаврии бод зебоии онро дарҳам–

барҳам намудааст. Ва дидам, ки ӯ ғарқ мешавад. Чӣ бояд кард? Ба ёрии ӯ бишитобам? Шояд ӯ вонамуд мекунаду баъд ба ҳоли ман механдад? Вале агар ӯ дар пеши назари ман ғарқ шавад–чӣ? Он гоҳ рӯзи ман сиёҳ хоҳад шуд, беҳтараш, бигзор, ба ҳоли ман хандад! Ва ман ба тарафи ӯ шино кардам, оби лойқаи дарё туғён мекард…

Дар ин ҷо, садои ҷавон аз изтироб канда шуд.

Ман дарҳол ба назди ӯ расидам ва ҳарчанд мавриди шӯхӣ набуд, худдорӣ карда натавониста пурсидам: «Ҳа, моҳича, ба хона шино мекунӣ ё рост ба баҳр меравӣ?» Ӯ ҷавоб надод, ба ман часпида хомӯш буд. Ин лаҳза ман мақолеро ба ёд овардам: дар тақдири касе овехтан бошад, ҳаргиз ғарқ нахоҳад шуд, духтарро ба оғӯш гирифтам ва… медонед, соҳиб…

Дар ин ҷо Лакшман сокит шуд ва аз он суханоне, ки дар дилаш садо медоданд, ҳарфе ба забон наовард: «Фақат худи Худованд медонад, ки ман «моҳича»-ро ба оғӯш гирифтам, ё ӯ маро; магар қуввати худи ман барои муборизаи зидди мавҷҳо кифоят кард, ё худи худоҳо ин мавҷҳои саркашро ром карданд?»

Ӯ инро ҳам нагуфт, ки дар соҳил ҳам духтарро дарҳол аз оғӯшаш раҳо накард ва ӯ низ фавран бозувони худро накушод.

Ва ҳатто худи ҳоло, дар толори пур аз одами мурофиа ҳам ба назари ҷавон чунин менамуд, ки Кики бо нигоҳи пур аз миннатдорӣ, чашм наканда, ба ӯ менигарад. Сарии тар ба пайкари мавзуни духтаронаи ӯ часпида буд. Ва ӯ ба назараш мисли олиҳае менамуд, ки бо чашмони ҷоду аз аз қаъри дарё ба соҳил баромадааст.

Ҷавон ба худ омада, идома дод:

– … Бале, соҳиб, ман духтарро ба соҳил баровардаму мехостам равам. Вале ӯ аз дасти ман дошта, бо хиҷолат гуфт: «Подоши некии туро чӣ гуна гардонам?» Чашмонаш пур аз ашк буд. Ман шарм карда, намедонистам чӣ ҷавоб гардонам. Дар ин мобайн барзаговҳо ҳам ба соҳил баромада, чашм аз мо намекананду гӯшҳояшонро сих карда, гӯё ба гуфтугӯи мо гӯш меандохтанд. «Эй хоҳарҷон, маро сар деҳ, набошад, барзаговҳо мегурезанду сипорро мешикананд…» ман мехостам ӯро розӣ кунам, ки чизе лозим нест. Вале ӯ дасти маро сар намедоду пайваста такрор мекард: «Не, Лакшман, ман бояд подоши некии туро гардонам!» Соҳиб, аз афташ, беҳуда нагуфтаанд, ки инсон ҳар қадаре ки хуб бошад, тақдираш ҳамон қадар ҳам бадаст. Ман андешидам: ин духтар дар хонаи бародаронаш зиндагӣ мекунад, зиндагии ман ҳам, соҳиб…

Овози ҷавон аз нав ларзид, вале ӯ ҳаяҷонашро фурӯ бурда,

идома дод:

– Ва дар ҳамон ҷо мо – ҳар ду савганди меҳру вафо ёд кардем. Духтар гуфт: «На модар, на падар, на бародар, на хоҳар – балки танҳо туро муҳофизи худ интихоб мекунам!»

Ҷавон ҳангоми ба забон овардани суханҳои охирин духтар нафастанг шуда, бо мушкилӣ гуфт:

– Аз он замон се чомасу гузашт, соҳиб… Лакшман банохост гирист. Мадораш рафту ӯ ба симҳои қафас такя кард.

Судя супориш дод, ки ба ӯ об диҳанд.

– Мо гуфтаҳои туро бодиққат гӯш мекунем, – гуфт судя, – вале ту ҳанӯз ҳарфе дар бораи ин баста нагуфтаӣ. Ту қонунро вайрон карда, барои фурӯхтани ғалла ба музофоти дигар рафтаӣ. Вале барои чӣ ту ин хокаи зардро бо худ бурдӣ? Дар ин ҷо чӣ иртиботе маҳфуз аст?

– Хуб, ман дар ин бора ҳам нақл хоҳам кард! – Ва гӯё барои ҷамъ кардани тамоми қувваташ Лакшман садояшро паст карда, идома дод: Яъне мо ба ҳамдигар савганд ёд кардему гӯё номзад шудем. Аз рӯи таомул ман бояд ба бародарони духтар сесад рупия тақдим мекардам. Онҳо ҳам мисли ман камбағал буданду Кикиро бепул дода наметавонистанд. Хоҳари қадрасашон се сол боз барои онҳо сарборӣ буд. Аз барои ӯ шуда, яке аз бародаронаш ҳеҷ наметавонист зан гирад: барои маъракаи арӯсӣ пул набуд. Аз ин рӯ…

– Барои чӣ ту издивоҷ накардӣ? – сарфаҳм нарафт судя.

– Ман издивоҷ мекардам, вале аз куҷо сесад рупия пайдо намоям? Мо мехостем худи ҳамон сол издивоҷ кунем. Бародаронаш розӣ шуданд, ки боз муддати каме пулро интизор мешаванд. Аз афташ, инсон тахмин мекунаду Худованд ҳал мекунад. Худи ҳамон сол ҳамаи корро абрҳо ҳал карданд: онҳо пеш аз бҳадар нопадид шуданд. Тобистон хушксолии сахт шуд, ҳамаи ҳосил сӯхт, ҳамаи оилаи мо – модари пирам, бародари хурдиам ва ман дувоздаҳ моҳи пурра нимсеру нимгушна зиндагӣ кардем. Дар ин гуна мӯҳтоҷию бадбахтӣ арӯсӣ аз куҷо! Соли дигар ҳосили хуб гирифтем, ба дусад рупия фурӯхтани ғалла имкон дошт, вале судхӯр филҳол барои гирифтани қарзҳояш омад…

– Ҳамаи ҳосилро гирифт? Баъд чӣ шуд? Хокаи зард ба ин чӣ дахл дорад? – кунҷковӣ кард судя.

– Ана, акнун навбати хока ҳам расид, – гуфт Лакшман, ашкҳои гулӯгираш кардаро фурӯ бурда.

Ҳозирон ба шунидани анҷоми қиссаи ӯ омода шуданд.

– Дар рӯзи иди дивали яке аз занони деҳаи мо ба хонаи волидо-

наш меҳмонӣ омад. Ӯ ба наздикӣ бо яке аз ҷавонони деҳаи ҳамсоя, ки Кики дар он ҷо мезист, хонадор шуда буд. Ман ӯро вохӯрда, Кикиро суроғ кардам. Ӯ гуфт: «Оҳ бародарҷон, духтари бечора бисёр ғам мехӯрад, бисёр гиря мекунад!»

Гӯё оташе вуҷуди маро сӯхт! Худатон андеша кунед, соҳиб. Барои ин духтари бечора зери нигоҳи каҷи синҳорҳояш зистан чӣ қадар мушкил аст. Синну солаш аз арӯсӣ гузашта бошад ҳам, ҳанӯз шавҳар накардааст. Бародаронаш ӯро саросема мекунанду занҳои онҳо ба ҳолаш механданд. Ва Кики тавассути ин зан ба ман ин гуна супориш дода буд: «Агар арӯсии мо баргузор мешуда бошад, фавран хокаи зард фирист, агар не – заҳр!»

Ман фаҳмидам, ки, соҳиб, дигар косаи сабри ӯ лабрез шудааст ва ба ин қарор омадам: хонаамонро мефурӯшам, худамро мефурӯшам, вале рӯзҳои наздик пулро пайдо мекунам. Ва ба ӯ хокаи зард мефиристам.

Дар анборам қариб сию панҷ ман биринҷ доштам. Савдогари ҳамдеҳаам барои ҳар як мани он ба ман аз шаш рупия зиёд намедод. Аммо дар музофоти ҳамсоя нархи он ҳашт–даҳ рупия аст. Дӯкон ҳам давлатӣ аст, аз тарозу намезананд. Ва агар зананд ҳам, баробари савдогари деҳаи мо не, соҳиб.

Дар рӯзҳои дивали ҳамаи одамон хурсандӣ мекунанд, аммо ман дар анбор нишаста, биринҷро дона ба дона баркашидам. Онро дар музофоти ҳамсоя мефурӯшам ва он гоҳ арӯсӣ хоҳам кард. Вале агар дар деҳаи худам фурӯшам – ҳаштод рупияро аз даст медиҳам! Вале, соҳиб, кор ин гуна ранг гирифт, ки ман акнун ҳамаашро аз даст додам.

Ниҳоят, ба ҳозирон маълум гардид, ки барои чӣ ин ҷавон бо худ хокаи зард доштааст. Вале касе ҳарфе ба забон наовард. Судя Лакшманро аз сухан бознамедошт ва ӯ идома дод: Соҳиб, ман фикр мекардам, ки ин биринҷ аз ман аст ва ман дар ҳар куҷое ки хоҳам, онро фурӯхта метавонам. Дар ин ҷо чӣ ҷинояте ҳаст? Магар сарҳади музофоти дигарро гузаштан ҷиноят аст? Вақте ки ман ба ин қарор омадам, аз савдогари деҳаамон ин бастаи хокаи зардро харидам.

Дар рӯзҳои иди дивали одамон говҳоро ороста, дар кӯчаҳо мегардонанд; ҳама дар ин рӯз шодию хурсандӣ мекунанд, вале ману бародари хурдиам… чӣ кардем? Мо дар анбор нишаста, биринҷро ба халтаҳо меандохтем. Ман умед мекардам, ки дар шаби ид хидмат дар сарҳади байни музофотҳо ба ёди сипоҳиён намерасад. Ва барзаговҳоро ба ароба бастам. Пинҳон намедорам,

дилам ноором буд, вале фикр кардам, ки ин ҳолат аз одат надоштанам ба ин корҳо бошад, охир ман пештар ҳаргиз ба чунин кор даст назада будам, шояд барои ҳамин дилам сахт метапад... – Лакшман, мисли ин ки банг кашида бошад, бо мушкилӣ гап мезад. Ман ҳанӯз фурсати аз хати байни сарҳад гузаштан наёфта, тири камон барин садои «Исто!» баланд шуд. Ва гӯё худи худои даҳшатҳо дар рӯ ба рӯям пайдо шуд. Дилам қариб кафида буд. Баъд ман сипоҳиҳоро зорию илтиҷо кардам: «Бародарон! Аз гуноҳам гузаред, монед равам, охир ман ғаллаи худамро мебарам. – Ҳатто ҷанҷол кардам: – шуморо барои нигоҳбонии мо гузоштаанду лекин шумо худатон моро ғорат мекунед. Дар музофоти мо ин қадар нархи паст муайян кардаед!» Вале гапи маро кӣ гӯш мекунад, соҳиб? Дар ҷавоб маро торсакӣ заданд.

Дар ин ҷо ҷавон хомӯш монд, ба қароре омад, ки ин мавзӯъро идома додан ба он мемонад, ки ба говмешҳо «Гита» хонӣ... Ва кафи дастонашро ба нишонаи эҳтиром ба ҳам оварда, бо хоҳиши охиринаш ба судя муроҷиат кард:

–Соҳиб, касе ба ғайр аз Парвардигор, оҳи мо бадбахтҳоро намешунавад. Шумо кайҳо ҳукми худро дар бораи ман баровардаед: ароба, барзаговҳо ва ғаллаи маро мусодира кунанду худи маро ба зиндон баранд. Нигоҳубини модари пирам ва бародари хурдиам ба ӯҳдаи ман аст – бе ман аҳволи онҳо чӣ мешуда бошад? Ман аз шумо фақат як хоҳиш дорам, соҳиб: ба модари ман, ки ҳоло ин ҷост, иҷоза диҳед, ин бастаи хокаи зардро гираду бо суханони вопасини ман ба он духтари бадбахт расонад... – Садои ӯ паст шуд, ба назари бинанда чунин менамуд, ки ҳамин замон аз ҳуш меравад. – Фақат як худи Худованд медонад, ки кӣ гунаҳкор асту кӣ бегуноҳ, вале дар ин дунё... ману ту... дигар во нахоҳем хӯрд... Ба ту ин бастаи хокаи зардро мефиристам, онро бигиру барои худ ягон пуштибони аз ман хушбахттаре пайдо кун... – Ӯ тамоман беҳол шуда ба рӯи фарш нишасту пичирросзанон гуфт: Хушбахт бош! – ва ашкҳояш шашқатор ҷорӣ шуданд.

Ҳарчанд баровардани ҳукми суд начандон вақти зиёдро мегирифт, судя фармон дод, ки хондани онро ба рӯзи дигар мавқуф гузоранд ва аз толор хориҷ шуд. Аз пайи ӯ дигарон ҳам тарки толор карданд.

Дар толор танҳо ҷомадор ва Лакшмани бечора бо хокаи зарди дар рӯймоли рангоранг баста монданд. Ҳатто ҷомадор ҷуръати ба зиндон кашола карда бурдани ин ҷавони бадбахтро, ки ашкрезон мегирист, надошт ва ба ин акнун ҳоҷат ҳам набуд – охир баровар-

дани ҳукми судро ба фардо мавқуф гузошта буданд. Вале ба ҷомадор, ки борҳо шоҳиди чӣ сон анҷом ёфтани ин гуна корҳо шуда буд, ҳамааш пешакӣ маълум буд. Аз ин сабаб ӯ Лакшманро, мисли ин ки ҳукми суд ба иҷро расида бошад, бе он ки умедворие бахшад, тасаллӣ медод:

– Ҳар кор шуданаш мумкин аст, дӯстам! Бархез, худатро ба даст гир… Ман ҳамаашро мефаҳмам, азизам. Бисёр мехоҳам аз худи Худованд пурсам: «Парвардигоро, бигӯй, ки ҷинояткор кист: оне, ки дар ин музофот барои ғалла ин гуна нархи паст муқаррар кардааст, ё оне ки кӯшидааст ғаллаи бо арақи ҷабин бадастовардаашро бо нархи аслиаш савдо кунад?» Дӯстам! Аҷаб коре, – охир ғалларо ту рӯёндаӣ, вале ту дузд ҳастӣ ва оқибати кори ту хароб аст… Ман ҳамаашро мебинам, азизам, ҳамаашро мефаҳмам, вале…

Ҷомадор дид, ки ҷавон вазнин–вазнин нафас гирифта, бо мушкилӣ мисли пирамарди нотавон аз ҷо бархост, беихтиёр фикр кард: «Охир ин деҳқони ҷавону пурқуввате буд. Бубинед, чӣ гуна тағйир ёфтааст! Ҳамаи ин ба хоби мудҳише мемонад…» Вале чун дид, ки маҳкум ба тарафи баромадгоҳ равона шудааст, ҳамон лаҳза, ба худ омад:

– Не, дӯстам, ба он тараф рафтани ту мумкин нест, ту бояд ба тарафи ин дар равӣ… Акнун, азизам, фаромӯш кун, ҳамаашро фаромӯш кун… он дарёро, он духтари бадбахтро, савганди худро, бастаи хокаи зард ва ҳамаи он чизеро, ки, дӯстам, ман ба ту гуфтам, фаромӯш кун!

* * *

***САНКАРАНА КУТТИ ПОТТЕККАТ*** *(1913 – 1982) – носир, ба забони малаялам эҷод кардааст. Муаллифи беш аз 20 китоби ҳикоя, аз ҷумла «Гули товус», «Ёсамини кӯҳӣ», «Ишқи деҳотӣ», «Соҳибҷамоли заҳрогин», «Чодар», «Сазои муҳаббат», «Қиссаи як кӯча» мебошад.*

## НИШАГАНДҲИ

Ман аз ҳамаи гулҳои хушбӯ нишагандҳиро бештар дӯст медорам. Дар Англия ин растаниро «маликаи шаб» меноманд ва ман ягон накҳати дигарро мисли бӯи хуше, ки аз гулбаргҳои хурди ӯ ба димоғ мерасад, дӯст намедорам. Вақте ки аз зулмоти шаб нохост бӯи хуши маликаи шаб, ки дар паси панҷарае, дар гӯшаи ороми боғе, дар пушти девори гилине пинҳонӣ рустааст, ба машомам ме-

расад, дилам лабрези фарах мегардад. Маликаи шаб дар байни гулҳои дигар шабеҳи зани сабукпое аз табақаи ашроф аст. Ӯ рӯзона ба хоби роҳат рафта, фароғат мекунаду шабона одамонро поида афсун мекунад. Бале, ин бӯи афсункунанда беш аз ҳама хоси занони сабукпост.

Вале ман ҳаргиз намегузорам, ки нишагандҳи дар боғи ман сабзад. Дар боғи дӯстдоштаи ман, ки ин қадар гулҳои зиёди зебо рустаанд, шумо онро нахоҳед ёфт. Ин бесабаб нест, чунки бо нишагандҳи як воқеаи кӯҳнаи зиндагии ман сахт иртибот дорад.

Инак, ман ба шумо онро қисса мекунам. Он ҳангом ман дар коллеҷ таҳсил мекардам ва ҳамагӣ ҳабдаҳ сол доштам. Ҳабдаҳсолагӣ барои ҷавонон синну соли хатарнок аст. Ҳарчанд англисҳо онро «ҳабдаҳи дӯстдошта» ном мебаранд, ман мехостам онро «ҳабдаҳи даҳшатбор» номам. Ҷавон, ки вуҷуди ӯ лабрез аз эҳсоси нави номафҳум аст, саропо дар ҳукми ин эҳсосот қарор дорад. Азбаски хаёлпарасту содадил аст, ба иғвоҳои хавфноки ишқӣ кашида мешавад, бемулоҳиза мешитобад ақидаҳои гуногуни расмшударо дар таҷрибаи худ санҷад ва аз ин рӯ ба мушкилиҳои зиёд дучор шуда, барои кунҷковии хеш товон медиҳад; пинҳонӣ ҳамаи духтарони зеборо дӯст медораду чун аз наздик бо онҳо ошно мегардад, зуд дилсард мешавад. Муҳаррирон аз дасти ҳабдаҳсолаҳо оромӣ надоранд. Дар ин синну сол ҳатто кундзеҳнтарин ҷавон ҳам эҳсос мекунад, ки табъи шоирӣ дорад. Пеш аз ҳама ин гуна ҷавонон ба ҳеҷ ваҷҳ материалист набуда, идеалист – пайрави ведоиҳоянд. Ва дар ишқ онҳо идеал меҷӯянд. Шоири ҳабдаҳсола «Налини», ё «Лилу» ва «Виласатхике» –ро аз ҳама беҳтар дармеёбанд. Шоири итолиёӣ Данте барои ӯ – намунаи олии ситоишкунандаи ишқ аст.

Ман аз асрори хеш ҳарфе ба забон наоварда ва аз онҳо иҷоза напурсида, зебоӣ, хулқ ва ишқи бисёр духтаронро амиқ омӯхтам ва ниҳоят ба Малати иттифоқ афтод, ки «маҳбубаи идеалӣ»–и ман шавад. Малати мактаби мутавасситаро хатм карда буд. Ӯ духтари сафедпӯст, хурдҷусса, каме фарбеҳтар буду сандуқи синаи каме барҷаста дошт. Чеҳраи латифу хаёлпарастонаи ӯ ба моҳ шабоҳат дошт, вале он чизе ки диққати маро беш аз ҳама ҷалб карда буд, чашмони махмури ӯ буд. Саропои ӯ нозуку латифу зебо буд. Малу духтари ҷиддӣ буду ҳаргиз намехандид. Ҷиддияти ӯ ба ман писанд омада буд. Духтар бояд ҳамин хел бошад. Он вақтҳо духтарони зиндадили серханда ба ман хуш намеомаданд. Ҳар бегоҳӣ ман бесаброна ларзида, воқеаи бузургеро интизор мекашидам – маҳбубаи

ман бояд домани сабзи аз матои хонабофт дӯхташуда ва нимтанаи сафеди гулҳояш хурд–хурди сурх дар бар, аз назди хонаи мо мегузашт – сараш хам, зери бағалаш бастаи ғафси китобҳо, дар дасташ чатри дастааш пурнақшунигори мисли чормағзи холии кэшу қатъшуда. Ҳатто ба гӯшаи хаёли олиҳаам намеомад, ки ман шабу рӯз дар бораи ӯ фикр мекунам. Вазифаҳои супоришдодаи профессори математика – ҳамаи логарифмҳо, котангенсҳо ва сафсаттаҳои дигарро як тараф гузошта, дар бораи Малати, дар бораи хиромон қадам мондан ва бастаи китобҳои ба сандуқи сина фишурдааш – ба иншои шеър пардохтам.

*Чун пеши бари дамидааш дид,*
*Дар сандуқи сина дил биракҷид.*

Худоё, он ҳангом ман фикр мекардам, ки ин сатрҳо бисёр хубанд. Вале, ҳарчанд ман ба ҳамин мазмун чанд шеър навиштам, вақте ки дар бораи Малати фикр мекардам, кӯшиш менамудам андешаҳои шаҳватомезро бартараф кунам. Танҳо ишқи афлотунии поки илоҳӣ! Ва, албатта, чӣ гунае ки маъмул аст, он оҳанги андӯҳи дунёбезорона дорад. Орзу мекардам, ки мисли Маданан дар бораи ишқи чоранопазир сурудҳои андӯҳовар хонда, оворагӣ кунам. Дар хаёли хеш тасаввур мекардам, ки чӣ хел Малу сарашро мисли «парчами нимафрошта» ба шонаи ман хам мекунад.

Малати дар хонаи дутабақае зиндагӣ мекард, ки онро боғи калон иҳота карда буду дар масофаи ним километр дуртар, дар тарафи ғарбии хонаи мо воқеъ буд. Бо падари ӯ ман саломуалейк мекардам. Ва шояд Малати, ки ҳамеша чашмонашро махмур карда роҳ мерафт, маро тамоман намешинохт. Баъд аз хӯроки чошт ман одатан ба сайругашт мебаромадам. Тангкӯчае, ки аз кӯчаи калон ибтидо меёфт, дар назди «Дарвозаи фил», дар тарафи ғарбии хонаи Малати интиҳо меёфт. Се–чор метр дуртар аз дарвоза, дар як кунҷи иҳотаи боғ нишагандҳи баробари одам қад кашида буд.

Боре ман кашф кардам, ки аз паси ин буттаҳо Малатиро, ки дар назди тиреза нишаста китоб мехонд, хубтар наззора кардан мумкин аст.

Чароғи рӯимизӣ чеҳраи ифоданоки ӯро бармало равшан мекард. Нимтанаи пеши бараш кушода пӯшида буд.

Гесӯвони зебояш мисли ҷуйборҳои байни ду санги кулӯла ба сина ва китфҳояш ҷорӣ шуда, пеши барашро аз назар ниҳон ва сафедии пӯсташро бештар аён мекарданд. Дар назди ӯ рӯи миз кито-

би кушодаи забони англисӣ хобида буд; Малати сарашро ба дасти чапаш такя дода, ба болои миз хам шуда нишаста буд ва бо овози баланд ба хондан, дақиқтараш, ба пичиррос задан шурӯъ кард. Мисли ин ки ба касе муроҷиат мекарда бошад, Малати бо садои паст гуфт:

– Ва Сита ҳам мехост ҳамроҳи Рама равад.

Аз хондани «Рамаяна» бечораро ғанаб бурд. Хоб ӯро сахттар зер кард, сари ӯ мисли паллаи тарозу оҳиста ба миз ҷафс шуд, ҳангоме ки афкораш дар фарозҳои дур парвоз мекард: Малати баноҳост бедор шуда сарашро бардошт. Бо нигоҳи пур аз андеша атрофашро аз назар гузаронид, баъд ба тиреза, ба зулмоти шаб нигоҳ кард. Ман, ки аз паси буттаҳои гул ӯро наззора мекардам, саропои вуҷудам аз раҳму шафқат лабрез гардида буду бисёр мехостам фарёд занам:

– Бас аст, азизам, рав хоб кун!

Вале Малати чашмонашро молида, дубора ба хондан оғоз кард. Ман нафасамро дарун кашида, аз тамошои соҳибҷамоли хоболуди хеш ҳаловат мебурдам. Аз бӯи хуши нишагандҳи сарам чарх зада, дилам сахттар метапид. Ҳар як лаҳзаи дар паси буттаҳои гул гузаронидаам ба ман хурсандии тоза ато мекард. Ситораи ман ба рӯям мерахшиду аз бӯи сархушкунандаи нишагандҳи, мисли ин ки хоби аҷибе медида бошам, сарам чарх мезад.

Баъзан Малати ба забони малаялӣ шеър мехонд, ки бахусус, ин мисраъҳояш басо ифоданок буданд:

*На танҳо модараш, ҳар ошиқи зор,*
*Бихоҳад бӯса аз лабҳои дилдор.*

Оҳ, чӣ гуна бо садои оҳангдораш талаффуз кардани ин мисраъҳоро аз забони худи ӯ шунидан лозим аст. Ман хаёлан лабҳои ӯро мебӯсидам.

Ҳамин тариқ, ман тӯли се моҳ ҳар шом дар даруни буттаҳои нишагандҳи пинҳон шуда, як соати дароз аз тамошои ҷамоли Малати ҳаловат мебурдам. Зебоии Малати ва бӯи хуши нишагандхи барои ман омехта шуда, як чиз менамуданд. Ман ҳам аз бӯи хуши гулҳо фароғат мекардаму ҳам аз зебоии қудсии ӯ.

Мавсими борандагӣ оғоз гардид. Ҳатто борони сел ҳам монеи аз хона баромадани ман шуда наметавонист. Вале вақти боридани борони сел Малати тирезаро мепӯшид. Садои тараққос зада пӯшида шудани тиреза диламро ба дард меовард. Саропо тар шуда,

бо дили пур аз андӯҳ ба хона бармегаштам.

Боре, вақте ки дар даруни буттаҳои гул менишастам, шунидам, ки падари Малати ба бародараш гуфт:

– Фардо ба тоза кардани он кунҷи аз алафҳои бегона пуршудаи боғ сар мекунем. Вақти буридани буттаҳои гул ҳам расидааст.

Дилам ғамгин шуд. Буттаҳоро миқроз мезананду боғро тоза мекунанд ва, эҳтимол дорад, буттаҳои нишагандҳиро ҳам буранд. Онҳо дар ҳақиқат ҳам хеле баланд қад кашида буданд. Агар ман ба ин ҷо барои дидорбинии Малати омада натавонам, минбаъд чӣ гуна зиндагӣ мекунам? Ин ҷо ҳамаи шодиву орзуҳои ман ба ҳам меоянд. Ман мисли паррандаи аз лонааш рондашуда дигар намедонам ба куҷо равам. Чун аз паноҳгоҳам маҳрум шавам, баъд аз ин чӣ гуна аз тамошои ҷамоли Малати ҳаловат барам?

Чорае набуд. Ниҳоят, ман ба қароре омадам, ки ба Малати нома навишта, савгандаш диҳам, ки буттаҳоро аз буридан наҷот диҳад.

Ҳамон шаб ман то соати сеи шаб нишастам ва ана ин сатрҳоро навиштам:

«Маҳбубаи ман!... Инак, ман се моҳ боз дар даруни буттаҳои нишагандҳи, ки дар рӯ ба рӯи утоқи ту мерӯянд, нишаста, ҷамоли туро тамошо мекунам. Ман орзу мекардам, ки солҳои тӯлониро ба ҳамин минвол гузаронам ва ҳеҷ кас, ҳатто ту ҳам аз ишқи хомӯшу бесадои ман хабардор нашавӣ. Вале, афсӯс! «Магар касе аз тақдир гурехта метавонад?» Оҳ, дар ин бора фикр кардан барои ман даҳшатовар аст, вале падари ту мехоҳад, фардо ин гулбуттаҳоро нобуд намояд. Ҷоннисории ихтиёрии ман фарҷом меёбад. Туро савганд медиҳам – буттаҳо ва маро ҳам аз ин бадбахтӣ наҷот деҳ. Дахолати накӯкоронаи ту муҳаббати поку беғаразонаи маро наҷот хоҳад дод. Ом шанти! Ҳамеша зинда бошӣ!

Ғуломи муҳаббати ту.

Имзо.

Бо умеди он ки номаро ба Малати ҳарчи барвақттар супорам, саҳари солиҳон ба хонаи ӯ равон шудам. Барои ба назди Малати даромадан баҳона кофта ёфтам: қаламчаи гули «Шаҳзода Уэлский»–ро аз ӯ хоҳиш карда мегирам.

Дар рӯи ҳавлии Малати ғавғои гӯшношуниде ҳукмфармо буд. Аз тамоми дуру наздик ҳамсояҳо ба тарафи хонаи онҳо медавиданд. Ман анбӯҳи одамонро тела дода, ба марказ расидам ва ба поён нигоҳ кардам.

Дар рӯи замин мори кушташудае мехобид. Дарозии он қариб яку ним метр буд.

Мори афъӣ!

– Ин дӯсти мо дар буттаҳои гулҳои хушбӯи шабона манзил карда будааст. Ба решакан кардани буттаҳо сар кардему чашмамон ба лонааш афтод. Каме чуқуртар кофтему ин соҳибҷамол давида баромад. Ҳеҷ намефаҳмам, ки ӯ ин қадар дурудароз дар ин ҷо чӣ гуна пинҳон шуда бошад. Аммо шумо – ҳамсояҳо дар ин бора чизе намедонистед, – ба ҳаяҷон омада, нақл мекард Велу Асари, ки морро кушта буд. Ба ман чашм дӯхта, илова кард: – Тамошо кунед, ин рахдори пур аз доғро! – Асари чун дид, ки думи мор, мисли ин ки ӯро барқ зада бошад, кашида мешавад, мушавваш шуд. Наход, ин нобакор ҳанӯз зинда бошад? – фарёд зад ӯ ва бо чӯби вазнин боз ба сари мор кӯфтан гирифт.

Косахонаи сари мор кафиду хун ҷорӣ гардид. Ман зуд роҳи гурезро пеш гирифтам. Дар ёдам нест, чӣ хел то хона давида рафтам. Ва ҳанӯз ҳам аз як худи ёдоварии мори афъӣ тамоми баданам мӯрчадавак мешавад. Ман хатарро эҳсос накарда, дар даруни буттаҳо пинҳон шуда, аз зебоии маҳбубаам ҳаловат мебурдам ва тамоми ин муддат дар паҳлӯи ман мори заҳрдор мехобид – аз даҳшат девона шудан мумкин аст! Ҳарчанд кӯшиш кунам ҳам, ин манзараи мудҳишро аз ёдам сутурда наметавонистам – мори афъии омодаи ҳуҷум, ки дар паҳлӯи ман беҳаракат истодааст.

Шабона маро табларза гирифт. Табларза маро торафт сахттар меларзонд. Ман ҳазён мегуфтам, оҳу воҳ мекардам. Ба ман чунин менамуд, ки атрофам пур аз мор аст. Ана, яке аз онҳо болои сари ман баланд мешавад. Морҳо аз тиреза хазида медароянду мебароянд. Дар даруни ҷомадон бо ғадудҳои дамидааш мори афъӣ истодааст. Ва, ана, дар худи паҳлӯи ман мор хобидаасту ғадудҳои дамидаашро ба болои ман хам мекунад.

– Мор, мор! – дод задам ман. Аҳли оилаамон бо чӯбдастҳо давида омада, тамоми хонаро тагурӯ карда, мор кофтанд. Ин лаҳза ба назари ман чунин намуд, ки аз қафо мори афъии калоне бо ғадудҳои дамидааш ба ман наздик мешавад. ман ваҳшиёна дод зада аз ҷоям хестам.

Дар вақти беҳушиам, Малатиро дар шакли мор–духтар дидам. Ман аз дидани чеҳраи дӯстдоштаам шод шудам, вале чун дидам, ки бадани ӯ мисли бадани мор аст, ба даҳшат афтодам.

Варақа як моҳ маро азият дод. Баъди каме шифо ёфтан сайругашт баромадам. Дар айвони хонаи Малати эълони: «Ба иҷора дода мешавад» овезон буд. Аз гуфтугӯи ҳамсояҳо фаҳмидам, ки падари Малатиро ба Каннанор, ба кори дигар гузаронидаанду аҳли оила як

ҳафта пеш аз ин ҷо кӯч бастааст.

Ман дигар Малатиро надидам. Ба қарибӣ ба гӯши ман овозае расид, ки Малати шавҳар ва ду фарзанд дорад. Ва фақат як ҳафта қабл аз ин мактуберо, ки як вақтҳо ба ӯ навишта будам, кофта ёфтаму пора кардам.

Ва ҳанӯз ҳам, чун ба машомам бӯи нишагандҳи мерасад, ёди он ишқи девонавори ҷавонӣ сарамро ба гардиш меорад. Дар олами хотироти ман фавран ду манзара – духтари нимхобу нимбедори китоббадаст, ҳавои пур аз бӯи хуши гулҳои нишагандҳи ва дар айни замон – мори афъӣ бо ғадудҳои дамидааш – намоён мегарданд.

…Ва аз ҳамин тарси бемавқеъ дар боғи ман барои нишагандҳи ҷой нест.

* * *

***КРИШАН ЧАНДАР*** *(1913–1982) – яке аз барҷастатарин симоҳои адабиёти муосири Ҳинд ба забони урду. Муаллифи зиёда аз панҷоҳ китоби роману повесту ҳикояҳо. Дар кори Созмони адибони пешқадами Ҳиндустон фаъолона ширкат варзидааст. Бештари асарҳои ӯ ба забонҳои гуногуни олам тарҷума шуда, ба табъ расидаанд.*

## ШАБИ БАДР

Моҳи апрел расид. Навдаҳои бодомҳо гулпӯш шуданд. Ҳатто дар ҳавои сард ҳам нафаси баҳор эҳсос карда мешавад. Дар зери дарахтони баланди тунг охирин барфпораҳо, ки аз дур ба гулҳои сафед шабоҳат доштанд, ба назар мерасиданд. Дар моҳи май онҳо тамоман об мешаванд ва қолини сабзи майсаҳои махмалин ба рӯи замини хокистарранги тира густарда мешавад. Шохаҳои бодом мисли ангуштаринҳои забарҷаднигин бо меваҳои бешумори сабз ороиш меёбанд. Тумани теппаҳои кабудро печида пароканда мешавад ва дар он тарафи ҳавз, дар пайраҳаи пур аз чанг гӯсфандон ба маосзанӣ сар мекунанд. Баъд чӯпонҳо меоянду зери дарахтони баланди тунг менишинанд ва ба тарошидани гӯсфандон оғоз карда, қабати ғафси гарми зимистонии зардшудаи пашми онҳоро мегиранд. Ҳангоми кор кардан онҳо суруд мехонанд.

Вале ҳоло моҳи апрел буд. Муғчаҳои дарахтони тунг кушода нашуда буданд. Тумани сард аз рӯи теппаҳои дур нопадид нашуда буд. Аз роҳ садои маосзании гӯсфандон ба гӯш намерасид ва дар

рӯи оби ҳавз фонусҳои гулҳои шукуфтаи нилуфари обӣ фурӯзон нагашта буданд. Эҳтимол, онҳо дар ким–куҷои қаъри бетаги ҳавзи обаш сабзи кабудтоб пинҳон шуда буданд. Вақте баҳор биёяд, гулҳои нилуфар мисли кӯдакони шӯхе, ки бозии пинҳоншавакон мекунанд, яке пайи дигаре ба рӯи об мебароянд. Вале дар моҳи апрел дар рӯи ҳавз гулҳои нилуфар намешукуфанд, чунки апрел шаби ниҳоии зимистон аст. Дар ин ҳангом танҳо гулҳои сафеди нуқрагуни бодом мешукуфанду вассалом. Онҳо дар болои оби кабуди сабзтоби ҳавз ларзида–ларзида меистанду баъд сабук парвоз карда, мисли завракчаҳои хурде, ки дар интизори баҳоранд, ба даруни он меафтанд. Ба дуродур чашм дӯхта, дурудароз духтареро дар назди пул интизор кашидам. Шом фаро расида бошад ҳам, ӯ ҳанӯз намеомад. Хонаҳои калони шинокунанда аз байни пояҳои сангини пул хазида, ба тарафи ҳавзи Вулар дур мешуданд. Онҳо ба уфуқ расида, ба назар чун киштичаҳои фарсудаи беэътимод менамуданд. Муддати тӯлонӣ бозии рангҳои ғуруб – тилоӣ, норанҷӣ, сурх, хокистарии сафедтоб ва хокистарии баландро тамошо кардам. Ва якбора торикӣ фаро расид. Дар паси чодари сиёҳи шохаҳои дарахтони бодом пайраҳа нопадид гашт. Дар осмони шабонгоҳӣ нахустин ситора ба нурафшонӣ оғоз кард, ки он ба суруди мусофири дермонда шабоҳат дошт. Шамоле, ки мевазид, сард гардид ва нафаси сарди ӯ рӯи касро ба сӯзиш меовард. Вале баъд моҳ баромад…

Банохост дидам, ки дар нишебии кӯҳ духтаре сабуку бесадо давида меояд. Ӯ ба ман наздик шуда, бозистод. Зуд–зуд ва канда–канда нафас мегирифт. Ӯ бо нӯги панҷаҳояш китфи маро ламс карду сарашро рӯи он гузошт. Ман ба рӯям навозишкорона расидани мӯйҳои сиёҳи дарози ӯро эҳсос кардам.

– Ман кайҳо боз ин ҷо омадани туро мунтазирам.

– Медонам, – ҷавоб дод ӯ хандакунон. – Охир кайҳо шаб фаро расидааст. Чӣ шаби зебоест!

Ӯ бо дастони хурдакаки латифаш маро оғӯш карда, дар ҷояш шах шуд. Ба назари ман чунин менамуд, ки навдаи нозуки бодом бо гулҳои нуқрагунаш оҳиста ба рӯи китфони ман афтодааст.

Мо муддати тӯлонӣ хомӯш мондем. Баъд ӯ аз нав хандиду гуфт:

– Падарам маро то гардиши роҳ ҳамроҳӣ кард. Ман аз танҳо омадан тарсидам. Ман ба ӯ гуфтам, ки тамоми шаб дар хонаи Раҷу сурудхонӣ мекунем. Чунки шабҳои моҳи апрел, ҳангоми шукуфтани гули бодом духтарони деҳаи мо ва ҳамсоядеҳаҳо ҷамъ омада, то субҳидам суруд мехонанду мерақсанду дилхушӣ мекунанд… Ман

мехостам ба назди ту зудтар биёям, вале кори хона бисёр буд… Биринҷ тоза кардан зарур буд… Либосҳои дирӯз шустаи ман ҳанӯз нахушкида буданд, лозим омад, онҳоро дар болои оташ хушконам. Модарам барои ҳезум ҷангал рафту хеле новақт баргашт. Вале, агар ман ӯро мунтазир намешудам, барои ту мавиз, олую зардолуи хушк оварда наметавонистам. Аз ман наранҷ. Рӯй натоб. Охир ман омадам–ку. Имшаб шаби баҳории бадр аст. Биё ба соҳил меравему завраҷеро кушода, дар ҳавз сайру тамошо мекунем.

Мо ба чашмони ҳапмдигар менигаристем ва дар чашмони ӯ нури ишқу зиндагӣ медурахшид. Дар гавҳараки чашмони ӯ моҳи дурахшон акс ёфта буд. Ва ин бадр ба ман мегуфт: «Ӯ рост мегӯяд. Завраҷро бигиру ба он маҳбубаатро нишон ва рост ба миёни ҳавз шино кун. Ин охир он шаби моҳи апрел аст, ки бодом гул мекунад. Вақте ки гулҳои латифи бодом мисли барфрезаҳои сафед тамоми водии Кашмирро гулпӯш мекунанд, иди таронаҳои тарабангез фаро мерасад. Ин духтар хешу табор, дугонаву дӯстон, бародарону хоҳарони хурдсолашро гузошта, дар ин шаби моҳтобӣ назди ту омадааст ва аз ҷону дилаш таронаҳои кашмирӣ фаввора мезананд. Ту гарданбанди сурхро дар гардани ӯ мебинӣ. Инро модараш ба ӯ тақдим карда гуфтааст: «Бирав, духтаракам. Суруд хону хурсандӣ кун, чунки ин нахустин шаби баҳор дар Кашмир аст. Бигзор, ғунчаи лабони ту, мисли гулҳои заъфарон дар шаби бадр барои сурудхонӣ бозгарданд».

Ҳамаи он чизеро, ки моҳ ба ман гуфт, ман дар нигоҳи равшани маҳбубаам хондам. Дар болои дарахте банохост булбул ба сурудхонӣ шурӯъ кард. Дар кадом нуқтаи дури дарё қаиқронон фонусҳояшонро равшан карданд. Аз деҳаи наздиктарин, аз паси дарахтони тунг садои сурурбахши суруд ба гӯш мерасид. Баъд аз деҳаҳои дурдаст, ки дар водӣ ҷойгир шуда буданд, шамолаки сабук садои сурудро ба гӯш овард, ҳатто садои ороми мардон, ханда ва гиряи кӯдак ҳам фарқ карда мешуд. Бӯи дуди оташдонҳо ба димоғ мерасид: занон хӯроки шом омода мекарданд. Ба машомам бӯи моҳӣ, биринҷи ҷӯшондашуда ва сагои хушбӯй расид.

Бале, баҳор дар ҳақиқат ҳам фаро расида буд. Ман дигар наметавонистам, ки озурдахотир шавам, дасти духтарро гирифта, бо садои паст гуфтам:

–Биё, рафта дар ҳавз сайру тамошо мекунем.

Мо аз пул гузашта, қатори дарози дарахтони бодомро паси сар кардем ва марғзори начандон калонро миёнбур карда, оҳиста–оҳиста лаб–лаби соҳили ҳавз қадам задем. Қурбоққаҳо аз даруни

буттазорони соҳил вақ–вақ мекарданд, кирмҳои шабчароғ аҳён–аҳён медурахшиданд. Ҳамаи махлуқоти атроф бо ризоияти ҳамдигар зиндагӣ мекарданд, ҳамаи садоҳо ба ҳам омехта, як оҳанги ифоданашавандаи мӯъҷазеро ба вуҷуд оварда буданд. Дар болои ҳавз моҳтоби рангпаридаи хоболуд истода буду чизеро интизор мекашид… Ба гумонам, дар тӯли ҳазорсолаҳо ӯ чун дӯшизае ки нахустин бӯсаи ошиқонаро мунтазир аст, ин шаби ишқро, ману маҳбубаи маро, мардону занони дигарро интизор мекашид.

Завраки хурдакак ба дарахти зардолуе, ки ба болои оби ҳавз хамидааст, баста шуда буд. Замини ин ҷо бисёр мулоим буд. Мо аз равшании моҳ ба сояи дарахтон паноҳ бурдем. Қурбоққаҳо бе танаффус вақ–вақ мекарданд. Оби ҳавз, мисли ин ки заминро бӯса мезада бошад, навозишкорона ба соҳил бармехӯрд ва садои ин бӯсаҳо ба гӯши мо мерасид. Ман маҳбубаамро ба оғӯш кашида, сахт ба синаам зер карда, бӯсидам. Об бори дигар заминро бӯса заду ман ҳам ҷононаамро аз нав бӯсидам. Вақте ки ман чашмони ӯро бӯсидам, садҳо ҳазор гулҳои нилуфари обӣ аз оби ҳавз сар берун карда шукуфтанд; вақте ки ман рухсораҳои ӯро бӯсидам, садои маҳини бодҳо ба ҳам пайваста, ба суруди бисёровозаи ғулғуладоре табдил ёфтанд; вақте ки ман лабони ӯро бӯсидам, миллионҳо зангӯлачаҳо дар маъбадҳо ҷарангосзанон одамонро ба эътимод ба муҳаббати инсонӣ даъват карданду гулҳои замин, ситораҳои осмон ва абрҳои дар фазо машғули сайр хурсандона арғушт рафтанд. Баъд ман занахдону хами гардани ӯро бӯсидам… Он гоҳ гулҳои нилуфари обӣ аз нав ғунча гаштанду таронаҳо хомӯш шуданд, рақсҳо хотима ёфтанд. Банохост оромӣ ҳукмфармо гашт, танҳо қурбоққаҳо вақ–вақи худро идома медоданду садои навозишкорона ба соҳил бархӯрдани об ба гӯш мерасид. Аммо маҳбубаи ман ба синаи ман такя карда, бо садои паст мегирист.

Ман шитоб накарда, завракро кушодам ва маҳбубаам ба он нишаст. Белҳоро ба даст гирифта, сабук–сабук бел задаму завракро ба миёнаҷои ҳавз равона кардам. Гӯё об дар ин ҷо тамоман шах шуда буд ва завраки мо дар он ҷо беҳаракат меистод. Ман белҳоро ба даруни заврак гузоштам. Ӯ бастаи хурдеро, ки дар он меваи хушк оварда буд, боз кард. Ӯ ба ман чанд дона олу дод ва худаш ҳам хӯрд; олуҳо мазаи ширини туршиомехта доштанд.

– Инҳо аз баҳори гузашта боқӣ мондаанд, – гуфт ӯ.

Ман олу мехӯрдаму хомӯшона ба ӯ менигаристам.

– Вале баҳори гузашта ту дар ин ҷо набудӣ, – бо садои паст гуфт ӯ.

Бале, баҳори гузашта ман дар ин ҷо набудам, вале дарахтони олу, мисли ҳамешагӣ гулпӯш шуда буданд. Аз андаке даст расондан гулҳои онҳо ба замин афтода, чун марворидҳои пошхӯрда ба назар мерасиданд. Ин, баҳори гузашта, вақте ки ман дар ин ҷо набудам, ба вуқӯъ пайваста буд. Баъд ба ҷои гулҳои сафед меваҳои сабзи он падид омаданд, онҳо бисёр турш буданд. Вақте ки онро бо намаку мурч мехӯрданд, забонҳоро ба сӯзиш оварда ва шояд, ҳатто ашкҳоро ҷорӣ карда бошад, вале бо вуҷуди ин, ғӯраи олу дар ин ҷо яке аз хӯрданиҳои лазизтарин аст. Вақте ки ин олуҳои норасида сараввал зард ва баъд сурхи тиллоранг шуда буданд, ман дар ин ҷо набудам. Онҳо мисли ғунчаҳои гул дар шохсорҳо алвонҷ мехӯрданд. Ва деҳқонони қонеъ бо шодмонӣ ба онҳо менигаристанд. Баҳори гузашта, вақте ки дастони зебои маҳбубаи ман ин олуҳои сурхи тиллогунро ҷамъ меовард, ман дар ин ҷо набудам. Бале, ман дар ин ҷо набудам, вақте ки лабони нозуки ӯ ба ин меваҳои хушбӯи сершира мерасиду ҳамин дастони ӯ олуро ба рӯи боми хона мерехтанд, то онҳоро дар офтоб хушконанду то он замоне нигоҳ доранд, ки он баҳор гузараду баҳори дигар биёяд ва ман биёяму мазаи мӯъҷизаосои онҳоро бичашам.

Олуҳоро тамом карда, мо ба хӯрдани зардолуҳо сар кардем. Зардолуҳои хушк аввал чандон мазаи ширин надоранд, вале агар онҳоро тӯлонитар дар даҳон нигоҳ дорию оҳиста–оҳиста бихоӣ, мазаи асалро эҳсос мекунӣ.

– Чӣ қадар мулоиму ширинанд! – гуфтам ман.

Ӯ донаи зардолуро бо дандонҳояш шикасту мағзашро ба ман дароз карда гуфт:

– Ана, инро бихӯр!

Мағзи зардолу мисли бодом ширин буд.

– Ман ҳаргиз ин гуна зардолуҳои хушмаза нахӯрда будам! – нидо кардам ман.

– Ин меваҳои дарахти зардолуи мост, – ҷавоб дод ӯ. – Мо ҳамагӣ як дарахти зардолу дорем, вале меваҳои калону ширин дорад ва вақте ки онҳо мепазанд, ҳамаи дугонаҳои ман дар хонаи мо ҷамъ шуда, хоҳиш мекунанд, ки онҳоро муроот кунем. Баҳори гузашта, вақте ки…

Ва ман андешидам, ки баҳори гузашта ман дар ин ҷо набудам, вале ин дарахти зардолу дар ҳавлии онҳо кайҳо боз руста буд. Баҳори гузашта, ҳамаи шохаҳои онро баргҳои нозуки сабз пӯшида буду баъди чанд муддат дар байни онҳо меваҳои сабзи нӯгтез намоён гашта буданд. Аввал онҳо дона надоранд ва бисёр

туршанд ва маҳз дар ҳамин вақт аз онҳо дар хонаҳои деҳқонон хӯришҳои тунд тайёр мекунанд. Баъд дар даруни зардолуҳои сабз донаҳои мулоим пайдо мешавад. Зардолуҳо ҳанӯз туршанд, вале мағзи он мулоим, ширин, латиф ва аз бодом ҳам бомаззатар аст. Ман дар ин ҷо набудам, вақте ки зардолуҳо аввал сурхи тиллоранг, баъд тамоман сурх шуда буданд; онҳо мисли духтарони кашмирӣ лолагуну зебо буданд. Меваҳои сурхи тиллоранг дар байни баргҳои сабз медурахшиданд. Духтарон дар рӯи ҳавлӣ гирд меомаданд ва ӯ аз бародари хурдиаш хоҳиш мекард, ки ба дарахт барояду барои дугонаҳояш мева чинад. Оҳ, ин зардолуҳо дар баҳори гузашта, вақте ки ман дар ин ҷо набудам, чӣ қадар ширину сершира буданд…

Вақте ки мо зардолуҳоро хӯрда тамом кардем, ӯ аз баста як мушт ҷуворимаккаи бирён баровард. Аз он, чун аз замини навшудгоршуда бӯи гарму ширине меомад. Донаҳои он ба марворид мемонду ҳанӯз ранги тиллогуни худро гум накарда, ҳарчанд дар оташи ангишт бирён карда шуда буд; маззаи онҳо хеле ширин буд.

– Ин ҷуворимаккаи мисрист, – гуфт ӯ. – Ман онро аз ҳосили порсола гирифта, эҳтиёт кардам, дар хумчаи сафолӣ пинҳон карда будам, то ки модарам набинад.

Ман як қатори донаҳоро хӯрдам, ӯ қатори дигарашро ва боқимондаашро ба ман дод. Ман боз ду қатори дигарашро хӯрдаму ҷувориро ба ӯ баргардондам.

Ҳамин тавр мо бо навбат аз як сӯтаи ҷуворӣ, ҷуворибирён мехӯрдем. Ва ман фикр мекардам, ки ҷуворимаккаи аз ҳосили соли гузашта, аз он вақте ки ман дар ин ҷо набудам, боқимонда чӣ гуна бомазза аст.

Вале ту дар ин ҷо будӣ. Падарат заминро шудгор карда, ғалла кишт, абрҳо борон оварданд ва қаламчаҳои сабзе, ки худат онҳоро парвариш кардаӣ, аз замин рустанд. Қаламчаҳо қад кашида, баланд шуданд, баргҳои дароз–дарози онҳо аз вазиши шамол меларзиданд. Ва вақте ки ман дар ин ҷо набудам, ту рафта тамошо мекардӣ, ки сӯтаҳои ҷуворӣ чи хел пайдо мешаванд. Сӯтаҳо бо донаҳои мулоиме, ки пур аз шира буданд, пӯшида шуданд. Ҳамин ки донаро бо нохунат шикофтӣ, ширааш ҷорӣ мешавад. Вақте ки ман дар ин ҷо набудам, аз ин замин чӣ қадар сӯтаҳои мулоиму нозук рустааст. Баъди чанд муддат ширае сафеди даруни онҳо сахт шуду акнун донаҳоро бо нохун шикофтан имконнопазир гардид: ҳар қадар кӯшиш кунӣ ҳам – ҳамааш бенатиҷа аст, фақат нохунатро мешиканию тамом. Ришҳои ҷуворимакка сараввал зард буданд,

баъд тилоранг шуданд ва ниҳоят тамоман сиёҳ гардиданд. Ранги сӯтаҳои ҷуворӣ тағйир ёфт – мисли замин тирананг шуд. Вале ман дар ин ҷо набудам.

Вақте ки ҷуворимакка пухта расид, онро дар ғарамҳои калон ҷамъ карданду барзаговҳоро ба рӯи он ронданд ва онҳо бо сумҳояшон ба майда кардани он шурӯъ карданд. Зимнан, ту ҳам бо дигар деҳқондухтарон сурудҳои ишқӣ мехондию чашми дигаронро дуздида, чанд сӯтаи ҷувориро дар хумчаи сафолин пинҳон кардӣ. Баъд онҳоро бирён карда, барои ман нигоҳ доштӣ. Вале ман дар ин ҷо набудам. Замин буд, ташвиш буд, сурудҳои ишқӣ ва ҷуворибирён буд, вале ман дар ин ҷо набудам.

Ман дигар қудрати дар дил пинҳон доштани хурсандиамро надоштам, ба ӯ нигоҳ карда гуфтам:

– Дар шаби бадр ҳама атроф лабрези зиндагист. Дирӯз ин хел набуд, фақат ҳамин рӯз ин имкон фароҳам омадааст.

Ӯ ба лабони ман сӯтаи нимхӯрдаи ҷувориро наздик овард, ки ҳанӯз нами лабони нозуки ӯро дошт.

– Мехоҳам туро бибӯсам, – гуфтам ман.

– Чиҳо мегӯӣ! – хитоб кард ӯ. – Заврақ чаппагардон ва мо ғарқ мешавем.

– Пас чӣ кор бояд кард? – пурсидам ман.

– Биё, ғарқ шавем, – ҷавоб дод ӯ.

Ман он шаби бадрро ҳаргиз фаромӯш нахоҳам кард. Ҳоло ман қариб ҳафтодсолаам, вале ба назарам чунин менамояд, ки ҳамаи ин гӯё дирӯз рӯй дода бошад. Шояд на ман, на ӯ дигар ҳаргиз дар дил ин гуна ишқи пок напарварида бошем. Қувваи сеҳрноки муҳаббат он вақт моро чунон сахт ба ҳам пайваста буд, ки духтар дигар ба назди волидонаш барнагашт. Ӯ ҳамроҳи ман рафт.

Панҷ–шаш рӯзи аввал мо сармасти муҳаббат дар ҷангалҳо, соҳилҳои дарёҳо ва лаб–лаби ҷӯйборҳо оворагардӣ кардем, ҳама оламро фаромӯш карда, мисли кӯдакони хурдсол дар сояи дарахтони чормағз бозӣ мекардем. Ман дар соҳили ҳавз хоначае харидам ва мо дар он қариб як моҳ хушбахтона зиндагӣ намудем. Баъд ман пайи корҳоям ба Сринагар рафтам ва ваъда додам, ки баъд аз се рӯз меоям. Ва вақте ки рӯзи сеюм бозгаштам, дидам, ки ӯ дар ошхона ҳамроҳи ҷавоне нишастааст. Дар назди онҳо табақи хӯрок истода буду онҳо хурсанду хандон ба даҳани якдигар луқма мегузоштанд. Ман ҳамаи инро ба хубӣ медидам, вале онҳо ғарқи шодмонӣ аз дидор, маро мушоҳида намекарданд. Он вақт ман гумон кардам, ки ин ҷавон шояд маъшуқи ӯ аз баҳори гузашта, ё

баҳори аз он ҳам пеш бошад. Эҳтимол, боз дар пеш бисёр шабҳои бадр бошанд, ки маҳбубаи ман ҳар дафъа онро бо дигаре мегузаронида бошад.

… Ҳамин тариқ, барои ман тирмоҳ фаро расид. Охир тирмоҳ ҳамеша баъд аз баҳор фаро мерасад. Ба хона даромадани ман зарурат надошт ва ман онро ҳамешагӣ тарк кардам, ҳарфе ба забон наоварда, баҳори нахустини худро падруд гуфтам.

Аз он замон чиҳилу ҳашт сол гузашт ва ман аз нав дар он маҳал афтодам. Занам кайҳо фавтида буд. Ҳамроҳи ман писаронам, занҳо ва фарзандони онҳо буданд. Мо саёҳат мекардем ва ба соҳили ҳамон ҳавз омадем, то аз зебоии он ҳаловат барем. Моҳи апрел, бегоҳӣ буд. Ман дурудароз дар болои пул истода, ба дарахтони бодом нигоҳ кардам. Шамоли сард шохаҳои ғарқи гулҳои сафеди онҳоро алвонҷ медод… Аз роҳи пурхок садои қадамҳои ошно ба гӯш намерасид. Вале, инак, духтари зебое, ки дар даст бастаи хурде дошт, намоён гардид.

Ӯ аз назди ман, аз рӯи пул бошитоб гузашта рафт ва дили ман лаҳзае девонавор ба тапиш даромад… Дар деҳаи паси дарахтони тунг зане бо садои баланд шавҳарашро ба хӯроки шом ҷеғ зад… Дар кӯчое даре ғиҷирросзанон пӯшида шуд… Тифли хурде гиристу баъд хомӯш шуд. Аз дудбарои хонаҳои деҳқонон дуд мебаромад. Дар чакалаки дарахтони тунг банохост паррандаҳо пару бол афшонданду баъд боз хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Касе суруд хонд. Садои суруд ба дуриҳо парвоз карду баъд ҳама ҷоро хомӯшӣ фаро гирифт.

Ман оҳиста аз пул гузаштам. Писарони ман бо зану фарзандонашон саргарми сӯҳбат буданду каме қафо монда, аз пайи ман меомаданд. Мо қатори дарахтони бодомро паси сар карда, ба марғзори хурде баромадем. Ана, ба соҳили ҳавз ҳам расидем. Дарахти зардолу дар худи лаби ҳавз рустааст. Ва он чӣ дарахти азимест! Дар назди он, дар рӯи об завраке алвонҷ мехӯрад. Ҳамон бошад, ё дигаре… дар рӯ ба рӯи он хонаи хурде истодааст – хонаи баҳори нахустини ман, хонаи ишқи ман дар он шаби бадр…

Дар хона чароғ месӯзад, аз он садои кӯдакон ба гӯш мерасад. Мард бо садои ғафси гирифта ба сурудан шурӯъ кард. Пиразане ба ӯ дод зада фармуд, ки хомӯш шавад. Дар сари ман фикре барқ зад: «аз вақти ин хонаро тарк гуфтани ман қариб ним аср гузаштааст. Чӣ мешавад. агар вориди он шавам? Ин, охир, кори баде нест. Дар ниҳояти кор, охир, ин хонаи ман аст. Онро дар вақташ ман харидаам. Ман фақат даромада мебинам, ки дар он кӣ зиндагӣ мекунад.

Магар ин ягон ҷои бадӣ дорад?» Ва ман вориди хона шудам.

Кӯдакони зебои солим дар рӯи хона бозӣ мекарданд. Зани ҷавоне дар табақча барои шавҳараш шавла мекашид. Ӯ маро дида, дар ҷояш карахт шуд. Ду писарак аз бозӣ бозмонда, бо тааҷҷуб ба ман чашм дӯхта буданд. Пиразане, ки дар назди сутуни чӯбин рост меистод, бо садои омирона ва хашмгин пурсид:

– Шумо кистед?

– Ин хонаи ман аст, – гуфтам ман.

– Шояд, ин хонаи падари шумо бошад? – тамасхуромез ҷавоб гардонд ӯ.

– Не, аз падари ман не, хонаи шахсии худи ман аст, – бо мулоимӣ ҷавоб гардондам ман. – Ман ин хонаро чиҳилу ҳашт сол қабл харида будам. Ҳоло ман ба ин ҷо тасодуфан, барои тамошо омадаам. Ман шуморо аз ин хона намеронам, ҳаргиз… Шумо метавонед мисли собиқ онро хонаи худатон шуморед. Ман ҳамин хел, барои дидан даромадам, чунки… – ман хомӯш шуда ба тарафи баромадгоҳ ҳаракат кардам.

– Маълум мешавад, ин ту ҳастӣ!.. Аз он замон солҳои зиёде сипарӣ шуданд, акнун туро шинохтан мушкил аст…

Ӯ дурудароз сарашро хам карда, дар назди сутуни чӯбин истод, ман ҳам истода, хомӯшона ба ӯ нигоҳ мекардам. Баъд ӯ табассум карда, ба ман гуфт:

– Даро, ман туро бо оилаам шинос кунам… ана, ин писари калонии ман аст… Ин писари хурдиам… Ин зани писари калониам аст. Ин писарак набераи нахустини ман аст… Ин духтарак ҳам набераам. Ин … шавҳарам. Ш–ш–ш… Ӯро бедор накун. Рӯзи сеюм аст, ки аз вараҷа азоб мекашад. Бигзор, хоб кунад. – Баъд ба тарафи ман баргашта гуфт:

– Хуш омадӣ, чӣ хидмат кунам?

Ман ба ӯ нигоҳ кардам. Баъд ба девор, ки дар рӯяш, ба мех як бандча сӯтаҳои бирёни ҷуворӣ овезон буду донаҳои онҳо ба марворид мемонд, нигаристам. Ӯ нигоҳи маро дарк карда, табассум намуд:

– Ман акнун, қариб, ки дандон надорам ва агар ягонтоаш боқӣ монда бошад ҳам, кор намеояд.

– Ман ҳам ҳамин хел. Дигар донаи ҷувориро газида наметавонам, – арз кардам ман.

Писаронам бо зану фарзандонашон диданд, ки ман вориди хона шудам, ба ман пайравӣ карданд. Ба зудӣ ҳама бо ҳамдигар ошно

шуданд, кӯдакон фавран ҳама якҷоя ба бозӣ пардохтанд.

Ману ӯ ноаён аз хона берун гашта, оҳиста–оҳиста қад–қади соҳили ҳавз равон шудем.

– Ман туро шаш сол интизор кашидам. Ту барои чӣ ҳамон вақт барнагаштӣ? –пурсид ӯ.

– Ман баргаштам… Рӯзи сеюм баргаштам. Вале ту ҳамроҳи кадом ҷавоне будӣ… Ман инро дида, баргашта рафтам, – ҷавоб додам ман.

– Ин номумкин аст! Ту чиҳо мегӯӣ? – хитоб кард ӯ.

– Бале, ту ҳамроҳи ҷавоне нишаста будӣ. Дар назди шумо табақи хӯрок буду шумо ба даҳони ҳамдигар луқма мегузоштед.

Ӯ дақиқае тааҷҷубкунон хомӯш монд. Баъд бо садои баланд ханда кард. Ӯ дурудароз хандид.

– Чӣ шудааст? – пурсидам ман. – Барои чӣ механдӣ?

– Эҳ ту! Охир он ҷавон бародари ман буд. Ӯ ҳамон рӯзе, ки ту бояд despite бармегаштӣ, маро хабаргирӣ омада буд. Ман намондам, ки ӯ равад, то ӯро бо ту шинос кунам, вале ту дигар барнагаштӣ.

Банохост қиёфаи ӯ ҷиддӣ шуду бо садои паст гуфт:

– Ман туро шаш соли дароз интизор кашидам… Вақте ки ту барнагаштӣ, ман бисёр ғам хӯрдам, баъд писарам таваллуд шуд. Писари ту. Вале ӯ баъди як сол фавтид. Ман туро боз чаҳор соли дигар мунтазир шудам, баъд боз шавҳар кардам.

Аз хона писараку духтараке давида баромаданд. Онҳо шӯхию бозикунон ҳамдигарро бо ҷуворибирён зиёфат мекарданд.

– Ин набераи ман аст, – ба писарак ишора карда гуфт ӯ.

– Ана ин духтарак набераи ман аст, – ҷавоб гардондам ба ӯ.

Кӯдакон қад–қади соҳили ҳавз давида рафтанд. Мо дурудароз аз қафои онҳо нигоҳ карда истодем. Баъд ӯ ба ман наздиктар омада гуфт:

– Имрӯз ту омадӣ ва ман хушбахтам. Ман хона, оила ва фарзанд дорам. Дар умри худ ман ғаму шодии бисёре дидаам. Имрӯз ту омадӣ. Ва ин маро як зарра ҳам ғамгин намесозад.

– Маро ҳам. Тамоми ин солҳо ман фикр мекардам, ки туро дигар нахоҳам дид, қарори ман ҳамин буд. Аз ҳамин сабаб ман тӯли солҳои дароз ба ин тараф намеомадам. Вале акнун омадам… Ва аз ин хеле шодам…

Мо хомӯшона дар соҳил қадам мезадем. Кӯдакон аз бозӣ сер шуда, ба назди мо баргаштанд. Ӯ набераи маро ба даст гирифту ман набери ӯро бардоштам. Ӯ ба бӯсидани набераи ман пардохту ман ба бӯсидани набери ӯ. Мо хушбахт будему ба ҳамдигар нигоҳ

мекардем. Дар чашмони оқилонаи ӯ аз нав моҳи бадр нурафшон шуда буд ва ин моҳ ба ман гуфт: «Инсон мемирад,вале ҳаёт ҷовидонист. Баҳор мегузарад, вале баъд аз як сол баҳори дигар фаро мерасад. Гули ишқи як инсон пажмурда мешавад, вале ин эҳсосоти бузург ҷовидон боқист, он ҳиссаи ҷудонашавандаи зиндагист ва аз ин рӯ ҷовидонист. Баҳори гузашта шумо ду нафар дар ин ҷо набудед, вале ин баҳорро якҷоя пешвоз гирифтед. Баҳори оянда шояд шумо дар ин ҷо набошед, вале баҳори нав хоҳад омад. Ва тавъам бо ӯ зиндагӣ, ишқ, ҷавонӣ, зебоӣ ва маъсумият хоҳад омад…»

Кӯдакон аз оғӯши мо худро раҳонида, моро тарк карданд. Онҳо мехостанд дар соҳил давида, бозӣ кунанд. Мо дидем, ки онҳо ба назди ҳамон дарахти зардолу, ки дар наздаш завраки хурдакакро баста буданд, давида рафтанд.

– Ин ҳамон дарахт аст? – пурсидам ман.

– Не, дигараш сабзидааст! – табассумкунон ҷавоб дод ӯ.

* * *

***ХОҶА АҲМАД АББОС*** *(1914 – 1987) – носир ва муаллифи филмномаҳо, роману ҳикояҳои сершумор. Ба забонҳои ӯрду ва англисӣ эҷод кардааст. Филмҳои рӯи навор омадаи ӯ аз ҷумла «Ҷаноби 420», «Овора», «Кӯҳи сиёҳ» маълуму машҳуранд.*

## СУРХ ВА ЗАРД

Деворҳо пурнақшунигор буданд: Кришнаи кабуд, ки бо ҷӯпондухтарони мавзунқомати сафедчеҳра бозӣ мекунад; қуи сафед дар байни гулҳои нилуфари обӣ; шоҳдухтари муғул, ки аз панҷара нигоҳ мекунад ва шаҳсавори ӯ; соҳибҷамоли раҷпутӣ, ки аз тамошои худ дар оина завқ мебарад, – чеҳраҳои зебо, қоматҳои мавзун, чашмони барқпош, мӯйҳои фатила, гулҳои зебо, товусҳои рақсон; ва дар сақфи хона – дучархаи тилоии парони Индра дар масири абрҳои рангоранги дар осмони кабуд шиновар. Ана, чӣ дунёи ҳайратангезеро кулбаи торики Гопал дар худ ғунҷонида буд. Дунёи пурафсуне, ки дар он ҳама чиз аз зебоӣ, накҳати гулҳо ва ишқ нафас мегирад…

Вале, ҳамин ки Гопал сар аз тиреза берун мекард, ҷаҳони тамоман дигареро медид: ҷӯйбори пур аз ифлосӣ дар миёнаи кӯча; саги хурди гаргине, ки аз пайи гурбаи лоғаре медавад;

калламушҳои фарбеҳи хира оромона мегарданд; кӯдаки нимбараҳна дар лаби ҷӯйбор нишаста, қазои ҳоҷат мекунад. Дар назди дӯкончаи бетел чанд нафар ронанда бири мекашиданду ба соҳибаш гапҳои шӯхиомез мепартофтанд. Бачаҳои чиркини ҷулҳундипӯш занҷирвор ба ҳам часпида, «поездбозӣ» мекарданд. Бинои тираи рӯ ба рӯ – корхонаи зарфҳои алюминӣ буда, аз он ҳар рӯзи худо садои тақутуқ ба гӯш мерасад; аз дудбарои он пайваста дуд мебарояд. Вақте ки шамол аз тарафи корхона мевазад, дуд аз ҳамаи сӯрохиҳо ба хона ворид шуда, сиёҳиаш ба деворҳо, либосҳо, ашё менишинад…

Аз ин хотир Гопал ҳамеша тирезаҳоро маҳкам мекунад, то дуд тасвирҳоро хароб накунад. Ба ғайр аз ин, манзарае, ки ӯ аз тиреза медид, ҳеҷ ба ӯ хуш намеомад – нафраташро меовард. Ва агар ба Гопал лозим меомад, ки тирезаро кушояд, фавран боз онро мепӯшид ва дар қалъаи сеҳрангези худ хилватнишинӣ мекард.

Вале имрӯз фавқулода гарм, нафаскашӣ мушкил буд ва Гопал тирезаро боз кард. Якҷоя бо ҳавои серун ба хона дуди сиёҳи корхона ва бадбӯӣ ҳам ворид шуд. Вале, ба ҳар ҳол, ӯ мисли ҳарвақта дарҳол тирезаро напӯшид, баръакс, онро боз монд ва дурудароз, мисли ин ки бори аввал медида бошад, ба чеҳраи одамоне, ки аз тангкӯча мегузаштанд, зеҳн монд.

Гопал коргари корхонаи зарфҳои алюминӣ буд, ки дар рӯ ба рӯ қарор дошт. Вале ӯ боз рассом ҳам буд. Аниқтараш, ӯ рассом буд, вале маҷбур буд барои рӯзгузаронӣ дар ин корхона кор кунад. Зиндагии ӯ аз ду қисмат иборат буд: ӯ маҷбур буд аз бисту чаҳор соат ҳашт соаташро саропо арақшор дар корхонаи гарм гузаронаду то аз ҳолу мадор рафтан дар байни худаш барин одамони сару рӯяшон ифлосу жандапӯш кор кунад. Вале баъд, шонздаҳ соати боқимондаро метавонист, дар олами тасхиркунанда ва зебои хаёл – дунёи зебои орӣ аз бадбӯӣ ва ифлосиҳо, ки дар он фақат чеҳраҳои зебо, марғзорони гулпӯш ва қуллаҳои барфпӯш арзи ҳастӣ мекунанд, гузаронад.

Баъд аз додани иҷорапулии хона ва хӯрокхарҷӣ (рӯзе як бор) ӯ боқимондаи маоши худро ба харидани рангҳо – рангҳои равғанӣ ва обӣ, катону коғаз сарф мекард. Ва расм мекашид. Худоҳоро, ки чеҳраҳояшон аз овони кӯдакӣ барояш ошно буданд, тасвир мекард; сурати занҳои зебоеро мекашид, ки танҳо дар тасаввури ӯ арзи вуҷуд мекарданд; акси гулҳоеро мекашид, ки накҳати онҳоро шамидан боре ҳам ба ӯ муяссар нагаштааст, то чӣ расад ба харидanaшон… Баъзан Гопал дар хобаш манзараи зебоеро мебинаду нисфи

шаб бархоста, фонусро равшан мекунад ва сурат мекашад… Ӯ бо рангҳои сурху зарди баланд дар садҳо катон сурат кашидааст. Агар барои харидани катон пул намеёфт, дар коғаз сурат мекашид; агар коғаз тамом мешуд – дар деворҳо, дар сақф сурат менигошт, ҳатто ягона курсии шикастаи ӯ ҳам пур аз нақшу нигор буд.

Вале ҳамаи он чизе ки Гопал менигошт, ба муҳити атрофи ӯ, ки фақр, меҳнати вазнин, ифлосӣ ва бадбӯӣ ҳукмфармо буд, ҳеҷ муносибате надошт. Ва Гопал тахмин мекард, ки ин зуҳурот ҳаргиз намунаи ҳунари ҳақиқӣ шуда наметавонанд. Ҳунари ҳақиқӣ бояд зебоиро тасвир кунад ва ӯ зебоиро танҳо дар тасаввури худ метавонист дарёбад.

Барои чӣ ӯ расм мекашад? Эҳтимол, худи Гопал ҳам дар ҷавоби ин савол мушкилӣ мекашад. Ягон расми кашидаи ӯ ба савдо нарафтааст, дар ягон намоишгоҳ гузошта нашудааст, дар матбуот ёдовар нашудааст. Касе ҳатто номи ӯро нашунидааст. Вале, ба ҳар ҳол, ӯ барои чӣ расм мекашад? Ин ҳанӯз дар айёми тифлии ӯ оғоз гардида буд, вақте ки падараш дар арафаи идҳо ҳайкалчаҳои хурди сафолини худоҳоро месохту Гопали хурдакак пинҳонӣ рангҳояшро гирифта, дар коғаз хатҳои рангоранг мекашид. Ва баъд дар мактаб ҳам ба ғайр аз расмкашӣ ба чизи дигаре машғул шудан намехост. Муаллими расмкашӣ ҳамеша ӯро таъриф мекард…

Ё шояд барои он бошад, ки Гопал фақир буду дар як тангкӯчаи ифлос, дар кулбаи бадбӯе зиндагӣ мекард ва эҳсосоте, ки дили ӯро лабрез карда буданд, роҳи баромад меҷустанд. Дар дили Гопали фақиру ятим як ташнагии ҳайратангез ба некӣ, зебоӣ ва ишқ маскан гирифта буд; ва танҳо нигораҳои кашидааш метавонистанд ин ташнагиро шикананд. Шояд боз сабаби дигаре ҳам буд. Вақте ки Гопал ҳабдаҳсола буд, ба духтаре, ки дар наздикӣ мезист, ошиқ шуд: духтар соҳибҷамол ва аз оилаи сарватманд буд. Гопали камбағал, ҳатто, дар бораи ӯ орзу ҳам карда наметавонист. Ва ба ӯ дар бораи муҳаббаташ чизе нагуфт; вале оташи ишқ хомӯш нашуд, он дар дилаш фурӯзон буд. Вақте ки баъди гузашти солҳо ӯ аз деҳа ба Бомбай омад, Раҷни кайҳо зани амалдори мӯътабар ва модари чаҳор фарзанд буд. Гопал ӯро аҳён–аҳён танҳо аз дур медид, ҳатто боре ҳам бо ӯ ҳамсӯҳбат нашуда буд. Гопал ӯро олиҳаи худ медонист ва дар нигораҳои худ гоҳ ба шакли Сарасвати, гоҳ ба шакли Шакунтала, баъзан дар либоси шоҳдухтари муғул ва соҳибҷамоли раҷпутӣ тасвираш мекард. Нигоҳи ошиқ ӯро ба тимсоли зебоии ҷовидонӣ, олиҳаи дастнорас табдил дода буд: чашмони оҳумонанд, сарвқад, ангуштони дарозу нозук…

Имрӯз Гопал омодагӣ медид, ки Раҷниро аз нав тасвир кунад. Ӯ мехост тасвири тозаи ӯро ба намоишгоҳе, ки ҳафтаи оянда баргузор мегардид, фиристад. Ин тасвир бояд қуллаи ҳунармандии ӯ, шоҳасаре бошад, ки ҳар касе ба он назар афканад, ба истеъдоди ӯ қоил шавад. Кӣ медонад, шояд ҷоиза ҳам диҳанд? Вале, ростӣ, диққати ӯро на ҷоиза ҷалб мекарду на ташнаи шӯҳрат буд. Ӯ мехост бо ин тасвири Раҷни, ки зебоӣ, ҷавонӣ, дурахши пурҷозибаи чашмон ва андоми мавзунашро инъикос мекард, ишқи дар дилаш маскангузидаро ҷовидонӣ созад, то ҷаҳон аз дидани он моту мабҳут гардаду ба ваҷд ояд… Шояд худи Раҷни ҳам тасвири худро бубинаду эҳсосоти солҳо дар дилаш ниҳондоштаи Гопалро дарк кунад?! Ва инак, ӯ имрӯз ин тасвирро хоҳад кашид.

Катони тозаи таранг кашидашуда дар интизори расидани мӯқалам буд. Вале барои гулгун кардани гунаҳои ӯ ранги гулобӣ лозим буду бадбахтона, он ҳам тамом шудааст. Ва ҳатто барои дар ҷабинаш гузоштани бинди (нишонаи муқаддаси оини ҳиндуӣ) ҳам, як қатра ранги сурх боқӣ намондааст. Хуб, чӣ илоҷ, пас ӯ ба тасвири Кришнаи кабуд – тимсоли ҷавонии ҷовидонӣ, маъсумияти тифлона ва шӯх шурӯъ хоҳад кард… Вале ранги кабуд ҳам намонда буд.

Ё шояд, пуштаҳои сабзро дар партави офтоби ба ғуруб рафта ва духтарони зебои кӯҳистониро, ки кӯза бар сар ба лаби чашма, барои об мераванд, тасвир кунад? Вале ӯ имрӯз ранги сабз ҳам надошт.

Бале, на ранги сурх монда буду на зард, на гулобӣ, на кабуд ва на сабз. Фақат ранги сиёҳ буд вассалом. Ва он ҳам барои он боқӣ монда буд, ки Гопал тамоман истифодааш намебурд: магар бо ранги сиёҳ тасвири зебо кашидан мумкин аст? Ранги сиёҳ – ранги андӯҳ, факр, зиштӣ аст, бо ин ранг на худоҳоро, балки иблисҳо–ракшасҳоро тасвир кардан лозим аст. Ин ранг на барои тасвири Раҷни ба кор мерафту на Кришна ва на шоҳдухтари муғул. Дар бораи тасвири водиҳои сабзи гулпӯш ва ғуруби офтоб ҳатто ҳоҷати гап ҳам нест…

Ин ранг танҳо барои тасвири ин тангкӯчаи зишти нафратоваре, ки ӯ дар он мезист, кор меомад. Ва ӯ ин зиштиро бояд тасвир кунад?! Ҳеҷ гоҳ! Кӣ ба ин баднамоӣ нигоҳ мекунад? Вале ба ҳар ҳол… Имрӯз Гопал, гӯё бори аввал кулбаҳои каҷгаштаи мисли майзадаҳои калавида ба ҳамдигар такякардаро дид; дудбароҳое, ки аз онҳо дуд ба ҳаво мепечад, кӯдаконе, ки дар байни ахлоту дуда бозӣ мекунанд. Бархӯрди барқвори равшаниву торикӣ. Тирезаҳои

хурд дар деворҳое, ки нури офтоб равшанашон мекард, ба чашмони беҳаракати нобиноён шабоҳат доштанду кӯдакони машғули бозӣ – ба арӯсакҳои дасти тақдир, ки сояҳои дарози сиёҳи тӯлкашидаи онҳо ояндаи тираашонро пешгӯӣ мекард.

Ба гурбаи лоғаре, ки саги гаргини пӯстпартофта ӯро дунболагирӣ мекард, нигоҳ карда, беихтиёр қонуни нонавиштаи таййи ҳазорон сол побарҷои ҷангалҳоро ба ёд меорӣ – дасти зӯр болост. Пойҳои сиёҳи аз зери дҳотии чиркин намоёни анбӯҳи коргарони дар муқобил ҷамъшуда – сутунҳои борикеанд, ки ҳамаи бори гаронро мебардоранд. Дудбарои аз болои боми тунукапӯши корхонаи зарфҳои алюминӣ баландшуда ангуштест, ки ба осмон ишора мекунад. Ва дуди сиёҳе, ки аз он мебарояд, ба зуҳури иблис шабоҳат дорад.

Ҳарчанд Гопал тангкӯчаи худро бад медид, ба ҳар ҳол ба ӯ лозим омад иқрор кунад, ки ҳарчанд ин манзара тоқатфарсо бошад ҳам, ба диққат додан меарзад. Шояд ба итмом расидани рангҳои ӯ ҳам тасодуфӣ набошад. Чӣ илоҷ, андеша кард Гопал, ман муддати тӯлонӣ сурати худоҳо ва соҳибҷамолонро кашидам – касе ба онҳо нигоҳ кардан нахост. Ман Раҷниро чун олиҳаҳо парастиш кардам, вале ӯ ягон бор дар бораи ман фикр накард. Ман барои харидани рангҳо то аз ҳолу мадор рафтан меҳнат кардам, гуруснагию бехобӣ кашидам, ҳама чизамро барои ҳунар қурбонӣ кардам, то расми дунёи зебо ва мӯъҷазро кашам. Вале касе хоҳиши ба он назар кардан накард.

Чӣ илоҷ, вақти қасос гирифтан расидааст ва ман қасосамро хоҳам гирифт – бигзор бубинанд, ки рассоми ношиноси фақир чӣ гуна зиндагӣ мекунад. Дар сараш андешае барқ зад – номи ин тасвириояндаи ӯ бояд «Ҷое, ки ман зиндагӣ мекунам…» бошад. Қуттии рангҳоро ба даст гирифта, лӯлачаҳои холиро аз тиреза берун ҳаво доду танҳо як донаи боқимондаи онро, ки пур аз ранги сиёҳ буд, мисли аслиҳа бардошт.

Гопал ду шабонарӯз ҳатто хӯрду хобро фаромӯш карда, расм кашид то чӣ расад ба шустушӯ, либосивазкунӣ, риштарошӣ.

Фақат як андеша, як хоҳиш тамоми вуҷуди ӯро фаро гирифта буд – тасвире офарад, то он дар мағз–мағзи ҷомеа вуҷуд доштани чунин фақр, ин гуна харобаҳои дӯзахмонандро ба чашми мардум аён созад. Ва ӯ на танҳо дар ин сурат харобаҳо ва сокинони онро, балки ба назар чунин менамуд, ки рӯҳи ин дунёи даҳшатангезро ҳам тасвир карда буд.

Нигоҳи нуктабинонаи рассом хеле амиқ буда, ӯ дар байни ин

ифлосиҳо ва фақириҳо одамонро бо умеду андӯҳашон равшан дида буд. Ба назари ӯ чунин менамуд, ки ин кулбаҳои каҷу килеб на аз тахта ва хиштпораҳо, балки аз тақдирҳои шикастаи инсонҳо сохта шудаанд. Ӯ банохост дарк кард, ки ин одамон дар ин ифлосиҳо на бо хоҳиши худ, на барои он зиндагӣ мекунанд, ки ин мувофиқи табъашон аст – ба ин гуна зиндагӣ онҳоро дигарон маҳкум кардаанд. Охир, об аз лӯлае, ки рӯбарӯи дӯкони бетел қарор дорад, дар як шабонарӯз танҳо се соат ҷорӣ мешавад ва он ҳам пагоҳии барвақт, вақте ки ҳамаи занҳо дар ин ҷо ҷамъ омада, қатор навбат меистанд. Онҳо чӣ қадар барои ҳар як қатра об ҷангу ҷанҷол мекарданд. Ба бисёрии ин бечораҳо лозим меомад, ки бо кӯзаҳои холӣ баргашта раванд. Онҳо ҳукуматдорони шаҳрро нафрину ҳақоратборон мекарданд, вале аз ин кӯзаҳои онҳо пуроб намешуд…

Дар расми кашидаи Гопал маҳз пагоҳирӯзӣ акс ёфта буд: занҳо дар назди лӯлаи об навбат истодаанд, яке аз онҳо хам шуда интизор мекашад, аз нӯги лӯла базӯр қатра–қатра об мечакад.

Ӯ ба зиндагии ҷории атроф зеҳн монда, эҳсос кард, ки ҳарчанд ин одамони чиркини жандапӯш бе танаффус ҳамдигарро ҳақоратборон карда, ҷанҷол, баъзан ҳатто занозанӣ ҳам мекунанд, вале дилҳояшон аз сиёҳии ҳасаду бадӣ пок аст; ҳарчанд зиндагии вазнин дошта бошанд ҳам, баъзан табассум чеҳраи онҳоро равшан мекунад, ҳатто механданд. Гопал кӯшиш кард ҳамаи инро дар тасвираш ифода кунад, вале вақте ки корро ба анҷом расонд, қонеъ нагардид – чизе дар он намерасид: табассумҳо, доду фарёду ҷанҷол, бозиҳои тифлон ва, албатта, пеш аз ҳама – умеде, ки бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилиҳо ҳанӯз ҳам дар дили ин одамон лона дошт. Вале ин умедро чӣ гуна ифода кунад?!

Гопал тамоми шаб назди тиреза нишаста фикр кард, вале ягон андешаи наве ба сараш наомад. Субҳ дамиду аҳли тангкӯча бедор шудан гирифтанд. Занон барои об гирифтан қатор навбат истоданд. Бетелфурӯш барои кушодани дӯконаш омад. Коргарон ба тарафи корхона равон шуданд; аз дудбарои корхона дуд баромад. Ҳамаи инҳо дар тасвири ӯ акс ёфта буданд. Вале чун болотар назар афканд, дарҳол дарк кард, ки дар нигориши ӯ чӣ намерасад, – тамоми осмонро шафақи гулгун, мисли ин ки Раҷнии соҳибҷамол аз хоб бедор шуда, ба гунаҳояш сурхӣ молида бошад, равшан карда буд. Зулмоти шаб парешон шуда, бо гулгуншафақ меомехт. Бале, бояд тасвири кашидаи ӯро ҳам бо равшанӣ, умед ба рӯзи нав мунаввар кард. Аз куҷо ранги сурх пайдо кунад? Охир ранги сурх

тамом шудааст ва ӯ барои харидани ранг пул надорад ва каси қарз медодагӣ ҳам нест. Вале ранги сурх ҳатман лозим буд. Ба ёди Гопал расид, ки бояд имрӯз тасвирро ба намоишгоҳ фиристад, вале бе ранги сурх кор ба анҷом намерасад. Вале аз куҷо ранги сурх пайдо кунад? Фақат осмони аз шафақ гулгунгашта ранги сурх дорад… вале дасташ ба он намерасад?

Чӣ чора, наход тасвир нотамом монад? Не, не! Агар он нотамом монад, пас тамоми зиндагии ӯ, заҳмати ӯ беҳосил хоҳад буд. Баъд аз се шабонарӯзи бехобӣ сараш чарх мезад, дасту пойҳояш дард мекард, рӯяш дар оташ месӯхт. Хонаи ӯ, тасвирҳои кашидаи ӯ: Буддои бузург ва Кришнаи худованд, олиҳаҳо Сарасвати, Шакунтала, шоҳдухтари муғул ва соҳибҷамоли раҷпутӣ, гулҳои нилуфари обӣ ва водиҳои сабзу хуррам – ҳамааш аз пеши назараш шино мекарданд, фақат нигориши наваш беҳаракат буд. Ҳамагӣ чанд қатра ранги сурх пайдо кунад – кори он анҷом меёбад.

Чашми Гопал ба пораи оина афтод, ки ба ӯ дар вақти ришгирӣ хидмат мекард. Ӯ акси худро дар он дида, ба даҳшат афтод: ришаш расида, мӯйҳояш дарҳам–барҳам, пираҳанаш пур аз доғҳои ранги сиёҳ, чашмонаш суп–сурх, рӯяш гӯё дар оташ месӯхт…

Дар намоишгоҳ, дар назди тасвири «Ҷое, ки ман зиндагӣ мекунам…», ки соҳиби мукофоти аввал гашта буд, ҳамеша анбӯҳи одамон ҷамъ буданд. Устодон ва ҳунармандон, харидорону савдогарон, соҳибкорон ва ҳунардӯстон – ҳама дар ин ҷо гирд омада буданд ва ҳамагӣ рассомро месутуданд.

– Ана, инро ҳунари ҳақиқӣ мегӯянд!

– Чӣ идроку чӣ эҳсосе!

– Гопал воқеиятро чун дар оина инъикос кардааст.

– Вале дусад рупия барои ин тасвир хеле гарон аст.

– Ҳунар баҳо надорад!

– Бо ҳамин тасвир давраи ҳунари хаёлпарастона анҷом меёбаду давраи тамоман нав оғоз мегардад…– Ин рассом чӣ қадар назари амиқ дорад! Ва ба ҳар як падида чӣ таваҷҷӯҳе зоҳир кардааст!

– Аз афташ барои омӯзиши ҳаёти камбағалон, муддати дарозе дар он ҷо будааст.

– Ҳамааш сип–сиёҳ – чӣ манзараи тира, андӯҳбор ва дардовар аст, ба он нигоҳ кардан мушкил аст!

– Аз ин тасвир андӯҳ меборад, гӯё дар он як тангкӯча не, балки манзараи ҳаёти ҳамаи бенавоёнро тасвир карда бошанд.

– Бале, вале ҳамаи маънии он дар шафақи рӯ ба гулгунии осмон ниҳон аст – он тамоми мазмуни асарро дигаргун мекунад: ҷои но-

умедию афсурдагиро нури умед ишғол кардааст.

– Ранги сурхро моҳирона кор фармудааст!

– Шумо медонед, ин ба рангҳои муқаррарӣ шабоҳат надорад – мисли хун суп–сурх аст.

– Бале, рассом ин рангро огоҳона кор фармудааст – гӯё аз хуни халқ шафақи нав медамад.

– Бубахшед, аз хуни халқ, ё аз хуни рассом?

Ва онҳо бо садои баланд қоҳ–қоҳзанон хандиданд. Касе гуфт:

–Шумо худи рассом Гопалро дидаед?

Ҳама ба чор тараф чашм давонданд: кучост, ӯ кучост?

–Ана, ин кист?

Ҷавонмарди лоғару заифе ба девор такя карда, аз дур ба тасвир нигоҳ мекард.

– Не, ин ӯ нест. Ин ҳеҷ мумкин нест. Наход ҳамин гуна устоди забардаст ҷандапӯш бошад?!

– Ман ба шумо гуфтам–ку, ин худи Гопал аст.

– Магар ин бечора бемор аст, бубинед рангаш паридагӣ, ҳатто зард шудааст. Мисли ин ки дар баданаш хун намонда бошад…

* * *

***РАҶАКЕШОР РОЙ*** *(соли таваллудаш 1914) – яке аз носирони машҳури адабиёти Ҳинд ба забони орӣ, ҳамчунин муаллифи намоишномаҳои якпардагӣ ва ёддоштҳо.*

## ТОҶИ АРӮСӢ

Хоҳари ман Рекҳа сарашро хам карда, чорзону дар назди оташи қурбонгоҳ нишаста буд. Дар паҳлӯи ӯ – болои тахти арӯсӣ, домод Маҳендра менишаст. Гӯё интизори хастакунанда поён надошт. Ва инак, лаҳзаи тантанавӣ фаро расиду пандити хонаи мо ба падари арӯс бо чунин суханон муроҷиат кард:

– Барои бастани ақди никоҳи ин ду нафар ман худованд Ҷаганнатхро ба шоҳидӣ даъват мекунам. Ҳамаи андешаҳои дигаратонро як тараф гузошта, ба ӯ ибодат кунед. Бо дили пур ва эҳсосоти пок аз пайи ман такрор кунед: «Бигзор, ин шавҳар ба занаш аз ин лаҳза то ҷовидон тааллуқ дошта бошад!»

Падарам аз рӯзадории маросимӣ ва андешаҳои талх дар бораи ҷудоии дарпешистода бо духтари дӯстдоштааш, ки имрӯз ӯро ба дасти кас месупурд, сахт хаста шуда буд ва ҳеҷ ба ӯ муяссар на-

мешуд, андешаҳои худро ба ҷониби худованд Ҷаганнатҳ – ба саллаи сурх ва дастони тавонои ӯ равона созад. Барои худо хуб аст – дар қурбонгоҳи маъбад, ки аз қурбонгоҳи арӯсии Рекҳа навад мил дур аст, роҳат мекунад.

Пурохити дигар – оне, ки бо меҳмонҳои домод омада буд, гӯши росташро бо дасташ дошта, бо садои баланд нидо намуд:

– Оҳ маҳопатра, дар ин ҷо саҳв рафтааст! Падари арӯсро ин гуна роҳнамоӣ кардан нашояд. Касе инкор карда наметавонад, ки дар тахти арӯсӣ шахси асосӣ – домод аст: ӯро беҳуда бо либосҳое, ки қаҳрамонони қадима мепӯшиданд, наоростаанд. Арӯс дар назди ӯ нишастаасту ба занӣ, ба ӯ бахшида мешавад. Худованде, ки бояд ҳама андешаҳои худро ҷониби ӯ равона кунанд, на Ҷаганнатҳ, балки Бишвешвар аст. Аз қадимулайём дар деҳаи домод маҳз ба ӯ саҷда мекунанд. «Бигзор ин зан ба шавҳари худ тааллуқ дошта бошад», – ба падари арӯс ин суханонро гуфтан зарур аст. Ва магар калимаи «ҷовидон» дар навиштаҳои муқаддаси мо маънои дувоздаҳ солро надорад? Худовандо, навхонагонро аз ин бадбахтӣ наҷот деҳ! Бояд гуфт: «ҳам дар ин ҳаёташон ва ҳам дар таваллудҳои дигарашон».

Ман ба падарам нигоҳ кардам. Чеҳраи аз рӯзадорӣ ва бедорхобӣ хастааш возеҳ шаҳодат медод, ки ӯ ҳоло на қудрати ба Ҷаганнатҳ саҷда кардан дораду на ба Бишвешвари ношинос. Магар ҳинду ҳуқуқ надорад, ки аз миёни ҳазорон худо, бо хоҳиши худаш, ба яке аз онҳо саҷда кунад? Падарам майли итоат кардан ба фармудаи бараҳманҳоро надошт. Ӯ вақте бо нияти ба назди оташи қурбонгоҳ рафтан аз ҷояш бархост, дид ки занаш, ки дар паҳлӯяш нишаста буд, мехоҳад ба ӯ чизе бигӯяд.

– Ба онҳо сарукор нагир, – пичирросзанон гуфт ба шавҳараш модари арӯс. – Бигзор, чизе, ки мехоҳанд, гӯянд. Муҳимтар аз ҳама ақди никоҳ аст, дигараш – баъд… Ҳозир давраи ҷанг аст, наметавонӣ велосипеди ба домод ваъдакардаро пайдо кунӣ. Ту ин ҷавобро ба онҳо бигӯ: нест, яъне дар ҳеҷ куҷо намефурӯшанд… Фақат шитоб накун, бигзор аввал никоҳ банданд. Фаромӯш накун, боэҳтиёт бош…

Падарам ҳамаашро дар ёд дошт. Одамони содиқи ӯ хабар расонданд, ки домод ба сартарош Сапан якравӣ карда, фаҳмидан мехоҳад, ки дар ягон ҷои хонаи хусураш велосипеди напа–нави нилгун дидааст ё не. Агар ин хел бошад, албатта, падарам ҳам мехост, ки никоҳ ҳарчи зудтар баста шавад.

– Баҳс кардан лозим нест! – бесаброна пандитҳоро боздошт ӯ. –

Ман ҳам ба ин худо ва ҳам ба он худо саҷда хоҳам кард. «Бигзор домод ба арӯс ҳам дар ин зиндагӣ ва ҳам дар зиндагиҳои дигарашон тааллуқ дошта бошад!» – ӯ суханони заруриро ботантана, ба он шакле, ки худаш тартиб дода буд, ба забон овард.

Ҳар ду пандит, мисли сагҳое, ки ҳангоми ба онҳо об пошидани писарбачаҳои шӯх думҳояшонро дарҳам мекашанд, хомӯш шуданд.

– Гуфти шумо шавад! – ба аломати ризо сар ҷунбониданд онҳо. – Маҳз ҳамин хел бояд гуфт. Ҷаноби Кришна–бабу тартибро медонад, ӯ беҳуда солҳои тӯлонӣ дар хидмати полис набуд.

– Шумо аҳли деҳа ҳастед ва мушоҳида накарда наметавонед, ки, – ҳавобаландона сухан оғоз кард пандити мо ба рақибаш рӯ оварда, – вақтҳои охир корҳои ҷиноӣ дар деҳаи мо хеле кам шудааст. Ва ҳамааш ба шарофати Кришна–бабуи мо: ӯ бо одамонаш тамоми музофотро тоза кардааст.

«Онҳо боз чӣ қадар баҳс мекарда бошанд? – оташин шуда меандешидам ман. – Аҷаб мардуми беэҳсоси аз одамгарӣ дуранд! Магар онҳо намебинанд, ки арӯс тамоман хастаю бемадор нишастааст, ду рӯз боз ҳатто шабнами рӯи барги гули лоларо ҳам ба даҳон набурдааст. Ва тамоми ин муддат кампирҳои раҳмдили ҳамсоя чун магасе, ки ба асал мечаспад, якравӣ карда ба ӯ мегуфтанд: «Аз афташ, духтарам, шод ҳастӣ, ки шавҳардор мешавӣ? Магар ҷудоӣ аз падару модар дили туро ғамнок намекунад? Наход дилат намесӯзад? Охир онҳо туро хӯронданд, пӯшонданд! Хонаи падару модарро тарк кардан хеле мушкил аст…» Рекҳа аз он духтароне нест, ки бо ҳар сабабе гиря кунад, Вале ин пурсуҷӯҳои бераҳмона охир кори худро карданд: хоҳарам бо садои баланд гирист ва баъди он муддати дароз ором шуда натавонист.

Ба болои ҳамаи ин, Рекҳаро ба оташи қурбонгоҳ, ки хеле сӯзон буд, бисёр наздик нишонда буданд – пандитҳо саховатмандона ба он равғани зард мерехтанд. Ҷабини хоҳарам аз гармӣ сурхи сиёҳтоб шуда, шӯълаи оташ чашмонашро хира гардонда буд; сурмаи чашмонаш об шуда, ба рӯяш ҷорӣ шуд. Рекҳа чандин соат боз беҳаракат нишаста, кӯшиш мекард ба ғурунгоси манқамонанди пандитҳо сарфаҳм равад. Аён буд, ки баъд аз лаҳзае ӯ аз ҳуш хоҳад рафт: ман дидам, ки зани Сапан, ки дар наздикии Рекҳа менишаст, барои он ки наафтад, Рекҳаро аз китфаш оғӯш кард.

– Оҳ маҳопатра! – косаи сабрам лабрез шуда, гуфтам ман. – Агар худи шуморо дар ҳамин гуна гармӣ ба халтаҳои ҷутӣ печонда, ба саратон парвезан пӯшонанду маҷбур кунанд, ки чанд соат

дар назди оташдони пур аз оташ, баъд аз ҳар ду дақиқа ба таъзимҳои дигарон ҷавоб гардонда нишинед, чӣ мекардед? Шояд он вақт ба ёдатон на Ҷаганнатҳ мерасиду на Бишвешвар. Бас аст масрафи беҳудаи вақт, зудтар хотима диҳед!

Ин густохии гӯшношуниде буд. Падарам ба тарафи ман нигоҳи ҷиддӣ афканда, фармуд, ки баромада равам. Ноӯҳдабароии падарам қаҳри маро оварда буд. Ӯйи ҳамеша боҷуръату босубот дар ин ҷо – дар арӯсии духтари худаш тамоман ба одами дигар табдил ёфта буд. Ман фармони ӯро рад карда, ҷоямро тарк накардам. Пурохитҳо ба риштаҳои барои ман нафратовари гарданашон даст зада, айнан мисли ду дурбас ҷиддию бераҳмона ба истинтоқи ман шурӯъ карданд.

– Он оташдони гарм, ки мегӯӣ, куҷост? – ҷиддӣ пурсид яке.

– Чӣ, шумо гумон мекунед ин оташ мисли пиряхҳои қутби Шимол сардӣ меорад? – ҷавоб додам ман.

– Дар зери мафҳуми «парвезан» чиро дар назар дорӣ? – даҳонашро ба тарафе каҷ карда, пурсид пандити дигар.

– Ана, ин ба андешаи шумо, чист? – густохона ба тоҷи арӯсии домоду арӯс ишора кардам ман.

– Бо ибораи «халта» чӣ гуфтан мехостӣ?

– Охир шумо ба либоси арӯсии арӯс нигоҳ кунед! – ба аксуламали бадхашмонаи онҳо аҳамияте надода, хитоб кардам ман. – Магар шумо намедонед, ки ин либос мисли халтаи ҷутӣ гарм аст? – тан намедодам ман.

– Ӯро бубахшед! Ӯ ҳанӯз кӯдак аст, ӯ ба оинҳои қадимаи мо сарфаҳм намеравад, – гунаҳкорона ба забон овард падарам.

Ин кӯдак инсонест биступанҷсола, соҳиби маълумоти олӣ ва бо тасаввуроти мукаммал дар бораи зиндагӣ, аз дил гузарондаи ман.

Барои бартараф кардани ноҳинҷории пайдошуда, падарам ба пандитҳо пан пешниҳод кард. Ҳар ду фавран як порча пан гирифта, ба даҳон андохтанду бо қиёфаи қаноатмандона ба хоидан пардохтанд.

Маросим анҷом ёфт ва хоҳарам нафаси сабук гирифт. Рекҳа дар як гӯшаи ороме ҷой гирифту бо ишора маро ба наздаш хонд.

– Оҳ, ман чӣ қадар хаста шудаам! – бо садои паст шикоят кард ӯ.

Рекҳаро бо ороишҳои қиматбаҳо, ки барои арӯсиаш фармуда буданд, пероста буданд, дар камарбандаш – қабзаи алафҳои хушбӯй, дар чеҳрааш осори хамираи сандал ва хокаи сурх, вале худаш, ба назари ман, чандон хурсанд наменамуд. Ҳамагӣ як соат пеш ӯро ҳалқаи танги хешу табор ва дӯстонаш иҳота карда буд.

Аммо ҳоло ӯро ҳама тарк ва фаромӯш кардаанду дар кунҷи хона танҳо нишастааст. Худо медонад, имшаб – шаби арӯсиаш, дар сари ӯ чӣ андешаҳое чарх мезад. Хонаро чароғи сиёҳи сафолин равшан мекард. Субҳ наздик меомад, қисмати шарқии осмон оҳиста–оҳиста равшан мегашт. Ба рӯи тахти арӯсӣ нури нилгун мерехт, гӯё худи осмонҳо ба ин издивоҷ фотиҳаи нек медоданд. Дар хона оромӣ ҳукм меронд, ҳама дар хоб буд, танҳо Рекҳа бедор буд. Гуё ӯ баояндааш, ки саршор аз шодию ғам, хандаю ашк, некию бадӣ буд, кунҷковона нигариста, ҳамаашро аз худи тақдираш пурсуҷӯ мекард… Дар болои тахти арӯсӣ фонуси карбидӣ, ки ба он парвонаҳои бешумори мурда часпида буданд – вопасин нури тантанаи бошукӯҳи чанд соат пеш баитмомрасида хира месӯхт. Нақшунигори сеҳрноки бо хамираи сандал ва шангарф кашидашуда, чароғҳои сиёҳи равғани зард пуркардашуда – ҳамааш дар зулмоти шаб нопадид гашта буд.

– Рекҳа, вақте ки аз ин ҷо рафтӣ, моро фаромӯш намекунӣ? – навозишкорона пурсидам ман аз хоҳарам. Садои ман канда мешуд, ман ин саволро бо мушкилӣ ба ӯ додам. Рекҳа фавран ҷавоб дод, гӯё онро мунтазир буд:

– Ту чиҳо мегӯӣ! Ман магар фаромӯш карда метавонам? Бигӯ, шумо ҳанӯз ҳам барои ӯ дучарха нахаридаед? Ӯ чунон худхоҳ аст ки… Агар дар Калкутта пайдо карда натавонед, инро ба ӯ фаҳмонда, пулашро диҳед. Маро дарк кун, ман намехоҳам тамоми умр таънаҳои беохир шунвам, ин маро мекушад…

Ӯ хомӯш шуд.

– Магар ин рост аст, ки шумо тӯҳфаҳои арӯсиро ба мо додан намехоҳед? Ҳама чизеро, ки ба ҷиҳоз дахл дорад, рӯйхат кардан лозим аст. Ман бояд ҳамаашро донам – зиндагииояндаи ман ба ин сахт вобаста аст.

Чеҳраи Рекҳа мисли пештара аз муҳаббату меҳрубонӣ медурахшид, вале ман ботини худро, мисли кӯзаи кафидаи сафолин, ки об надорад, тиҳӣ эҳсос кардам. «Ана, ҳамааш тамом шуд – ин андеша дар сарам барқ зад. – Риштаи нав дили хоҳарамро бо дили дигаре чунон маҳкам бастааст ки… Ва магар ман ба ин муқобил ҳастам? Бигзор, садоқати ӯ ба шавҳараш ҳаргиз сарҳад надошта бошад. Вале магар асрорангез нест, ки ҳамаи муҳаббат, ҳамаи дилбастагии айёми тифлӣ ва ҷавониро, ки ҳаждаҳ соли дароз пойдор мегарданд, чун ҷои онҳоро робитаҳои нав гиранд, дар як соат фаромӯш мекунанд? Маълум мешавад, ки Рекҳа вақт медонад, ки шавҳари ӯ худхоҳ аст, ҳарчанд то арӯсӣ ӯро ягон бор надидааст ва

дар маросими арӯсӣ ҳам бо ӯ ҳарфе нагуфтааст». Вақте ман кӯшиш мекардам ба ӯ фаҳмонам, ки барои чӣ мо ҳоло ба ӯ тӯҳфаҳои арӯсиро дода наметавонем, дар чашмонам ашк ҳалқа зада буд.

– Ман намехостам аз ҷузъиёти ин кор туро хабардор кунам, Рекҳа, – намехостам табъатро хира кунам. Ту медонӣ мо дар арӯсии ту чӣ қадар хароҷот кардем? Оилаи мо қариб батамом муфлис шудааст, ба мо лозим омад, ки ҳаждаҳ акр заминро ба гарав гузорем. Модарам инро ҳанӯз намедонад, ҳатто, аз гуфтан ба ӯ метарсам. Тӯҳфаҳоятро ту каме дертар мегирӣ, ҳамааш ҳамин. Падару модарам ба ту ваъда кардаанд, ки ҳар сари моҳи соли аввали хонадориат ба ту либоси нав фиристанд. Ва ман ҳам аз байни ғарами тӯҳфаҳо дувоздаҳ адад сару либосро бо ҳамин мақсад як тараф гузоштаам. Мо онҳоро ҳар сари моҳ ба ту хоҳем фиристод. Ту бояд дарк кунӣ, ки мо дигар пул надорем…

Намедонам, ки Рекҳа мақсади маро фаҳмид ё не – дар ҷавоб фақат оҳи сард кашид.

Вақти видоъ ҳам фаро расид. Рекҳа дар даруни тахти равон талх мегирист, ашк аз чашмони сип–сиёҳи ӯ шашқатор ҷорӣ буд:– Модар, модарҷон! Ман аз назди ту ба ҳеҷ куҷо намеравам! Падарҷон, нагузор, ки ман равам! Охир ту чаро маро аз хона меронӣ, бародари ба ҷон баробари ман!

Дили нозуки духтаронаи ӯ ҳеҷ таскин намеёфт. Садои гиряву нолаи ӯ боз то дер гоҳ дар гӯшҳои ман садо медод, ҳатто баъди он ки хомӯш гашта буду мисли ин ки аз дарди шадид бошад, аз ин тараф ба он тараф алвонҷ хӯрда, бесадо мегирист. Падарам дар ҳеҷ куҷо наменамуд, модарам мисли мурда дар хонаи хобаш мехобид. Ман ба бародари хурдиам фармудам аз модарам бохабар шавад ва ба ҳаммолон амр кардам, ки ҳаракат кунанд. Ман гӯё аз ғаму андӯҳ ба санг табдил ёфта будам, ёди ҳама чиз бо ҳам омехта, дар сарам чарх мезад: дар пеши чашмонам Рекҳаи собиқ истода буд, Рекҳаи тифл, кӯдаки ғалатии ҳалим; ман шӯхиҳои кӯдаконаи ӯ, суханони хандаовару дилкашашро ба ёд овардам… Банохост ман дидам, ки падарам аз гаронии ғаму андӯҳ калавида–калавида ба назди тахти равон омад, то бори охирин бо духтари ягонааш видоъ кунад. «Падар!» – ба чашмони азияткашидаи ӯ нигоҳ карда, хитоб кард Рекҳа. Вале ӯ ашки чашмонашро пинҳон дошта ва суханонеро, ки ҳеҷ ба духтараш гуфта натавонист, зери лаб пичирросзанон такрор карда, дигар аз назди ӯ гузашта буд:

– Духтаракам, духтараки хурдакаки ман… Бирав, рафтанат зарур аст… Ба пешвози тақдират равон шав…

Ниҳоят, иштирокдорони маросим ҳаракати рафтан карданд ва ҳаммолон сурудхонӣ оғоз намуданд. Ҷойҳои ошно яке пайи дигаре дар қафо мемонданд: марғзоре, ки ману Рекҳа ҳангоми кӯдакӣ бозӣ мекардем, дарахте, ки дар сояи он ӯ дарс тайёр мекард, дар зонуи модарам менишаст. Ман баробари тахти равон аз дастаи дараш дошта, қадам мезадам – мехостам то худро каме ба даст гирифтани хоҳарам ҳамроҳаш бошам.

Оҳиста–оҳиста дарди ҷудоӣ дар дили Рекҳа фурӯ нишастан гирифт. Ӯ ашки чашмонашро пок кард. Ба ман чунин намуд, ки ӯ чизе гуфтан мехоҳад, вале ҷуръат намекунад.

– Бародарҷон, ту ба ман нома хоҳӣ навишт, ҳамин хел не?.. Гӯш кун, Гунаппа ба ту чизе нагуфтааст? – садои каме хиҷили хоҳарам ба гӯшам расид.

Ман пай бурдам, ки ӯ чӣ гуфтан мехоҳад. Маҳендра – шавҳари Рекҳа дар шаҳр кор мекард ва арӯсашро ба деҳа – назди волидонаш бурдан намехосту ҳамроҳи занаш мехост дар шаҳр зиндагӣ кунад. Барои ҳамин ба ӯ пул лозим буд. Рекҳа, намедонам бо кадом роҳ, инро фаҳмидаасту рӯйрост ба ман гуфтан нахоста, аз духтархолаамон Гунаппа хоҳиш кардааст, ки инро ба ман расонад.

Ман ҳамагӣ панҷоҳ рупия доштам ва дере андеша накарда, онро ба хоҳарам дароз кардам. Рекҳа шитобон пулҳоро пинҳон карду боз ба гиристан идома дод, мисли ин ки аз ашкҳои охирини боқимондаи худ халос шудан мехоста бошад.

– Нороҳат нашав, ман баъд аз як моҳ пулҳоятро ба ту пас мефиристам.

– Арзиши нороҳат шуданро надорад! – эътироз кардам ман.

Барои ман ҳанӯз ҳам ин сир, ки Рекҳа чӣ гуна фаҳмида бошад, ки ба шавҳараш пул лозим аст, махфӣ мондааст. Шояд барои он ки ман ҳанӯз муҷаррад ҳастам? Шояд барои он ки дилҳои онҳо акнун ҳамоҳанг, мисли як дил метапанд? Хуб аст, бигзор чунин бошад!

Зиндагии Рекҳа бо шавҳараш хушбахтона буд. Ман масъулияти бародариро бо ҳавсалаи том ба ҷо меовардам: гоҳе ман барои ӯ, на дар ҳар кучо, балки фақат дар Берампур сари, гоҳ аз ҳавзҳои Чилкия харчанг, ё аз дарёи Прачи моҳӣ мефармудам; баъзан модарам аз ман хоҳиш мекард, ки аз Калкатта барои духтараш мева биёрам, ё Рекҳа банохост хостааст, ки меваи норасидаи дарахти нонро аз боғи заминдори деҳаамон чашад. Ман инро кори мушкил намешумурдам ва аз хидмат ба хоҳарам мамнун будам.

Рекҳа аввал зан, сипас модари соҳибэҳтиром гардид. Мувофиқи расму оин онҳо ба хонаи мо ба меҳмонӣ омаданд. Вақте ки

хоҳарзодаи ман бисту якрӯза шуд, ман ба гарданаш занҷираки тило андохта, чеҳраи хурдакаки суп–сурхашро сила карда, модари хушбахташро нимғурма табрик гуфтам. Вақте ки Рекҳа ба кучоe баромада рафт, ман пайти мувофиқ ёфта, ба модарам шикоят кардам:

– Намедонам, ин Маҳендра чӣ гуна одам бошад: якуним сол боз ҳеҷ не, ки қарзи маро баргардонад. Охир ин бевиҷдонист!

Модарам ҳаросон даҳони маро бо кафи дасташ пӯшонд: домодамон дар хонаи шафат буд ва мумкин буд овози маро шунавад.

– Шарм намедорӣ, ки ин ҳарфҳоро мезанӣ? Барои чӣ ӯ бояд пулатро баргардонад? Ман ба ту ду баробар зиёд медиҳам…

Ман дар ҷавоб чизе нагуфта, фақат туршрӯёна нигоҳ кардам. Модарам мӯйҳои маро титу парешон карду бо садои таънаомези меҳрубононаи гилаомез гуфт:

– Магар пул ҷои ҳама чизро мегирад? Андеша кун, ки Рекҳа барои ту кисту ту барои ӯ кӣ ҳастӣ, кӯдаки нодонаки ман!

Даҳони хурдакаки хоҳарзодаи ман ба меваи сершираи расида шабоҳат дошт – дар дили кас хоҳише пайдо мешуд, ки ба он даст расонад.

«Модарам намефаҳмад, ки ин ҷаҳон як арсаест ва дар он касе бурд мекунад, ки пул дошта бошад. Ӯ бо дили пур аз меҳраш инро ҳаргиз дарк нахоҳад кард. Вале ин чиз вуҷуд дошт ва ба андешаи ман, дар мамлакати мо ҳамеша боқӣ хоҳад монд».

Ақли писараш ҳаминро мегуфт. Дилаш бошад, илова кард: «Эҳтимол, дили ҳамаи модарони рӯи замин ҳамин гуна бошад».

* * *

***РАҶЕНДАР СИНГҲ БЕДИ*** *(1915 – 1984) – носир, драматург буда, барои филмҳои зиёд матн навиштааст. Асарҳояшро ба забони ӯрду таълиф намудааст. Чандин маҷмӯаи намоишномаҳо ва ҳикояҳо дорад. Повести ӯ «Чодари ифлос» сазовори ҷоизаи Академияи адабии Ҳиндустон гаштааст.*

## ЛАҶВАНТИ

*Даст назан, ки мемирам алъон,*
*Номи ман – гули дастнарасон.*
(Аз суруди халқии панҷобӣ)

Тақсимоти кишвар анҷом пазируфту ниҳоят, захмдорон захмҳои пайкарашонро шустанд. Акнун вақти ғамхорӣ кардан ба

одамоне, ки дилу рӯҳашон захмӣ гашта буд, фаро расид. Дар ҳама ҷо, дар ҳар як тангкӯча, дар ҳар як маҳалла кумитаҳои имдод ба гурезаҳо созмон ёфта буданд. Онҳо даъват мекарданд: «Ба бародарони худ кор медиҳем», «Заминамонро бо онҳо тақсим хоҳем кард», «Онҳоро дар хонаҳои худ ҷой мекунем». Дар байни ҳамаи инҳо як даъвате буд, ки аз ҳама бештар ба рӯҳонии маъбади сикҳҳо ва дигар пайравони он хуш наомада буд. Ин даъват барои баргардондани занҳое буд, ки дар вақти тақсимот онҳоро дуздида буданд. «Онҳоро дар дилҳои худ ҷой мекунем» – навишта шуда буд дар он.

Дар маҳаллаи Мулло Шукур, начандон дуртар аз маъбад кумитаи «Онҳоро дар дилҳои худ ҷой мекунем» пайдо гардид. Сокинони он бо як овоз Сундарлал–бабуро котиби он интихоб намуданд. Раиси кумита – адвокат аз Чауки Калан ва дигар одамони мӯътабари маҳалла чунин мешумурданд, ки барои ин кор аз Сундарлал одами боғайраттаре пайдо кардан мушкил аст. Шояд аз он сабаб, ки зани Сундарлалро ҳам дуздида буданд.

Зани ӯро Лаҷванти, ё ба таври одӣ Лаҷо меномиданд.

Вақте ки субҳгоҳон, Сундарлал ва рафиқони ӯ – аъзоёни кумита суруди *«Даст назан, ки мемирам алъон, Номи ман – «гули дастнарасон..»*-ро хонда, аз кӯчаҳо мегузаштанд, Сундарлал ногоҳ хомӯш мешуду ғарқи андешаҳои вазнин мегардид. Ӯ дар бораи Лаҷванти фикр мекард. «Ӯ ҳоло дар куҷо бошад? Дар бораи ман фикр мекарда бошад? Оё ман ӯро бори дигар медида бошам?» Ва пойҳояш бемадор мегардиданд. Вале ӯ андӯҳро аз худ дур мекард. Ин бадбахтӣ танҳо ба сари ӯ наомадааст. Ӯ акнун наҷоти худро аз ин варта дар хидмат ба дигарон медид. Вале, ҳамин ки оҳанги суруд дар бораи нозгули дастнарасон ба гӯшаш мерасид, боз ҳам дар андешаҳояш Лаҷванти пайдо мегардид.

Дили инсон чӣ қадар нозук аст! Ҳатто як чизи беҳуда ҳам онро захмдор карда метавонад. Дили инсон ба нозгули дастнарасон шабоҳат дорад: кофист, ки дастатро ба тарафаш он дароз кунӣ ва он пажмурда хоҳад шуд. Ӯ чӣ, ӯ ба Лаҷвантии дастнарасони худ чӣ гуна муносибат мекард? Бо сабаби андак коре ӯро мезад – нодуруст бархостӣ, нодуруст нишастӣ, хӯрокро муддаои табъ напухтӣ.

Лаҷо, ки мисли навдаи тут нозук буд, дар деҳа, дар зери осмони кушод ба воя расида буд ва офтоб пӯсти ӯро саховатмандона тилоранг карда буд. Ӯ ба таври ҳайратангез, айнан мисли шабнамқатрае, ки аз болои баргҳои паҳн ҷорӣ шуда, тақсим мегардад, серҳаракат буд. Вале резаҷуссагии Лаҷо ҳаргиз аз сиҳҳати бади ӯ шаҳодат намедод. Сараввал нозукии фиребандаи духтар Сун-

дарлалро норoҳат мекард, вале вақте бовар ҳосил кард, ӯ бо китфҳои нозуки хеш бори сангини фалокатҳоро ба осонӣ мебардорад ва зарбаҳои тақдир, аз ҷумла мушту лагадҳои ӯро мардона пешвоз мегирад, ӯ оҳиста–оҳиста аз роҳи рост берун рафт, то дараҷае ки ҳадду сарҳадҳои маъмулиро, ки хориҷ аз он тоқати инсон тоқ мегардад, фаромӯш кард. Вале худи Лаҷванти мекӯшид, ки ин ҳадду сарҳадҳо то ҳадди имкон дуру норавшан монанд. Ӯ наметавонист дуру дароз ғамгин бошад. Ҳатто баъди зарбу лати бераҳмона ҳам, ҳамин ки Сундарлал табассум мекард, хурсандона механдид. Ӯ ба назди Сундарлал омада, дастонашро дар гардани ӯ ҳалқа мекарду мегуфт:

– Агар ту як бори дигар маро зарбу лат кунӣ, ман дигар бо ту гап намезанам.

Ва маълум буд, ки ӯ акнун, ҳамаашро фаромӯш кардааст. Лаҷванти медонист, ки дар тамоми деҳа ҳамаи шавҳарон бо занҳояшон ҳамин гуна муомила мекунанд. Илова бар ин, агар ягон зан ҷуръат карда, ба муқобили шавҳараш исён кунад, одамон ӯро маҳкум карда мегуфтанд:

– Ин чӣ гуна шавҳар будааст?! Аз ӯҳдаи занаш намебарояд!

Ҳатто, дар бораи муштзании шавҳаронашон суруд ҳам мехонданд:

*Камарборику нозукпайкарам ман,*
*Накардам хӯ ба мушти шавҳарам ман.*
*Ба пояш мӯзаи вазнин, худоё,*
*Кадом шаҳриписар буд лоиқи мо?..*

Лаҷо ҳам ҳамроҳи дигар духтарон ин сурудро мехонд, вале худаш бехабар монду нафаҳмид, ки чӣ гуна бо ҷавони шаҳрие ногаҳон хонадор шуд. Ин ҷавонро Сундарлал меномиданд. Ӯ ба деҳаи онҳо, ба маъракаи арӯсии дӯсташ омада буд.

– Дӯстам, бингар, хоҳари арӯсат чӣ зебост, – ба гӯши домод пичирросзанон гуфт ӯ. – Духтар не, оташ! Бубин, зани ту ҳам бад нест!

Лаҷванти ин суханони Сундарлалро тасодуфан шунид. Ӯ дигар дар бораи он, ки дар пои ҷавон пойафзори вазнин ва камари худаш мисли химча борику нозук аст, андеша намекард.

Сундарлал ҳамроҳи дигар аъзои кумита дар кӯчаҳои шаҳр қадам зада, занашро зуд–зуд ба ёд меовард ва орзу мекард: «Кошки ман Лаҷоро меёфтам! Ман ӯро фавран дар дили худ ҷо мекардам ва одамонро бовар мекунонидам, ки занҳои мо қурбониёни маъсу-

ми ғаризаҳои шуми ғоратгаронанд. Ва ҷомеае, ки онҳоро рад мекунад, ба оғӯши худ қабул намекунад, ҷомеаи саропо пӯсидаест ва онро барҳам додан зарур аст…»

Сундарлал талаб мекард, ки занҳои баргашта, хоҳ модар бошанд, хоҳ духтар, хоҳ хоҳару хоҳ зан, бояд дар оила мавқеи собиқи ба худ муносибро дошта бошанд. «Ҳодисаи ба сари онҳо омадаро ба ёди онҳо нарасонед, охир дилҳои захмдори онҳо ҳар як кинояро сахттар эҳсос мекунанд. Ин занҳои бечора айнан мисли нозгулҳои дастнарасон мебошанд: ҳамин ки дастатро дароз кунӣ, фавран пажмурда мешаванд», – мегуфт ӯ.

Барои он ки даъвати «Онҳоро дар дилҳои худ ҷой мекунем» ба ҳар як дил рафта расад, кумита дар кӯчаҳо роҳпаймоӣ ташкил карда буд. Ба қароре омаданд, ки барои ин – субҳи барвақт, қариби соати панҷ, вақте ки кӯчаҳо ҳама хомӯшу холӣ ва ҳатто сагҳои посбон ҳам мурдавор мехобанд, вақти аз ҳама мувофиқтар аст.

– Боз ҳам ин кумита! – аз овози Сундарлал бедор шуда, ғур–ғур мекарданд сокинони маҳалла.

Баъзеҳо ба суханони ӯ гӯш мекарданду баъзеҳоро ин суханон ба ғазаб меоварданд. Занҳое, ки бахташон хандида буду хатарҳоро паси сар карда буданд, дар паҳлӯи шавҳарони худ мисли баргҳои карам дар назди каллакарам баҳузур кулча шуда мехобиданд. Онҳо аз фарёдҳои аъзои кумита бедор шуда, норозиёна хоболуд ғур–ғуркунон чизе мегуфтанд, баъзан ҳамин тавр ҳам иттифоқ меафтод, ки кӯдаке лаҳзае чашмашро мекушоду баъд аз нав гӯё суханони «Онҳоро дар дили худ ҷой мекунем» ӯро алла мегуфта бошанд, хобаш мебурд.

Вале маълум аст, ки суханони саҳарии барвақт шунида, дар хотири кас нақш мебанданд. Онҳо боисрор дар майнаи сар чарх мезананд ва ҳарчанд шумо ба мазмуни он сарфаҳм намеравед, пайваста шуморо таъқиб мекунанд.

Ва шояд, маҳз аз ҳамин хотир бошад, вақте ки ба зудӣ байни Ҳиндустон ва Покистон ба ҳамдигар бадал кардани занҳои дуздидашуда ба вуқӯъ пайваст, баъзе аз бошандагони маҳаллаи Мулло Шукур розӣ шуданд, ки онҳоро аз нав ба оилаҳои худ қабул кунанд. Хешу табор ба хориҷи шаҳр ба шаҳраки Чауки Калан пешвоз гирифтани занон мерафтанд. Онҳо дурудароз, мисли ин ки ҳамдигарро намешинохта бошанд, ба ҳамдигар нигоҳ карда, баъд чашмонашонро поин афканда, ба хонаҳои вайроншудаи худ равон мешуданд, то зиндагиро аз нав оғоз кунанд. Фаъолони кумита – Рисалу, Некирам ва Сундарлал онҳоеро, ки розӣ шуда буданд

занҳои duздидашударо қабул кунанд, ботантана табрик мекарданд. «Зинда бод Моҳендра Сингҳ! Зинда бод Моҳанлал!» – то гулӯяшон хушкидан фарёд мезаданд онҳо.

Вале дар байни ин занони бадбахт онҳое ҳам буданд, ки волидон, хоҳарону бародарон ва шавҳаронашон онҳоро шинохтан намехостанд. «Чӣ тавр онҳо ҷуръат карда, зинда мондаанд? – фикр мекарданд хешу таборони онҳо. – Барои чӣ заҳр нахӯрдаанд? Чаро шаъну шарафи худро ҳифзкунон, худро ба чоҳ наафкандаанд? Охир онҳо тарсу ҳастанд, ба зиндагии ночизи худ часпидаанд. Садҳо, ҳазорон нафар занҳо аз як худи таҳдиди беномусӣ худро қурбон кардаанд». Магар ин одамон дарк карда метавонистанд, ки ин бадбахтҳо ташнаи марги хеш буданд ва ба онҳо чӣ қадар мардонагӣ лозим аст, вақте ки шавҳарат туро нашиносаду ба ин боз тоб оварда зинда монӣ! Яке аз ин гуна радшудаҳо дар гӯшае истода, номи худро зери лаб такрор мекард:

– Ман – Сухагванти, ман – Сухагванти… – Ва банохост дар байни издиҳоми одамон бародарашро дида, бечуръатона ӯро садо кард: – Биҳари, ту магар маро намешиносӣ? Охир туро ман калон кардаам…

Ва Биҳари, ки омода буд ба пешвози ӯ равад, ба падару модараш саволомез нигоҳ кард, онҳо кафи дастонашонро ба аломати эҳтиром ба ҳам оварда, ба Нараян – бабу, ки парешонҳолона дар осмонҳо ҷавоби инро меҷуст, нигоҳ карданд. Вале охир осмон – ин ҳамааш шуда як фиреби назар, он ҳаддест, ки дар пасаш чашмони мо чизеро фарқ карда наметавонад.

Дар гурӯҳи аввалӣ занҳои баргашта буданд, Лаҷо набуд. Сундарлал бо чашмони пурумед ҳамаи занҳоеро, ки аз мошини боркаш мефуромаданд, аз назар гузаронид ва охиринашро бо нигоҳаш гуселонида, бо қувваи дучанд ба корҳои кумита машғул гардид. Акнун ӯ намоишро на танҳо саҳаргоҳон, балки бегоҳирӯзӣ ҳам ташкил мекард. Ва баъзан одамонро барои гирдиҳамоӣ ҳам ҷамъ мекард, ки дар онҳо сардари куҳансоли кумита Калка Прашад нутқ мекард. Мӯйсафед ҳар лаҳза сулфа карда, дар микрофон, ки овози ӯро ба таври аҷибе тағйир медод, сухан мекард, аммо Рисалу туфдон дар даст, дар паҳлӯи нотиқ рост меистод.

Баъд ба минбар муншӣ Некирам мебаромад. Ӯ кӯшиш мекард, олимона ҳарф занад, вале бо ноӯҳдабароёна ба шастраҳо ва пуранаҳои динӣ такя карданаш танҳо ақидаҳои худашро рад мекарду халос. Он гоҳ барои ислоҳ даровардан ба вазъи ҳукмфармо Сундарлал–бабу пеш мебаромад. Вале ҳамин ки ӯ чанд ибораро ба

забон овард, гулӯяш маҳкам мешуду чашмонаш лабрези ашк мегардиданд ва дигар маҷоли суханро идома додан накарда, дар ҷояш менишаст. Дар байни шунавандагон хомӯшии том ҳукмфармо мегардид. Суханони аз қаъри дилаш берун омадаи Сундарлал аз нутқи доманадори Калка Прашад мардумро бештар мутаассир карда буд. Одамон гиря карда, орому хотирҷамъ мешуданду ба хонаҳояшон бармегаштанд.

Ҳангоми яке аз намоишҳои шабона дар кӯчаҳои маҳалла аъзоёни кумита, вақте ки пандит барои диндорон «Рамаяна» мехонд, ба назди маъбади Нараян–бабу омаданд. Ӯ ҳамон порчаеро, ки дар он дҳоби занашро бо ин суханон меронад, мехонд: «Ман Рамачандра нестам, ки занаш Ситиро баъди чандин соли бо Равани бадманиш зиндагӣ карданаш пазируфта буд».

Рама ин суханони дҳобии оддиро шунида, ӯ ҳам ҳамсари бовафояш Ситиро, ки дар батнаш акнун дили тифлаш метапид, пеш мекунад.

Ана, шоҳигарии ҳақиқии Рама чӣ гуна аст, – нидо кард Нараян–бабу, – он ҷо суханони дҳобии ночиз арзиши ҷалб кардани диққати ҳукмрони илоҳиро доранд.

– Вале мо ин гуна шоҳигарии Рамаро намехоҳем, бабу! – сухани ӯро бурид Сундарлал.

– Хомӯш шав! Ту чӣ гуна ҷуръат мекунӣ, ба худо осӣ шавӣ! – баланд шуд садоҳои ранҷида.

– Касе наметавонад ба гуфтани он чизе, ки ман меандешам, монеъ шавад, – нидо кард Сундарлал ба пеш баромада.

Вале диндорон аз нав ҳаёҳуй бардошта, ба ӯ гуфтанд:

– Худи ҳозир хомӯш шав!

– Ҳоло, ки лагадкӯбат накардаем, бирав!

– Ту маънои шастраҳои муқаддасро дарк карда наметавонӣ, Сундарлал, – бо садои нарм ба сухан даромад Нараян–бабу.

– Вале ман як чизро ба хубӣ дарк мекунам: ҳатто дар шоҳигарии Рама суханони дҳобии ночизро мешуниданд, аммо дар замонаи мо бошанд, шунидани суханони Сундарлалро рад мекунанд.

Диндороне, ки ҳамин ҳоло бо муштҳои бардошта ба Сундарлал таҳдид мекарданд, ба ҳамдигар ҷафс шуда, дар паҳлӯи худ ба ӯ ҷой доданд.

– Бишин. Гӯшамон ба ту.

Рисалу ва Некирам Сундарлалро ноаён тела доданд. Ӯ гуфт:

– Рама шоҳи бузурге дар мамлакати мо буд. Вале чаро ин ҳодиса рӯй дод, ки ӯ ба гапи дҳоби бовар карду ба суханони мали-

каи некӯкоре чун Сити бовар накард?

– Барои он ки Сити – ҳамсари Рамаи илоҳӣ буд. Ҳамсараш бо ӯ – як чизанд, як ҷону тананд. Вале ту ба бузургии ин ҳақиқат сарфаҳм намеравӣ, – ҷавод дод Нараян–бабу риши кабудранги худро сила карда.

– Бале, ин дуруст аст, – розӣ шуд Сундарлал, – дар ин дунёи мо ман бисёр чизҳоро намефаҳмам. Вале, ба назари ман, чунин менамояд, ки шоҳигарии ҳақиқии Рама дар он ҷоест, ки инсон ба худаш бадиро раво намебинад. Бадӣ кардан ба худ – ҳамон гуна гуноҳи азимест, ки ба инсони дигаре озор расонӣ… Рамаи бузург Ситиро барои он аз хонаи худ ронд, ки ӯ дар асорати Раван буд. Вале магар дар ин кор ӯ гунаҳкор аст? Магар ӯ мисли бисёр хоҳарону модарони мо қурбони фиребу бадӣ нагашта буд? Дар бораи гунаҳкор будан, ё бегуноҳии Сити гуфтан бефоида аст. Охир ҳама гап дар сари Раван аст, иблиси зиштсурате, ки даҳ сари одамӣ ва як сари бисёр калони пуршаҳвати харона дорад… Имрӯз Ситиҳои мо ҳам аз хонаҳояшон ронда шудаанд… Сити, Лаҷванти… – Ва Сундарлал гиря кард.

Рисалу ва Некирам лавҳаҳои мактаббачаҳо навиштаро боз ба болои сарҳояшон бардоштанду намоишгарон боз ба кӯчаҳои дигар равон шуданд.

– Зинда бод Сундарлал! – фарёд мезаданд намоишгарон.

– Зинда бод Ситии накӯкор!

– Хомӯш, хомӯш! – касе аз ибодаткунандагон кӯшиш кард онҳоро боздорад, вале ибодатгузорӣ ба куллӣ вайрон карда шуда буд. Касе дигар ба суханони Нараян–бабу гӯш намекард, аксари ибодатгузорон ба намоишгарон, ки пешопеши онҳо куҳансолони мӯътабар – адвокат Калка Прашад ва муфтӣ Дадар Ҳукум Сингҳ мерафтанд, ҳамроҳ шуда буданд.

Саҳарии дигар, ҳамин ки рӯз равшан шуд, ба назди Сундарлал рафиқаш Лалчанд, ки дар вақташ ба ӯ Сундарлал ва Калка Прашад барои ба кор даромадан ба анбори хӯрокворӣ кӯмак карда буданд, давида омад. Маҳаллаи Мулло Шукур ҳанӯз дар хоб буд. Ҳатто бевазан аз хонаи чаҳорсаду чаҳордаҳ ҳанӯз аз хоб нахеста буд. Ӯ танбалона дар бистараш дароз кашида, хамёза мекашид.

– Муборак бошад Сундарлал! – хурсандона фарёд зад Лалчанд.

– Ба чӣ сабаб? – пурсид Сундарлал, ба чилимаш барои хушбӯӣ як пора гур андохта.

– Ман Лаҷо–бҳабҳиро дидам!

Чилим аз дасти Сундарлал афтоду тамокуи хушбӯй ба рӯи

фарш пош хӯрд.

– Дар куҷо? – Сундарлал аз китфони рафиқаш дошта, бесаброна ӯро такон дод. – Дар куҷо ӯро дидӣ?

– Дар сарҳад, дар деҳаи Вага.

– Эҳтимол ту хато карда бошӣ, – нобоварона гуфт Сундарлал ва Лалчандро сар дод.

– Не, не бародарҷон, ин Лаҷо буд. Каси дигар не, Лаҷо буд! – бовар кунонд ӯро Лалчанд.

–Ту ӯро шинохтӣ? – аз рӯи фарш тамокуи пошхӯрдаро ҷамъкунон пурсид Сундарлал. – Акнун, шояд, ӯро шинохта ҳам нашавад.

Ӯ тамокуро дар кафи дасташ майда карду чилимашро барои ба он андохтани тамоку ба даст гирифт.

– Ӯ дар манаҳ ва рухсорааш холи сунъӣ дошт, – гуфт Лалчанд.

– Бале, бале, ин дуруст аст, – тасдиқ кард Сундарлал, – ва боз дар пешониаш ҳам дорад!

Акнун ӯ дигар наметавонист шубҳа кунад. Ӯ ҳамаи нишонаҳои дар пайкари Лаҷванти бударо ба ёд овард. Ҳанӯз дар айёми туфулияти ӯ падару модараш ин нишонаҳоро гузошта буданд, то духтарак гум нашавад. Ин нишонаҳо айнан ба дандонаҳо дар шохаи нозгули дастнарасон шабоҳат доштанд – ҳамин ки ба тарафи онҳо дастатро ёзонӣ – баргҳои нозгул ғунча мешаванд. Лаҷванти ҳам ҳамин хел аст.

Ҳангоме ки касе бо ангушташ ба холи сунъии ӯ ишора мекард, сахт хиҷолат мекашиду димоғаш месӯхт, гӯё метарсид асрори махфии ӯ рӯшод мешаваду ӯ аз он ганҷҳое, ки дар бораи онҳо касе чизе намедонад, маҳрум мешавад.

Сундарлал як қад парид. Вуҷуди ӯро тарси номафҳум ва ишқ, эҳсоси муқаддаси ишқ фаро гирифта буд. Ӯ аз нав китфони Лалчандро фишурда, пурсид:

– Лаҷо чӣ гуна ба Вага афтодааст?

– Ба он ҷо барои табдил занҳои дуздидашударо овардаанд…

– Баъд чӣ? Баъд чӣ шуд? – чорзону зада нишаста, ӯро саросема кард Сундарлал.

Рисалу ҳам бедор шуд. Ӯ бархоста дар бистараш нишасту хуккаро ба наздиктари худ кашид. Онро кашиду мисли ҳамаи тамокукашҳои ашаддӣ ба сулфидан даромад.

– Пас мегӯӣ, ки Лаҷванти баргаштааст? – пурсид ӯ.

Лалчанд идома дод:

– Покистониҳо ба Вага шонздаҳ нафар занонро овардаанд, то ба

шонздаҳ нафар зани дигар иваз кунанд. Вале дар он ҷо ҷанҷол сар шуд. Намояндагони мо изҳор карданд, ки дар байни занони бозгашта занҳои миёнсол, пир ва маъюб, ки қобили кор кардан нестанд, бештаранд. Он гоҳ намояндаи Покистон бо ангушташ ба Лаҷо–бҳабҳи дағалона ишора карда, дод зад: «Шумо ӯро пир мегӯед? Ба ӯ як назар афканед! Ягон нафар аз занони овардаи шумо ба нохуни пои ӯ намеарзад!» Лаҷо–бҳабҳи хиҷолат кашида меистоду мекӯшид холи сунъии худро пинҳон кунад... Ҷанҷол торафт калон мешуд... Ҳар ду тараф омодагӣ медиданд, ки «мол»– и худро баргашта баранд. Ана, ҳамин лаҳза ман фарёд задам: «Лаҷо, Лаҷо–бҳабҳи!» Вале аскарҳо моро бо калтакҳои резинӣ зада, аз он ҷо ронданд...

Ва Лалчанд дасти сиёҳу кабудшудаашро нишон дод.

Рисалу ва Некирам хомӯш буданду Сундарлал ба дуродур нигариста, андеша мекард, ки Лаҷо сарҳадро убур карда бошад ҳам, мисли пештара дар он тарафи сарҳад мондааст. Ба назараш чунин менамуд, мисли ин ки биёбони бекаронаеро тай карда бошад, мадораш хушк шудааст ва акнун дар сояе нишастаасту ҳатто маҷоли об пурсидан надорад.

Сундарлал дар бораи он меандешид, ки ҳатто баъди тақсимот ҳам дар дили одамон бераҳмӣ боқӣ мондааст. Он акнун дар шакли дигар – бешафқатии одамон зуҳур мекунад. Барои мисол, ягон нафарро пурсед: «Ту фалон одам ва зани ӯро мешиносӣ?» – «Онҳо фавтидаанд», – бетафовутона ҷавоб медиҳад ӯ ва мисли ин ки чизе нашуда бошад, ба роҳаш идома медиҳад. Илова бар ин, соҳибкорони сангдил ба савдои хуну ҷисми одамӣ, бадалкунии онҳо пардохтаанд. Мисли ҳаннотоне, ки дандонҳои ҳайвонотро нишон дода, афзалиятҳои онҳоро таъриф мекунанд, онҳо бешармона зебоии занҳои ҷавон, ҳамаи нишонаҳои махуфи онҳоро ба мардум намоиш медиҳанд.

Ин ҳаннотон бевиҷдону беномусанд. Дар собиқ, харидору савдогар баъди анҷом додани муомила, рӯймолчаеро ба болои дастони худ афканда, баъд дастони ҳамдигарро мефишурданд. «Махуф» будани муомилаи савдоро нигоҳ медоштанд. Вале ҳоло ҳамин махуфияти зоҳирӣ ҳам боқӣ намондааст. Ҳамаи муомилаҳо рӯшод анҷом меёбанд. Одамон ҳатто одоби зоҳирии муоширатро ҳам аз ёд бурдаанд. Гумон меравад, ривоятҳои қадима, ки дар онҳо дар бораи чӣ тавр занҳоро як замоне дар бозор чун ҳайвон мефурӯхтанд, сухан меравад, аз нав зинда шудаанд. Нафаре аз харидорон ба назди анбӯҳи занони нимбараҳна омада, бешармона

онҳоро аз назар мегузаронид ва ҳатто мепалмосид. Дар тамоми пайкари он зани бадбахте, ки аз чунин азназаргузаронӣ мегузашт, доғҳои сиёҳи хунпуршуда мемонд. Харидор гузашта мерафту зани аз тарафи ӯ радшуда ғарқи изову алам, гирёну нолон бо як дасташ лӯнгии камарашро медошту бо дасти дигараш рӯяшро аз анбӯҳи бекорхӯҷаҳои тамошобин паноҳ мекард.

Сундарлал омодагӣ медид, ки ба Амритсар, ба сарҳад сафар кунад, вале ногаҳон Лалчанд бо хабарҳои наваш расида омад. Аз ин хабари ногаҳонӣ Сундарлал гиҷу гаранг шуда буд. Ӯ ба тарафи дар давид, вале фавран боз баргашт. Дилаш мехост, тамоми кори кумитаро фаромӯш карда, дари хонаро бандаду хуб гиря карда, дилашро холӣ кунад. Вале ӯ наметавонист ихтиёрашро ба дасти эҳсосоташ супорад. Сундарлал ин ғалаёни сустиродагиро бартараф карду ба назди Чауки Калан, ки ба он ҷо занҳои ба ватан баргаштаро оварда буданд, равон гардид.

Лаҷо аз тарс ларзида, дар назди Сундарлал меистод. Ӯ шавҳарашро хуб медонист. Шавҳараш пештар ҳам бо ӯ муомилаи бад мекард, акнун чӣ мешуда бошад? Охир ӯ бо марди дигар зиста буд! Сундарлал ба Лаҷо нигарист. Ӯ рӯсарии сурхи паҳн дошт, ки аз рӯи одат, ба расми мусулмонон баста буд ва ин ба ӯ имкон дода буд, ки бо анбӯҳи занҳои мусулмон омезад. Лаҷо пеш аз вохӯрӣ бо Сундарлал чунон ба изтироб омада буд, ки иваз кардани либосҳояш ва ба расми занони ҳинду ба сар кардани сарандозашро тамоман фаромӯш карда буд. Ва ӯ тафовути байни одатҳои ҳиндӣ ва мусулмониро ҳам ба хубӣ намедонист.

Барои ӯ фарқе надошт, нӯги сарандозро ба тарафи чап мепартоӣ, ё ба тарафи рост. Акнун ӯ дар назди Сундарлал истода буду саропояшро эҳсоси умеди тарсомехта фаро гирифта буд. Сундарлал гӯё ба дарди кузоз гирифтор шуда буд. Ӯ чашм наканда ба Лаҷо менигаристу ба назараш чунин менамуд, ки ӯ аз собиқ зеботар ба чашм мерасад. Бале, бешубҳа… Гӯё ҳатто каме фарбеҳ ҳам шудааст… Ӯ фикр мекард, ки баъди ин ҳама ҳодисаҳои бо ӯ рӯйдода бояд лоғару коҳида ба назар мерасид. Аз заъф ниммурда менамуду ҳатто қуввати сухан гуфтан намекард. Пас, маълум мешавад, ки ӯ хато кардааст? Андешаи он ки, ӯ дар Покистон кайфу сафо карда, зиндагӣ намудааст, вуҷудашро оташ зада буд. Вале ӯ худдорӣ карда, хомӯш монд, чунки қасам хӯрда буд, ки чизе намегӯяд. Вале агар ӯ дар он ҷо зиндагии хуб медошт, магар боз ба хона бармегашт? Лаҳзае ин фикр ба сари Сундарлал омад, ки ӯро ба бозгашт ҳукуматдорони Ҳиндустон маҷбур кардаанд. Вале худи

ҳамон лаҳза ин фикрро аз сараш дур кард. Ранги зарди тилофоми чеҳраи Лаҷванти ва бадани фарбеҳшудааш аз зиндагии хуби ӯ нест. Танҳо аз азиятҳои кашидааш ӯ метавонад ин гуна «фарбеҳ» ва «чоқ» шавад. Не, ин аз ҳамон офиятҳоест, ки инсонро мекушад.

Ана, ҳамин гуна андешаҳо, вақте ки ба зани аз асорат баргаштаи худ нигоҳ мекард, Сундарлалро фаро гирифта буд. Вале ӯ бо як мардонагие, ки ба он ҳасад бурдан мумкин аст, бар он андешаҳо ғолиб омад. Илова бар ин, дар атроф одамон истода буданд.

Касе аз байни анбӯҳи одамон фарёд зад:

– Ба мо занҳое, ки мусулмонон касифашон кардаанд, даркор нестанд…

Вале садои ӯ дар миёни фарёдҳои тантананоки Рисалу, Некирам – муншии пир аз Чауки Калан ва дигар аъзои кумита ғарқ гардид. Дар байни ин садоҳои якҷояи ваҳдат овози ҷарангосии Калка Прашад, ки зуд–зуд сулфаи шадид онро канда мекард, фарқ дошт. Ӯ нерӯи тавонои эътиқоди навро акнун дарк карда буд. Ба назараш чунин менамуд, ки ӯ ведаҳои нав, пуранаҳои нав, шастраҳои тозаро мехонад ва мехост ин шодиро бо ҳама одамони рӯи дунё бо ҳам бинад…

Сундарлал ва Лаҷванти дар иҳотаи анбӯҳи пурмағали одамон ба хона мерафтанд. Ба назар чунин мерасид, ки ин Рамачандра ва Ситаи аз солҳои тӯлонии ҷудоӣ ва азиятҳо азобкашидаанд, ки ба Айодҳу бармегарданд. Дар атрофи онҳо сокинони шаҳр гирд омадаанду аз висоли хушбахтонаи ин зану шӯи илоҳӣ шодӣ мекунанд.

Баъди бозгашти Лаҷванти ҳам, Сундарлал тамоми қувваи худро барои кори кумитаи «Онҳоро дар дилҳои худ ҷой мекунем» масраф мекард. Суханони ӯ бо кораш як буд. Ҳатто онҳое ки даъватҳои Сундарлалро сафсаттаи беҳуда мепиндоштанд, ба онҳо бовар карданд. Ӯ ба дилҳо умеду шодӣ мебахшид. Вале занҳои маҳаллаи Мулло Шукур, ғайр аз бевазани хонаи чаҳорсаду чаҳордаҳ, ҳанӯз аз омадан ба хонаи котиби кумита – Сундарлал метарсиданд. Вале акнун Сундарлал парвои онро надошт, ки одамони музофот ба ӯ чӣ гуна муносибат мекунанд. Маликаи дили ӯ ба хона баргашта буду дар дилаш эҳсоси танҳоӣ боқӣ намонда буд. Дар он, чун олиҳаи тилоӣ дар маъбад, Лаҷо ҳукмравоӣ мекарду шавҳараш хаста нашуда, ӯро нигоҳбонӣ мекард. Ва Лаҷо, ки аввал аз тарс меларзид, акнун аз меҳрубонии ғайриодии Сундарлал шукуфта буд. Акнун Сундарлал ӯро олиҳа меномиду ӯ худашро аз хушбахтӣ гум карда буд. Борҳо ӯро хоҳиши шадиде фаро мегирифт, ки ҳамаи ходисаҳои бо ӯ рӯйдодаро ба шавҳараш нақл кунад,

бо ашки чашмонаш гуноҳҳои худро шуста, дилашро пок кунад. Вале Сундарлал фавран ӯро бозмедошт. Вақте ки шавҳараш мехобид, Лаҷо дурудароз сари болини ӯ нишаста, ба чеҳрааш зеҳн мемонд. Ӯ нигоҳи занашро эҳсос карда, бедор мешуду мепурсид, ки чӣ воқеа рӯй додааст, вале Лаҷо дар ҷавоб нимғурма мегуфт: «Ҳеҷ гап не» ва Сундарлали рӯзона хаста– шударо боз хоб мебурд. Танҳо як бор, дарҳол баъди бозгашти Лаҷо аз ӯ пурсида буд:

– Номи ӯ чӣ буд?

Лаҷо даступо хӯрда, ҷавоб дод:

– Ҷуман.

Ӯ чашмонашро боло карда, мехост боз чизе илова кунад, вале нигоҳаш бо нигоҳи бодиққатонаи ӯ афтоду аз нав сарашро хам карда, хомӯш монд: суханонаш дар гулӯяш дармонданд.

– Ба ту муносибати хуб мекард?

– Бале.

– Намезад?

– Не, – чавоб дод Лаҷо сарашро ба синаи Сундарлал ниҳода, – намезад, вале ман боз ҳам аз ӯ метарсидам. Ҳарчанд ту маро мезадӣ, бо вуҷуди ин, нисбат ба ту, аз ӯ бештар метарсидам. Акнун дигар маро намезанӣ?

Чашмони Сундарлал аз ашк пур шуданд.

– Не, олиҳаи ман, натарс. Ман дигар ба ту ангушт ҳам нахоҳам расонд, – бо надомат гуфт ӯ.

«Ӯ маро «олиҳа» номид», – фикр кард Лаҷо ва гирист.

Ӯ бесаброна мехост дар бораи зиндагии худ дар он ҷо ҳамаашро нақл кунад, вале Сундарлал ӯро боздошт:

– Лозим нест. Ҳар чӣ буд, гузашт! Ту гуноҳе надорӣ. Ба ҳамааш ҷомеаи мо гунаҳкор аст, ки дар он барои ту барин занҳои қудсӣ ҷои арзанда пайдо нашуд. Вале ин ҷомеа бо ин худро бадном кардааст, туро не.

Лаҷванти, ҳамин тариқ, ғаму андӯҳи худро дар ниҳонхонаи дилаш пинҳон дошта, зиндагӣ мекард. Баъзан ӯ дурудароз ба ҷисми худ менигарист, ба ҷисме, ки акнун на ба ӯ – ба Лаҷванти, балки ба «олиҳа» тааллуқ дошт. Ӯ хушбахт буд, бисёр хушбахт буд, вале шодии ӯро хавфу шаку шубҳаҳо заҳролуд мекарданд. Шабона ӯ банохост бархоста, дар бистараш менишаст. Ба назараш чунин менамуд, ки касе пинҳонӣ қасди дуздидани бахти ӯро дорад.

Рӯзҳо сипарӣ мешуданд, ин тарсу воҳимаҳо хурсандиро аз дили ӯ ба куллӣ танг карда бароварданд. Ва ин на барои он буд, ки Сундарлал боз ба одатҳои собиқаш хӯ карда бошад, балки маҳз барои

он буд, ки ӯ ба таври ғайриодатӣ нарммуомилаю ғамхор буд. Ӯ мехост барои Сундарлал ҳамон Лаҷои собиқе, ки бо ӯ барои як дона зардак ҷанҷол кардан ва фавран оштӣ шудан мумкин аст, бошад. Вале аз ҷангу ҷанҷол дигар ҳатто ёде ҳам набуд. Сундарлал ба ӯ чунон эҳтиёткорона муносибат мекард, ки гӯё ӯ пайкараи булӯрин асту аз андаке даст расондан мешиканад. Лаҷо дар оина ба акси худ нигариста, меандешид, ки акнун ӯ ҳар чизе бошад, бошад, ҳатто пайкараи булӯрин ҳам, вале ӯ, ба ҳар ҳол, он Лаҷои собиқ нест. Ӯ гӯё мавҷуд асту дар айни замон гӯё нест… Сундарлал на ашкҳои ӯро медиду на оҳҳои сарди ӯро мешунид.

Саҳаргоҳон аъзои кумита мисли пештара дар кӯчаҳо мегаштанд ва Сундарлал якҷоя бо дигар барандозандагони расму оини кӯҳна месуруд;

Даст назан, ки мемирам алъон…

* * *

***КҲУШВАНТ СИНГҲ*** *(соли 1915 таваллуд ёфтааст) – адиб ва ношири тавоно, сармуҳаррири рӯзномаи машҳури ҳиндӣ «Ҳиндустон таймс». Муаллифи чандин маҷмӯаи ҳикоя ва ҳамчунин китобҳо роҷеъ ба таърих ва масоили динию мазҳабии сикхҳо.*

## ТАСВИРИ ЗАНОНА

Бибии ман, маълум аст, ки зани пир буд. Тамоми бист соле, ки ман ӯро медонистам, ҳамин хел пиру пурожанг буд. Нақл мекарданд, ки як вақтҳо ӯ ҳам ҷавону зебо буда, ҳатто шавҳар ҳам дошт, вале ман ба ин бовар намекардам. Тасвири бобои ман дар меҳмонхона, болои камин овезон буд. Пирамарде, ки саллаи калон ва либоси васеъ дошт. Риши дарози сафедаш қариб тамоми синаашро пинҳон карда буду аз симояш на камтар аз садсола ба назар мерасид. Аз рӯи тасаввури ман, ин гуна бобои қадимӣ ҳеҷ наметавонист соҳиби зану фарзанд бошад, ӯ танҳо метавонист набераҳои бисёр дошта бошад. Бибиамро ҷавону зебо тасаввур кардан, ба назари ман, фикре буд таҳқиромез. Бибиам зуд–зуд бозиҳои давраи кӯдакиашро ба ёд меовард, вале дар ин синну сол қиссаҳои ӯ дар ин бора бемаънӣ менамуданд ва мо ба онҳо чун ба афсонаҳо дар бораи ҳуру париҳо, ки аксар вақт худаш бо нақли онҳо майнаи моро гиҷ мекард, гӯш мекардем.

Ман ӯро ҳаргиз дигар хел тасаввур карда наметавонистам: қадпастак, ғафс ва каме кӯзпушт. Чеҳраашро ожангҳо батамом

пӯшидаанд. Мо ба тамоми умр ҳамин хел будани ӯ ҳатто шак ҳам намеовардем. Чунон пир буд, ки дигар аз ин пиртар шудан имконнопазир аст ва дар тӯли бист сол заррае ҳам тағйир наёфта буд. Ӯро дилкаш тасаввур кардан номумкин буд, вале ӯ зебоии ба худ хос дошт. Ӯ либосҳои сафед дар тан, дар дасташ тасбеҳе, ки ҳамеша онро гардонда зикр мекард ва тасбеҳи дигар барои баробарвазнӣ дар камар, дар хона ланг–лангон мегашт. Гесӯвони нуқрагунаш дар чеҳраи рангпаридаи пурожангаш парешон буданду лабонаш меҷунбиданду якзайл бесадо дуо мехонданд. Ӯ дар ҳақиқат ҳам зебо буд. Ин гуна зебоӣ фақат дар манзараҳои зимистон, дар кӯҳҳо мушоҳида мешавад – паҳнои хомӯши ба ҳадди чашмхиракунанда сафеде, ки дар он оромию осоиштагӣ эҳсос мегардад.

Ману бибиам дӯстони ҷонӣ будем. Падару модарам ба шаҳр кӯчиданду маро бо ӯ монданд ва мо ҳеҷ аз ҳамдигар ҷудо нашудем. Бибиам саҳариҳо маро бедор карда, барои мактабравӣ омода менамуд ва дуоҳои пагоҳирӯзиро, то дасту рӯи маро шустану либос пӯшонданаш, ба умеде, ки ман онҳоро ноаён аз ёд мекунам, ба як оҳанг мехонд. Ман гӯш мекардам, чунки овози ӯро дӯст медоштам, вале барои аз ёд кардани онҳо худро азият намедодам. Баъд ӯ тахтачаи хатнависии тоза шусташудаи бо гаҷи зард рангкардашуда, рангдони хурдакаки сафолин ва найқаламро меоварду ҳамаашро ба ҳамдигар баста, ба ман медод. Субҳона нони хушки чапотӣ, ки ба он як қабат равғани тунук молида, шакар пошида шуда буд, хӯрда, мо ба мактаб равон мешудем. Бибиам барои сагҳои деҳа бо худ як чанд чапотӣ мегирифт. Мактабро чун изофа ба бинои маъбад сохта буданд ва роҳи ману бибиам як буд. Бараҳман ба кӯдакон савод ва дуоҳои саҳариро меомӯхт. Мо дар ду тарафи айвон қатор нишаста алифбо аз ёд мекардему бибиам дар даруни маъбад китобҳои муқаддасро мехонд. Баъди он ба хона бармегаштем. Сагҳои гурусна моро вақт дар даромадгоҳи маъбад мунтазир буданд. Онҳо ғурросзанон пораҳои нонро аз ҳамдигар рабуда, то дари хона аз пайи мо меомаданд.

Баъд падару модарам дар шаҳр манзил гирифтанду моро ҳам ба назди худашон бурданд. Ҳамин тариқ, дар дӯстии байни ману бибиам гардиши қатъӣ ба амал омад. Ҳарчанд мо мисли пештара дар як хона зиндагӣ мекардем, вале бибиам дигар маро ба мактаб гусел намекард. Ман акнун бо автобус ба мактаби англисӣ мерафтам. Акнун дар кӯча сагҳоро аҳён– аҳён дучор омадан мумкин буд, аз ин рӯ бибиам ба шуғли дигар, ба дон додани гунҷишкон

хӯ карда буд.

Солҳо мегузаштанд ва мо торафт камтар якҷоя вақт мегузаронидем. Ӯ муддате мисли пештара маро бедор карда, барои мактабравӣ омода мекард. Вақте ки ба хона бармегаштам, мепурсид, ки дар мактаб чӣ чизи нав омӯхтам. Ман калимаҳои англисиро талаффуз мекардам, дар бораи чизҳое, ки ба ман меомӯхтанд, нақл мекардам: дар бораи Қонуни ҷозибаи Замин ё қонуни Архимед, дар бораи курашакл будани замин. Бибиам ғамгин мешуд ва дигар барои тайёр кардани дарсҳоям ба ман кӯмак намекард. Ӯ ба он чизе, ки дар мактаби англисӣ меомӯхтанд, бовар намекард ва шикоят мекард, ки ба мо дар бораи худо ва китобҳои муқаддас чизе намегӯянд. Боре ба ӯ изҳор кардам, ки дар мактаб аз мусиқӣ дарс медиҳанд. Ӯ сахт ба воҳима афтода буд. Ба андешаи ӯ, мусиқӣ ва беадабию бешармӣ бо ҳамдигар тавъам буданд. Мусиқӣ – кори занони худфурӯшу беҳаёст ва одамони хушахлоқ бояд аз он қатъи назар мекарданд. Бибиам чизе нагуфт, вале хомӯшии ӯ маънои норизоӣ дошт. Шурӯъ аз ҳамон вақт ӯ бо ман хеле кам гап мезад.

Вақте ки ман ба донишгоҳ шомил шудам, бароям хонаи алоҳида ҷудо карданд. Ва риштаи дӯстии мо канда шуд. Бибиам ҳарфе нагуфта, ба танҳоиаш тан дод. Ӯ аз назди чархааш хеле кам дур мешуд ва қариб бо ҳеҷ кас гап намезад. Аз сари субҳ то ғуруби офтоб дар сари кораш менишаст ва дуо мехонд. Танҳо нисфирӯзӣ барои хӯрондани гунҷишкон аз ҷояш ба муддати кӯтоҳе бармехост. Ӯ дар айвон менишасту ба майда кардани нон машғул мегашт, садҳо паррандагон ба нонхӯрӣ парида меомаданду ғавғои азиме барпо мекарданд. Паррандаҳо ба пойҳо, китфон ва ҳатто сари ӯ менишастанд. Ӯ табассум мекард ва ҳаргиз онҳоро киш намегуфт. Ин ним соати аз ҳама хушбахттарини як рӯзи дарози ҳаёти ӯ буд.

Чун ба қароре омадам, ки таҳсиламро дар хориҷа идома диҳам, ба худ тасаввур кардам, ки бибиамро чӣ қадар ғамгин хоҳам кард. Охир ман ба муддати панҷ сол сафар мекардам ва дар синну соли ӯ касе пешбинӣ карда наметавонист, ки ҳамааш чӣ гуна анҷом меёбад. Бале, ҳеҷ кас, вале танҳо бибии ман не. Ӯ ин хабарро оромона қабул кард. Ва ҳатто дар вокзал ҳарфе ба забон наовард ва бо чизе эҳсосоташро зоҳир накард. Лабонаш бесадо меҷунбиданду ангуштонаш тасбеҳ мегардонданд, ба назар чунин менамуд, ки саропо ғарқи дуохонист. Бибиам хомӯшона аз пешонии ман бӯсид ва баъди видоъ ман кӯшиш мекардам, эҳсоси намии лабони ӯро, эҳтимол, вопасин шаҳодати иртиботи ҷисмонии

моро дар хотирам нақш кунонам.

Вале ман ғалат кардам. Баъд аз панҷ сол дар саҳни вокзал бибиам аз нав маро мунтазир буд. Ӯ ҳатто ба қадри як рӯз ҳам пиртар нашуда буд. Мисли собиқ барои сухан кардан вақт надошт ва вақте ки маро ба оғӯш гирифт, боз ҳам сатрҳои ошнои дуоҳои ӯро шунидам. Ҳатто дар рӯзи бозгашти наберааш ҳам, дақиқаҳои хушбахтонатарин барои ӯ лаҳзаҳое буданд, ки дар байни паррандагон сипарӣ кард. Акнун ӯ барои хӯрондани онҳо вақти бештар сарф мекард, бо онҳо сухан мегуфт, онҳоро меҳрубонона сарзаниш мекард.

Вақти шом бо бибиам дигаргунии асрорангезе рӯй дод. Ӯ дуохониро бас карда, ҳамсояҳоро даъват карду дафи кӯҳнаро гирифта, ба сурудхонӣ пардохт. Ӯ чанд соат пайиҳам дафи фурӯрафтаи кӯҳнаро мезаду дар бораи ба хона баргаштани ҷанговарон суруд мехонд. Мо бо мушкилӣ ӯро боздоштем, то ки дам гирад. Ман бори нахуст дар ҳаётам дидам, ки бибиам дуо намехонад.

Рӯзи дигар ӯ бемор шуда хобид. Духтур моро дилпур кард, ки бемории ӯ сабук асту ба зудӣ сиҳат хоҳад шуд. Вале бибиам ин хел намешумурд. Ӯ эълон кард, ки маргаш наздик аст. Ва азбаски то дами маргаш чанд соат дуо нахондааст, дигар намехоҳад, ки вақташро ба гуфтугӯ бо мо сарф кунад.

Мо кӯшиш ба эътироз кардем. Вале эътирозҳои мо беҷавоб монданд. Ӯ пичирросзанон дуо мехонду беҳаракат мехобид. Мо ҳатто надидем, ки лабонаш аз ҷунбидан бозмондаанду тасбеҳ аз байни ангуштони беҷонаш афтидааст. Чеҳрааш рангпаридаву ором гашт ва мо фаҳмидем, ки бибиамон мурдааст.

Ӯро аз тахти хобаш бардошта, мувофиқи таомул ба рӯи фарш хобонданду болояшро бо кафани сурх пӯшонданд. Баъди чанд соати азодорӣ ӯро танҳо гузоштем, то ба маросими мурдасӯзӣ омодагӣ бинем.

Бегоҳӣ тобут сохта, ба хонаи ӯ даромадем, то фавтидаро ба маҳалли мурдасӯзӣ барем, даромада дар дами дар карахт мондем. Офтоби пеш аз ғуруб хона ва айвонро бо нурҳои зарринаш равшан мекард. Дар тамоми рӯи фарш, то он ҷое, ки ҷасади ба кафани сурх печонда ва шахшудаи мурда хобида буд, паррандаҳои бешумор нишаста буданд. Вале ҳаёҳуи ҳаррӯза шунида намешуд. Дили модарам ба ҳоли онҳо сӯхт ва тавре ки бибиам мекард, нон оварда, майда карду ба назди онҳо чош дод. Ягон парранда аз ҷо наҷунбид. Баъд ҷасади мурдаро бароварданд ва онҳо беовоз парида рафтанд.

Рӯзи дигар хидматгор нонрезаҳоро аз рӯи хона рӯфта гирифт.

* * *

***ПАЛАГУММИ ПАДМАРАЗУ*** *(1915 – 1986) – яке аз адибони барҷастаи Ҳиндустон, ки ба забони телугу эҷод кардааст. Маҷмӯаҳои сершумори ҳикояҳо ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Бештари ҳикояҳои ӯ ба забони англисӣ тарҷума шудаанд.*

## БИБИАМ МУРД

Гулхани мурдасӯзиро тайёр карда буданд. Пуроҳит, намедонам бори чандум бошад, аз Пани мепурсид, ки фавтида чӣ ном дошт ва Пани тӯтивор ҷавоб гардонд. Ӯ номи «Лакшмикантҳамма»–ро бо мушкилӣ талаффуз карда, ҳар дафъа ғалат мекард. Каме пештар ӯ шароб мехӯрду ҳеҷ аз он худдорӣ карда наметавонист, то ба дасташ зарфи пур аз ангишти сӯзонро нахалонданду нафармуданд, ки пешопеши тобутбарон қадам занад.

– Лаш…ми…мма, – пешакӣ ба саволи пуроҳит пай бурдаву забонаш гирифта талаффуз кард ӯ.

Оҳ, ин хидматгорони худо чӣ қадар бефаҳманд, ду сония ҳам номро дар ёдашон нигоҳ дошта наметавонанд!

–Лакшмикантҳамма–Сурама–Пераммаанаам, – мад кашида бо оҳанг хонд пуроҳит.

Сурамма номи хушдомани бибиам ва Перамма – номи хушдомани Сурамма буд; вале агар ба ин аз тарафи дигар диққат диҳӣ, онҳо ҳамаашон синҳорҳои як хона буданд. Аҷаб бемаънигие – ба рӯҳи беҷисм биринҷу об пешниҳод кунӣ. Ман банохост тасаввур кардам, ки рӯҳи бибиам дар болои дарахти нахли хурмо, дар майдони мурдасӯзӣ парвоз мекунаду бо табассуме, ки дар он заҳрхандаю киноя нест, амалӣ шудани ин таомулро бепарвоёна назора менамояд. Аз табассуми бибиам дар зиндагиаш танҳо нури хайрхоҳию накӯкории ҳайратангез мерехт. Ин табассуми ғайриодӣ буд – қудрати сеҳрангези ба дил оромию хушбахтӣ ато карданро дошт.

Мо ба хонаи нави назди роҳи оҳан дар рӯзи корӣ кӯчидем ва ман дар кор будам. Кӯчокӯчро занам сарварӣ мекарду анҷомҳоро хидматгорзан ҳамроҳи ҳаммолон мекашид. Ман хеле хаста аз кор баргаштаму чун чашмам ба ғарами лашулушҳо, ки занам ҳангоми ним сол дар Бомбай зиндагӣ карданамон вақт ёфта, ҷамъ карда буд, афтид, сахт ба ғазаб омадам. Дафъаи гузашта, вақте ки маро ба вазифаи нав – ба шӯъбаи навтаъсиси ширкат гузарониданду аз Бомбай ба Мадрас кӯчидем, ба ман муяссар шуда буд, ки чолокӣ

карда, ҳамсари азизамро чанд рӯз пештар бо радиограмма, ҷомадонҳои либос ва қуттии зарфҳои хӯрокхӯрӣ ба Мадрас фиристода, аз лақулуқи ҷамъшуда халос шавам; боқимондаашро фурӯхтам, тӯҳфа кардам ва дар Мадрас бо як ҷомадон ва эҳсоси масъулияти анҷомёфта аз ҳавопаймо берун шудам.

Шумо тасаввур меунед, ки занам чӣ қадар девонагӣ карда буд. Шумо медонед, ман чӣ тавр ҷуръат карда, аз ҳовани сангин – тӯҳфаи модари ӯ, пайкораи дастадарози фаршшӯӣ, ки аз Чембур харида будему мояи ифтихори мо буд ва боз бисёр чизҳои нолозими дигар, ки аз аркони Ашок ҳам таърихи қадимтар доранд, ҷудо шудаам!

Ҳамин тариқ, вақте ки ман ба роҳрав даромадаму маҷмӯи ҳовандастаҳои сангину чӯбин, як гала ғалберу тирак, банкаҳои шишагини пур аз мӯҳра, дандоншӯяк, алмосҳои истифодашуда, суратҳои рангпарида, сандуқҳои зангзадаи оҳанин, сабадҳо, қуттиҳои пур аз лашулушро дидам, аз дилтангӣ дилам беҳузур шуд.

– Баъд аз як соат дар ин ҷо чизе нахоҳад монд, – маро таскин дод занам ва ба ҷобаҷокунии чизҳо шурӯъ кард. – Дар зери по пилмида нагард.

Ҳолати хашму ғазабро бе ширкати ҷониби муқобил нигоҳ доштан номумкин аст. Ва ба ман ғайр аз ба гараж рафтану чӣ қадаре ки хоҳам, аламу ҳасрат кардан чораи дигаре намонда буд.

Ман бо поям дарро кушодаму аз тааҷҷуб шах шудам. Дар рӯи фарш, дар иҳотаи бачаҳои бисёр, ки чаҳор нафарашон фарзандони худи ман буданд ва нафас ба дарун гирифта гӯш мекарданд, бибиам нишаста буд. Маро дидан замон ба лабонаш табассум дамид.

– Ман гумон кардам, ки гараж холӣ аст, – бо садои нобурро гуфтам ман ва ҳамон лаҳза аз сустиродагии худ оташин шудам.

– Хуб, баъд чӣ шуд? –бибиамро ба танг оварда ва ба ноҷо даромадани ман кушоду равшан ишора карда гуфт писари хурдии ман Нани.

Бибиам дасташро меҳрубонона ба китфи ӯ гузошту ба ман муроҷиат кард:

– Пани вақте ваъда медиҳад, ки ислоҳ шавад, воқеан ҳам мехоҳад одами хуб шавад, вале дар қавлаш истода наметавонад. Мо намехостем ҷои туро танг кунем. Синҳорам тугмахарӣ рафт. Ман сариамро медӯзаму меравам.

Ӯ боз табассум кард ва маро эҳсоси асрорангезе фаро гирифт. Ман ҳис кардам, ки табассуми ӯ ба ман таъсир мекунад ва ботинам лабрез аз эҳсосоти нек мешавад. Ман беихтиёр ба қафо гашта,

кӯшиш мекардам, эҳсосеро, ки ҳуқуқи маро ба гараж ва меҳру муҳаббати фарзандонамро ба ман зери хатар мегузошт, дар дилам мағлуб кунам. Вале ӯ аз дӯхтан сар набардошта, ба нақлаш идома дод…

Пани гулхани маитсӯзиро даргиронду вақте ки забонаҳои оташ баланд гардид, мо ба зери пешайвон рафтем. Аз чор тарафи пешайвон шамол медаромад ва аз ин рӯ, дар тӯли солҳои зиёд сутунҳои сангини ӯ, ки шамол ба болои онҳо хоку рег пош медод, хӯрда шуда буданд. Пани ба рӯи фарш дароз кашиду ба гуфтугӯи муқаррарии мастона бо худ шурӯъ кард:

– Сэр, модарам модари худиам набуд. Росташ, ӯ холаам буд. Хоҳари хурдии модарам. Не, номаш чӣ буд… духтаршаванда… не, не, хоҳаршӯ… ё… номаш чӣ буд… зани дуввуми падарро чӣ мегӯянд… – ҳа, модарандар! Вале ӯ барои ман чӣ модаре буд! Ман акнун бе ӯ чӣ гуна зиндагӣ мекунам? Сэр, бигӯед, ман акнун чӣ кор мекарда бошам?

Росташ, ман саргузашти бибиамро пора–пора, аз худи ӯ, вақте ки ҳангоми сӯҳбат бо аҳли хонавода банохост ин ё он воқеаро аз гузаштаи худ ба ёд меовард, шунида будам. Маро муносибати ӯ ба мушкилиҳои тақдираш ба шигифт меовард. Дар нақли ӯ мусибати аз ҳама вазнин ҳам ба хотираи шодибахш табдил мееёфт.

– Шавҳари азизи ман, ё пеш аз арӯсӣ, ё баъд аз он фавтид, – мегуфт ӯ ва аз таҳти дил қоҳ–қоҳзанон механдид.

Асли воқеа он буд, ки шавҳараш ба гардани ӯ гарданбанди арӯсӣ баста, ба назди маъшуқааш меравад ва дар оғӯши ӯ ҷон ба ҷаббор месупорад. Бевазани ҷавон бо хоҷагии калон, қарзҳои зиёд ва дар даст тифли семоҳа – писари хоҳари калониаш, ки зани сеюми заминдори пир буд, мемонад. Бибиам зани чаҳоруми ӯ гардид, вақте ки модари ин тифл сари фарзанд меравад, волидонаш духтари хурдиашонро ба марди занмурда медиҳанд, то ба Пании хурдакак нигоҳубин кунад. Пани чун насли ҳақиқии оилаи заминдор ба воя мерасид. Ба гуфтаи бибиам, «олиҳаи сарват Лакшми дар хонадони мо асир буд ва фақат вақте ки Пани бузург шуд, раҳоӣ ёфта ба озодӣ баромад». Вале то он замон Пани фурсат ёфта, аз ҳисоби мероси оянда саропо ба қарзҳои калон ғӯтида буд. Ӯ ба ду мошини хориҷӣ савор шуда мегашту дар ҳар ду музофоти Годавари масрафи зиндагии маъшуқаҳои зиёдеро ба ӯҳда дошт. Ва ҷои тааҷҷуб ҳам нест, ки чаро тамоми дороии ӯ мисли бӯи кофур ба зудӣ нест шуда рафт. То замони бистсолагиаш аз ҳамаи сарвати ӯ ҳамагӣ дувоздаҳ қуттӣ бо ороишоташ, ки он вақтҳо 600–700 рупия қимат доштанд, боқӣ мон-

да буд. Вале ба зудӣ қуттиҳо ҳам пайиҳам холӣ шуданд.

– Духтарам, – нақл мекард бибиам ба зани ман, – медонӣ, ман он вақт чӣ кор кардам? Вақте ки навбати қуттии даҳум расид, ман аз он оҳиста ҷавоҳироти худамро гирифта, дар гӯшае пинҳон кардам. Ин ҷиҳози худи ман, тӯҳфаи хушдоманам ба арӯсии ман буд. Вале дар ин маврид чӣ илоҷ бояд кард? Ӯ сандуқи охиринро ҳам холӣ мекунаду мо дар кӯча мемонем.

Вақте ки Пани ҳамаи захираҳоро барбод дод, ӯ ороишоти пинҳонкардаашро фурӯхту писарандарашро розӣ кунонд, ки пулҳояшро чун саҳмия ба ягон коре, ки ҳар моҳ фоида орад, гузорад. Хоҳарзодаи ӯ дар Мадрас корхонаи сердаромади қуттиҳои картонӣ дошт. Пани ба он панҷоҳ ҳазор рупия саҳм гузошта, вориди кор шуд. Вале панҷоҳ ҳазор рупия барои оне, ки дар тӯли даҳ сол ба сари пули аз ин даҳ карат зиёд, об рехтааст, чӣ арзише дорад? Ба зудӣ қарзи шахсии Пани аз миқдори пули саҳмаш зиёдтар гардид. Хоҳарзодаи бибиам аз ин гуна шарик то гулӯяш сер шуда, шартномаро бекор кард. Вале аз эҳтироме, ки ба аҳли оила дошт, Паниро ягона гумоштаи ширкат таъйин кард. Эҳтимол, худаш кор мекарду аз фоидаи кораш ба Пани ҳақ медод. Вале Пани аз он одамоне нест, ки бо садақа додани дигарон қаноат кунад ва айёрӣ карда, аз ҳисоби «мафод»–и ояндааш қарз гирифт. Ва боз ба он андозае, ки ба холабачааш лозим омад дар рӯзнома эълоне нашр кунад, ки Пани дигар гумоштаи ягонаи ширкат нест ва даъвоҳои қарзхоҳонро намепазирад. Акнун худаш ба оила ёрдампулии андаке медод ва ба Пани лозим омад, ки аз нӯшокиҳои қиматбаҳои хориҷӣ даст кашаду бо нӯшидани шароби пастсифат қаноат кунад. Акнун ӯ холабачаашро зуд–зуд бо ҳақорату суханони бад ёдовар мешуд.

– Косахонаи сараш шикастааст, – эълон кард пуроҳит ва мо ба гулхан наздик рафтем.

– Лакшмикантҳамма–Сурамма–Пераммаанаам! – бо садои оҳангдор мад кашида такрор кард пуроҳит ва чун Пани бо мушкилӣ ҳама чизро дарк мекард, худаш тамоми расму оинро ба ҷо овард.

Аммо ман ҳеҷ тасаввур карда наметавонистам, ки Лакшмикантҳамма ва бибиам як одам бошанд. Ман бо тамоми қувва мекӯшидам симои Лакшмикантҳаммаи ҷавонро, ки бо либосҳои мӯҳташами муносиби арӯси заминдор пӯшидаи зери чодари арӯсӣ нишастаро тасаввур кунам. Вале ин манзара бо бибиам ҳеҷ мувофиқат намекард. Барои ман ва барои дигарон – ҳамаи

онҳое, ки ӯро то рӯзҳои вопасини ҳаёташ мешинохтанд, ӯ бибии одӣ буд, зани пири ба чодари бевагӣ печидае, ки чеҳраашро табассуми илоҳӣ нур мебахшид. Мо барои ба хона рафтан тасмим гирифта будем, ки нохост Пани ба назди гулхан давида рафту худашро ба болои лахчаҳои сӯзон афканда, фарёд зад:

– Модарҷон, ман акнун бе ту чӣ хел зиндагӣ кунам!

Хушбахтона, мо тавонистем, ки сари вақт ӯро халос кунем, ӯ бо каме сӯхтагиҳои бадан аз ин бало наҷот ёфт. Ӯ дардро эҳсос намекард, мастӣ ва дарди шадиди талафот ӯро батамом девона карда буд, шашқатор ашк мерехт.

Ӯ пештар ҳам ҳангоми мастӣ борҳо гириста буд, вале бори аввал, ҳарчанд аз дилсӯзӣ ба худаш бошад ҳам, аз таҳти дил ашк мерехт. Дилам аз ҳисси ҳамдардӣ ба ин одам, шояд бори аввалу охир бошад, сахт фишурда шуда буд.

Ҳамон рӯз ман чунон ҳарисона ба хӯрок дарафтодам, ки ҳатто занам ҳам ҳайрон шуд. Гӯё аз дӯшам бори сангинеро афканда бошам. Ман бодбезанро бо тамоми қувваташ ба кор андохта, ба рӯи бистар дароз кашидам. Ба хона оҳистакак Нани ворид шуд, аз чеҳрааш маълум буд, ки чизе ӯро сахт ба изтироб овардааст. Ман чашмонамро пӯшидам. Вале писарам бо борикбинии беғалати кӯдаконааш дарк кард, ки маро ҳанӯз хоб набурдааст. Ӯ каме хомӯш истоду гуфт:

– Бибиам ҳоло дар осмонҳост. Худаш мегуфт, ки одамони хуб ба биҳишт мераванд.

Ман чашмонамро кушода, ба писарам нигаристам. Дар чеҳраи кӯдак табассуме дамида буд, ки умеди соддалавҳонаро ифода мекард. Дар айни замон дар симои ӯ кадом як ифодае, ки хоси кӯдакон нест, нақш баста буд. Бибиам дар кӯдакони ман як ҳиссачаи худро боқӣ гузошта буд ва ман аз ин хурсанд шудам.

Занам зуд–зуд шикоят мекард, ки пиразан тарбияи кӯдаконро вайрон мекунад. Вале дар даруни дилаш ба таъсири хуб расондани ӯ дар тарбияи кӯдакон иқрор буд. Бибиам дар як вақт ба кӯдакон ба дараҷае наздик ва ҳам дур буд, ки ба эътимод ва эҳтироми онҳо баробар соҳиб шуда буд. Ҳатто писари калонии ман Баби, ки аз шайтонбача ҳеҷ камӣ надошт, тайёр буд барои бибиаш ҷон диҳаду ӯро наранҷонад. Ба ӯ муяссар гардида буд дар кӯдакон эҳсоси беихтиёр дар чашмони ӯ арзанда намуданро тарбия кунад. Вале ӯ, бо ин ҳама, барои онҳо ягон қоидаи рафтор муқаррар накарда буд ва ҳеҷ кӯшиш намекард, ки ба майли табиии бачаҳо ба шӯхию бозӣ монеъ шавад. Онҳо ҳар чизе, ки мехостанд, мекарданд: шӯхӣ ме-

карданд, девонагӣ мекарданд, итоат намекарданд. Вале дар ҳама коре, ки онҳо мекарданд, ягон чизи бади аз адаб берун ба чашм намерасид. Дар кирдори онҳо ягон зиштӣ ё нияти бад дида намешуд. Вале ман наметавонистам бо ақидаи занам розӣ нашавам. Бибиам, ки дар байни кӯдакон нуфузи бенуқсон дошт, чӣ тавр натавонист Пании худро ба роҳи рост ҳидоят кунад? Ман гаштаю баргашта дар бораи ин масъалаи ғайриодӣ фикр мекардаму дар тааҷҷуб мемондам.

Боре Нани ним шиша карасинро нӯшида буд. Модараш аз изтироби он ки коре аз дасташ намеояд, ба сари кӯдак даст бардошт. Бибиам Наниро аз дасти ӯ халос карда, бо шитоби зиёд тамоми шаҳрро дав–давон тай карда, ба назди духтур бурд. Агар ӯ каме дер мекард, Наниро дигар наҷот додан мумкин набуд. Занам баъди ба худ омадан сахт ғам мехӯрд, ки ба сари кӯдаки мӯҳтоҷи ёрӣ даст бардоштааст, вале ғурураш ба ӯ монеъ мегашт, ки ба гуноҳаш иқрор кунад. Вақте ки хатар паси сар шуд, ӯ изҳор кард:

– Ин баттолро сазои сар ҳамин аст, афсӯс, ки намурд. Ҷонамро ба лабам овард!

– Агар бо ӯ ягон ҳодиса рӯй медод, ту тамоми умр худатро намебахшидӣ, – гӯшрас кард ба ӯ бибиам. – Писарат барои ту як ганҷина аст. Вале ӯ дигар карасин нахоҳад нӯшид. Як бор чашида дид, дигар намехоҳад.

Духтур ба Нани доруи хобовар дод ва ӯ нимҳушёр дар рӯи дастони бибиам хобида буду ба чашмони ӯ нигариста, хоболудона табассум мекард.

Занам бо ин ҳеҷ созиш карда наметавонист, ки зани бегона писарашро тарафгирӣ мекунаду бо ӯ якҷоя ба модараш муқобил мебароянд.

– Шумо кӯдаконро ноздона мекунед, бибӣ. Агар шумо Паниро дар кӯдакиаш зуд–зуд латукӯб мекардед, эҳтимол аз ӯ ҳам одами дуруст мебаромад. – Дар садои занам шодии кинаҷӯёна эҳсос мегардид, пиразанро ба як нӯл зад.

Вале бибиам ба ӯ танҳо бо табассум нигарист. Нигоҳаш андешамандона буд:

– Шояд ту ҳақбаҷониб бошӣ духтарам, вале мефаҳмӣ, ман тоқати дидани азияткашии одамонро надорам, пас чӣ гуна метавонам ба касе озор расонам. Он чӣ ба масъалаи латукӯб иртибот дорад, ман кӯдаконеро медонам, ки волидонашон дар айёми кӯдакӣ онҳоро бераҳмона мезаданд ва вақте ки ба воя расиданд, ба қаллобони бераҳму беинсоф мубаддал гардиданд. Амаи Нани ганҷ

аст. Ҷавоҳирлаъл Неруи дуввум хоҳад шуд!

Шурӯъ аз ҳамон рӯз Нани фақат дар орзуи як чиз буд: ӯ Ҷавоҳирлаъл хоҳад шуд! Кӯдакро шинохтан номумкин буд – гӯё ӯро иваз карда буданд. Ману занам ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонистем ин гуна андешаро ба писарамон талқин кунем.

Бибиам ровии бемислу монанде буд. Ӯ хубию бадии қаҳрамонони нақлашро хеле кам, ба таври мавҳум баён мекард. Масалан, ӯ мегуфт:

– Дҳармаразу тамоман ба падари ту шабоҳат дошт. Хашмгин мешуд, мекӯшид, ки чизи хостаашро ба даст орад. Вақте ки ӯ Абҳиманюдуро фиристод, то бо як зарба душманонро, ки ҷангиёни худро ба шакли баргҳои гули нилуфари обӣ саф ороста буданд, шикаст диҳад, магар намедонист, ки онҳо ин кӯдакро ҳатман хоҳанд кушт? Вале вақте ки ӯро куштанд, ӯ чӣ кор кард? Нишасту сарашро ба дастонаш гирифта, мисли занон гирист. Албатта, ӯ Абҳиманюдуро дӯст медошт. Вале ӯ бештар аз тарси он мегирист, ки бояд дар назди Арҷунуду ҷавоб мегуфт. Медонӣ, Веманнаи бузург дар бораи ӯ чӣ гуфтааст? Фақат номи ӯ Дҳармаразу – «Адолатпаноҳ» буд, дар асл танҳо як донаи бузурги ин дарахт буду бас. – Ҳамин тариқ, ман Дҳармаразу будаму занам ба Кунти табдил меёфт, Пани – Камсуду ё Дурюдҳанаду мешуд ва дар тасаввури кӯдаконаи бачаҳо симоҳои воқеӣ ҷилва мекарданд.

Ба бибиам муяссар гардида буд, дар пуранаҳо ва достонҳои қадимӣ инсонҳои ба дили кӯдакон наздикро манзил диҳад.

Мавриде шуд, ки бибиам бо ҳамроҳии оилаи Пани хоҳу ноҳоҳ дар гараж зиндагӣ мекарданд. Баъди як ҳафтаи кӯчидани мо дар назди хона муҳандисон бо гурӯҳи коргарон пайдо шуда, ба кардани роҳ шурӯъ карданд. Ман аз онҳо фаҳмидам, ки барои сохтани гузаргоҳи калон аз болои роҳи оҳан омодагӣ мегиранд ва роҳи мошингард аз сатҳи замин 6–7 метр болотар сохта хоҳад шуд. Сохтмон як сол идома хоҳад ёфт ва тайи ин муддат роҳе, ки бо мошин то хона мерафтем, баста мешавад ва баъд роҳ аз таги пул хоҳад гузашт. Ва то анҷом пазируфтани сохтмони роҳ ба назди хона бо мошин рафтан имконнопазир аст. Ман қарор додам, ки ба Пани чизе нагӯям, чунки ман хоҳу ноҳоҳ, баъди кӯчидан барои худам барои муваққат гаражи дигар ёфта будам. Бегоҳиҳо ман мошинамро дар он ҷо монда, пиёда ба хона меомадам.

Сутунҳои чӯбини пули нав, чанд метр дуртар аз хонаи мо ба боло сар кашида, тамоми манзараҳоро аз чашми мо пинҳон карда буданд. Ҳар бегоҳӣ вақте ки аз кор бармегаштам, маро эҳсосе фаро меги-

рифт, ки моро зинда ба зинда гӯр мекунанд. Бибиам одатан ҳамроҳи кӯдакон ба абрҳои чангу семент аҳамияте надода, дар гӯшаи ғарами сангҳо ё сангтӯдаҳои бинокорӣ менишаст, баъзан бо коргарон бо забони телугу – як забони годаварии шарқӣ калимаҳоро мад кашида, сӯҳбат мекард. Ӯ гоҳ ба Мутҳа барои ба гап даровардани синҳори гапнодарояш маслиҳат медоду гоҳ ба Палани, ки бародараш аҳдашро шикаста, ӯро фиреб карда буд, ҳамдардӣ мекард. Онҳо ба забони тамилӣ ҳарф мезаданду бибиам ба забони телугу, Баби аз рӯи зарурат нақши тарҷумонро иҷро мекард.

Баъзан бибиам ба бачаҳо қиссаҳои «Рамаяна»–ро нақл мекард. Баби бо бачаҳои дигар дарҳол нақши онҳоро мебозанд. Худи Баби ҳатман нақши Хануманро мебозид, рӯ–рӯи сангтӯдаҳои бинокорӣ мепариду аз болои уқёнус ба теппаи Санҷиви паридани қаҳрамонро тасвир мекард. Занам, вақте ки кӯдакони жӯлидамӯю ифлосро медид, ғур–ғур мекард, вале бибиам ҳар бегоҳӣ ҳамаи онҳоро ба ташноб дароварда, тоза мешуст. Ин расму оин ҳар бегоҳӣ бо хурсандии бекарона мегузашт ва тӯли як соат ба ҳамаи маҳалла чирроси шодӣ паҳн мегардид. Албатта, барои чунин шустушӯ чанд кулча собун бештар масраф мешуд, вале шодию хурсандии бачаҳо маро қонеъ месохт.

Боре Баби мисли ҳарвақта нақши Хануманро мебозиду қатли Ланкиниро тасвир карда, ба болои бибиам парид. Ӯ, ки дар як гӯшаи сангтӯдаҳо амонат нишаста буд, мувозинаташро гум кард. Ҳар дуи онҳо аз баландии қариб дую ним метр ба замин афтиданд, вале, воқеан ҳам, чунин ба назар мерасид, ки касе сахт лат нахӯрдааст.

Бегоҳӣ бибиам аз дарди кунди сандуқи сина шикоят кард, вале касе ба ин эътибори казоӣ надод…

Ҳангоми субҳона хӯрдан дар рӯзи сеюми баъд аз сӯзонидани ҷасад Баби давон ба хона даромада, хабар дод, ки зани Пани – Венкамма бо кӯдаконаш омадааст. Вақте ки мо вориди гараж шудем, Венкамма, ки ба девор такя карда нишаста буд, аз ҷо бархост. Ман дидам, ки Лакшми– духтари калонии ӯ ба чор тараф чашм давонда, бибиашро меҷӯяд. Дар чашмони ӯ на ашк, балки танҳо ҳайрату нигаронӣ нақш баста буд. Ӯ набераи дӯстдоштаи бибиаш буд.

Вақте ки Пани қисмати бештари пулеро, ки писари холааш медод, ба майнӯшӣ исроф кардан гирифту аҳли оилааш қариб ки ҳамеша гуруснагӣ кашидан гирифт, ба ман лозим омад, ки дахолат кунам. Дидани он ки зану фарзандони Пани чӣ гуна азият мека-

шанд, дигар шоистаи таҳаммул набуд. Он гоҳ ман писархолаи Паниро даъват карда, бо ӯ маслиҳат кардам, ки пулҳоро ба зани ман диҳад ва ӯ пули хароҷотро дода назорат кунад, ки дар хона ҳамеша хӯрокворӣ бошад. Вале ин ба Пани хуш наомад.

Боре мо шабона аз нолишҳои даҳшатангез, ки аз тарафи гараж меомад, бедор шудем ва ба он ҷо давида рафтем. Дар рӯи ҳавлӣ кӯдакони аз тарс талхакафшуда овора мегаштанд. Дар даруни гараж Венкамма, мисли ин ки бо кордаш зада бошанд, оҳу воҳ мекард. Дарвоза қулф набуд, мо онро кушодему манзараи қабеҳе дидем: Венкамма дар рӯи фарш ба шикам мехобид, Лакшми зарбаҳои пайиҳамро ба худ қабул карда, бо ҷисми худ модарашро пӯшонда, аз мушту лагад ҳифз мекард. Пании аз ғазаб ақл бохта бо химчаи бамбук ӯро мезад. Бибиам дар кунҷи гараж, аз афташ, тамоман беҳушу беёд мехобид. Вақте дидам, ки Лакшми аз дард ҳатто садо намебарораду балки модарашро бо садои паст зорӣ мекунад, ки ин қадар баланд фарёд назанад, даҳшатнокии ин ҳодиса бармалотар гашт.

Ман химчаро аз дасти Пани кашида гирифтаму бо тамоми қувват ба рӯяш фуровардам, ӯ худро нигоҳ дошта натавониста, ғалтид. Ман ба тарафи хона давида, фарёд задам, ки ба пулис занг мезанам. Ман вақт дар меҳмонхона, назди телефон истода будам, вале ҳамин вақт Лакшми аз пушт худашро ба болои ман партофта, пойҳоямро сахт оғӯш карда, намонд, ки ба телефон даст дароз кунам. Ӯ гирякунон аз таҳти дил зорӣ мекард, ки ба пулис занг назанам. Ман худро ҳам гунаҳкор эҳсос кардаму ва ҳам ғазабнок беҳолу мадор тамоман афтодарӯҳ ба болои курсӣ афтодам. Ин духтарак чӣ ҳақ дорад, ки маро дар ҳолати ногувор монад! Ман то ҳол аз изтироби дидани он манзарае, ки ӯ бо ҷисми хеш модарашро ҳифз мекард, ба худ наомада будам.

Рӯзи дигар бибиам сахт исрор кард, ки Венкамма бо кӯдаконаш ба назди падараш раванд. Пани занашро сахт дӯст намедошт, вале ин ба иззати нафси ӯ мерасид. Ӯ чӣ қадарҳо макру найранг кард, то ки онҳоро аз рафтан боздорад. Сарашро ба девор кӯфт, таҳдид кард, ки худкушӣ мекунад, ба сару рӯи худ зада, ба ҳамаи худоҳои маъбади дини ҳинду савганд ёд кард, ки ислоҳ ҳоҳад шуд ва ниҳоят ба пеши пои занаш сар монд, занаш аз даҳшати ин рафтори носавоби шавҳараш ҳатто худро ақиб кашид. Ростӣ, баъди ин ҳатто як дараҷа нарм ҳам шуд, вале бибиам аз раъяш нагашт.

Ӯ ба писараш гуфт:

– Сармагару (яъне ман) ба ман гуфт: агар онҳо нараванд, ман ба

пулис арз хоҳам кард. Ман ваъда додам, ки онҳоро равон хоҳам кард. Гӯш кун, писаракам, дар акси ин, аҳволи ҳама бад хоҳад шуд. Баъд аз як–ду моҳ ӯро ба гап медароpему ту онҳоро баргардонда меорӣ.

Бибиам дидаву дониста дурӯғ гуфт ва ин ба ӯ таъсир кард. Ӯ дарк карда буд, ки баъди он ҳодисаи гузашта Пани дигар ҷуръат намекунад, ки ба чашми ман намоён шавад. Вале Пани ҳам дар ниҳонхонаи дилаш эҳсос мекард, ки аз занаш якумрӣ ҷудо мешавад. ман банохост дарк кардам, ки бибиам ба писараш, чун ба кӯдаки калонсоли сернозунуз муносибат мекунад ва ӯ ҳамин хел ҳам ҳаст.

Венкамма ҳам медонист, ки тамоман ҷудо мешаванд ва ба куллӣ ғамгин буд. Ӯ ба пои хушдоманаш афтода, дуру дароз дар ҳамин ҳолат монда, кӯшиш мекард ашкҳояшро пинҳон дорад.

Вақте ки ӯ рафт, бибиам ба зани ман гуфт:

– Ман онҳоро рӯи хотири синҳорам нафиристодам – зан бояд аз шавҳари бад шавҳари хуб тарбия кунад. Вале чун фикр мекунам, ки аҳволи кӯдакон, агар дар ин ҷо монанд чӣ мешавад, дилам пора–пора мешавад. Намехоҳам, ки бо дили пур аз ранҷу озор ба воя расанд.

Чун ман ин суханонро шунидам, эҳтиромам ба бибиам боз ҳам фаровонтар шуд. ман чунин занҳоеро, ки қобилияти ҳам дӯст доштан ва ҳам маҳкум кардани фарзандони худро доранд, кам вохӯрдаам.

Вақте ки Венкамма бо кӯдаконаш омад, хушбахтона, Пани дар хона набуд, дар маҳалли мурдасӯзӣ хокистари ҷасади бибиамро ҷамъ мекард. Барои роҳ надодан ба ҷангу ҷанҷол, ки мумкин буд оину таомули ин ҳодисаи андӯҳоварро халалдор кунад, аз занам хоҳиш кардам, ки онҳоро дар хонаи мо ҷой кунад ва Венкаммаро бо шавҳараш дар гараж танҳо нагузорад. Вале, вақте дидам, ки Пани беҳтарин симои сарвари оиларо дорад, тамоман ба ҳайрат афтодам. Ӯ ҳангоми вохӯрӣ бо аҳли байташ аз саломатии ҳар як узви оилаи хусураш пурсон шуд. Рӯзҳои дигар ҳам бе дигаргунӣ гузаштанд.

Дар давраҳои хушбахтии мо, вақте ки бибиам ҳамроҳи мо буд, ман доимо меандешидам, ки оё ҳикмати аз ҳаёт омӯхтаи ӯ, таъсири фавқулоддаи шахсияти ӯ берун аз чордевори хона ҳам фарогир бошад ё не. Масалан, агар ӯ дар вазифаи ман кор кунад, оё метавониста бошад, ки ҳамин гуна осону сабук ва эътимодбахш тамоми мушкилотро ҳал кунад. Оё метавониста бошад, ки дар чунин кор-

хонаи калон, чун корхонаи мо зиддиятҳои оштинопазири байни коргарон ва маъмуриятро то дараҷаи муносибатҳои мутақобилаи инсонӣ расонад. Ман шӯъбаи кадрҳои яке аз корхонаҳои калони саноатиро роҳбарӣ мекардам ва ҳангоми кор зуд–зуд бо мушкилоти мураккаб рӯ ба рӯ мешудам ва баъзан фикр мекардам, ки оё месазад ба бибиам пайравӣ кунаму мисли ӯ шавам, вале фақат дар доираи тиҷорати калон. Ақлам мегуфт, ки ин имконнопазир аст: бибиҳо барои хона хубанд. Вале баъд як воқеаи ҷолибе рӯй дод ва он ҳангом таъсири бибиам маро аз вазъи ноҳинҷор раҳонид.

Коргарони корхона ба корпартоии калон омодагӣ медиданд, фавран ба қароре омадан зарур буд. Ман ба ҳаққонӣ будани талаботи коргарон на аз ҷиҳати ҳуқуқӣ шубҳае доштаму на аз ҷиҳати ахлоқи инсонӣ, вале маъмурият умед дошт, ки ман чун ходими ширкат қонунро ба фоидаи он истифода хоҳам бурд. Ба ман гӯшрас ва ҳатто таҳдид карданд, ки агар як қадами барғалат монам, аз вазифаам маҳрум хоҳам шуд. Маъмурият якравӣ карда, як зарра ҳам гузашт намекард. Ман ду шаб бедорхобӣ кашидаму ниҳоят, маърӯзае тайёр кардам, ки дар он вазъи фарорасидаро бисёр боадабона аз нуқтаи назари қонун шарҳ додам. Ба зудӣ маро ба Шӯрои директорон даъват карданд, то «мавқеи худро асоснок кунам».

Чун ба ин гуна маҷлиси баландпоя даромадам, худро мисли гурбае эҳсос кардам, ки рӯ–рӯи боми тасфон медавад. Бо дидани чашмоне, ки пинҳонӣ аз паси шишаҳои айнак ба кас менигаранд ва лабҳои сахт фишурдаи онҳо ман худро гум кардам. Ногаҳон, худам ҳам нафаҳмида, айёрона ба ҳарзагӯӣ даромадам, баъд афкорам, шояд барои он ки маро аз шармандашавӣ наҷот диҳанд, пароканда шуданд. Дар хаёлам симои бибиам ҳувайдо гардид, ки дар болои тӯдаи масолеҳи сохтмон ботамкин нишаста буду бо табассуми ҳамешагиаш коргарони бо ҳам ҷанҷолкардаро оштӣ медод. Ман банохост ором шудам, дар чеҳраам худ аз худ табассуми бибиам нақш баст. Ман шунидам, ки мудири шӯъбаи коргузорӣ ногаҳон пурсид, ки оё ман омодаам, агар вазифаам ҳам аз даст равад, дар мавқеи худ пойдор монам. Ман гӯё аз дур медидам, ки рост ба чашмони ӯ нигоҳ мекунам ва ба тарзи бибиам табассум карда, ба таври одӣ ҷавоб гардондам: «Бале».

Директорҳо бодиққат ба ман нигоҳ мекарданд, вале ман ҳамоно табассум мекардам. Аз афташ, на танҳо ҷавобам, балки ҳамин табассуми ман ҳам шасти онҳоро гардонда буд. Ба назари ман чунин менамуд, ки замон аз ҳаракат бозмондааст. Инак, мудири шӯъбаи коргузорӣ аз ҷояш бархоста гуфт:

– Шумо одами боҷасорат ва поквиҷдон ҳастед, ҷаноби Сарма. Мо бо шумо ифтихор мекунем. – Ва дастамро бо эҳсос фишурд.

Ман аз утоқи корӣ на қадамзанон, балки парвозкунон баромадам. Бахусус он бегоҳӣ бесаброна мехостам ҳарчи зудтар бибиамро дар майдончаи сохтмони назди хона бубинам. Ман ба ин манзара чунон одат карда будам, ки агар як рӯз ӯро дар он ҷо набинам, дилтанг мешудам. Ва вақте ки ман дар рӯи ҳавлӣ касеро надидам, дилам фишурда шуд. Ман ба хона надаромада, рост ба гараж равона шудам.

Дар он ҷо кӯдакони зиёд ҷамъ омада буданд. Бибиам дар замин ёзида, ба бачаҳо саргузашти сагеро, ки аз пайи Дҳармаразу ба осмонҳо рафта буд, нақл мекард. Ӯ маро дида, кӯшиши бархостан кард, вале аён буд, ки дард имконаш надод. Вале чун аз вазъи саломатиаш пурсон шудам, ӯ бо ҳамон табассуми ҳамешагиаш ҷавоб гардонд. Ҳамон дарди пешина дар сандуқи синаам, даст афшонд ӯ. Ман пешниҳод кардам, ки духтур даъват кунем, ӯ рад кард.

Соати сеи шаб фиғони мастонаи Пани моро аз хоб бедор кард. Ману занам барои фаҳмидани сабаби он ба гараж рафтем.

– Баландтар бардор, пири аҳмақ, оҳ, мемирам, – бо тамоми овоз дод мезад ӯ.

– Дод назан, ҳамсояҳоро бедор мекунӣ, – кӯшиш мекард арбадаҷӯро ором намояд модараш ва аз садояш маълум буд, ки дарди шадидеро таҳаммул мекунад.

Ман бо ишора ба занам фармудам, ки хомӯш бошад ва наздиктар рафтам. Ба роғи байни табақаҳои дарвоза назар кардам: дарун торик буд. Ман бо фонуси кисагӣ роғро равшан карда, аз даҳшат карахт шудам. Пани дар кати вазнини чӯбин мехобиду бибиамро маҷбур мекард, ки пояҳои катро ҳар қадаре ки метавонад, баландтар бардорад. Бибиам бо қомати хамида истода буду бо ду даст ба зонувони бемадоргаштааш такя карда, бо пушташ як гӯшаи катро бардошта буд. Бо китфам дарвозаро зада кушодаму чароғи баркро равшан кардам. Моро дида, бибиам беихтиёр табассум кард. Ӯ кӯшиши озод шудан карда, катро ба замин гузошт, вале пойҳояш рост нашуданд. Ман ба кӯмакаш шитофтам, вале пеш аз он ки ба наздаш расам, ӯ калавиду пару афтод ва хун аз гулӯяш фаввора зад. Занам бо фарёди: «Бибӣ, бибиҷон!» ба тарафи ӯ давид. Пани ба рӯи кат нишаста, бо тамоми қувват мекӯшид сарфаҳм равад, ки чӣ чизе ӯро ин қадар сахт афшонд. Баъд чашмаш ба ман афтоду худро сафедкунон гуфт:

– Вақте ки хун ба тарафи сар ҳаракат мекунад, зудтар ҳушёр

мешавӣ. Фақат катро баландтар бардоштан зарур аст. Ҳар қадар баландтар бошад, барои ман ҳамон қадар ҳам беҳтар аст.

Дилам чунон беҳузур шуд, ки рӯямро гардондам. Аз афташ, бибиам тамоми умр ин бори вазнинро ба дӯшаш бардоштааст. Шабҳои дарози ӯ аз азиятҳои беинтиҳояш боз ҳам тӯлонитар шудаанд. Ӯ одат карда буд ки андӯҳи нуҳуфтаи зиндагии бесурурашро пинҳон дораду ягон таскине наҷӯяд ва дар айни замон ба дигарон табассуме, ки ба дилҳо гармӣ мебахшад, тӯҳфа намояд. Айнан мисли Шива, ки заҳри марговарро то қатраи охиринаш нӯшиду барои хурсандии дигарон шаҳди зиндагизоро боқӣ гузошт. Ман банохост кӯдаквор гиря кардам, худам ҳам намедонам аз ғам ва ё аз чизи дигаре.

– Бо гиря ба ӯ ёрӣ расондан намешавад, рафта духтур биёр, – фармуд занам.

Ман дарзамон ба берун давидаму баъд аз муддате бо ҳамроҳии духтур баргаштам, вале бибиам дигар ба ёрии духтур эҳтиёҷ надошт. Ӯ аз бори сангине, ки муддати тӯлонӣ ба дӯш дошт, халос шуда буд.

Пани аз вақте ки занаш бозгашта буд, худро ҳамин хел нишон медод, ки воқеан ҳам ба қароре омадааст, ки зиндагии нав сар кунад. Марги модараш ӯро ҳушёр карда буд, мо бисёр умедвор будем, ки ӯ акнун масъулияти тақдири оиларо ба зиммаи худ мегирад. Барои ман тамоман ғайричашмдошт буд, вақте ки баъди сездаҳ рӯзи марги бибиам Лакшми ба назди ман омада, хабар дод, ки бегоҳӣ онҳо ба назди бобояшон бармегарданд. Ман кунҷковӣ карда пурсидам, ки падарашон бо онҳо меравад ё не. Ӯ ҷавоб дод:

– Агар модарам ҳамроҳи ӯ монад, ӯ ҳам мисли бибиам мемирад. Аҳволи кӯдакон чӣ мешавад? Бибиам ба модарам гуфта буд, ки ба суханони ӯ бовар накунад ва ҳамроҳи ӯ зиндагӣ накунад. Ӯ худро идора карда наметавонад.

Ман маъюсона худ ба худ табассум кардам: маълум буд, ки ӯ дигар худро кӯдак намешуморад.

Мошинҳо он рӯз намегаштанд, ронандаҳо барои кадом як ҷанҷол бо корманди пулис корпартоӣ карда буданд. Лозим омад, ки худам онҳоро ба вокзал барам. Ҳамаи аҳли оила бо онҳо рафтем – кӣ медонад, боз кай дидори якдигарро медида бошем. Вақте ки онҳо дар поезд нишастанд, занам ба дасти ҳар кадоме аз кӯдакон, аз ҷумла Лакшми, панҷрупиягӣ пул дод. Венкамма ба ин муқобилати заиф нишон дод, кӯдакон шарм карданд, вале занам аз гапи худ намегашт: ин чӣ кор аст, охир мо баъди мурдани бибиа-

мон бегона нашудаем–ку. Занам дар назди тирезаи вагон истода, бо Венкамма гуфтугӯ мекард, Пани дар назди тирезаи дигар бо садои паст ба Лакшми чизе мегуфт. Ман ғарқи андеша дуртар истода будам.

Поезд садои рафтан заду мо шитобидем, ки кӯдаконро аз купе берун барорем. Дар ҳамон лаҳзае, ки ман Наниро аз даромадгоҳи серодам берун мебаровардам, дидам, ки Лакшми пинҳонӣ панҷ рупияи худро ба кафи дасти Пани гузошта, болояшро бо кафи дасти худ пӯшид, то касе набинад. Шунидам, ки гӯшакӣ гуфт:

– Вале ҳамаашро имрӯз сарф накун. Агар ҳамаашро сарф кунӣ, пагоҳ чӣ кор мекунӣ?

– Хуб, хуб, – гуфт Пани ва садояш аз изтироб ларзид.

Поезд ҳаракат кард ва ман дидам, ки Лакшми чӣ гуна табассум кард. Дар чашмони ӯ на ашк, балки қатраҳои оби муқаддас буду чеҳрааш чун офтоби баъди борон медурахшид. Ба назари ман чунин менамуд, ки бибиам аз нав зинда шудааст. Дар ин лаҳза дар дили ман чунон эътимоде пайдо шуд, ки ман бебаҳс бовар кардам, бибиам аз дигар эҳё шудааст: ин духтараки нозукандоми даҳсола ба дӯши худ бори вазнини гуноҳҳои падарашро бардошта буд. Ман ҳам ноумедӣ ва ҳам сабукӣ эҳсос мекардам. Ба хотирам сатрҳои машҳури ҳикмати англисӣ расиду худ ба худ гуфтам:

– Бибиам мурд, зинда бод бибиам!

* * *

***БУЧЧИБАБУ*** *(тахаллуси адабиаш Шиваразу Венкати Суббарао; 1916 – 1967) – барҷастатарин адиби насрнавис аз Андҳра. Асарҳояшро ба забони телугу таълиф намудааст. Муаллифи романи машҳури «Оқибат чӣ мемонад?» ва даҳ маҷмӯаи ҳикоя аст.*

## ҲОШИМА БИ

Ҳошима Би аз вохӯрии нахустин ба ман хуш омад. Ман ӯро дар хонаи дӯстам – дар Ҳайдаробод дида будам. Соҳибҷамол набошад ҳам, мисли оташак чусту чобук ва ба назар намоён буд. Вақте ки табассум мекард, дандонҳои сафедаш намоён мегардид. Абрӯвонаш, гӯё бо қалам кашида бошандашон, рост буданд. Мӯйҳояш, ки бо фарқи рост ҷудо мегардиданд, мисли болҳои чилчила ба пешонааш рехта буданд. Дар болои биниаш аломати мусулмонии «тату» нақш ёфта буд. Ӯ домани гулдор пӯшида бу-

ду гесӯвони дарозаш қомати базеби мавзунашро оро медоданд. Ӯ шабеҳи нури беқарор зуд, чобукона ҳаракат мекарду вақте ки ба-шиддат ба қафо баргашта нигоҳ мекард, гесӯвонаш дар гирди гарданаш мепечиданд. Ӯ аз касе наметарсид – чашмони ӯ, ки мисли баргҳои пан қаҳваранги тиллогун буданд, ба атроф кунҷковона, вале бо ҷасорату шодӣ менигаристанд.

Ҳошима Би як қабза гул оварда, рӯи мизи даҳлез гузошту дар дами дар табассумкунон истод. Ман бо ишораи даст ӯро ба дарун даъват кардам, ӯ надаромад.

– Номат чист?

– Би.

Акнун ӯ аз остона гузашта буду маро ва дар айни замон, якбора хонаро ҳам аз назар мегузаронид.

– Мехоҳӣ ин гулҳоро ба гесӯвонат бофӣ?

– Не.

Ӯ сарашро такон доду кокулонаш дар тахтапушташ ба рақс да-ромаданд.

– Ту дар ягон ҷо кор мекунӣ?

Ӯ хомӯшона табассум кард. Диққати ӯро бодбезани рӯимизии барқӣ ба худ кашид. Ҳаракати парраҳои он гӯё духтаракро ҷоду карда буд, мардумаки чашмонаш ҳамроҳи онҳо чарх мезаданд.

– Ба ту маъқул аст? – пурсидам ман.

– Мумкин аст, ман худам онро васлу хомӯш кунам?

– Албатта.

Ӯ онро хомӯш ва боз аз нав васл кард. Ин бодбезани муқаррарӣ, бе тӯри ҳифозат буд. Ман ҳанӯз вақти мижа задан наёфта, Ҳошима Би барои аз ҳаракат боздоштани парраҳои он ангушташро халонд.

Фарёдаш баланд шуду ӯ фавран ангушташро барои расондани ёрии аввалини тиббӣ ба даҳонаш халонд.

– Ангуштат нашикастааст? Биё бубинам.

Сарашро ба аломати рад такон дод.

– Ин хел кардан мумкин нест.

Ба аломати тасдиқ зуд сар ҷунбонд. Ба хона писараки хидмат-гор давида даромада, ӯро сарзаниш карду бисёр дағалона тела до-да, аз хона баровард. Вале дар назди дар, ӯ ба ҳар ҳол ба ман мисли пештара, оромона табассум кард.

Ҳошима Би духтари қассобе буд, ки дар муқобили хонаи дӯсти ҳайдарободиам, дар кунҷак дӯкон дошт. Модари ӯ бо дӯхтудӯз пул кор мекард, чунки даромади шавҳараш кам буд. Ҳошима Би дар дӯкон кӯмак мекард, хариди одамонро ба хонаҳояшон мебурд

ва бо андак музд барои иҷрои супориши ҳамсояҳо медавид.

Кӯдакон зуд ҳаракат карданро дӯст медоранд ва ҳамаи ашёи дар ҳаракат диққати онҳоро ба худ ҷалб мекунад. Бахусус диққати Ҳошима Биро.

Рӯзи дигари баъди шиносоии мо, Ҳошима Биро дар назди дӯкони гӯшт дидам. Ӯ дар назди велосипеди касе истода, чархи онро гоҳ ба ҳаракат меоварду гоҳ бозмедошт. Чарх ба ангуштони ӯ бархӯрд, ӯ ба атрофаш чашм давонд – мабодо касе ӯро бинад, маро дида шинохту хандида, гурехта рафт.

Барои чӣ ин духтарак диққати маро ба худ кашидааст? Ман ҳис мекардам, ки ӯ ботинан шабеҳи ман аст. Баъзан калонсолон ҳам мехоҳанд, ки монеи ҳаракат шаванд. Бигзор, равоншиносон дар ин бора назари худро баён кунанд, – ман медонам, ки онҳо вуҷуд доранд. Ҳис карда шудани шиддати ҷараёни барқ дар вуҷуди инсон чӣ эҳсоси ғайриодиест! Магар ин эҳсоси форам аст? Албатта не, эҳсоси дард аст. Вале баъзан қудрате надорем, ки аз тасаввури ин эҳсос худдорӣ кунем. Ё мо дар каронаи бом истода, хаёлан қадаме ба пеш мемонему… Мо чашмони худро пӯшида, нафас ба дарун гирифта, ин қадами худ, яъне афтиданро тасаввур мекунем – ва худро қафо мекашем.

Вале Ҳошима Би лабрези майлу хоҳишҳои ҷавонӣ буд; ва ӯ метавонист бебокона, андеша накарда, ҳар қадамеро, ки хоҳад, монад. Ана, ҳамин чиз маро ба ӯ ҷазб мекард ва ҳамин чиз, бо он ҳама фарқе, ки дар тарзи зиндагии мо буд, аз наздикии рӯҳу дили мо шаҳодат медод.

Ман ба зудӣ шаҳрро тарк гуфтам ва Ҳошима Биро фаромӯш кардам. Танҳо баъди чаҳор сол аз нав ба аёдати дӯстони ҳайдарободиам рафтам. Ман дар бораи Ҳошима Би аз хидматгори ҷавон, ҳамоне ки як вақтҳо ӯро аз хона тела дода бароварда буд, пурсон шудам.

Ӯ соли гузашта бо Маҳбуб хонадор шуда, ҳамроҳи шавҳараш ба шаҳри дигар кӯчидааст.

Ман хаёлан шавҳари ӯро, ҷашни арӯсии рангини мусулмонӣ, қадамзании аспон, бӯи хуши дуди хушбӯиҳо ва табассуми мафтункунандаи арӯсро тасаввур кардам…

– Тасаввур мекунам, ки чӣ гуна ӯ аз шонаҳои шавҳараш маҳкам оғӯш карда, ҳамроҳи ӯ мототсиклсаворӣ мекунад, – хандид аз дигар ҷавон.

Ба зудӣ, баъди аз Ҳайдаробод баргаштанам, рафиқам Рао ба ман

навишт, ки шавҳари Ҳошима Би ҳалок шудааст. Мототсикли ӯ бо суръати беҳад баланд ба дарахт бархӯрдаасту ронандааш фавтидааст. Ҳошима Би ҳам ҳамроҳи ӯ будааст, вале аз зини он парида, захмҳои начандон вазнин бардошта, ҷон ба саломат бурдааст.

Албатта, ин саргузашти риққатовар буд, вале ман онро дар хаёлам дигар хел тасаввур кардам. Ҷавонии бебоке, ки тоби садду монеаҳоро надорад. Зиндагие, ки ба дурахши барқ шабоҳат дорад. Ҷавон дар оғӯши танги маҳбубааш ақлашро бохта ва саропои вуҷудаш лабрези шавқу завқи беинтиҳо суръатро метезонад. Ӯ, эҳтимол, барои боздоштани ҳаракати чархҳо, чун он дафъае, ки бодбезани барқиро боздоштанӣ буд, кӯшиши пояшро ба байни симҳои чархҳои он халондан карда бошад. Ҳошима Би дилаш девонавор тапида, савори мототсикле, ки ба сӯи фано метохт, шояд ҳамин вақт лаҳзаҳои аз ҳама муҳими ҳаёташро аз сар гузаронида бошад.

Ман аз нав ҷашни арӯсии ӯро тасаввур кардаму Ҳошима Би дар пеши назарам чун арӯси зебои мусулмон – бо поҷомаи сафед, домани сабзи дароз ва сарандози норанҷӣ; бо ду гесӯи ба рӯи синааш афтода, бо табассуми дилбаронаи дар кунҷи лабонаш нақшбаста, бо нигоҳи боҷуръатонаи чашмони калонаш ҳувайдо гардид.

Барои ман Ҳошима Биро бева тасаввур кардан мушкил буд. Ӯ ба назари ман тимсоли ҷавонии музаффар, нерӯи ғайриодӣ, оҳанги пур аз шӯри зиндагӣ менамуд; ӯ дар хаёли ман мисли дарахте менамуд, ки дар алангаи гулҳои алвонрангаш месӯзад; ӯ мавҷе буд, ки бо майли бесабронаи расидан ба моҳ ба осмон сар мекашид.

Ман намехостам, ё метарсидам, ӯро бева – бо домани сиёҳ ва сарандози сафед, бо чеҳраи мисли ғунчаҳои гули садбарги сафед рангпарида бубинам.

Ман ӯро дар вақти бевагиаш надидам ва баъди муддате фаҳмидам, ки ӯ аз нав ба Ҳафиз – ронандаи ҳавопаймо аз Аврангобод шавҳар кардааст. Хонанда метавонад, ба ҷои ман ин қиссаро ба анҷом расонад: «Онҳо муддатҳои тӯлонӣ хушбахтона зиндагӣ карданд ва соҳиби фарзандони бисёре шуданд».

Вале баъди чанд муддат ман дугонаи айёми кӯдакии Ҳошима Би– Кайрунисро дучор шудам.

– Ҳошима Би аз дунё гузашт, – гуфт ӯ.

– Чӣ шуд?

Духтар нақл кард. Маълум гардид, ки шавҳари Ҳошима – Ҳафиз дар он фурудгоҳе, ки кор мекард, маъшуқае доштааст, ки ӯ ҳам ба ҳайси меҳмондори ҳавопаймо кор мекардааст. Ҳошима аз

ин огоҳӣ меёбад.

Боре Ҳошима Би аз шавҳараш хоҳиш мекунад, ки ӯро бо худ ба фурудгоҳ барад. Ӯ мехост ҳамроҳи шавҳараш парвоз кунад, вале Ҳафиз инро рад мекунад ва вақте ки Ҳафиз суръати ҳавопайморо афзуда буд, Ҳошима рӯ ба ҷониби хати парвоз медавад. Ҳошима ба парраи ҳавопаймо мечаспад, вале парраи мутаҳаррик ӯро ба як тараф ҳаво медиҳад ва ӯ ҳалок мешавад. Бо гумони он ки барои аз Ҳошима Би халос шудан, ӯро то дараҷаи худкушӣ расонидаанд, Ҳафиз ва стюардессаро ба ҳабс мегиранд, вале ба зудӣ боз озод мекунанд.

Не, Ҳафиз гунаҳкор нест, дар байни ғалоғулаи бозор ва садои сурудҳои маъмул, ки аз дӯконҳо ба гӯш мерасиданд, дар бораи тақдири Ҳошима фикр карда, ба ин хулоса омадам ман.

Ҳошима Би чун собиқ, кӯшиши боздоштани ҳаракат – ҳаракати бодбезани барқӣ, чархи велосипед, ҳавопайморо кардааст. Барои лаҳзае боздоштани ҳаракати ҷовидонии Коинот – ана, барои чӣ Ҳошима Би ба ин дунё омада буд…

Андешаҳоям пароканда шуданду ман боз ғалоғулаи бозорро шунидаму, кӯчаҳои пур аз одамро дидам, ки шамоли авҷгирифта гарду ғуборро ба рӯяшон мезад.

* * *

***НОРЕНДРОНАТҲ МИТРО*** *(1916 – 1975) – адиби банголӣ, новелланависи машҳур. Ҳикояҳои ӯ дар байни мардум маъруфу маҳбубанд, аз рӯи баъзеи онҳо филмбардорони тавонои Ҳинд филмҳо ба навор гирифтаанд.*

## ДАР ҶУСТУҶӮИ ЗЕБОӢ

Як сол мешавад, ки Сатадал бо Рома мукотиба дорад. Сатадал муовини сармуҳаррири маҷаллаи «Блум» дар Калкатта буду Рома дар мактаби занонаи Басирхат дарс медод. Мактаб «Ниванани Гёрлз Скул» ном дошт. Маълумоти Рома муқаррарии омӯзгорӣ буд, вале кӯшиши худро дар шеъру шоирӣ санҷидан дошт. Сатадал ба таҷрибаҳои адабии ӯ хайрхоҳона муносибат мекард ва яке аз шеърҳои ӯро нашр карда буд. Илова бар ин, ӯ ба шоираи ҷавон чанд сухани рӯҳбаландкунанда ҳам навишт. Мукотибаи онҳо Ана, аз ҳамин мактуби кӯтоҳ оғоз мешуд. Сатадал нахустин муҳаррире буд, ки ба ашъори ӯ баҳои мусбат додааст ва табиист, ки номаҳои ӯ

саршори миннатдорӣ буданд. Шеъри дар маҷаллаи «Блум» батабъ-расида, пеш аз он ки ба дасти Сатадал афтад, муддати тӯлонӣ дар идораҳои маҷаллаҳои дигар бенатиҷа саёҳат карда буд. Дар номаи нахустини худ ба Сатадал Рома хурсандии худро пинҳон карда натавониста буд. Дар номаи ҷавобӣ Сатадал кӯшид ӯро ҳарчи бештар рӯҳбаланд кунад ва дилпур карда буд, ки вазъи ӯро хуб дарк мекунад.

«Таслим нашавед, – маслиҳат медод ӯ. – Бардошту таҳаммул, истодагарӣ кунед, чунки тамоми зиндагии мо муборизаи тӯлоние беш нест. Ва ба шумо лозим меояд, барои он ки шуморо эътироф кунанд, мубориза баред. Ин, албатта, кори душвор аст, вале маҳз барои ҳамин ба мубориза бурдан меарзад».

Магар Рома бо ӯ ҳамфикр нест?

«Номаҳои шумо касро мафтун мекунанд, – навишта буд ӯ дар ҷавоб. – Бигӯед, шояд шумо нависанда ҳастед?» Сатадал фалсафаронӣ мекард: «Баъзеҳо барои миллионҳо менависанду баъзеи дигар барои лаззат бахшидан ба як нафар. Тақдир на ба ҳама кас имкони нависанда шудан муҳайё мекунад. Баъзеҳо китоб менависанду баъзеи дигар танҳо сутунчаҳои ин навиштаҳоро дар идораи маҷалла хонда, ислоҳ мекунанд – ҳаёт ҳамин аст».

Вале Рома ин шарҳро сар тофтан аз ҷавоби ошкоро донист. «Шумо беҳуда ба ман дурӯғ мегӯед, – бо оҳанги нарм таънаомез навишт ӯ. – Ман ба хубӣ мебинам, ки шумо нависандаи ҳақиқӣ ҳастед. Шояд Шумо бо номи мустаор менависед? Ё навиштанро тарк кардаед? Агар ин хел бошад, барои чӣ? Эҳтимол, Шумо бахти худро наёфтаед? Вале магар талхиҳои тақдир барои эҷод такони беҳтарин нестанд?»

Радду бадалшавии номаҳо ҳамоно идома доштанд. Сардабир ва соҳиби маҷаллаи «Блум» одами сарватманд буд ва ба корҳои интишорот хуб сарфаҳм намерафт. Ҳарчанд Сатадал ба таври расмӣ танҳо муовини сардабир ба шумор мерафт, вале дар амал ҳама кор ба зиммаи ӯ буд. Дар идораи маҷалла ва дар мағозае, ки ба ӯ тааллуқ дошт, якчанд мусаҳҳеҳ, хазинадор, муҳосиб ва ду фурӯшанда кор мекарданд. Фурӯшандаҳо дар паси пештахта кор мекарданду дигарон ҳама якҷоя дар як хона менишастанд. Мизи кории Сатадалро аз дигарон танҳо як девори тунуки муваққат ҷудо мекард. Ҳамаи кормандони маҷалла аз мукотибаи ӯ огоҳ буданд ва ҳар як номаи нави лифофакабуд, албатта, боиси ҳазлу шӯхӣ мегашт.

Мусаҳҳеҳи ҷавон Ҷатин Дата, ҳамин ки дар маҷалла шеъри на-

ви Рома нашр мешуд, Сатадалро шӯхиборон менамуд. Ашъори ӯ акнун қариб дар ҳар як шумораи маҷалла чоп мегардид. Ҷатин Дата ҳар замон шӯхикунон таҳдид мекард, ки ҳамаашро ба зани Сатадал мегӯяд.

Сатадал чилсола буд. Ӯ худро чандон ҷавон эҳсос намекард ва аз ин рӯ, гумон кардан, ки ӯ тамоюли хаёлпарастӣ дорад, қариб ки имконнопазир буд. Барои сарпарастии зану се фарзандаш ба ӯ лозим меомад, ки пайваста дар бораи даромади иловагӣ фикр кунад. Музди кори маҷалла барои таъмини ин гуна хонавода намерасид. Ва ӯ барои китобҳои дарсӣ матн ва барои маҷмӯаҳои сершумор дар бораи вазъи байналмилалӣ мақолаҳо менавишт. Ин чандон эҷоди хуб нест, вале пул– пул аст. Барои он ки зиндагиашро сарунӯг таъмин намояд, ба ӯ кор кардан лозим меомад. Барои Сатадал, ки ҳеҷ вақти фориғ надошту бори вазнини оила ва мушкилоти пулёбӣ ба дӯшаш бори гарон буд, номаҳое, ки ба ин духтараки ношинос ҳангоми табъи болида доштанаш, дар тӯли як моҳ ду– се – ҳатто чаҳор бор менавишт, як навъ саргармӣ буд. Дар номаҳояш ӯ баъзан раҳмдил буд, баъзан ба фалсафа рӯ меовард, вале ҳамеша бо пухтакорӣ мавзӯи хатарноки ишқро давр зада мегузашт. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба худ раво намедид, ки ҳатто сатреро, ки саҳле аз ишқ ёдовар шавад, нависад – хавфи гум кардани ҷои кор сахт ба ӯ таҳдид мекард. Сатадал ба хубӣ дарк мекард, ки мукотиба бо зане, ки бо ӯ на иртиботи хешутаборӣ дораду на ошноӣ, хеле хавфнок аст. Таҷрибаи ҳаётии ӯ чун бори сангине ба ӯ фишор меовард. Ӯ дарк мекард, ки бояд ба эҳсоси майлу рағбати худ, пардае аз дӯстии маъсуму пок пӯшонад. Охир ӯ аз қабили одамоне набуд, ки ба қоидаҳои аз тарафи умум қабулгардидаи ахлоқ муқобил барояд, ё ҷуръат дошта бошад, ки кирдорҳои беақлона содир кунад. Ӯ бо роҳҳои бехатари борҳо тайшуда рафтанро авло медонист. Ва дар айни замон ӯ аз хавфу хатар канораҷӯӣ карда, он зарраҳои ночизи шодию хушбахтиеро, ки барои худаш ҷустани онҳо муяссараш мегардид, ҳарисона фурӯ мебурд.

Духтар ҳам дар номаҳои худ барои ошкоро кардани эҳсосоти мамнӯъ ба ӯ ҳеҷ асосе намедод. Бо суханони пур аз таҳаммулу фикр карда интихобкардааш ӯ маслиҳат медод, ки аз нав ба кори адабӣ машғул шавад. Номаҳои ӯ хайрхоҳона ва самимӣ буданд, вале ӯ дар онҳо боре ҳам ишора накарда буд, ки мехоҳад барои Сатадал аз дӯсти муқаррарӣ наздиктар бошад. Вале, бо вуҷуди ин, мукотибаи онҳо канда намешуд. Сатадал ҳамаи рози дилашро дар мактубҳояш кушоду равшан наменавишт. Ба ҳамаи он чизе, ки ба

ҳаёти оилавии ӯ рабт дошт, дахл намекард. Ӯ дар бораи орзуҳои амалинашуда ва бебарориҳои хурди инсоне, ки аз зиндагӣ дилсард шудааст, менавишт, вале яктарафа менавишт. Дар айни замон номаҳои ӯ лабрези ҷозиба буданд, ки духтар дар муқобили онҳо таҳаммул карда наметавонист. «Намедонам, чӣ касберо интихоб кунам. Эҳтимол, ман дар зиндагиам чандон кӯшиш накардаам, ки як чизи муайянеро ба даст орам. Акнун ғайр аз худам дигар киро гунаҳкор ҳисобам? Фақат ман намехоҳам ба ин иқрор кунам. Агар ман як инсони кӯҳнапарасти ба тақдир тандода мебудам, ба ҳамааш бурҷи таваллудамро сабаб медонистаму бо ҳамин таскин меёфтам. Ман метавонистам гуноҳро ба гардани ҷомеа бор кунам, вале ман бо тарзи тафаккури худ сиёсатмадор нестам. Ба ирсият ман бовар надорам, аз ин рӯ, аҷдоди худро ҳам гунаҳкор карда наметавонам. Афсӯс, ки ман ба такрорёбии зиндагии фард ҳам эътиқод надорам. Ва шаккоке, ки бовар ба худашро ҳам гум кардааст, чӣ илоҷ кунад? Маро дар зиндагӣ эҳсосоти мудҳише таъқиб мекунад: ҳис мекунам, ки замин аз зери поям лағжида дур мешавад. Ман бо рафти ҷараён шино карда, оҳиста–оҳиста ғарқ мешавам ва танҳо шикваву ноларо медонам. Шумо мебинед, ки ман дуру дароз ҳамон як одам, як сон буда наметавонам. Ман пайваста тағйир мекунам. Ва ин дигаргуниҳое, ки ба ман рӯй медиҳанд, дар номаҳоям чун дар оина акс мееёбанд».

Рома дар бораи худаш андешаҳои мавҳум надошт. Худи ӯ хуб медонист, ки сабаби бебарориаш дар чист. Масалан, ӯ медонист, ки агар дар арафаи имтиҳоноти хатми таҳсил бемор намешуд, метавонист баҳои баландтар гирад. Ва ӯ ҳаргиз то он дараҷа ноқобил нест, ки фақат сазовори дипломи дараҷаи сеюм гардад – вале кораш омад накарду ӯ ба назди имтиҳонгирандаи хурдагири бадхоҳ нишаст. Бо дипломи хуб шояд Рома дар ягон коллеҷи хуби наздикиҳои Калкатта ё, масалан, дар Банғолаи Шимолӣ, ки он ҷо падару модараш зиндагӣ мекунанд, кори муаллимӣ пайдо мекард. Вале кори ӯ ҳеҷ барор накард.

Ва инак, ӯ дар шаҳраки хурди музофотӣ кор мекунаду дар хобгоҳ бо ҳамкорони худ – як зумра занони хашмгин зиндагӣ мекунад. Дар ин гуна вазъ ӯ ҳаргиз наметавонад ба чизе муваффақ шавад. Ин муҳити душманонаи атрофаш ӯро нафастанг мекунад. Ҳатто номаҳои Сатадал боиси гапу калочаҳои ҳамсояҳояш гашта, барои вақтхушии ин ғайбатгӯён мусоидат мекунанд. Ҳамкорони кунҷкову беҳаёи ӯ зуд–зуд лифофаҳои ба унвони ӯ омадаро бешармона во мекунанд. Табиати воқеан ҳам занонаи онҳо, ана дар

ҳамин чиз зуҳур мекунад. Барои фаҳмидани занон, зан будан даркор аст. Рома дар ин бобат дигар фирефта намешавад ва дар симои ҳамкоронаш, ки бо ӯ кору зиндагӣ мекунанд, фақат он чизеро мебинад, ки моҳияти инсонии онҳоро ташкил мекунад – ҳасад, ҳирс, рашк. Ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест, агар бо онҳо созиш карда натавонад. Охир ӯ мисли онҳо нест. Рома аз онҳо ҳеҷ таваққӯи дигар надорад, фақат онҳо ба зиндагиаш дахолат накунанд. Вале ду нафар заноне, ки ҳамроҳи ӯ дар як хона зиндагӣ мекунанд, як лаҳза ҳам ӯро ба ҳолаш намегузоранд. Ва ӯ, ки маҷбур аст бо ду нафар намояндаи ба ҳама маълуми ин қабилаи манфур паҳлӯ ба паҳлӯ умр ба сар барад, азият мекашад. Баъди дарс дар мактаб лозим меояд, ки дар хона кор кунад: дафтар тафтиш кунад, баҳо монад. Як худи ҳамин кор дилашро беҳузур мекунад, вале ҳамеша ҳузур доштани ҳамсояҳояш зиндагиашро тамоман тоқатфарсо менамояд. Онҳо ҳамеша майл доштани ӯро ба шеър масхара мекунанд. «Шоираи мо» – тамасхуромез ба забон оварда, ӯро оташин месозанд. «Ошиқи бадбахт… маъшуқаи Сатадал…». Лақабгузориҳои ноформи дағал ҳеҷ интиҳо надоранд. Рома кӯшиш мекунад ҳамаашро ба шӯхӣ гардонад, вале ҳамаи ин сарсӯзанҳои хурди нӯгтез хоҳу нохоҳ ба асабҳои ӯ таъсир мекунанд. Агар Сатадал ба ҷои ӯ мебуд, эҳтимол, чунин меҳисобид, ки ҳамаи инҳо чизҳои беҳудае ҳастанду ба онҳо ҳеҷ аҳамият додан лозим нест. Ва, эҳтимол, шикоятҳои Рома дар ин бора ӯро нороҳат мекунанд. Вале, охир аз нешзании кайкҳо ҳам девона шудан мумкин аст. Азиятҳо – чӣ ҷисмонӣ бошанду чӣ маънавӣ – инсонро як хел азоб медиҳанд. Рома, табиист, ки ба мудири мактаб арз карда наметавонад – охир ӯ духтараки хурд нест. Ва ӯ наметавонад ба Худованд мурочиат кунад, то ҷазои ин бадкорҳоро диҳад (шояд ин корро бибиаш карда метавонист). Пас чӣ кор кунад? Сатадал наметавониста бошад, ки бо ягон роҳ ба ин дахолат кунад? Наметавонад ба ӯ ёрӣ расонад, ки ба Калкатта кӯчад? Ӯ омода аст ҳар кореро пешкаш кунанд, иҷро намояд, агар ӯро гузоранд, чӣ гунае ки мехоҳад зиндагӣ кунад ва аз якҷоя зиндагӣ кардан бо ин аблаҳон наҷоташ диҳанд. Ва, ана, ҳамон вақт чӣ қадаре ки дилаш мехост, шеър менавишт!

Дар яке аз номаҳояш Сатадал кунҷковие, ки хоси мардон нест, зоҳир карда, аз Рома дар бораи оилаашон пурсон шуд. Аҷибаш ин ки, Рома ягон бор кӯшиш накарда буд, ки дар бораи ҳаёти шахсии ӯ чизе фаҳмад. Рома дар оилаи сарватманд ба дунё омада буд. Падараш, ки ҳуқуқшинос буд, замин ва чанд хона дошт. Вале Ро-

ма хислати мустақилиятхоҳӣ дошт ва наметавонист бо сарпарастии волидони меҳрубонаш созиш кунад. Бар хилофи раъйи онҳо ӯ ба кор шурӯъ кард – мехост мустақилона зиндагӣ кунад. Падару модараш ҳанӯз ҳам исрор мекунанд, ки ба хона баргардад. Вале магар онҳо қудрати фаҳмидани онро доранд, ки ба ӯ чӣ лозим аст? Ва бадтаринаш ин аст, онҳо дарк намекунанд, ки дили духтари худашонро намефаҳманд. Ғайр аз ин Рома дар бораи баъзе чизҳо нуқтаи назари хос дорад, ки роҷеъ ба онҳо дар номаҳо навиштан мумкин нест. Агар ӯ бо Сатадал вомехӯрд, эҳтимол, Сатадал ҳамаашро ба ӯ кушоду равшан мегуфт, вале магар ин ягон натиҷа медиҳад? Сатадал хоҳу ноҳоҳ чизеро тағйир дода наметавонад. Вақте ки тоқаташ тоқ мешавад, ӯ пинҳонӣ гиря мекунад. Илоҷнопазирии вазъияташро дарк карда, ғами дилашро дар ашъораш холӣ мекунад, андӯҳашро дар сатрҳои заифи кӯҳнасохт нақш мекунад. Ӯ медонад, ки шеъраш заиф аст, вале бо худаш ҳеҷ коре карда наметавонад. Агар ӯ аз навиштан даст кашад, мемирад.

Ин гуна ҷӯшидани эҳсосоти пуршӯр барои Сатадал бисёр ҷолиб буд. Баъзан ӯ меандешид, ки онҳоро нағзакак таҳрир карда, дар саҳифаҳои «Блум» ҷой кардан имкон доштa бошад ё не. Албатта, на он номаҳоеро, ки ӯ дар онҳо аз ҳамкоронаш шикоят мекунад, балки онҳоеро, ки дар бораи андӯҳи ниҳонии худ нигошта, чӣ гуна дар иншои шеър таскин ёфтанашро баён кардаст. Ана, дар навиштани ҳамин гуна номаҳо ӯ афзалият дошт. Услуби навишт ва коғази нилфоме, ки дар он ин номаҳо нигошта шуда буданд, ба Сатадал низ чунин таассуроти сахт мебахшиданд.

Ӯ кӯшиш мекард аз рӯи номаҳояш симои ӯро тасаввур кунад. Ҷавон, бешавҳар, соҳибҷамоли резаустухони сабзина. Синну солаш – тахминан бисту чаҳорсола, ки онро аз рӯи санаи коллеҷро хатм карданаш муайян кардан ҳеҷ душворӣ надорад. Дар чашмони калони сиёҳаш андӯҳ нақш бастааст… Ҳамин буд симое, ки дар хаёлаш аз рӯи номаҳои ӯ ва аз ҳама бештар аз рӯи тасаввури худ сохта буд.

Ба зудӣ номаҳо онҳоро сари гуфтугӯ дар бораи вохӯрдан бо ҳамдигар оварданд. Рома ӯро даъват мекарду ӯ Ромаро. Ниҳоят, рӯзи вохӯриро муайян карданд. Холаи Рома дар Толиганҷ зиндагӣ мекард ва Рома ҳар вақте ки ба Калкатта меомад, дар хонаи ӯ қарор мекард. Не, Рома ҷуръати бо Сатадал дар идораи маҷалла вохӯрдан надорад. Одамони бегона хеле зиёданд. Ӯ пешакӣ аз нигоҳи каҷи онҳо меҳаросад. Наметавонад лутфан ин рӯзи шанбе, соати сею

ним ӯро дар истгоҳи автобус мунтазир шавад? Ӯ бовар дорад, ки Сатадалро фавран хоҳад шинохт. Пас ӯ меояд? Ба назари ӯ чунин менамояд, ки онҳо ба таври кофӣ ба ҳамдигар ошноӣ пайдо кардаанд ва барои онҳо ҳамдигарро дар миёни анбӯҳи одамон ёфтан чандон кори душвор нахоҳад буд. Дар ихтиёри Рома ду соат вақт хоҳад буд. Ӯ умедвор аст, ки Сатадал барои ӯ вақташро қурбон хоҳад кард: ду соат – ин чандон вақти тӯлонӣ нест–ку. Онҳо метавонанд дар қаҳвахона нишинанд, баъд дар чорбоғ гӯшаи ороме пайдо кунанд ва ӯ дар он ҷо ба Сатадал баъзе аз ашъори нави худро қироат кунад. Агар Сатадал ҳам шеърҳояшро ҳамроҳ меовард, ӯ бештар миннатдор мешуд.

Имкони вохӯрӣ Сатадалро фавқулода рӯҳбаланд карда буд. Ӯ худро сайёҳи муҳаққиқе эҳсос мекард, ки ҷониби сарзаминҳои ношиноси таҳқиқнашуда равон гардидааст ва фавран номаи ҷавобӣ навишта, дар он нақшаи Ромаро маъқул донист. Ва ҳарчанд ҳеҷ умедворие набуд, ки ин вазъ то қиссаи ишқварзӣ пухта мерасад, Сатадал чун навҷавони ошиқи пеш аз мулоқоти нахустин сахт ба ҳаяҷон омада буд. Тамоми он рӯз ӯ музтариб ва бе ягон ваҷҳ асабӣ буд. Ӯ ба миодгоҳ омада, ба мусофирон ҳарисона нигоҳ мекард. Онҳо дар истгоҳ муддати зиёд намонда, ҳар кас ба ҳар тараф парокanda мешуданд. Аз автобус ду зани чодарпӯш берун шуданд. Не, ҳеҷ кадоме аз инҳо мумкин нест, ки Рома бошад! Баъд чашми ӯ ба зане афтод, ки дар даст дастколои манипурӣ дошт. Ӯ ҳам мисли Сатадал беҷуръатона рост истода, ба атрофаш нигоҳ мекард. Баногоҳ ӯ бо қадамҳои қатъӣ ба назди Сатадал омад.

– Бубахшед, шумо, тасодуфан…

– Бале, – ҷавоб дод Сатадал, бовараш наомада. – Шумо чӣ?..

– Бале. Шумо ғайр аз ман, ба ҳама кас нигоҳ кардед, – таънаомез гуфт ӯ.

Маъюсии Сатадалро ҳадду канор набуд. Ӯ ҳарфе ба забон наоvard, вале дар назди ӯ на он духтаре буд, ки дар тасаввураш офарида буд. Ин духтаре буд бузургҷусса ва қоматбаланд ва тамоман резаустухон, вале на соҳибҷамол. Худованд ҳазли ноҷо карда, ин чеҳраро офарида буд.

– Хайр аст, рафтем, – ниҳоят худро маҷбур карда гуфт ӯ.

– Ба куҷо?

– Сараввал ба кафе. Аз он ҷо ба ҳар куҷое, ки хоҳед, меравем.

Ӯ мекӯшид садояш самимию меҳрубонона бошад, вале муяссар намешуд.

– Барои ман фарқ надорад, ки ба куҷо меравем, – гуфт Рома. –

Худатон ҳал кунед. Ман меҳмони шумо ҳастам.

Онҳо ба тарабхонаи хурди серодаме даромаданд. Ҳамаи ҳуҷраҳои хурди алоҳида банд буданд ва ба онҳо лозим омад, ки мунтазир шаванд.

– Ман мехоҳам зуд–зуд ба Калкатта биёям – сухан сар кард Рома, – вале аз анбӯҳи одамони ин ҷо метарсам… Ба шумо чӣ шудааст. Ин қадар ғамгин ба назар менамоед. Ман шуморо тамоман дигар хел тасаввур мекардам.

Рома вазъи ӯро хуб дарк кард. Ӯ дар хаёлаш тааҷҷуб кард: чӣ гуна инро фаҳмида бошад?

Баъд аз даҳ дақиқа яке аз ҳуҷраҳо холӣ шуд. Аз он ҷо ҷавонмарде лабонашро лесида берун омад. Ҳамроҳаш духтаре буд, ки либосаш диққати касро ҷалб мекард. Духтараки ситорагарм. Либоси серранг ба ӯ зебида буд. Сатадал беихтиёр ӯро тамошо кардан гирифт. Дар муқоиса бо ин духтар Рома ҳеҷ аст, фикр кард ӯ.

Онҳо ба ҳуҷрае, ки аз толор бо парда ҷудояш карда буданд, даромаданд. Сатадал гӯшти кӯфта фармуд.

– Шояд ягон чизи дигар ҳам мехоҳӣ? – пурсид ӯ аз Рома.

– Иштиҳоям гум шуд, – ҷавоб дод ӯ. – Дигар чизе нафармоед. Ман чизе хӯрдан намехоҳам.

– Ин чӣ хел мешавад? – ҳайрон шуд Сатадал. Ба иззати нафси ӯ расида буданд, ӯ ранҷида буд.

– Ман ба ин ҷо хӯрданӣ наомадаам. Вале чунин менамояд, ки табъи шумо хира аст ва барои шумо сӯҳбат бо ман чандон ҷолиб нест.

– Ин ҳама суханҳои беҳуда аст! Мо ҳам мехӯрем, ҳам сӯҳбат мекунем. Вале ҳоло, биёед, ман шеърҳои шуморо аз назар гузаронам, – гуфт ӯ бо хурсандии сохта ва дасташро дароз кард.

– Дафъаи дигар. Ман онҳоро ба шумо мефиристам.

– Чеҳраи шумо хаста ба назар мерасад. Чӣ шуд?

– Чеҳраи ман ҳамеша хаста ба назар мерасад, – базӯр табассум кард Рома.

Банохост Сатадал шарм кард. Ба худаш қаҳраш омад. Барои чӣ ӯ маъюсии худро фавран маълум кард? Рома, эҳтимол, ҳамаашро фаҳмид. Бале, ӯ он қадар зебо нест. Хайр, чӣ шудааст? Агар ҳама гап дар сари ҳамин бошад, ӯ ҳам чандон марди зебо нест. Чандон ҷавон нест, пеш аз вақт пир шудааст, мӯи чаккаҳои сараш сафед шудаанд. Магар симои ӯ ба касе таассурот бахшида метавонад? Ва, умуман, на ӯ ҳақ дорад шиносоиро танҳо бо одами мунтазир

зебо бошаду на Рома. Дар дӯстӣ набояд зебоӣ нақши ҳалкунанда дошта бошад.

Сатадал ба қароре омад, ки вазъи фарорасидаро ислоҳ кунад ва бо шавқу завқ ба сухан даромад:

– Медонед ашъори охирини шумо чандон бад набуд. Ба бисёриҳо хуш омад. Вале ман як чизро фаҳмида наметавонам: ба андешаи ман, шумо аз он азиятҳое, ки худатон ба худатон мерасонед, баҳра мебаред. Дар ин чизи ғайримуқаррарие ниҳон аст.

Рома ба ӯ нигоҳ кард:

– Барои чӣ ба шумо чунин менамояд, ки ман аз он баҳра мебарам?

– Набошад, инро чӣ хел шарҳ додан мумкин аст? Шумо барои ин қадар ғами бисёр хӯрдан ҳанӯз хеле ҷавон ҳастед.

– Бубинед, ба дигарон он чизеро, ки худат эҳсос мекунӣ, талқин кардан хеле мушкил аст. Ман дар ин бора ба шумо навишта будам. Ёд доред, мо дар мактаб ин шеърро азёд мекардем: «То нагазад мор туро, захр куҷо донӣ, ки чист». Ва ин, воқеан ҳам, дуруст аст.

Сатадал надонист чӣ ҷавоб диҳад. Баъд аз каме хомӯшӣ ӯ мавзӯи сӯҳбатро дигар кард.

– Шумо бо падаратон оштӣ кардед?

– Ману ӯ ҳамдигарро ҳеҷ гоҳ нахоҳем фаҳмид.

– Барои чӣ шумо ин гуна андеша доред?

– Ӯ ҷиддан мехоҳад маро ба шавҳар диҳад. Чун сарборӣ бо ман ба домод пули калони ҳам медиҳанд. Вале ман наметавонам бо одаме, ки бо ман танҳо барои пул издивоҷ мекунад, хонадор шавам. Ва худи ӯ ҳам аз пеши ман баъди як ҳафта гурехта меравад.

Рӯирост сухан гуфтани Рома ба назари Сатадал ғалатӣ менамуд.

– Вале шумо чӣ истеъдоди хубе доред! Аз чӣ метарсед?

– Истеъдод? Ин истеъдод ба кӣ лозим аст? Чашмҳо – бисёр дасисабозанд, онҳо ба биниши мо халал мерасонанд. Инсонҳо ҳама гӯё ки кӯранд. Онҳо одамони зеборо дӯст медоранд. Зимнан, дигаронро ҷанг кардан маъние надорад – азиятҳое, ки ман аз кӯрии чашмони худ кашидаам, маро аз ҷонам сер кардаанд.

– Ман мақсади шуморо намефаҳмам.

– Ман ҳамеша ба онҳое майл дорам, ки ҳатто ҳақи орзу кардани онҳоро надорам. Вале ман бо худам ҳеҷ кор карда наметавонам. Ва ман ҳаргиз дар зиндагӣ бо одами ланг, кӯр, ғафс ё пир хонадор шуда наметавонам… Ман ҳаргиз ба хотири он, ки пирдухтар шуда намонам, бо аввалин одами рӯбарӯшуда издивоҷ карда наметавонам. Наметавонам вассалом.

Суханони ӯ мисли корд ба вуҷуди Сатадал мехалиданд. Сатадал беҳаракат менишаст. Барои ҷавоб сухан намеёфт.

– Дуруст аст, ки ин хеле аҷиб менамояд, – идома дод ӯ. – Мо ва мо баринҳо аз пайи зебоии хаёлӣ медавем. Бале, мое, ки дар ҷавоб чизе пешниҳод карда наметавонем.

Рома сарашро боло кард. Чашмони пурашкаш медурахшиданд. Лаҳзае Сатадал фаромӯш кард, ки ин чашмон хурду гирду безебанд.

Ҳуҷраҳои дигар пур аз ғалоғула буданд. Порчаҳо аз гуфтугӯҳо, садои ханда, ҷарангоси зарфҳо. «Ду карри ба ҳуҷраи се, ду тухмбирён ба ҳуҷраи чор», – фарёд зад пешхидмат. Дар ҳуҷраи мисли қафас танг ду одами синну солашон гуногуни соҳиби таҷрибаҳои гуногуни ҳаётӣ нишаста буданду ба ҳамдигар хомӯш нигоҳ мекарданд ва ба заъфи ҷовидонии инсонӣ, ки моро ба роҳи ҷустуҷӯи камолоте такон медиҳад, ки мо лоиқи он нестем ва ба барабас будани кӯшишҳои инсонӣ дар ин роҳ мегиристанд.

Пешхидмат ба ҳуҷра ворид шуду дақиқаи сеҳрнок интиҳо ёфт.

* * *

**ДИНАНАТҲ НАДИМ** (1916 – 1975) – шоир ва носир, ходими сиёсиву ҷамъиятӣ. Асарҳояшро ба забони кашмирӣ таълиф намудааст.

## ҶАВОБ

– Холаи Зун, эй холаи Зун! Наход ту ҳанӯз ҳам хоб бошӣ? – Ҷамол Мир ин суханҳоро ба забон оварда, дар назди кулба нишаст. Ӯ аз кисааш қуттиеро бароварда, аз даруни он барги пан гирифту бо шохчаи он дандонҳояшро тоза кард, баъд дар рӯи замин нақш кашидан гирифт.

Тақрибан баъд аз понздаҳ дақиқа ғиҷирроси кушодашавии дар ба гӯшаш расид. Мир Ҷамол ба қафояш нигоҳ карда, чун дид, ки холаи Зун ба тарафаш меояд, хурсандона хандид…

– Ин кадом баттол бошад!.. Салом!.. Ман боз фикр мекардам, ки дар ин каллаи саҳар кӣ омада бошад, – бо меҳрубонии модарона ба нимовоз гуфт холаи Зун.

Аҳли деҳа, ҳама ба холаи Зун чун бо модари худ муносибат мекарданд.

Ӯ мӯйҳои мисли барф сап–сафед, чашмони пурнури калон–

калон, бинии бузург ва дастони боқуввати то зону овезон дошт. Бо пираҳани аз матои сафед дӯхтааш парии ҷангалро ба ёд меовард.

– Холаҷон, офтоб кайҳо баромадааст у ту ҳанӯз дар хобӣ, – пани хоидаашро туф карда, гуфт Ҷамол Мир.

– Ту аҳмақ астӣ–чӣ, – ҷавоб дод холаи Зун, – кай ақли ту медарояд? Магар намебинӣ, ки худи хозир ман аз оғил баромадам. Ин гапро аз куҷо бофтӣ, ки ман ҳанӯз хоб ҳастам?

– Ҷамол Мир, ки хиҷолат кашида буд, каме озурдадилона гуфт:

– Ҳа, албатта, холаҷон, ту барои Ғулом Муҳаммад…

Вале ин ҳангом холаи Зун абрӯ дарҳам кашид ва Ҷамол Мир суханро кӯтоҳ кард.

Муддате ҳар ду хомӯш буданд. Ниҳоят, холаи Зун хомӯширо халалдор кард.– Бале, ҳамин хел аст. Маро як тараф мон, ҳатто гови сурхи мо ҳам чунон ӯро ёд кардааст, ки фукашро ба коҳреза базӯр мерасонад… Ман ҳам то ҳол дар оғил бо ӯ андармон будам.

Дар ин мобайн назди хонаи холаи Зун мардум ҷамъ омадан гирифт. Маълум буд, ки гуфтугӯ тӯл хоҳад кашид.

Зодгоҳи холаи Зун дар куҷост ва ӯ чандсола аст, касе намедонад. Ҳатто куҳансолони деҳа ҳам холаи Зунро ҳамеша бо ҳамин симои ҳозирааш дар ёд доранд. Вале ӯ дар деҳа барои ҳама шахси асосӣ буд – ҳам ҳимоятгари ботадбири манфиатҳои сокинони деҳа, ҳам сарвари мурофиаҳои судии деҳа, ҳам сардори деҳа, ҳам назоратгари тартиботи деҳа, ҳам хазинадор – заминченкуни деҳа… Бо як ибора гуфтан мумкин аст, ки ҳамакора буд. Ӯ маслиҳатдеҳи калонсолон ва дӯсти наздики кӯдакон буд. Занони деҳа ҳама сиру асрори худро бовар карда, ба ӯ мегуфтанд ва вақте ки дар деҳа панчаят баргузор мегардид, ба холаи Зун лозим меомад, ки худаш қарор қабул кунад. Агар ба касе нияти хостгорӣ мекарданд – ҳамеша ӯ ба хостгорӣ мерафт. Агар касе ба ягон бадбахтӣ дучор мегардид, ё бемор мешуд, холаи Зун ба дараҷае ғам мехӯрд, ки худаш ҳам бемор мешуд. Ҳамаи музофот медонист, ки сухани холаи Зун, воқеан ҳам, қадру вазн дорад. «Ҳатто худи ноиби президент ҳам наметавонад аз ӯ қатъи назар кунад», – мегуфтанд одамон.

Ана, барои чӣ кулбаи холаи Зун барои ҳамаи аҳли деҳа мисли хонаи худашон шуда буд. Ҳар кас бо дарди худ ба назди ӯ меомад.

## 2

Аҳолии маҳаллӣ деҳаи Бонапурро баъзан «Лонаи зоғон» меномиданд, чунки аз тамоми атрофу акноф зоғҳо барои шабгузаронӣ дар дарахтони чанори ӯ парида меомаданд. Баъзеи онҳо ҳатто дар

ин дарахтон лона карда буданд.

Ана, имрӯз ҳам, ҳангоми ғуруби офтоб зоғҳо дар болои деҳа чунон ғавғо бардошта буданд, ки овози онҳо садои шилдирроси ҷӯйбори ҷории наздикро пахш карда буд. Банохост садои тир баромаду зоғҳо фиғону қар–қаркунон аз чанорҳо париданд.

Ин садои тир аз куҷо бошад?

Гунаҳкори бесаранҷомии зоғҳо як аскари ҷавон буд. Ӯ симои далерона – қафаси синаи паҳни гирд, китфони сермушак, чеҳраи боғурур, қадаммонии устувор дошт. Дар роҳ мисли афсари англис қадам мезад.

Ҳамин ки аскар ба деҳа расид, ӯро кӯдакон иҳота карданд. Яке аз пои ӯ дошта буд, дигаре даст андохта, ҷайбашро мекофт, сеюмӣ кунҷковона силоҳи ӯро мепалмосид.

– Ғулом Муҳаммад омад! – фарёд мезаданд кӯдакон. – Холаи Зун!.. Гул–соҳиб омад!.. Афсари мо омад!

Издиҳоми кӯдакон бо ҳамин хабар ба назди кулбаи холаи Зун давида омаданд.

Холаи Зун дарро башаст кушода, аз кулбаи худ давида берун омад. Бо чашмони пуртабассум ва оромии сохта гуфт:

– Ҳа! Гул– соҳиб! Афсарча! Наход ҳамин гуна каллаварамҳо ҳам афсар шаванд… – Ӯ суханашро ба итмом нарасонда, ҳар ду худро ба оғӯши ҳамдигар андохтанд.

Ғулом Муҳаммад барои холаи Зун чӣ хешутаборӣ дошт – касе намедонист. Дар ин бора овозаҳо гуногун буданд.

Баъзеҳо мегуфтанд, ки Ғулом Муҳаммад бародарзодаи холаи Зун аст, баъзеи дигар ӯро наберааш меҳисобиданд; вале аксари одамон тасдиқ мекарданд, ки холаи Зун Ғулом Муҳаммадро аз рӯи зинаҳои масҷид ёфтааст. Ба ҳар ҳол, чӣ гуна хешу табор будани онҳо чандон муҳим набуд. Муҳим чизи дигар буд, ки ҳама медиданд: холаи Зун Ғулом Муҳаммадро аз ҷонаш ҳам азизтар медонист. Ва аз вақте ки ӯро ба хидмати пулис гирифтанд, дар забонаш фақат номи ӯ буд. Баъзан ӯ ба Васудева ва Ҷамол Мир мегуфт: «Шунидӣ, писарам, Гул Муҳаммад аз ҷанг нома ирсол кардааст. Навиштааст, ки дар як рӯз ҳабдаҳ нафар роҳзанро нобуд кардааст…». Ё: «Имрӯз шуҷоати Гул Муҳаммад даҳ насли оияндаи моро наҷот бахшидааст. Бале… маънои писари хуб будан –Ғулом Муҳаммад барин будан аст. Ҳоло ӯ тамоми хоки Кашмирро муҳофизат мекунад…»

**3**

Ҳамон рӯзе, ки бояд Ғулом Муҳаммад ба ҷабҳа бармегашт, тамоми деҳа ба по бархоста буд. Ҳамин ки рӯз равшан гардид, дар назди кулбаи холаи Зун тамоми сокинони деҳа – зану мард, кӯдакону куҳансолон гирд омаданд. Баъзеҳо дар роҳи ризои Худо назр, баъзеи дигар бо худ тӯмор оварда буданд.

Чанде аз занҳо дар доман мураббои меваҳои гуногун, ҳар гуна хӯриш, сабзиҷоту меваи хушк ва карам оварда буданд.

Ҳамин ки холаи Зун дарро боз кард, дар миёни анбӯҳи одамон фишору теладиҳӣ сар шуд. Ҳар яке мехост, ки ба дасти Ғулом Муҳаммад аввал маҳз тӯҳфаи ӯ расад.

– Бигиред, холаи Зун, ин лаблабуи хушк аст. Ба Ғулом Муҳаммад бигӯ, ки ин лаблабуи одӣ не, аз ферма аст, – хиҷолатмандона гуфт Роҳат Газри, – ман онро махсус барои Гул–соҳиб нигоҳ дошта будам.

– Ана ин сабзиҷоти хушк аст, холаи Зун, аз деҳаи Кхушапур, – гуфт Рамазон Бег. – Ба Гул Муҳаммад бигӯ, ки инҳо дар шаҳр ёфт намешаванд…

– Ин карамшӯрак аст, холаҷон, карамшӯраки кашмирӣ…

– Холаи Зун! Ғулом Муҳаммадро ба ин ҷо даъват кунед. Чаро ӯ дар «қаср»–и худ ин қадар дуру дароз мехобад? – шӯхӣ кард Васудев.

– Магар ман нагуфта будам, ки ту девона ҳастӣ? – хандида ҷавоб дод холаи Зун. – Магар ӯ метавонад то ин бевақтӣ хоб кунад? Ӯ лаби дарё шустушӯ рафтааст ва ҳамин лаҳза бояд биёяд. Ту барои чӣ ин қадар шитоб дорӣ?

– Не, не, ҳаргиз шитоб надорам. Ман барои Гул Муҳаммад тӯмор овардам. Ман навиштани онро ба пандит Нилоканда фармуда будам. Мехоҳам худам ба гарданаш овезам, – ҷавоб дод Васудев.

Вақте ки Ғулом Муҳаммад шустушӯ карда, аз соҳили дарё баргашт, ҳама ба тарафи ӯ давида, оғӯшаш карданду бӯсаборон намуданд.

Вале вақте ки ӯ аз хона бо либоси ҳарбӣ ва силоҳ дар даст баромад, ҳамдеҳагонаш ӯро бо нидоҳои пур аз ваҷд пешвоз гирифтанд.

– Илоҳо, Гул Муҳаммади мо ҳазорсола шавад! Душманони моро шармсору расво кунад! – занон аз самими дил ба ӯ дуои хайр медоданд.

Тамоми деҳа ба гусели ӯ равон шуд. Одамон ҳамроҳи ӯ чандин чақрим роҳро тай карда, фақат он вақт қафо гаштанд, ки ӯ аз «ча-

норсоя» гузашта буд.

**4**

Рӯзи пур аз абру тумане буд он рӯз. Қариби баромадани офтоб саросари осмонро абрҳои сиёҳ пӯшиданд. Абрҳо силсилаи кӯҳҳоро печонида, дар болои водӣ овезон шуда буданд. Дар тарафи шарқ барқ дурахшид ва ба назар чунин менамуд, ки ҳамин ҳоло борони сел меборад. Одатан дар ин хел ҳаво сокинони деҳа дар хонаҳои худ менишинанд. Вале имрӯз онҳо дар соҳили дарё ҷамъ омада, ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, дар бораи чизе пуризтироб гуфтугӯ доштанд. Дар симои онҳо андӯҳу бадбахтӣ нақш баста буд. Каме дуртар аз мардон, занон мегиристанд.

Сарбараҳнаю пойлуч Васудев давида омад.

– Карим–бобо, ин чӣ хабаре буд, ки ман шунидам? – мисли кӯдак гиря карда пурсид ӯ. – Наход ин рост бошад?.. Чӣ бадбахтие…

Карим–бобо ангушташро ба лабонаш гузошта, ишоракунон ба Васудев гуфт:

– Хомӯш, дӯстам! Ин хел мумкин нест. Худатро ба даст бигир. Фикр кун, ҳоли холаи Зун чӣ мешавад! Ин хабарро ба ӯ чӣ гуна расонем?..

– Вале, ақаллан бигӯед, ки ин корро кӣ кардааст? Ин ҳодиса чӣ хел рӯй додааст? – маъюсона гиря мекард Васудев.

– Кӣ кардааст? Тақдири бади мо – ана кӣ кардааст! Дирӯз хаткашон Забар омада, ин мактубро ба ман дод. Чунонки холаи Зун мактубро ҳангоми фиристодан маҳкам карда буд, ҳамон хел сарбаста баргашта омадааст… Ғулом Муҳаммад… – Карим–бобо дигар нерӯи идома додани суханашро надошт.

**5**

Ҳамдеҳагон бо дилҳои пур аз ғам ба тарафи кулбаи холаи Зун мерафтанд. Имрӯз ҳам чун ҳамеша ӯ дар оғил говашро парво мекард.

– Шарм намедорӣ? – мегуфт ба ӯ хола. – Боз чӣ қадар дар ин ҷо, пеши ту шинам? Писараки азизи ман ба ҷанг рафту ту мехоҳӣ рӯза гирӣ. Ку фикр кун, оқибати ин чӣ мешавад! – мефаҳмонд холаи Зун ба говаш ва дар ҳамин ҳангом овозҳо ба гӯшаш расиданд. – Ин ту ҳастӣ, Васудев? – садо кард ӯ. – Ин қадар барвақт ту аз куҷо пайдо шудӣ? Гул Муҳаммад ин соҳибҷамолро тамоман ноздона кардааст… – гуфт ӯ ҳангоми аз оғил баромадан.

Холаи Зун чун дид, ки дар назди хонааш қариб ҳамаи аҳли деҳа ҷамъ омадаанд, ба ҳайрат афтод.

– Чӣ воқеа рӯй додааст? – пурсид ӯ. – Эҳтимол, дар ягон ҷо ҷанҷол барпо кардаед?.. Барои чӣ хомӯшед?

Касе ҷуръати ба ӯ ҷавоб гуфтан надошт. Ҳама сарҳояшонро бо малолат поин афканда, рост меистоданд.

– Бигӯед, охир, чӣ гап аст? Забонҳоятон лол гаштааст–чӣ? – бо оҳанги нигаронӣ пурсид холаи Зун. Шубҳаи мудҳише ба дилаш чанг зад.

Ниҳоят, Васудев сарашро боло накарда гуфт:

– Чӣ гӯем холаи Зун? Чӣ хел гӯем! – Ин суханонро ба забон оварда, ӯ гиря кард, аз пайи ӯ дигарон ҳам гиристанд.

Ниҳоят, Васудев худашро ба даст гирифта, оҳиста лифофаро аз ҷайбаш берун карда, ба холаи Зун дод.

– Дирӯз омада буд… – бо мушкилӣ гуфт ӯ. – Фақат… дар он чизе навишта нашудааст…

Суханони ӯ ба холаи Зун мисли раъду барқ таъсир карданд. Ӯ муддати тӯлонӣ карахт шуда истод. Ниҳоят, оҳиста лифофаро кушоду ба чор тарафаш нигоҳ кард. Дар атроф ҳама хомӯш буд. Чунин менамуд, ки ҳатто парандаҳо ҳам хомӯш гаштанд. Аз дур садои пасти ҷоришавии ҷӯй ба гӯш мерасид – мисли ин ки дар иди Қурбон касе ба рӯи қабри инсони нобаҳангом фавтидае худро афканда, мегириста бошад.

Ранг аз рӯи холаи Зун парида буду чеҳрааш мурдаранг шуда, ожангҳояш бармало шуданд. Қатраҳои ашкҳои каму шаффофи ӯ аз рухсораҳояш ҷорӣ шуда, ба замин меафтиданд. Банохост ӯ девонавор хандид. Ҳамдеҳагонаш бо тарсу нигаронӣ ба ӯ менигаристанд.

– Магар ман ба ту нагуфта будам, Васудев, ки ту девона ҳастӣ! – хитоб кард ӯ. – Агар ту каме боақлтар мебудӣ, кайҳо илмомӯхта мешудӣ!

– Ана, бубинед, – ӯ мактубро нишон дод, – дар он ҷавоб навишта шудааст–ку. Писараки азизи ман менависад, ки ман ба шаҳр рафта, ба қисми ҳарбии занона шомил шавам! – Ва ӯ дар паси дари манзилгоҳи фақиронаи худ панаҳ гардид.

**6**

Рӯзи дигар холаи Зун силоҳи чӯбин дар даст, чун ҳамеша сарии сафед бар тан, тарки деҳа кард. Дили ҳамдеҳагон аз андӯҳ фишурда шуд… Дар ин рӯз дар деҳаи Бонапур ягон кӯдак дида намешуд ва ҳатто зоғон дар навдаҳои чанорон сокит буданд.

* * *

***КАРТАР СИНГҲ ДУГГАЛ*** *(соли 1917 таваллуд ёфтааст) – яке аз нависандагони соҳибистеъдоди Панҷоб. Чандин роману намоишномаҳо, маҷмӯаи ашъор, маҷмӯаҳои сершумори ҳикояҳо ба қалами ӯ тааллуқ доранд.*

## МОҲ ВА ЧОҲ

Касе намегуфт, ки Малан ва Минни модару духтаранд. Ба онҳо нигоҳ карда, гумон мекунӣ, ки онҳо хоҳаронанд, фақат Минни аз модараш қоматбаландтар аст.

– Оҳ, Малан, чӣ қадар духтари зебо дорӣ! – нидо мекарданд ҳамсояҳо.

Воқеан ҳам Минни духтар не, марворид буд! Ҳам меҳрубону ҳам хоксор! Малан ба ӯ нигоҳ мекунаду дилаш фишурда мешавад – охир ӯ ҳам як вақтҳо ҳамин хел ҷавону зебо буд! Зимнан, ҳанӯз ҳам он қадар пир нашудааст. Ва ҳанӯз ҳам дар дунё одаме зиндагӣ мекунад, ки ҳозир аст барои ӯ дарёи Чҳенаби нопайдоканорро шино карда гузарад, ё мисли Фарҳоди афсонавӣ кӯҳҳоро шикофта, об барорад. Кист он одам, ки Малан аз ӯ ёд мекунад? Боз ҳамон марворидфурӯш, ки зуд–зуд ба деҳаи онҳо меояд, набошад? Бале, ҳамон аст! Вале чаро дар мижгони ӯ қатраҳои ашк медурахшанд? Оҳ, барои ӯ гиристан гуноҳ аст! Духтари ӯ бузург шудааст, духтари баркамол аст. Тамоми умр ҳар ду якҷоя зиндагӣ карданд, вале акнун духтараш ӯро тарк мекунад. Баъд аз як ҳафта Минни ба хонаи шавҳараш меравад. Не, не, не!

Малан ба андеша фурӯ рафт. Борҳо, вақте ки ӯ ба деҳа меомаду дари ӯро мекӯфт, Малан дарро бар рӯи ӯ мепӯшид. Ба рӯи одаме, ки шабу рӯз дар борааш фикр мекарду бе ӯ – бе Малан худро хушбахт намешумурд. Малан тайи ин солҳо дар интизори чизе хаста шуда буд, зуд–зуд мегирист, худро азият медод. Тайи ҳамаи ин солҳо…

Сояҳо дар рӯи замин каҷ шуданд, ҳаво торик шуд. Малан изтироболуд буду нигаронӣ дошт. «Имрӯз ӯ албатта меояд», – фикр кард ӯ. Ва он шаби бадрро ба ёд овард, ки чанд сол муқаддам, вақте ки онҳо дар зери дарахти норҷил истода буданд, сарандозаш аз китфонаш лағжида фуромад ва ӯ онро гирифта, боз ба рӯи китфонаш андохт. Ва ӯ аз ин сарандоз то кунун ҷудо намешавад. Ма-

лан оҳи сард кашид.

Аз кӯча Минни мегузашт – мавзунқомат, болобаланд, маҳлиқо. Ба сараш сарандоз партофта, чашмонашро ба зер афкандааст. Минни аз маъбад бармегашт, маълум буд, ки ба Худованд барои амалӣ шудани орзуҳояш, дар ҳама бобат хушбахт шуданаш ибодат кардааст. Малан ба ин андешаронии худ хандид – агар ӯ ба ҷои Минни мебуд, чӣ мехост?

– Магар падарам ҳанӯз барнагаштааст? – пурсид Минни.

– Ман имрӯз ӯро мунтазир нестам. Хуб мешуд, агар фардо расида меомад. Кор бисёр аст, барои арӯсӣ ҳама чизро харидан лозим аст, – ҷавоб дод Малан.

Минни ба назди модараш омада, аз китфи ӯ сарандози кӯҳнаашро гирифта, ба китфи худаш афканду сарандози шоҳии зардӯзиашро ба китфони ӯ партофт.

Оҳ, ин сарандоз чӣ қадар зебо буд!

Шаб фаро расид. Моҳ баромад. Малан дар айвон танҳо нишаста буд. Аз ошхона садои дастос ба гӯш мерасид – Минни гандум орд мекард. «Ман ҳам мисли ҳамин дастосам, – фикр кард Малан, тамоми умр дам нагирифта, меҳнат мекунам». Имрӯз ба ӯ чӣ шудааст? Гӯё кадом ҷараёни сармасткунанда ӯро бо худ мебарад. Аз афташ, ҳамин моҳи ҷодугар ба ин гунаҳкор аст! Баъд аз чанд рӯз дар ҳамин ҷо, дар ҳамин ҳавлӣ кафи дастон ва пойҳои арӯсдухтари ӯро бо ҳинои сурх ранг мекунанд. Дар атрофи Миннии бо ороишоти гаронбаҳо ороста суруд хонда, мерақсанд. Баъд домод аспсавор меояду ӯро ба тахти равон нишонда, бо худаш… ба назди худаш… ба хонаи худаш мебарад… ва кафи дастони ӯро бӯсидан мегирад, то замоне, ки бо бӯсаҳояш ранги сурхро аз кафи дастонаш сутурда насозад…

Охир як вақтҳо дастони ӯ ҳам аз ҳино сурх буданд, вале шавҳараш боре ҳам кафи дастонашро набӯсид, ба лабонаш зер накард, ба дидагонаш намолид. Ӯ хаста шуда аз кор ба хона бармегашту саросема хӯрок хӯрда, худро ба бистар мепартофт. Баъзан ӯ то нисфи шаб бо чашмони кушода мехобид, орзуи писардор шудан мекард ва фақат вақте ки ситораҳо пайиҳам нопадид мегаштанд, хобаш мебурд…

Ин мақол ба куллӣ ҳақ аст: духтарон худашон меоянду худашон мераванд. Малан баъд аз ду соли издивоҷ Минниро таваллуд кард, ки мисли нахӯдак хурд буду айнан мисли Малан чашмони калон–калони сиёҳ дошт. Малан бениҳоят хушбахт буд, ба назараш чунин менамуд, ки бори дигар дар шакли духтараш ба дунё омадааст, ва-

ле фақат ин дафъа барои он, ки орзуҳои дилаш амалӣ гарданд. Ва лабони ӯ аз кадом як ташнагии номафҳум меларзиданд…

Минни корашро дар ошхона анҷом дода, дарро маҳкам карду барои истироҳат дароз кашид.

Чӣ шаби зебое доман паҳн карда буд! Ба ҳавлии холии онҳо моҳ меҳмон шуда буд. Ҳаво чӣ қадар тоза буд. «Барои чӣ ман ин ҷо нишастаам? – фикр кард Малан. – Чиро дар интизорам? Минниро кайҳо хоб бурдааст… Оҳ, барои чӣ, маҳз ҳамин рӯз падари Минни ба шаҳр рафт?»

Малан сарандози нави оростаи духтарашро ба сар андохт. Дар зери нури моҳ ситорачаҳои заррини сарандоз мавҷзанон медурахшиданд, ба назар чунин менамуд, ки ахтарони осмонӣ дар гесӯвони Малан дарҳам–барҳам печидаанду дурахши нури онҳо дар мижгон, рухсор ва китфони Малан бозӣ мекунанд… Дар наздикӣ, болои нахли норҷил паррандае ба фарёдзанӣ оғоз кард: уҳ, уҳ – ӯ ҳамин тариқ тамоми шаб оҳу воҳкунон касеро наздаш мехонд. Тамоми ин шаби тӯлонӣ… тамоми умр… Вале он касе, ки ӯ дар интизораш аст, наомад… Имрӯз ба ӯ чӣ шудааст? Шояд ба ҳамаи ин танҳоии ӯ гунаҳкор аст? Вале дар бари ӯ, дар ҳамин хона Минни – духтари ӯ хобидааст. Духтари ӯ, ки баъди як ҳафта шавҳар мекунаду хонаи хусураш меравад. Ва Малан дар ин ҳавлии калон… танҳо… тамоман танҳо мемонад… Ӯ ларзид. Барои чӣ Минни меравад? Ӯ синҳори сардори деҳа мешавад, соҳиби оила мегардад. Вале ӯ – Малан тамоман танҳо мемонад. Падари Минни одами серкор аст, ӯ ҳамеша кор дорад, вале барои як калима гап задан бо занаш, аз афташ, на вақт дораду на хоҳиш.

Малан ба хона даромад. Минниро сахт хоб бурда буд. Дастпонаҳои сурхи шишагӣ, ки духтар дирӯз барои худаш харида буд, дар болои сараш мехобиданд. Барои он ки нашикананд, Малан қарор дод, онҳоро ба рӯи раф монад. Вале беихтиёр онҳоро пайиҳам ба дастони худ андохт; ба ҳар дасташ шаш дона. Дастпонаҳо дурахшида, оҳанги хуши ҷарангосӣ баровopen.

Сарандози нави шоҳӣ дар сар, дастпонаҳои сурх дар даст, Малан ба рӯи ҳавлӣ, ки аз анвори моҳ равшан буд, баромад. Саропои ӯ меларзид. Банохост тақ–тақи дарвоза ба гӯш расид. Ин тақ–тақи ӯ буд – паст, боэҳтиёт, бошитоб. Ӯ ба ваъдааш вафо карда, омада буд. «Шаби бадр давозаи туро тақ–тақ хоҳам кард. Хоҳӣ – кушо, нахоҳӣ – накушо. Дари туро кӯфтан – ин аст ҳамаи он ҳуқуқе, ки ман дорам!» – навишта буд ӯ. Ва инак – тақ–тақ–тақ – паст, ширин, нарм. Ин садои тақ–тақи ӯ буд… Оҳ, эй дузде, ки шаби бадр

пинҳонӣ омадаӣ!.. Банохост абри сиёҳи анбӯҳ осмонро пӯшид. Заминро торикӣ печонида буд, гӯё касе банохост қандили рӯшанеро хомӯш карда бошад. Ва, ана, дар ҳамин торикӣ садои қадаммонии Малан шунида шуд. Торикӣ, сардӣ… Ӯ саропо ларзида, калидро тоб доду худро дар оғӯши дастони ташнаю ларзоне дид. Ва лабҳояшон ба ҳамдигар ҷафс шуданд… Бад–ин тариқ танҳо ҷараёни бандмондаи об банохост ба сарбанд фурӯ рехта, онро шуста мебарад…

Малан дар ёд надошт, ки чӣ гуна ба беруни деҳа, ба зери дарахти сершоху барги хурмо омад ва чӣ қадар дар он ҷо монданд. Дар ёд надошт, ки чӣ гуна ба рӯи замин нишастанд, дар ёд надошт, ки то кай ҳамроҳ буданд. Фақат вақте ки дучархаи шафақ аз кӯчаҳо гузашт, чашмонашро кушод. Аз оғӯши ӯ лағжида, рӯяшро бо сарандоз печонида, ба хона шитофт.

Дар хона Малан дастпонаҳоро аз дасташ гирифта, онҳоро ба ҷои собиқашон, ба рӯи болиши духтараш гузошт, сарандози шоҳиро аз сараш гирифта, сарандози кӯҳнаашро ба сараш партофту ба бистар даромад. Чунон сахт хобаш бурд, ки гӯё тамоми умр бедорхобӣ кашида бошаду ниҳоят акнун истироҳат мекарда бошад. Ӯ фақат нисфирӯзӣ аз хоб бедор шуд.

– Оҳ модарҷон, ту имрӯз мисли духтари ҷавон ё парранда хобида будӣ, – гуфт Минни.

Ӯ кайҳо бархоста, фарши хонаро шуста, дар оташдон оташ гиронда буд. Акнун дасту рӯяшро шуста, мӯяшро ороста, мехост ба маъбад равад.

Минни рафту Малан дар остонаи хона нишаст. Аз тарафи шарқ шамолаки нарм мевазид. Ҳавои гарм рӯ–рӯи замин ҷорӣ мешуд. Дар атроф хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Ба назари Малан чунин менамуд, ки ӯ ба зарфи пур аз шире мемонад, ки дар даруни он ғунчаҳои ёсуман шино мекунанд. Чашмони ӯ аз ғанаби ширин гоҳ кушода ва гоҳе пӯшида мешуданд.

– Эй, Малан! Ин духтари бадахлоқи ту куҷост? Ин қадар бешарм будааст. Баъд аз чаҳор рӯз арӯсӣ барпо мегардаду ӯ бо бачаҳо бадахлоқӣ мекунад!

Ин Лаҷо – ҳамсояи онҳо дод мезад.

– Ту чӣ сафсатта мегӯӣ? Духтари ман пок аст! – бадқаҳрона ҷавоб гардонд Малан.

– Бисёр ҳам пок аст! Тамоми шаб дар саҳро мисли бадтарин фоҳиша ғел мезад!..

Малан карахт шуд. Хун дар шарёнаш аз ҳаракат бозмонд. Ӯ

чашм наканда, ба ҳамсояаш нигоҳ мекарду ҳамсоя идома медод:

– Имшаб, намедонам барои чӣ, маро хоб набурд. Аз дарвоза берун баромада бинам, онҳо ҳамдигарро оғӯш мекунанд, баъд аз хона берун рафтанд. Тамоми шаб дарвозаи ҳавлии ту кушода буду онҳо дар саҳро дилхушӣ мекарданд. Ман–ку тамоман нахобида будам! Духтарҳои инзамона ҳамаашон як хеланд. Духтарони пешина барин нестанд! Мо ҳатто метарсидем, ки рӯямонро кушоем! – ва Лаҷо гиря кард.

Малан тамоман беҳаракат буд. Лаҷо гирякунон рафт.

Акнун ӯ аз назар пинҳон шуда буд, ки овози сардори деҳа Ҷуман баромад:

– Эй Малан, гӯш кун!

– Чӣ ҳодиса шуд, Ҷуман? – пурсид Малан ва садои худашро нашинохт: пасту хирросӣ, гӯё аз қаъри чоҳи чуқур берун меомад.

– Ту медонӣ, ки духтарат Минни шаби гузашта чӣ нағмаҳо кардааст. Бо касе дар зери дарахти хурмо ишқбозӣ мекард. Ду бор дар масофаи даҳ қадам дуртар аз онҳо гузаштам, вале онҳо машғули бӯсобӯсӣ буданду чизеро дар атроф мушоҳида намекарданд. Аввал дар зери хурмо меистоданд, баъд ба саҳро рафтанд. Ман тамоми шаб хонаи туро посбонӣ кардам. Медонам, ки баъд аз чаҳор рӯз маъракаи арӯсист, аз ин рӯ дар хона асбобу анҷоми зарурӣ фаровон аст, аммо дарвоза ба пушт кушода аст, боз кадом ҳодисаи бад рӯй надиҳад. Бо дамидани субҳ ман рафтам, намедонам ӯ кай баргашта бошад. Аҷаб бадбахтие… Ман ӯро аз кӯдакиаш медонам. Агар духтари ман мебуд, гарданашро мешикастам!

Ҳанӯз Ҷуман нарафта, ба ҳавлӣ заминдор Ранта давида даромад.

– Духтарат дар куҷост? – лабрези қаҳру ғазаб дод зад ӯ. – Ин фоҳиша куҷост? Як андеша кунед, ин малъуни бадахлоқ ба замини ман рафтааст!

Ӯ пешпо хӯрду пойафзораш аз пояш лағжида баромад. Ба ҳавлии Малан ҳамсояҳо давида омаданд.

– Ман бо чашмони худам дидам, ки чӣ гуна ӯ ба сарандозаш печида аз замини ман баромад. Аввал ман ягон гумони бад накардам, вале баъд дидам, ки ӯ ҳам меояд…

– Чаро ба ман тӯҳмат мезанӣ, амакҷон? – мисли зарбаи тозиёна ҳаворо дударрон кард садои Минни. Ӯ дар пушти анбӯҳи мардум истода ҳамаашро шунида буд.

– Ин ман ба ту тӯҳмат мезанам, разил? Ман?.. Пас ин дастпонаи сурхе, ки ман дар замини худ ёфтам, аз кист? – Ва ӯ ба Минни шишапораҳоро дароз кард.

Мини дастпонаҳояшро шумурд – онҳо ёздаҳ дона буданд! Ӯ мисли санг шах шуд. Пеши чашмонаш торик шуд.

Ин лаҳза ҳамсояҳо фарёдзанон гуфтанд, ки дирӯз дар дасти Минни дувоздаҳ дона дастпонаи сурх дида буданд. Дар рӯи ҳавлӣ мардум бештар гирд меомад. Хешу табори Малан омаданд, хушдомани ояндаи Минни пайдо шуда, ҷиҳози арӯсро ба рӯи замин гузошт. Анбӯҳи мардум боизтироб дар интизори анҷоми кор буданд.

Банохост садои шалаппоси об дар чоҳ шунида шуд. Ҳама дам ба дарун кашиданд… Ба атроф нигоҳ карданд… Минни дар байни онҳо набуд. Духтараки хушхулқи самимӣ, ки касе аз ӯ ҳарфи баде нашунида буд, дигар дар байни онҳо набуд. Ҳама ба тарафи чоҳ давиданд.

Ҳавлӣ холӣ шуду Малан мисли санг карахт шуда, дар айвон нишаста буд.

* * *

***СОЧЧИДАНОНДО РАУТРАЙ*** *(соли 1917 таваллуд ёфтааст; ӯро бештар бо номи Сочи Раутрай мешиносанд) – носир ва шоир буда, ба забони орӣ эҷод кардааст. Соли 1963 маҷмӯаи ашъори ӯ «Шеър-62» сазовори ҷоизаи Академияи адабии Ҳиндустон гардид. Раутрай шоири халқии Орисса буда, осораш ба забонҳои дигар халқиятҳои Ҳиндустон бисёр тарҷума шудааст.*

## ҶАНГАЛ

Ин ҷангалҳо ном надоштанд. Тамоми ин мавзеъро Коромол меномиданд, вале он қисматеро, ки ба деҳаи Рупас мепайваст, аҳолии маҳаллӣ «Кишвари ҷангалҳои анбӯҳ» меномиданд. Нотобор, ба таври кӯтоҳ Нотия ҷангалбони ин маҳал аст. Ӯ тайи ду соли дар ин вазифа кор карданаш зиндагии худро хуб ба роҳ монда, бо паймонкорон иртиботи қавӣ барқарор карда буд. Ин соҳибкорон барои таъмини мардум бо чормағзҳои ҷангалӣ паймон мебастанду худашон дарахтони азимро бурида, бо мошинҳои боркаш мекашонданд. Овозаҳое паҳн гардида буданд, ки гӯё Нотия ба ивази пораи зиёд аз кирдорҳои ин харобкорон чашм пӯшида, бо онҳо додугирифти ғайриқонунӣ дорад. Дар бораи қаллобиҳои ӯ борҳо ба нозироти ҷангалпарварӣ хабар расонида, ба роҳбарияти он навишта буданд, вале ӯ ҳар дафъа аз об хушк мебаромад. Одамон мегуфтанд, ки Нотия роҳбариятро зери дасти худ нигоҳ медорад. Дар ин

мобайн ҷангал торафт кам мешуд ва касе ҷораи лаҷом задани ҷангалбонро намеёфт.

Нотия аксар вақт дар нимкати чойхонаи деҳаи Рупас нишаста, чой менӯшиду буруташро сила карда мегуфт:

– Ку бубинем, кадом нобакор садди роҳи ман мегардад! Ана бо ҳамин калтак сарашро зада мекафонам.

Дар деҳаи Рупас хаткашон Баҳромор Саҳу зиндагӣ мекард, ки Нотия ӯро бисёр бад медид ва ҳатто орзу мекард, ки ӯро кушаду ҷасадашро ба ҷангал ва пойҳояшро ба об ҳаво диҳад. Нотобор бо корманди идораи пулиси маҳаллӣ шиносоии хуб дошт. Корманди пулис ду бор ҷангалбонро ба идора даъват карда, дар бораи дуздидани дарахтҳои ҷангал пурсуҷӯ кард, вале аз шарҳи ӯ қаноатманд шуда, ба хубӣ рухсаташ кард. Худи Нотия ҳамин хел мешумурд.

Баҳромор бо хеши дури Нотобор – Сулочона хонадор шуда буд. Вақте ки ҷашни арӯсии онҳо баргузор гардида буд, Нотобор дар идораи роҳи оҳан, дар Ҷадпур кор мекард. Ӯ бисёр мехост, ки Сулочона бонуи хонаи ӯ бошад ва барои ба нияти худ расидан ҳама кори аз дасташ омадаро кард. Холаи Сородҳ ва амаки Келу тамоми саъю кӯшишашонро ба кор бурда, падару модари духтарро розӣ кардан хостанд, вале Сулочона ва падару модараш рад карданд: талабгори ӯ хеле бераҳм ва бар замми ин бисёр баднамо буд. Шурӯъ аз ҳамон вақт ӯ зуд–зуд ҷои корашро иваз мекард, дар аксари ҷойҳо чун миёнарав ё ба ивази касе кор мекард. Агар ягон ҷангалбон ба рухсатӣ мерафт, ӯ ба ҷояш як–ду моҳ кор мекарду баъд боз бекор мегашт.

Боре Нотия дар лаби ҳавз роҳи Сулочонаро поида гуфт:

– Ку бубинем, кӣ ҷуръат мекунад, ки туро ба занӣ гирад! – таҳдид кард ӯ. – Ман фавран ӯро мекушам.

Сулочона мурданӣ тарсид ва вақте ки ӯ ин суханҳоро ба забон меовард, ифодаи рӯи ӯ якумрӣ дар лавҳи хотираш нақш баст.

Бо дидани чеҳраи ҷоғбаромадаи Нотия, бинии пучуқи дар болои бурутҳои мисли бурутҳои паланг зарду овезони ӯ, ҳар касе, ҳам ки бошад, гарангу саргиҷ мешуд. Сулочона ҳанӯз дар айёми кӯдакиаш ӯро бад медид ва ҳангоме ки бузург шуда буд, зиндагии беназм, хислатҳои бадқаҳрию ҷангарагиаш ӯро дар байни ҳамдеҳагонаш бадном карда буданд. Мӯйҳои дарози ғулӣ ва зулфони сермӯяш ҳам ӯро дилчасп намекарданд.

Боре ба деҳаи Рупас гурӯҳи шаъбадабозон омаданд. Онҳо намоишномаи мусиқавии «Қатли асура Кангси»-ро намоиш медоданд. Намоишнома дар зери пешайвони маъбади Шива баргузор

шуда буд. Дар байни дигар тамошобинон Нотобор ҳам буд. Ӯ тамоку дуд мекарду дар бораи рақсу сурудҳое, ки дар рафти намоишнома иҷро мекарданд, шӯхиҳои қабеҳу ноҷо мекард. Вақте ки намоишнома поён ёфт, тамошобинон байни ҳам бо овози баланд гуфтугӯкунон ба хонаҳояшон бармегаштанд. Дар байни онҳо Сулочона ва Баҳромор ҳам буданд. Банохост кадом як мард, ки аз назди Сулочона мегузашт, аз синаи ӯ маҳкам дошту дар байни анбӯҳи мардум пинҳон гардид. Ҷавонзан дод зада, аз Баҳромор, ки аз ӯ чанд қадам қафо монда буд, имдод хост. Ӯ ба назди занаш давида омаду пурсид, ки чӣ воқеа рӯй додааст. Сулочона ба ӯ ҳамаашро фаҳмонду Нотоборро, ки пешопеш мерафт, нишон дод. Баҳромор ба ӯ расида, аз дасташ гирифту боздошт. Нотия инкор кард – яъне ӯ гуноҳе надорад, ягон каси дигар будааст. Байни ӯ ва Баҳромор кор қариб то муштзанӣ мерасид. Дар атрофи онҳо анбӯҳи ҳангоматалабон ҷамъ омада буданд. Рақибон аз ҳамдигар бо таҳдиди он ки дар мавриди мувофиқ қасос хоҳанд гирифт, ҷудо шуданд.

Рӯзи дигар дар тамоми деҳа фақат дар бораи ҷанҷоли байни Нотия ва Баҳромор ҳарф мезаданд. Эҳтиёт шавед, боз ягон куштор нашавад, хавф мебурданд ҳамдеҳагон. Ба зудӣ рӯзи бозор Нотобор дар назди дӯкони Модони Саҳу ба ҳамаи мардум эълон кард:

– Ман хуни ӯро хоҳам хӯрд!

Каме дуртар, дар назди дӯкони зарфҳои мисини Сони Беҳера, Баҳромор савганд мехӯрд:

– Агар ман ӯро накушам, пас Баҳромор Саҳу нестам!

Вале вақт мегузашту дар деҳа ҳанӯз оромӣ ҳукмфармо буд. Деҳқонон ҷанҷоли байни хаткашону ҷангалбонро оҳиста–оҳиста фаромӯш карданд. Аз байн шаш моҳ гузашт. Боре ҳангоми шом Сулочона аз ҷангал ба хона давида омаду ҳамин ки аз остона дарун шуд, беҳуш шуда ба замин афтод. Баҳромор ин вақт ҳамроҳи дӯстонаш дар наздикӣ сӯҳбат мекард. Онҳо ба назди Сулочона давида омаданду ӯро ба ҳуш оварданд. Ӯ ба пурсупоси онҳо ҷавоб дод, ки ҳангоми ғуруб гӯсола барнагашта буду ӯ ба ҷустуҷӯи он ба ҷангал рафт. Ҳамин ки ба дарунтари ҷангал даромад, касе аз паси буттаҳо баромада ба ӯ дарафтоду ӯро кашолакунон ба таги дарахте бурд. Ӯ бо тамоми қувваташ дод зада, худро халос карда гурехт. Дар ҳамин вақт занон аз кастаи баури, дарзаҳои ҳезум дар болои сар, аз ҷангал бозгаштанд. Онҳо ҳам ба фарёдзанӣ шурӯъ карданд. Шахси ҳуҷумкарда гурехта пинҳон шуд.

– Ин одам кӣ буд? – бо як овоз пурсиданд мардҳо.

– Нотия, – ҷавоб дод Сулочона.

Баҳромор табарро ба даст гирифту ба тарафи хонаи Нотобор давида рафт. Дӯстони ӯ ҳам ба даст чӯбдаст гирифта, аз пайи ӯ рафтанд. Вале Нотия дар хона набуд, ӯ дар ҷангалзор пинҳон шуда буд. Нотия фақат баъди даҳ рӯз ҷуръат пайдо карда, ба хона баргашт. Шурӯъ аз ҳамон вақт Баҳромор ҳамеша аз пайи ҷангалбон мегашту пайти мувофиқ мепоид. Акнун, мегуфтанд сокинони деҳа, яке аз онҳо бояд дар ин дунёи равшан зиндагӣ накунад.

Ҳама шуниданд, ки боре Нотия дар рӯи пули хурди болои наҳр нишаста лоф мезад:

– Ин дафъа аз ӯ қасосамро хоҳам гирифт.Зимнан, Баҳромор ҳам дар шоҳидии мардуме, ки дар назди маъбади Шива ҷамъ омада буданд, ба ӯ таҳдидкунон гуфт:

– То ман ҷасади ӯро ба гулхани мурдасӯзӣ нафиристам, ором нахоҳам гирифт.

Фақат худи Худо медонад, муҳокима мекарданд ҳамдеҳагони онҳо, кӣ киро мекушта бошад.

Мавсими боронгарӣ фаро расид. Дар ҷангалзорон борони сел меборид. Барқ медурахшиду фиғони тундар касро ба воҳима меандохт. Дарёи Моласуни ва шохоби он аз соҳилҳои хеш баромаданд – об ба деҳа ҷорӣ шуд. Субҳи рӯзи дигар об дар кӯчаҳо то зону мерасид, илова бар ин, аз кӯҳи ҷангалпӯши наздики деҳа селҳои тезҷараён ҷорӣ шуда, тамоми атрофро зер карданд, чанд хона тамоман зери об монд. Одамон тавассути завракҳо ва амадҳои чӯби бамбуксохт ҳаракат мекарданд. Дар мобайни деҳа теппаи баланде буд, ки дар болои он дӯконҳои қатор ҷойгир буданд. Дар ин дӯконҳо нахӯд, биринҷ ва сабзавот мефурӯхтанд. Сокинони деҳа ба он ҷо барои хӯрокворӣ шино карда меомаданд. Ин бадбахтӣ ҳар сол, дар мавсими боронгарӣ ба сари сокинони деҳа меомад. Дар ин гуна рӯзҳо дар назди пешайвони ҳар як хона, қаиқи бастагиеро дидан мумкин буд. Баъзан, як ҳафтаи дароз ягона воситаи ҳаракат танҳо завракҳо буданд, ки бе онҳо ҳатто, ба хонаи ҳамсояи наздиктарин ҳам рафта наметавонистанд. Обхезӣ боиси сар задани бемориҳои гуногун – вараҷа, шикамдард, бемориҳои илтиҳобӣ мегашт. Дар болои теппа беморхона ҳам мавҷуд буд. Ба он ҷо барои дору ҳам бо заврақ мерафтанд. Агар касе мемурд, ҷасадашро ба об меафканданд.

Вақте ки мавсими борандагӣ поён меёфт, деҳқонон ҳосили хуби потол, карам, боқило мебардоштанд ва онро дар Каттака бо қимати судманд мефурӯхтанд. Дар моҳҳои пҳогун ва чоито боғҳо аз

накҳати дарахтони пургули анбаҳ пур мешуду марғзору ҷангалзорон аз бӯи хуши гулҳои гуногун. Вале дар авҷи мавсими боронҳо ҷангалзорон аз вазиши бодҳои шадид меҷунбиданд. Шабҳо чунон торикие фаро мерасид, ки дар деҳа на хонаҳоро дидан мумкин буду дар ҷангал на дарахтонро. Пардаи сиёҳи зулмот ҳама атрофро мепечонид. Ба назар чунин менамуд, ки зиндагӣ дар деҳа мурдааст. Обхезӣ ба сокинони ҷангал ҳам раҳме надошт. Ҷараёни пурталотуми об ба соҳиле, ки дар он деҳа ҷойгир буд, як села ҷасади мору шағолу рӯбоҳҳоро меовард, вале аксар вақт об онҳоро ба тарафи номаълуме гирифта мебурд.

Ниҳоят, борон камтар шуда, об поёнтар фуромад. Рӯзе Нотобор чатру фонус гирифта, бо қаиқ ба ба посгоҳи гузарнома навбатдорӣ рафт. Ӯ ба дидбонгоҳи назди дарвоза даромада, занҷири дарро сахт маҳкам карду тирезаро пӯшид.

Дар ҳамин вақт яке аз паймонкорон аз бад будани ҳаво истифода карда, бо мошини боркаш ба ҷангалзор даромада буд ва ба зудӣ садои бурида афтондани дарахтон ба гӯши Нотия расид. Аз ин бармеояд, ки мошини боркаши пур аз кундаи дарахтони сал, баъд аз муддате ба нуқтаи гузарнома хоҳад расид. Ҳамин хел ҳам шуд: баъд аз нисфи шаб бонги мошин баланд шуд. Вале Нотобор аз дидбонгоҳ набаромад. Он гоҳ се нафар ҷавонмарди боқувват, ки паймонкор онҳоро киро карда буд, ба назди ӯ зада даромаданду талаб карданд, ки калиди дарвозаро диҳад. Нотия рад кард ва нозири ҷангалпарвариро сабаб овард, яъне ӯ кушодани дарвозаро бе иҷозатнома ва бахусус шабона ҷиддан манъ кардааст. Ӯ гуфт, ки нозир саҳарӣ омада, осори мошини боркашро бинад, Нотияро аз кор хоҳад ронд.

Харобкорон Нотоборро зада нимкушта карданду дарвозаро шикаста гузаштанд. Ин воқеа соати дуи шаб ба вуқӯъ пайваста буд. Дар атроф ягон ҷонзоди зинда набуд, танҳо ҷангалзорон бетафовутона ғалоғула доштанду халос.

Субҳидам Баҳромор бо қаиқ барои тақсим кардани почта равон шуд. Бастаи ғафси мактубҳо ва ҳуҷҷатҳоро ба нозири ҷангалпарварӣ расондан даркор буд ва Баҳромор пеш аз ҳама қаиқи худро ба тарафи нуқтаи назоратӣ равона кард. Аз қаиқ фуромада, ба тирезаи дидбонгоҳ назар афканда, Нотобори ба рӯи фарш афтодаро дид. Ҷангалбон беҳуш буду бо садои паст нолиш мекард, аз даҳон ба манаҳаш хун мешорид, болои сараш пашшаҳо ғинг–ғингкунон давр мезаданд. Баҳромор дарро сахт кӯфт. Нотобор ҳатто наҷунбид. Хаткашон ба дидбонгоҳ даромада, Нотияро

бардошту бо мушкилӣ кашолакунон то қаиқ расонда, дар он ҷой кард ва ба тарафи беморхонаи деҳа шитофт. Баҳромор зарардидаро ба ихтиёри духтурҳо супурду баъд барои тақсими мактубҳо равон шуд.

Баъд аз муддате Нотияро ба ҳуш оварданд. Вақте ӯ аз духтур шунид, ки кӣ ӯро аз марги ногузир наҷот додааст, ба гапҳои шунидааш бовараш наомад ва шурӯъ аз ҳамон лаҳза фақат дар бораи он меандешид, ки чӣ тавр барои ин кирдори некаш ба Баҳромор миннатдорӣ баён намояд. Шурӯъ аз ҳамон лаҳза ӯ душмании пешина ва таҳдидҳоро ба боди фаромӯшӣ супурд.

Баъд аз чанд рӯз дӯкондор Модони Саҳу бо Баҳромор дучор шуда, ба ӯ гуфт:

– Дирӯз Нотия омада буд. Ӯ ҳоло туро дар ҳама ҷо таъриф мекунаду мегӯяд: Бародарам Баҳромор маро аз марг наҷот дод ва ман то охири умр аз ӯ қарздорам, намедонам барои ин некиаш ба ӯ чӣ хел изҳори миннатдорӣ кунам.

Баҳромор ҳам нарм шуда буд, вале ҳангоми дучор шудан бо Нотобор аз гап задан бо ӯ худдорӣ менамуд – шарм мекард. Аммо Нотия ҷуръат надошт, ки дар бораи воқеаи рӯйдода нахуст сухан кунад. Онҳо хомӯш ба ҳамдигар нигоҳ мекарданду ба ҳар тараф пароканда мешуданд.

Боз ду моҳ аз байн гузашту Нотия аз фурӯшандаи мағозаи дучархаҳо фаҳмид, ки дили Баҳромор ба ҷангалбон, ки аз харобкорон хеле азият дида буд, бисёр месӯзад ва ҳатто ба Худованд шукр мекунад, ки ҷангалбон зинда мондааст. «Зӯровар ба оне, ки Худованд ӯро ҳифз мекунад, чӣ ҳам карда метавонад» – гуфтааст Баҳромор. Вале, ба ҳар ҳол, на Нотия ва на Баҳромор ҷуръати ба ҳам дарди дил кардан надоштанд. Агар дар кӯча бо ҳам дучор меомаданд, танҳо табассумкунон ба ҳамдигар менигаристанд.

Замон мегузашт ва рӯзе ҳамсояаш ба Нотия хабари нав овард: Сулочона ҳомилааст, баъд аз ду моҳ модар мешавад.

Дар ҳамин ҳангом ба нозири ҷангалпарварӣ муяссар шуд, ки дар ҷангалзор оҳуе шикор кунад. Шикорчии муваффақ аз пайи ҷангалбон кас фиристод ва ба ӯ ду кило гӯшти оҳу дод. Худо медонад, дар сари Нотобор чӣ андеша буд, вале ӯ ин гӯштро гирифта, ба хонаи хаткашон омад. Зану шавҳари хушбахт паҳлӯи ҳам дар айвон нишаста, сӯҳбат мекарданд.

– Бародарам Баҳромор, хоҳарам Сулу! – муроҷиат кард ба онҳо Нотия. – Нозир ба ман як порча гӯшти хуби оҳу дод. Гиред, аз он гӯштбирёни хуб пухтан мумкин аст.

– Ту ҳамаи гӯштро чаро ба мо медиҳӣ? – табассум кард Баҳромор. – Нисфашро ба худат мон.

– Ман гӯштро чӣ мекунам? Охир ман дар ошхонаи Мурари Нони хӯрок мехӯрам. Кӣ барои ман гӯшти кӯфта тайёр мекунад?

– Ин хел ки бошад, – гуфт Баҳромор, – ту имрӯз дар хонаи мо шом мехӯрӣ. Мо туро даъват мекунем.

Сулочонаи ба хиҷолат афтода, бо шарм ба Нотия нигоҳ карду дарҳол чашмонашро поин афканд.

– Ташаккур, – изҳори миннатдорӣ кард Нотобор, – вақте ки шумо ҳар ду маро даъват мекунед, магар ман метавонам рад кунам. Вале чаро хоҳарам Сулу, мисли ин ки ба даҳан об гирифта бошад, хомӯш аст.

– Бале, бале, бародарам Нотия, – аз хиҷолат сурх шуда гуфт Сулочона, – бифармоед, имрӯз ҳамроҳи мо хӯроки шом хӯред.

* * *

***ГАҶАНАН МАДҲАВ МУКТИБОДҲ*** *(1917 – 1964) – шоир, носир ва мунаққид, асарҳояшро ба забони ҳиндӣ таълиф кардааст. Яке аз бунёдгузорони назарияи дигаргунсозии адабиёти муосири Ҳинд аст.*

## САЙД

Кӯча ҷон мегирифт. Дар он раҳгузарон, мошину дучархаҳо пайдо шуданд. Барои Муҳаббат Сингҳ дар дидбонгоҳи бетирезаи худ нишаста, чизеро надида дидан ва чизеро нашунида шунидан як чизи муқаррарӣ буд. Баъзан ӯ саллаи вазнинашро аз сар мегирифту мӯйлабҳои дарозу сермӯяшро тоб медод ва фикраш ба кадом ҷои номаълуме парвоз мекард. Танҳо вақте ки дар наздаш посбони қоматбаланди шонапаҳн пайдо мешуду бо пошнаҳои мӯзаҳои борику сиёҳаш шарақ–шараққунон қомат рост карда, саломи низомӣ медод, ӯ пинакашро вайрон мекард. Муҳаббат Сингҳ одами камгап буд, вале аз мардуми маҳалла канорачӯӣ намекард, аз ин рӯ, ҳама ӯро мешинохтанд. Ӯ ба аскарон қарзи бофоида медод, онҳоро аз ҷарима халос, кӯдакони онҳоро навозиш мекард. Вале кӯдакон аз ӯ метарсиданд ва наздик наомада, аз дур ба асабаш мерасиданд: «Эй амакҷон–бобоҷон, эй амакҷон–бобоҷон!»

Ҳамин ки ӯ ба дӯкони қаннодӣ харидкунӣ мерафт, фавран дар он ҷо, аз куҷое Лакшман – писари Рам Сингҳ, боз Каля – писари

Бҳагавати Лала ва Мақсуд – писари Исмоил пайдо мешуданд. Онҳо тарсида–тарсида ба ӯ наздик меомаданд. Вақте ки Муҳаббат Сингҳ кӯдаконро мебӯсид, мӯйлабҳои сермӯяш рухсораҳои онҳоро сих мекард.

Ӯ фарбеҳ буда, каллаи калон, бинии рости раҷпутӣ, чашмони аз косахона барҷаста ва нигоҳи озмоишкорона дошт, мисли ин ки дар симои ҳама инсонҳо шахси қаллобро медида бошад. Хусусан абрӯвони сермӯи ӯ, ки ҳангоми ҳар дафъа савол додану ҷавоб шуниданаш шубҳаомез каҷ мешуданд, бисёр бадвоҳима буданд. Зимнан, худи ӯ огоҳ набуд, ки қиёфаи бадвоҳима дорад. Ӯ инсонҳоро дарк мекарду одамшинос буд.

Дидбонгоҳи ӯ аз дигар дидбонгоҳҳо ҳеҷ фарқе надошт. Дар як гӯшаи он бурё ва қолинчаи лӯлапеч буду дар гӯшаи дигараш бухорие ки тамоми деворро тамоман аз дуд сиёҳ карда буд. Аз даруни хокистар кундаҳои нимсӯхта намоён буданд. Дар худи ҳамин ҷо, дар чангак, даруни дастколо либосҳои хокиранги хидматиашро таҳ карда овехта буду паҳлӯи он, дар чангаки дигар либосҳои муқаррариашро. Дар беруни девор ду мех кӯфта буду дар онҳо дҳотии аз матои дағал дӯхташудаашро, ки бо шерозаи сабз оро дода шуда буд, барои хушкондан меовехт. Агар касе банохост ба дҳотии ӯ даст мерасонд, сахт оташин мешуд.

Ӯ ҳар субҳ, ҳар нимарӯз ва ҳар шом дар маҳалла чун шабаҳи ваҳшатангез пайдо мешуд. Баъзан аз роҳгардӣ хаста шуда, дар баландии назди дӯкони ширинию бетел менишаст. Ва фақат бурутҳои боҳашамати худро тоб медод.

Муҳаббат Сингҳ шабона, ҳангоми даврзанӣ, тамоман наменишаст, бетанаффус давр мезад. Вале баъзан ҳамчунин иттифоқ меафтод, ки зери бинӣ бо садои нофорам оҳангҳои кинофилмҳои машҳурро замзама мекард.

Имрӯз ҳам ӯ либоси ҳарбиашро пӯшиду шурӯъ ба даврзанӣ кард. Мунтазири омадани сарнозири пулис буданд. Муҳаббат Сингҳ фавқулода ҳушёр, фавқулода воҳиманок ва фавқулода аз худ розӣ буд. Ифодаи эҳтиёткорӣ дар чеҳра ва абрӯвони сермӯяш ӯро дар ҳақиқат ҳам даҳшатангез нишон медод. Чашмони калони ҳамеша чизеро медидагии ӯ ба ҳама кас бо шубҳа нигоҳ мекарданд – чизе аз назараш пинҳон намемонд. Бурутҳояшро бебокона сих карда буд.

Ӯ аз навбатдорӣ вақти шом баргашт. Кӯча мисли рӯз серодам буд. Ӯ ба дидбонгоҳ даромада, чароғи худсохтро даргиронд. Дар шаҳр чароғҳои барқӣ фурӯзон шуданд. Селаи паррандагони сиёҳу

сафед оҳиста, гӯё шинокунон парида, дар миёни ранги сурхфоми ғуруб нопадид мегаштанд, онҳоро дар осмони нилгуне, ки торикӣ дар он торафт бештар доман паҳн мекард, ташхис додан қариб имконнопазир буд.

Муҳаббат Сингҳ либоси хидматиашро кашиду мувофиқи одати ҳамешагӣ ба дастколо ҷо кард. Дҳоти ва ва нимтанаи васеашро пӯшиду ба рӯи бурё дароз кашид. Ӯ сахт гурусна монда, мурданӣ хаста шуда буд. Аз кӯча ба даруни дидбонгоҳ ғур–ғури нақлиёт, овоз ва фарёди роҳгузарон мерасид, вале ӯ чизеро намешунид. Ӯ торафт дур мерафту дур мерафт, дар олами касногузари аз одамон тиҳии худаш оворагардӣ мекард.

Банохост як қад парида аз хоб бедор шуд. Баъд аз сипарӣ гаштани рӯзҳои зиёд бори нахуст касе ӯро боисрор садо мекард.

– Биё даро, шарм накун, – овоз дод ӯ.

Аз дари дидбонгоҳ суроби занонае, ки дар сояи табақаи дар норавшан менамуд, намоён гардид.

Муҳаббат Сингҳ ба зан фармуд, ки наздиктар биёяд, то ӯро хубтар бубинад, вале ӯ ҳарчӣ зудтар ба тарафи кунҷак қадам зад. Мӯйҳои чиркинаш ба рӯяш фаромада, чеҳраи нозуки ӯро безеб мекарданд. Ба танаш кадом як жандаҳоеро печонида буд, ки аз сӯрохҳои он баданаш менамуд. Дар чеҳрааш ифодаи эҳтиёҷи сахт нақш баста буд. Ӯ беҷуръатона шах шуд.

Муҳаббат Сингҳ ба чеҳраи зан нигоҳ кард, ба тамоми пайкараш чашм давонд, ба чашмони пурнур ва абрӯвони зебояш диққат дод, хуллас, ба саропои ӯ озмоишкорона назар афканд ва абрӯвони сермӯяшро дарҳам кашида, сӯрохҳои либоси ӯро бодиққат аз назар гузаронд. Ӯ гӯё акнун ба худ омад ва бо чобукие, ки аҳён–аҳён дар ӯ мушоҳида мегардид, ба тоб додани мӯйлабҳояш шурӯъ кард:

– Ту дар куҷо зиндагӣ мекунӣ?

Зан ҳарфе ба забон наоварда, ба чеҳраи воҳимаангези Муҳаббат Сингҳ чашм медӯхт.

– Барои чӣ ба ин ҷо омадаӣ? Дар кадом шаҳр зиндагӣ мекунӣ? – Муҳаббат Сингҳ мунтазири ҷавоб нашуда, тавре ки ба пулисҳо маъмул аст, ӯро пайиҳам саволборон кард.

Ба даруни дидбонгоҳ шамоли сахт вазид ва қариб шӯълаи чароғро хомӯш мекард. Лаҳзае диққати Муҳаббат Сингҳ ба тарафи дигар – ба ларзаи забонаки оташ ҷалб шуд ва ба назараш чунин намуд, ки ӯро ҷараёни барқ зада бошад.

– Ман хӯрок хӯрдан мехоҳам, – шунид ӯ.

Муҳаббат Сингҳ якбора аз болои бурё бархосту аз дасти зан ги-

рифта, кафи дасташро фишурд, вале ҳамон лаҳза боз раҳо кард.

Ҳатто ҳангоме ки инсон ба қароре меояд, ки гуноҳ кунад, ӯ албатта андеша мекунад, ки обрӯяшро нигоҳ дорад. Ҳангоми содир кардани гуноҳ ӯ на аз гуноҳ, балки аз ошкор шудани он метарсад.

Муҳаббат Сингҳ метарсид, ки мабодо касе банохост даромада ояд, вале ин ҳам ӯро боздошта наметавонист. Ӯ мисли дузд, пинҳонӣ дами дар рафту онро занҷир кард.

Банохост чароғ худ аз худ хомӯш шуд. Дар торикӣ чӣ мекунанд? Албатта гуноҳ!

Шумо одамеро тасаввур карда метавонед, ки бо мақсади ба қуллаи кӯҳ баромадан азияти бисёре мекашад ва ҳамин ки ба ҳадафаш расид, пешпо хӯрда, сарнагун боз ба пояи кӯҳ меғалтаду ӯро нимзиндаю ниммурда боз дар ҳамон ҷое пайдо мекунанд, ки роҳашро аз он оғоз карда буд. Эҳтимол, Муҳаббат Сингҳ ҳам ҳамин гуна ҳолатро аз сар мегузаронд. Вале ақли ӯ гиро буд. Муҳаббат Сингҳ дар торикӣ наҷунбида мехобиду шамол аз берун дарро мекӯфт.

Аз чӣ бошад, ки Муҳаббат Сингҳ модарашро ба ёд овард. Модараш сари ҳар вакт ба ӯ мегуфт: «Аз гуноҳ ҳазар кун, писарам! Аз гуноҳ ҳазар кун!»

Аз чашмони камнури ӯ нури ҳақиқат меборид. Ин чашмон дар пеши назараш бармало намоён шуданд. Ӯ ҳатто пур аз ашк шудани онҳоро дид. Баъд ӯ падарашро ба ёд овард, ба хотираш суханони пур аз меҳру муҳаббати падараш расид ва дилаш пур аз андӯҳ шуд.

Берун аз дидбонгоҳ ҳавои бад шӯриш мекард, шамол дарро мекӯфт, вале Муҳаббат Сингҳ садои онро ҳамин ҳоло шуниду чашмонашро кушод ва фаҳмид, ки ӯ кист.

Аз ҷояш ҷаҳида, рост истод. Саросемавор чароғро даргиронд, мисли ин ки мекӯшид аз далелҳои шайъӣ ҳарчи зудтар халос шавад.

Зан мисли мурда ба шикам мехобид, сарашро бо бӯрё пӯшонда буд. Чанд лаҳза Муҳаббат Сингҳ фикр кард. Банохост ба қароре омад. Ба болои зан хам шуд, то ӯро аз рӯи фарш бардораду аз дар берун кунад, вале ҳамин ки дасташ ба ӯ расид, зан беихтиёр дастони лоғари Муҳаббат Сингҳро сила кардан гирифт. Бӯрон дар дили ӯ фурӯ нишаст.

Зан заифу лоғар буд. Падар, модар, бародар ва хоҳари ӯ беному нишон гум шуда буданд ва ӯ намедонист ба куҷо равад, либосҳои ӯ дарида буданд. Дар ҷустуҷӯи садақа ӯ то ба ин дидбонгоҳ расидан, тамоми шаҳрро давр зада буд, ноумед ва аз гуруснагӣ ақлашро

бохта бошад ҳам, ҳар дари пешомадаро накӯфт.

Зан ҳанӯз ҳам беёд мехобиду зарбаҳои тақдирро эҳсос намекард, гӯё онҳо пораҳои коғазе буданд, ки парида ба рӯяш бармехӯрданд. Ӯ нисбат ба ҳама чиз бетафовут буд, чунки эҳсос дар касоне мушоҳида мешавад, ки худро шахсият меҳисобанд. Ҷомеа барои шахсиятҳо арзи вуҷуд мекунад ва сиёсатро ҳам барои онҳо пеш мебаранд, на барои одамони гуруснаи аз фақр батангомада – онҳо аз ҷомеа берун ҳастанд. Ба ҳар воситае бошад, барои худ хӯрданӣ пайдо кардан – ин аст ҳамаи хоҳиш, кулли эҳсосот, тамоми кӯшишҳои дур аз ҳилаву найранги онҳо.

Ӯ гурусна буд, сахт гурусна буд.

Вақте ки зан бедор шуд, дасти Муҳаббат Сингҳ бадани лоғар мӯйҳои жӯлида, чеҳраи ӯро сила мекард. Фикри таҷовуз кайҳо аз сари ӯ дур шудаву вуҷудашро эҳсоси некӣ фаро гирифта буд. Зан ҳам оҳиста–оҳиста ба худ меомад.

Муҳаббат Сингҳ ӯро сила мекарду эҳсос менамуд, ки дар пушти сар ва пеши рӯяш боз ҳам модараш истодааст. Ба ёдаш расид, ки чӣ гуна модараш тахтапушти ӯро навозишкорона сила мекард. Муҳаббати модараш дар дили ӯ эҳсоси ҷавобии миннатдорӣ, садоқат ва муҳаббат бедор мекард.

Зан сарашро бардошту бо овози базӯр шунаво гуфт:

– Ман гуруснаам.

Ҳушу ёдаш ва ҳамроҳи он эҳсоси гуруснагӣ ҳам ба ҷояш омад.

Муҳаббат Сингҳ ҳамин ҳоло дарк кард, ки ин зан барои чӣ ба ин ҷо омадааст. Аҷаб бадбахтие, чаро то ҳол инро нафаҳмидааст!

Ӯ ба қуттии алюминӣ, ки хӯрокворӣ мегузошт, назар афканд: қуттӣ холӣ буд. Банохост дар сараш андешае барқ зад: ба ӯ пул медиҳаду «чаҳор тарафат қибла» гуфта, раҳояш мекунад. Ӯ кисаҳояшро кофт, вале дар онҳо чӣ ҳам буда метавонист!

Ҳарфе ба забон наоварда, боз ба сари зан баргашту ӯро сила кардан гирифт. Зан гиря кард. Ин тоқатнопазир буд ва ӯ пурсид:

– Барои чӣ гиря мекунӣ?

– Ман хӯрок хӯрдан мехоҳам, – гуфт ӯ бо садои ларзон. Ӯ фақат аз гуруснагӣ мегирист.

Дар авҷи меҳрубонӣ Муҳаббат Сингҳ занро ба тарафи худ кашида, оғӯш кард. Ӯ муқобилат нишон надода, мегирист. Зимнан, маҳз ҳамин авҷи эҳсос ӯро ошуфта карда буд. Ҳамин ҳоло ӯ ба қароре омад, ки ӯро то саҳар аз хона берун мекунад, вале акнун дудила шуда буд.

Муҳаббат Сингҳ чун дид, ки ин зани нотавон чӣ гуна ба рӯи си-

нааш афтод, аз нияти ифлоси худ даст кашид, чунонки торикии аз равшании субҳ тангшуда ақиб менишинад, ақиб нишаст.

Акнун Муҳаббат Сингҳ фаҳмид, ки ба чӣ вазъи ногуворе афтодааст. Ӯ– пулиси калон ба хонааш гадозанро роҳ додааст! Аҷабо!Зан сарашро ба рӯи синаи ӯ ниҳода, хуб гиря кард ва акнун чашм наканда ба ӯ менигарист. Муҳаббат Сингҳ ба чеҳраи раҳмовари ӯ нигоҳ карда, гесӯвонашро сила менамуду ҳамвора дар бораи он фикр меронд, ки чӣ бояд кард.

Бо як ҳаракати сабук, хеле эҳтиёткорона сари занро ба болои бӯрё гузошту дарро кушод. Боди сард ба хона вазиду чароғро хомӯш кард. Чашмони Муҳаббат Синҳ ба зулмоти бекарона бархӯрд, боди бӯронии шадид бо як қувваи даҳшатангез ба дар фишор меовард ва аз ин рӯ, ба ӯ бо мушкилӣ муяссар гардид, ки берун бароянд. Ба назараш чунин менамуд, ки ҳама қувваҳои замину осмон якҷоя ба сари ӯ ҳамла овардаанд. Боди ғуррон, ки аз болои бомҳо тунукаҳоро меканд, чашмонашро пур аз ғубор кард. Бо як дасташ чашмонашро тоза карда, бо дасти дигараш тунукапораеро дошта, ба он ҷое, ки дҳотиаш овезон буд, бо душворӣ расид. Вале дар он ҷо чизе набуд. Ӯ хеле музтариб шуд. Баъзан ногувориҳои хурд ҳам метавонанд инсонро нороҳат кунанд.

Вале ин лаҳза таҷрибаи пулисии ӯ, маҳз ҳамин таҷриба ба ӯ кор дод. Охир ӯ аз ӯҳдаи навбатдорӣ дар харобазорҳои беодам ва мобайни қабрҳо мебаромад–ку. Вале ӯ мисли ҳозира намеларзид. Ӯ қад–қади девори дидбонгоҳ боз ду қадам монду бозистод: бо кадом як роҳе гӯшаи дҳотӣ ба дасташ афтод. Ӯ дҳотиро аз мех гирифту ҳарчӣ зудтар вориди дидбонгоҳ шуда, дарро пӯшид.

Ӯ аз нав чароғро афрӯхт. Нури чароғ гӯё ба Муҳаббат Синҳ табассум карда, рӯҳашро даво мебахшид. Зан банохост аз болои фарш бархосту худи ҳамин лаҳза Муҳаббат Сингҳ чунин воқеаро ба ёд овард…

Ин воқеа кайҳо, вақте ки ӯи ҷавони ҳаждаҳсола корро дар пулис акнун шурӯъ карда буд, рӯй дода буд. Ӯ аскари ҷавони содадилу хаёлпаристе буду ноҳияи Қосим Ганҷро посбонӣ мекард. Начандон дуртар аз нуқтаи дидбонии ӯ пулисе зиндагӣ мекард мусулмон ва духтари зебое дошт.

Вақти субҳидам буду тарафи шарқии осмон акнун равшан мешуд, паррандаҳо нағмахонӣ мекарданд. Духтарак ҳар саҳар барвақт бархоста, ба боғ гулчинӣ мерафт. Ӯ силоҳ дар китф одатан дар атрофи боғ мегашт. Ба назараш чунин менамуд, ки духтарак на гул, балки дили аскари ҷавони иноdкорро меканад. Боре Муҳаббат

Сингҳ силоҳашро дар дидбонгоҳ монда, бо мӯзаҳояш тақ–туққунон давида ба боғ даромад. Духтар дар боғ буду гул мечид. Ӯ аз дасти духтар гирифт. Духтар чаҳордаҳ–понздаҳсола буд. Ӯ фарёд назад, табассумкунон бо бетакаллуфии кӯдакона гуфт:

– Ман бояд ана ҳамон гулро чинам. Ту онро ба ман дастрас мекунӣ, Муҳаббат?

Дар он субҳи нахустини ошиқӣ барои як нози духтар Муҳаббат омода буд ҳатто ҷонашро диҳад.

Ӯ гуфт:

– Ман аз ин ҳам болотар баромадаам.

Вале ба гули болои дарахт расидан чандон кори осоне набуд, либоси пулисӣ халал мерасонд. Ӯ ба кундаи дарахт часпида, торафт болотар мебаромад, гули чампа дар ҷои хеле баланд шукуфта буд.

Вале ҳамон лаҳза дид, ки мисли тақдири бераҳм дар поён ӯро падари духтар – пулиси калон мунтазир аст. Бо дидани афсар, ки рутбааш аз ӯ баланд буд, пояш лағжиду аз дарахт канда шуда афтод ва бо тахтапушт сахт ба замин зад.

Фардои он рӯз ӯро ба ҷои дигар гузарониданд ва ӯ духтарро дигар надид…

Акнун дар дили Муҳаббат Сингҳ дарди кӯҳна аз нав хуруҷ карда буд ва ӯ ҳар қадар кӯшиш кард, онро фурӯ нишонда натавонист. Тамоми вуҷуди ӯро фақат як хоҳиш фаро гирифта буд – духтари аз зиндагии ӯ гумшударо аз нав пайдо кардан.

Хурӯсҳо ба фарёдзанӣ оғоз карданд. Аз кӯча садои Маҳмуди сабзиҷотфурӯш ба гӯш расид, ғиҷирроси аробае, ки он барзаговҳо мекашиданд, шунида шуд.

Боз ҳам гузашта дар пеши назараш ҷилвагар шуду ба назари Муҳаббат Сингҳ чунин намуд, ки ё ин васваса буд, ё ин зане, ки дар пеши ӯст, ҳамон духтарест, ки гул мечиду ӯ дӯсташ медошт. Гӯё зебоӣ ва ишқи ҳамон духтар дар симои ин зани наздаш истода таҷассум ёфта буд.

Ҳаяҷони ӯро фарогирифта ҳеҷ таркаш намекард, рӯҳаш ба пешвози саҳар оғӯш боз карда, бӯи хуши гулҳо, дарахтон, ҳамаи он хушбӯиҳоеро, ки аз замин пеш аз субҳидам бармехост, ба худ меҷаббид. Ӯ дарро тела дод. Ҳавои ларзонандаи сарди саҳарӣ хоначаи дидбониро пур карду нурҳои офтоби саҳарӣ дар чеҳраи зан ба бозӣ даромаданд.

Муҳаббат Сингҳ табассум кард.

Шомгоҳон ман дар истгоҳи роҳи оҳан овора мегаштаму дидам,

ки он зан ва Муҳаббат Сингҳ ба поезд нишастанд.

Дарандае, ки дар ниҳоди ин одам зиндагӣ мекард, ҳамин ки ин зан ба остонаи лонаи ӯ по монд, фавран ӯро сайд кардан мехост, ба тақдир тан дод, ақиб нишасту нопадид шуд ва дар ҷои ӯ худи Худованд манзил гирифту ин зани бекасу кӯйи дарбадарро зери ҳимояи худ гирифта, ба ӯ шавҳару хона дод.

* * *

***АРАВИНД ГОКҲЛЕ*** *(соли таваллудаш 1919) – яке аз адибони барҷастаи Ҳиндустон, ки ба забони маратҳӣ эҷод кардааст. Дар байни маҷмӯаҳои сершумори ҳикояҳои ӯ – маҷмӯаҳои «Вохӯрӣ» (1951), «Дигаре» (1963), «Шохнам» (1968) хеле машҳуранд.*

## СОЯ

Дэвки Музумдар дар назди панҷараи бандари Аполо танҳо нишаста буд. Чароғҳо фурӯзон мегаштанд, атроф торафт ҷон мегирифт. Ҷуфтҳои мардону заноне, ки сайр мекарданд, аз тамошои баҳр ҳаловат мебурданд. Сӯҳбаткунон механдиданд. Дар наздикии соҳил қаиқҳо ва завракҳои мотордори пур аз одам алвонҷ мехӯрданд. Аз дур киштиҳои азими хориҷӣ бо лак андар лак чароғҳо нурпошӣ мекарданд.

Дэвки Музумдар ҳар шомгоҳ ғарқи хаёл дар ин ҷо менишаст. Ӯ зани сабзинаи лоғарандоме буд, ки ба назари кас сояи беҷисме менамуд. Ягон чизи ҷолибу назаррасе, ки байни ӯ ва дигарон тафовут гузорад, надошт – на хушрӯ буду на бадрӯ, маълумоташ миёна. Хуллас, як зани муқаррарии сисола буд, ки аз як деҳаи начандон калони музофоти Мадҳяпрадеш ба Бомбай омада буду дар ин дунёи нооором орому номаълум зиндагӣ мекард, танҳо ва мустақил. Ин гуна занҳо одатан чеҳраи пажмурда, симои пур аз ғам ва хислати зуд ба хашм омадан доранд. Хислати хоси Дэвки он буд, ки нисбати атроф тамоман бетафовуту бепарво буд.Дэвки дар ширкати сайёҳии Тришул понздаҳ сол боз кор мекунад. Падару модар, хоҳару бародари ӯ дар сӯхтор ҳалок шуда буданд. Танҳо Дэвки зинда монд. Баъди хатми мактаб, ӯ ба Бомбай, ба назди яке аз хешовандонаш омаду дар ин ширкат ба кор даромад. Сараввал супоришҳои хурдро иҷро мекард, баъд ба фурӯши билетҳо оғоз кард. Вазифаи ӯ аз тартиб додани рӯйхати мусофирон, гуфтугӯҳои телефонӣ бо ширкатҳои ҳавоии сершумор ва ҷавоб додан ба саволҳои сершумори сайёҳон иборат буд. Ҳамагӣ дар тӯли як сол

Дэвки корманди пуртаҷрибаи ширкат гардид ва чунин мешумуранд, ки ӯ оянда хуб дорад.

Зани хешаш Дэвкиро дар назди дугонааш, дар хонаи иҷора ҷой кард. Ҳама чизи духтар сӯхта буд ва аз ин рӯ, чизе барои бо худ бурдан надошт. Дастколояшро гирифту рафт. Зани хешаш чунин мешумурд, ки ба ин тариқа ӯро назорат кардан барояш мувофиқтар аст: боз ягон расвоӣ накунад. Аммо барои ӯ фарқе надошт. Аз хешовандонашро танг кардан, хурд ҳам бошад, хонаи худро доштан барояш беҳтар аст.

Маоши хуб, хоначаи худ, давраи хуби ҷавонӣ – чунин менамуд, ки табъи дили худ зиндагӣ кун, бо одамони арзанда мулоқот кун, ақлу дониш омӯз. Вале он чизе, ки мо мунтазирем, на ҳама вақт амалӣ мешавад. Инак, чандин сол боз Дэвки саҳари барвақт бо поезди маҳаллӣ рафта, ҳашт соати дароз билет мефурӯшад, – ин кор вазнин набошад ҳам, хеле муҳим буд. Бегоҳӣ ба хона баргашта, барои худ хӯроки шом мепазаду баъд дар диван дароз кашида, китоб ё маҷалла варақ мезанаду хаёлан ба орзуҳо дар бораи бахт дода мешавад. Баъзан Дэвки ба кино ё театр меравад, ё дар чорбоғ гардиш мекунад. Аксар вақт дилаш намехоҳад ба хона баргардад ва он вақт ба бандари Аполо мераваду дар он ҷо чун одаме, ки ҳамаи дунё фаромӯшаш кардааст, хилватнишинӣ мекунад.

Бандар торафт серодамтар мешавад, ҷуфт–ҷуфт зану шавҳарони хушсарулибос мегузаранд, модарони ҷавон ва дояҳо бо аробачаҳои кӯдакона мавзун қадам мемонанд. Аксар вақт арабҳои сафедпӯшро дидан мумкин аст. Бештари мардон, мисли Дэвки дар гӯшае танҳо нишаста, ба одамони машғули сайр зеҳн мемонанд. Дар чашмони Дэвки Музумдар шавқу завқ на ба мардум мушоҳида мешаваду на ба баҳр. Ӯ бори нахуст баҳрро ҳангоми ба Бомбай омаданаш дида буд. Он вақт ӯро мавҷҳои ба тарафи соҳил давон, реги сафед, хуршеди чашмрабои дар болои уфуқ овезон, қаиқҳое, ки дар болои об алвонҷ мехӯрданд, ба ҳайрат оварда буд. Дилаш бисёр мехост, ки ба оби сард дарояд.

Боре ӯ ҳамроҳи кормандони ширкат ба Варсова, ба соҳили баҳр тамошо рафт. Дар байни ҳамроҳони ӯ корманди шӯъбаи фармоишот Дигу Манкаме ҳам буд. Аввал ӯ дар кори Дэвки кӯмак мекард, баъд баъзан даъват менамуд, ки ҳамроҳаш чоштхӯрӣ равад. Дигуи қоматбаланди шӯху хандон ба ҳамаи коргарони корхона хуш меомад, хусусан ба духтарҳо. Дэвки ҳам нисбат ба ӯ бепарво набуд. Вале Дигу байни ӯ ва дигарон фарқ намегузошт. Фақат ҳангоми сафар ба Варсова дар паҳлӯяш нишаст ва ӯро шарики бозӣ интихоб

кард. Вақте Дигу тасодуфан дид, ки ӯ сариашро ба тартиб меорад, ҳар ду хиҷолат кашиданд. Ҳангоми ба Бомбай бозгаштан дар дили Дэвки умеде шӯъла зад, вале… Ба зудӣ Дигу дар назди тирезачаи дигаре, ки билет мефурӯхтанд, пайдо шудан гирифт. Хайр, чӣ илоҷ, агар ӯ набошад, дигараш, – худро тасалло медод Дэвки. Шояд он ҷавони зебои қоматбаланде, ки гоҳ–гоҳ бо ӯ дар поезди маҳаллӣ дучор мешавад, ё бародари хурдии дилкаши хешаш, ки ӯро ба Бомбай оварда буд? Дар дунё мардони зебо чӣ қадар бисёранд. Вале, не! Касе хоҳиш изҳор накард, ки шӯълаи дар дили ӯ алангагирифтаро фурӯ нишонад. Бо гузашти солҳо дардаш фурӯ нишаст, дар дили ӯ бепарвоӣ маскан гирифт. Акнун ӯ анбӯҳи одамонро чун як чизи ягонаи ба ҳам пайванд мебинад, дар байни он мардонро ташхис намедиҳад.

Ана, аз мошин марде бо зану духтаронаш, боз як зани солхӯрда ва сагбачае берун мешаванд. Ин оила таҷассуми ҳамдигарфаҳмии одамон ва муҳаббат аст. Вале Дэвки дилсардона нигоҳашро аз онҳо мегурезонад, кайҳо боз хушбахтии касон ӯро ба изтироб намеораду, дигар мунтазири хушбахтии худаш нест. Ӯ ягон вақт шавҳар мекарда бошад? Ӯ соҳиби фарзанд мешуда бошад? Ӯ ба худаш додани ин суолҳоро бас карда буд.

Ана, аз наздаш дучархасаворе гузашт. Зани дар наздикӣ истода аробачаи кӯдаконаро зуд ба тарафи худ кашид. Ин ғамхорӣ танҳо хоси модари тифлдор аст, он барои Дэвки бегона буд. Ӯ чӣ будани муҳаббати хешутабориро намедонад, касе надорад, ки ба хотири ӯ чизеро қурбон кунад. Дар пеши рӯяш – ҳаёти якранги дилгир, рафтуомад ба кор, фурӯши билетҳо. Ва ин солҳои тӯлонӣ то дами маргаш идома хоҳанд ёфт.

Дар рӯбарӯи ширкат бинои боҳашамати меҳмонхонаи «Тоҷмаҳал» қомат афрохтааст. Ба назди даромадгоҳи он пайиҳам мошинҳои сабукрав меоянд. Аз онҳо одамони сарватманди қонеъ берун меоянд. Автобуси бузурги бароҳат аз аэропорт сайёҳонро овард. Иморат аз зиндагии мӯҳташами хоси ӯ ҷон мегирифт.

Ба худи Дэвки иттифоқ наафтода буд, ки ба ягон ҷо парвоз кунад., фурӯдгоҳро ӯ ҳатто аз дур дида буд. Бомбай – Аҳмадобод – Ҷайпур, Бомбай – Нагпур – Калкатта, Бомбай – Деҳлӣ – Канпур – Лакҳнав – ӯ ҳамаи парвозҳои ширкати ҳавопаймоии «Ҳиндустон»–ро аз ёд медонист. Дар як рӯз ҳазор бор калимаҳои: «каравелла», аэробус, билети бозгашт, бағоҷ, рӯихати мусофирон, пешбанди ҷой, бима аз ҳаводис, фармоиши билетҳо барои гурӯҳҳои сайёҳиро такрор мекард. Дар вақти кор вақти сархорӣ надошт, фақат аҳён–

аҳён бо сармоядорони калон ё ҳунарпешаҳо як–ду калима радду бадал мекард. Вале боре ҳам ба ӯ тасодуф наафтода буд, ки ба остонаи чунин меҳмонхонае по монад, ё ба хориҷа парвоз кунад. Дар байни кормандони ширкати «Тришул» зани як халабон ҳам кор мекард. Яке аз ҳамкоронаш, ки дар ширкати ҳавоии швейтсариягӣ кор мекард, ба хориҷа сафар карда буд. Аммо Дэвки боре ҳам дар ҳавопаймо парвоз накарда буд. «Ман чӣ бадбахтам!» – бо андӯҳи фаровон меандешид ӯ. Ин андеша ӯро аз хӯрду хоб, хурсандӣ ва умедворӣ маҳрум карда буд.

Вале, бо вуҷуди ҳамаи ин, боре чун дид, ки ҷавонмарди зебои мавзунқомате чашм наканда, ба ӯ менигарад, ифтихор кард. Ӯ ҳатто баргашта ба қафояш нигарист, ки мабодо каси дигаре дар он ҷо бошад. Вале дар пушти ӯ танҳо мавҷҳо шалаппос мезаданду халос. Дэвки тааҷҷубашро пинҳон накарда, нобоварона ба ҷавонмард нигоҳ кард. Чеҳраи ӯ ба назараш шинос намуд. Шояд сурати ӯро дар ягон маҷаллае дида бошад, ё шояд ӯ ҳунарпеша бошад? Ҷавонмард ҳанӯз ҳам хомӯш ба ӯ менигарист. Ниҳоят, ҷавонмард ҷуръат пайдо карда, сухан оғоз кард:

– Бубахшед, шумо дар ширкати «Тришул» кор намекунед?

– Бале, ман дар он ҷо кор мекунам.

– Пас, шумо ҳанӯз ҳам он ҷоед? Дар шӯъбаи фармоиши билетҳо?

– Бале.

Ба саволҳои мардони ношинос ҷавоб додан барои Дэвки Музумдар як кори муқаррарӣ буд – дар корхона сайёҳон бетанаффус ба ӯ бо саволҳои гуногун муроҷиат мекарданд. Аз афташ, ин ҷаноб кадом вақте барои парвоз бо ҳавопаймо ба ӯ билет фармуда буд. Ҳамааш ҳамину бас.

– Шумо, чунонки даҳ сол пеш будед, ҳамон хел мондаед, – мӯи худро сила карда, хурсандона гуфт ҷавонмард. – Заррае тағйир накардаед.

Дэвки оташ гирифт. Аҷабо! Ӯро то ҳол дар ёд дорад! Албатта, баъзан ҳолатҳое мешавад, ки дар кӯча бо ягон корафтодаи худ вомехӯрад. Онҳо одатан бе тафовут аз пешаш мегузаранд, баъзан ҳатто рӯяшонро ба тарафи дигар мегардонанд. Вале ин одам ӯро даҳ сол пеш дида бошад ҳам, то ҳол дар ёд дорад. Ё ин баҳона барои ошноист?

– Шумо кӣ ҳастед? Ман шуморо нашинохтам, – гуфт ӯ.

– Чӣ? Бояд мешинохтед. Ҳафтаи гузашта ҳамаи маҷаллаҳои кино сурати маро чоп карда буданд. Ман дар филмҳои Басу Чатерҷи

ва Шиам Бенегал нақшҳои асосиро офаридаам. Вале он вақте ки мову шумо вохӯрда будем, ман дар намоишномаҳои таҷрибавии Чҳабилдас нақш меофаридам.

Дэвки ба тамошои намоишномаю филмҳо кам машғул мешуд. Ростӣ, ӯ филми Бенегал «Асри мошинҳо»–ро дидааст, вале ин ҳунарманд дар ёдаш намонда буд. Ӯ ба чеҳраи ҷавонмард бодиққаттар нигоҳ кард. Аз чеҳраи ҷавонмард нури хушнудӣ борида, дар паҳлӯяш истода буд. Нигоҳаш ба нигоҳи Дэвки бархӯрду шурӯъ ба қисса кард:

– Боре, даҳ сол аз ин муқаддам, ба ман барои бо ҳавопаймо ба Ҷайпур парвоз кардан, билет пайдо кардан ниҳоят зарур шуд ва ман эълонҳои ширкати «Тришул»–ро дидаму ба қароре омадам, ки аз хидмати корхонаи шумо истифода кунам. Вале ман ба ширкати шумо вақти чошт омадам, дар паси равзанаҳое, ки билет мефурӯхтанд, касе набуд. Ман сахт ғамгин шудам. Охир, тамомиояндаи ман ба билет дастрас кардан ё накарданам вобаста буд! Ва банохост шуморо дидам. Шумо мисли соя номаълумакак дар назди пештахта нишаста, бутерброд мехӯрдед. Ман ба назди шумо омада, вазъиятамро фаҳмондам. Шумо ба ман як пиёла қаҳва дароз карда, гуфтед:

– Эҳтимолаш кам аст, ки ман ба шумо ёрӣ расонда тавонам, вале кӯшиш мекунам.

Дэвки чашмонашро калон кушода, чунонки дар кӯдакӣ афсона мешунаванд, гӯш мекард.

– Шумо понздаҳ–бист дақиқа бо телефон гуфтугӯ кардед, баъд рӯихати мусофиронро аз назар гузаронда, боз телефон кардед. Тамоми ин муддат ман аз ин номуайянии мудҳиш азият мекашидам. Тақдири ман ба шумо вобаста буд. Ниҳоят, шумо бо аломати тасдиқ сар ҷунбонда хандидед ва ман фаҳмидам, ки наҷот ёфтам. Билетро дар дастам албонҷ дода, ман аз ширкат давида баромадам, ҳатто, ба гумонам, ба шумо изҳори ташаккур ҳам накардам.

Ин ҳамаро Дэвки дар ёд надошт. Ба бахти ӯ, як ҷой дар ҳавопаймо холӣ будааст, баъд чӣ? Ин гуна ҳодисаҳо на як бору ду бор рух додаанд, чӣ ҷои миннатдорист? Ва чаро ин воқеа даҳ сол боз фаромӯшаш нашудааст? Дар нигоҳи Дэвки танҳо тааҷҷуб ифода ёфта буд.

– Қаҳва менӯшем? Он вақт шумо маро зиёфат карда будед, акнун ман шуморо… – пешниҳод кард ҳунарпеша.

Бори нахуст дар ҳаёташ ӯ ҳамроҳи мард ба тарабхонаи бошукӯҳ рафт. Чун ҳамеша дар «Шомиён» одам бисёр буд, вале дар як

гӯшааш барои ду нафар мизи холӣ ёфт шуд. Ҳар ду хомӯшона нишастанду бо кунҷковии дӯстона ба ҳамдигар нигоҳ карданд.

– Номи ман Анбар аст, – ошно кард худро ҷавонмард. – Ман ҳунарпешадам, дар кино нақш меофарам. Пеш аз ин муаллимӣ мекардам, вале чор–панҷ сол боз муаллимиро бас кардаам. Тамоми вақтам сарфи наворгириҳо мешавад. Номи шумо чист?

Дэвки номашро гуфт. Ба ӯ чунин менамуд, ки ҳамин ҳоло саргузашти ҳунарпешаи машҳур ва духтари фақир оғоз мешавад.

Анбар қаҳваю самбӯса фармуду идома дод:

– Он ҳангом, даҳ сол қабл аз ин, ман дар вазъияти ногувор қарор доштам. Бебарорӣ, ноумедӣ, шикастҳо – ва илова бар ин…

– Чӣ – илова бар ин?

– Ман як духтарро бениҳоят дӯст медоштам. Ва ӯ ҳам маро дӯст медошт. Вале ӯ барои кадом кори беҳудае аз ман ранҷид ва ба Ҷайпур рафт. Ман аз ғам қариб, ки мемурдам…

Нури умеде, ки дар чашмони Дэвки рахшида буд, дарҳол хомӯш шуд. Ба чеҳрааш боз ғам соя афканд. Ӯ худашро базӯр ба даст гирифт.

– Анис рафт. Ҳаёт дар назарам тамоман бемаъно менамуд. Ман дар сарҳади худкушӣ қарор доштам. Танҳо Анис, танҳо дидори ӯ, маро аз ин варта наҷот дода метавонист. Вале ман ҷуръати ба назди ӯ рафтан надоштам.

– Вале ниҳоят рафтед?

– Ӯ маро даъват кард. Дар Ҷайпур ҷавоне бо ӯ вохӯрд – сарватманд, соҳибмаълумот. Анис ба ӯ хуш омад ва ҷавон ба ӯ пешниҳод кард, ки бо ӯ издивоҷ кунад. Вале Анис маро мунтазир, буд умедвор буд, ки ман меояму барои он ҷанҷоли беақлона аз ӯ узр мехоҳам. Ӯ ба ишқи ҷовидонӣ савганд хӯрдани моро ҳеҷ фаромӯш карда наметавонист. Ва инак, ин пешниҳод. Анис худро гум карда буд. Рӯзи ба домод ҷавоби қатъӣ додан наздик буд, Анис тоқат карда натавониста, ба ман телеграмма фиристод: «Фавран ҳаракат кун. Фардо дер хоҳад шуд».

Телеграмма дер расид ва вақте ки ман онро гирифтам, ҳамагӣ ҳашт соат вақти дигар монда буд. Ва пул ҳам надоштам. Лозим омад магнитофонамро ба гарав гузорам. Вале билети ҳавопаймои самти Ҷайпурро бо кадом роҳ дастрас кунам? Ва боз дар айни ҷӯшу хурӯши мавсими сайёҳӣ. Ман тамоман парешонҳол будам, вале ба қароре омадам, ки бахтамро дар ширкати шумо озмоям. Ва бурд кардам! Шумо чун толеи нек ба ман мадад кардед.

Ба назар чунин менамуд, ки Анбар он лаҳзаи хушбахтиеро, ки

соҳиби билети ҳавопаймо гардида буд, бори дигар эҳсос мекунад. Эҳсоси миннатдорӣ нисбат ба Дэвки дар симои ӯ бармало ифода ёфта буд.

– Шумо сари вақт рафта расидед? – ба болои миз хам шуда, пурсид Дэвки.

– Ҳамон рӯз парвози чӣ қадар ҳавопаймоҳоро аз сабаби корпартоӣ боздошта буданд! Вале ман сари вақт рафта расидам. Анис маро дар фурудгоҳ мунтазир буд. Дилаш гувоҳӣ медод,ки ман албатта хоҳам омад. Ҳамин ки ҳамдигарро дидем, ҳамаи он чизе ки моро аз ҳам ҷудо мекард, аз байн рафт, фаҳмидем, ки барои якдигар, барои хушбахтии якҷоя офарида шудаем.

Анбар сокит шуд. Ӯ чашмонашро пӯшида менишаст. Воқеаҳои он рӯзҳо дар пеши назараш ҷилвагар буданд. Гардиши хушбахтона дар тақдири ӯ, хотираҳои фаромӯшношуданӣ дар бораи ишқу даврони ҷавонӣ.

Дар хаёли Дэвки симои Дигу Манкаме ҳувайдо гардид, пайдо шуду фавран ғайб зад. Ӯ ғамгинона ба атроф нигоҳ кард. Дар паси мизҳо занону мардони либосҳои мӯҳташам ба бар ва хушбахту қонеъ менишастанд. Оҳанги мӯъҷази мусиқӣ гӯши онҳоро навозиш мекард. Дэвки барои ин одамон бегона буд. Ягон нафаре аз онҳо, чунонки ба пешхидмат ё дарбон аҳамият намедиҳанд ӯро мушоҳида накард.

Анбар чашм кушод.

– Аз ҳамон рӯз ману Анис дигар аз ҳам ҷудо нашудем. Ба Деҳлӣ парвоз карда, он ҷо дар хонаи холаам зиндагӣ кардем. Анис ба кор сар карду ман ба омӯзишгоҳи ҳунармандӣ дохил шудам. Дар вақти таҳсил Анис ба ман бисёр ёрӣ расонд, ӯ барои он ки ман ҳунарманди хуб шавам, заҳмати бисёре кашид. Ӯ то ҳол аз ман миннатдор аст, ки бар ҳисси худхоҳиам ғолиб омадаму ба даъвати ӯ ҷавоб додам. Андешаи он ки агар ҳамон рӯз билет намеёфтам, тақдирам чӣ мешуд, маро ҳанӯз ҳам ба даҳшат меафканад. Ташаккур ба шумо! Агар шумо намебудед…

Ӯ барои изҳори сипос дигар сухан наёфта, хомӯш шуд ва ба ҳамсӯҳбаташ бо чашмони лабрези ифодаи миннатдорӣ нигоҳ кард. Дэвки хиҷолат кашид. Гӯё тарабхонаи боҳашамат ва ҳунарпешаи ҳамроҳаш нишаста – қаҳрамони филмҳои сершуморро дар хоб медид. Эҳтимол, сабабгори ҷовидонӣ ба ҳам пайвастани ду қалби ошиқ ӯ бошад? Шояд. Ҳамин гуна сурат гирифтани кор ҳам мумкин буд, ки Анбар он рӯз бе ӯ билет гирифта наметавонист.

– Рафтем, – ҳисобу китоб карда, гуфт Анбар. – Ман пайи

корҳои худам ба ин ҷо омадам – барои бастани шартнома бо филмсози англис, ки ба Бомбай омадааст. Кори ман хуб омад кард! Ва маҳз ҳамин рӯз боз бо шумо вохӯрдам!

Анбар аз ҷо бархост, Дэвки ҳам. Ҳамин ки аз дари тарабхона баромаданд, ӯ дарҳол дар дамии дари шишагин бо ӯ хайрбод кард. Дэвки умедвор буд, ки ӯ мегӯяд: «Акнун дер шудааст! Ба шумо такси лозим нест?» – ё мепурсад: «Хонаи шумо дур аст?» Ё пешниҳод мекард: «Боз як бори дигар вомехӯрем».

Вале Анбар ҳангоми видоъ танҳо ин суханонро ба забон овард:

– Барои ҳар мард зане офарида шудааст, ки ба ӯ хушбахтӣ ато мекунад. Ва барои ҳар ҷуфти хушбахт – сояе, ки онҳоро ҷониби хушбахтӣ роҳнамоӣ мекунад.

Дэвки Музумдар ба кӯчаи серодами аз нури чароғҳои равшан мунаввар баромаду дар байни издиҳоми мардум нопадид шуд. Дар атрофи ӯ зиндагии пур аз ҳаёҳу ҷӯш мезад, вале ӯ танҳо сояи ин зиндагӣ буд.

* * *

***БАСАВАРАҶА КАТТИМАНИ** (1919 –1989) – адиби маъруфи Ҳинд, асарҳояшро ба забони каннада навиштааст. Бештар аз бист китоби роману ҳикоя таълиф карда, ба табъ расонидааст. Романҳои ӯ «Шаҳидони муҳориба» (1950), «Дар болои вулқон» (1951), «Замин ва зан» (1953) хеле машҳуранд. Каттимани муаллифи намоишномаи машҳури «Духтари шаҳрӣ» (1955) мебошад.*

## ПАЙИ ҶАРОҲАТ ДАР ЧЕҲРА

Дар симои ин муаллимаки Шиванна ба ман чӣ хуш омада буд? Ҳамин ки фикр кунам, хандаам мегирад.

Ақаллан зебо мебуд! Ба ӯ нигоҳ кунӣ, ба даҳшат меафтӣ. Дар рухсораи чапаш пайи калони ҷароҳат. Тамоми чеҳраашро баднамо кардааст.

Шояд, андомаш диламро бурдааст? Аз куҷо. Як марди назарногир – чӯби қоқ барин ва қадаш ҳам начандон баланд аст.

Ё хушсарулибос аст? Ин хел ҳам нест. Ангиаш аз шустан кӯҳнашуда, дҳотиаш рангпарида, кулоҳаш мисли кулоҳи Ганди тамоман кӯҳна.

Сараш ҳамеша хам. Нигоҳаш ба замин дӯхта. Чеҳрааш ғамгини турш. Қадамзаниаш бешитоб. Ва чунон камгап, ки ҳарфе аз ӯ шунида наметавонӣ.

Саҳарӣ дасту рӯяшро шуста, пиёлаи чои Маллеши додаро зуд менӯшаду ба мактабаш раҳсипор мегардад. Соати ёздаҳ чошт мехӯраду боз ба мактаб меравад. Соати панҷ бармегардаду ба хонааш даромада, дигар нӯги биниашро ҳам нишон намедиҳад. Муаллимони дигар сайр мекунанд, ба чойхона як сари қадам барои қартабозӣ, ё ҳеҷ не, лаққидан медароянд, аммо ӯ ҳеҷ куҷо намеравад.

– Ин гуна муаллими хушахлоқ мо ҳаргиз надоштем, – мегӯянд дар ҳаққи ӯ ҳамдеҳагон.

Мисли гӯсола ором аст, – гӯён ба ман чашмакӣ зада, механданд занон.

– Қариб як сол мешавад, ки муаллим дар хонаи ту зиндагӣ мекунад. Чаро вақтро аз даст медиҳӣ? – мепурсанд дугонаҳоям.

Аммо ман дар ҷавоб табассум мекунаму дигар ҳеҷ.

Воқеан ҳам, ба қарибӣ як сол мешавад, ки ӯ ба деҳа омадаасту дар хонаи ман манзил гирифтааст. Ӯро аз кадом як деҳаи дурдаст ба мактаби деҳаи мо ба кор гузаронидаанд. Аввалҳо ӯ дар деҳа касеро намешинохт ва мегӯянд, ки ду–се рӯзи аввал дар кадом як маъбади партов зиндагӣ мекард. Ана ҳамон вақт Маллеши ба ман нақл карда буд, ки муаллимро дар маъбади холӣ дида, ба ҳайрат афтодааст.

– Барои чӣ шумо шабро дар ин ҷо рӯз мекунед, ҷаноби муаллим? Охир шумо рӯҳонӣ нестед– ку? Магар мумкин нест, ки ягон ҳуҷра ё хонае иҷора гиред?

– Ҳуҷра, ё хона? – табассумкунон гуфт муаллим. – Ин ба ман чӣ лозим аст?

– Чаро ин хел мегӯед? Магар шумо зану фарзанд надоред?

– Не, бародарҷон. Ман танҳо ҳастам.

– Ҳар навъе ки бошад. Шумо дар куҷо хӯрок мепазед?

– Чӣ, дар берун ҷой кам аст. Оташ даргиронда мепазам.

– Охир шумо ҳамавақт дар мактаб ҳастед, кай вақти пухтан меёбед?

– Барвақттар мехезаму мепазам. Магар барои ман хӯроки зиёд лозим аст? Як мушт биринҷи ҷӯшондашуда ва сабзиҷот.

– Ана, барои ҳамин шумо мисли донаи гӯгирд қоқ ҳастед.

– Чӣ, ба гумони ту, кунда барин ғафс бошам? – хандид муаллим.

Баъди ин гуфтугӯ Маллеши ба қароре омад, ки илоҷе карда, барои муаллим сарпаноҳе пайдо кунад. Вақте ӯ пешниҳод кард, ки ба ӯ ҳуҷраи начандон калони хонаи моро, ки кайҳо боз холӣ

буд, ба иҷора диҳем, намедонам, барои чӣ бошад, дилам ба тапиш даромад.

– Муаллими ту чандсола аст? – пурсидам ман.

– Шояд сисола, ё зиёдтар…

Дилам аз нав ба тапидан даромад. Шавҳари ман, ки ду сол пеш фавтида буд, низ дар ҳамин синну сол буд.

– Агар муаллим дар хонаи мо иқомат кунад, дар таҳсил ба ман ёрӣ мерасонад, – маро розӣ мекунонд Маллеши.

– Бале, дуруст мегӯӣ. Вале… – ман ба андеша рафта, суханамро қатъ кардам.

Сандуқчаи тунукаи хурд. Бистари лӯлапеч. Ҳамин аст, ҳамаи анҷоми рӯзғори ӯ.

Вақте ки муаллим ба хонаи мо омад, ман дар айвон истода будам. Вале ӯ ба тарафи ман ҳатто нигоҳ ҳам накард. Сарашро набардошта, ба хонаи худ даромаду то бегоҳӣ аз он ҷо набаромад.

Бегоҳӣ ман бо дасти Маллеши ба ӯ нону сабзиҷот фиристодам.

– Ӯ бо дили нохоҳам хӯрокро гирифт, – баъдтар гуфт писарам ба ман.

Тамоми он шаб ман мижа таҳ накардам. То саҳар хобҳои аҷиб дидам. Ва ҳамааш аз бемаънӣ ҳам бемаънитар. Гӯё муаллим бо мани бева хонадор шудаасту ҳар моҳ дер накарда, музди корашро оварда ба ман медиҳад. Ӯ Маллеширо мисли писари худиаш дӯст медорад ва барои таҳсилашро идома додан ӯро ба мактаби миёна мефиристад. Ва гӯё ман аз муаллим боз ду фарзанди дигар дорам… Умуман, ҳамааш сафсатта…

Вақте ки ман рӯзи дигар говмешро ба лаби ҳавз оббозӣ доштан бурдам, Сингарӣ, ки дар он ҷо либос мешуст, табассумкунон ба ман гуфт:

– Иҷоранишини хуб ёфтаӣ, Савитри. Бубин, боз зани муаллим нашавӣ.

Ман худамро ранҷида вонамуд кардам ва чунон ҷанҷоле бардоштам, ки зани писхандзадаро тамоман расво намудам. Вале дар таҳти дилам розӣ будам.

Ман фикр мекардам, ки бо мурури замон муаллим беҷуръатиашро бартараф карда, ба ман ошиқ мешавад ва он гоҳ орзуи ман амалӣ мегардад.

Вале моҳҳо мегузаштанду дар рафтори муаллим дигаргуние ба назар намерасид. Бо исрори Маллеши ӯ розӣ шуд ҳамроҳи мо хӯрок хӯрад. Барои ин ӯ дар як моҳ сӣ рупия медод.

Вақте ки ӯ дастурӯй мешуст, ман бо офтоба ба дасташ об ме-

рехтам. Баъд ман ба ӯ чой кашида медодам. Вале ин муоширати наздик ба муаллим гӯё ҳеҷ асаре надошт. Намедонам, ки оё боре ҳам ӯ сар бардошта, ба ман дуруст нигоҳ карда буд ё не. Ҳар чизе, ки пурсам, ҷавоби мухтасар медод. Ва дигар аз ӯ садое намешунидӣ.

Ман тамоман ба ҳайрат афтода будам: барои чӣ муаллим ин хел бошад? Магар дар синну соли ӯ тарки дунё кардан мумкин аст? Ҳол он ки, маълум аст ки ҳанӯз издивоҷ накардааст.

Шояд сабабгори ҳамаи ин пайи ҷароҳати рӯяш бошад? Шояд ӯ гумон мекунад, ки ягон духтар ба одами чеҳрааш ин қадар баднамо зан шудан намехоҳад. Ва агар зан шавад ҳам, зуд ба ӯ нафрат пайдо мекунад.

Боре, вақте ки ӯ рӯяшро шуста, бо рӯпоккун пок мекард, ман аз ӯ пурсидам:

– Ҷаноби муаллим, ин пайи ҷароҳат дар рӯятон аз чист?

Ранги рӯи аз оби сард лолагунгаштаи ӯ банохост сап–сафед канд. Ӯ чизе нагуфта, баргашту ба хонааш даромад.

Аз афташ, ман ба дардҳои нуҳуфтаи дили ӯ нохун зада будам. Ин саволро ба ӯ додани ман лозим набуд.

Иди Ганеши фаро расид. Дар мактаб, чун ҳамеша он рӯз дарс набуд. Маллеши саҳарӣ санбӯсаҳои ширин хӯрда, ҳамроҳи дӯстонаш ба Белагави рафта буд. Бегоҳӣ дар Белагави кино намоиш медоданд ва онҳо ба қароре омаданд, ки шаб он ҷо бимонанд.

Аз вақте ки муаллим дар хонаи ман манзил карда буд, мо ягон бор чунин танҳо намонда будем. Ман умедвор будам, ки ӯ имрӯз бечуръатиашро бартараф карда, далертар мешавад. Хонаи калони кӯҳна. Дар он фақат ману муаллим – як ба як. Ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун – касе чизе нахоҳад донист.

Тамоми рӯз маро эҳсоси пешакии рӯй додани як ҳодисаи номаълуми ғайриодӣ тарк намекард. Барои хӯроки чошт ман самбӯсаҳои нахӯддор пухтам. Мӯямро бодиққат оростам, сарии шоҳиамро ба бар кардам. Дуру дароз дар назди оина ин тараф, он тараф чарх задам. Шояд аз ҳаяҷон бошад, ки рухсораҳои ман лолагун гашта буданд. Дилам сахт–сахт метапид, ман ба ҳуҷраи ӯ наздик шуда, дарро тела додам. Муаллим дар кресло нишаста, китоб мехонд. Садои дарро шунида, рӯяшро гардонд. Эҳтимол, имрӯз ӯ бори аввал маро бодиққат аз назар гузаронд. Дар лабонаш табассум дамид.

– Биёед, чой менӯшем, – даъват кардам ман. Намедонам, ларзиши овозамро ниҳон доштан ба ман муяссар шуда бошад ё не.

– Ҳозир, – гуфт ӯ ва китобро гузошта, аз пайи ман омад.

Ман ба ошхона мизи хурдеро оварда гузоштаму ба болояш табақи пур аз самбӯсаро гузоштам. Ҳангоми дар ошхона ин тараф, он тараф қадам заданам кӯшиш мекардам аз наздикии муаллим гузарам ва гӯё банохост бошад, ба дасту китфи ӯ расам.

– Шояд, бори дигар шустушӯ мекунед? – бо навозиш пурсидам ман.

– Бале, як бори дигар даст шустанам лозим аст. Он қадар хондам, ки ҳатто чашмонам ба дард омаданд, – ҷавоб дод ӯ ва ба тарафи ташноб равон шуд.

Ман аз пайи ӯ шитофтам.Бо офтоба ба дасташ об рехта, имконияти ба ӯ даст расонданро аз даст надодам. Ба гумонам, ӯ каме нарм шуда буд. Ман давида барои рӯпоккун рафтам ва ҳангоми онро ба муаллим доданам қариб бо тамоми пайкарам ба ӯ ҷафс шудам. Чашмони муаллим хумор шуданд.

«Аз афташ, кор барор мегирад: боз каме заҳмат мекашаму ӯ азни ман хоҳад шуд», – хурсанд шудам ман.

Ман дар табақча ба пеши ӯ як тӯда самбӯсаҳои нахӯддори саҳарӣ пухтаамро бо чалпакҳои хурд гузоштаму ба онҳо як қошуқи калон равған илова кардам.

– Чаро ин қадар бисёр? – табассумкунон пурсид муаллим. – ман баъд аз ноштo ҳанӯз гурусна нашудаам.

– Не, не, аз ҳамаи он чизе ки ба шумо додам, чизе намонад, – лабҳоямро дамонда шӯхӣ кардам ман.

– Аз ҳамон вақте ки модари ман фавтидааст, касе ин қадар хӯроки зиёд дода, маро ноздона накардааст, – гуфт муаллим.

Ман дар паҳлӯи ӯ нишастам. Ба табақчаи ӯ боз каме равған андохта, пурсидам:

– Магар модари шумо барвақт фавтидааст, ҷаноби муаллим?

– Ҳашт сол мешавад – ӯ ба ман нигоҳи асроромезе карда, идома дод: – Вақте ки ба ту нигоҳ мекунам, Савитри, модарам ба ёдам мерасад. Ту ба ман чун ба кӯдак ғамхорӣ мекунӣ. Ман барои некиҳоят ба ту чӣ гуна ҷавоб гардонам, Савитри?

– Шумо дар бораи кадом некӣ мегӯед?! Шумо бисёр кам мехӯред. Ва ҳар моҳ пул медиҳед.

– Пул? Пул ба ин чӣ дахл дорад, Савитри? Магар бо пул самимияту ғамхориро харидан мумкин аст?

Вақте ки мо чой менӯшидем, ман пурсидам:

– Шумо боз дурудароз ҳамин хел ғарибу танҳо зиндагӣ меку-

нед, ҷаноби муаллим?

– Ғариб? Бале, дар ҳақиқат, ман тамоман танҳоям. На оила дораму на хешу табор. Маро на касе пешвоз мегирад, на гусел мекунад. Вале, охир оила ва хешутаборӣ ҳамааш дурӯғе беш нест, Савитри. Ман ба касе лозим нестам.

– Шумо барои чӣ ин хел мегӯед? Охир, ана ман ҳастам, Маллеши ҳаст. Ё самимияту ғамхории мо ҳам нисбат ба шумо дурӯғ аст?

–Не, албатта. Вале маро ба ҷои дигар мегузаронанду ҳамааш хотима меёбад. Ҳамааш дар дасти Шива аст, Савитри. Худаш медиҳаду боз худаш мегирад, – бо оҳанги ҷиддӣ гуфт муаллим ва якбора аз ҷояш бархоста, аз хона баромад.

Ман намедонистам, ки хурсанд шавам, ё ғамгин. Ин қадар кӯшиш кардам: пӯшидам, мӯямро оростам – ва ҳамааш беҳуда.

Дар дили ман ҳанӯз умеди заифе боқӣ монда буд, ки бегоҳӣ ба коми дил мерасам.

Шом шуд. Муаллим беҷуръатона аз дар даромад. Хӯроки аз макарон пухтаро, ки ба болояш шакар пошида будам, дида гуфт:

– Боз ҳам хӯроки ширин тайёр кардӣ, Савитри?

–Чӣ шудааст?

– Ҳеҷ, фақат ман ба хӯрдани ин қадар ширинӣ одат накардаам.

– Эҳтимол, меъдаи шумо аз хӯрдани ҳамаи хӯрокҳое, ки занон мепазанд, дард мекунад, – гап партофтам ману хандидам.

– Не, ман дар ҳақиқат ҳам ширинидӯст нестам, Савитри.

– Умуман, ягон шириниро дӯст намедоред? – ҳазлкунон пурсидам ман.

Агар дигаре ба ҷои ӯ мебуд, дарҳол аз ҷояш бармехосту маро ба оғӯш кашида, ширинии лабони маро эҳсос мекард. Вале ӯ – худоё! – ҳатто аз ҷояш наҷунбид. Хомӯшона хӯрокашро хӯрду берун рафт.

Ман танҳо мондам, диламро гӯё гурбаҳо ханҷол мезаданд. Хӯрокамро зуд хӯрдаму бо ноумедӣ кӯшиши охиринамро кардам. Як пиёла шир гирифта, далерона ба утоқи ӯ даромадам. Ӯ вақт бистарашро паҳн карда, хобиданӣ буд.

– Ин қадар барвақт мехобед? – пурсидам ман.

– Мехоҳам имрӯз барвақттар бихобам.

– Чӣ қадар одами хушбахт ҳастед! Вале хоб, ҳатто ба гӯшаи чашми ман намеояд.

– Барои чӣ?

– Шумо боз мепурсед, барои чӣ! Гӯё чизеро намебинед!

Ман сохтакорона хамёза кашида, қоматам ва синаҳои

барҷастаамро намоиш додам. Гесувонамро кушода, боз ҷамъ кардам. Муаллим оҳи сард кашид.

– Мебинам, Савитри. Ҳамаашро мебинам… Вале…

– Чӣ вале?..

– Ту ин пайи ҷароҳатро дар чеҳраи ман дида, магар ба чизе сарфаҳм намеравӣ?

– Ба чӣ сарфаҳм равам? Ин пай дар чеҳраи шумо аз чист?

– Ин пайи ҷароҳат, Савитри, аломати он аст, ки тамоми ишқи вуҷуди ман сӯхта хокистар шудааст. Ман зан доштам. Ва зани ман, зане, ки бо ӯ ҳаётамро пайваста будам, бо ҳамсояам зино карда, дар рухсораи ман бо кафгири тафсон ин пайро гузошта, ба назди ӯ рафт.

Муаллим ин қиссаи пур аз андӯҳро ба поён расонда, мисли ин ки аз ҳолу мадор рафта бошад, ба болои бистараш афтид. Ман ғамхорона, гӯё кӯдак бошад, болояшро бо кӯрпа пӯшонда, ба ҳуҷраи худам рафтам.

Бо андешаи он ки фардо ба ӯ чӣ гуна гӯям, ки на ҳамаи занҳо бад ҳастанд, занҳои содиқу бовафо мисли ман ҳам ҳастанд, дурудароз хобам набурд.

Вақте ки пагоҳӣ аз хоб бархостам, хонаи муаллим холӣ буд.

Ин хона ҳанӯз ҳам холист.

* * *

***КУЛВАНТ СИНГҲ ВИРК*** *(1920 –1988) – нависандаи панҷобӣ, муаллифи чандин маҷмӯаи ҳикоя аст. Яке аз онҳо бо номи «Одамони нав» сазовори ҷоизаи Академияи адабии Ҳиндустон гардидааст.*

## БОРИ ЗАМИН

Деҳаи Татҳи-Кҳара, ки дар қарибии роҳи калони мошингарди Амритсар ҷой гирифтааст, ба шаҳр бисёр наздик буд ва Ман Сингҳ чунон табъи хушу болидае дошт, ки ҳар роҳи дарозе ба ӯ наздик менамуд. Ӯро наздик омадани шом ва аспе, ки аробаи ӯро мекашиду аз хастагӣ пойҳояшро базӯр мебардошт, заррае нороҳат намекард.

Ман Сингҳ – аскарест, ки якчандрӯза ба назди хешу табораш ба рухсатӣ омада буд. Татҳи Кҳара – деҳаи рафиқи ӯ Карам Сингҳ аст. Ҳама медонанд, ки на дар ягон ҷои дигар, балки танҳо

дар хидмати ҳарбӣ чунин дӯстии мустаҳкам ба вуқӯъ мепайвандад. Онҳо ҳанӯз дар Ҳиндустон, вақте ки полкашон ташкил меёфт, шинос шуда буданд, вале ҳоло якҷоя дар як қисми ҳарбӣ, дар хати ҷанги Бирма хидмат мекарданд. Карам Сингҳро барвақттар ба хидмати ҳарбӣ даъват карда буданд ва ӯ, инак, унвони сержант дошту Ман Сингҳ тоза унвони капрал гирифта буд. Чизе ки Карам Сингҳро аз дигарон фарқ мекунонд, маҳорати қиссаҳо аз ҳаёти ҳарбиро нақл карданаш буд. Аз бештари ҷавонони деҳаи онҳо, ки дар сафи қувваҳои мусаллаҳ хидмат мекунанд, вақте ки ба хона бармегарданд, ғайр аз «салом» чизи дигаре шунида намешавад, чунки ҳунари суханварӣ надоранд. Вале, вақте ки Карам Сингҳ чандрӯза дамгирӣ омад, аз бисёрии ҳамдеҳагонаш роҳи гузар надошт, ба ҳар ҷое, ки равад, аз пушташ анбӯҳи одамон мерафтанд. Бахусус, деҳотиён шабҳои зимистон, дар назди бухории калон, ки дар болояш гандум бирён мекарданд, нишаста ба қиссаҳои ӯ гӯш доданро дӯст медоштанд. Дар қисми ҳарбӣ Карам Сингҳ чун тирандози моҳир шӯҳрат пайдо карда буд. Аксар вақт ҳангоми мусобиқаҳои тирандозӣ тирҳои ӯ маркази ҳадафро сӯрох мекарданд. Акнун дар хати ҷанги Бирма ҳам тирҳои ӯ ҷопониҳои бо баргҳои дарахтон хуб рӯпӯшшударо бехато дармеёфтанд. Дар ин лаҳзаҳо ӯ фақат дар бораи он андеша мекард, ки аз тирандози кушташудаи ҷопонӣ силоҳашро бигираду душманро бо тири худи ӯ нобуд кунад – ақаллан бо ин роҳ қасоси рафиқони ҳалокшудаашро ситонад! Ва тири ӯ ҳам душманро зуд–зуд дар он ҷое дармеёфт, ки пулемёт тавони онро надошт. Ҳарчанд Карам Сингҳ чандирии пешинаи худро аз даст дода буд, вале ҳама аз машқҳои варзиши баданро чолокона ба ҷо овардани ӯ ба тааҷҷуб меафтоданд.

Албатта, дар фронт вақти бо варзиши бадан машғул шудан ҳам нест ва бисёр чизҳоро бояд фаромӯш кард. Он ҷо, вақте ки мундир пӯшида таҳти оҳанги мусиқӣ қадам мезанӣ, чунонки дар Ҳиндустон буду гоҳ–гоҳ чанд соате озодона гардиш мекардӣ, на намоиш асту на рухсатӣ. Вохӯрдан бо ягон ҳамдеҳа ва бо ӯ чақ–чақ карданро танҳо орзу кардан мумкин буд! Ана, барои чӣ Карам Сингҳ, вақте ки ба Ман Сингҳ рухсатӣ доданд, ин қадар ғамгин шуд. Воқеан ҳам боиси таассуф аст, ки ба ҳар ду якҷоя рухсатӣ надоданд, вагарна ҳар ду бо ҳам мерафтанду бо ҳам бармегаштанд. Охир, деҳаҳои онҳо ҳамшафатанд. Чуҳаркана – зодгоҳи Ман Сингҳ аз Амритсар чандон дур нест, шояд байнашон дусад километр масофа бошад, агарчи он ба вилояти Бар маҳсуб асту Татҳи–Кҳара ба

вилояти Мачҳ. Вале ҳоло дар додани рухсатӣ бисёр мумсикӣ мекарданд, чунонки нишони «Шуҷоати ҳарбӣ»–ро диҳанд, ин саодат аҳён–аҳён ба камтар касе муяссар мегардид.

Вақте ки Ман Сингҳ ба мошини боркаш савор шуд, Карам Сингҳ ба ӯ гуфт:

– Дӯстам, як сари қадам ба хонаи мо даромада, аз ман салом расон. Вақте ки баргаштӣ, аз онҳо ба ман хабар меорӣ, ба ман аз зиндагии онҳо нақл мекунӣ ва ман ҳам онҳоро дидагӣ барин мешавам. Дарвоқеъ, ту ягон бор дар маҳалҳои мо будӣ?

– Не. Дидани Амритсар муяссарам шудааст, вале дуртарашро ҳаргиз надидаам.

– Хеле хуб! Зиёратгоҳҳои Таран–Таран, Гоиндвал, Кҳадур–соҳиб ба ҷойҳои мо хеле наздиканд. Умуман, дар вилояти мо мавзеъҳои таърихӣ бисёранд. Хуб, ҳаракат кун, ба ту комёбӣ мехоҳам, ба хонаводаамон дар бораи ту хоҳам навишт.

Ана, барои чӣ имрӯз, вақте ки рухсатии Ман Сингҳ қариб ба поён мерасид, ӯ ба деҳаи зодгоҳи рафиқаш раҳсипор гардид.

– Салом, камина Ман Сингҳ аз Чуҳаркана ҳастам! – назди мӯйсафеде, ки дар остонаи хонаи Карам Сингҳ менишаст, таваққуф карду бо садои баланд, чида–чида гуфт ӯ.

– Салом, салом, бифармо! – ҷавоб дод мӯйсафед.

Ман Сингҳ ба хона даромада, ба рӯи нимкат нишаст. Ба ӯ чунин намуд, ки омаданаш мӯйсафедро безобита кард: мӯйсафед чашмонашро аз меҳмон гурезонида, ба фарши хона чашм дӯхт. Ман Сингҳ ҳаргиз иззатталаб набуд, вале ин гуна қабулро ҳеҷ интизор надошт ва ҳатто андешид, ки шояд мӯйсафед падари дӯсти ӯ набошад?

– Шумо падари Карам Сингҳ ҳастед? – хомӯшии гаронро халалдор карда, пурсид ӯ.

– Бале, ин хонаи ӯст.

–Ӯ ба шумо навишта буд, ки ман ба ин ҷо меоям?

– Ҳа, навишта буд, – ҷавоб дод мӯйсафед ва баъд аз ҷояш бархоста ба рӯи ҳавлӣ баромад. Ман Сингҳ медид, ки ӯ чӣ гуна говмеши ҷавонро аз як мех кушода, аз нав ба мехи дигар басту пушташро дастмол кард ва дасташро барои лесидани говмеш дароз кард. Баъд бо садои баланд ба касе супориш дод, ки барои меҳмон чой омода кунад. Ва гӯё аз танҳо мондан бо Ман Сингҳ метарсида бошад, дар рӯи ҳавлӣ бо асп андармон шуд. Саросема нашуда, хӯроки даруни охури назди аспро омехта карду боз як қабза ба он

зам намуд ва фақат баъди ин ба хона баргашт. Ҳоло ӯ аз пештара ҳам туршрӯйтару мушавваш ба назар мерасид, ҳарчанд бо гӯшаи чашмаш гоҳ–гоҳ ба меҳмон менигарист.

– Ҷасвант куҷост? – Ман Сингҳ номи бародари хурдии Карам Сингҳро медонист.

– Барои хӯроки чорпо рафтааст.

Боз хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Баъди чанд дақиқа ба хона модари Карам Сингҳ чой овард.

– Салом, модарҷон! – бо эҳтиром ва хурсандӣ ба ӯ салом дод Ман Сингҳ.

Лабони пиразан ларзиданд, гӯё ӯ чизе гуфтан мехост, вале Ман Сингҳ, ҳамин тариқ, аз ӯ садое нашунид. Ман Сингҳ аз дасти пиразан чойнику пиёлаҳои филизиро гирифт ва ӯ рафт.

«Дар Маҷҳ одамони аҷиб зиндагӣ мекардаанд! – андешид Ман Сингҳ. – Ин ҷо маро бо инҳо чӣ кор?»

Вале дарҳол худоҳофизӣ карда рафтан аз рӯи одоб набуд. «Хуб, шабро рӯз карда, фардо ба роҳ мебароям!» – ба ҳамин қарор омад ӯ.

Шоми новақт Ҷасвант омаду сӯҳбат каме гарм шуд.

– Нишонрас будани тири Карам Сингҳро тамоми ҷанговарони хати ҷанг медонанд, – нақл кард Ман Сингҳ. – Дар як мижа задан, аз ин тир ҷопоние аз болои дарахт ба замин меафтад. Ин ба Карам Сингҳ чӣ гуна муяссар мегардад, кас намедонад!

Дар ҳамин ҷо Ман Сингҳ аз сухан бозистода шуд, ки ҳамин ҳоло пурсупос дар бораи ҷопониҳо ва дигар мавзӯъҳо оғоз мегардад; ӯ сахт иштиёқманд буд, ки ба онҳо қиссаҳои гуногуни ҷангӣ нақл кунад. Вале маълум шуд, ки касе ба ӯ гӯш доданӣ нест.

– Навбати об ба мо кай мерасида бошад? – пурсид пирамард аз Ҷасвант.

– Пасфардо, соати сеи субҳ.

Баъди ибораи «сеи субҳ» Ман Сингҳ боз кӯшиш кард, ки ба сӯҳбат идома диҳад:

–Медонед, Карам Сингҳи мо барвақт аз хоб хестанро дӯст намедорад, танбалӣ карда, аз ҳама дер мехезад.

Вале ба ин суханон ҳам касе ҷавоб надод.

Баъд ба хӯрдани хӯроки шом оғоз карданд. Хӯроки шом болаззат буд, маълум буд, ки барои меҳмон пухтаанд. Ман Сингҳ хӯрок мехӯрду Ҷасвант дар паҳлӯяш нишаста, бо бодбезан ӯро шамол медод. Дигарон ба меҳмон таваҷҷӯҳе зоҳир намекарданд ва ин барои ӯ хеле малоловар буд. Ҳангоми хӯрдани хӯроки шом ба назди Ман Сингҳ писари хурдии Карам Сингҳ давида омад.Чӣ

илоҷ, шояд ба ӯ муяссар шавад, ки бо ин кӯдак дар бораи рафиқи ҷангии худ сӯҳбат кунад? Ман Сингҳ писаракро ба сари зонуи худ шинонд:

– Падаратро дидан мехоҳӣ? Ин хел бошад, биё, ҳамроҳ меравем! Он ҷо чунон борони сел меборад, ки рӯзи дароз дар даруни об шалаппос зада мегардӣ!

Ин суханон гӯё ба дили пирамард неш заданд.

– Кӯдакро ба ман бидеҳ, вагарна ӯ ба мо имкони хӯрдан намедиҳад, – бо тундӣ гуфт ӯ ва тифлакро модараш фавран ба хонаи дигар гирифта бурд.

Акнун, дигар тоқати Ман Сингҳ тамоман тоқ шуда буд. Мехост ҳарчи зудтар зиёратгоҳҳоро бубинаду фавран ба хона баргардад!

– Аз деҳаи шумо то Таран-Таран чӣ қадар масофа аст? – пурсид ӯ.

– Шонздаҳ километр.

– Шояд фардо ароба киро кардан мумкин бошад?

– Чиҳо мегӯӣ? Ароба ба ту чӣ лозим? Ман ҳамроҳи ту Ҷасвантро мефиристам. Ту барои ӯ мисли бародараш ҳастӣ, ҳамроҳ мазорҳоро зиёрат мекунед.

Ин пешниҳод Ман Сингҳро хурсанд кард. Ҷасвант дар назари ӯ мисли пиру кампир туршрӯю камгап наменамуд. Вале субҳи дигар, вақте ки дар паҳлӯи Ман Сингҳ қадам мезад, чеҳраи ҷавон гирифта ба назар мерасид. Ман Сингҳ мушоҳида кард, ки ӯ ба роҳгузарон аз дур салом медиҳаду гӯё аз рӯ ба рӯ шудан бо онҳо метарсида бошад, фавран ба роҳаш идома медиҳад. Сад дареғ! Охир Ман Сингҳ ташнаи он буд, ки бо деҳотиён дар бораи ҷанг сӯҳбат кунад. Охир одами ҳарбӣ дар назди онҳо ҳар рӯз меҳмон намешавад–ку?

– Медонӣ, ки бародари ту дар хати ҷанг одами машҳур аст? Чаро ту дар хидмати ҳарбӣ нестӣ? – кунҷковӣ кард ӯ.

Ҷасвант мисли ин, ки ӯро дар дуздӣ дастгир карда бошанд, ларзиду баъд дарҳол худро ба даст гирифта, оромона гуфт:

– Синну соли ман ҳанӯз барои хидмати ҳарбӣ намерасад. Бигӯед, дар маҳалҳои шумо найшакар мекоранд ё арзан ? – пурсид ӯ, вақте ки аз байни киштзори арзан мегузаштанд.

– Ҳам ину ҳам он, – бо дили нохоҳам ҷавоб дод Ман Сингҳ. Ба ӯ чунин сӯҳбат хуш намеомад. Дар бораи Карам Сингҳ нақл кардан – ин гапи дигар аст!

Онҳо ба хона баргаштанду Ман Сингҳ ба бозгашт омода шуд. Агар поезди шабонаи Амритсарро дарёб кунад, метавонист боз як рӯзро дар деҳааш гузаронад. Ҳарчанд пайвандони Карам Сингҳ мекӯшиданд тамоми назокатҳои меҳмондориро риоя кунанд, сафар

ба Татҳи–Кҳара, ғайри чашмдошти ӯ, дилчасп набуд. Инак, боз барои ӯ чойи тоза дам кардаанд, вале ӯ ҳанӯз дар остона истода, ба хона даромадан намехоҳад.

Дар тангкӯча хаткашон, сумка дар китф намоён гардид. Аввал ӯ мехост гузашта равад, вале баъд дар назди хонаи Карам Сингҳ таваққуф кард.

– Мактуб ҳаст? – пурсид Ман Сингҳ.

– Ҳуҷҷатҳои нафақаи Карам Сингҳро овардаам.

– Чӣ?! Нафақаи Карам Сингҳ?

– Оҳ, худоё! Тамоми минтақа аз дарду алам ба худ намеояд! Чӣ гуна шумо дар хонаи ӯ зиндагӣ мекунеду аз марги Карам Сингҳ бехабаред? Ду ҳафта пеш хати сиёҳи ӯро оварда будам.

Нигоҳи Ман Сингҳ дар рӯи хаткашон шах шуд. Нафасаш тангӣ кард, гӯё ҳалқаи фӯлодине сарашро тазйиқ медод. Баъд ашкҳояш ба рӯи шамолхӯрдааш ҷорӣ шуданду ӯ онҳоро бо кафи дастонаш пок кардан гирифт.

Мӯйсафед дар назди хона хаткашонро дида, фаҳмид, ки сирраашон ифшо гаштааст. Вақте ки Ман Сингҳ вориди хона шуд, мӯйсафед ба назди ӯ омаду ҳар ду ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд. Аз чашмони ҳар ду ашк мерехт, вале ҳар ду аз ин шарм намекарданд. Чанд дақиқа хомӯшӣ идома ёфту баъд Ман Сингҳ пурсид:

– Чаро дарҳол ба ман нагуфтед?

– Эҳ, писарам, мо ба ин қарор омадем: рухсатии туро халалдор кардан чӣ лозим? Ба қисми ҳарбиат ки баргаштӣ, худат аз ҳамааш огоҳ мешавӣ. Рухсатӣ барои аскар чизи гаронбаҳост! Мо дар шахси писари худамон инро медонем. Вале, сад афсӯс, ки то охир бардошт накардем, бубахш, ки анҷомаш бад шуд!

Субҳи дигар Ман Сингҳ роҳи бозгаштро пеш гирифт. Ӯ аз назди чандин қалъа, ки барои дифоъ аз ҳамлаҳои душманон сохта шуда ва аз назди мақбараву дахмаҳо, ки шоҳидони бесадои қуруни гузашта буданд, мегузашту беихтиёр гуфтаҳои рафиқи худро дар бораи он ки Маҷҳ таърихи пуршараф дорад, ба ёд меовард. Ана, падари куҳансоли Карам Сингҳ аз куҷо ин қадар мардонагӣ ва тобоварӣ дорад! Барои сабук кардани дӯшбори вазнини каси дигар омода аст, ки ҳамаи ин бори гаронро бар дӯши худ гирад – айнан мисли он барзагове, ки аз рӯи ривоят, ҳамаи бори замини моро бо шохҳои хеш бардоштааст.

## КОҲДАРЗА

Баҳодур Сингҳ воқеан ҳам одами мард ва далер буд. Ин сифатҳо ба ӯ на барои он нисбат дода мешуданд, ки агар ҷояш меомад, ӯ чӯбдасти дасташро ба кор меандохт, балки барои он, ки воқеан ҳам барои доғдор нашудани шаъну шараф ва шӯҳрати кастаи худ ғамхорӣ мекард. Дар бештари деҳоти он кишвар чатҳҳо зиндагӣ мекарданд. Ӯ ҳамаи кӯдакони ҷамоаро новобаста ба духтар ё писар буданашон, ҳамчунин занонро низ хешу табори худ меҳисобид. Ӯ ҳам таҳқир ва ҳам нишонаҳои эҳтиром ба унвони касе аз аъзои ҷамоаро ба хеш нисбат медод. Ҷамоа барои ӯ мисли як оилаи калон буд ва ба он, чунонки мурғи курк ғами ҷӯҷаҳояшро мехӯрад, ғамхорӣ мекард ва маънии зиндагии худро дар ҳамин медид. Баҳодур Сингҳ ва дӯстони наздикаш – худаш барин одамони соҳибэҳтиром – зимоми дигар чатҳҳоро ба дасти худ гирифта буданд; баъзан иттифоқ меафтод, ки ҳамаи ҷамоаро якҷо ҷамъ оваранд, то ки бо мақсади дар чатҳҳои ҷавон бедор кардани ҳисси худшиносӣ, ба онҳо қиссаҳои гуногуни давраҳои қадимро нақл кунанд. Баҳодур Сингҳ дар бораи аҷдоди худ, ки муттафиқона меҷангиданду аз ин маҳалҳо ҷамоаҳои дигарро ронда, заминҳояшонро байни худ тақсим карда, муқимӣ мешуданд, нақл карда, тамоман рӯҳи тоза мегирифт. Чунин қиссаҳо ба ҷавонон нерӯи тоза бахшида, барои худро ҳалқаҳои як занҷири ягонаи мустаҳкам эҳсос кардан ёрӣ мерасониданд.

Чатҳҳо дар атрофи маҳалҳои аҳолинишини худ девор намебардоштанд; аз байни деҳоти онҳо халқҳои бегона, аробаю мошинҳо мегузаштанд – чатҳҳо аз ин парвое надоштанд. Баъзан ҳукуматдорон ҷинояткоронро ба суд мекашиданд, дуздону ҷангараҳоро зиндонӣ мекарданд, вале ҷамоаи чатҳҳо мисли ангуштони муштшуда якҷоя истодагарӣ мекарданд. Ҳамаи ин ба тарзи зиндагии онҳо ҳеҷ таъсире намерасонд. Онҳо заминҳои худро кишт мекарданд, говмешҳоро ба чаро мебурданд, дар хонаҳо нон мепухтанд, хидматгорон ба хоҷаҳои худ хидмат мекарданд. Ҳамаи он воқеаҳое, ки берун аз маҳалҳои аҳолинишини чатҳҳо рӯй медоданд, гӯё ба онҳо ҳеҷ нисбате надоштанд – аз ҳамаи ин ба онҳо на гармӣ мерасиду на сардӣ.

Начандон дуртар аз чаттҳҳо деҳае воқеъ буд, ки дар он варенчҳо зиндагӣ мекарданд; замини онҳо зиёдтар ва ҳамчунин ҳосилхезтар буд. Аммо замини чатҳҳо кам ва камқувват буд, ба онҳо лозим меомад, ки худашон киштукор кунанд, вале бо вуҷуди ин худро аз варенчҳо камтар намешумориданд, аз онҳо наметарсиданд ва ба худситоии онҳо бо тамасхур менигаристанд.

Нақл мекунанд, ки ҳанӯз то замони дар ин маҳалҳо пайдо шу-

дани мошинҳо яке аз варенчҳои сарватмандтарин ва асилзода – Маҳтоб Сингҳ аз назди хонаи Баҳодур Сингҳ савори фили шахсии худ мегузашт.

Баҳодур Сингҳ дар рӯи ҳавлӣ меистоду дасти писараш дар дасташ буд. Вақте ки Маҳтоб Сингҳ бо онҳо баробар шуд, Баҳодур Сингҳ бо садои баланд гуфт:

– Ҷаноби Маҳтоб Сингҳ! Ҳамин писари маро ба филат савор карда, то деҳааш бар! Ӯ ба хонаашон рафтан мехоҳад!

Маҳтоб Сингҳ, ки ба иззати нафсаш расида буданд, намедонист дар ҷавоб чӣ гӯяд. Аз хиҷолат печутоб хӯрда гуфт:

– Шинон, мебарамаш!

Писари Баҳодур Сингҳ ба он деҳа тамоман рафтан намехост, падари ӯ ин суханонро барои он ба забон овард, ки мехост қадраш дар назди дигар аъзои ҷамоа баланд шавад, нишон диҳад, ки хоҷаи тамоми ин маҳалҳо ӯст. Он лаҳза ӯ танҳо аз номи худ ҳарф намезад, дар садои ӯ нерӯи садҳо нафар чатҳҳо садо медод.

Боре, замони интихоботи минтақавӣ буд. Яке аз варенчҳо савори мошини худ ба деҳае, ки Баҳодур Сингҳ зиндагӣ мекард, овозҷамъкунӣ омад. Аммо чатҳҳо худ номзад доштанд. Ва инак, ба хотири Баҳодур Сингҳ шӯхие расид. Ӯ ба пирамарди ҷорӯбкаш, ки тамокуи хукка мекашид, ишора карда гуфт:

– Ҷаноб, мо ҳамсояҳои шумоем ва фикри шуморо ба назар нагирифта наметавонем. Вале ин мӯйсафеди соҳибэҳтиром – сардори мост. Ба ҳар касе, ки ӯ фармояд, мо овоз медиҳем. Ба ӯ эҳтиром зоҳир карда, ба наздаш раведу аз ӯ маслиҳат пурсед.

Марди мусофир ба назди пирамард омад. Пирамард тарсиду калавида ба ҷониби дигар роҳ гирифт ва чунон саросема шуд, ки мусофирро сахт тела дод ва ӯ қариб афтида буд. Баҳодур Сингҳ ва дигар чатҳҳо бо овози баланд хандиданд ва меҳмон шарманда шуда, ба хонааш баргашт. Баъдҳо ӯ қисса мекард:

– Чӣ мардумеанд ин чатҳҳо! Чун деворҳои қалъаянд, бо ягон чиз онҳоро рахна карда намешавад!

Вале рӯзе расиду ягонагии чатҳҳо ҳам халалдор гардид. Яке аз онҳо, ки ҳарбӣ буд, зани худро тарк гуфта, бо зани дигаре издивоҷ кард ва зани аввалааш бо духтараки хурдсолаш ба хонаи падару модараш баргашт. Вале падару модараш, ки мумсик буданд, зиндагии зан дар ин ҷо талх гардид.

Чатҳҳо огоҳӣ ёфтанд, ки зане аз ҷамоаи онҳо дар шаҳр кори кироя мекунад. Оҳ, он вақт Баҳодур Сингҳ чӣ қадар ғамгин буд! Ҳарчанд ин зан синҳори аслии ӯ набуду дар деҳаи дигар зиндагӣ мекард, ба ҷамоаи чатҳҳо тааллуқ дошт ва аз ин рӯ, ба Баҳодур

Сингҳ чунин менамуд, ки ин кор ба ӯ иртиботи бевосита дорад. Ӯ ҳеҷ ором шуда наметавонист. Дарвоқеъ, он зан ҳеҷ гуноҳе надошт. Гуруснагӣ ӯро маҷбур карда буд, ки кори кироя кунад. Роҳи ягонаи ҳалли ин мушкил – чунин мешумурд Баҳодур Сингҳ – он аст, ки ӯро ба хонаи худ оварад. Дар ин бора ӯ бо писараш маслиҳат кард; ӯ тасдиқ намуд, ки бо ин кирдор номи неки ҷамоаро доғдор кардаанд, вале ба ӯ хуш наомад, ки падараш ин зан ва кӯдакашро ба хона овардани ва илова бар ин, нигоҳубин карданист.

– Бигзор, ҳамааш чунонки ки ҳаст, мондан гирад, падар, – гуфт ӯ – ба онҳо чӣ кор дорӣ? Ҳамаи гуруснаҳоро бо ҷои иқомат ва озуқа таъмин карда наметавонӣ!

Писар дурударoз ҳарф зада, падарашро ба гап даровардани шуд, вале ёрӣ расондан ба ин занро Баҳодур Сингҳ шараф мешумурд. Парандаи аз села ҷудошударо бозгардондан лозим буд! Баҳодур Сингҳ қарор дод аз райъи худ нагардад. Ва инак, ниҳоят, ӯ ин занро ба оилаи худ қабул карду сӯрохеро, ки дар девори давродаври ҷамоа пайдо шуда буд, маҳкам кард. Баъд ӯ ба асп савор шуда, деҳоти чатҳнишинро давр зад, то фаҳмад, ки одамон дар бораи ин кори ӯ чӣ мегӯянд. Ва чун шунид, ки ҳама ба ӯ барои ин кораш таҳсин мегӯянд, худро хушбахт эҳсос кард.

Аз байн чанд сол сипарӣ шуд. Аз нав давраи интихобот фаро расид. Ин дафъа ду номзад буд: яке аз ҷамоаи чатҳҳо, дигаре – адвокате аз шаҳр. Баҳодур Сингҳ бе ягон дудилагӣ медонист ба кӣ овоз диҳад: ӯ мисли ҳамаи аъзои ҷамоа мехост номзади худро дастгирӣ кунад; барои ин чатҳҳо як миқдор пул ҳам ҷамъ карда буданд. Вале адвокат бисёр моҳирона кор мебурд, ӯ эълон кард, ки агар чатҳҳо барои ӯ овоз диҳанд, он гоҳ ӯ ба сохтмони мактаб дар яке аз деҳаҳои онҳо даҳ ҳазор рупия хайр хоҳад кард. Ин ваъда аксари чатҳҳои куҳансол, бахусус нафақахӯрони ҳарбиро рӯҳбаланд кард, онҳо қарор доданд барои адвокат овоз диҳанд. «Мактаб месозанд, – мегуфтанд онҳо, – кӯдакони мо таҳсил мекунанду баъд ба хидмати ҳарбӣ мераванд, охир заминҳои мо камҳосиланд, зиндагӣ дар деҳа тамоман мушкил шудааст». Ин ақидаро аксарият тарафдорӣ карданд. Он рӯзе, ки барои ба тарафдории адвокат овоз додан қарор қабул карданд, барои Баҳодур Сингҳ рӯзи вазнин буд. Дар дилаш хоҳише пайдо шуд, ки тамоми мулки худро фурӯшаду пулашро барои эҳтиёҷоти ҷамоа сарф кунад. «Гӯш кунед, – гуфтан мехост ба онҳо, – ман барои шумо мактаб месозам, вале шумо фақат ба одами худатон, барои чатҳ овоз диҳед! Нотарсу бурдбор бошед – фақат одами қавӣ метавонад ба ҷараёни пуршиддати об ғолиб оянд!» Вале замини ӯ он қадар ҳам калон набуд ва

фурӯхтанаш ҳам магар кори осон аст?

Воқеаи дигаре ӯро боз ҳам андӯҳгинтар кард: як ҷавони деҳотӣ, ки ҳамсояи ӯ буд, дигар қувваташ ба киштукор нарасид ва аробакаширо пеша кард. Баҳодур Сингҳ чӣ қадар андӯҳгин шуд! Чӣ гуна мумкин аст, ки чатҳ хидмати дигаронро кунад? Вале аз ҳама аламовараш он буд, ки дар деҳаи онҳо боз ду аробакаши дигар зиндагӣ мекарданд, вале онҳо аз ҷамоаҳои дигар – сартарошон ва машкобҳо буданд ва ин ҷавон, ки аз аҳли чатҳ буд, акнун бо онҳо якҷоя шуда буд. Ба Баҳодур Сингҳ дидани ҳамаи инҳо гаронӣ мекард. Кор то ба ҷое расид, ки ин ҷавон машкобро ба хонаи худ даъват кард. Онҳо якҷоя шароб нӯшиданд, аз нонҳои пухтаи бонуи хона хӯрданд. Ин кор Баҳодур Сингҳро тамоман ба ғазаб овард. Ӯ тоби бардошти инро надошт! Рӯзи дигар ӯ он ҷавонро дар кӯча нигоҳ дошт.

– Ман шунидам, ки ту машкобро ба хонаи худ даъват кардаӣ? – гуфт Баҳодур Сингҳ. – Ба ӯ шаробу хӯрок додаӣ?

– Оҳ, амакҷон, охир ӯ одами худамон аст, аробакаш аст.

– Гӯш кун, писарам, ман ба ту чӣ мегӯям: дар истгоҳ ҳамаи шумо баробар ҳастед, вале дар деҳаи мо ту фарзанди мо ҳастӣ ва машкобро зиёфат додани зани ту, ки ман ӯро синҳори худ мешуморам, кори хуб нест. Ҷамоаи онҳо аз ҷамоаи мо паст аст, вале аз ин хулосае бармеояд, ки онҳо минбаъд чун ашхоси баробарҳуқуқ дар паҳлӯи мо менишинанд ва илова бар ин, занони мо онҳоро мехӯронанд!

– Шумо, амакҷон, инро ба назар намегиред, ки агар аробаи ман дар ягон ҷо дармонад, ё афзори асп канда шавад, ё бо асп ҳодисае рӯй диҳад, ба доди ман фақат бародари аробакашам мерасад. Агар муштарӣ бо ман ҷанҷол кунад, ӯ маро дастгирӣ мекунад. Ба ғайр аз ин, агар соҳиби истгоҳ андозро зиёд кунад, он гоҳ мо – аробакашҳо якҷоя ба муқобили ӯ мехезем. Бинобар ин, мо акнун ҷамоаи махсус ва манфиатҳои умумӣ дорем.

– Вале, бо вуҷуди ҳамаи ин, писарам, ту бояд шарафи ҷамоаи чатҳҳоро, ки зодаи он ҳастӣ, ҳифз кунӣ.

– Амакҷон, мо шарафи худро дар баробарӣ бо дигарон мебинем. Охир ҳамаи мо баробарем. Ана, шумо ба одамон кор карда, нонпулӣ ёфтанро манъ мекунед, мегӯед, ки онҳо дар хонаҳои худ нишаста, аз гуруснагӣ миранд ҳам, шарафи худро нигоҳ доранд!

Баҳодур Синг сокит монд. Бале, дар қалъаи чатҳҳо рахнаи калон пайдо шудааст ва шахсе, ки дар ин кор гунаҳкор аст, худро ҳақбаҷониб меҳисобад.

Боз чанд сол гузашт. Ба Баҳодур Синг лозим омад, ки ба Амритсар сафар кунад. Ӯ ба шаҳр расида, чунин манзараеро дид: панҷ нафар ҷавонон нокзорро бонӣ мекарданд. Чаҳор нафари онҳо аз ҷамоаи ҷорӯбкашон буданду фақат якеашон чатҳ буд. Баҳодур Сингҳ, ки нок харидан мехост, ба онҳо наздик шуд. Ҷорӯбкашон, ки ҷавонони густох буданд, ҷавони чатҳро ҳазлу мазоҳ кардан гирифтанд. Ӯ хомӯш буд. Баъд ҷорӯбкашон ба ҷанҷолу ҳақоратгӯӣ пардохтанд. Яке аз онҳо ба чатҳ гуфт:

– Медонӣ, ҷӯраҷон, косаи хамиркуниатро ба рафи дигар гузор, вагарна гумон мекунӣ, ки мо онро макрӯҳ кардаем.

– Дар рафи поёнӣ калламушҳо давида мегарданд, беҳтараш, ту тақсимчаи худро онтарафтар мон.

– Он ҷо гарм аст, дар офтоб хамир мехушкад.

Сарбоғбон ба гуфтугӯ ҳамроҳ шуд.

– Ту – гуфт ӯ ба чатҳ – тамоми рӯз ба хамиркунӣ ва нонпазӣ барои худ машғулӣ. Нигоҳбонии боғ гӯё ба ту дахл надорад. Имрӯз аз боғдор танбеҳ шунидам.

Гап дар сари он буд, ки вақте ки яке аз ҷорӯбкашон нон мепухт, дигарон ба боғбонӣ машғул мешуданд, вале чатҳи бечора бояд худаш ғами хӯрокашро мехӯрд.

– Ту аз кадом деҳаӣ? – пурсид Баҳодур Сингҳ аз сикх – чеҳраи ӯ тамоман ба назараш ошно намуд.

– Ман аз чатҳҳо ҳастам, дар деҳаи Ҷҳамки зиндагӣ мекардам.

– Замину дороият чӣ шуд?

– Кашида гирифтанд.

– Падарат куҷост?

– Фавтидааст.

Аз шунидани ин суханон дили Баҳодур Сингҳи солхӯрда ба дард даромад. Агар ӯ ҷавонро ба хонаи худ барад, бори гарони ӯро сабук хоҳад кард. Чунонки чандин сол қабл синҳори яке аз чаттҳҳоро оварда буд. Вале ҳоло замона дигар шудааст. Одамон аз доираи таъсири Баҳодур Сингҳ мебароянд, гӯё аз ӯ мегурезанд. Чатҳҳо ба тарафдории аъзои ҷамоаҳои дигар овоз медиҳанд, аробакаш мешаванд, занҳои онҳо барои машкобҳо нон мепазанд, хулласи калом, ҳама ба тарафи дигар менигаранд, аз ҷамоа мегурезанду бо одамони бегона иртибот пайдо мекунанд ва ба онҳое, ки мисли ин боғбон танҳо мемонанд, ниҳоят мушкил мешавад. Не, Баҳодур Сингҳ ин ҷавонро ба хонаи худ нахоҳад бурд. Иттиҳод ва шарафи ҷамоаи ӯ аз ин ягон зарар нахоҳад дид! Ногоҳ ба Баҳодур Сингҳ чунин намуд, коҳдарзае, ки ӯ ба дӯши хеш бардош-

та буд, гӯё ба дарёи тезҷараёни серобе афтод… афтода парешон шуду амвоҷи дарё онро печонду бебозгашт бо худ бурд. Қудрати кӣ мерасад, ки ба ин монеъ шавад?

* * *

***Т. ҶАНКИ РАҲАМАН*** *(1921 – 1983) – насрнависи тамилӣ, муаллифи асарҳои зиёд, аз ҷумла роману ҳикояҳо.*

## ҚИССАИ ҲАММОЛ

Имрӯз, соати шаши бегоҳӣ бо супориши сардухтур маро аз шифохона рухсат мекунанд. Кори хуб нашуд. Ва ҳамааш аз барои ҳамин корманди пулис Муттупиллея, ки рӯдаҳояшро се ҳафта қабл аз ин ҷарроҳӣ карда буданд. Медонед, ӯ қонунпарасти гузарост. Касе ба ҷуз ӯ пулҳои гумшударо талаб накард, вале ӯ мисли корде, ки ба гулӯят мегузоранд, пайваста батакрор мегуфт: «Ҳашт аннаи маро баргардон!» – ва ҳамааш барбод рафт! Ман аз куҷо ҳашт анна пайдо кунам, дар сурате ки дирӯз бегоҳӣ ба хона сӣ сӯм фиристода будам. Шумо албатта мепурсед, ки ман ин қадар пулро аз куҷо ёфтам? Ман дар масофаи чорсад мил дуртар аз Мадрас зиндагӣ мекунам ва дар ин ҷо ҳатто ягон шинос ҳам надорам, вале ман ба ҷои он ки пул пурсам, ба хона пул мефиристам.

Сабр кунед, ҳамаашро ботартиб қисса хоҳам кард.

Номи ман Раман Найар аст. Ман чиҳилу дусола ҳастам. То ба беморхона афтоданам ман дар истгоҳи роҳи оҳани Керал ҳаммол будам. Мехостам ба шумо номи истгоҳро ҳам гӯям, вале аз тарси он, ки мабодо боз ба ҷои пештара барнагардам намегӯям.

Шаҳраки мо чандон калон нест ва чандон пурсарват ҳам нест. Агар ба сарат ҳам рост истӣ, дар як рӯз зиёда аз як рупия кор нахоҳӣ кард. Агар оилаатро нигоҳубин кардан хоҳӣ, чолокиро аз даст надеҳ. Хӯрондани чаҳор нафар кӯдакони хурдсол ва занам ба гардани ман аст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки зиндагиам ширинии асалро надорад ва боз гӯё бар қасди кор ман бемор шудам. Ҳар чизе ки хӯрам, баъд аз ним соат шикамамро дард мегирад. Ман дар назди табибони маҳали худамон ҳам табобат гирифтам, вале ҳамааш бефоида, шифо наёфтам.

Вале аз симоям кас гумон намекунад, ки ман беморам. Худситоӣ гуноҳ аст, вале Худованд ба ман ҳусн ато фармудааст. Тавоноии ҷисмонӣ ҳам. Чандон қоматбаланд набошам ҳам, мушакҳоям мисли фӯлод аст ва беҳуда нест, ки ман ҳаммолӣ ме-

кунам. Бо ин қиёфаи зебое, ки ман дорам, бояд роҷа ё вазир мебудам, вале бесавод ки ҳастам, аз ин хотир ҳаммолӣ мекунам.

Дунё як хел намеистад, чунонки дар як мақол мегӯянд: «Сӣ сол пайиҳам як ғам нахоҳад омад». Ниҳоят, хушбахтӣ ба ман рӯй овард. Ба истгоҳи мо хазинадори нав фиристоданд. Хазинадор дар беморхонаи шаҳри Мадрас даҳ рӯз хобида буд ва ман бо гӯшҳои худам шунидам, ки беморхонаро дар назди сардори истгоҳ бисёр таъриф кард: духтурону ҳамшираҳои шафқати хеле хуб дорад, хӯрокаш нағз аст, парастории беморон ба дараҷаи аълост. Иқрор мекунам, ки ба ин гапҳо бовар ҳам накардам. «Мебофад» – андешидам ман.

Ман ба ӯ дар бораи бемории худ нақл кардам, ӯ гуфт: «Корам омад кард гуфтан гир. Ман барои табобат пул додам, вале аз ту барин камбағалон чизе намегиранд. Рафта табобат гир. Корат ба ҳеҷ куҷо гурехта намеравад. Ва ту бо ин бемориат магар пули зиёд кор карда метавонӣ? Беморӣ кӯҳна ки шуд, ҳолат бад мешавад».

Ман ба сухани ӯ даромада ба Мадрас рафтам. Бепул рафтам. Се бор маро аз қатора фуроварданд: дар Оттапалам, Салом ва Ҷоларпетте. Вале ман аз роҳбаладҳо наранҷидаам. Онҳо барои ҳамин роҳбалад ҳастанд, ки мусофирони бебилетро аз қатора берун кунанд.

Рӯзи панҷум ман ба Мадрас расидам. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, баъд аз се соат ман дар беморхона будам. Кати хоб, либоси тоза, ҷевони махсус барои хӯрокворӣ. Дар ҳаётам ин гуна ҳашаматро надида будам. Ба ҳамаи ин нигоҳ карда, андешидам: «Кош то абад сиҳат наёбам!»

Хӯрокро гӯё ба даҳонат мегузоранд; ҳамшираҳои шафқат мисли хешу табори худ парасториат мекунанд; атроф ҳама тозаву ботартиб, фарш оина барин медурахшад, дар болои сарат бодбезанҳои калон давр зада, ҳаворо серун мекунанд. Дар вақти сиҳат буданам ҳамаи инро ҳатто дар хоби шабам ҳам надида будам. Меъдаи маро ташхис карданд. «Меъдаат омос дорад. Ҷарроҳӣ кардан лозим» – гуфт ба ман духтур. Ман, албатта, баҳс накардам. Ӯ хубтар медонад. Барои ҳамин ӯ дар ин ҷо кор мекунад.

Баъди ҷарроҳӣ маро чунон парасторӣ карданд, ки ҳар як роҷа, агар медид, ҳасад мебурд. Фақат ҳаминаш бад буд, ки касе хабаргирӣ намеомад. Охир ман дар Мадрас ягон хешу табор надорам.

Ҳар рӯз аз соати чаҳор то шаш – вақти аёдати беморон аст. Ва ин хабаргирон ҳам чунон бисёранд: дар атрофи ҳар як кат қариб

даҳ нафар ҷамъ мешаванд, ҳам кӯдакону ҳам калонсолон.

Фақат ба аёдати ман ва боз ду нафар беморони дигар касе намеомад. Дили кадом як зан ҳатто ба ман сӯхт. Пурсид, ки номи ман чист, зодгоҳам куҷост ва баъд гуфт: «Эҳ ту, бечора! Ҳеҷ гап не, Худо меҳрубон аст», – ва афлесунеро дароз кард.

Баъд аз даҳ рӯз ман ба хоҳари шафқат Деваҳи шикоят кардам, ки ширу нон ба ман камӣ мекунад. Ва ӯ аз дилсӯзӣ дарҳол инро ба духтур гуфт. Ва чӣ мегӯед? Ба ман хӯроки фаровон таъйин карданд. Тухм, помидор, шир – ҳар қадаре ки шикамат мебарад, бихӯр.

Боз чанд рӯз гузашт. Дарди шикамам таскин ёфт. Ман қувват гирифтам, сиҳат шудам. Саломатӣ магар барои ҳамин лозим нест, ки хидмати дигаронро кунӣ? Дар ҳуҷраи мо бисту шаш бемор мехобид. Ман ба ҳамаи онҳо кӯмак мекардам. Ба яке об медодам, дигареро мадад мекардам, ки аз бистар бархезад, касеро бо дучарха ба ҷои даркорӣ мебурдам. Кор зиёд буд, ба дилгиршавӣ вақт намемонд.

Баъд аз чаҳор ҳафта рухсатам карданд. Ба ман лозим омад, ки либоси беморхонаро кашида, либоси кӯҳнаи пур аз дарбеҳи худро ба тан кунам. Дар ин миён ман бо ҳама дӯстӣ пайдо карда будам ва ҳангоми видоъ дилам реш–реш шуд.

Ман ба назди дарвоза расида бозистодам. Дар кӯча мошинҳо бонг мезананд, трамвайҳо тақар–туқур мекунанд, аммо ман истодааму намедонам ба куҷо равам.

– Чӣ, туро ҷавоб доданд, Найар? – пурсид посбон.

– Бале, – гуфтам ман.

– Ҳоло ба куҷо меравӣ? Ба хона?

– Худам ҳам намедонам.

– Ту дар куҷо зиндагӣ мекунӣ?

– Дар Керал.

– Ин тавр бошад, давида ба вокзал рав. Ба зудӣ поезди тезгарди Кочин ҳаракат хоҳад кард.

Ман гуфтаи ӯро кардам. Аз назди билетфурӯшон гузаштаму рост рафта ба қатораи тезгард нишастам. Бояд соати даҳ ман дар хона мебудам, вале дар Араконам роҳбаладҳо маро аз қатора фуровcovered. Чӣ илоҷ? Барои ҳамин онҳо роҳбаладанд.

Дар беморхона ба ман барои шомхӯрӣ хӯроки хушк дода буданд. Онро хӯрда, гуруснагиамро таскин додам. Дар атрофи истгоҳ овора мегаштаму фикр мекардам: шояд баргардам?.. Ба онҳо чӣ мегӯям?.. Хайр аст, ягон баҳона меёбам. Ҳамин вақт қатораи тез-

гарди Бомбай ҳам расид. Ман ба он нишаста, ақиб гаштам. Қатора ду соат дер карда, ба Мадрас расид. Шабро дар вокзали Марказӣ рӯз карда, саҳар давида ба беморхона омадам.

Чӣ мегӯед? Маро қабул карданд. Фақат дар ҳуҷраи дигар хобонданд.

– Баъди ҷарроҳӣ худро хуб ҳис мекардам, баъд боз дард кард, – гуфтам ман дар қабулгоҳ.

Аз дигар табобат оғоз ва доруҳои нав таъйин карданд.

Боз ду моҳ гузашт. Зиндагӣ дар беморхона якранг, бе дигаргунӣ буд. Фақат баъзан ягон бемореро меоварданд, ки пули табобатро супоридааст, вале барояш ҷой нест. Ба ман лозим меомад, ки дар рӯи фарш бихобам. Ва ин аз рӯи адолат аст. Модоме ки пул додааст, ӯро дар рӯи фарш хобондан хуб нест.

Ҳарчанд ман мегуфтам, ки дардам беҳ нашудааст, бо вуҷуди ин, маро рухсат карданд. Ин дафъа ман ба ҳеҷ куҷо нарафтам, бемории навро бофтаму ба ҳуҷраи ҳамсоя гузаштам: аз дарди узвҳои нафаскашӣ шиква кардам. Ҷарроҳӣ накарданду дору доданд.

Акнун мехостанд маро ҷавоб диҳанд, ки гирифтори бемории зардпарвин, баъд гулӯдард шудам.

Ҳашт моҳ сипарӣ шуд.

Дар ин миён ман дӯсте бо номи Райаппан пайдо кардам. Райаппан барои аёдати бемори ҳамшафатам омада буд. Мо дар ҳамин ҷо ошно шудем. Ӯ ҷавони лоғарандом асту мӯйҳояшро кӯтоҳ буридааст. Ҳамеша поҷомаи сурх ва пироҳани нилгун мепӯшад. Ӯ дар кинотеатр дарбон буда, дар тангкӯчаи назди Валдекс–роуд зиндагӣ мекард – худаш инро гуфт.

– Агар ба ту қаҳва ё ягон чизи дигар лозим шавад, саҳарӣ соати ҳашт ба назди дарвоза баро. Пул медиҳӣ ва ман ҳамаашро харида меорам, – боре ба забон овард ӯ.

Рӯзи дигар яке аз ҳамсояҳои ман – муаллими мактаб хоҳиш кард:

– Найар! Бигӯ, ки ба ман чаҳор итли, нон ва қаҳва биёранд. Ана пул.

Ман ба назди дарвоза баромадам. Райаппан дар як лаҳза ҳамаи чизҳои даркориро гирифта овард.

Ман бо аксари беморон дӯстӣ пайдо карда будам. Чӣ хеле мегӯянд: «Ба ятим ҳама кас дӯст аст». Ва ба зудӣ аз хоҳишҳои онҳо дигар ҷои гурез набуд. Мо бо Райаппан ба ин қарор омадем, барои хидмат аз ҳар як кас ду анна хоҳем гирифт: яке ба ман – яке ба ӯ.

Кор зиёд буд. Ба яке бистарашро ба тартиб овардан лозим буду

болои дигареро пӯшондан, ба севумӣ шир нӯшондану ба чаҳорумӣ барои бархостан мадад кардан даркор буд. Ва ҳама мекӯшанд бо чизе изҳори миннатдорӣ кунанд. Яке нон медиҳад, дигаре ягон чизи дигар. Агар рад кунӣ, меранҷад. Одамро ранҷондан чӣ лозим? Магар ӯро хурсанд кардан беҳтар нест? Барои чӣ ҳам нагирам, вақте ки медиҳанд. Ягон сухани хуб гуфта, шӯхӣ мекунию одамеро хурсанд менамоӣ.

Дар ин муддат ман тиб ва қоидаҳои табобатро ба хубӣ омӯхтам, ба ҳар бемор маслиҳат дода метавонистам, ки чӣ хел дароз кашад, ҳаракат карданаш мумкин аст ё не. Баъзан чунин мешуд, ки на танҳо ба ҳамшираҳои шафқат, балки ба худи сардухтур ҳам кӯмак мекардам. Доруи беҳушкунанда гузаронанд ё сӯзан зананд – ман фавран ҳозир мешаваму ҳар чизе пурсанд, медиҳам.

Дар ниҳояти кор, маро ҳама бисёр дӯст доштанд. Ҳар кас мехост ақаллан дақиқае бо ман сӯҳбат кунад. Ҳатто ҳайрон мешудам, ки чаро бо ман ин қадар муносибати хуб доранд.

Хулласи калом, ман ба беморхона одат карда, ҳама чизи дунёро фаромӯш кардам, вале фақат ба хона пул фиристоданро фаромӯш накардам. Чанд бор сӣ, як дафъа ҳатто панҷоҳ рупия фиристодам.

Як душман ҳам доштам – Канна Мудалийар. Ин Канна Мудалийар дар беморхона ҳафт моҳ боз хоб буд. Ба ӯ тавассути найча хӯроки моеъ медоданд. Боре нохост шунидам, ки ба ҳамсояи ман мегӯяд: «Шумо ба ин паҳлавон нигаред, ҷаноб! Мисли барзагов бақувват аст. Ҳама чизро фурӯ мебарад: ҳам шир, ҳам нон, ҳам помидор –ҳеҷ сер намешавад. Боз аз ҳисоби мо даромад мекунад. Аҷаб беморе!»

Мехостам ба ӯ бигӯям: «Садоят дар гулӯят дармонад, малъун!» – вале нагуфтам. Мани бефаҳм ҳар вақте ки занаш ба аёдаташ наояд, ӯро нигоҳубин мекардам.

Аз афташ, ба муваффақияти ман чашми ӯ расид.

Райаппан ба назарам одами бовиҷдон менамуд. Фақат ҳаққи ҳалоли худаш – як аннаро мегирифт. Ӯ ҳам пули бисёр кор карда буд.

Корманди пулис Муттупиллейро ба беморхонаи мо се ҳафта пеш оварда буданд. Маълум аст, ӯ аз ҷумлаи касоне буд, ки пул месупоранд. Тӯли понздаҳ рӯз ба ӯ парҳези ҷиддӣ фармуданд. Вале хӯрдан ба кӣ намефорад! Боз вақте ки ҳама дар атрофат итли, нон ва ширбиринҷ мехӯранд. Ниҳоят, ӯ тоб наоварда, маро ҷеғ заду меҳрубонона хоҳиш кард: «Бигӯ, ба ман чаҳор итли ва ширбиринҷ биёранд. Бигзор, хӯришашро бештар андозанд!» Маълум шуд, ки

ин падарқусур бо забони мо – забони малаялӣ гап зада метавонистааст, – кош забонаш хушк мешуд!

Боз ҳабдаҳ каси дигар ҳам пул доданд. Ҳеҷ гоҳ дар дасти ман ин қадар пул набуд! Агар ман ҳар рӯз ҳамин қадар пули бисёр кор карда метавонистам – ҳаргиз ҳаммолӣ намекардам.

Райаппан мисли ҳамеша дар назди дарвоза қадам мезад. Афташ як себи дукафон, тамоман ба ҷӯҷабарак шабоҳат дошт.

– Имрӯз ту бурд кардӣ, – гуфтам ба ӯ. – Ҳаждаҳ одам пул додааст. Ҳаждаҳ анна – аз як рупия ҳам зиёд кор мекунӣ.

Райаппан пулҳоро гирифта рафт. Ман дар назди дарвоза истода, ба тарафи Валдекс–роуд нигоҳ мекардам. Ӯ бояд баъди ним соат бармегашт. Магар аз роҳи трамвай гузаштан вақти зиёд талаб мекунад? То ошхона–ку, агар даст дароз кунӣ, мерасад.

Истодаму истодам, ҳеҷ не, ки биёяд. Ҳашту ним, нӯҳ, даҳ, ёздаҳ. Райаппан нест! Аз афташ, дум хода кардааст. Вале ба хотири кӣ ҳам меомад, ки ӯ маро фиреб мекунад.

Дидам, ки кор бад анҷом ёфтааст, ба ҳуҷра баргаштам. Дар он ҷо маро аз чор тараф саволборон карданд:

– Найар! Нонҳои ман куҷост?

– Найар! Итли овардӣ?

– Барои чӣ ту дасти холӣ баргаштӣ?

– Эй, Раман Найар! Куҷо гум шуда рафтӣ?

Ман афсурдаҳолона ҷавоб мегардонам:

– Одами фиристодаам барнагашт.

Аз ҳама баландтар Муттупиллей дод мезад, ӯ беҳуда корманди пулис нест:

– Ту киро аҳмақ кардан мехоҳӣ, Раман? Пулҳоро баргардон!

Ғавғоро шунида, ҳамшираи шафқат Кавсалия давида баромад. Ҳамаашро муфассал пурсида фаҳмиду баъд гуфт:

– Ту, Найар, пулҳоро ҷамъ кардаӣ, худат ҷавобашро бидеҳ… Чизе гирифта бошӣ, бозгардон.

– Райаппан гурехтааст, – шарҳ додам ман. – Ин қадар пулро ман аз куҷо ёбам.

Аммо ӯ исрор мекунад.

– Баҳс накун. Ту гирифтаӣ, ту баргардон. Мо– малаялҳоро шарманда накун.

Ин ҳамшира чун ман зодаи Керал аст. Ана, барои чӣ ӯ ин қадар ғами шаъну шарафи моро мехӯрад. Мушоҳида кардед, ки ӯ маро дар куздӣ мутаҳҳам накард, фақат гуфт, ки ман бояд ҷавоб диҳам. Агар ман пул медоштам, фавран ҳамаашро дуруст мекардам. Вале

гӯё барқасд бошад, як тин надоштам. Чӣ бояд кард?

Сардухтур омаду ҳама якбора ба ӯ шикоят карданд.

Ӯ дод зад:

– Қаллоб!.. Дузд!

Ман дузд ҳастам? Шояд фиребгар бошам, гап надорам, вале дузд?

– Ҷаноб, ман дузд нестам, – дод мезанам.

– Гум шав аз беморхона!

– Ман…

– Шунидан намехоҳам.

Сардухтур супориш дод, ки маро ҷавоб диҳанду ман ба наздаш ҳатто узрхоҳӣ нарафтам. Аз афташ, ба кори ман ин Канна Мудалияр чашм кард.

Чӣ илоҷ, лозим омад, ки ба хона баргардам. Ман ба занам – Рука пули зиёд фиристодаам. Зани ман боақл аст, шояд камакакашро дар ҷое эҳтиёт карда бошад. Мераваму дӯкони бетел мекушоям. Агар ӯ ҳамаашро харҷ карда бошад–чӣ? Ҳеҷ қисса не, ягон илоҷи дигар меёбам.

Шояд худро ба ягон беморхонаи дигар халонам? Э–э не, аз ин гуна зиндагӣ безор шудам. Ба дилам зад.

Аз дигар ба ҳаммолӣ машғул мешавам. Аз он ки дар беморхонаҳо ҷӯлида гардӣ, ин кор хеле беҳтар аст. Бо меҳнати ҳалоли худ зистан чандон кори бад нест…

## ИН КАДУКӮҲНА БА КӢ ЛОЗИМ АСТ?..

Бибӣ бемор буд. Дасту пояш варам карда, аз номӯътадил буданӣ гардиши хунаш шаҳодат медод. Чӣ илоҷ – пирӣ осорашро мегузарад! Дар иди канда–сашти ӯ ҳаштодудусола мешавад. Ҳоло ғизои хуб ҳам барои ӯ қувватафзо нест. Зуд–зуд аз ҳуш меравад. Чашмонаш хира шудаанд. Аксар вақт ӯ одамонро намешиносад, дар торикӣ тамоман намебинад.

Ана, шаш моҳ шуд, ки бибӣ аз хӯроки шом даст кашидааст. Хӯроки чошт мехӯраду халос. Вале пештар, ҳангоми шом нони хушмазаи биринҷ, итли, хӯриши кашниздор ӯро хурсанд мекард. Аввал ӯ ба гуруснагӣ базӯр тоб меовард, баъд оҳиста–оҳиста одат кард. Аҳволаш бад шуд, мадораш намонд, вале ӯ тоқат мекарду тоқат мекард. Маълум аст, ки хӯрок худ аз худ ба даҳон намедарояд. Биринҷу лӯбиёро дар ҳован кӯфтан лозим аст. Дар вақташ бибиам ҳовандастаро чолокона истифода мебурд, аммо ҳоло ҳатто ба

даст гирифтани он барояш душворӣ мекунад. Мисли нобиноён палмосида, баргҳои нахлро барои хӯрокворӣ паҳн кардан, ба болои онҳо гузоштани равғану мурчгирак ҳам барояш душвор аст. Баъд аз хӯрдани хӯроки шом бояд ба зинапоя бароящу боқимондаи хӯрокро партояд ва баъд фаршро ҳам шӯяд.

Ин кори хона на ҳад дораду на интиҳо. Ҳар субҳ бояд ҳавлиро рӯфта, дар саҳни он, дарҳо, сақфу деворҳои хона нақш кашад.

– Ту ин қадар ҳавлии калон дорӣ, Радей, вале ҳамагӣ фақат як вачабашро мерӯбӣ, – боре таъна зад ӯро пиразани солхӯрда Сундарам Бак.

– Магар ин кори занҳои пир аст? – ҷавоб дод бибӣ. – Як ҳавлӣ он тарафтар синҳори ман зиндагӣ мекунад. Кош аз ӯ хоҳиш мекардӣ, ки дар ин кор ёрӣ диҳад.

– Чӣ хел хоҳиш кунам!? Охир худаш ҳар рӯз аз дари хонаи ту гузашта, ба Кавери оббозӣ меравад.

Набошад, чаро ту ба ман мечаспӣ? Кори ту омад кардааст. Синҳорҳои ту тиллоянд. Поятро масҳ мекунанд, либосҳоятро мешӯянд, агар бемор шавӣ, парасторӣ мекунанд. Чӣ будани ғамро намедонӣ, мисли малика зиндагӣ мекунӣ.

Баъд аз рафтани Сундарам Бак, бибиам ба фарши тозаи пурнақшу нигор чашм дӯхта, ба андеша рафт… шасту панҷ сол муқаддам, баъди ба хонаи шавҳар омаданаш, ӯ тамоми кӯчаро ба шарафи иди Пидари нақш кашида буд. Чашмони одамон аз ҳайрат аз косахонаашон баромада буданд. Ҳатто хушдоманаш тааҷҷуб кард: «Чӣ нақшу нигори зебое кашидаӣ! Офарин!» Ва худи ҳамон лаҳза аз ҷевон як мушт хокистари муқаддас гирифта, ба пешонии ӯ молид. «Худоё, ӯро аз чашми бад нигаҳ дор! – ба ӯ дуо дод хушдоманаш. – Чӣ синҳори хубе ба ман насиб гардидааст! Фақат, кош ӯ бо ҳамсояи мо Сиваҳами ҳеҷ рӯ ба рӯ нагардад!.. Ин Сиваҳами, – фаҳмонд ӯ ба Радей, ки он вақт духтари тамоман ҷавон буд, – зани даҳшатнокест. Ҳанӯз фурсати назар кардан наёфта, мебинӣ, ки чашми бадаш ба ту асар кардааст. Боре ман хостам, дар деворҳои хонаамон суратҳои Радҳа ва Кришнаро кашам. Нардбонро монда, боло баромадам. Банохост дидам, ки аз наздам ҳамин Сиваҳами мегузарад. «Наққошӣ мекунӣ» – пурсид ӯ. Худи ҳамон лаҳза нардбон шикасту ман тараппосзанон ба замин афтодам. Баъди ин як моҳ бистарӣ будам… Даҳонатро кушо», – гуфт хушдоманаш ва ба зери забонаш ҳам каме хокистар гузошт…

Ҳамаи ин гӯё, ҳамин дирӯз рӯй дода бошад. Чӣ ҳам гӯям, аз ин хел хушдоман шиква кардан гуноҳ аст. Чунин занони самимӣ хеле

кам пайдо мешаванд. Ва зани меҳнатӣ буд, мисли ӯ набуд. Ҳарчанд пойҳояш дард мекарду базӯр меҷунбид, бекор нишастанро дӯст намедошт.

«Бигзор дар хонаат ҳамеша серию фаровонӣ бошад! Хушбахт бошӣ!» – зуд–зуд ба ӯ дуои хайр медод хушдоманаш. Ва ӯ ҳар дафъа мутаассир шуда, ашки чашмонашро пок мекард. Сад афсӯс, ки ин дуоҳои хайр мустаҷоб нашуданд! Се писару ду духтар дорад, вале каси ӯро нигоҳубин мекардагӣ нест. Боз ин дасту пойҳояш варам мекунанд, эҳтимоли ҳар лаҳза мурданаш ҳаст…

Вақте ки аз хонаи писари миёнааш ба ӯ шир оварданд, Радей наққоширо ба анҷом расонида буд. Вақте ки ӯ писараки хурд буд, мувофиқи таомули маҳаллӣ ҳамсояаш ӯро ба фарзандӣ қабул карда буд. Акнун ӯ оилаи калон, нӯҳ духтар дорад. Аз волидони баъдиаш ба ӯ се вел замин мерос монда буд. Ин се вел замин, аз сабаби ноӯҳдабароии ӯ ба се ваҷаб табдил ёфта буд. «Нӯҳ духтарро ба воя расонду аз по наафтод, ба ҳаминаш ҳам ба Худованд шукрона бояд кард!» – зери лаб ғур–ғур кард Радей. Ӯ писари миёнаашро бисёр дӯст медошт. Танҳо ӯ модари пирашро фаромӯш намекард, ҳар сол ба ӯ ду пут ғалла, як халта биринҷ, сабзиҷот мефиристад. Ба синҳораш ҳам бояд шабу рӯз дуои хайр диҳад. Маҳз ӯ ҳар рӯз шир мефиристад. Баъзан қаҳва ҳам.

То бибӣ қаҳваашро менӯшаду ба лаби дарё шустушӯ меравад, ки соат ҳам даҳ мешавад ва дар ин вақт ӯ бояд дуои Суря–Нарайянаро бихонад.

«Охир ин дуоро ба ман хушдоманам ёд дода буд, – ба ёд овард бибӣ. – Аз ин мебарояд, ки ин ба ман аз ӯ мерос мондааст. Агар ман ин дуоро намедонистам, кайҳо кӯр мешудам…»

Ӯ на танҳо ба худи худои Суря саҷда мекунад, балки ба занҳояш – Чҳая Деви ва Суверчала Деви ҳам намоз мегузорад. Ӯ медалёни тилои бузургиаш баробари чоряк анна дошт, ки дар он худои Офтоб, савори дучархаи ҳафтаспа тасвир шуда буд. Ҳар рӯз бибӣ соатҳои тӯлонӣ ба ин медалён нигоҳ карда мешинад. Ӯ ду дона мавизро назр карда, кафи дастонашро ба ҳам меораду ба худованд Суря саҷда мекунад, баъди ин медалёнро ба қуттии нуқрагине, ки хушдоманаш ба ӯ тӯҳфа карда буд, пинҳон карда, аз кӯча ягон писаракро фарёд карда, ба ӯ он ду дона мавизро медиҳаду ба пухтупаз оғоз мекунад. Ин кор, албатта, барои синну соли ӯ нест. Пеш аз ҳама, аз пушти хона об овардан лозим аст. Вале чоҳ дар атрофаш ягон тавора ҳам надорад. Манҷаниқу сарпӯш ҳам надорад. Чалакро бо даст кашола карда баровардан лозим мео-

яд. Вале ӯ қувват надорад, лағжида ба чоҳ афтоданаш мумкин аст!

Рӯзона бо биринҷи ҷӯш додашуда қаноат кардан мумкин аст, вале дар бораи дигарон ҳам андеша кардан даркор. «Эҳ, шумо муфтхӯрон! Шуморо ҳам ман бояд хӯронам! – мегӯяд ӯ ба селаи зоғҳо. – Қар–қар кунед! Қар–қар кунед! Ба ман чӣ? – Ва ба сагҳои думликкон рӯ оварда, илова мекунад: – Як–ду соати дигар дар зери ягон пешайвон хоб кунеду баъдтар биёед».

Ӯ ҳамаи махлуқоти зери васояташ бударо сер карда, баъд метавонад, ки каме истироҳат кунад. Фақат бегоҳӣ бояд фаршро рӯбаду хокрӯбаҳоро бароварда ба кӯча партояд. Дар тӯли як рӯз чӣ қадар ба ӯ лозим меомада бошад, ки нишинаду бархезад, миёнашро хаму рост кунад. Тамоман қувват надорад! Дар синну соли ӯ хаму рост шудан – худаш як қиссаи дарозест!

Вале бегоҳирӯзӣ пойҳоро бароҳат дароз карда, дар айвон нишастан чӣ ҳаловате дорад. Вақт ноаён мегузарад. Дастонаш беихтиёр тасбеҳ мегардонанду лабонаш пичирросзанон номи Рамаро такрор мекунанд. Инсонҳое, ки кайҳо боз дар ҳаёт нестанд, дар пеши назараш ҳувайдо мешаванд, орзуҳои амалинагардидааш ба ёдаш мерасанд. Ва дилаш ғарқи андӯҳи сабук мегардад.

Ду сол мешавад, ки Радей нахустфарзандашро надидааст. Агар ӯ ягон дафъа ба деҳа биёяд ҳам, ҳаргиз ба аёдати модараш намеояд. Дилаш аз ӯ ва падараш озурда шудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки падару модараш барои писари хурдиашон бештар заҳмат кашидаанд. Агар инсон ба майнаи сараш ягон ҳарзаро ҷой кунад, дигар ягон илоҷи берун кардани он нест. Ва вақте ки майнаи сари ӯро боз занаш ҳам гиҷ мекунад, кор тамоман расво мешавад. То абад ин ранҷишро фаромӯш намекунад, гӯё онро дар тахтасанг сабт карда бошанд. Ҷои гап нест, зани ӯ дар ҳақиқат инсони хеле бадест. Инро тамоми деҳа медонад. Чунон серҷоғ, ки худо аз ӯ паноҳ диҳад! Ҳанӯз фурсати ба хона даромадан пайдо накарда, ба хушдоманаш, хоҳаршӯяш ва ҳамаи боқимондаҳо часпид. Лозим омад, писари калонашро бо занаш ба хонаи дигар кӯчонанд. Баъд онҳо ба деҳаи дигар кӯчиданд. Вақте ки падараш фавтид, писари калонӣ ҳеҷ намехост, ки расму таомули ҷанозаро ба ҷо биёрад. Ӯро розӣ кунонидан ба ин иқдом, мисли кашола кардани дучархаи калон бо ҳайкали худо, кори вазнине буд. Барои он ки ӯ масъулияти фарзандии худро ба ҷой орад, он вақт ба ӯ пули зиёд додан лозим омад. Вале писари миёнааш, ҳарчанд меросхӯри дигарон бошад ҳам, ниҳоят сахӣ буд. Худоиҳои падарашро мисли ҷашни арӯсӣ бисёр бошукӯҳ гузаронд. Вале синҳори калониаш ҳатто худро ни-

шон ҳам надод. «Аз ду яке: ӯ ё аҳмақи гузарост, ё тамоман инсон нест», – оташин мешуд Радей.

Писари севумаш дар наздикии ӯ, дар хонаи бобоии онҳо зиндагӣ мекард. Шаст соли дароз худи бибӣ дар он ҷо зиндагӣ мекард, вале писараш хоҳиш кард, ки манзилгоҳҳояшонро иваз кунанд. Чӣ хел хоҳиши ӯро ба ҷо намеорӣ? Ин ҳам мисли бародари калониаш аст. Фақат як тафовут дорад: ӯ аз падараш озурда нест, тамоми қаҳру ғазаби ӯ ба муқобили модараш нигаронида шудааст, ӯ чунин мешуморад, ки модараш ҳамаи корашро барои духтаронаш мекунад. Шояд худи ӯ он қадар озурда набошад, вале занаш аз қаҳру ғазаб мекафад.

«Ӯ ҳанӯз пир нест! – боре ҳангоми чоштхӯрӣ синҳораш ба сари ӯ дод зад. – Дар як нишастан чанд кило биринҷ мехӯрад. Ин гуна пурхӯронро дида, дилам беҳузур мешавад. Кӯдаконам ҳам худро ҳамин хел эҳсос мекунанд. Барои ӯ алоҳида хӯрок тайёр кардан лозим аст. Ман намехоҳам дигар ҳамроҳи ӯ зиндагӣ кунам, кӯдаконамро мегираму меравам». Радей худро чунон ноҳинҷор эҳсос кард, ки гӯё ба сараш бо ғӯлачӯб зада бошанд. Аммо писараш ба ҷои он ки ӯро пуштибонӣ кунад, чашмонашро поин афканда, берун баромад. Агар ба ҷои ӯ каси дигар мебуд, ба сараш дод мезад: «Хомӯш шав, манҷалақ!» ва ӯ ҳам дигар ҷуръати забон кушодан намекард. Радей он вақт гириста буд. Кӯдакон парешонҳол менишастанду намедонистанд, чӣ кор кунанд. Ӯ ҳатто партофтани барги дарахти хурморо бо пасмондаҳои хӯрок аз ёд баровард. «Оҳ, ту ифлос!» – синҳораш тамоман ба ғазаб омада, барги дарахти хурморо гирифту ба рӯи ӯ партофт. Радей боз ҳам сахттар фиғон карду давида ба назди писари миёнааш рафт. Чун ӯ аз воқеа бохабар гардид, дар айни ҷӯши ғазабаш давида, ба назди додари хурдиаш омада, ба ӯ дарафтид. «Ту чӣ гуна метавонӣ бо модарат ин хел муомила кунӣ! – дод зад ӯ. – Ва ту чӣ хел мард ҳастӣ, ки занатро ихтиёрдорӣ карда наметавонӣ! Чаро ӯро як–ду шаттаи обдор намезанӣ?!» Писари хурдӣ сар поин афканда, хомӯш менишаст. Чӣ маъно доштани хомӯшии ӯро фаҳмидан мушкил буд. Шурӯъ аз ҳамон рӯз, Радей барои худ худаш хӯрок мепазад. Вале синҳораш ором нашуд. Бадкориҳои ӯро фарҷоме набуд. Гоҳ либосҳои хушдоманашро пинҳонӣ медарронду гоҳ ба рӯи бистари ӯ як тӯда ифлосиҳоро мегузошт ва гоҳ чумчаҳояшро медуздид…

Радей бо чашмони ашкбор ба назди писари миёнааш омад.

– Маро ба назди худат гир, – хоҳиш кард ӯ. Ин писараш дар кунҷи кӯча як хонаи якутоқа дошт. Ин хона дар назди анборҳо

воқеъ буд. Ва акнун Радей, ана, дар ҳамин хона яккаву танҳо зиндагӣ мекард.

Банда тақдири худро аз куҷо медонад! Дар вақташ ӯ ба хусуру хушдоман, бародаршӯю домодҳояш чӣ қадар некӣ карда буд! Тамоми нерӯяшро ба онҳо сарф кард. «Зиндагиат саршор аз шодӣ бод!» – ба ӯ дуои хайр дода буд хусураш. Вале дуои хайри ӯ мустаҷоб нашуд. Ӯ чӣ қадар орзу дошт, ки буттаи гули заъфарон аз гулаш умри дарозтар бинад! Вале шавҳари ӯ – марди ҳанӯз боқувват банохост фавтид.

Хуб, шавҳараш мурд – чӣ илоҷ, тақдир ҳамин будааст. Ба назараш чунин менамуд, ки акнун дигар осудаву ором, бе ранҷу озурдагӣ, барои худаш зиндагӣ хоҳад кард. Вале нашуд. Як синҳораш шикоят мекунад, ки ӯро луқмаи хом мекунанд ва таҳдид менамояд, ки бо кӯдаконаш баромада меравад. Гӯё Радей ба писараш ҳаққи модарӣ надошта бошад! Ҳатто шунидани ин суханон гӯшхарош аст! Синҳори дигараш бо шавҳараш ба шаҳр кӯчидаасту ҳатто, ӯро донистан ҳам намехоҳад! Барои фарзандони ин замона акнун падару модар ҳам лозим нест. Радей барои онҳо нисфи зиёди умрашро сарф кардаасту акнун худаш танҳо азоб мекашад…

Тамоми ин рӯзро бибӣ бо андешаҳо ва ёдоварии хотироти гузашта гузаронид. Ӯ садои ҷарангоси зангӯлаҳоро, ки аз маъбади Перумал – аз каронаи деҳа ба гӯш мерасид, шунида, аз ҷояш бархосту аз айвон ба рӯи ҳавлӣ фуромад. Кафи дастонашро ба ҳам оварда, ба Парвардигор муноҷот карду банохост беҳуш шуда афтод. Ҳангоми афтодан сараш сахт захмдор шуд. Ӯро бардошта, ба хонаи писари миёнааш бурданд. Табиб оварданд. Писараш ӯро меҳрубонона парасторӣ мекард. Ва зани ӯ, ки худ гирифтори бемории диққи нафас буд, аз сари болини ӯ дур намерафт.

Баъд аз ду рӯз духтару домодаш ба аёдаташ омаданд. Онҳо се мил дуртар аз ин деҳа зиндагӣ мекарданд. Оилаи духтараш калон: ҳафт духтар, яке аз онҳо навзод буд, ва чаҳор писар доштанд.

Духтараш зани ботаҷрибаи рӯзгордидае буд. Ӯ ба қароре омад, ки умри модараш се–чаҳор моҳ беш нест. «Ӯро ба хонаи худам мебарам, – андешид ӯ. – Ҳам кори савоб мекунаму ҳам саду панҷоҳ– дусад рупия мерос мегирам. Барои рӯзгор лозим мешавад». Рӯзи дигар тамоми дороии Радейро ҷамъ оварданд: термос, кӯзаҳои мису сурбин, гулдони хитоӣ, дег, кафлеси чӯби чормағзи норҷил, зарфҳои мисини чойҷӯшонӣ, дастос, ангуштарини қиматбаҳои санги сурхдор – ҳамаи инҳоро ба ароба бор карданд,

бибиро ҳам савор карда, ба хонаи духтараш бурданд.

Ин ҷо зиндагии ӯ каме хуб шуд. Албатта, мувофиқи таомул, бояд рӯзҳои вопасинро дар хонаи писараш мегузаронд. Вале чӣ илоҷ, агар муяссар нагардад. Хуб аст, ки ақаллан духтараш ӯро ба хонааш овардааст!

Акнун ба ӯ лозим набуд, ки қоматашро хам карда об кашонаду фаршро рӯбад. Ӯ дар кунҷаки барояш ҷудошуда менишасту карри майда мекард, донаҳои меваи дарахти тамрро ҷудо мекард. Ё ба сари зонуяш набераи хурдиашро нишонда, барояш суруд мехонд.

Ба ду набераи дигараш, ки яке шашсола ва дигаре нӯҳсола буд, шабҳо афсона мегуфт. Ҳар ду духтар бисёр хуб буданд, на мисли фарзандони писараш, ки ӯро сахт мепучиданд. Бибӣ ҳатто каме қувват гирифт. Ғаму ташвиш надошт. Дилаш орому осуда буд. Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо мегузаштанд. Идҳои ади, иди шарифи Пиллейар, наварати, дипавали гузашта рафтанд, иди шарифи Вайкунда наздик мерасид.

– Ҳашт моҳ мешавад, ки ман ин ҷоям, – ҳайрон шуд боре бибӣ.

– Бале, – ҷавоби сард дода, тасдиқ кард духтараш. – Ва номаълум аст, ки боз чӣ қадар зинда ҳастӣ…

–Магар ман гунаҳкор ҳастам, ки худо ҷони маро намегирад? – ҷавоб дод Радей ранҷида. – Ман фикр мекардам, ки баъд аз ду моҳ мемираму ҳамаи зарфҳоям ба ту мемонанд. Вале мебинӣ, ки ҳамааш баракси ин шуд.

Боре пеш аз намоз бибӣ дар хонаи калон нишаста, тасбеҳ мегардонд.

– Модар! – банохост садои писари калониаш ба гӯшаш расид.

– Нилу?

– Бале, манам, модар.

– Ту ҳамин ҳоло омадӣ?

– Бале.

– Аз куҷо?

– Аз Маяварам.

– Ту акнун дар он ҷо зиндагӣ мекунӣ? Кай боз?

– Як сол шуд.

– Ту дар он ҷо кӣ шуда кор мекунӣ?

– Ҳисобдор.

– Зиндагиат дар шаҳр хуб аст?

– Бад нест.

– Ту медонистӣ, ки ман ин ҷоям?

– Ба ман гуфтанд. Ана, ман омадам. Рӯзи душанбеи оянда ман

ҷашн дорам – шастсола мешавам.

– Бале, бале, ту охир дар моҳи тай таваллуд шудаӣ. Маълум мешавад, ки аллакай шастсола шудаӣ?

– Ман барои аз шумо дуо гирифтан омадам, модар. Ба ман дуои хайр диҳед.

– Худо ба ту умри дароз ато кунад! Ҳамроҳи фарзандонат ҳамеша хушбахт бошӣ. Занат чӣ ҳол дорад?

– Шукр, бад не, саломатиаш хуб аст.

Радей бисёр мехост ба ҷашни мавлуди писари калониаш равад. Вале ҳатто дар гӯшаи хаёли писараш нияти ӯро даъват кардан набуд. Дуои ӯро гирифту баромада рафт.

– Ӯ ҳатто модарашро чандрӯза ба хонааш даъват карда наметавонад, – ба хашм омада гуфт духтараш, вақте ки омадани бародарашро фаҳмид. Чаро ӯ инро бо ин қадар хашму ғазаб гуфт?

Радей назди сандуқчаи нуқрагин нишаста, ба дуохонӣ шурӯъ кард:

– Оҳ, Худованди карим! Ту ҳама чизи зиндаро месӯзӣ. Замину обро оташ мезанӣ. Маро ҳам бисӯз! Ҳарчи зудтар!

Худи ҳамон бегоҳӣ, ҳангоми аз айвон фуромадан пояш тоб хӯрду афтид. Чунон афтид, ки лаби болояш ба теғаи тези санг зада чок шуд. Биниашро ҳам захмдор кард. Ҳама тааҷҷуб мекарданд: «Ин бадани қоқи лоғар аз куҷо ин қадар хун дорад?» Ба захмҳояш хокистар рехтанд, вале ин ҳам хунравиро боздошта натавонист.

– Рама! Рама! – гирякунон такрор мекард бибӣ. Беморхона се мил дуртар аз деҳа воқеъ буд. Ба он ҷо бо ароба рафтан лозим меомад.

– Барои духтурро даъват кардан новақт шудааст, – гуфт духтараш. – Ӯ шояд ба хонааш рафта бошад.

– Набошад, ба хонааш рафтан мумкин аст, – пешниҳод кард кадоме аз ҳамсояҳо.

– Хоҳу ноҳоҳ ӯро қабул намекунад.

– Барои чӣ?

– Дер шудааст, гуфтам–ку.

– Беморӣ ҳам мисли дигар бадбахтиҳо банохост меояд. Инро пешбинӣ кардан имконнопазир аст. Духтур ӯро ҳатман қабул мекунад.

– Танҳо баққол баъди баста шудани дӯконаш мол савдо мекунад.

– Аробаро омода кун, – ба домоди Радей муроҷиат кард ҳамсоя. Ӯ ҳатто аз ҷояш намеҷунбид.

– Чаро нишастаӣ? Рафтем!

Домодаш шитоб накарда, аз ҷояш бархосту ба хона даромад.

– Бибию бобои ман аз марги муфоҷо фавтидаанд, – бо садои баланд мегуфт духтараш ба ҳамсояҳо. – Бибиам вақти аз дарё баргаштан пешпо хӯрда меафтад. Ӯро бардошта ба хонаи калон мебаранд ва ӯ баъд аз як соат ҷон медиҳад. Бобоям вақти гул чиданаш мурдааст. Дар авлоди мо ҳама ҳамин хел мемиранд.

Домодаш ин суханонро шунида, аз фикри рафтан ба беморхона гашт. Қариби шаб хунравӣ бозмонд. Вақте ки зангӯлаҳои маъбад ба ҷарангосзанӣ даромаданд, бибӣ бархоста дар бистараш нишаста буд. Чун фаҳмид, ки намурдааст, табъаш хира шуд. Дилаш ба духтараш месӯхт. Духтарашро садо кард.

– Чӣ мегӯӣ, модар? – ҷавоб дод духтараш.

– Пагоҳ шиваратри аст.

– Бале.

– Ман аз ту як хоҳиш дорам.

– Мехоҳӣ бароят оши бурида пазам?

– Не, духтарам. Шаст соли дароз ман ягон идро канор нагузоштаам. Ҳар дафъа зиёрати Шива мерафтам. Аз ту як хоҳиш дорам, фардо маро ба шаҳр бар. Худо медонад, ба иди дигар мерасам ё не.

– Охир ту ҳатто аз ҷоят бархоста наметавонӣ... Хуб, ман мегӯям, ки шуморо баранд.

–Ташаккур, духтарам.

Субҳи дигар бибиро ба хонаи писари калониаш бурданд. Тамоми роҳ ба назараш чунин менамуд, ки гӯё ба кӯҳи Кайлас – ба оромгоҳи муқаддаси Шива сафар мекунад.

– Худовандо! – дуо мекард ӯ. – Ҷони маро гир! Ман барин кадукӯҳна ба кӣ даркор? Дигар қуввати зиндагӣ надорам. Аз будани ман ягон фоидае нест, барои ҳама бори сангинам. Ҳама чизеро ки дорам, ба онҳо бибахшу ҷони маро бигир, худоё!

– Модар!

– Модар!

– Ӯ қарор додааст каме ғанаб кунад, – гуфт синҳораш.

Писараш кӯшиш кард ӯро бедор кунад.

– Бедор шавед, амма! – дод зад аробакаш.

Вале Радей дигар чизеро намешунид. Ӯ сарашро ба зонуи Шива гузошта, ба хобе рафта буд, ки аз он дигар ҳаргиз бедор намешаванд.

## МУНДАРИҶА

*Рафоати Саидаҳмад.*Гулбаргҳои андеша....3
*Лакшминатҳ Безбаруа.* Ҳамсар....9
*Парашурам*. Хостгорӣ....11
*Бонопҳул*. Тилотомма....25
*Годаборис Моҳапатра*. Чумча....32
*Ҷайшанкар Прасад.* Мадҳуа....34
*Масти Венкатеша Аёнгар*. Зани ширфурӯш....40
*Дҳумкету*. Мактуб....51
*Чалам*. Бевазан Шешамма....59
*Гурбакш Сингҳ*. Ароба барои Кесри....63
*Ҷаверчанд Мегҳани.* Зан ва асп....74
*Калки*. «Ин биҳишти зормонда»....88
*Упендропросад Моҳанти.* Ҳама чиз ба мадори худ бармегардад....93
*Калиндачорон Паниграҳи*. Ҳамааш шуда, як саг....105
*Кешава Дев.* Моҳигир Коран....113
*Яшпал.* Подоши муҳаббат....126
*Кусумавати Дешпанде*. Борон ва хуршед....133
*Премендро Митро*. Мор....141
*Горуру Рамасвамайянгар*. Дузана....148
*Ҷайнендра Кумар*. Ҷахнави....153
*Бҳабани Бҳаттачария*. Ғуруби шӯҳрат....160
*Пудумейпиттан*. Инсон–мошин....172
*Амарлал Ҳингорани*. Бародарам Абдураҳмон....180
*Маник Бондопаддҳай*. Дирӯз ва имрӯз....185
*Гулабдас Брокар*. Фойтунчӣ Ғуломиддин....199
*Ҷаянт Кҳатри*. Най....211
*Рама Дас*. Тангаи корношоям....217
*Упендранатҳ Ашк*. Уштурбача....231
*Бакулеш*. Камарбанди тило....239
*Вайком Муҳаммад Башир*. Девори маҳбас....247
*Понкуннам Варки*. Ҷону дил....257
*Трипуранени Гопичанд*. Бозгашт....265
*Исмат Чугтаи*. Бибии Тифлак....268
*Ашватҳа*. Удаягири....278
*Ҷётириндро Нонди*. Рӯзи тилоранг....287
*Панналал Пател*. Бастаи хокаи зарддор....306
*Санкарана Кутти Поттеккат*. Нишагандҳи....312
*Кришан Чандар*. Шаби бадр....318

*Хоҷа Аҳмад Аббос*. Сурх ва зард ........ 328
*Раҷакешор Рой*. Тоҷи арӯсӣ ........ 335
*Раҷендар Сингҳ Беди*. Лаҷванти ........ 342
*Кҳушвант Сингҳ*. Тасвири занона ........ 354
*Палагумми Падмаразу*. Бибиам мурд ........ 358
*Буччибабу*. Ҳошима Би ........ 371
*Норендронатҳ* Митро. Дар ҷустуҷӯи зебоӣ ........ 375
*Динанатҳ Надим*. Ҷавоб ........ 384
*Картар Сингҳ Дуггал*. Моҳ ва чоҳ ........ 390
*Соггиданондо Раутрай*. Ҷангал ........ 395
*Гаҷанан Мадҳав Муктибодҳ*. Сайд ........ 401
*Аравинд Гокҳле*. Соя ........ 408
*Басавараҷа Каттимани*. Пайи ҷароҳат дар чеҳра ........ 415
*Кулвант Сингҳ Вирк*. Бори замин ........ 421
Коҳдарза ........ 426
*Т.Ҷанки Раҳаман*. Қиссаи ҳаммол ........ 432
Ин кадукӯҳна ба кӣ лозим аст? ........ 438

**НАФИРИ ҲИНД**

*(Ҳикояҳои адибони Ҳиндустон)*

Муҳаррири ороиш *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири техникӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 30.06.2010 супурда шуд. Чопаш 03.07.2010 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 14,0. Андозаи 84/108 $^{1}/_{32}$ . Адади нашр 1000 нусха.

Муасиссаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар матбааи Комбинати полиграфии ш. Душанбе чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.